ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

ISSN 2617-5320

# ПАЁМИ ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

*Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ*

# ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ

*Серия педагогических и психологических наук*

# BULLETIN OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION

*Series of pedagogical and psychological sciences*

*2024, №4 (48)*

# ПАЁМИ ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ

(Маҷаллаи илмиву методӣ)

***Муассис:*** *Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

*Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст. Дар як сол 4 шумора нашр мегардад.*

***Сармуҳаррир:***

***Наҷмиддиниён Асадулло Мирзо*** — *номзади илмҳои физика-математика, дотсент директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ*

***Муовини сармуҳаррир:***

***Лутфуллоева Парвина Маҳмадуллоевна*** — *номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

| | |
|---|---|
| **Саломиён М. Қ.** | *доктори илми филология, профессор* |
| **Каримова И. Х.** | *доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор* |
| **Лутфуллозода М.** | *доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор* |
| **Нуъмонов М.** | *доктори илмҳои педагогӣ, узви обастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессор* |
| **Маҷидова Б.** | *доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| **Неъматов С.** | *доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| **Иматзода Л.** | *доктори илмҳои педагогӣ, профессор* |
| **Ҷураев Х.** | *доктори илмҳои физика-математика, профессор* |
| **Амонов Н.** | *номзади илмҳои психологӣ, дотсент* |
| **Мираkзода Ф.** | *номзади илмҳои таърих, дотсент* |

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

| | |
|---|---|
| **Саизода Р. Ҳ.** | *вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон* |
| **Хушвахтзода Қ. Х.** | *президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон* |
| **Ҷӯразода Ҷ. Ҳ.** | *муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон* |
| **Сафаров Ш. А.** | *президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон* |
| **Насриддинзода Э. С.** | *ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

*Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03.2019 ворид шудааст.*

*Маҷалла ба манбаи маълумоти Индекси иқтибосҳои илмии Россия ворид карда шудааст.*

*Маҷалла мақолаҳоро аз рӯйи илмҳои педагогӣ (13.00.00) ва психологӣ (19.00.00) ба чоп қабул менамояд.*

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.

Матни комили маҷалла дар сомонаи www.prmatt.tj www.payom-prmatt.tj ҷой дода шудааст.

Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – 2024. - № 4 (48). ISSN 2617-5320.

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст. Шаҳодатномаи №0219/МҶ-97, аз 27 сентябри соли 2021.

**Суроғаи идора**: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи А. Адҳамов, 11/2, тел.: 2274525, 2270238; E-mail: shohin_7875@mail.ru

Индекси обуна: 77772

**© ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, 2024**

ISSN 2617-5320

# ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ

(Научно-методический журнал)

***Учредитель:*** *Институт развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана Министерства образования и науки Республики Таджикистан*

*Журнал основан в 2012 г. Выходит 4 раза в год.*



| | |
|---|---|
| ***Главный редактор:*** ***Наджмиддиниён Асадулло Мирзо*** | *кандидат физико-математических наук, доцент директор Института развития образования имени А. Джами АОТ* |
| ***Зам. главного редактора:*** ***Лутфуллоева Парвина Махмадуллоевна*** | *кандидат педагогических наук, зам. директора Института развития образования имени А. Джами АОТ* |

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:**

| | |
|---|---|
| **Саломиён М. К.** | *доктор филологических наук, профессор* |
| **Каримова И. Х.** | *доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор* |
| **Лутфуллозода М.** | *доктор педагогических наук, академик Академии образования Таджикистана, профессор* |
| **Нуъмонов М.** | *доктор педагогических наук, член-корр. Академии образования Таджикистана, профессор* |
| **Маджидова Б.** | *доктор педагогических наук, профессор* |
| **Неъматов С.** | *доктор педагогических наук, профессор* |
| **Иматзода Л.** **Джураев Х.** | *доктор педагогических наук, профессор,* *доктор физико-математических наук, профессор* |
| **Амонов Н.** | *кандидат психологических наук, доцент* |
| **Мираксзода Ф.** | *кандидат исторических наук, доцент* |

**РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ:**

| | |
|---|---|
| **Саидзода Р. Х.** | *министр образования и науки Республики Таджикистан* |
| **Хушвахтзода К. Х.** | *президент Национальной Академии наук Таджикистана* |
| **Джуразода Д.ж. Х.** | *первый зам. министра образования и науки Республики Таджикистан* |
| **Сафаров Ш. А.** | *президент Академии образования Таджикистана* |
| **Насриддинзода Э. С.** | *ректор Таджикского национального университета* |



*Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК при Президенте Республики Таджикистан от 28.03.2019.*

*Журнал включён в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).*

*Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: 13.00.00 – педагогические науки и 19.00.00 - психологические науки.*

Журнал издается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовая версия журнала размещена на сайте www.prmatt.tj, www.payom-prmatt.tj

Вестник Института развития образования – 2024 – №4 (48) ISSN 2617-5320.

Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан, Свидетельство № 219/ЖР-97, от 27 сентября 2021 года.


**Адрес редакции**: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица А.Адхамова, 11/2; Тел: 2274525, 2270238, E-mail: shohin_7875@mail.ru

Индекс подписки:77772

**©ИРО имени Абдурахмана Джами, 2024**

ISSN 2617-5320

**BULLETIN OF THE INSTITUTE OF DEVELOPMENT OF EDUCATION**
(Scientific and methodical journal)

***Founder:****Institute for educational development named after Abdurrahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan Ministry of Education and Science of the Republic of Tajikistan*

*The journal is established in 2012. Issued 4 times a year.*

***Chief editor:***
***Najmiddiniyon Asadullo Mirzo*** — *Candidate of Phisico–Mathematic Sciences, associate professor, Director of the Institute of Development of Education named after A. Jomi AET*

***Deputy editor:***
***Lutfulloeva Parvina Mahmadulloevna*** — *Candidate of Pedagogical Sciences, Deputy Director of the Institute of Development of Education named after A. Jomi AET*

**MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:**

| | |
|---|---|
| **Salomiyon M.K.** | *Doctor of Philological sciences, Professor* |
| **Karimova I.Kh.** | *Doctor of Pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, Professor* |
| **Lutfullozoda M.** | *Doctor of Pedagogical Sciences, academician of the Academy of education of Tajikistan, Professor* |
| **Numonov M.** | *Doctor of Pedagogical Sciences, corresponding member of the Academy of education of Tajikistan, Professor* |
| **Majidova B.** | *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor* |
| **Nematov S.** | *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor* |
| **Imatzoda L.** | *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor* |
| **Juraev Kh.** | *Doctor of Phisico–Mathematic Sciences, Professor* |
| **Amonov N.** | *Candidate of Psychological Sciences, Docent* |
| **Mirakzoda F.** | *Candidate of History, associate Professor* |

**EDITORIAL COUNCIL:**

| | |
|---|---|
| **Saidzoda R. H.** | *Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan* |
| **Khushvakhtzoda K. Kh.** | *President of the National Academy of Sciences of Tajikistan* |
| **Jurazoda J.H.** | *first deputy Minister of Education and Science of the Republic of Tajikistan* |
| **Safarov Sh. A.** | *President of the Academy of Education of Tajikistan* |
| **Nasriddinzoda E.S.** | *Rector of the Tajik National University* |

*The journal is included in the List of reviewed scientific journals of the higher attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan from 28.03.2019.*

*The journal is included in the database Of the Russian science citation index.*

*The journal accepts scientific articles on the following branches of science: 13.00.00 – Pedagogical sciences and 19.00.00 – Psychological sciences*

The journal is published in Tajik, Russian and English.

The full-text version of the journal is available on the website www.prmatt.tj; www.payom-prmatt.tj

Bulletin of the Institute of Development of Education. – 2024. – №4 (48).

ISSN 2617-5320.

The journal is registered in the Ministry of culture of the Republic of Tajikistan, certificate No.219/JR-97, dated September 27, 2021.

**Editorial address**: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 11/2 A.Adhamov street; Tel: 227-45-25, 227-02-38, E-mail: shohin_7875@mail.ru.

Subscription index: 77772

**© IDE named after Abdurahmon Jomi, 2024**

ISSN 2617-5320

# ПЕДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ
# ПЕДАГОГИКА И ПСИХОЛОГИЯ
# PEDAGOGY AND PSYCHOLOGY

ТДУ:39:375.5

## БОЗТОБИ ҲУВИЙЯТИ МИЛЛӢ ДАР «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

*Қодиров Б. Р., Амонов С.*
**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Буридани пайванди фарҳангӣ бо «Шоҳнома» маънии қатъ кардани робита бо миллияти асили ориёитаборонро дорад, зеро он сутуни аслии кохи забон ва адаби форсӣ ва бунёди миллии асили ақвоми ориёист. Азамати нажоди ориёитаборони асилзода, асоси пояи забону адаби форсӣ ва ифтихори миллии мо бар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ устувор аст. Аз ин рӯ, беэътиноӣ ба «Шоҳнома» ба ҳар шакле, ки бошад, хиёнат ба миллат хоҳад буд. Инро чунин метавон шарҳ дод, ки теша бар решаи забони форсии куҳанбунёду ободи ҷамъи ориёитаборон зада, ифтихори деринаи олитарин нажоди башариро аз ҳам пошида ва нобуд карда бошанд.

Мутаассифона, дар ин рӯзгор афроде низ ҳастанд, ки дар ақсои олам шоҳномаситезиро пеша кардаанд ва бузургиву безаволии «Шоҳнома»-ро огоҳу ноогоҳ инкор мекунанд.

Муҳаққиқи борикбин Тӯйчӣ Мирзод дар ин боб менависад: «Касе ба қадру манзалати«Шоҳнома» мерасад, ки хирад дошта бошаду кулоҳи одамият ба сар. Вале дар дунёи бепаҳно буданду ҳастанд нотавонбинон, соҳибғаразон ва бехирадон. Оре, имрӯз, яъне дар авохири қарни XX онон панҷа ба «Шоҳнома» заданд. Ҳамин тавр, дар гирду атрофи ин шоҳасар гуфтугузори муғризонае оғоз ва густариш ёфт. Аслан ба ин кор муҳаққиқон ва адибони эроние, ки аз Эрон ҳиҷрат карда, дар мамолики дигар умр ба сар мебаранд, даст заданд» [3,с.7].

Вале «Шоҳнома» худдифоъ ва осебнопазир аст, ҳамон гуна, ки Фирдавсӣ гуфтааст:

**Пай афкандам аз назм кохе баланд,**
**Ки аз боду борон наёбад газанд.**
**Бад-ин нома бас умрҳо бигзарад,**
**Бихонад ҳар он кас, ки дорад хирад. [1,с.5].**

«Шоҳнома» на танҳо асари бузургу нотакрори мост, балки дастоварди беҳамто ва гаронмояи оламиён аст. Ёдгории хеле бузургу гаронбаҳоест, ки як нафар оритабор ва аҳли башар ҳадя намудааст. Маҳз аз ин мавқеъ набояд гузошт, он ба зиёну хорӣ бирасад, балки чун сармояи маънавии беҳамто арҷгузорӣ ва нигаҳбонӣ шавад.

Мақсад аз омӯзишу таҳқиқи «Шоҳнома» пайванди фарҳангии фарзандон ваояндагон ва робитаи милливу адабии эшон бо он ягона ёдгори гаронбаҳо, пуштвонаи ифтихори миллии мост. То насли баъдӣ аз дарку ошноӣ бо ин навои рӯҳпарвари форсӣ, ки аз табъи саршори яке аз бузургтарин мардони озодаи шарофатманду башардӯст берун таровидааст, лаззати рӯҳӣ ва маънавӣ бардошта бошанд.

Кор то ҷое расидааст, ки бархе аз устодони забону адабиёти тоҷик дар макотиб ва дигар муассисаҳои таълим ба ашъори бузургони пешин таваҷҷуҳи кофӣ надоранд ва ҷавҳари маъниву лутфи суханро дар офаридаҳои онҳо ҷустуҷӯ намекунанд. Иддае аз омӯзгорону муҳаққиқон ва ҳатто волидон бехабар аз моҳияти аслии масъала азёд кардани шеърро барои шогирдон амали беҳуда мепиндоранд, ки комилан иштибоҳ мекунанд.

Шеър бояд чигуна бошад, ки дар ниҳонхонаи зеҳну ҳофиза боқӣ монад ва ба кор ояд. Шеър, аслан таровиши эҳсос дар партави ақл аст, ки ҷавҳари аслии он маънист. Агар шеър маънии барҷаставу барбаста надошта бошад, шеър нест ва фурсате, ки сарфи он мешавад, барбод хоҳад рафт.

**Шеър агар маънӣ набошад, ҳукми луғатпора аст,**
**Ҳар ки маънӣ мезанад луғатҳоро, заргар аст.**

Бо таваҷҷуҳ аз маонии баланд, покии гуфтор ва перояи сухан шеър бояд фаро гирифта шавад, то дар мавриди зарурӣ барои зинати калом ва ҷалби таваҷҷуҳ истифода гардад.

Пас, моро беш аз ҳар вақт зарур аст, ки дар парвариши шогирдони хушзеҳну ҳувийятпазир ва устодону омӯзгорони арзанда гомҳои ҷиддие бардорем. Ба раванди омӯзишу парвариш аз дидгоҳе назар андозем, ки иллати сустиҳоро ошкоро бубинем ва дар пайи ислоҳи онҳо тадобири судманд биандешем.

Такя ба зеҳни қавӣ ва мағзҳои бедору дурандеш мо имкон дорем, ки талқин ва ҳифзу посдории ҳувийяти миллии шогирдонамонро таъмин намоем ва «Шоҳнома», ки саропо ифтихори милливу ватандорист, дастгир хоҳад буд.

**Ҳама ҷойи Эрон сарои ман аст,**
**Чу неку бадаш аз барои ман аст. [2,с.154].**

Нуфузи «Шоҳнома»

Дар азамати мақоми суханварӣ ва сухандонии Фирдавсӣ ва мартабаи адабии «Шоҳнома»-и безаволи ӯ ёдоварӣ аз нуфузи ҷаҳонии ӯ кофист, то бидонем, ки чӣ неруе ба сухани ноби форсии дарӣ бахшидааст.

Ҳанӯз дар аввалҳои садаи ҳафтуми ҳиҷрӣ, миёни солҳои 620-626-и ҳиҷрии қамарӣ яке аз фузалои зулисонайн бо номи Фатҳ бинни Алии Биндории Исфаҳонӣ «Шоҳнома»-ро ба забони арабӣ тарҷума кард ва ин худ далели мусаллам аст аз таваҷҷуҳи араб ба ин асари безавол.

«-Ҷозибаи сеҳромези ин достонҳо бад-он ҳад будааст,- мегӯяд доктор Маҳҷуб, дар садри Ислом шуҳрати он то ҷазиратулараб расида буд ва марде аз душманони ҷиддии Ислом ва расули акрам (С) ба номи Наср бинни Ҳорис, ки мусиқӣ медонист ва достон месуруд, сафаре ба Эрон рафт ва достонҳои «Рустаму Сӯҳроб» ва «Рустаму Исфандиёр»-ро ба армуғон овард ва ҳамзабонони худро ташвиқ мекард, ки ба суханони Муҳаммад (С) гӯш надиҳанд, ки вай ҳадисе хуштар аз онро аз Эрон овардааст. Ҳамин кор сари Наср бинни Ҳорисро ба бод дод ва достонсароиву қиссахониро дар Ислом таҳрим кард» [4,с.68].

Дар қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ (сездаҳуми мелодӣ) ҳудуди ҳаштсад сол пеш, дар соли 1217-и мелодӣ дар бандари Зайтуни Чин яке аз роҳибони буддоии жопунӣ бо се бозаргони эронӣ ошно мешавад ва аз онҳо мехоҳад, ки бо хатти худ як ёдгорӣ барои ӯ бинвисанд. Яке аз он се бозаргон бо қалам ва мураккаби чинӣ ду байти пароканда ва як рубоӣ ба хатти насх барои роҳиб менависад, ки яке аз он байтҳо байти зер аст:

**Ҷаҳон ёдгор асту мо рафтанӣ,**
**Зи мардум намонад ба ҷуз гуфтанӣ. [6, с.154].**

Ин байт аз «Шоҳнома» аст. Ин ҷо муҳим ин аст, ки бозаргони эронӣ байте аз «Шоҳнома» барои навиштан интихоб мекунад ва ин нишон медиҳад, ки «Шоҳнома»-ро танҳо шоирону нависандагон, дабирону устодон ва донишҷӯён намехондаанд, балки табақаи мухталифи мардум бо ин китоб ошно буда ва ё дасти кам абётеро аз он аз дигарон шунида, дар хотир доштаанд.

Сурудани «Шоҳнома» ҳанӯз ба поён нарасида буд, ки котибон ва нассохон дар ҳузури шоир онро китобат мекарданд ва дар миёни эрониёни фарҳехта даст ба даст мегашт ва бисёре аз хонаводаҳои эронӣ нусхаҳое аз ин китобро фароҳам карданд. Фирдавсӣ аз ин рӯйдод чунин ёдовар мешавад:

**Бузургону бодониш озодагон,**
**Набиштанд яксар ҳама ройгон,**
**Нишаста назора ман аз дурашон,**
**Ту гуфтӣ будам пеш муздурашон.**
**Ҷуз аҳсант аз эшон набуд баҳраам,**
**Бикафт андар аҳсанташон заҳраам. [9,с.489].**

Ҷолиб ин аст, ки Фирдавсӣ ҳанӯз сурудани «Шоҳнома»-ро ба поён нарасонида буд, вале комилан итминон дошт, ки эрониён самари ранҷи сисолаашро барои ҳувийяти миллӣ арҷ мениҳанд ва бар рӯйи чашм мегузоранд:

**Чу ин номвар нома омад ба бун,**
**Зи ман рӯйи кишвар шавад пурсухун.**
**Ҳар он кас, ки дорад ҳушу рою дин,**
**Пас аз марг бар ман кунад офарин. [9,с.492].**

Далелҳои бисёре гувоҳӣ медиҳанд, ки «Шоҳнома» на танҳо дар дарборҳо, балки ба пиндори қаблии Фирдавсӣ дар саросари Эрон, дар маҳофили мухталиф китобат ва хонда мешудааст.

Барои мисол: Муҳаммад бинни Алризо Муҳаммад Алалавии Алтусӣ, маъруф ба Дафтархони Одилӣ муаллифи фарҳанги «Шоҳнома» (кӯҳнатарин фарҳанги «Шоҳнома» дар қарни 6-и ҳиҷрӣ-қамарӣ) дар бораи сабаби таълифи китобаш менависад: «Чун ба ҷониби Ироқ афтодам, ба шаҳри Исфаҳон расидам. Дар кӯчаҳо ва мадрасаҳо ва бозорҳо мегаштам, то ба мадрасаи Тоҷиддин расидам. Чун даррафтам, ҷамоате дидам нишаста ва дари китобхона боз ниҳода ва ҳар касе чизе менавишт. Ва чун он ҷамоат дидам, пеш рафтам ва салом кардаму нишастам ва гуфтам: Дар ин хизона «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҳаст? Соҳиби

хизона гуфт: Ҳаст. Бархост ва муҷаллади аввал аз «Шоҳнома» ба ман дод. Гуфтам: Чанд муҷаллад аст? Гуфт: Чаҳор ҷилд аст. Чун онро мехондам, дар дил таъмил мекардам. Ҳар байте, дар ӯ лафз мушкил буд, аз забони дарӣ ва паҳлавӣ маънии он бархе дар зер навишта буд. Ба худ гуфтам, ки мисли ин нусха кас надидааст ва ин алфозро ҷамъ бояд кард, ки бисёр хонандагон ҳастанд, ки ин шеър мехонанд ва маънии ин алфоз намедонанд» [6,с.1-2].

Ин далел бори дигар тасбит месозад, ки бо вуҷуди дар қарни шашум дар Эрон ҳукмрон будани туркони салҷуқӣ нусханависӣ ва хондани «Шоҳнома» ба ҳеҷ рӯй дар дарборҳо маҳдуд набудааст, балки шоҳномахонӣ дар мадорис ва миёни донишандӯзон сахт роиҷ будааст.

Гузашта аз ин, боқӣ мондани беш аз ҳазор нусхаи хаттӣ аз «Шоҳнома», ки дар китобхонаҳои мухталифи кишварҳои ҷаҳон нигоҳдорӣ мешаванд, гувоҳи он аст, ки на танҳо дарбориён, балки бисёре аз хонаводаҳои ориёӣ, ки тавони молӣ доштанд, нусхае аз «Шоҳнома» барои худ фароҳам мекардаанд. Инчунин далелҳои фаровоне ҳастанд, ки дар ҳазор соли гузашта мардуми оддӣ низ туфайли шоҳномахонон ва наққолон ба достонҳои «Шоҳнома» ошно будаанд. Дар хотироти бисёре аз бузургон, аз табақоти мухталиф мехонем, ки дар хонавода ва хонадони онон касоне буданд, «Шоҳнома» мехонданд ва ё онро ташвиқ мекарданд. Ин амр танҳо ба даврони муосир, ки хондан ва навиштан густариш ёфтааст, маҳдуд намешавад, балки шоҳномахонӣ суннати дерпо дар миёни бисёре аз хонаводаҳои эронитаборон будааст. Ҳатто хонаводаҳои камсавод ё бесавод ҳам, ба «Шоҳнома» сахт меҳр меварзиданд ва меварзанд.

Дуруст аст, ки «Шоҳнома» ҳамосаи миллии ақвоми ориёист ва дар тӯли таърихи пурфарозу нишеби Эронзамин муҷиби бақои Эрону эронӣ ва забону фарҳанги таърихии ин сарзамин будааст. Аз сӯйи дигар, саросари ин китоби арҷманди фориғ аз побандӣ ба дину мазҳаб ва қавмияте мардумӣ аст. Дар ин нигоҳ ҳамосаи миллӣ ба ҳамосаи дод ва мардумӣ табдил ёфтааст. Аз нигоҳи Фирдавсӣ «Шоҳнома» иборат аст аз: ҷавонмардӣ, беозорӣ, накӯӣ, бурдборӣ, хирадмандӣ, бофарҳангӣ, бузургӣ, бахшидани гуноҳ, дар канор будан аз сабуксорӣ, дурӯғ ва беҳӯдагӯйӣ, ганҷандӯзӣ ва ғайра. Ин хислат танҳо хосси ориёитаборон нест, балки дар миёни туронием, христианҳо, католикҳо ва ақвому пайравони динҳои дигар ҳам нафарони зиёде ҳастанд, ки аз мардумӣ баҳра доранд.

**Ки гетӣ намонад ҳаме бар касе,**
**Набояд бад-ӯ шод будан басе.**
**Ҳунар мардумӣ бошаду ростӣ,**
**Зи каҷҷӣ бувад каммию костӣ. [4,с.173].**

Дар «Шоҳнома» саҳифае нест, ки аз панду андарз тиҳӣ бошад. Ҷо ба ҷо Фирдавсӣ роҳи дурусти зистанро барои оламиён гӯшзад мекунад. Инсони бадкешу бадсиришт аслан аз шунидани насиҳат рӯгардон аст, вале панду андарзҳои «Шоҳнома» таъсири дигаре доранд, ки дар бештари маворид бо шавоҳиди ҷолибу ҷаззоб ва далелҳои раднопазире дар канори ҳам қарор доранд. Онҳо хонандаи хешро сахт ба андеша водор мекунанд. Аз ин рӯ, ин гуна байтҳо аз гузаштаҳои дур маҳбубият пайдо карда, дар баёзҳое, ки аз «Шоҳнома» фароҳам мешуд, бахши бузургеро ташкил медоданд. Бинобар ин, ситоиши дод ва мардумӣ ва ақлу хирад дар «Шоҳнома» муҳимтарин омиле буд, ки сабаб шуд, то он марзҳои Эронро бигзарад, ба сарзаминҳои дигар расад ва дар миёни қавмҳои дигар маҳбубият пайдо намояд.

Медонем, ки дар «Шоҳнома» Турон ва турониён душмани Эронанд, ки яке ангошта шудаанд, вале подшоҳони турки салҷуқии Осиёи Сағир чунон шефтаи фарҳанги ғании ориёитаборон шудаанд, ки номҳои подшоҳони эронӣ, чун Кайхусрав, Кайқубод ва Кайковусро бар худ ниҳодаанд. «Шоҳнома» ҳам дар дарбори сафавиён арҷу манзалати базург ёфт ва ҳам дар дарбори душмани хунии онҳо-туркони усмонӣ. Дар ҳарду дарбор мақом ё шуғле ба унвони шоҳномахонӣ вуҷуд дошт. Дар қарни даҳуми ҳиҷрӣ Абдулқодири Бағдодӣ дар дарбори усмонӣ барои истифодаи хонандагони турк аз «Шоҳнома» фарҳанги луғати онро ба туркӣ тадвин кард.

«Шоҳнома» шоҳкории бузурги адабиест дар тасвири воқеиятҳои иҷтимоӣ. Аз як сӯ, садои чакомаки шамшерҳо ва табли ҷанг ба гӯш мерасад, аз бештари байтҳои он хун мечакад ва андеша рӯйи некиву бадӣ, мардумиву номардумӣ, ҳақ ва ботил, бандагӣ ва озодагӣ, ишқ ва нафрат, меҳр ва кин болу пар мезанад. Аз сӯйи дигар, дар байтҳои дигаре гӯё бар соҳили дарёи ором ё дар паҳнои даште пурсабзаву раёҳин нағмаи зиндагӣ навохта мешавад.

**Биё, то ҳама дасти некӣ барем,**
**Ҷаҳони ҷаҳонро ба бад наспарем. [7,с.280].**

«Шоҳнома» сарчашмаи гаронмояест барои шинохти фарҳанги мардумӣ. Он дар давоми бештар аз ҳазор сол манбаи беназире барои қиссахонон ва наққолон будааст.

Ривоятҳои шифоҳӣ аз достонҳо ва афсонаҳои мардумии марбут ба шоҳону паҳлавонон ва дигар шахсиятҳои милливу мазҳабӣ, ки қарнҳо сина ба сина интиқол шудаанд, аз як сӯ, ба достонҳои «Шоҳнома» умр бахшида, аз сӯйи дигар, манбаи арзишманди шинохти оинҳо, боварҳо ва ба таври куллӣ фарҳангу ҳунари мардуми мо дар гузашта донистa мешаванд.

Аз қарни ҳаждаҳуми мелодӣ ба ин сӯ кишварҳои аврупоӣ мутаваҷҷеҳи адабу фарҳанги форсӣ шудаанд, «Шоҳнома» тадриҷан ба ҷамъи забонҳои зиндаи олам, чун англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, руссӣ, итолиёвӣ, маҷористонӣ, донморкӣ ва ғайра тарҷума шудааст. Инчунин матни «Шоҳнома» чанд бор дар Аврупо ва мамолики дигари ҷаҳон ба табъ расидааст.

**Боғи пурмева**

«Шоҳнома» боғест сарсабзу хуррам, ки аз он меваҳои рангоранг метавон чид.

Аввалтар аз ҳама «Шоҳнома» -ро ганҷвожаи забони форсӣ метавон гуфт, ки назираш дида нашудааст. Вожаҳои нобу шинам ва шевою гӯшнавози форсии дарӣ, ки дар ниҳояти нармиву гармӣ сохта шудаанд, имкон медиҳанд, ки матлаби гӯянда зуд фаро гирифта шавад ва лаҳну сурати худи калима дар ёдҳо мондагор бошад.

Дар осори адабии давраи Сомониён шумораи вожаҳои тозӣ маҳдуданд. Аввалан, сабаби чунин маҳдудият ба замони пеш аз Ислом мутааллиқ будани заминаи сухан аст. Дуввум, манбаи асосии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ- «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ аз манбае тавассути мубадон тадвин шудааст, ки дар ихтиёри деҳқонон будааст.

Назар ба маълумоти доктор Раёҳӣ (такя ба шумориши Муҳаммад Ҷаъфари Муинфар) дар саросари «Шоҳнома» 709 калимаи арабӣ маҷмуан 8937 бор ба кор рафтааст ва таносуби алфози тозиро, ки дар алфози илҳоқӣ зиёд аст, ба эътибор бигирем, дар сурати тасҳеҳи комили «Шоҳнома» ин шумора коҳиш хоҳад ёфт [7,с.97].

Фирдавсӣ ҳеҷ гоҳ қасд накардааст, ки калимоти тозиро камтар истифода кунад, балки бо забоне сухан мегӯяд, ки он замон хосси мардуми Тӯс ва атрофи он ё пурратар гӯем, Хуросон буд.

Сухани Фирдавсӣ то ҷое соддаву дилчаспу зебост, ки хонандаро дар фаҳми он ҳеҷ душворие рух намедиҳад ва осон азбар мешавад.

**Барои мисол:**
**Зи модар ҳама маргро зодаем,**
**Гар эдун, ки туркем, ар озодаем. [2,с.199].**

**Яке паҳлавон буд, деҳқоннажод,**
**Далеру бузургу хирадманду род. [2,с.5].**

**Ҳама кори мардум набудӣ ба марг,**
**Ки пӯшиданишон ҳама буд барг. [1,с.53].**

**Парастанда з-н пештар бо кулоҳ,**
**Ба чеҳра ба кирдори тобанда моҳ. [2,с.43].**

Дар ин чанд намуна тавре, ки мебинед, ягон вожаи тозӣ ҷой надорад ва калимаҳои **озода, деҳқоннажод, далер, род, пӯшиданӣ ва кулоҳ** бештар хосияти мардумӣ дошта, дар мавридҳои гуногун сермаъноӣ касб мекунанд.

Сабаби дигари ҷаззобияти сухани Фирдавсӣ ба нигоҳи банда мазмуни воқеии достонҳо ва маҳорати волои қиссапардозии ӯст, ки хосси табиати хушпазири мост.

Таркиботи «Шоҳнома» низ хеле рангин ва хушсохту хушоҳанг чида шудаанд. Мисолгунаҳое чун **гуҳарбофта**, **забарҷаднигор, зарринакафш, гавҳарнигор,** ва амсоли инҳо аз навъи вожаҳои аслии форсӣ сохта шудаанд, ки ҷавҳари суханро ҷилои хос мебахшанд.

**Яке даст ҷома бифармуд шоҳ,**
**Гуҳарбофта бо қабову кулоҳ. [4,с.401].**

**Яке тоҷ додаш забарҷаднигор,**
**Яке тавқи заррину ду гӯшвор. [5,с.317].**

**Кушоданд банди қабои бунафш,**
**Ҳамон афсару тавқу зарринакафш. [9,с.471].**

**Сари моҳ бо афсари зарнигор,**
**Сари шоҳ бо тоҷи гавҳарнигор. [1,с.356].**

Ҷозибаи сухани Фирдавсӣ дар ҳадде қарор дорад, ки хонанда ва шунаванда ба осонӣ чашм аз перояи накшин ва дил аз маънихои рангини он кандан наметавонад ва чун сар ба гирдоби андеша фурӯ менихад, бо ҷаҳоне рӯ ба рӯ мешавад, ки саропо ҳикмату панд дар пероҳани балоғату фасоҳат аст.

Пас аз ранҷи сисола ганҷинае ба даст омад, ки тасвирҳо дар авроқи он такрор намешаванд ва тавре, ки устод Садриддин Айнӣ ишора мекунад, Фирдавсӣ тулӯи Офтобро дар як саду бист маврид ба як саду бист ранг тасвир намудааст [8,с.5].

Дуруст хоҳад буд, агар ин дам гӯш ба панди фарзонаи Тус фаро дода, аз ӯ дастур бигирем, ки «то ҷаҳонро ба бад наспарем ва бо кӯшиш ҳама даст ба некӣ барем».

Арзиши сухан дар «Шоҳнома» хеле рӯшан аён мегардад. Достонҳо саропо ба сухани нағзу дилпазир ва оҳанги ҷаззобу ҷонбахш суруда шудаанд.

**Нигаҳ кун бад-ин номаи пандманд,**
**Дил андар сарои сипанҷӣ мабанд. [8,с.278].**

**Суханҳои уммед гӯям кунун,**
**Ки дилро ба шодӣ бувад раҳнамун. [6,с.536].**

Фирдавсӣ бо ифтихор аз ҳунари тасвиргарии хеш лаб мекушояд:

**Намудори гуфтори ман ман басам,**
**Бар ин достон ибрати ҳар касам. [6,с.536].**

Қаҳрамонони Фирдавсӣ чи донапошу чи фарзона, чи худиву чи бегона ҳама сухандону забоноваранд, хушгӯю чарбзабонанд ва ҳамеша ба хираду дониш такя мекунанд.

**Ба гуфтори деҳқон кунун бозгард,**
**Нигар, то чӣ гӯяд, сароянда мард. [3,с.6].**

**Зи гуфтори фарзонадил марди пир,**
**Сухан бишнаву як ба як ёд гир. [2,с.29].**

Хулоса, «Шоҳнома» ҳамон хазинаи бебаҳо, ҳамон чашмаи соф, ҳамон боғи пурмева, ҳамон гулзори шукуфон ва ҳамон майдони набарду мардонагиест, ки инсонҳоро бениёз, ташнаҳоро шодоб, суфраҳоро пур аз нӯшу неъмат, тану ҷонро муаттар ва дилбохтагону сарсупурдагонро ба созандагию дӯстдории марзу буми аҷдодӣ даъват менамояд ва зӯру неру мебахшад.

**АДАБИЁТ:**


1.Фазлиддинзода. А. Даме бо «Шоҳнома». – Душанбе. Ҳумо, 2006. -С.3

2.Сафо Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон. чопи шашум. –Теҳрон. Амири Кабир, Ҷилди аввал, -1363. -С. 465

3.Мирзод Тӯйчӣ. Хиёнат ба Фирдавсию «Шоҳнома» хиёнат ба миллат аст. -Душанбе: Империал групп, -2006. С.7

4.Маҳҷуб Муҳаммад Ҷаъфар. Се қисса аз «Шоҳнома». –Теҳрон. Марворид, -1378. -С.68

5.Хидевҷам Ҳусайн. Мӯъҷами «Шоҳнома». –Теҳрон. Бунёди фарҳанг,-1353. -С.1-2

6.Хатибӣ Абулфазл. Ба мардум намонад ба ҷуз мардумӣ/Вежаномаи «Шоҳнома».-Теҳрон. Фарҳанги мардум, -2008. № 24,25, -С.5

7.Раёҳӣ Муҳаммад Амин. Фирдавсӣ. –Теҳрон,-1375. -С.97

8.Исматов Саъдӣ. Тоҷ андар «Шоҳнома». – Душанбе. Деваштич, -2009. - С.5

9.Ҳумоӣ Ҷалолиддин. Шоҳкори суханварӣ ва сухандонӣ дар «Шоҳнома»- и Фирдавсӣ. -Лос Анжелос. Конуни омӯзишу парвариш, -1990, -С. 28- 36

10.Алвандӣ Иззатуллоҳ. Фирдавсӣ. – Теҳрон. Мадраса, -1383.- 167с.

11.Анварӣ Сулаймон. Ҷойгоҳи сухан дар осори форсӣ-тоҷикӣ.-Душанбе. -2005. - 175с.

12.Қосимов Олимҷон. Деривация в «Шахнаме» Абулкасима Фирдавси.-Душанбе, -2006. - 186 с.

13.Шарифов Худоӣ. Сухан аз адабиёти миллӣ. –Душанбе. -2009, - 476 с.

14.Фирдавсӣ Абулқосим. «Шоҳнома». – Душанбе. Ирфон, (иборат аз 9 ҷилд) 1987.- 1991

15.Фирдавсӣ Абулқосим. «Шоҳнома» Матни комил. Тасҳеҳи Жӯл Мӯл. - Теҳрон. Беҳзод, -1375. - 824 с.



**БОЗТОБИ ҲУВИЙЯТИ МИЛЛӢ ДАР «ШОҲНОМА»**

Муаллиф мақола иброз медорад, ки мақсад аз омӯзишу таҳқиқи «Шоҳнома» пайванди фарҳангии фарзандон ва ояндагон ва робитаи милливу адабии эшон бо он ягона ёдгори гаронбаҳо, пуштвонаи ифтихори миллии мост, то насли баъдӣ аз дарку ошноӣ бо ин навои рӯҳпарвари форсӣ, ки аз табъи саршори яке аз бузургтарин мардони озодаи шарофатманду башардӯст берун таровидааст, лаззати рӯҳӣ ва маънавӣ бардошта бошанд. «Шоҳнома» ҳамчун шиносномаи миллӣ ва бисоти гаронбаҳои фарҳангӣ, ки ҳамеша дар хидмати хоссу ом қарор дошт, имрӯз мавриди таваҷҷуҳи

давлату ҳукумат қарор дорад ва асолати беамсоли таърихиву созандагиашро намоиш медиҳад. Ҳувийяти миллӣ, ҷавонмардию ватанпарварӣ ва чанд радаи дигаре аз андешаҳои ҳувийятсоз аз ҷавоҳири гаронбаҳои ин ганҷинаи беҳамто ба шумор меравад, ки бояд вуҷуди насли имрӯзу фардоро зебу оро диҳанд.

***Калидвожаҳо:*** *«Шоҳнома», ҳувийят, шахсият, ватанпарастӣ, ватанхоҳӣ, фарҳанг, ориёитабор, асолати миллӣ, осебнопазир, сармояи маънавӣ, бисоти миллӣ, шиносномаи миллӣ.*

## ОТРАЖЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ ИДЕНТИЧНОСТИ В «ШОХНОМЕ»

Автор статьи утверждает, что целью изучения и исследования «Шахнама» является культурная связь детей и будущих поколений, а их национально-литературная связь с ней является единственным драгоценным памятником, пуштуном нашей национальной гордости, чтобы следующее поколение сможет понять и познакомиться с этим персидским духовным романом, вдохновленным духом Саршора, вышедшим на свет одним из величайших свободных, благородных и гуманных людей, принесшим духовное и духовное наслаждение. «Шахнаме» как национальный паспорт и драгоценное культурное достояние, всегда находившееся на службе народу и народу, сегодня является предметом внимания государства и правительства и показывает свое непревзойденное историческое и творческое своеобразие. Национальная идентичность, молодость, патриотизм и некоторые другие идеи формирования идентичности входят в число драгоценных камней этого уникального сокровища, которое должно украсить существование сегодняшнего и завтрашнего поколения.

***Ключевые слова:*** *«Шахнома», менталитет, идентичность, патриотизм, культура, арийского происхждения, национальная аутентичность, неуязвимость, национальное богатство, национальная идентичность, национальный паспорт.*

## REFLECTION OF NATIONAL IDENTITY IN "SHOKHNOME"

The author of the article states that the purpose of studying and researching "Shahnameh" is the cultural connection of children and future generations, and their national and literary connection with it is the only precious monument, the Pashtun of our national pride, so that the next generation can understand and get acquainted with this Persian spiritual novel inspired by the spirit of Sarshor, who came to light by one of the greatest free, noble and humane people, who brought spiritual and spiritual pleasure. "Shahnameh" as a national passport and precious cultural heritage, which has always been at the service of the people and the nation, is today the subject of attention of the state and government and shows its unrivaled historical and creative originality. National identity, youth, patriotism and some other ideas of identity formation are among the precious stones of this unique treasure, which should decorate the existence of today's and tomorrow's generation.

***Key words:*** *"Shakhnoma", mentality, identity, patriotism, culture, Aryan origin, national authenticity, invulnerability, national wealth, national identity, national passport.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Қодиров Бахтиёр Розиқович, д.и.п., профессор. Муассисаи федералии давлатии бюджетии маълумоти олии касбӣ, донишкадаи давлатии педагогии Борисоглебс, вилояти Воронеж, федератсияи Росси. Тел:046-004-000370*

***Сведения об авторе:*** *Кадиров Бахтиёр Розикович, д.п.н.профессор федерального государственного бюджетное образовательного учреждение высшего профессионального образования Борисоглебского государственного педагогического института.Тел:046-004-000370*

***Information about the author:*** *Kadirov Bakhtiyor Rozikovich, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Federal State Budgetary Educational Institution of Higher Professional Education Borisoglebsk State Pedagogical Institute.Tel: 046-004-000370*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Амонов Салохудин, мудири шуъбаи коркард, татбиқи технологияи инноватсионии таълим (таҳсилоти 12-сола)-и Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. E.mail: h.amoni @mail.ru, тел: 907909062*

***Сведения об авторе:*** *Амонов Салохудин, заведующий отделом разработки, применения инновационных образовательных технологий (12-летнее образование) НИИ развития образования имени Абдуррахмана Джами Академии образования Таджикистана. E.mail: h.amoni @mail.ru,тел: 907909062*

***Information about the author:*** *Amonov Salahudin head of the department for the development and application of innovative educational technologies (12-year education) of the Research Institute for Educational Development named after Abdurrahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan. E.mail: h.amoni @mail.ru. Tel: 90790*

ТДУ: 160. 940. 10

# НАҚШИ МАОРИФ ДАР ТАШАККУЛИ ШУУРИ ҶАМЪИЯТӢ ВА СУБОТИ СИЁСӢ

*Маҳкамов Д., Гадоев И. Б.*
**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28.12.2023, тамоми вазорату идора, корхонаю муассиса, садою симоро ба шарҳу эъзоҳи нуктаҳои асосии Паём даъват намуд, ки онро мо дар ташаккули шуури ҷамъиятӣ ва суботи сиёсӣ ниҳоят муҳим арзёбӣ менамоем. Дар паёми навбатӣ «рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳа ва омили муҳимтарини таъмини ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷамъият ба ҳисоб меравад».

Дар ҳақиқат маҳз илму маориф аст, ки ҳар фарди миллат ба василаи он дониш меандӯзад, давлату ҷомеа пешрафта мегардад, шуури ҷамъият ташаккул меёбад, ҷаҳонбинӣ васеъ гардида, сатҳи маърифати шаҳрвандон дар ҳамаи самтҳо таъмин мешавад, ки яке аз муҳимтарини онҳо рушди фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад.

Соли ҷорӣ бо дар назардошти таҷлили сисолагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми зинаҳои таҳсилот баҳри баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии хонандагону донишҷӯён ва сокинони мамлакат нақша чорабинии асоснок сохта татбиқ карда мешавад, ки ин тадбирҳо аз мубрамияти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон гувоҳӣ медиҳад. Дар иртибот ба ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ пешниҳод намуданд, ки «соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳимми таърихӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад.

Маърифати ҳуқуқӣ шакли бисёрҷанбаи фаъолиятест, ки дар амалигардонии он низоми маориф нақши асосӣ мебозад. Ба ҳайси ҳадафи асосии маърифати ҳуқуқӣ ташаккули асосҳои назариявии шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, тафаккури ҳуқуқӣ, инчунин густариши ҷаҳонфаҳмии илмии ҳуқуқии шаҳрвандон ва дар ҳаёти ҳаррӯза татбиқ намудани талаботи ҳуқуқӣ баромад менамояд.

Ба шумори масъалаҳои асосии ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон инҳоро метавон мансуб донист:

-васеъ гардонидани донишҳои ҳуқуқии хонандагон, донишҷӯён ва шаҳрвандон оид ба қонунгузорӣ, қонуният, ҳуқуқ ва уҳдадории онҳо;

-дар тамоми зинаҳои таҳсилот боло бурдани нақши маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун арзиши бебаҳси иҷтимоӣ;

-ташаккул додани эҳтиром ба қонун ва донистану риоя намудани меъёрҳои рафторҳои ҳуқуқӣ;

-мубориза ба муқобили поймолкунандагони (нигилизми) меъёрҳои ҳуқуқӣ ва маҷбуркунӣ ба риояи ҳуқуқ;

-дар доираи хонандагону донишҷӯён боз ҳам густариш додани маърифати ҳуқуқӣ дар муносибат ба таълиму тарбия мутобиқи қонун дар тамоми зинаҳои таълим;

-пурзӯр кардани кори ВАО дар ташвиқ ва тағрибӣ маърифати ҳуқуқӣ.

Муносибати гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ба қонун, амалан аз сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва огоҳияшон аз муҳтавои қонунгузории амалкунанда вобаста буда, дар амалӣ намудани ин талабот нақши соҳаи маориф хеле назаррас мебошад.

Дар соҳаи маориф силсилаи қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти олии касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти калонсолон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», «Консепсияи тарбияи миллӣ дар Тоҷикистон» ва ғайра амал мекунанд, ки унсури таркибии фарҳангу маърифати ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар соҳаи маориф ҳамчунин якчанд консепсия ва барномаҳои давлатӣ амалӣ шуда истодаанд. Аз ҷумла, «Стратегияи миллии рушди маорифи Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, № 526 тасдиқ ва амалӣ шуда истодааст. Зарурати таҳияи барнома, стандарт ва стратегия дар он зоҳир

мешавад, ки бояд сифати таълиму тарбия дар тамоми зинаҳои таҳсилоти шаҳрвандон баланд бардошта шуда, ба шароити нави иқтисодию иҷтимоӣ мувофиқ гардонида шавад.

Зимни амалӣ намудани барномаҳо сатҳи тарбияву таълими кӯдакони синни томактабӣ дар оила ва кӯдакистонҳо, шароити мавҷудаи тарбия ва таълими кӯдакон, манбаъҳои маблағгузорӣ, таъмини кӯдакистонҳо бо кадрҳои ихтисосманд ва маводи методӣ барои тарбия ва инкишофи кӯдак, хело хуб гардид. Дар ин раванд ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ корҳои зиёдеро сомон бахшиданд.

Корҳои таҳқиқотӣ дар шаҳру ноҳияҳо бо усули пурсишнома, мубоҳисаи инфиродӣ, расмгирӣ ва ҷамъ овардани маълумот ҷараён гирифт. Дар доираи ин таҳқиқот 926 нафар (волидайн, мудирон ва мушовирони кӯдакистонҳо, мураббиён, мутахассисони шуъбаҳои маориф) фаро гирифта шуданд. Натиҷаи омӯзиши масъала нишон дод, ки муассисаҳои томактабӣ кори тарбия ва таълими тарбиягирандагонро дуруст ба роҳ мондаанд. Вале мушкилиҳо низ ошкор шуданд ва тадбирҳои пешгирикунанда андешида шуд. Аз ҷумла, муайян гардид, ки аз 206 нафар корманди педагогии кӯдакистонҳои ноҳияҳои пилотӣ 30,7% маълумоти миёнаи умумӣ доранд. Дар ин замина мебояд ёдовар шуд, ки қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» (соли 2013) саривақтӣ буда, ба раванди ташаккули таҳсилоти томактабӣ асос гузошт.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2007 «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» пазируфта шуд. Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012- 2020; 2023- 2027, дар асоси Нақшаи чорабиниҳо оид ба супоришу дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси машваратӣ бо кормандони соҳаи маориф аз 22 декабри соли 2005, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2007, Қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2006 «Дар бораи Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардид.

Зимни амалӣ намудани Барнома иҷрои вазифаҳои зерин ба нақша гирифта шуданд:

-таъмини дастрас будани таҳсилоти босифат барои ҳамаи табақаҳои аҳолӣ;

-дар асоси демократикунонии минбаъдаи идоракунии маориф такмил додани заминаҳои меъёрии ҳуқуқии низоми миллии таҳсилоти касбӣ;

-тарбияи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, сабру таҳаммулпазироӣ, фарҳанги баланд, эътирофи ҳуқуқ ва озодии шахс дар ҷомеа;

-рушди афзалиятноки забони давлатӣ;

-дар асоси анъанаву арзишҳои ватанӣ ва ба эътибор гирифтани таҷрибаи ҷаҳони

-принсипҳои рушди мунтазам, навсозии мазмун ва сохтори таҳсилоти касбӣ;

-барқарор кардан, ташкил ва инкишоф додани низоми бисёрзинагии тайёр намудани кадрҳо (бакалавриат-магистратура-докторантура), ки асоси онро низоми кредитии таҳсилот ташкил медиҳад;

-баланд бардоштани сифати тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ва рақобатпазир дар бозори меҳнат барои ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ;

-пайваст гардонидани таҳсилоти касбӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти касбии ҷаҳонӣ;

-муҳайё намудани муҳити ягонаи иттилоотии таҳсилоти касбӣ;

-такмил додани корҳои таълимӣ, илмӣ-методии соҳаи таҳсилоти касбӣ;

-таҳкими заминаи моддӣ-техникии низоми таҳсилоти касбӣ дар робита бо истеҳсолот;

-ҳамгиро гардонидани таҳсилот, илм ва истеҳсолот бо технологияи рақамӣ;

-ташкил ва дарёфти механизми нави ҷалб кардани захираҳои иқтисодӣ барои баланд бардоштани сифати таҳсилоти касбӣ;

-таъмини тавозуни манфиати давлат, ҷамъият ва шахс дар низоми таҳсилоти бисёрзинагӣ.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2008 "Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру навсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015", ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷойгир буданд, тасдиқ ва татбиқ шуд.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009 «Барномаи давлатии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015» тасдиқ шуд. Барнома дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015», ки бо Қарори Ҳукумат 3 апрели соли

2007 тасдиқ шудааст, таҳия гардид. Таъмини шароит барои қонеъгардонии эҳтиёҷоти шаҳрвандон, ҷомеа ва бозори меҳнат ба таҳсилоти босифат бо роҳи таъсиси механизмҳои нави институтсионалии танзим дар соҳаи маориф мақсади Барномаро ташкил медиҳанд.

Дар натиҷаи татбиқи Барнома низоми самарабахши идоракунӣ дар соҳаи маориф таъсис дода шуда, барои гирифтани таҳсилоти босифат ва рақобатпазир шароит фароҳам оварда, гузариш ба модели бисёрзинавии тайёр намудани мутахассисон: бакалавриат, магистратура ва докторантура таъмин, низоми мониторинг ва ояндабинии рушди соҳаи маориф, инчунин низоми миллии арзёбии сифати таҳсил таъсис дода шуд, фаъолияти илмӣ ва инноватсионӣ дар соҳаи маориф суръат ёфт.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2010 «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ барои солҳои 2011-2016» тасдиқ шуд. Ин Барнома, вобаста ба гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ, бо мақсади таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, мустаҳкам гардидани пояи моддӣ- техникии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ таҳия гардида буд, ки бо ҳавасмандгардонии моддии омӯзгорон мусоидат менамуд. Барнома дар доираи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015 ва Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 апрели соли 2010 таҳия шудааст.

Яке аз тадбирҳои асосии ин барнома – таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорон, ҳозиршавии мутахассисони ҷавон ба ҷойҳои корӣ, зиёд намудани маоши омӯзгорон, компютеркунонии муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилот маҳсуб мeёбад.

Дар доираи Нақшаи татбиқиислоҳоти соҳаи маориф барои солҳои 2004-2009, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2004 тасдиқ шудааст, нақша ва мазмуни барномаҳои таълимӣ ба талаботи замон мувофиқ гардонида шуда, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгории мамлакат ва хориҷа тайёр намудани мутахассисон аз рӯйи ихтисосҳои психология, логопедия, сурдопедагогика ба роҳ монда шуд.

Дар Паёми навбатии хеш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон *«Соли 2023- ро барои Тоҷикистон таҳлил намуда, бо вуҷуди мураккабшавии бесобиқаи вазъи ҷаҳони муосир, инчунин, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои ногувори он – хушксоливу камобие, ки солҳои охир дар минтақа идома дорад, ба шарофати заҳмати аҳлонаву содиқонаи мардуми сарбаланди кишвар боз як соли бобарор номбар намуд», ки ин моро водор менамояд, ки дар масъалаи суботи сиёсӣ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ корро ҷоннок гардонем»* .

Дар ин раванд ходимони илмии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дастуру мақолаҳои зиёди илмӣ, маърифатӣ ва фарҳангиро ба табъ расонидаанд, ки ҷавоби арзанда ба дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат дар татбиқи нуқтаҳои Паём шуда метавонанд.

Пешвои миллат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки Тоҷикистон дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа пешравиҳои назаррас ба даст овард, маҳсулоти дохилии кишвар нисбат ба соли гузашта 8,3 фоиз зиёд гардида, ба 130 миллиард сомонӣ расонида шуд. Инчунин қайд намуданд, ки тайи солҳои охир таваҷҷуҳи аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат ба масъалаҳои пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, саноатикунонии кишвар ва таъсиси ҷойҳои корӣ равона карда шудааст, ки дар ҳаёти Тоҷикистон ба масъалаи мубрам табдил ёфтааст.

Ин мо ходимони илмиро водор менамояд, ки дар бораи муҳоҷирати аҳолӣ илман асоснок андеша намоем, ба мардум фаҳмонем, ки оқибати кӯчидани аҳолӣ, Тоҷикистонро ба кадом омилҳо рӯ ба рӯ месозад. Мо бояд тадбирҳои иловагиро андешем, ки маҳсулоти дохилии кишвар аз 8,3 фоиз зиёдтар гардад, ин кори олимони самтҳои гуногуни ҳоҷагии халқ мебошад, ки бояд шабу рӯз дар атрофи он андеша кунанд.

Пешвои миллат таъкид намуданд: *«Мо ҳамчунин, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидан ба раванди рақамикунонии иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти имкониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятнок эълон намудем».*

Мо олимон бояд фикру андешаҳоеро пешниҳод намоем, ки фарҳанги мардум оид ба сарфакорона ва самаранок истифода бурдан аз «иқтисоди сабз» боз ҳам рушд ёфта, талаботи мардуми кишварро бо пуррагӣ бо ин неъмат қонеъ карда тавонем. Рақамикунонии иқтисодиёт, ҳарчи зудтар амалӣ гардонидани инкишофи неруи инсониро талаб менамояд. Инкишофи неруи инсонӣ аз оила, боғча, синфҳои ибтидоӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оғоз гардида, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тақвият меёбад.

Пешвои миллат рушди муосири иқтисодиёт ва баланд бардоштани рақобатпазирии онро бидуни рушди сармояи инсонӣ ғайриимкон медонад, ки мутлақо дуруст аст. Вобаста ба ин, сатҳи рушд ва самаранокии истифодаи сармояи инсонӣ барои давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти аввалиндараҷа дорад, ки аз мо аҳли маориф инкишофи сармояи инсонӣ сахт вобаста мебошад. Ягон нафари мо ҳуқуқи маънавӣ надорем, ки дар ин масъала худро бетараф ҳис намоем.

Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самараноки соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ мебошад. Дар ин раванд хешро сарфароз меҳисобем, ки зери роҳбарии мо роҳбарони илмӣ унвонҷӯёни ҷавон рисолаҳои илмии хешро дифоъ намуда сармояи инсонии хешро баланд мебардоранд.

Пешвои миллат бо адолатона қайд намуданд: *«Дар навбати худ, рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намуданиояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад».*

Баҳриояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ходимони илмии шуъбаҳои ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ дар амалисозии дастуру супоришҳои Пешвои миллат корҳои арзишмандро ба нақша гирифта, сомон бахшидаанд. Аз ҷумла татбиқи барномаи муносибати босалоҳият дар таълим, гузаштан ба таҳсилоти 12 сола ва низоми баҳогузории 5 балла баҳри ташаккули сармояи инсонӣ ниҳоят муфид мебошад.

Дастгирии таҳқиқоти илмӣ тавассути боло бурдани меъёри маблағгузории он, таъсиси марказҳои муосири илмӣ, озмоишгоҳҳо ва ба роҳ мондани ҳамкории муассисаҳои илмӣ бо истеҳсолот дар давраи минбаъда муҳим арзёбӣ мегардад. Ин маънои онро дорад, ки то соли 2026 дар саноатикунонии кишвар бояд дастовардҳои назаррас ба даст ояд ва ба ин мо умедворем.

Ин масъала муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро бо озмоишгоҳ ва марказҳои озмоишӣ- таҷрибавӣ мепайвандад ва боварӣ дорем, ки сарчашмаи боло рафтани сифати таълим, омодагии касбӣ ва рушди сармояи инсонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ хоҳад шуд.

Пешвои миллат таъкид намуданд: « Агар дар соли 2017, низоми маорифи кишвар 2,1 миллион нафарро ба таҳсил фаро гирифта бошад, пас дар шаш соли оянда, яъне дар соли 2023, ин нишондиҳанда ба 2,6 миллион нафар ва соли 2025 ба 2,7 миллион нафар мерасад». Ҳалли ин масъала аз мо бунёди муассисаҳои нави таълимӣ, таъмин бо омӯзгорон, китоби дарсӣ ва баланд бардоштани имкониятҳои низоми маорифро тақозо мекунад. Ин омил моро бо мушкилот рӯ ба рӯ месозад ва андешидани тадбирҳои судмандро аз мо талаб менамояд

Дар соли 2023 шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар агар 103 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, пас қабул бо синфи 1-ум ба 261 ҳазор нафар мерасад, ки дар соҳаи маорифи кишвар мушкилоти ҷиддиро пеш меорад. Ҳалли ин масъаларо шуурона бояд дарк кард ва дар пайи андешидани тадбирҳои иловагӣ шавем.

Дар ин давра бинед, ки бештар аз 200 муассисаи таълимии нав ва биноҳои иловагӣ барои беш аз 85 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шуд, вале ин ҳоло ҳам талаботро қонеъкунанда нест, зеро дар айни ҳол 73 ҳазор нафар хонанда бе ҷойи нишаст мемонад.

Пешвои миллат таъкид намуданд: *«Дар чунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад».*

Омода намудани кадрҳои баландтахассуси омӯзгорӣ ядрои асосии мақсаду муҳтавои ҳамагон мебошад, аммо дар ин раванд низоми кредитӣ ва супориши имтиҳонҳои тестӣ халал ворид менамоя. Низоми кредитӣ кудрати баланд бардоштани сифати таълимро надорад. Ин низом омӯзгоронро низ аз қудрати таъсир расонидан ба сифати таълим маҳрум менамояд, зеро сифати таълимро маркази тестии муассиса муайян менамояд.

Пешвои муаззами миллат, Вазорати маориф ва илм, Комиссияи олии аттестатсионӣ, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо ва академияҳои

соҳавиро, вазифадор намуданд, ки барои ба сатҳи сифатан нав бардоштани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд. Дар ин раванд Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ корҳои зиёдеро анҷом бахшиданд. Зери роҳбарии роҳбарони илмии ПРМ ва АТТ садҳо нафар унвонҷӯён ва докторантҳо рисолаҳои илмӣ дифоъ намуда, соҳибунвон гардиданд ва ин анъана давом ёфта истодааст.

Дар Паёми навбатӣ таъкид гардидааст: «Дар ин раванд, бояд ба масъалаҳои аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф, омода кардани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон, нозирон ва такмили муносибати босалоҳият ба таълим эътибори аввалиндараҷа зоҳир гардад».

Дар Паёми солҳои 2021, 2022 ва 2023 андешидани тадбирҳои мушаххас доир ба омӯзонидани касбҳои коргарӣ, саросар соҳибкасб гардонидани аҳолии аз 18 сола болои мамлакат ва ҳарчи бештар дар дохили кишвар бо ҷойи кори доимӣ таъмин намудани шаҳрвандон сухан меравад, ки асоси таъмини суботи сиёсӣ мебошад. Дар ин раванд шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ корҳои зиёдеро анҷом бахшидааст.

Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоию миёнаи касбӣ, роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва тамоми сохтору мақомоти давлатӣ дар ин самт масъулияти бевосита доранд.

Аз 41 ҳазору 232 нафар донишҷӯёни тоҷик, ки ҳоло дар давлатҳои хориҷӣ таҳсил мекунанд, беш аз 11 ҳазор нафарашон духтарон мебошанд. Танҳо дар даҳ соли охир 11 ҳазор нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро бо квотаи президентӣ хатм кардаанд.

Аз 3 ҳазору 300 нафар ҷавононе, ки соли ҷорӣ танҳо тавассути Маркази барномаҳои байналмилалии назди Вазорати маориф ва илм ба хориҷи кишвар барои таҳсил рафтаанд, 30 фоизашон духтарон мебошанд. Умуман, дар замони соҳибистиқлолии кишвар беш аз 256 ҳазор нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олиро хатм кардаанд, яъне соҳиби маълумоти олӣ гардидаанд.

Тибқи маълумоти оморӣ, дар соли 1989-ум ҳамагӣ 66 ҳазор нафар занону бонувон соҳиби маълумоти олӣ буданд. Имрӯз бонувони мо, дар баробари фаъолият дар низоми хизмати давлатӣ, корхонаҳои истеҳсоливу хизматрасонӣ таъсис дода, ҳамчун соҳибкорони муваффақ соҳиби обрӯву эътибор гардидаанд. Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи зиёди занону бонувони лаёқатманду баландихтиссос ба хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ ҷалб карда шудаанд ва ин раванд минбаъд низ идома хоҳад ёфт.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011 «Барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ барои солҳои 2012-2016» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуд.

Бо мақсади барқарор ва баргардонидани муассисаҳои томактабӣ ва рушди минбаъдаи онҳо бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2005 «Барномаи давлатии рушди соҳаи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010» тасдиқ шуд. Амалӣ намудани Барнома имконият дод, ки назорату роҳбарӣ ба фаъолияти муассисаҳои томактабӣ ва ҳамзамон расонидани ёрии методӣ ба мудирон, мураббияҳои боғчаҳои бачагон ва мутахассисони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо оид ба ин муассисаҳо аз тарафи кормандони Вазорати маориф ва илм беҳтар гардад. Ҷиҳати ҳалли мушкилоти боқимонда Барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016 мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» таҳия шуд. Зарурати таҳияи Барнома аз он иборат буд, ки бояд сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои томактабӣ ҳамчун зинаи нахустини таҳсилоти шаҳрвандон баланд бардошта, ба шароити нави иқтисодию иҷтимоӣ мувофиқ гардонида шавад.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012 «Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» тасдиқ шуд. Зарурати қабули Барнома бо он муайян мешавад, ки дар марҳилаи муосири тараққиёти Тоҷикистон салоҳиятнокии касбии аҳолӣ яке аз шартҳои муҳимтарини рушди устувори ҷомеа ва таъмини рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мебошад, зеро пешрафти иқтисод аз мутахассисони лаёқатманд вобастагии қавӣ дорад. Таъмини соҳаҳои гуногуни мамлакат бо коргарони соҳибихтисос ва мутахассисони сатҳи миёнаи ҷавобгӯйи талаботи бозори меҳнат бар дӯши зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи

касбӣ буда, маҳз ҳамин зинаҳои таҳсилоти касбӣ метавонанд дар рушди ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданию фарҳангии мамлакат саҳми босазо гузоранд.

Барнома тибқи дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 апрели соли 2011 баён намуда буданд, таҳия шудааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 апрели соли 2011 таъкид намуданд, ки «таҳсилоти ибтидоии касбӣ низ яке аз зинаҳои муҳимми соҳаи маорифи мамлакат буда, иқтисоди миллиро бо мутахассисони соҳибкасб таъмин менамояд ва дар рушди ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат саҳми босазо мегузорад».

Баланд бардоштани сифат, дастрасӣ ва самарабахшии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, хусусияти муттасилӣ ва навоваронаи он боиси афзоиши фаъолияти иҷтимоию касбии ҷавонон ва фаъолнокии онҳо гардида, ҷалби онҳо ба шаклҳои гуногуни омодагии касбӣ низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбиро ба болоравии иқтисодиёти мамлакат ва таъмини некуаҳволии шаҳрвандони он мусоидат менамояд. Амалишавии Барнома ба рушди ин зинаҳои таҳсилот мусоидат намуда, мутахассисони хатмкардаи ин зинаҳо дар рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ саҳми назаррас гузошт.

Ислоҳоти таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар асоси афзалияти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015, Барномаи давлатии рушди маориф барои солҳои 2008-2015, Барномаи давлатии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015, баланд бардоштани иқтидори захираҳои инсонӣ, қонеъ намудани талаботи шахс ва ҷомеа ба хадамоти соҳаи маориф, тайёр намудани кадрҳои коргарӣ тибқи талаботи иқтисоди миллии мамлакат амалӣ гардид.

Тибқи Барнома навсозии самтҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва тайёр намудани кадрҳо мувофиқи стандартҳои байналмилалии таҳсил, баланд бардоштани сифати тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ва рақобатпазир барои ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ, таъсиси низоми миллии арзёбии сифати таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар назар дошта шуда буд.

Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 дар ду марҳила амалӣ гардид:

*марҳилаи 1: солҳои 2012-2016;*

*марҳилаи 2: солҳои 2017-2020.*

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012 «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» тасдиқ шуда буд. Дар он, аз ҷумла гуфта мешавад, ки маориф дар ҳаёти имрӯза ба захираи муҳимтарини рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳо, баланд бардоштани некуаҳволӣ ва рушду такомули инфиродии шаҳрвандон мубаддал мегардад.

Мақсади асосии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам овардани шароит барои таъмини хизматрасонии амалию самарабахши маориф ва дастрас будани таҳсилоти дахлдори босифат барои ҳама мебошад. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ба ҳалли вазифаҳои зерин равона шуда буд:

*таъмини некуаҳволии шаҳрвандон ва суботи иҷтимоӣ дар ҷомеа;*

*бунёди заминаи кадрии рушди иқтисодӣ дар соҳаҳои афзалиятнок;*

*рушди истеҳсоли технологӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти мамлакат.*

Навсозии таҳсил яке аз ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 маҳсуб меёфт. Навсозии таҳсил барои ташаккулу инкишофи арзишҳои нави фарҳанги ҳуқуқӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Аз ҷумла, тибқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 тағйир додани мазмуни таҳсил дар самтҳои зерин пешбинӣ мегардид:

*таҳия ва ҷорӣ намудани барномаҳои нави замонавӣ бо мақсади таъмини инкишофи кӯдакон, омодасозии ҷисмонию руҳии кӯдакон ба фаъолияти мунтазами маърифатӣ;*

*навсозии мазмуни таҳсилоти умумӣ дар асоси гузариш аз модели донишандӯзӣ ба модели салоҳиятнокии таълим;*

*ташаккули ҷаҳонбинии ба фаҳмишҳои замонавии илмӣ, моҳиятан демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ асосёфта;*

*асосҳои рафтори хушахлоқона;*

*аз худ намудани малакаи ҳаётан муҳимму тарзи ҳаёти солим ва ташаккули дониши рафтор дар ҳолатҳои фавқулода;*

*омодасозӣ ба фаъолияти касбӣ;*

*навсозии таҳсилоти иловагӣ, бо назардошти вусъат бахшидани фаҳмишу тасаввуроти кӯдакон дар хусуси муҳити атроф, воридшавии онҳо ба дунёи касбӣ, ҷиҳати диниста интихоб намудани онҳо;*

*навсозии таҳсилоти махсус дар муносибати байниидоравӣ нисбат ба таҳсилот, офиятбахшӣ ва ба ҷомеа ҷалб намудани кӯдакони дорои эҳтиёҷоти махсус, мусоидат барои зоҳир намудани ташаббуси ҳартарафа, дастгирии такомули шахсият, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои фаъол сохтани мавқеи оила дар иҷтимоикунонии кӯдак, амалӣ намудани захираҳои дохилии худи кӯдак ва аъзои оилаи он;*

*навсозии мазмуни таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ва ба талаботи бозорҳои дохилии меҳнат, дархости оила ва мувофиқшавии бомуваффақият дар бозорҳои хориҷии меҳнат равона сохтани он;*

*навсозии мазмуни таҳсилоти олии касбӣ мутобиқи талаботи иқтисодиёт ва вазифаҳои ташаккули элитаи зеҳнии мамлакат.*

«Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014 тасдиқ шуда буд, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои иникшофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стратегияи рушди соҳаи маориф Тоҷикистон то соли 2020, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия шудааст. Барнома афзалият ва самтҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф дар самти дарёфт ва рушди истеъдодҳо муайян намуда, бо мақсади муҳайё намудани шароити зарурӣ барои таълими истеъдодҳо амалӣ гардид.

Зарурати таҳияи Барномаи вобаста ба пешрафти ҷомеа ва ҷаҳони муосир ба миён омада буд. Аз ҷумла, иқтисодиёти муосир ҳар чи бештар ба мутахассисоне, ки дониши амиқ ва қобилияти навоварӣ доранд, эҳтиёҷ дорад. Аз ин сабаб, яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат дар соҳаи маориф таъсиси низоми муассири таҳсилот, муҳайё намудани шароит барои таълиму тарбия, дарёфт, дастгирӣ ва рушди хонандагони болаёқат, фарогирии онҳо бо таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аз тариқи грантҳо ва бурсияҳо мебошад.

Дар шароити рушди босуботи ҳамкории байналмилалӣ ва ҳамгироии Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ талабот ба мутахассисоне, ки забонҳои русӣ ва англисиро хуб медонанд ва омодаанд, ки аз ин забонҳо дар шароити муошират ҳаррӯза ва касбӣ самаранок истифода баранд, меафзояд. Бинобар ин, андешидани тадбирҳои самарабахш барои такмили рушди минбаъдаи шаклу усули таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ ҳамчун воситаи муҳимми муошират байналмилалӣ ва байни миллатҳо зарур аст. Тадбирҳои мақсадноки андешида метавонанд доираи имконоти истифодаи амалӣ ва таҳияи методикаи муосири таълим, таҳия ва такмил додани маводи таълим, аз ҷумла мултимедиа, инчунин усулҳои худтаълимгирӣ ва худомӯзии фардиро тавсеа намоянд.

Донистани забонҳои русӣ ва англисӣ ҳамчунин роҳи шиносоӣ бо арзишҳои маърифати ҳуқуқии ҷаҳонӣ маҳсуб мешавад. Донишомӯзӣ дар соҳаи маърифати ҳуқуқии ҷаҳонӣ дар шароити густариши робитаҳои фарҳангӣ аҳамияти муҳим дорад.

Бо ин мақсад давоми солҳои 2004-2014 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2003 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014» бомуваффақият татбиқ гардид. Ҳамчунин «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2014 тасдиқ шуд. Дар он масъалаи рушди забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ ва забони русӣ ҳамчун забони муошират байни миллатҳо яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масъалаи забон эътироф мешавад.

Тибқи барнома, муошират байнифарҳангӣ робитаи инсонҳое аст, ки бо забонҳои гуногун ҳарф мезананд. Ҳар як забон, аз ҷумла русӣ ва англисӣ ифодагари фарҳанги воқеии ҷомеа ба шумор мераванд, ки дар он ё ин забон арзи ҳастӣ дорад ва ба фарҳанги он хизмат менамояд. Тавассути аз худ намудани забонҳои русӣ ва англисӣ инсон ҳамзамон бо фарҳанги миллии дигаре низ ошно мегардад, дунёи ботиниашро аз ҷаҳони маънавие, ки дар он забон

нуҳуфтааст, ғанӣ месозад. Масъалаи омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ бо масъалаи омӯхтани таърихи мамлакат, фарҳанг ва ҳаёти халқ вобаста мебошад.

Барнома чораҳои мушаххаси татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро аз 4 апрели соли 2003 «Дар бораи такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ менамуд.

Бо назардошти он ки табиати маърифати ҳуқуқӣ мутаҳаррику тағйирёбанда буда, вижагиҳои диалектикӣ дорад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раванди инкишофи ин падидаи ҳуқуқии ҷомеаро ба инобат гирифта, доир ба таҳияву пазироии консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳо дар соҳаи маориф иқдому ибтикороти муҳим амалӣ менамоянд.

Омӯзишу таҳлил нишон медиҳад, ки амалӣ шудани барномаҳои болозикр ҷиҳати таъмини ҳуқуқии рушди босуботи самти маориф ва густариши маърифати ҳуқуқӣ мусоидати назаррас намуданд. Ҳамзамон солҳои охир бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳо дар соҳаи маорифи мамлакат қабул шуданд, ки амалӣ гардида истодаанд, аз ҷумла — Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042», аз 31 августи соли 2022, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи таҳсилоти муттасил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2023, аз 25 январи соли 2017, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030», аз 30 июни соли 2021, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», аз 29 сентябри соли 2020, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи рушди устувори ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2027», аз 29 сентябри соли 2017, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии рушди илмию инноватсионӣ дар ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» аз 31 августи соли 2023, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи миёнамуҳлати тайёр кардани кадрҳои касбии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ барои солҳои 2023-2027», аз 31 августи соли 2023, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии рушди муассисаҳои соҳаи маорифи вилояти Хатлон барои солҳои 2022-2027», аз 31 октябри соли 2022, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии хусусӣ барои солҳои 2022-2027», аз 30 сентябри соли 2022, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии рушди ғизои мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027», аз 27 апрели соли 2022, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030», аз 30 июни соли 2021, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025», аз 30 апрели соли 2021, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025», аз 3 апрели соли 2021, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025, аз 3 апрели соли 2021, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, аз 30 августи соли 2019.

Ҳоло ин санадҳои муҳимми давлатӣ дар соҳаи маориф бомаром амалӣ гардида, дар самти рушди маориф ва густариши маърифати ҳуқуқии хонандагону донишҷӯён, омӯзгорон ва кулли кормандони соҳа нақши назаррас мегузоранд.

Дар радифи ҳуҷҷатҳои гуфташуда ба таври алоҳида қабули санади муҳимми тақдирсоз - Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030-ро махсус гуфтан бамаврид аст, чунки он рушди ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакатро муқаррар менамояд.

Лозим ба ёдоварӣ аст, ки сарчашмаи дигари инкишофи маърифати ҳуқуқӣ дар роҳи ба камолоти маърифати ҳуқуқӣ расонидани шаҳрвандон ин омӯзиши арзишҳо ва донишҳои ҳуқуқие мебошад, ки давоми садаҳои сипаригашта аз сӯйи мутафаккирони бузурги гузаштаи халқи тоҷик, баргузида шудаанд. Аз ҷумла, «Тибби рӯҳонӣ»-и Закариёи Розӣ, «Ҷовидон

Хирад»-и Ибни Мискавайҳ, «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ, «Тадбири манзил»-и Абуалӣ ибни Сино, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Саодатнома»-и Носири Хусрав, «Гулистон» ва «Бӯстон-и Саъдии Шерозӣ, «Ахлоқи Носирӣ»-и Насируддини Тӯсӣ, «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Футувватномаи султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш ва амсоли инҳо дар ташаккулу пешрафти шаклҳои гуногуни шуури ҷамъиятӣ (зебоипарастӣ, ахлоқӣ, сиёсӣ) хусусияти бунёдӣ дошта, метавонанд яке аз омилҳои густариши маърифати ҳуқуқӣ бошанд.

Дар ин росто, чунонки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз менамоянд, «мардуми соҳибфарҳанг ва адабпарвари мо аз қадим ба осори бадеӣ ва шахсиятҳои фарзонаи илму адаб меҳру муҳаббати хоса изҳор менамояд».

**АДАБИЁТ:**

1.Минбари халқ аз 4 январи соли 2024, № 1, (1449).
2.Садои мардум Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 157 (4740), аз 29.12.2023.
3.Шабакаи интернет ва садою симо.

**НАҚШИ МАОРИФ ДАР ТАШАККУЛИ ШУУРИ ҶАМЪИЯТӢ ВА СУБОТИ СИЁСӢ**

Дар ин мақола сухан дар бораи Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати милӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки қутбнамоест, ки моро ба андеша ва фаъолияти амалӣ водор менамояд, меравад. Пас аз баргузор гардидани Паём дар тамоми вазорату идора, корхонаю муассиса маъракаи шарҳу эъзоҳ додани нуктаҳои асосии Паём оғоз мегардад, ки дар ин раванд такроран хондан, вақти мардумро гирифтан шарт нест, балки ба фалсафаи Паём шинос сохтани аҳли нишаст зарур мебошад.

Паёми навбатӣ, ки 28-уми декабри соли 2023, баргузор гардид, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо санъати баланди суханварӣ бо забони ноби тоҷикӣ, ки устод Айнӣ сухан мекард андешаҳои хешро дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуданд, ки боиси пайравӣ дар фаъолияти эҷодӣ, дар татбиқ ва амалисозии эродҳои ӯ шудани ҳамагонро талаб менамояд.

***Калидвоаҳо:*** *Паём, самтҳои асосӣ, захираи инсонӣ, сифати таълим, забонҳои хориҷӣ, афзалиятнок, барномаҳо.*

**РОЛЬ ОБРАЗОВАНИЯ В ФОРМИРОВАНИИ ОБЩЕСТВЕННОГО СОЗНАНИЯ И ПОЛИТИЧЕСКОЙ СТАБИЛЬНОСТИ**

В данной статье речь идет о Послании Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики Таджикистан», являющийся руководством, которое побуждает нас думать и практически вести деятельность. После того, как Послание будет проведено во всех министерствах, ведомствах, предприятиях и учреждениях, начнется работа по разъяснению и комментированию основных положений Послания. При этом не обязательно перечитывать его повторно и отнимать время народа, необходимо ознакомить аудиторию с философией Послания.

Очередное Послание, состоявшееся 28 декабря 2023 года Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона с высоким искусством речи на благородном таджикском языке, как говорил устод Айни, высказал свои мысли по основным направлениям внутренней и внешней политики Республики Таджикистан, что требует от каждого следовать в творческой и практической деятельности реализации его замечаний.

***Ключевые слова:*** *Послание, основные направления, человеческие ресурсы, качество образования, иностранные языки, приоритет, программы по качествие обучения.*

**THE ROLE OF THE PRESIDENT'S ADDRESS IN THE DEVELOPMENT OF EDUCATION IN THE COUNTRY**

This article is about the Address of the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, esteemed Emomali Rahmon "On the Main Directions of the Domestic and Foreign Policy of the Republic of Tajikistan", which is a guide that encourages us to think and practically act. After the Address is carried out in all ministries, departments, enterprises and institutions, work will begin on explaining and commenting on the main provisions of the Address. At the same time, it is not necessary to reread it again and take up the people's time, it is necessary to familiarize the audience with the philosophy of the Address. The next Address, held on December 28, 2023, of the Founder of Peace and National Unity,

Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, respected Emomali Rahmon with high art of speech in the noble Tajik language, as Ustod Aini said, expressed his thoughts on the main directions of the domestic and foreign policy of the Republic of Tajikistan, which requires everyone to follow in creative and practical activities the implementation of his comments.

***Key words:*** *Address, main directions, human resources, quality of education, foreign languages, priority, quality education programs.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Махкамов Дастам - номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, сурога: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2, Тел: 93.502.15.64 .*

***Сведение об авторе:*** *Махкамов Дастам – кандидат педагогических наук, заведующий отделом начального, среднего и высшего образования Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. А. Адхамова, 11/2. Тел: 93.502.15.64.*

***Information about the author:*** *Makhkamov Dastam - candidat jf pedagogical sciences, head of the department of primary, secon dary and higher education at the Institute for educational development named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan. addres: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, A. Adamov street, 11/2, Tel: 93.502.15.64.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Гадоев Идибек Баротович – ходими пешбари илмии шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нишонӣ ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов.11/2, Тел:(992) 904 11 00 99 E-mail: gadoev.idibek@bk.ru*

***Информация об авторе:*** *Гадоев Идибек Баротович – ведущий научный сотрудник отдела начального, среднего и высшего профессионального образования Института развития образования имени Абдуррахмани Джамии Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, улица А. Адхамова, 11/2, Тел: (992) 904 11 00 99 E-mail: gadoev.idibek@bk.ru*

***Information about the author:*** *Gadoev Idibek Barotovich – leading researcher of the department of primary, secondary and higher vocational education of the Institute for Educational Development named after Abdurrahmani Jamia of the Academy of Education of Tajikistan, addrees Dushanbe citi, A. Adhamova street, 11/2, Tel: (992) 904 11 00 99 E-mail: gadoev.idibek@bk.ru*

# АҲАМИЯТИ ТАРБИЯИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ВА МАСЪУЛИЯТИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ТАШАККУЛИ ЗЕҲНИ ХОНАНДАГОН

***Иматзода Л.М.,***

**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии**
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

***Ризоева Н. М.***

**унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии**
**Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Муҳимтарин вазифаи маорифи кишвар рушди ҷомеаи инсонӣ, маънавиёт ва мустаҳкам намудани заминаи миллии таълиму тарбия буда, ҷиҳати баланд бардоштани дараҷаи ахлоқи ҷомеа, махсусан, наврасону ҷавонон ҳиссаи беназир мегузорад. Ба ин маънӣ, суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат,- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки таваҷҷуҳи низоми маорифро ба тарбияи насли навраси дорои сатҳи баланди ахлоқӣ, эҳсоси баланди ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ифода месозад, ҷолиби диққат мебошад: «Ҳадафи муҳимми низоми маориф тарбияи шахсияти фаъол ва созанда аст. Масъалаҳои дар зеҳну шуури хонандагон ва ҷавонон тарбия кардани эҳсоси худогоҳии миллӣ, худшиносии таърихӣ, истифодаи анъанаҳои беҳтарини маорифи миллӣ ва умумибашарӣ, арзишҳои фарҳангию ахлоқӣ, ки то имрӯз барои ноил шудан ба дастовардҳои илму техника ва фарҳанг мусоидат намудаанд, тахти таваҷҷуҳи доимии давлат қарор доранд».

Дар ин замина қабул гардидани санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва барномаҳои зиёде, аз ҷумлаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувийяти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022", соли 2024 эълон гардидани «Соли маърифати ҳуқуқӣ» барои тарбияи насли наврасу ояндасозро дар назди кормандони соҳаи маорифи кишвар ва аҳли ҷомеа мегузорад.

Дар таҳқиқоти мазкур масъалаҳои "Рушди тарбияи худогоҳиву хештаншиносӣ ва ватандӯстию меҳанпарастии наврасону ҷавонон дар заминаи педагогикаи миллӣ ва Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Этнопедагогика (педагогикаи мардумӣ) – асоси худшиносии хонандагон дар рушди педагогикаи миллӣ" ва "Ташаккули айнияти шаҳрвандӣ, сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувийяти миллӣ ва ҳисси ватандӯстӣ дар ниҳоди наврасону ҷавонон (дар ҳошияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон") мавриди таҳлилу баррасӣ қарор меёбанд.

Мавриди таҳқиқотӣ гузаронидани чорабиниҳои оммавӣ оид ба таҳқиқи сатҳи маърифати ҳуқуқии хонандагон дар доираи эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ», методикаи ташкил ва гузаронидани раванди тарбияи ватандӯстӣ дар ҳошияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» дар муассисаҳои таълимии миёнаи умумии шаҳрҳои Гулистону Бустони вилояти Суғд корҳои таҳқиқотӣ баргузор гардиданд.

Бояд қайд кард ки дар ҷаҳонишавии ҳаёти муосир «бuҳрони амиқе соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеаи ҷаҳониро фаро гирифтааст, маънавиёти инсонро коста гардонида, ба густариши эҳсоси бадбинӣ, нафрат, ҷангу хунрезӣ, терроризм, харобкорӣ ва ғайра мусоидат менамояд». Аз ҷониби дигар, глобалӣ шудани мазмуни таҳсилот ва ҳамгироии халқҳою миллатҳо хавфи аз байн бурдани арзишҳои миллатҳои камнуфусро ба миён меорад. Аз ин сабаб, гуманизатсияи ҳаёти ҷомеа ва тарбияи хештаншиносию ватандӯстии наврасону ҷавонон масъалаи муҳим маҳсуб меёбад.

Вазифаҳои таҳқиқот:

-ташкил ва баргузории таҳқиқоти педагогӣ, ки дар рафти он шаҳрвандон дар руҳияи муносибати ватандӯстона ба ҷомеа ва давлат дар заминаи фаъолияти баланди ҷамъиятӣ тарбия шуда, масъулияти шаҳрвандӣ таъмин мегардад;

-таъмини ташкилию методии тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон, аз ҷумла наврасон, таҳияи барнома ва методикаҳои махсус доир ба ташкил ва гузарондани тарбияи ватандӯстӣ дар шаклҳои гуногуни он;

-муайян ва таҳлили ҷанбаҳои тарбиявии педагогикаи халқӣ, ҷойгоҳ ва мақоми низоми арзишҳои миллӣ ва анъанаҳои фарҳангии халқ дар рушди худшиносии миллии хонандагон;

Масъалаи тарбияи наврасон дар Тоҷикистон паҳлуҳои мухталиф дошта, аз ҷониби олимону таҳлилгарон равандҳои фикрӣ ва фарҳангии муҳити онҳо ба таври алоҳида омӯхта мешавад, ки иҷрои ин амал барои шинохти масъалаи мазкур имконият медиҳад.

Дар марҳилаи таҳқиқотӣ ба чунин хулоса омадем, ки давраи ҳозираи инкишофи ҷомеа нисбат ба ташаккули сифатҳои шахсият, такмили раванди таълиму тарбия дар заминаи ақидаҳои мутаффакирони гузаштаи тоҷику форс ва олимону муҳаққиқони замони муосир муносибатҳои навро тақозо мекунад.

Дар тарбияи наврасон муҳимтарин сифатҳои ахлоқӣ, аз қабили маънавиёт, озодӣ, ҷавонмардӣ ва ғайра, ки дар афкори педагогии миллӣ дарҷ ёфтаанд, истифода гарданд. Ин арзишҳо ба тарбияи худшиносии миллӣ ва иҷтимоишавии наврасон мусоидат менамоянд.

Масъалаҳои мазкур, махсусан, дар "Авасто" ва дигар манбаъҳои тоисломии тоҷикон, дар сарчашмаҳои динӣ, осори ахлоқии ниёгони тоҷик, дар адабиёт ва дар асарҳои мушаххасе чун «Қобуснома»-и Унсурмаолии Кайковус, «Гулистон» ва «Бӯстон» -и Шайх Саъдӣ, «Андарзномаи Анӯшервон» -и мансуб ба Бадеъи Балхӣ, «Ахлоқи носирӣ»-и Насириддини Тӯсӣ, «Ахлоқи муҳсинӣ» ва «Футувватномаи султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва бисёр дигарон хеле нишонрас баён гаштаанд, ки дар тарбияи инсони комил нақши созгоре доранд. Тарбияи миллии шаҳрванд бе донистани маълумоти нисбатан васеъ, ки аз сарчашмаҳои гуногун мегиранд, имконнопазир аст.

Дар осори худ олимони кишвар Т. Атохонов, М. Орифӣ, Р. Амиров, И.Обидов, М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, К. Б. Кодиров, Б. Раҳимов, А. Нуров, Х. Раҳимзода, С. Сулаймонӣ, Б. Маҷидова, Ш. Сафаров, Н. Юнусова, Д. Латифзода, Ҷ. Файзализода, С. Негматов, А. Мирализода ва дигарон ба мероси педагогии ниёгон рӯ овarданд ва дар натиҷа таҳқиқотҳои зиёде ба майдон омаданд, ки дар онҳо масъалаҳои асосии инкишофи ақидаҳои педагогии мутаффакирони тоҷик дар тарбияи насли наврас баррасӣ шуданд.

Ҳадафи асосии таҳқиқот муайян намудани талабот, интизорӣ ва бартариҳои хонандагон дар самти таълим додан оид ба ташаккули тафакури миллӣ ва худшиносӣ, инчунин ҷиҳати расондани ёрии методию амалӣ ва педагогӣ ба роҳбарони синф ва омӯзгорон дар муассисаҳои таълимӣ дар ҳошияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ва соли 2024 эълон гардидани «Соли маърифати ҳуқуқӣ» мебошад.

Барои муайян кардани дараҷаи фаҳмиши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ №№1,14-и ш.Гулистон ва №10 ва Гимназияи №1-и ш.Бӯстон (ҷамъ 185 нафар) оид ба масълаи мазкур саволнома гузаронидем, ки 30 саволи кутоҳро оид ба таърихи халқи тоҷик ва эълон гардидани «Соли маърифати ҳуқуқӣ», бахшида ба истиқболи 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирифт.

**Саволҳои кӯтоҳ дар шакли:**

Пойтахти Суғдиён кадом шаҳр буд?

Моҳияти «Авасто» дар чист?

Маънои вожаи «хуросон» чист?

Номи қадимаи Мовароуннаҳр чӣ буд?

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» кай қабул гардид ва мақсаду вазифаҳои он аз чӣ иборат аст?

“Тафаккури миллӣ чист?”

“Эҳсоси худшиносиро чӣ тавр мефаҳмед?”

“Муҳаббат ба Ватанро бо истифодаи кадом мафҳумҳо шарҳ дода метавонед?” ба хонандагон пешниҳод ва мавриди таҳлил қарор ёфта, натиҷаҳои ба дастомада ҷамъбаст гардиданд.

Инчунин бахшида соли 2024 эълон гардидани «Соли маърифати ҳуқуқӣ» 10 саволи кутоҳ пешниҳод гардид:

Ба ифтихори кадом санаи бисёр муҳимми таърихӣ соли 2024 – ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардид?

Маҷлиси Олии Тоҷикистон аз чанд палата иборат аст ва онҳо чӣ ном доранд?

Мақомоти олии намояндагӣ ва қонунбарори Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ ном дорад?

Шакли фаъолияти Маҷлиси миллӣ (қайд кунед):

A) Ҷаласа. B) Иҷлосия. C) Маҷлис. D) Муҳокима.




Натиҷаҳои бадастомада нишон дод, ки дар аксарияти хонандагон - 46% дар сатҳи миёнаи ташаккули худшиносии миллӣ буданд. Дар дараҷаи кофӣ – 17%, паст – 25% ва фақат 15% дараҷаи баланди худшиносии миллӣ доштанд.

Дар рафти тадқиқот аз ҷониби хонандагон ва омӯзгорон пешниҳоду тавсияҳо оид ба интизории онҳо оид ба масъалаи мазкур зикр намудем. Аз ин рӯ, пешниҳоду тавсияҳоро омӯхта шуда, барои омода намудани барномаи озмоишӣ ва истифодаи минбаъдаи он пешбинӣ шудаанд.

Ҷамъбати таҳқиқот дар МТМУ № 1 шаҳри Гулистон дар мавзӯи “Ташаккули худшиносии миллии наврасон дар замони муосир” дар ҳошияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ва соли 2024 эълон гардидани «Соли маърифати ҳуқуқӣ» семинари илмӣ баргузор гардид.

Тавсия дода шуд, ки бештар соатҳои тарбиявӣ атрофи мавзӯъҳои мазкур баргузор намоянд:

-ташаккули андешаву шуури миллӣ, гиромидошти анъанаҳои умумибашарӣ, ҳисси ватанпарастӣ, зеҳни солиму ақли расо, хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, аз ҷумла рафтор, пиндор ва гуфтори нек – мавзӯъҳои **“**Ҷаҳонишавӣ ва оқибатҳои он”, “Гуфтори нек, рафтори нек, пиндори нек» ва ғайра.

-ба роҳ мондани тарғибу ташвиқот тариқи воситаҳои ахбори омма ҷиҳати рушду ташаккули тарбияи насли наврас дар шароити муосир – **“**Китобхона гавҳари боигариҳои

маънавии инсоният”, “Дин ва фарҳанги истеъмоли иттилоот», “Оила ҷои муқаддас аст!” ва ғайра.

Дар охир натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардида, чунин хулосаҳо арзёбӣ шуданд:

Тарбияи маънавию ахлоқии насли наврас ҳамчун рукни асосии давлатдории миллӣ дар рушди ҷомеаи муосир яке аз самтҳои асосӣ маҳсуб ёфта, ба ташаккули дар зеҳну шуури хонандагон ва ҷавонон тарбия кардани эҳсоси худогоҳии миллӣ, худшиносии таърихӣ, истифодаи анъанаҳои беҳтарини маорифи миллӣ, арзишҳои фарҳангию ахлоқӣ мусоидат менамояд.

Дар асоси таҳқиқоти мазкур “Барномаи тарбиявӣ оид ба ташаккули худшиносии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ» бо истифода аз омӯзиши мероси намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир, анъана ва ойинҳои миллӣ, ки тавассути он дар хонандагон ҳисси мансубият ба арзишҳои маънавии мардум ташаккул ёфта, фаъолияти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зоҳир мегардад, коркард шавад.

Барои омӯзиши адабиёти классикии тоҷик ва муосир ҷиҳати рушди ҷаҳонбинии наврасон дар такя ба тафаккур, фарҳанг ва ахлоқи миллӣ таҳқиқот гузаронида шуда, натиҷаи он дар конфронс, семинар ва мизҳои мудаввар мавриди баррасӣ қарор ёбанд.

**АДАБИЁТ:**


1.Антологияи афкори педагогии халқи тоҷик – Душанбе: Матбуот, 2009. – 448 с.

2.Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бо қарори Хукумати Чумҳурии Тоҷикистон аз 3.03.2006, №94 тасдиқ гардидааст [Матн]. – Душанбе, 2006. – 26 с.

3.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон. Аз 16 декабри соли 2022, № 332.

4.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» - Душанбе, 2022.

5.Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халки точик - Душанбе.:Ирфон, 2001. - 318с.

6.Шарифзода Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ.- Душанбе, Ирфон, 2010.- 543 с.

7.Раҳимов Б., А. Нуров. Педагогикаи этникӣ ва ахлоқии мардуми тоҷик. Душанбе,2008.

8.Иматова Л.М., Ризоева М. Арзишҳои миллӣ ҳамчун заминаи ташаккулёбии ҷахонбинии миллии насли наврас. //Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе. 2020.- № 2 (30). – С. 196-199. - ISSN 2617


## АҲАМИЯТИ ТАРБИЯИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ВА МАСЪУЛИЯТИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ТАШАККУЛИ ЗЕҲНИ ХОНАНДАГОН


Дар мақола масъалаҳои аҳамияти тарбияи худшиносии миллӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ дар ташаккули зеҳни хонандагон таҳлил гардидааст. Таҳқиқоти мазкур масъалаҳои “Рушди тарбияи худогоҳиву хештаншиносӣ ва ватандӯстию меҳанпарастии наврасону ҷавонон дар заминаи педагогикаи миллӣ ва ва ташаккули айнияти шаҳрвандӣ, сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувийяти миллӣ ва ҳисси ватандӯстӣ дар ниҳоди наврасону ҷавонон (дар ҳошияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон”) мавриди таҳлилу баррасӣ қарор меёбанд. Дар охир натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардида, Барномаи тарбиявӣ оид ба ташаккули худшиносии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ» таҳия гардида, мавриди озмоиш қарор ёфт.



***Калидвожаҳо:*** *худшиносии миллӣ, тарбияи шаҳрвандӣ, маърифати ҳуқуқии хонандагон, вазифаҳои таҳқиқот, барномаи тарбиявӣ, соатҳои тарбиявӣ, натиҷаи таҳқиқот.*


## ЗНАЧИМОСТЬ ВОСПИТАНИЯ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОСОЗНАНИЯ И ГРАЖДАНСКОЙ ОТВЕТСТВЕННОСТИ В ФОРМИРОВАНИИ АКТИВНОГО ИНТЕЛЛЕКТА УЧАЩИХСЯ


В статье анализируется значение национального самосознания и гражданской ответственности в формировании активного интеллекта учащихся. В данном исследовании рассматриваются вопросы развития религиозного образования, самосознания и патриотизма подростков и молодежи на основе национальной педагогики и развитие гражданской идентичности, высоких моральных качеств, национальной идентичности и чувства патриотизма у подростков и молодежи (в рамках реализации Закона Республики Таджикистан «О воспитании патриотизма граждан»). В итоге были обобщены результаты исследования, разработана и апробирована образовательная программа по формированию национального самосознания средствами народной педагогики.



***Ключевые слова:*** *национальное самосознание, гражданское воспитание, правовое воспитание учащихся, исследовательские задачи, образовательная программа, воспитательные часы, результаты исследования.*

## THE IMPORTANCE OF EDUCATION OF NATIONAL IDENTITY AND CIVIC RESPONSIBILITY IN THE FORMATION OF ACTIVE CONSCIOUSNESS OF STUDENTS

The article analyzes the importance of national identity and civic responsibility in the formation of the active consciousness of students.This study examines the development of religious education, self-awareness and patriotism of adolescents and youth on the basis of national pedagogy and the development of civic identity, high moral qualities, national identity and a sense of patriotism among adolescents and youth (within the framework of the implementation of the Law of the Republic of Tajikistan "On Education of Patriotism of Citizens" ). As a result, the results of the study were summarized, and an educational program for the formation of national self-awareness through folk pedagogy was developed and tested.

***Key words:*** *national identity, civic education, legal education of students, research tasks, educational program, educational hours, research results.*

***Маълумот дар бораи муаллифон:*** *Иматзода Лутфия Маҳмадулло - доктор илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ. Адрес: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Адҳамов 11/2 . Тел. (992) 93-466- 20-02. e-mail: imatoval@mail.ru.*

*Ризоева Нигинамо - унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, email: niginamo@mail.ru.*

***Сведения об авторах:*** *Иматзода Лутфия Махмадулло - доктор педагогических наук, профессор, заведующий отделом педагогики, психологии и методики обучения Института развития образования им.Абдурахмана Джами АОТ. Адрес: 734024, Республика Таджикистан, г.Душанбе улица Адхамова 11/2. Тел. (992) 93-466-20-02, e-mail: imatoval@mail.ru.*

*Ризоева Нигинамо соискатель Института развития образования им.Абдурахмана ДжамиАОТ,email:niginamo@mail.ru.*

***Information about the authors:*** *Imatzoda Lutfiya Mahmadullo - Doctor of Pedagogical Sciences, Professor, Head of the Department of Pedagogy, Psychology and Teaching Methods of the Institute for Educational Development named after Abdurakhman Jami AOT. Address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Adkhamova street 11/2. Tel. (992) 93-466-20-02, e-mail: imatoval@mail.ru.*

*Rizoeva Niginamo - Competitor of the Institute for the Development of Education named after Abdurakhman Jomi of the Academy of Education of Tajikistan. email: niginamo@mail.ru.*

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ МАТЕМАТИЧЕСКОГО НАСЛЕДИЯ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКИХ УЧЕНЫХ ПРИ ИЗУЧЕНИИ ЕСТЕСТВЕННО - МАТЕМАТИЧЕСКИХ ДИСЦИПЛИН В УСЛОВИЯХ ИНКЛЮЗИВНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

***Кодиров Б.Р., Буриев Б.Б.***

**Институт развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана**

Математическое наследие таджикско-персидских ученых Среднего Востока оставило глубокий след в мировой науке. Эти ученые внесли значительный вклад в развитие алгебры, геометрии, астрономии и других естественно - математических дисциплин, став основателями многих современных естественно – математических концепций. Изучение их достижений не только важно для понимания развития мировой науки, но и имеет огромный духовно-воспитательный потенциал. Оно способствует формированию гуманизма, интернационализма, патриотизма - идеи единства и взаимосвязи народов мира через науку и культуру.

Математическое наследие таджикско-персидских классиков не только способствовало развитию наук, но и оказало влияние на мировую культуру. Их труды распространились далеко за пределы Среднего Востока и были переведены на многие европейские языки. Например, аль-Хорезми оказал огромное влияние на европейскую науку через свои труды по алгебре, геометрии, тригонометрии и астрономии, которые стали основой для дальнейших математических исследований в Европе.

В современном мире, где глобализация усиливает взаимодействие между странами, изучение истории науки с точки зрения различных культур помогает развивать у обучающихся уважение к многообразию и важности научных достижений других народов. Классические персидско-таджикские математики, такие как Омар Хайям, аль-Хорезми, Насир ад-Дин ат-Туси и аль-Бируни, внесли свой вклад не только в развитие науки, но и в построение моста между культурами и цивилизациями.

В основном интерес к истории естествознанию и методическим проблемам начат с 50-х годов прошлого столетия. Здесь нужно особенно отметить важную роль исследователей бывшего Советского союза, таких как: М.Э. Бадалова, П.Г.Булгакова, Г. Н. Кары - Ниязова, А. К Кубесова, Г. Д. Мамадбейли, Г. П. Матвиевской, Б.А.Розенфельда, М.М.Рожанной, С.Х.Сирождинова, Х.Х.Тиллашева, А.П.Юшкевича, и многих других. В бывшем Союзе

была создана научная школа по исследованию рукописей ученых- естествоиспитателей Среднего и Ближнего Востока, сыгравшую большую роль в развитии науки и в Европе. Из этой научной школы из Таджикистана выросли такие известные ученые доктора и кандидаты наук как К. Б. Кадыров, Б. Р. Кодиров, А. Комили, Г. Собиров, И. Ходжаев и ряд других.

С другой стороны следует отметить что к исследованию наследия ученых-естествоиспитателей Средней Азии и Среднего Востока посвяшены работы таких ученых Х.С. Афзалова, М. Арипова, К.Б. Кадырова, Б. Р. Кодирова, А Содыкова, А. Пахлавонова, У.К. Шерматовой, Л.М Фридман, и многих других.

В настоящее время идет анализ некоторых научных трудов ученых естествоиспитателей с точки зрения методического подхода изложения материала, вычленить и проследить их педагогические возрения и дать рекомендации по их исспользованию в процессе обучения и воспитания, в контексте современных требований, предявляемых в школах Таджикистана с учетом новых исследований. И естественно, при этом основное внимание уделяется к целям и средствам воспитания человека, содержанию и методам научного образования как существенного фактора формирования личности, принципам и методам обучения, взаимоотношению между наставником (учителем) и учеником.

История науки полна примеров великих ученых, чей вклад в развитие естествознания оставил неизгладимый след в мировой науке. Среди таких выдающихся личностей стоит отметить таджикско-персидских ученых, чьи труды обогатили не только науку, но и культуру. Их работы, сыгравшие важную роль в становлении математики, астрономии, медицины и других наук, до сих пор остаются источником вдохновения для молодежи, воспитывая в них патриотизм и гордость за свою историю и культуру.

1.**Абу Абдуллах Мухаммад ибн Муса аль-Хорезми (783- 850)** – один из самых известных ученых Среднего Востока, который стал основателем алгебры и популяризатором десятичной системы исчисления. Его труды по математике и астрономии заложили основу для многих современных научных открытий [1,с.15].

2.**Абрайхан Мухаммад ибн Ахмад Беруни (973-1048)**- историк, лингвист, энциклопедист, математик, астроном. Его труды относятся к различным вопросам гуманитарных и естественных наук. Его привлекали история, лингвистика, философия, география, минералогия и фармакология. Особый интерес вызывали у него точные науки-математика, астрономия, геодезия, в развитие которых он внёс огромный вклад[12,с.22].

3.**Абу Али ибн Сина (Авиценна, 980-1037)** – философ, врач и математик, чьи труды по медицине и естественным наукам на протяжении веков использовались в Европе и на Востоке. Его труды по математике, астрономии, логики и медицины оказывали влияние на развитие естествознания на протяжении столетий и актуальна по сей день. [13,с.98].

4.**Омар Хайям (1048-1131** – великий поэт и математик, чьи работы по геометрии и алгебре внесли значительный вклад в развитие математики. Он также известен своими реформами календаря и достижениями в астрономии [6,с.33].

Математическое наследие этих ученых также подчеркивает важность образования и науки как инструмента для личного и национального развития. Подрастающее поколение через изучение трудов своих предков может увидеть, что знания и наука являются ключевыми элементами прогресса, что способствует развитию не только интеллектуальных способностей, но и моральных качеств, таких как ответственность за свое будущее и будущее своей страны.

Исследования показали, что существует взаимосвязь между математической культурой и инклюзивным образованием.

Взаимосвязь изучения между математической культурой и инклюзивным образованием в современных условиях проявляется в использовании подходов многообразия и культурного наследия для улучшения образовательного процесса в нуждах всех обучающихся, включая тех, у кого есть традиционные образовательные методы. Это помогает создать более доступное и мотивирующее учебное пространство, в котором каждый ученик может максимально раскрыть свой потенциал. Вот несколько ключевых аспектов этих взаимосвязей:

Культурное и историческое обогащение: включение в учебный процесс математического наследия, например, таджикско-персидских ученых, таких как Аль-Хорезми, Омар Хайям и Насир ад-Дин ат -Туси, позволяет учащимся узнать о вкладе разных культур в науку о развитии. Это способствует формированию уважительного отношения к культурным различиям и помогает всем ученикам почувствовать себя частью глобальной

научной традиции. В инклюзивном образовании это особенно важно, так как способствует взаимопониманию и уважению между обучающимися.

Взаимосвязь между истории математики и инклюзивным образованием в современных условиях заключается в том, что эти области обеспечивают общие цели - обеспечение равного доступа к знаниям и развитию компетенций у всех учащихся, независимо от их происхождения или ограничений.

Исторические материалы при изучении математики в условиях инклюзивного образования помогает развивать знание, умение и навыки, что необходимо для всех ресурсов, независимо от их способностей. При грамотном использовании наследие таджикско-персидских ученых - математиков в условиях инклюзивного образования можно помочь каждому ученику усвоить математические понятия, которые способствуют развитию его когнитивных способностей.

Наша практика доказала, что при грамотном использовании наследия таджикско-персидских ученых - математиков в условиях инклюзивного образования у школьников в первую очередь развивается критическое мышление. Развитие критического мышления и навыков анализа тесно связано друг с другом, так как оба этих навыка помогают школьникам принимать обоснованные решения, формировать собственные взгляды и решать сложные задачи. Вот несколько ключевых аспектов, которые демонстрируют использование наследие таджикско-персидских ученых- математиков в условиях инклюзивного образования:

1. **Сбор и оценка информации**: Критическое мышление требует умения собирать информацию из разных источников и оценивать её достоверность и значимость. Навыки анализа помогают структурировать эту информацию, выделяя важные детали и устанавливая причинно-следственные связи.

2. **Логическое мышление**: Для критического мышления важно уметь рассуждать логически и последовательно. Анализ информации позволяет выявлять логические закономерности и строить умозаключения, основанные на фактах и данных.

3. **Оценка аргументов**: Критическое мышление включает в себя способность анализировать аргументы и видеть их слабые и сильные стороны. Для этого важно уметь структурировать информацию, разделять её на части и сравнивать разные точки зрения.

4. **Принятие решений**: Навыки анализа помогают критически осмыслить ситуацию и рассмотреть возможные варианты решений. Это позволяет принимать обоснованные решения на основе собранной и проанализированной информации.

5. **Решение проблем**: Критическое мышление помогает находить нестандартные подходы к решению проблем, а аналитические навыки помогают разложить проблему на составляющие и найти её корень.

6. **Формирование собственного мнения**: Развитие критического мышления помогает людям не только понимать чужие точки зрения, но и формировать собственные мнения, основываясь на фактах и логических выводах. Анализ данных и информации даёт основу для обоснования этих мнений.

Таким образом, развитие критического мышления невозможно без умения анализировать информацию, а умение анализировать требует критического осмысления полученных данных. Эти навыки дополняют друг друга и являются важной основой для успешного обучения и принятия решений в реальной жизни.

Проводимая в настоящее время обновление в системе образования в Республике Таджикистан, переход на компетентностное обучение в общеобразовательных учреждениях, повышение качество образования видвигает новые цели, а именно овладение учащимися новых методов научного естественно-математического исследования окружающего мира, началами методологии этих наук, а также применение в решении различных пратических задач.

Среди многих путей решения этих проблем немаловажное значение имеет ознакомление и внедрение в учебный процесс изучение исторических элементов естествознания, использования отдельных фактов при проведении занятий по естественным дисциплинам [7,с.49].

Историческими вопросами естествознания, особенно математики в нашей республики посвящено большое количество исследований.

Цели и задачи занятий в таджикской школе, его роли в современном образовании, при этом учитывая национальные особенности, отмечены в работе известного педагога, академика Академии образования Таджикистана профессора М. Лутфуллозода[8,с.4].

Таким образом, одним из важнейших аспектов изучения трудов таджикско-персидских ученых является использование математического наследия таджикско-персидских ученых при изучении естественно- математических дисциплин в условиях инклюзивного образования.

Познание великих достижений своих предков помогает молодому поколению понять, что их культура и народ сделали огромный вклад в мировую науку. Через изучение наследия таких ученых, как аль-Хорезми и Хайям, молодые люди учатся ценить свою историю, гордиться своим народом и стремиться к новым достижениям.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1.Аҳмадова Т. Ӯрта Осиёлик машҳур олимларнинг математикага доир ишлари. Тошкент «Ӯқитувчи» 1983, 213 с.

2.Қодиров Б.Р. Межпредметные связи: Инновация и творческое мышление учащихся. – Душанбе - 2006, 172с. - Душанбе-1999, 180 с.

3.Муҳаммад ибни Мӯсо Хоразмӣ. Рисолаи Ҷабру муқобала ва китоб- ул васоё. (Мураттиб ва муаллифи тавзеот И.Ҳоҷиев; Зери назар ва бо пешгуфтори К.Айнӣ). –Душанбе.Ирфон,1984, 132 с.

4.Муҳаммад Наҷмуддинхон. Рисола дар ҷабру муқобала. (Таҳияи матн, факсимиле тадқиқоту тавзеот ва луғатҳо аз Илҳом Ҳоҷиев.) Душанбе «Дониш»-1983, 75 саҳ.

5.Марочник С.Б. Философские взгляды Омара Хайяма. Таджикгосиздат, Сталинобод, 1952, 35 с.

6.Сатторов А. О методике использования достижений ученых Средневекового Ближнего Востока и Среднего Востока в процесс обучения математики Душанбе. «Ирфон» 2009, 140 с.

7.Сатторов А. Педагогические идеи ученых естествоиспытателей Ближнего Востока и Среднего Востока IX – XII вв. – Душанбе- Дониш 173 с.

8.Сборник материалов IV международной конференции «Инклюзивное образование: проблемы, поиск путей решения». Академия образования Таджикистана 21-22 декабря 2018.250с.

9.Сборник материалов V международной конференции «Инклюзивное образование: проблемы, поиск путей решения». Академия образования Таджикистана 14-15 декабря 2019. 151с.

10.Сираждинов С.Х., Матвиевская Г.П. Ал-Хорезми-видающийся математик и астроном. Москва. Просвещение, 1983, 78 с.

11. Сираждинов С.Х., Матвиевская Г.П. Ал-Беруни и его математические труды. Москва. Просвещение, 1983, 95 с.

12. Содиков А.У. Аз таърихи афкори ахлоқии мутафаккирони Шарқ

13. Шерматова У.К., Фридман Л.М. Истифодаи элементҳои таърихи математикаи Осиёи Миёна дар таълими математика. Душанбе, «Маориф».1986, 70 с.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ МАТЕМАТИЧЕСКОГО НАСЛЕДИЯ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКИХ УЧЕНЫХ ПРИ ИЗУЧЕНИИ ЕСТЕСТВЕННО-МАТЕМАТИЧЕСКИХ ДИСЦИПЛИН В УСЛОВИЯХ ИНКЛЮЗИВНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

Актуализируется проблема использование математического наследия таджикско-персидских ученых при изучении естественно- математических дисциплин в условиях инклюзивного образования. Анализируется воспитательные аспекты использования математического наследия таджикско-персидских ученых при изучении естественно - математических дисциплин в условиях инклюзивного образования.

В статье раскрываются сущностные характеристики взаимосвязь между математической культурой и инклюзивным образованием. Показана роль наследия таджикско-персидских ученых при изучении естественно - математических дисциплин в условиях инклюзивного образования.

***Ключевые слова:*** *математика, наследие, таджикско-персидские ученые, естественно - математические дисциплины, инклюзивное образование.*

## ИСТИФОДАИ МЕРОСИ РИЁЗИИ ДОНИШМАНДОНИ ТОҶИКУ ФОРС ДАР ОМӮЗИШИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ ВА РИЁЗӢ ДАР ЗАМИНАИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР

Масъалаи истифодаи осори олимони риёзидони тоҷику форс дар омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ дар шароити таҳсилоти фарогир такмил меёбад.

Дар мақола аз ҷониби муаллифон ҷанбаҳои тарбиявии истифодаи осори олимони риёзидони тоҷику форс дар омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ дар шароити таҳсилоти фарогир мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Хусусиятҳои асосии робитаи фарҳанги математикӣ ва таҳсилоти фарогир ошкор карда шудаанд. Нақши мероси олимони тоҷику форс дар омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ дар шароити таҳсилоти фарогир нишон дода шудааст.

***Калидвожаҳо:*** *риёзиёт, мерос, олимони тоҷику форс, фанҳои табиӣ-риёзӣ, таҳсилоти фарогир.*

## THE USE OF THE MATHEMATICAL HERITAGE OF TAJIK AND PERSIAN SCHOLARS IN THE STUDY OF NATURAL SCIENCES AND MATHEMATICS IN THE CONTEXT OF INCLUSIVE EDUCATION

The issue of using the mathematical heritage of Tajik and Persian scientists in the study of natural sciences and mathematics is improving in the conditions of inclusive education.

In the article, the authors analyzed the educational aspects of using the mathematical heritage of Tajik and Persian scientists in the study of natural sciences and mathematics in the conditions of comprehensive education.

The main characteristics of the relationship between mathematical culture and inclusive education are revealed. The role of the heritage of Tajik and Persian scientists in the study of natural sciences and mathematics in the conditions of comprehensive education is shown.

***Keywords:*** *mathematics, heritage, Tajik and Persian scientists, natural-mathematical sciences, comprehensive education.*

***Маълумот дар бораи муаллифон:*** *Қодиров Бахтиёр Розиқович- доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ходими калони илмии шуъбаи технологияи инноватсионии таълим ва гузариш ба таҳсилоти 12 - солаи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе. +992 92 633 5504, bakhtiyor_0663@mail.ru*

*Буриев Бахтиёр Болтаевич -ходими пешбари илми Раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Сурога: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш.Душанбе кучаи Адҳамов,11/2 . Тел.+992903004611, buriiev1956mailru@mail.ru*

***Сведения об авторах:*** *Кодиров Бахтиёр Розикович- доктор педагогических наук,профессор, страший научный сотрудник отдела разработки и внедрения инновационных технологий(переход на 12-летнее образование) Института развития образования Академии образования Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан.г.Душанбе, ул.Адхамова 12/2. Тел.+99292633 5504, bakhtiyor_0663@mail.ru*

*Буриев Бахтиёр Болтаевич –ведуший научний сотрудник Управления диагоностики и рецензирования учебной литературы Института развития образования Академии образования Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.Адхамова 12/2.Тел.+992903004611, buriiev1956mailru@mail.ru*

***Information about authors:*** *Kodirov Bakhtiyor Rozikovich - Doctor of Pedagogical Sciences, Professor, Senior Researcher of the Department of Development and Implementation of Innovative Technologies (transition to 12-year education) of the Institute for Education Development of the Academy of Education of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan. Dushanbe, Adhamova St. 12/2.Tel. +99292633 5504, bakhtiyor_0663@mail.ru*

*Buriyev Bakhtiyor Boltaevich - leading researcher of the Department of diagnostics and review of educational literature of the Institute for Education Development of the Academy of Education of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Adhamova St. 12/2.Tel. +992903004611, buriiev1956mailru@mail.ru*

**УДК- 376..159.9**
**ББК- 74.57.88.5.**
**Р-44**

## РОҲҲОИ ПЕШГИРӢ НАМУДАНИ АҚИБМОНИИ ХОНАНДАГОН ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

***Раҳмонов З. П.,***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**
***Котибова Ш. П.***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Дар синфҳои ибтидоӣ фаъолияти таълимӣ дар байни дигар фаъолиятҳо ҷойи асосиро ишғол мекунад. Аз ин рӯ, вазифаи асосии таълими ибтидоии муосир, пеш аз ҳама, дар синфҳои ибтидоӣ ташаккул додани фаъолияти ҳамаҷонибаи таълимӣ мебошад. Танҳо дар ҳамин шароит онҳо метавонанд дар синфҳои болоӣ бомуваффақият таҳсил намоянд, ки омӯзиш яке аз намудҳои фаъолияти фоиданоки ҷамъиятии мактаббачагон мегардад.

Мушкилоти қафомонии хонанда аз таълим дар замони муосир диққати ҳам омӯзгорон ва ҳам волидонро ба худ ҷалб сохтааст. Тағйирот дар соҳаи маърифатӣ, ки дар синфҳои ибтидоӣ ба вуқӯъ меоянд, барои инкишофи минбаъдаи комил хеле муҳим мебошанд. Дар ҳақиқат, равандҳои маърифатӣ алоҳида аз ҳамдигар амал намекунанд, балки як системаи мураккабро ифода менамоянд. Аз ин рӯ, кори инкишофдиҳандае, ки пеш аз ҳама ба такмили раванди рӯҳии инфиродӣ нигаронида шудааст, на танҳо ба ҳосилнокии худи он, балки ба сатҳи фаъолияти умумии соҳаи маърифатӣ ва аз ин рӯ, ба фаъолияти маърифатӣ низ таъсир мерасонад.

Дар синфҳои ибтидоӣ инкишофи чунин равандҳои маърифатӣ, ба монанди тафаккур, диққат ва хотира хеле зарур аст. Самаранокии таълим бештар ба шавқу рағбати хонандагон ба худшиносии эҷодӣ, эҳтиёҷоти онҳо ба худшиносӣ вобаста аст.

Ҳамчунин хонандагоне ҳастанд, ки дар фарогирии як ё якчанд фанни таълимӣ ба мушкилот рӯ ба рӯ шуда, баҳои қаноатбахш мегиранд. Дар натиҷа қафомонии хонанда устувор гашта, сол ба сол идома меёбад.

Пӯшида нест, ки баъзе муаллимони синфҳои ибтидоӣ пешрафти ин қабил хонандагонро бо баҳоҳои гуногун арзёбӣ намуда, ба синфи дигар мегузаронанд. Муносибати ин гуна муаллимон тамоман хатост. Хонанда бояд барои дараҷаи сатҳи донишандӯзии худ баҳои воқеӣ гирад.

Сабабҳои қафомониро асосан ба ду гурӯҳ, ҷудо мекунанд: айнӣ (объективӣ) ва зеҳнӣ (субъективӣ).

Равоншинос Л. С. Славина хонандагони дар таҳсил қафомондаро «аз ҷиҳати ақл пассив» меномид.

Гурӯҳи равоншиносон таҳти роҳбарии Люблинская А. А. хусусиятҳои психологии талабагони қафомондаро чандин сол мунтазам омехта, қафомониро ба қобилияти омӯзиш вобаста кардаанд.

«Қобилияти омӯзиш, - омадааст дар китоби Люблинская А. А. «Очерки психического развития ребёнка», - ин ҳассосии талаба дарку ҳосил кардани дониш буда, қобилияти умумии фикриро ташкил менамояд. Вай чунин хосияти муҳими шахсият мебошад, ки ба пешрафти талаба таъсир мерасонад»[6,71].

Одатан ду навъи қобилияти омӯзишро фарқ мекунанд: қобилияти баланд ва сусти омӯзиш. Хусусияти муҳими омӯзиш аз он иборат аст, ки вай ҷараёни фаъолияти таълимиро хоҳ ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногуни таълимӣ ва хоҳ дар истифодаи тарзу амалҳои кори фикрӣ дида баромада, минбаъд ҳамчун сифати ақл нисбатан устувор шакл мегирад. Ба талабагони қафомонда сатҳи карахтӣ, шитобкорӣ, маҳдудӣ ва номустақилӣ барин сифатҳои ақл хос аст.

Инкишофи нокифояи ин равандҳо дар тарбияи хонандагони хурдсол мушкилот эҷод мекунад.

Дар дидактикаи муосир маъмултарин роҳҳои пешгирӣ намудани ақибмонии хонандагон аз таълим инҳоанд:

1. *Пешгирии педагогӣ* – ҷустуҷуи системаҳои самарабахши педагогӣ, аз ҷумла истифодаи усул ва шаклҳои фаъоли таълим, технологияҳои нави педагогӣ, омӯзиши муаммовӣ ва барномарезӣ, иттилоотонии фаъолияти педагогӣ.

2. *Ташхиси педагогӣ* – мониторинг ва арзёбии мунтазами натиҷаҳои таълим, саривақт ошкор намудани камбудиҳо. Барои ин аз сӯҳбатҳои омӯзгор бо хонандагон, падару модарон, гузаронидани мониторинги хонандагони сустхон, ҷорӣ намудани маълумот дар рӯзномаҳои даврӣ, гузаронидани санҷишҳо, таҳлили натиҷаҳо, ҷамъбаст намудани онҳо дар шакли ҷадвалҳо аз рӯи намуди хатоҳои содиршуда истифода мешавад.

3. *Терапияи педагогӣ* — тадбирҳои бартараф намудани қафомонӣ дар таълим. Дар мактаби ватанӣ ин синфҳои иловагӣ мебошанд. Дар Ғарб - гурӯҳҳои ҳамоҳангсозӣ. Бартарии охирин дар он аст, ки дарсҳо аз рӯи натиҷаҳои ташхиси ҷиддӣ, бо интихоби воситаҳои таълимии гурӯҳӣ ва инфиродӣ гузаронида мешаванд.

4. *Таъсири тарбиявӣ.* Азбаски нокомӣ дар таҳсил аксар вақт бо таҳсилоти суст алоқаманд аст, бояд бо хонандагони сустхон корҳои инфиродии ба нақша гирифташудаи тарбиявӣ, ки кор бо оилаи хонандаро дар бар мегирад, анҷом дода шавад.

Яке аз самтҳои ислоҳи психологӣ ҳангоми ақибмонии хонанда аз таълиму тарбия ин ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии фаъолияти гуногуни маърифатии кӯдак, таҳкими ҳиссии мусбати зуҳуроти гуногуни он, фароҳам овардани шароит барои инкишофи ӯ мебошад.

Яке аз вазифаҳои асосии ислоҳи психологӣ барқарор кардани хоҳиши хонанда ба омӯзиш мебошад. Шахс эҳтиёҷоти фитрӣ дорад, ки «аз олами гирду атрофи мо маънӣ барорад ва онро таҳти назорати мустақил анҷом диҳад».

Чунин мешавад, ки одам аз дарк кардани хатои худ метарсад, худро аз ин дарк кардан ҳифз карданӣ мешавад, аз ҳалли масъалаҳо дур мешавад, ки ин боиси коҳиши зеҳн мегардад.

Аз ин рӯ, вақте ки хоҳиши омӯхтан барқарор мешавад, роҳи ислоҳи психологӣ аз он иборат аст, ки омодагӣ ба ҷустуҷӯйи зиддиятҳо, номувофиқӣ, фароҳам овардани шароите, ки худи ҷустуҷӯ новобаста аз натиҷаи он қаноатмандӣ пеш оварад.

Баъзан, ҳамчун барномаи ислоҳи психологӣ барои ҳавасманд кардани функсияҳои маърифатӣ системаҳои гуногуни фаъолияти инкишоф пешниҳод карда мешаванд: диққат, идрок, хотира, тафаккур. Аммо, ба раванди таълим бевосита дохил кардани машқҳои таълимӣ дар шакли бозӣ самараноктар ба назар мерасад, ин махсусан барои таълими фанҳои муайяне муҳим аст, ки барои кӯдакон дарк кардан душвортар аст.

Педагогика дар бобати бартараф намудани пешрафти суст таҷрибаи калон ҷамъоварӣ намудааст, зеро таъсири педагогии таълиму тарбияи хонандагони ақибмонда дар madди аввал меистад. Мақсади кор бо хонандагони ақибмонда на танҳо пур кардани камбудиҳои омодагии таълимии онҳо, балки дар айни замон инкишоф додани мустақилияти маърифатии онҳо эътироф шудааст. Ин аз он ҷиҳат муҳим аст, ки хонанда ба рафиқони худ расида гирифта, дар оянда набояд аз онҳо қафо монад. Муваққатан кам кардани сарбории таълимии хонандагони ақибмонда иҷозат дода мешавад, ки ин ба онҳо имкон медиҳад, ки тадриҷан ба ҳамсинфонашон расида гиранд.

Барои пешгирӣ намудани ақибмонии хонанда аз таълим, чунон ки таҳлили шароите, ки боиси қафомондагӣ аз таълим мешавад, нишон дод, беҳтар намудани раванди таълим, пурзӯр намудани таъсири таълимиву тарбиявӣ аҳамияти асосӣ дорад. Тавсияҳо ба ҳалли ин масъалаҳо чӣ дар кори фардӣ бо хонандагон ва чӣ дар кори синфиву гурӯҳӣ нигаронида шудаанд.

Сабабҳои ақибмониро сари вақт муайян кардан ва бартараф кардани онҳо хеле муҳим аст. Агар дар синфҳои поёнӣ дар бача маҳорат ва майлу хоҳиши омӯхтан инкишоф наёфта бошад, пас ҳар сол душвориҳои таълим торафт зиёд мешаванд. Баъдан волидайн ба аҳволи кӯдак таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, зуд кӯдакро ба машғулиятҳои иловагӣ равона мекунанд. Аммо одатан хеле дер мешавад. Дар кӯдак аллакай ба раванди таълим муносибати манфӣ ташаккул ёфтааст ва ӯ аксари фанҳоро намефаҳмад.

Безруких М.М навишта буд: «Кас ҳар қадар бештар маводу далел андезаду он маводи хомро ҳар қадар дар майнааш пухтатар кунад, ҳамон қадар бақувваттар мегардад». [5,83]

Дар фаъолияти педагогии худ муаллимаи Гимназияи 24– уми ш. Хуҷанд Файзуллуева М. ягон лаҳзаи дарсро беҳуда намегузаронад. Дар ҳар як лаҳзаи дарс муаллим ба фаъолият ва қобилияти ҳар як хонанда дар алоҳидагӣ баҳо дода, сари вақт пеши роҳи нодуруст дарк кардани маводи таълимиро бартараф менамояд.

Ҳангоми суҳбат бо муаллим муяссар гардид, ки он кас пеш аз ҳама, барои хонандагон пурра дастрас гардонидани мазмун ва мундариҷаи маводи таълимӣ ва алоқамандии мавзӯъҳои гузашта бо мавзуи нав мекӯшанд. Аз он сабаб маводи таълимиро муҳим мешуморанд, ки тафаккури бачагони синни хурди мактаби аёнӣ - образиро талаб мекунад.

Аз рӯйи принсипи:




амал менамояд.

Муаллима Файзуллоева М. дар дарси забони модарӣ бештар чистону зарбулмасал ва ребусҳоро истифода мебаранд, ки ин бевосита ба таълими бачагони ақибмонда таъсирӣ мусбат мерасонад.

Масалан:

***Бозӣ: «Чистонёбак»*** чистонро хонед, ҷавобашро ёбед ва нависед:

***Харро вай зин задааст,***
***Аспро қамчин задаст,***
***Одамро меҳмон кардаст,***
***Бузро сар хон кардаст,***
***Савори гургак шудаст,***

***Меҳмони мурғак шудаст.***

Муаллима мекӯшад, ки дар ин намуди кор бештар калимаҳои ба бачагон шиносро истифода барад. Барои бачагони ақибмонда чистонҳои содда ва дастрас бояд интихоб шавад.

Натиҷаи ин корҳо дар дарс ва машғулиятҳои иловагии он кас мушоҳида гардид. Зимни мушоҳида мо ба чунин хулоса омадем:

а) бачагони ақибмонда дар дарс фаъолона иштирок мекунанд;

б) фаъолияти фикрронии онҳо инкишоф меёбад;

в) хусусиятҳои психологии онҳо доимо инкишоф дода мешавад (диққат, хотир, идрок, ирода, тафаккур);

г) супоришҳоро бо хушнудӣ қабул мекунанд.

Чунин тарзи дарсро бештар бо хонандагони ақибмонда (бевосита дар иштироки ҳамаи хонандагон) истифода бурдан мумкнн аст, зеро фаҳолияти бачагони ақибмонда бештар ба шакли аёнӣ ва бозӣ наздиканд.

Имрӯзҳо аз тарафи муаллимони синфҳои ибтидоӣ истифода шудани роҳу усулҳои бартарафкунии ақибмонии хонандагон ва фаъолнамудани шахсияти хонандагони онҳо чунин роҳҳоро истифода мебаранд:

1)Муносибати муаллимон ба хонандаи ақибмонда хубанд;

2)Хусусиятҳои психологӣ, сабаби ақибмонии хонандагонро пурра наомӯхтан.

3)Бо хонандагон асосан бо истифодаи аёният, ташкили дарсҳои иловагӣ, саволу ҷавобҳо корбарӣ намудан.

4)Ба фаъолияту имкониятҳои хонандаи ақибмонда такя кардан.

5)На ҳамаи волидони хонандагони ақибмонда бо муаллим ҳамкорӣ менамоянд.

6)Кӯмаки равоншиносони мактаб кам ба назар мерасад.

Фаъолияти мушкилии кор бо хонандагони ақибмонда пеш аз ҳама барои ба фаъолияти хуб ноил гаштан диққати хонандагонро ба дарс ҷалб намудан ба ҳисоб меравад. Азбаски кӯдакон бозиро дӯст медоранд, муаллим низ аз намудҳои гуногуни бозӣ, ки ба хусусиятҳои руҳии кӯдакон мувофиқ аст, истифода барад. Чунки кӯдак дар ҷараёни бозӣ, ки ба хусусиятҳои ӯ хос аст, дарсро беҳтар азхуд менамояд. Чандин бозиҳое, ки дар давраи саводомӯзӣ гузаронида мешаванд ва муаллим аз онҳо истифода мебарад, он ҳамеша натиҷаи мусбӣ хоҳад дод.

Роҳу усули кор бо хонандагони ақибмонда кам нестанд. Фақат муаллими эҷодкор, нақшофар, ҳунарманде, ки хамеша дар ҷустуҷӯст, дар ин ҳолат самараи хуб ба даст хоҳад овард.

Яке аз роҳҳои муфид ин «кластер»-ҳо мебошад. Ва мо онро дар машғулиятҳо истифода бурдем, ки натиҷаи самарабахш дод.

Масалан:




Чунин тарзи кор хонандаи ақибмондаро ба фикр намудан водор месозанд ва ҳар кадоми онҳо мустақилона кор мекунанд. Агар муаллим аз ин воситаҳо пурсамар истифода баранд, ба манфиати кор хоҳад буд.

Бартараф намудани қафомонии хонанда аз таълим бо ду роҳ - бо роҳи пешгирӣ ва бартараф кардан ба амал бароварда мешавад. Мафҳуми «қафомонӣ» бо мафҳуми «пешрафти суст» алоқаи зич дорад, ки унсури алоҳидаи пешрафти сустро, ки дар рафти таълим ба амал меояд, ифода мекунад.

Пешгирии қафомонии хонанда аз таълим назар ба бартараф кардани он осонтар аст, бинобар ин ба давраи ба мактаб омадани кӯдак диққати махсус додан лозим аст. Ин давра хеле душвор аст, зеро маҳз дар ҳамин моҳҳои аввал системаҳои муносибати кӯдак бо олами атроф ва худ, шаклҳои устувори муносибат бо ҳамсолон ва калонсолон, муносибатҳои асосии омӯзишӣ, ки муваффақияти ояндаи таҳсили ӯро, самаранокии услуби муошират, имконияти худшиносии шахсро дар муҳити мактаб муайян мекунанд ташаккул меёбанд.

Барои он ки кӯдак мушкилоти қафомонии таълимиро надошта бошад, ба ӯ барои мутобиқ шудан ба мактаб кӯмак кардан лозим аст, бениҳоят муҳим аст, ки ин мутобиқшавӣ бидуни талафоти ҷиддии дохилӣ барои кӯдак анҷом дода шавад. Бе бад шудани саломатӣ, рӯҳия, худбаҳодиҳӣ, шумо бояд ба ӯ кӯмак кунед, ки худро дар мактаб бароҳат ҳис кунад, захираҳои зеҳнӣ, шахсӣ ва ҷисмонии худро барои омӯзиши бомуваффақият ва рушди ҳамаҷониба озод кунад.

Барои пешгирии мушкилоти қафомонии хонанда аз таълим, равоншиносон тавсия медиҳанд, ки хонандагон дониш, маҳорат ва малакаҳоро бо истифода аз маводи мушаххас инкишоф диҳанд, намудҳои гуногуни кӯмакро барои ҳалли бомуваффақияти вазифаҳои пешниҳодшуда таҳия ва истифода баранд.

Педагог Бабанский Ю.К. системаи тадбирҳои пешгирӣ кардани қафомонии хонанда аз таълимро кор карда баромад, ки он ба ташкили ташхиси «имкониятхои ҳақиқии мактаббачагон», мукаррар намудани сабабҳои асосии ин зухурот ва истифодаи оптималии воситаҳои мавҷудаи таъсири педагогӣ асос ёфтааст[3,67].

Аксарияти хонандагони синфи якум ба синфхона чун ба дунёи нав ворид мешаванд, ки дар он бисёр чизҳои ҷолиб ба рӯи онҳо кушода мешавад. Вазифаи муаллим аз он иборат аст, ки умедҳои онҳоро равшанӣ бахшад, на хомӯш кардани талаботи дониш. Мутаассифона, на ҳамаи муаллимон аз уҳдаи ин вазифа мебароянд. Кунҷкобӣ, ки аз хонандагони синфи якум мебарояд, дар синфи сеюми мактаби ибтидоӣ барои аксари онҳо аз байн меравад. Баъзан ноумедии кӯдак пас аз як ҳафта рух медиҳад. Як кӯдак бо гиря ба мактаб меравад, дигаре хоҳиш мекунад, ки ба боғча баранд ва дигарон аллакай фикр мекунанд, ки марҳилаи мактабӣ дар ҳаёти онҳо кай ба охир мерасад.

Барои нигоҳ доштани муносибати мусбати кӯдакон ба фаъолияти таълимӣ дар марҳилаи ибтидоии таълим, ҳадди ақал ду шарт бояд иҷро карда шавад. Аввалан, ҷалб кардани хонандагон ба ҳалли мушкилоти маърифатӣ, ки тавассути ҳалли онҳо хонандагон дар ҷаҳони атроф чизҳои навро меомӯзанд. Дар баробари ин, хонандагон набояд дониши тайёрро ба даст оваранд ва онро танҳо дар хотир нигоҳ доранд, яъне худашон кашф кунанд.

Яке аз унсурҳои муҳим ин аст, ки дар синф ҳамеша хонандагоне таҳсил мекунанд, ки ҳанӯз ба қадри кофӣ бозӣ накардаанд ва барои онҳо фаъолияти бозӣ нақши пешбарандаи худро нигоҳ медорад. Инро ба назар гирифта, омӯзгорон дар давраи аввали омӯзиш кӯшиш мекунанд, ки аз бозиҳои гуногун истифода баранд. Ва дуруст аст: бозиҳои дидактикӣ бояд ба раванди таълими мактаби ибтидоӣ дохил карда шаванд. Омӯзишро ҳамчун як фаъолияти пешбаранда якбора ташаккул додан мумкин нест. Аммо омӯзгор ҳангоми ҷорӣ намудани бозиҳо бояд ҳамеша онҳоро барои ташаккули фаъолияти таълим истифода барад. Илова бар ин, набояд ба бозиҳо дар синфхона саргарм шавад, зеро баъзе хонандагони синфи якум аз ҳаёти мактабӣ ноумед мешаванд, маҳз барои он, ки «онҷо таҳсил намекунанд, балки бозӣ мекунанд». Аммо онҳо ба мактаб омадаанд, зеро интизори дарсҳои нави ҷиддӣ ҳастанд.

Усули асосии пешгирӣ кардани қафомонӣ ва пешравии хонандагон ҳавасманд гардондани фаъолияти маърифатии онҳо мебошад.

Педагог Агапова И.Ю. барои пешгирии ақибмонии хонандагон аз таълим тадбирҳои зерини дидактикӣ ва тарбиявиро пешниҳод мекунад:

1. Ба куллӣ беҳтар намудани самараи ҳар як дарс.
2. Ташаккули таваҷҷуҳи маърифатӣ ба омӯзиш ва ваҷҳҳои мусбат.
3. Муносибати инфиродӣ ба ҳар як хонанда.
4. Низом ва реҷаи муайян ва махсуси хонагӣ.
5. Пурзур намудани кор бо падару модарон.
6. Баланд бардоштани масъулияти хонанда барои таҳсил ҷалб намудани фаъолони хонандагон.

Фаъолияти муаллим дар бобати пешгирӣ кардани пешравии суст талаб мекунад, ки дар сурати ошкор шудани қафомонии кор барои бартараф намудани он фавран чораҳо дида шаванд. Дар адабиёт интихоби тадбирдо одатан бо сабабҳои пешравии суст алоқаманд аст,

ки ин, албатта, кифоя нест. Чунин такрори назария ва амалия аз он иборат аст, ки дар мафҳуми «нокомӣ» унсурҳои он ҷудо карда нашудаанд, аломатҳои ақибмонӣ ошкор карда намешаванд. Зимнан, ин барои дуруст интихоб кардани тадбирҳои бартараф намудани пешравии суст ва ақибмонӣ, фаҳмидани сабабҳои ба амал омадани ин ҳодисаҳо зарур аст.

Барои пешгирӣ намудани пешравии суст, чунон ки таҳлили шароите, ки боиси қафомонда мешавад, нишон дод, беҳтар намудани раванди таълим, пурзӯр намудани таъсири тарбиявии он аҳамияти асосӣ дорад.

Тавсияҳо ба ҳалли ин масъалаҳо чи дар кори фардӣ бо талабагон ва чи дар кори бо тамоми синф нигаронида шудаанд. Сабабҳои нобароририро дар сари вақт муайян кардан ва бартараф кардани онҳо хеле муҳим аст.

Барои фаъолнамудани хонандагони ақибмондаи синфҳои ибтидоӣ бештар ба чунин масъалаҳо диққати ҷиддӣ додан зарур аст:

Донистани сабабҳои асосии ақибмонии хонандагон ва пешгирии он.

Машғулиятҳои фардӣ бояд характери муаммовӣ ва коррексионӣ дошта,ташкили рӯзномаи мушоҳида ва машғулиятҳои иловагӣ ба манфиати кор аст.

Ташаккул додани хусусиятҳои педагогӣ-руҳии хонандагони ақибмонда (фаъолияти фикрӣ, диққат, хотир, тафаккур, идрок, хаёл, ҳиссиёт) бо истифодабарии асбобҳои аёнии гуногуни диққатҷалбкунанда ва муносибатҳои тафриқавӣ.

Инкишофи фаъолияти фикррониии хонандагон дар дарс ва қобилияти эҷодии онҳо дар ҷараёни таълиму тарбия.

Ҷалб намудани хонандагони ақибмонда ба чорабниҳои тарбиявӣ.

Такмили хамкории мактаб ва оила дар инкишоф додани фаъолияти хонандаи ақибмонда.

Хулоса, муносбати муаллим бо чунин категорияи хонанда бояд хайрхоҳона бошад. Ӯро лозим аст, ки ба имконият ва қобилияти хонанда бовар дошта бошад, паҳлуҳои мусбат ва беҳтарини ҳаёти оилавии хонандаро ошкор созад ва ба онҳо такя карда истода, костагию навоқисашро муштаракан бо хонанда рафъ созад.

**АДАБИЁТ:**

1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»// http://www.maorif.tj

2.Амонашвили Ш.А. Воспитательная и образовательная функция оценки учения школьников. -М.: Педагогика. 1984. -286 с.

3.Бабанский Ю.К. Об изучении причин неуспеваемости школьников//Советская педагогика. 1972, №1, С.26-27.

4.Буйдоков Х. Асосҳои дидактика. -Д.:Маориф, 1995. -180 с.

5.Безруких М.М., Ефимова С.П. Отчего зависит работоспособность ребенка//Начальная школа. 1991, №8. С. 85.

6.Детская психология / А.А. Люблинская. – Москва : Просвещение, 1971. – 410 с.

7.Занков Л.В. О начальном обучении. -М.: Просвещение, 1963. -260 с.

8.Лутфуллоев М. Дарс. Душанбе: Маориф, 1975. - 131 с.

9.Раҳмонов З.П.,Раҳмонова Д.З. Асосҳои педагогика ва психологияи махсус. -М.:Нури маърифат. 2020, -224 с.

10. Шамова Т.И. Активизация учения школьников. М.: Педагогика, 1982.- 208 с.

11. Шевченко С.Д. Школьный урок: как научить каждого. -М.: Просвещение, 1991.-175 с.

12. Эльконин Д.Б. Психологические проблемы в связи с обучением по новым программам//Народное образование, 1993, №7. с. 120-125.

## РОҲҲОИ ПЕШГИРӢ НАМУДАНИ АҚИБМОНИИ ХОНАНДАГОН ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

Мақолаи мазкур ба масъалаи пешгирӣ намудани ақибмонии хонандагон дар ҷараёни таълиму тарбия бахшида шуда, ба ақидаи муаллифон, ҷалб кардани хонандагон ба ҳалли мушкилоти маърифатӣ, ки тавассути ҳалли онҳо хонандагон дар ҷаҳони атроф чизҳои навро меомӯзанд. Дар баробари ин, талабагон набояд дониши тайёрро ба даст оваранд ва онро танҳо дар хотир нигоҳ доранд, яъне худашон кашф кунанд. Муаллифон чунин мешуморанд, ки истифодаи роҳҳо ва усули гуногуни дар раванди таълиму тарбияи хонандагони ақибмонда ташаккул додани қобилияти эҷодӣ, тафаккур, диққатнокии онҳо дар фаъолияти педагогони барҷастаи ватаниву хориҷӣ, рӯзномаву маҷаллаҳои гуногун, мақолаҳои илмии олимон, маърузаҳои муаллимони пешқадами синфҳои ибтидоӣ бисёр мушоҳида шудаанд. Дар мақола баъзе шаклҳои машғулиятҳо оид ба инкишоф ва пешгирӣ намудани ақибмонии хонандагон дар ҷараёни таълиму тарбия нишон дода шудааст. Муаллифон намунаи намудҳои технологияҳои махсуси таълим ва хусусиятҳои онҳоро доир ба

инкишофи қобилияти зеҳнӣ ва донишазхудкунии хонандагони имконияташон маҳдуд пешниҳод намуда, мавқеи ҳамкории муаллим ва нуқсоншиносонро дар ин самт муайян намудааст.

***Калидвожаҳо:*** *таълим, тарбия, инкишоф, норасоӣ, ақибмонӣ,корҳои ислоҳӣ, солимгардонӣ, принсип, ташхис, пешгирӣ, технология, раванди маърифатӣ,қобилияти эҷодӣ.*

## ПУТИ ПРЕДОТВРАЩЕНИЯ ОТСТАВАНИЯ УЧАЩИХСЯ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ И ВОСПИТАНИЯ

Данная статья посвящена вопросу профилактики отставания учащихся в процессе обучения а также, по замыслу авторов, вовлечения учащихся в решение познавательных задач, решая которые, учащиеся познают новое в окружающем мире. При этом учащиеся не должны запоминать готовые знания, а лишь запоминать их, то есть открывать их самостоятельно. Авторы считают, что использование различных способов и методов в процессе обучения и воспитания отсталых учащихся для развития их творческих способностей, мышления и внимательности наблюдается в деятельности видных отечественных и зарубежных педагогов, различных газет и журналов, научных статьи ученых, доклады ведущих учителей начальных классов. В статье показаны некоторые формы обучения для развития и профилактики умственной отсталости учащихся в процессе обучения. Авторы привели пример видов специальных образовательных технологий и их характеристик в части развития интеллектуальных способностей и приобретения знаний учащихся с ограниченными возможностями, а также определили позицию сотрудничества педагога и специалистов с ограниченными возможностями в этом направлении.

***Ключевые слова:*** *воспитание, обучение, развитие, недостаточность, отставание, коррекционная работа, оздоровление, принцип, диагностика, профилактика, технология, познавательный процесс, творческие способности.*

## WAYS TO PREVENT STUDENTS' DELAY IN THE PROCESS OF TRAINING AND EDUCATION

This article is devoted to the issue of preventing students from falling behind in the process of teaching and learning, as well as, according to the authors, involving readers in solving cognitive problems, by solving which students learn new things in the world around them. At the same time, readers should not memorize ready-made knowledge, but only memorize it, that is, discover it on their own. The authors believes that the use of various methods and methods in the process of teaching and educating retarded readers to develop their creative abilities, thinking and attentiveness is observed in the activities of prominent domestic and foreign teachers, various newspapers and magazines, scientific articles by scientists, reports of leading primary school teachers. The article shows some forms of training for the development and prevention of mental retardation in readers during the learning process. The authors gave an example of the types of special educational technologies and their characteristics in terms of the development of intellectual abilities and the acquisition of knowledge of readers with disabilities, and also determined the position of cooperation between teachers and specialists with disabilities in this direction.

***Key words:*** *education, training, development, deficiency, lag, correctional work, recovery, principle, diagnosis, prevention, technology, cognitive process, creative abilities.*

***Маълумот дар бораи муаллифон:*** *Раҳмонов З.П. – н.и.п., дотсенти кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МТД “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” (Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хуҷанд). E-mail rahmonov.@mail.ru*

*Котибова Ш. П. – н.и.п., дотсент, мудири шуъбаи мактабҳои камнуфуси Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдурахмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Таҷикистон, ш. Душанбе, к. А.Адҳамов 11|2. E-mail: sharifa.kotibova@mail.ru., тел: (992) 559993120*

***Сведения об авторах:*** *Рахмонов З. П.- к.п.н., доцент кафедры профессиональной педагогики и психологии педагогического факултета ГОУ «Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова» (Республики Таджикистан, г.Худжанд). E-mail rahmonov.@mail.ru*

*Котибова Ш. П. – к.п.н., доцент, зав. отделом малокомплектных школ Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А.Адхамов 11/2. E-mail: sharifa.kotibova@mail.ru., тел: (992) 559993120*

***Information about authors:*** *Rakhmonov Z.P. – c.p.s., associate professor of the department of professional pedagogy and psychology of the pedagogical faculty of the State Educational Institution "Khujand State University named after academician B. Gafurov" (Republic of Tajikistan, Khujand). E-mail rahmonov.@mail.ru*

*Kotibova SH.P. – c.p.s., associate professor, the head of the department of ungraded schools of the Development Education Institute named after Abdurahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, 11|2 A.Adhamov str., E-mail: sharifa.kotibova@mail.ru., mob: (992) 559993120*

ТДУ:372.818.(575.3)

# ШАРОИТИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ЭСТЕТИКИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР НИЗОМИ КРЕДИТӢ-РЕЙТИНГИИ ТАЪЛИМ

*Саидзода А. Р.*

**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода.**

Ба тавсифи шароити педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар низоми таълими рейтингию кредити шуруъ намуда, бояд муайян кард, ки мафҳуми «шароити педагогӣ» дар ин раванд чи маъно ва мазмунро дар бар мегирад.

Худи мафҳуми «шароит» мафҳуми умумиилмӣ буда, дар фалсафа, психология ва педагогика тафсири худро дорад.

Шароит ин падидае мебошад, ки барои ба вуҷуд омадани ҳодисаи додашуда зарур аст, вале худ ба худ сабабгори он намешавад. Тарзи кори сабаб ва таъсироти он ба хусусияти шароит вобаста аст. Бо тағйир додани шароит ҳам тарзи амали сабаб ва ҳам хусусияти таъсирро тағйир додан мумкин аст.

Дар луғати энсиклопедии фалсафӣ мафҳуми «шароит» ба таври зайл шарҳ дода шудааст.

ҳамчун муҳите, ки дар он зиндагӣ мекунанд ва бидуни он вуҷуд надоранд;

ҳамчун муҳите, ки дар он чизе руй медиҳад [4].

Ба ақидаи Дюркгейм маҳз муҳити иҷтимоӣ як қатор шароитҳоро ташкил медиҳад. Аз ин нуқтаи назар муҳимтарин ҷанбаи муҳити иҷтимоӣ низоми қоидаҳои меъёрӣ мебошад. Он унсурҳоеро метавон «шароит» номид, ки дар зери назорати ягон актори алоҳидае нестанд [5].

Дар луғати сотсиологӣ шароит он аст, ки ҷузъи муҳимми маҷмуи объектҳо ба он вобаста аст ва аз мавҷудияти он падидаи додашуда ҳатман ба вуҷуд меояд.

Аксар вақт, шароит барои зуҳурот чизи беруна ҳисобида мешавад. Маҷмуи шароити мушаххаси падидаи додашуда муҳити пайдоиши онро ташкил медиҳад, ки амали қонунҳои табиат ва ҷомеа ба он вобаста аст.

Дар баробари ин, тафсири психологию педагогии ин мафҳум ба ҳам монанд аст.

Дар психология мафҳуми «шароит» ҳамчун маҷмуи сабабҳои берунӣ ва ботинии шахс тавсиф мешавад, ки инкишофи психикии шахсро муайян карда, онро суръат мебахшад ё суст мекунад, инчунин, ба раванди инкишоф ва динамикаи он таъсир мерасонад.

Дар педагогика шароит гуфта, маҷмуи таъсирҳои табиӣ, иҷтимоӣ, берунӣ ва дохилии тағйирёбандаро мефаҳманд, ки ба инкишофи ҷисмонӣ, ахлоқӣ, психикии шахс ва ба рафтори инсон, тарбияи, таълим ва ташаккули ӯ таъсир мерасонад.

Ҳарду таърифро ҷамъбаст карда, метавон ба чунин хулосае омад: шароит ин ҳолате мебошад, ки ба шахс дар вазъияти додашуда таъсир мерасонад. Дар бораи мафҳуми «шароити педагогӣ» сухан ронда, бояд қайд кард, ки тафсирҳои ин таъриф хеле зиёданд.

С.Н.Павлов зарурати ба мафҳуми «шароити педагогӣ» дохил намудани маҷмуи имкониятҳои объективии таълиму тарбияи одамон, шаклҳои ташкилӣ ва имкониятҳои моддиро эътироф мекунад [2., с.14].

А.В.Сверчков заминаҳои бунёдиро барои алоқаманд намудани равандҳои фаъолият дар самти идоракунии раванди ташаккули фарҳанги касбии педагогии шахс ҳамчун шароити педагогӣ пешниҳод намудааст. [3., с.279–282].

Андреев В.И., Яковлева Н.М., Наин А.Я. чунин мешуморанд, ки шароити педагогӣ ин маҷмуи тадбирҳои таъсирасонии педагогӣ мебошанд, ки ба ҳалли масъалаҳои тарбия нигаронида шудаанд.

Мавқеи дуюм ба Ипполитова Н.В. ва Стерхова Н.С. таалуқ дорад, ки шароити педагогиро яке аз унсурҳои таркибии низоми педагогӣ медонанд, ки маҷмуи имкониятҳои муҳити таълимӣ ва моддию фазоиро инъикос намуда, ба ҷанбаҳои шахсӣ ва просессуалии ин низом таъсир расонида, фаъолият ва рушди босамари онро таъмин менамояд. Ба назари мо таърифи мукаммалтар ва дурусттари мафҳуми «шароити педагогиро» Шалин М.И. пешниҳод намудааст.

Шароити педагогӣ гуфта, ӯ равандеро дар назар дорад, ки ба инкишофи шахсият таъсир расонида, маҷмуи ҳолатҳои берунаро дар ягонагӣ бо моҳият ва зуҳуроти дохилӣ фаро мегирад. Дар асоси таърифҳои зикршуда мо кӯшиш менамоем, ки таърифи ин мафҳумро пешниҳод намоем.

Ҳамин тариқ, дар ин кор шароити педагогии ташаккули фарҳанги зебопарастии донишҷӯён дар шароити низоми таълими рейтингӣ ва кредитӣ гуфта, маҷмуи ҳолатҳои

раванди педагогӣ фаҳмида мешаванд, ки ба таълим, тарбия ва рушди шахсияти донишҷӯён таъсир мерасонанд.

Шароити педагогӣ ба се намуд тақсим мешаванд: ташкилӣ, психологию педагогӣ ва дидактикӣ.

Шароити ташкилӣ – педагогӣ гуфта, маҷмуи омилҳое фаҳмида мешаванд, ки барои ҳалли масъалаҳои таълим имкон медиҳанд (Беликов В.А., Козирева Е.И., Павлов С.Н. ва ғ).

Шароити психологию педагогӣ шароитҳое мебошанд, ки чораҳои педагогии таъсиррасонии омӯзгорро ба донишҷӯён таъмин мекунанд ва барои баланд бардоштани самаранокии раванди таълим пешбинӣ шудаанд (Журавская Н.В., Круглий А.В., Лисенко А. В., Малыхин А. О. ва ғ.)

Шароити дидактикӣ интихоби мақсадноки мундариҷа, усул ва шаклҳои ташкилии таълим барои ноил шудан ба ҳадафҳои таълимӣ мебошанд (Рутковская М.В. ва дигарон). Ҳар як намуди шароити педагогӣ бо маҷмуи муайяни вазифаҳо тавсиф карда мешавад.

Масалан, вазифаи асосии шароити ташкилию педагогӣ идоракунии ҷанбаи протсессуалии раванди педагогӣ мебошад. Вазифаи шароити психологию педагогӣ ташкили чорабиниҳои мушаххаси педагогӣ мебошад, ки ба таълим, тарбия ва инкишофи шахсият нигаронида шудаанд. Ниҳоят, вазифаи шароитҳои дидактикӣ интихоби мундариҷа, усул ва шаклҳои кор барои ноил шудан ба ҳадафҳои тарбиявӣ мебошад.

*Шароити аввали педагогии* ташаккули фарҳанги зебопарастии донишҷӯён дар низоми кредитӣ-рейтингии таълим ин *устувор намудани ҷанбаи зебопарастии мазмуни раванди таълим* мебошад.

Мазмуни раванди таълим ин низоми дониш, маҳорат ва малакаҳое мебошанд, ки барои омӯхтан дар намуди муайяни муассисаи таълимӣ интихоб карда мешаванд.

Ҳуҷҷатҳои асосие, ки мундариҷа ва ташкили раванди таълимро муайян мекунанд, инҳоянд: нақшаи тақвим, нақшаи кории таълимӣ, барномаҳои кории фанҳои таълимӣ, инчунин, барномаҳои таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва дигар маводи методӣ.

Устувор намудани ҷанбаи зебоипарастии мазмуни раванди таълим доир ба ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар шароити низоми таълими рейтингӣ ва кредитӣ гуфта, мо низоми дониш ва малакаҳоеро мефаҳмем, ки барои омӯзиш дар шакли муайяни муассисаи таълимӣ интихоб карда мешаванд. Категорияи мустахкам намудани ҷиҳати зебоипарастии мазмуни таълим ҳамеша мушаххаскуниро талаб мекунад: мазмуни абстрактии, аз моҳияти ботинии низоми ҷудошуда вуҷуд надорад. Мазмуни таҳсилоти умумӣ барои инкишофи ҳамаҷонибаи донишҷӯён, рушди тафаккур, шавқу рағбати маърифатӣ ва омодагии онҳо ба фаъолияти меҳнатӣ заминаи асосиро ташкил медиҳад. Воситаи амалигардонии ҳадафҳои таълимро иҷро карда, мундариҷа бояд талаботи ҳам имрӯза ва ҳам ояндаи ҷомеа, инчунин, талаботи шахсони алоҳидаро инъикос намояд. Маҳз талаботҳо моро барои ташаккул додани мазмун ва ворид намудани он ба барномаҳои муассисаҳои таълимии навъу сатҳи гуногун водор месозанд.

Зарфияти зебоипарастии мундариҷаи таълим ин қобилияти предмет ё падидаи фарҳанг барои фаъолгардонии завқи зебоипарастӣ ва азсаргузаронии муносибату рӯйдодҳое мебошад, ки моҳияти шахс ва принсипҳои асосии ӯро тасдиқ мекунанд: аҳлоқӣ, маънавӣ (болотар аз муқаррарӣ), субъективӣ, яклухтӣ, креатавнокӣ ва ғ. Мукаммалтарин офариди зебоӣ дар санъат ҳамчун вазифаи пешбарандаи он муаррифӣ мешавад, аммо соҳаҳои дигари иҷтимоӣ-фарҳангии шахсиятсозӣ вуҷуд доранд, ки дар онҳо фаъолияти амалии шахс аз рӯйи имкониятҳо (зарфият) ба санъат наздик мешавад. Чунин соҳа, бешубҳа, бояд таҳсилот бошад, ки одамро «аз рӯйи таъйинот» ташаккул медиҳад. Агар вай бо ягон сабаб яклухтии шахсро таъмин накарда, рисолати худро танҳо дар додаи дониш доир ба фани алоҳида, «кор бо ахборот», шинос намудан бо тарзҳои муқарраршудаи амал ва меъёрҳои мавҷуда бинад, он гоҳ хавфи аз даст додани иктидори эстетикӣ ва дар ин замина захираҳои дигари педагогӣ вуҷуд дорад.

Зарфияти зебоипарастии мазмуни раванди таълим ин қобилияти ҳамин зарфият дар самти таъмин намудани идроки яклухти мазмуни таҳсилот ва пазируфтани моҳияти шахсиятсозии он аз тарафи донишҷӯён мебошад. Чунин шахсиятсозӣ ва маънавикунонии инсон тавассути таҳсилот дар сурате имконпазир аст, ки агар тарҳрезии низомҳои таҳсилот дар ягонагии органикӣ бо қонуниятҳои дидактикӣ дар қонунҳои эстетикӣ амалӣ карда шаванд.

Ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён самти афзалиятноки педагогикаи мактаби олӣ буда, дар тарбияи психологию педагогии мутахассисони оянда нақши махсус мебозад.

Ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён раванди мураккаб, серҷабҳа, аз ҷиҳати диалектикӣ зиддиятнок ва мақсадноки ташаккул ва инкишофи шахсияти инсон мебошад.

Ҳангоми ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён бояд раванди педагогии мақсаднок ва бошуурона амаликардашудаи ташкилу ҳавасмандгардонии фаъолияти гуногуни шахсияти ташаккулёфта барои аз худ намудани таҷрибаи иҷтимоӣ дарк карда шавад: дониш, малакаҳои амалӣ, роҳҳои фаъолияти эҷодӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ ва маънавӣ.

Ҳамин тавр, ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯёнро яке аз намудҳои фаъолияти педагогӣ донистан лозим аст, ки мақсади он азнавсозии мақсадноки шахс ё гурӯҳи одамон мебошад. Ин азнавсозӣ ба сифатҳои шахсӣ, принсипҳо ва эътиқодҳои аҳлоқ.ю маънавӣ, низоми арзишҳо ва идеалҳои ҳаётӣ, инчунин, фарҳанг ва рафтори умумӣ дахл дорад. Ташаккули фарҳанги зебопарастии донишҷӯёнро бо ду маъно фарқ мекунанд: васеъ (умумӣ) ва маҳдуд (хусусӣ).

Ба маънои васеъаш ташаккули фарҳанги зебопарастии донишҷӯён бо иҷтимоишавии шахс муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, онро метавон ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, ки аз таъсири ҷомеа ба шахсият иборат аст, ҳамчун раванд ва натиҷаи азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ ва азнавҳосилкунии фаъолонаи он аз ҷониби шахс дар фаъолияти истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, дар муошированти байнишахсӣ, инчунин, дар рафтор ва баҳои маънавӣ ба рафтори худ ва одамони дигар баррасӣ кард. Зимнан, ба маънои васеъаш ҳатто интихоб кардани чунин меъёри баҳодиҳии инсонро низ хусусияти тарбияи ӯ муайян мекунад.

Ба маънои маҳдуд ташаккули фарҳанги зебопарастии донишҷӯён ҳамчун раванди таъсири мақсаднок ва мунтазами субъекти тарбия ба объект бо мақсади дар он ҷой додани сифатҳои ба мақсаду вазифаҳои тарбия мувофиқ арзёбӣ мешавад. Ба ибораи дигар, ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён фаъолияти махсус ташкилшудаи омӯзгорон ва донишҷӯён барои амалӣ намудани ҳадафҳо мебошад, ки дар такмили ҳамаҷонибаи ҷанбаи зебоипарастии мазмуни раванди таълим мавқеи муҳимро ишғол мекунад.

Хусусиятҳои асосии таҳкими ҷанбаи зебоипарастии мазмуни раванди таълимро дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар шароити низоми таълими рейтингӣ ва кредитӣ баррасӣ мекунем. Ба инҳо хусусиятҳои хоси зерин дохил мешаванд:

1.Пурзӯр намудани ҷанбаи зебопарастии мазмуни раванди таълим дар ташаккули фарҳанги зебопарастии донишҷӯён дар шароити низоми таълими рейтингӣ ва кредитӣ аз рӯйи давомнокӣ фарқ мекунад. Дар асл, он раванди тамоми умр давомкунанда аст. Дар баробари ин раванди таълим дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дар шуури одам асари амиқ мегузорад, зеро низоми асаби у дар овони ҷавонӣ хеле чандир ва зуддаркунанда аст.

2.Хусусияти пурзӯр намудани ҷанбаи зебопарастии мазмуни раванди таълим дар ташаккули фарҳанги зебопарастии донишҷӯён дар шароити низоми таълими рейтингӣ ва кредитӣ пайвастагии он мебошад. Агар раванди ташаккули фарҳанги зебопарастии донишҷӯён дар шароити низоми таълими рейтингӣ ва кредитӣ қатъ шуда, гоҳ-гоҳ амалӣ карда шавад, пас омӯзгор маҷбур мешавад, ки ба ҷойи амиқтар инкишоф додан, пайваста дар шуури донишҷӯ «из»-ро аз нав гузошта, одатҳои устувор ва малакаҳои рафториро инкишоф диҳад.

3.Пурзур намудани ҷиҳати зебопарастии мазмуни раванди таълим дар ташаккули фарҳанги зебопарастии донишҷӯён дар шароити низоми таълими рейтингию кредитӣ раванди мураккаби маҷмуавӣ аст. Маҷмуавӣ будан дар ин замина маънои зарурати таъмини ягонагии мақсад ва вазифаҳои таълим, ягонагии мазмуни он, шаклу усули татбиқи мазмуни ҷараёни таълимро дорад.

4.Ба таҳкими ҷанбаи зебопарастии мазмуни раванди таълим дар ташаккули фарҳанги зебопарастии донишҷӯён дар шароити низоми таълими рейтингӣ ва кредитӣ ҳам тағйирпазирӣ, яъне норавшании натиҷаҳо ва ҳам ба андозаи зиёд номуайянии натиҷаҳои ташаккули фарҳанги зебопарастии донишҷӯён дар шароити низоми таълими рейтингию кредитӣ хос аст. Ин ҳолат аз фарқиятҳои назарраси инфиродии муҳассилин, таҷрибаи гуногуни иҷтимоии онҳо, муносибати гуногун ба худи раванд ва ҳадафҳои таълим вобаста аст.

5.Раванди таҳкими ҷанбаи зебопарастии мазмуни раванди таълим барои ташаккули фарҳанги зебопарастии донишҷӯён дар шароити низоми таълими рейтингӣ ва кредитӣ характери дуҷониба дорад. Ин чунин маъно дорад, ки аз омӯзгор ба шогирд робитаи мустаким барқарор мешавад ва аз шогир ба омӯзгор бошад алоқаи баръакс сурат мегирад. Идоракунии раванд асосан дар фикру мулоҳиза асос меёбад, яъне дар чунин маълумоте, ки аз донишҷӯён бармеояд. Ҳар қадаре, ки дар ихтиёри омӯзгор маълумот зиёд бошад, вай

воситаю усули тарбияро хубтару мувофиқтар интихоб карда, таъсири тарбиявиро бехтар ташкил карда метавонад ва ин ҳамон қадар ба мақсад мувофиқтар аст.

Сохтори таҳкими ҷанбаи зебоипарастии мундариҷаи раванди таълим дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар шароити низоми таълими рейтингӣ ва кредитӣ робитаи табиии шароитии унсурҳои асосии онр дар бар мегирад: ҳадафҳо, вазифаҳо ва мундариҷа, принсипҳо, усул ва воситаҳо, самтҳо, инчунин, натиҷаҳои бадастовардашуда.

Дар байни низомҳои таҳкими ҷанбаи зебоипарастии мундариҷаи раванди таълим дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар шароити низоми таълими рейтингӣ ва кредитӣ, ки ба андозаи бештар ташаккули мазмуни таълимро муайян мекунанд низомҳои зеринро фарқ мекунанд:

1.ҳадафҳои қабулшуда;

2.дастовардҳои иҷтимоӣ ва илмӣ;

3.талаботи иҷтимоӣ;

4. талаботи шахсӣ;

5. имкониятҳои педагогӣ ва ғ.

Ташаккули фарҳанги эстетикӣ ба воситаи фанҳои таълимӣ бояд ба таври маҷмуавӣ ба роҳ монда шавад. Инчунин, бояд дар назар дошт, ки ҳар як фан имкониятҳои хоси худро дорад ва ин имкониятҳо дар раванди таълим бояд ба назар гирифта шаванд.

Эстетикикунонии ҳар як машғулият бо чунин роҳҳо амалӣ карда мешавад:

тавассути инъикоси равшани масъалаҳои тарбияи эстетикӣ дар мавзуъҳои омӯхташаванда;

ба таври сохторӣ ворид намудани иттилооти дорои хусусияти фарҳангӣ ба дарсҳои назариявӣ ва амалӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинии умумии фарҳангии донишҷӯён;

ба воситаи ташаккул додании малакаҳои эҷодӣ ва амалии дорои хусусияти эстетикӣ дар писарону духтарон;

эҷоди «фазои эстетикӣ»;

азнавсозии сифатии фаъолияти маърифатӣ;

аз худ намудани аппарати консептуалӣ ва тавсифдиҳандаҳои мазмунию сохтории низоми тарбияи эстетикӣ.

Ҳамин тариқ, эстетикикунонии мундариҷаи таълим як самти бисёрҷанба буда, имкониятҳои на танҳо илмҳои гуманитарӣ, балки тамоми фанҳои дигарро низ дар бар мегирад. Таносуби оптималии фанҳои гуманитарӣ ва табиатшиносӣ, инчунин, пурра кардани мазмуни фанҳои табиию риёзӣ ва техникӣ бо донишҳои «ба инсон равонашуда» зарур аст, зеро ин барои аз тарафи донишҷӯён дуруст дарк намудани муносибати инсон ба ҷомеа ва техника мусоидат мекунад. Аз худ намудани донишҳои хусусияти башардӯстидошта боиси ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён, ҷаҳонбинии ба шахсият нигаронидашуда, ақидаҳои некбинона ба мушкилоти ҳаёт ва бақои он, дарки мазмуни ҳаёти инсон дар донишҷӯён мегардад ва ин имкон медиҳад, ки дар ҳама гуна шароит на танҳо пурмаҳсул меҳнат кунад, балки арзиш ва асолати худро нигоҳ дорад.

*Шароити дуюми педагогии* ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар шароити низоми кредити-рейтингии таълим *эстетикикунонии муҳити таълимии донишгоҳ* мебошад.

Феълан масъалаи эстетикикунонии муҳити таълимӣ, ки ҳамчун асоси фаъолият ва маҷмуи устувори арзишҳои фарҳангӣ арзёбӣ мешавад аҳаммияти муҳим дорад. Вай аз як тараф, мазмуну натиҷаҳои предмети фаъолияти бадеӣ ва эҷодии ба таври муайян ташкилшуда ва аз тарафи дигар, шаклҳои муносибати одамонро бо воқеияти муҳити фарҳангӣ ва эстетикӣ дарбар мегирад.

Мафҳуми «муҳит»-ро ба фалсафа ва ҷомеашиносӣ файласуфи фаронсавӣ, асосгузори ҷараёни фарҳангӣ-таърихӣ Тен И.С. ворид намудааст. Аз нуқтаи назари фалсафию педагогӣ ба баррасии масъалаи «муҳит» аз мавқеи аҳаммияти тарбиявии он аввалин шуда намояндагони мактаби адабӣ ва фалсафии рус дар нимаи дуюми XIX ва ибтидои асри XX Бердяев Н.А., Булгаков С.Н., Розанов В.В. ва Толстой Л.Н. майл кардаанд. Педагог-антропологҳои нимаи дуюми асри XIX, аз қабили Каптерев П.Ф., Лесгафт П.Ф. ва Ушинский К.Д. ба нақши муҳити зист дар раванди таълиму тарбия таваҷҷуҳи махсус медоданд. Онҳо дар таълимоти худ ба раҳёфти антропологӣ, ки робитаи ҳама гуна донишро дар бораи падидаҳо ва равандҳои тарбиявӣ бо дониш дар бораи табиати инсон дар бар мегирад, такя мекарданд.

Исбот шудааст, ки:

истифодабарии ранг мувофиқи синну сол ё афзалиятҳои миллӣ метавонад ба донишҷӯён таъсири ҳаловатбахш расонад;

хусусияти ранги деворҳо (ранг, матоъ) ба фаъолияти зеҳнии донишҷӯён ва ба муттамарказияти диққат таъсири ҷиддӣ мерасонад;

муҳит бояд аз муҳите, ки боиси хастагӣ мегардад фарққунанда буда, равшану дилписанд бошад;

муваффақияти омӯзиш бештар аз мавҷудияти “майдони ба чашм мувофиқ” дар дохили синфхона вобаста аст.

Маълум аст, ки ҳар гуна муҳит, аз ҷумла тарбиявӣ одамро ба амалҳои муайян водор мекунад ва барои онҳо шароити мусоид фароҳам меоварад.

Гуруҳҳои асосии биноҳои ҳар як муассисаи таълимӣ синфхонаҳо, лабораторияҳо, тлорҳои ллесионӣ, устохонаҳо, студияҳо ва иншооти фароғатӣ маҳсуб меёбанд, ки вазифаҳои фароғат ва робитаро муттаҳид мекунанд.

Биноҳои таълимӣ бояд ба маҷмуи талабот – педагогӣ, беҳдоштӣ, психологӣ, эстетикӣ ва функсионалӣ ҷавобгӯ бошанд. Тарҳи меъмории ин гуруҳи биноҳо бояд ташкили фазоии шаклҳо ва усули гуногуни таълим, яъне коллективӣ, гуруҳӣ ва инфиродротаъмин намояд.

Дохили ҳар як синфхона бояд «симои» худро дошта бошад ва ба талаботи эргономика (иқлими рӯшноӣ ва ранг, рушноии табиӣ, самтгирӣ ба қисматҳои олам, ҳарорат, шароити ҳавотозакуниии табиӣ ё сунъӣ) ҷавобгӯ бошад.

Муҳити предметӣ-эстетикӣ ҳамчун мафҳуми «муҳити эстетикӣ» дар сохтори худ унсурҳои моддӣ ва зебоипарастии дар як ягонаи воҳид муттаҳидшударо дар бар мегирад, ки объектҳо ташкилкунанда он барандагони мақсадҳои эстетикӣ ва функсионалӣ мегарданд. Ба объектҳои моддӣ қобилияти бо чизе дар робита будан, доштани сарҳадҳои нисбатан аниқи фазоӣ ва хосиятҳои физикӣ хос мебошанд. Тарафи маънавии муҳити предметӣ-эстетикӣ нишондиҳандаҳои физикӣ надорад. Он маҳсули фаъолияти баҳодиҳии субъект мебошад, гарчанде аз хусусиятҳои худи субъект вобаста аст. Аммо раванди эстетикикунонии муҳити тарбия ин восита буда, натиҷаи ниҳоиаш аз он вобаста аст, ки онро кӣ идора мекунад. Дар таърихи фалсафа мафҳуми «эстетикикунонӣ» ба маъноҳои гуногун корбурд мешуд.

Бо таваҷҷуҳи зиёд ба эстетикикунонии таълим дар ташаккули фарҳанги зебопарастии донишҷӯён дар шароити низоми кредитӣ-рейтингии таълим дар татбиқи раҳёфти системавӣ онро ба таври интихобӣ метавон чунин муаррифӣ кард:

фалсафа: зебоӣ ва ҷиддияти фикр, фарохии он он, шарифӣ ва ҳақиқат; мантиқ ва далелнокии консепсияҳо; возеҳии андеша ва дақиқии забон;

забон ва фарҳанги гуфтор: бою рангин ва дақиқ будани забон; зебоии графикӣ - хаттотӣ; зебоии суханварӣ – сертобиши сухан; зебоии «шабоҳат» изоморфизми фикр ва сухан;

таърихи фарҳанги мусиқии ҷаҳонӣ: зебоии садо; рамзи акустикии фарҳанг; садоҳои табиат ва садоҳои мусиқӣ; мусиқӣ ҳамчун рамзи универсалии зебоӣ, ҳамоҳангӣ ва тартибот; зебоии тембрҳои гуногун; «эстетикикунонии дуюми мусиқӣ» - зебоии маҳорати иҷрокунӣ;

математика: эстетикаи адад; рамзи фарҳанги миқдорӣ; зебоии бузургиҳои математикӣ (шахсӣ, таносуб ва ғ.); математика ҳамчун рамзи зебоии зеҳнӣ ва тартибот;

истеҳсоли дастгоҳҳои парвозкунанда: зебоии тарҳҳо ва шаклҳо; ҳамоҳангии такмили техникӣ ва функсионалӣ; ҳавопаймо ҳамчун амсилаи идеалии "аҷоиб".

Бояд ба назар гирифт, ки эстетикикунонии фазои таълимӣ барои ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар шароити низоми кредитӣ-рейтингии таълим дар татбиқи раҳёфти системавӣ маҷмӯи шароитҳое мебошад, ки на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ, методологӣ, методӣ, ташкилӣ, балки ба таври стихиявӣ ягонагии органикии сифатҳои аз ҷиҳати фарҳангӣ талабшавандаи фард, алоқаи махсуси одамро бо олами беруна, фаъолгардонии раванди инкишофи соҳаи эмотсионалӣ-ҳиссиётӣ ва таҷрибаҳои эстетикӣ, мусоидат намудан ба ташаккули муносибати эстетикӣ ба воқеиятро дар бар мегирад.

Дар раванди ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён ҳангоми тарбияи эстетикӣ эстетикӣкунонии муҳити таълимии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, яъне вазъи синфҳо, кабинетҳо, толорҳо, долон ва ғ. аҳаммияти махсус дорад. Ороиши долон, ороиши гушаҳо алоҳида, овезаҳо - ҳамаи ин ёрдамчии хомуши омӯзгор дар тарбияи эстетикӣ ва ахлоқии мактаббачагон мебошанд ё метавонанд, баръакс, монеа эҷод кунанд.

Агар кӯдакро аз синфи якум то охири мактаб чизҳое фаро гирифта бошанд, ки бо зебоӣ, мақсаднокӣ ва соддагӣ фарқ мекунанд, пас ба ҳаёти ӯ чунин меъёрҳо, ба монанди мақсаднокӣ, назму тартиб, ҳисси чанак (андоза) ба таври зершуурона ворид мешаванд, яъне меъёрҳое ки баъдтар табъу талаботи ӯро муайян мекунад. Агар газетаи бепарвоёна

тартибдодашуда дар синфхона моҳҳо овезон бошад, дар гӯшаи синфӣ маълумоти нав, шавқовар ва зарурӣ пешниҳод нагарданд, ба тозагии кабинет диққати зарурӣ дода нашавад, он гоҳ тадриҷан дар мактаббачагон муносибати таммулпазирона нисбат ба хунукназарӣ пайдо мешавад.

Мавриди қайд аст, ки ба ташаккули завқи эстетикӣ ва идеалҳои бачаҳо на танҳо муҳит таъсир мерасонад, балки ба ҷузъҳои муҳити зебоипарастии ба рушди зебоипарастии шахсият таъсиррасонанда хислатҳои шахсият, муҳити муошират, низоми муносибатҳои одамон (ба инсон, кор, санъат, таълим, табиат ва ғ.) ва эстетикаи рафтор низ дохил мешаванд.

Я. А. Коменский муносибати дилписанди байни мураббиҳо ва тарбиягирандагонро, ки на танҳо ба идеяҳои раванди тарбиявии инкишофёбанда мувофиқ аст, балки ба зебопарастии муносибатҳо мусоидат мекунад, чунин тавсиф медиҳад: "Агар омӯзгорон мунису меҳрубон бошанд, он гоҳ бачаҳоро аз худ дур намекунанд, балки тавассути рафтору гуфтор ва муомилаи падарвор онҳоро ба худ моил мекунонанд; агар омӯзгорон хонандагони серғайратро гоҳ-гоҳ таъриф кунанд (ҳатто ба хурдсолон себу чормағз ва шириниҳо диҳанд); агар баъзе хонандагонро ба хонаҳояшон даъват намуда, расмҳоеро нишон диҳанд, ки дар вақташ чиро бояд омӯзанд, асбобҳои оптикию геометрӣ, глобус ва дигар чизҳои ба ин монандро нишон диҳанд, ки дар онҳо ҳисси мафтуниро ба вуҷуд оварда метавонад; агар ба воситаи онҳо бо падару модарон муошират кунанд, хуласи калом, агар бо шогирдон бо муҳаббат муносибат кунанд, ба осонӣ дили онҳоро ба даст меоранд ва шавқу завқи мактаб рафтанро дар онҳо бедор мекунанд".

*Шароити сеюми педагогии* ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар шароити низоми кредитӣ-рейтингии таълим *таҳаммулпазирӣ* мебошад.

Таҳаммулпазирӣ майл ба ҳамдигарфаҳмӣ ва муколама бо дигарон, эътироф ва эҳтироми ҳуқуқи ӯ ба фарқ карданро дар назар дорад. Таҳаммулпазирии эътиқодӣ таърихан шакли аввалин ва бартаридоштаи зуҳури таҳаммулпазирӣ мебошад, ки аллакай ба замони муосир дахл дорад. Дар энсиклопедия инчунин, тафсири таҳаммулпазирӣ аз нигоҳи утилитаризми сиёсӣ ҳамчун василаи ҷилавгирӣ аз бадии бузургтар, яъне ноустувории иҷтимоӣ арзёбӣ шудааст. Бартарии фарҳангии падида ва механизми таҳаммулпазирӣ имкон медиҳад, ки ин қобилияти ҳар як фард ба тамоми соҳаи фарҳанг ва ба қисмати хосси он мисли санъат нисбат дода шавад. Бо назардошти замони муосир дарк кардан, баҳо додан ва муколамаҳои дараҷаҳои гуногуни амиқ доир ба асарҳои муосир ва классик, дар бораи мазмуну шаклҳои онҳо ҳангоми дар сатҳҳои гуногуни қарор доштани шууру завқи эстетикӣ ва эътиқоди иштирокчиёни баҳс ва эҷодкорони бадеӣ ё ба воситаи изҳороти оддии тамошобину шунавандагон агрессия ва хашмро бар намеангезад, зеро ангезаи онҳо одатан ба манфиатҳои ҳаётии шахсӣ таъсир намерасонад.

Ба андешаи мо, таҳаммулпазирии фарҳангӣ-эстетикӣ яке аз муҳимтарин самтҳои арзишӣ-маънoии инсон буда, дарк, эҳтиром ва қабули фарҳанги дигарро аз ҷониби ӯ (шахс) муайян мекунад ё ҳадди ақал набудани муносибати манфӣ ба зуҳуроти фарҳанги дигар. Санъат дар ташаккули таҳаммулпазирии фарҳангӣ ва эстетикӣ нақши муҳим мебозад, зеро санъати ҳақиқӣ миллат надорад, дорои арзишҳои умумибашарии ба ҳар халқ фаҳмо буда, шахсеро тарбия мекунад, ки шуури таҳаммулпазир ва омодаи ворид шудан ба муколамаи байнифарҳангӣ мебошад, то олами ботинии худро бой гардонад.

Чунин муошират фарҳангӣ-эстетикӣ муносибатҳоро дар як муҳити умумии иҷтимоию фарҳангӣ ва микромуҳит, аниқтараш, фазои ҷомеа тақвият медиҳад. Аммо шароити муҳимтарин ва муайянкунандаи ташаккули чунин фазо дар низоми таълиму тарбияи кӯдакон, ҷавонон ва калонсолон ин барномаи таҳкими муносибатҳои таҳаммулпазирии фарҳангӣ-эстетикӣ дар ҳама шаклҳои имконпазир, яъне асосӣ ва иловагӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, таҳаммулпазирии зебоипарастии донишҷӯён яке аз муҳимтарин хислатҳои арзишӣ-маънoии шахс буда, фаҳмиш, эҳтиром ва қабули ӯро (шахс) муайян мекунад, ки аз фарҳанги худи ӯ фарқ мекунад, яъне бо роҳи омӯзиши ҳаматарафа ва эҷодкорона инкишоф додани хусусиятҳои зебоипарастии он ва набудани муносибати манфӣ ба зуҳуроти фарҳанги дигар.

Муҳтавои ин мафҳум, ки мо дар ин пажӯҳиш мавриди бозбинӣ қарор додем, тавассути робитаи мафҳумҳои «таҳаммулпазирӣ», «фарҳанг», «санъат», «эстетика», «эстетикӣ», «таҳлилҳои арзишӣ-маънoӣ», «тафаккури таҳаммулпазирӣ» ва «рафтори таҳаммулпазирона» ҳамчун сифати интегративии шахс, ки хусусияти ҳамкории донишҷӯро бо олами беруна муайян мекунад, ошкор карда мешавад.

Асоси таҳаммулпазирии зебоипарастии донишҷӯёнро унсурҳои маърифатӣ, танзимкунанда (эмотсионалию иродавӣ) ва маомию рафторӣ ташкил медиҳад.

Баланд бардоштани самаранокии ташаккули сифатҳои таҳаммулпазирӣ шахсият, ки бояд ба паҳлуҳои гуногуни таълиму тарбияро дар мактаби ибтидоӣ фаро гирад, ба фаъолияти эҷодии эстетикӣ мусоидат мекунад ва ин ба хонандаи хурдсол барои дарк ва қабули арзишҳои умумибашарии дар забон ва анъанаҳои фарҳангии ҳалқҳои гуногун ҷойгиршуда имкон медиҳад.

*Шароити чоруми педагогии* ташаккули фарҳанги зебопарастии донишҷӯён дар шароити низоми кредити-рейтингии таълим *ҷалб намудани донишҷӯён ба кори мустақилонаи дарки эстетикӣ* ва эҷодиёти эстетикидошта мебошад.

Кори мустақилона оид ба ташаккули фарҳанги зебопарастии донишҷӯён дар шароити низоми кредитӣ-рейтингии таълим дар донишгоҳ бояд характери мунтазамӣ, пайвастагӣ ва мураккабшаванда дошта бошад. Дар шароити низоми кредитӣ-рейтингии таълим се дараҷаи мураккабии корҳои мустақилона оид ба ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён вуҷуд дорад:

1. Дараҷаи такрористеҳсолкунанда (репродуктивӣ ё таълимӣ)-и кори мустақилона, ки дар он барои дараҷаҳои дигар замина гузошта шуда, заминаи шифоҳии лексикӣ-грамматикӣ ташаккул мeёбад, меъёрҳо дар хотира гузошта мешаванд. Дар ин дараҷа азхудкунӣ ва мустаҳкамкунии маводи нав сурат мегирад.

2. Дараҷаи бозсозӣ (гузариш ё нимэҷодӣ)-и кори мустақилона аз дараҷаи пештара бармеояд. Дар ин дараҷа таҳлили маводи таълимӣ бо таркиби минбаъдаи он сурат мегирад. Дар ин ҷо интиқоли дониш, маҳорат ва малакаи ҳосилшуда ба ҳолатҳои шабеҳ, инчунин, ташаккулёбии изҳорот доир ба ҳолатҳои монанд сурат мегирад. Кори мустақилонаи ин дараҷа фаъолияти бештари фикрӣ ва эҷодкориро талаб мекунад.

3. Дараҷаи эҷодӣ (эҷодкорӣ ё ҷустуҷӯйӣ)-и кори мустақилона бо ташаккули малака ва маҳорати ба амал баровардани ҷустуҷӯ ҳангоми ҳалли масъалаҳои мураккабтари муошират алоқаманд аст. Дар ин ҷо шахсияти эҷодкор ва дорои мустақилияти касбӣ ташаккул меёбад. Масалан, ҳангоми кор бо матни забони хориҷӣ донишҷӯ дар зинаҳои гуногуни омӯзиш аз такрори нақл ба абстраксияи он ва дар сатҳи баландтар ба таҳияи гузориши таҳлилӣ дар асоси миқдори зиёди маводи забони хориҷӣ мегузарад.

Ҳангоми ташаккули фарҳанги зебопарастии донишҷӯён дар шароити низоми кредитӣ-рейтингии таълим ташкили кори мустақилона бояд ягонагии се шакли ба ҳам алоқамандро ифода намояд:

1.Кори мустақилонаи аудиторӣ.

2. Кори мустақилонаи беруназсинфӣ.

3.Эҷодӣ, аз ҷумла илмӣ-таҳқиқотӣ.

Омӯзгор шаклҳои оптималии ташкили кори мустақилонаро интихоб намуда, барои то ҳадди имкон ба вуҷуд овардани мароми таълимӣ саъй карда, ҳаҷми супоришро дуруст муайян мекунад ва вақти оптималии иҷрои онро бо назардошти имкониятҳои инфиродии ҳар як донишҷӯ ба хисоб мегирад. Ҳаҷми тоқатнопазири супориш ва талабҳои аз ҳад зиёд баланд самараи таълимро комилан паст мекунанд.

Ҳамин тавр, дар ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар шароити низоми кредитӣ-рейтингии таълим кори мустақилона нақши хоса дорад, ки ангезаи иловагии ташаккули мароми маърифатӣ ва баланд бардоштани фаъолияти зеҳнӣ мебошад. Ташкилу бароҳмонии оқилонаи ва аз ҷиҳати дидактики салоҳиятноки он имкон медиҳад, ки донишҷӯён дар асоси имкониятҳояшон ба фаъолияти маърифати (тарбияи эстетикӣ) ворид карда шаванд.

*Шароити панҷуми педагогии* ташаккули фарҳанги зебопарастии донишҷӯён дар шароити низоми кредитӣ-рейтингии таълим *ташаккули фарҳанги зебопарастии миллии донишҷӯён* маҳсуб меёбад.

Мафҳуми фарҳанг аз мафҳуми миллат ҷудонашаванда аст. Ташаккули фарҳанги зебопарастии донишҷӯён дар доираи ташаккул ва инкишофи характери миллӣ ва худшиносии миллии ҳар як донишҷӯ сурат мегирад.

Фарҳанги эстетикӣ ҳамчун чузъи таркибии фарҳанги умумии мутахассиси оянда ҳамоҳангии оламӣ ботинии инсонро нигоҳ медорад. Ташаккули он равона кардани таълимро ба ташаккули шахсияти аз ҷиҳати маънавӣ бой таъмин намуда, майли зебопарастиро инкишоф медиҳад.

Фарҳанги зебопарастии миллии шахс ҳамчун як ҷузъи таҷрибаи маънавии миллӣ ба инсон имкон медиҳад, ки дар рафтор ва фаъолияти объективӣ зебоии ба тафаккури миллӣ хосро дарк ва эҳё кунад ва барои дидан ва қадр кардани зебоии дигар фарҳангҳо мусоидат мекунад.

Агар аз як тараф фарҳанги миллӣ падидаи хоси ин миллат бошад, аз тарафи дигар, унсурҳои фарҳанги умумибашарӣ маҳсуб меёбад. Ба қавли В.Н. Козелко фарҳанги миллӣ дар асоси асолати миллию баназирии халқ ва мавқеи хоси он дар фарҳанги умумибашарӣ муносибати хоси миллии одамро ба олам муайян мекунад [30].

Муҳаққиқ бар ин назар аст, ки хусусияти миллӣ на танҳо аз рӯйи расму оинҳои миллӣ, балки меъёру арзишҳои миллӣ, ки дар забони миллӣ собит шуда, ифода ёфтаанд, муайян карда мешавад. Охиронаш барои таҳқиқоти мазкур аҳаммияти хосса дорад, зеро нақши забон ҳамчун собиткунандаи фарҳанги миллӣ ва шакли такрористеҳсоли он ниҳоят муҳим аст чун муҳимтарин роҳи мубодилаи дониши инсон дар бораи олам маҳсуб меёбад.

Дар таҳқиқоти мо дар зери мафҳуми фарҳанги зебопарастии миллии донишҷӯ муносибати зебоипарастии ӯро ба олам дар назар дорем, ки дар арзишҳои зебопарастии миллӣ, дониш ва дарки принсипҳои зебоӣ ва роҳҳои муносибати эстетикӣ бо олами беруна, ки хоси фарҳанги миллӣ мебошанд, асос ёфтааст.

Мо сохтори ташаккули фарҳанги зебопарастии донишҷӯёнро дар шароити низоми кредитӣ-рейтингии таълим тавассути унсурҳои сохтории зерини таҷрибаи зебопарастии миллии онҳо баррасӣ мекунем:

1. Арзишҳои миллии зебоипарастии шахсӣ ҳамчун майлу рағбат ба зебоӣ дар фарҳанги миллии ҷомеа, ки худ дорои арзиш мебошанд.

2. Манзараи зебопарастии миллии ҷаҳон, ки дар дониш доир ба қонунҳои миллӣ ва қонуниятҳои зебоии миллӣ ҷой гирифта, бо истилоҳоти забони миллӣ ифода ёфтааст.

3. Восита ва усули табдили зебопарастии воқеият, ки дар маҳорату малакаҳои шахсӣ, аз ҷумла дар муоширaт асос ёфтаанд.

Ҳамин тариқ, ташаккули фарҳанги зебопарастии донишҷӯён ба ташаккули фарҳанги зебоипарастии миллии донишҷӯён вобаста аст, зеро:

Аввалан, фарҳанги миллии зебопарастии донишҷӯён муносибати зебопарастии онҳо ба олам аст, ки дар асоси арзишҳои зебопарастии миллӣ, донистани зебоӣ ва тарзи ҳамкории эстетикӣ бо олами беруна, ки хусусияти миллӣ доранд, асос ёфтааст.

Дуюм, сохтори фарҳанги миллии зебопарастии донишҷӯро сохтори таҷрибаи миллии зебопарастии шахсии ӯ дар робита бо олам муайян мекунад. Унсурҳои ин таҷриба ҳамчун меъёрҳои ташаккули сифати баррасишаванда баромад мекунанд.

Сеюм, ин сифат характри динамикӣ дорад. Инкишофи он ба фаъолияти унсурҳои таҷрибаи зебопарастии шахсӣ дар фарҳанги миллӣ ва дар робитаи байни онҳо асос ёфтааст, худи фарҳанги зебопарастии миллӣ бошад дар натиҷаи омӯзиш ҳамчун фарҳанги сатҳи фардӣ тавсиф мешавад. Ҳамин тавр, вай асоси инкишофи фарҳанги зебопарастии умумии инсонии донишҷӯ мебошад.

*Шароити шашуми педагогии* ташаккули фарҳанги зебопарастии донишҷӯён дар шароити низоми кредитӣ-рейтингии таълим *истифодаи захираҳои рақамии таълимӣ дар раванди таълим* мебошад.

Ҷорӣ намудани захираҳои таълимии рақамӣ дар раванди ташаккули фарҳанги зебопарастии донишҷӯён дар шароити низоми кредитӣ-рейтингии таълим дар татбиқи раҳёфти системавӣ истифодаи усули нави раванди таълим ва баланд бардоштани салоҳияти педагогии омӯзгорро тақозо мекунад.

Маводи таълимии электронӣ барои ҳалли муваффақонаи масъалаҳои дидактикӣ шароит фароҳам меоваранд.

Ба маънои васеъ, захираҳои таълимии рақамӣ иборатанд аз: маводи таълимӣ, ки бо истифода аз дастгоҳҳои рақамӣ (электронӣ) тавлид мешаванд.

Ба маънои маҳдуд, захираҳои таълимии рақамӣ инҳоянд: захираҳои матнӣ ва мултимедӣ, захираҳои интернетӣ ва офлайнӣ, инчунин, лексияҳо, захираҳои амалӣ ва маводи гуногуни назоратӣ-ченкунӣ ва машқдиҳанда [1., с. 89-92].

Ҳамчун воситаи таълим, захираҳои таълимии рақамӣ дорои талаботи анъанавии зерин мебошанд: эътимоднокӣ, замонавӣ, дастрасӣ, ҳамгироӣ, амалӣ, мувофиқ будан.

Моҳияти воситаҳои захираҳои рақамии таълимӣ дар раванди ташаккули фарҳанги зебопарастии донишҷӯён дар шароити низоми кредитӣ-рейтингии таълим дар татбиқи раҳёфти системавӣ дар ин ифода меёбад:

Аввалан, ин як намуд объекти пурмазмуни дар шакли электронӣ пешниҳодшуда мебошад, ки барои мақсадҳои таълимӣ пешбинӣ шудааст.

Дуюм, захираҳои таълимии рақамӣ маҷмӯи иттилоот дар шакли рақамӣ мебошанд, ки метавонанд дар раванди таълим истифода шаванд. Дар асоси ин таърифҳо, мо захираҳои

таълимии рақамиро ҳамчун аудио, видео ва дигар маҳсулоти иттилоотии рақамӣ, ки барои истифода дар таълим пешбинӣ шудаанд, мефаҳмем.

Ҷорӣ намудани захираҳои таълимии рақамӣ дар раванди ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар шароити низоми кредитӣ-рейтингии таълим ҳангоми татбиқи раҳёфти системавӣ бояд:

1. Ба мазмуни китоби дарсӣ мувофиқат кунад.
2. Дар шаклҳои муосири таълим ворид карда шавад.
3. Имконияти тафриқакуниро фароҳам оварад.
4. Истифодаи ҳам кори мустақил ва ҳам гуруҳиро таъмин кунад.
5. Имкониятҳои банақшагирии омӯзишро дар бар гирад.
6. Фарогири маводҳои боэътимод бошад.
7. Бидуни зиёд кардани шумораи мавзуъҳо маҳзмуни фанни таълимиро васеътар кунад.

Ҳамин тариқ, моҳияти шароитҳои пешниҳодшудаи педагогии ташаккули фарҳанги зебоипарастии донишҷӯён дар шароити низоми кредитӣ-рейтингии таълим дар татбиқи раҳёфти системавӣ дар он ифода меёбад, ки онҳо барои ба таври мутташаккилона ва мазмуннок дигар кардани ҳамкории омӯзгор ва донишҷӯён, таҳрик додани донишҷӯён ба фаъолияти маромноки эҷодӣ ва эстетикӣ, инчунин, амалисозии зарфияти намудҳои гуногуни санъат барои таҳкими ҳиссиёт ва тасввуроти эстетикӣ мусоидат мекунанд.

## АДАБИЁТ:


1. Гузнова А.В., Павлова О.А. Использование электронных образовательных ресурсов в изучении дисциплин гуманитарного цикла // Азимут научных исследований: педагогика и психология. 2019. Т. 8. №3 (28). С. 89-92
2. Павлов С.Н.Организационно-педагогические условия формирования общественного мнения органами местного самоуправления: автореф. дис. канд. пед. наук / С.Н.Павлов.— Магнитогорск, 1999.— 23 с., с. 14
3. Сверчков А. В. Организационно-педагогические условия формирования профессионально-педагогической культуры будущих спортивных педагогов / СверчковА.В. // Молодой ученый.— 2009.— №4.— С. 279–282.,
4. Filosofskij entsiklopedicheskij slovar' / E. F. Gubskij, G. V. Korabljova, V. A. Lutchenko. M., 2000.
5. Parsons T. O strukture sotsial'nogo dejstvija. M.: Akademicheskij Proekt, 2002.


## ШАРОИТИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ЭСТЕТИКИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР НИЗОМИ КРЕДИТӢ-РЕЙТИНГИИ ТАЪЛИМ


Бо таҳкими ҷанбаи эстетикии мазмуни раванди таълим барои ташаккули фарҳанги эстетикии хонандагон дар шароити низоми таълими рейтингӣ-кредитӣ мо системаи дониш ва малакаеро мефаҳмем, ки барои таълим дар шакли муайяни таълим интихоб карда мешаванд. Категорияи мустахкам намудани чихати эстетикии мазмуни таълим хамеша конкретиро талаб мекунад: мазмуни абстрактӣ аз мохияти дохилии система чудо нест. Мазмуни таълими умуми барои инкишофи хаматарафаи талабагон, инкишофи тафаккур, шавку хаваси маърифатӣ ва омодагии онхо ба мехнат заминаи асосиро ташкил медихад. Мундариҷа ҳамчун воситаи амалӣ намудани ҳадафҳои таълимӣ бояд талаботи имрӯза ва ояндаи ҷомеа, инчунин талаботи шахсиятро инъикос намояд. Маҳз талабот моро водор месозад, ки мундариҷаро таҳия ва дар барномаҳои муассисаҳои таълимии навъу сатҳҳои гуногун татбиқ намоем.



***Калидвожаҳо:*** *Шароит, педагогӣ, ташкилӣ, психологӣ, педагогӣ, дидактикӣ, рейтинг, рейтинги кредитӣ, ботаҷриба, эстетикӣ, рейтинг, кредит, ҳадафҳо, интизориҳо, талабот, шахс, имкониятҳо.*


## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ФОРМИРОВАНИЯ ЭСТЕТИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ ОБУЧАЮЩИХСЯ В КРЕДИТНО-РЕЙТИНГОВОЙ СИСТЕМЕ ОБРАЗОВАНИЯ


Под усилением эстетического аспекта содержания образовательного процесса по формированию эстетической культуры обучающихся в условиях рейтингово-кредитной системы образования мы понимаем систему знаний и умений, которые отбираются для обучения в определенной форме обучения. учреждение. Категория усиления эстетической стороны содержания образования всегда требует конкретизации: не существует абстрактного содержания, отделенного от внутренней сущности системы. Содержание общего образования составляет основу всестороннего развития учащихся, развития мышления, познавательного интереса и их готовности к труду. Как средство реализации образовательных целей содержание должно отражать текущие и будущие потребности общества, а также потребности личности. Именно требования заставляют нас формировать содержание и внедрять его в программы образовательных учреждений различного типа и уровня.

***Ключевые слова:*** *Условия, педагогические, организационные, психологические, педагогические, дидактические, рейтинговые, кредитно-рейтинговые, опытные, эстетические, рейтинговые, кредитные цели, ожидания, требования, личные, возможности.*

**PEDAGOGICAL CONDITIONS FOR THE FORMATION OF AESTHETIC CULTURE OF STUDENTS IN THE CREDIT-RATING SYSTEM OF EDUCATION**

Strenghening the aesthetic aspect of the content of the educational process on the formation of the aesthetic culture of students under conditions of the rating and credit education system we understand the system of knowledge and skills that are selected for learning in a certain form of educational institution. The category of strengthening the aesthetic aspect of the content of education always requires specification: there is no abstract content separated from the inner essence of the system. The content of general education forms the basis for the all-round development of students, the development of thinking, cognitive interest and their readiness for work. As a means of implementing educational goals, the content should reflect the current and future needs of society, as well as the needs of individuals. It is the requirements that lead us to form the content and introduce it into the programs of educational institutions of various types and levels.

***Key words:*** *Conditions, pedagogical, organizational, psychological, pedagogical, didactic, rating, credit-rating, experience, aesthetic, rating, credit, goal, expectations, requirements, personal, opportunities.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Саидзода Аҳмадшо Раҳматшо – н.и.п., дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода. Адрес: Сурога: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Мухаммадиева17/6. Тел. моб.: (+992) 911-25-02-03. Суроғаи эл.: ahmadsho1984@list.ru*

***Сведения об авторе****: Саидзода Ахмадшо Рахматшо – к.п.н., доцент, кафедри психологии Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, Моб. тел.: (+992) 911-25-02-03, Адрес: 734019, Таджикистон, г. Душанбе, улица Мухаммадиева 17/6, Эл. почта: ahmadsho1984@list.ru*

***Information about the author:*** *Saidzoda Ahmadsho Rahmatsho – PhD (Pedagogical Science), docent of the department of Pedagogy of Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mukhamadiev Str. 17/6. Mob. Phone: (+992) 911 25 02 03. E-mail: ahmadsho1984@list.ru*

**УДК: 796.1**

# ҶАНБАҲОИ ЭМПИРИКИИ ДАРСИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР ВА ИСТИФОДАИ БОЗИҲОИ МИЛЛӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

***Сафаров Ш. А.,***
**президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**
***Қаландарбекова Б. Х.***
**Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ ба номи С.Рахимов**

Дар системаи таълимӣ ва тарбиявии кор бо хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дарси тарбияи ҷисмонӣ мавқеи хосса дорад, зеро рушди ҷисмонӣ, тарзи ҳаёти солим ва фаъолияти ҳаракатии хонандагонро бунёдгузорӣ менамояд. Дар таҳқиқот мо таснифи сершумори муҳаққиқони алоҳидаро дар асоси таркиби миқдорӣ [2,31], тақсимоти бозиҳо ба инфиродӣ, дастаҷамъӣ ва оммавӣ [193], фаъолияти моторӣ[8,17], намудҳои гуногуни бозиҳои берунӣ дар иҷрои машқҳои ҷисмонӣ [3,56], таъсир ба рушди сифатҳои моторӣ [5,10], шиддат ва давомнокии таъсири бозӣ ба бадан [7,24] ва ғайра сифатҳои бозиҳоро ба назар гирифта, онҳоро мувофиқи маводи барномавӣ баррасӣ намудем.

Дар амалияи педагогии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ аксарияти омӯзгорони тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон аз бозиҳои гуногуни инфиродӣ ва дастаҷамъии миллии тоҷикӣ бо таваҷҷуҳ ба шароити иқлимии мавсимӣ истифода мебаранд, зеро муҳити табиӣ таъсири фаъолияти ҷисмониро ба хонандагон хеле зиёд мекунад. Ба ин муносибат муаллимон бояд вазъи обу ҳаворо ҳамчун қисми шароити дарс ба назар гиранд, то ба душвориҳои иловагӣ дучор нагарданд.

Барои татбиқ ва амалисозии дарсҳои пилотӣ дар мавзуи бозиҳои миллӣ, барои тарафҳои манфиатдор (волидон, мактаб, ҷомеаи шаҳрвандӣ, хонандагон) нуқтаҳои зеринро бояд аз худ намуд:

1. Донистани худи бозии миллӣ, таҳлили пурраи ташкил ва гузаронидани он дар шароити гуногун;
2. Фаҳмидани бозиҳои миллӣ, қоида ва фаъолияти бозӣ, тақсими хонандагон аз рӯйи ҷинс, синну сол ва гурӯҳи тиббии иштирокчиёни бозӣ;
3. Муайян намудани вазифаҳои тарбиявии бозиҳои миллии берунии тоҷикӣ ва аҳамияти онҳо барои таълим ва тарбияи хонандагон;

4. Муайян кардани истифодаи бозиҳои миллӣ дар такмили солимгардонӣ ва тарзи ҳаёти хонандагон;

5. Ташаккули сифатҳои ахлоқӣ тавассути бозиҳои миллии тоҷикӣ ва афзун додани донишҳо оиди анъанаҳои миллӣ [6,17].

Барои таҳлили бозиҳои миллии берунии тоҷикӣ, ки дар тадқиқоти мо истифода мешаванд, аз усули мушоҳидаи ғайрифаъол ва фаъол истифода шуда, натиҷаи мушоҳиди фаъол дар протоколҳо сабт карда шуд. Инчунин барои васеътар истифода бурдани бозиҳои берунии миллии тоҷикӣ дар амалияи мактабҳо, таъсири гуногуни онҳо ба инкишофи ҷисмонию равонии ҳонандагон, ташаккули сифатҳои ахлоқии ҳонандагон ин бозиҳоро аз нигоҳи мутобиқат ба маводи барномавӣ баррасӣ намудани бозиҳои мавҷуда омили тайғирёбии сифати таълим ва тарбия мегардад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки маҳз дар дарси тарбияи ҷисмонӣ ҳонандагон аввалин маълумотро дар бораи намудҳои варзиш, бозиҳои миллӣ, координатсияи ҳаракат ва дигар шакли ахборро дар бораи рушди ҷисмонӣ дастрас мекунанд. Дар натиҷаи пусиши ҳонандагони синфҳои поёнӣ ва болоӣ дар бораи муҳимияти дарси тарбияи ҷисмонӣ муайян шуд, ки дар ҳар ду гурӯҳ ҳонандагон ин дарсро ба гурӯҳи дарсҳои аввалиндараҷа ворид намуданд. Аз он ҷумла дар пурсиш ба ҳонандагон чунин савол гузошта шуд: фанҳои аввалиндараҷаро барои худ муайян кунед. Дар ҷавоб ба ин савол ҳонандагон мебоист 5 фанни асосиро интиҳоб мекарданд ва 70 фоизи ҳонандагон тарбияи ҷисмониро ба гурӯҳи фанҳои аввалиндараҷа ворид карданд. Ангезаи ин интиҳоб дар чи аст? Ба андешаи мо хонандагон дарк мекунанд, ки дарси тарбияи ҷисмонӣ барои рушди комили ҷисмонии онҳо ва фароғати байни дарсҳои душвори интеллектуалӣ зарур мебошад, зеро хастагии равонии онҳоро кам мекунад ва қобилияти ҳаракаткуниро дар онҳо афзоиш медиҳад. Аз тарафи дигар, ҳонандагон аҳамияти онро барои саломатӣ ва тарзи ҳаёти солим ба хубӣ эҳсос мекунанд ва барои ҳамин ин фанро барои худ муҳим медонанд. Аммо интиҳоби аҳамияти фанҳо на танҳо аз дониш ва ангезаи ҳонандагон оиди фан, балки аз истеъдоди муаллим низ вобастагӣ дорад. Баъзан, хонандагон фанро дуюмдараҷа бо он сабаб мешуморанд, ки ҳонандагон усули муаллимро намепазиранд. Барои ҳамин, усули дарс, методикаи муаллим, муносибати вай бо ҳонандагон, дониши муаллим, тарзи муошират, системаи баҳогузорӣ ва дигар омилҳо дар баланд ё паст гардидани шавқмандии ҳонандагон нисбат ба фанни тарбияи ҷисмонӣ нақши муҳим дорад. Тақсим қисматҳои дарс ва мазмуни он сол аз сол ташаккул меёбад ва дар ин самт муаллимон ва ҳонандагон фаъолона ширкат доранд. Вақтҳои охир дар методика ва усули дарси тарбияи ҷисмонӣ мавқеи бозиҳои миллӣ мувофиқ ба имконияти хонандагон ҷорӣ шудааст, ки донишҳои таърихӣ ва ҷисмониро бо ҳам пайваст карда, мавриди дарсгузаронӣ қарор медиҳад. Дар ин росто, муаллим 10 дақиқа вақтро барои ташаккули чандирият ҷудо мекунад. Аз он ҷумла, 4 дақиқа барои ҳаракати фаъол, 4 дақиқа барои машқҳо бо вазн, 2 дақиқа барои нигоҳ доштани баробарвазнӣ ва таносуби қомат сарф мешавад. Ин машқҳо, омодагии хонандагонро барои иҷрои ҳаракати душвор омода мекунанд. Баъди анҷоми машқи тамринӣ, муаллим хонандагонро ба гурӯҳҳо тақсим карда, бозиҳои миллиро байни онҳо доир мекунад. Таҷриба нишон медиҳад, ки 25 фоизи муаллимон дар ҳар як дарси тарбияи ҷисмонӣ 2 ё 3 намуди бозиро истифода мебаранд, ки аслан характери мустаҳкамкунии дарсро ифода мекунанд. 28,33 дарсади муаллимон дурии майдончаҳои варзиширо мактаб баҳо дода, танҳо дар қисми хотимавии дарс бозиҳои берунирo бо хонандагон мегузаронанд. 30 фоизи муаллимони фанни тарбияи ҷисмонӣ, дар интихоби бозӣ ба дониши ҳонандагон оид ба бозиҳо такя мекунанд[6,89].

Қисми муайянкунии таҷриба нишон дод, ки духтароне, ки дар реҷаи ҳарҳафтаинаи моторӣ дар дарси тарбияи ҷисмонӣ ба бозиҳои берунӣ машғуланд. Писарбачагон, дар бозиҳои берунӣ, муомила бо коллектив фаъолона иштирок намуда, сифатҳои ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва ихтиёриро такмил медиҳанд. Бояд гуфт, ки дар синфҳои болоӣ шумораи бозиҳо камтар мешавад ва дарс характери тахассусӣ мегирад. Хонандагон кӯшиш мекунанд, ки маҳорати худро нишон диҳанд ва аз ҳамин лиҳоз писарбачаҳо бештар бо вазнбардорӣ, дорбозӣ, қувваозмоӣ ва бандкашӣ шуғл варзида, байни ҳамдигар мусобиқаҳои индивидуалӣ доир мекунанд. Хонандагон аллакай сифатҳои пешсафии худро дар вақти иҷрои қувваозмоӣ нишон медиҳанд. Агар дар синни синфи поёнӣ, қувваи хонандагон ва маҳорати онҳо баробар бошад, дар синни 15-16 солагӣ характери индивидуалӣ аллакай бартарӣ ва фарқияти ҷисмонии онҳоро равшан нишон медиҳад. Шиори «Майдон аз, далер аст. Далер ҳамеша – ба пеш!» омили инъикоси фардии рушди хонандагон гардида, ҳамин тавр майлу шавқи онҳоро ба раванди иҷтимоишавӣ нишон медиҳад.

Аммо проблемаи дарсҳои тарбияи ҷисмонии замони муосир дар зиёдшавии бозиҳои ғарбӣ дар раванди дарс ва истифодаи ками бозиҳои миллӣ мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки аз 100% (60 нафар) муаллимони тарбияи ҷисмонӣ танҳо 25% (15 нафар) дар дарсҳои худ аз бозиҳои миллии тоҷикӣ истифода мебаранд. 16,67 фоиз (10 нафар) онҳоро ҳамчун тамрини омодагӣ ба дарс дохил мекунанд ва 33,33% (20 нафар) онҳоро дар қисмати охири дарс истифода мебаранд. Сабаби ин равандро 25% (15 нафар) дар душвории фаҳмонидани қоидаи бозӣ мебинанд ва ин вақти зиёдро талаб мекунад. Ба саволи « Ба шумо дар ҳалли масъалаҳои тарбиявӣ дар синф чӣ халал мерасонад?», муаллимони тарбияи ҷисмонӣ аз 100 фоиз (60 нафар) 33,33 фоиз (20 нафар) норасогии вақтро проблеам асосӣ ҳисобиданд ва боқимонда надоштани тахассус ва сабабҳои дигарро нишон доданд. Бинобар ҳамин, ба ташвиқи бозиҳои миллӣ бояд дигар муаллимонро низ ҷалб намуд[6,117]. Чунончи роҳбарони синф дар дарси тарбиявӣ, муаллими таърих дар дарси таърих ва кишваршиносӣ дар бораи ин бозиҳо метавонанд ба хонандагон маълумоти назарияивиро баррасӣ намоянд.

Таҳлили натиҷаҳои пурсиши муаллимони тарбияи ҷисмонӣ нишон дод, ки муаллимони тарбияи ҷисмонӣ дар дарс вазифаҳои тарбиявию солимгардониро қисман ҳал мекунанд ва сабаби чунин ҳолатро дар норасогии вақт мебинанд. Ба фикри мо дарси тарбияи ҷисмонӣ танҳо вазифаи роҳнамоӣ ба тарзи ҳаёти солим ва варзиши бузурги тахассусиро бозӣ мекунад. Аз ин рӯ, муаллимони тарбияи ҷисмонӣ бояд ба маҳорати индивидуалии хонандагон диққат дода, дар баробари ин масъалаҳои тарбиявию солимгардониро дар раванди дарс ҳал намоянд. Ҳангоми гузаронидани бозиҳои берунӣ муаллимони тарбияи ҷисмонӣ ва роҳбарони синфҳо асосан ба захираи бозиҳои худ такя мекунанд, зеро дониши хонандагон дар бораи бозиҳои миллӣ нисбатан, кам мебошад. Омӯзгорон бо сабаби надонистани ин бозиҳо тақозо мекунанд, ки дар курсҳои такмили ихтисоси назди муассисаҳои таълимии шаҳр ва ноҳияҳо курсҳои минтақавӣ, семинарҳо дар бораи гузаронидани бозиҳои миллии тоҷикӣ дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ гузаронида шаванд. Дар курсҳои бозомузии кадрҳои педагогии Донишкадаи Ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳои педагогӣ ва филиалҳои он муаллимон имкон доранд, бо қоидаҳои бозиҳои миллии тоҷикӣ шиносоӣ пайдо карда, онҳоро дар раванди дарс истифода баранд.

Мақсади чунин барномаҳои таълимӣ на танҳо тарғибу ташвиқ ва пурзӯр намудани фаъолияти таҳрикӣ тавассути ҷалби оммавии хонандагон, кӯдакон ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, балки тайғир додани тарзи ҳаёти онҳо мебошад. Ташаккули сифатҳои ахлоқӣ, ҳаракатӣ, қувва, идрок ва индивидуалии хонандагон тавассути бозӣ роҳи эҳёи системаи педагогикаи халқӣ дар тарбияи шаҳрванди комил мебошад.

Таҳлили мунтазами натиҷаҳои пурсиш ва анкетаҳои ҳайати педагогии мактабҳо, падару модарон ва аҳли ҷомеа нишон медиҳад, ки оид ба бозиҳои миллии берунии тоҷикӣ ва дигар намудҳои оммавии миллии варзиш, барои тарбияи ҷисмонӣ ва фароғатӣ, варзиши оммавӣ ва маҷмуа- мусобиқоти фароғатӣ дар муассисаҳои таълимӣ, донишгоҳҳо, марказҳои таҳсилоти иловагӣ, федератсияҳо ва дигар маҳфилҳои шавқовар бояд ҷои намоёнро ишғол намоянд.

Барои ба даст овардани маълумот дар бораи сатҳи дониши бозиҳои миллии тоҷикӣ аз ҷониби хонандагони синфҳои болоӣ зарур аст, ки бо ёрии мутахассисон бозиҳои намунавиро ташкил намуда, муаллимонро бо қоидаи онҳо шинос намуд. Баъдан, бо мақсади муайян кардани эътимоднокии шинохти онҳо ин бозиҳо дар миёни хонандагон гузаронида шаванд. Натиҷаи пурсиши мо дар байни хонандагон нишон дод, ки сарчашмаи маълумоти бозиҳои миллӣ дар байни хонандагон гуногун аст ва ба он волидон, дӯстон, воситаҳои ахбори омма, муаллими тарбияи ҷисмонӣ, мураббиёни маркази таълими давомдор, муаллимони синфҳои ибтидоӣ дохил шуданд.

Ба ақидаи олимони соҳа ба мисоли В.Г. Яковлева, Н.П. Аникеева, Н. Турсунова, Ш.А. Сафаров, Л. Губанова, И. Торопов яке аз роҳҳои эҳёи воситаҳои халқии тарбияи ҷисмонӣ ин таҳияи китоби дарсӣ мебошад, ки дар он хонандагон бо бозиҳои халқӣ шинос шуда, ҳунар ва истеъдоди худро дар идҳои оммавӣ намоиш диҳанд. [10;1;8;4;9].

Барои ташкили омӯзиши таҷрибавӣ мо бозиҳои миллии берунии тоҷикиро интихоб кардем, ки ба хонандагони синфҳои болоӣ писанд омаданд ва дар асоси онҳо таъсири бозиро ба рушди ҷисмонӣ, ташаккули сифатҳои ахлоқии ҳонандагон муайян кардем. Аз он ҷумла бозиҳои миллии шоҳмот, қувваозмоӣ бо дастхобонӣ, гуштингирӣ, бандкашӣ, камонварӣ ва ҷавгонбозӣ барои хонандагон шавқманд намуданд. Дар шароити муайян аспсаворӣ низ шакли дарсро метавонад иҷро намояд, аммо ин таълими махсуси муаллим ва хонандаро тақозо мекунад.

Барои дар ҷараёни таълим самаранок татбиқ намудани бозиҳои берунии миллӣ онҳоро ҳангоми таҷриба таҳлил намуда, алоқамандии онҳо бо методика ва қоидаҳои дарсро муайян намудем. Дар давоми таҳлил нуқтаҳои зерин баррасӣ шуданд:

Вазифаи асосии педагогии бозиҳои берунӣ;

Таркиби гурӯҳи бозӣ ва иштирокчиён;

Омода будани бозигарон ба вазъиятҳои гуногун;

Иштирокчиён дар бозӣ кадом хислатҳоро нишон доданд;

Муносибати байни иштирокчиёни бозӣ;

Муносибати иштирокчиёни бозӣ ба бурду бохт;

Дониши иштирокчиён оид ба усули асосии бозиҳои берунӣ;

Муносибати иштирокчиён ба бозии гузаронидашаванда;

Имкониятҳои имконпазир барои бозиҳои берунӣ.

Дар натиҷаи чунин таҳлил вазифаи асосии муаллим, хонандагон, шароити бозӣ, қоидаҳои бозӣ, манфиати бозӣ, моҳияти тарбиявии он, психологияи бозӣ ва ҷанбаҳои ахлоқии он муайян шуданд[6,127]. Ҳамаи мушоҳидаҳо дар протоколҳои эксперимент қайд карда шудаанд ва дар барномаҳои таълимӣ ҳамчун вазифаҳои педагогии муаллим дар самти истифодаи бозиҳои миллӣ сабт карда шуданд.

Барои ҳалли масъалаҳои гузошташудаи педагогӣ дар шароити гуногуни бозӣ мо синну сол ва омодагии ҳонандагон, намудҳои фаъолияти моторӣ, ки ба бозӣ дохил мешаванд, зухуроти сифатҳои ахлоқӣ ва ҷисмониро дар ин бозӣ ба назар гирифтем, ки муносибати хонандагонро дар раванди бозӣ инъикос мекунад. Ҳангоми ташкили корҳои таҷрибавӣ дар асоси бозиҳои миллии берунии тоҷикӣ бо ҳонандагон мо бо назардошти хусусиятҳои истифодаи бозиҳои миллии берунии тоҷикӣ дар раванди таълим таснифоти худро таҳия кардем, ки он дар мавридҳои зерин метавонад амалӣ карда шавад:

Дарси тарбияи ҷисмонӣ;

Дар вақти танаффус миёни дарсҳо;

Дар вақти оббозӣ;

Дар мусобиқаҳои миллӣ;

Дар идҳои миллӣ;

Ҳангоми сайри сайёҳӣ;

Дар сексияи махсуси варзишии миллӣ.

Таҷриба нишон медиҳад, ки бозиҳои миллии тоҷикӣ ва амалӣ намудани онҳо дар байни насли наврас имкониятҳои бузурги педагогӣ доранд, зеро онҳо на танҳо ба рушди самараноки ҷисмонию равонӣ мусоидат мекунанд, балки манбаи рафъи хастагӣ ва фишори равонии бузурги дарсҳо буда, ба тарбияи ҷисмонӣ мусоидат мекунанд. Дар таснифи мо мавқеи асосиро бозиҳои фардӣ (шоҳмот, гуштингирӣ, сангбардорӣ, камонварӣ), бозиҳои даставӣ (ҷавгонбозӣ, бандкашӣ), бозиҳои тан ба тан, бозиҳои беҳарба гирифтанд.

Натиҷаҳо нишон доданд, ки омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дарсҳо ва корҳои беруназсинфӣ аз бозиҳои миллии тоҷикии берунӣ ба қадри кофӣ истифода мебаранд, аммо ҳануз ҳам маълумоти онҳо оиди ин бозиҳо кам аст. Ҳамин тариқ, аз 60 нафар омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ танҳо 75% (45 нафар) аз шумораи умумии пурсидашудагон ба таври мунтазам бо ҳонандагон дар дарсҳо ва корҳои беруназсинфӣ бозиҳои берунӣ гузарониданд[6,127]. Натиҷаҳои таҳқиқот муайян намуд, ки ворид намудани бозиҳои миллии тоҷикӣ ба дарси тарбияи ҷисмонӣ дониши ҳонандагонро дар бораи меҳнат, зодгоҳ, табиат, расму оинҳои мардумӣ, таърихи мактаб, деҳа, шаҳр, ҷойҳои тамошобоб ва ғайра ғанӣ мегардонад. Аксарияти муаллимони тарбияи ҷисмонӣ, набудани адабиёти махсуси методӣ, надонистани қоидаи ин бозиҳо ва набудани тайёрии дахлдорро аз ҷумлаи душвориҳо номиданд. Инчунин муайян шуд, ки ҳангоми супоридани меъёрҳои таълимӣ ва инфиродӣ, аз худ намудани унсурҳои бозиҳои варзишӣ ва барномаҳои миллии бозии рақобатӣ, шароит барои рушди бисёрҷонибаи хонандагон муҳайё мегардад. Бо ҳамин мақсад зарур аст, ки муаллимони фаннӣ, роҳбарони синфҳои мактабҳои таҷрибавию назоратӣ, барномаи тарбияи ҷисмониро роҳбарӣ намуда, берун аз соатҳои дарсӣ бо мақсади баланд бардоштани фаъолияти ҳаракати хонандагон бештар дар миёни онҳо бозиҳои миллии берунӣ гузаронанд.

**АДАБИЁТ:**

1.Аникеева Н.П. Воспитание игрой /Н.П. Аникеева. - М.: [Текст]. - Просвещение, 1987. – 143 с.

2.Былеева Л.В., Коротков И.М. Подвижные игры: Учебное пособие для институтов физической культуры/Л.В. Былеева и др.[Текст] - Изд.5 - е, перераб. и доп. - М.: ФиС, 1982. – 224 с.

3.Галеев Э.Х. Татарские народные традиции физического воспитания и их использование в практике учебно-воспитательной работы / Э.Х. Галеев [Текст]: автореф. дис. канд. пед. наук. – Казань, 1973. – 23 с.

4.Губанова Л.А. Педагогические основы организации и проведения комплексных физкультурно - оздоровительных мероприятий в группе продленного дня (на материале I - III классов сельских школ Республики Таджикистан) / Л.А. Губанова [Текст]: дис. канд. пед. наук. - Душанбе, 2002. – 210 с.

5.Короев В.Т. Исследование эффективности применения национальных видов спорта, игр и упражнений для рационализации системы физического воспитания школьников Осетии / В.Т. Короев [Текст]: автореф. дис. канд. пед. наук.- Л., 1975. – 25 с.

6.Қаландарбекова Б.Х.Педагогический процесс как основа нравственного воспитания на уроках физической культуры средствами таджикских национальных подвижных игр (на материале учащихся 5 - 7 классов общеобразовательных школ Республики Таджикистан),Дисс. на соискание ученой степени кандидата педагогических наук, 13.00.01 - общая педагогика, история педагогики и образования (педагогические науки), Душанбе 2018

7.Мотукеев Б.Ф. Эффективные пути использования традиционных и национальных средств физического воспитания во внеклассной работе в школах Республики Кыргызстан / Б.Ф. Мотукеев [Текст]: автореф. дис. канд. пед. наук. – Алма-Ата, 1992. – 24 с.

8.Сафаров Ш.А. Педагогические основы формирования здорового образа жизни младших школьников средствами таджикских национальных подвижных игр (на материале I - IV классов общеобразовательных школ / Ш.А. Сафаров [Текст]: дис. канд. пед. наук. - Душанбе, 2007. – 219 с.

9.Торопов Н.И. Национальные виды спорта и игры в Таджикистане / Н.И. Торопов [Текст]. - М.: ФиС, 1944. – 80 с.

10.Турсунов Н.Н. Таджикские национальные виды спорта и игры и их воспитательное значение / Н.Н. Турсунов [Текст]: дис. канд. пед. наук. - Душанбе, 1964. – 315 с.

11.Яковлев В.Г. Педагогическая характеристика подвижных игр в теории и практике физического воспитания детей школьного возраста / В.Г. Яковлев [Текст]: автореф. дис. канд. пед. наук. - М., 1954. – 26 с.

## ҶАНБАҲОИ ЭМПИРИКИИ ДАРСИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР ВА ИСТИФОДАИ БОЗИҲОИ МИЛЛӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Дар мақолаи мазкур муаллиф проблемаи таҷрибаи гузаронидани дарси тарбияи ҷисмонӣ бо истифода аз бозиҳои серҳаракати миллӣ ва методикаи тарбияи хонандагонро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Муаллиф назарияи тарзи ҳаёти хонандагонро дар ҷомеаи муосир таҳлил намуда, барномаҳои иҷтимоии давлатро барои беҳтар кардани тарзи ҳаёти ҷомеа роҳи ҳалли гуногунии имкониятҳо ва тарзи ҳаёт муҳим медонад. Дар мақола муаллиф масъалаи тарзи ҳаёти солим ва моҳияти варзишро барои ҷомеаи муосир аз нигоҳи олимони фалсафа ва ҷомеашиносӣ таҳлил намуда, манфиати онро дар мисоли ақидаҳои гуногун нишон медиҳад. Муаллиф афкори олимони мухталифро доир ба мавзуъ баррасӣ менамояд ва мафҳуми тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро шарҳ медиҳад. Инчунин мубрамияти мавзуи мақола дар он зоҳир мешавад, ки то кунун олимон таърифи муайяни тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро аз нуқтаи илмҳои ҷомеашиносӣ дақиқан муайян накардаанд. Ин таъриф дар ҷаҳони илми муосир дар раванди таҳлил қарор дорад ва доир ба ин масъала фикру ақидаҳо гуногун мебошанд ва бинобар ҳамин, баррасии ин ақидаҳо дар доираи мақолаи илмӣ хеле ба мавврид аст.

***Калидвожаҳо:*** *варзиш, таҳқиқ, бозиҳо, сенрҳаракат, миллӣ, шакл, методика, тарбия, таҳқиқотчиён, тарбияи ҷисмонӣ.*

## ЭМПИРИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПРОВЕДЕНИЯ УРОКА ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ТАДЖИКСКИХ НАЦИОНАЛЬНЫХ ИГР В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ

В статье автор рассматривает вопросы практика проведения урока физической культуры с использованием таджикских национальных подвижных игр при определения исследование национальных подвижных игр как формы и методики воспитания и теории о значение спорта для современного общества с точки зрения общественных идей. Автор указывает на важность этого направления деятельности общества и анализирует мнение западных исследователей относительно теории о значение спорта для современного общества. вопрос поднятый автором важен в том плане, что до сих пор ученые не определили единый концептуальный подход к определению физического воспитания и спорта как стиль образа жизни. данное определение проходит этап становления и поэтому сравнение различных мнений по данному вопросу проливает свет в дальнейшем изучение тематики спорта как образа жизни.

***Ключевые слова:*** *спорт, исследование, национальных, подвижных, игр, форма, методика, воспитания, здоровье, исследователи, физическое воспитание, культура.*

**EMPIRICAL ASPECTS OF PRACTICE OF FISICAL CULTURE LESSONS IN CONTEMPORARY SOCIETY WITH USING OF NATIONAL GAMES IN TEACHING PROCESS**

In this article author note the problem of research of national motorical games as a practice of physical culture lessons with using of motorised national games. In article author discuss the problem of stratification term and its attitudes to life style in society. Author note the correlates of life style personality, role concept of stratification influences and controversy a study of the life style concern as a main term fisical culture. Author note that actuality of theme and conducted that this discussion very important for modern science. Because only after right definition of this problem we can find the only conceptual enlightenments about the life style. In this moment as author note, the life style knowledge stay in study of creation and its very important to analyses the difference opinions of scientists about the life style to create the conceptual conclusion in this trend of research.

***Kew words:*** *sport, research, national, motorical, games, form, method, nurture, health, opinion, scientists, physical teach, culture.*

***Маълумот дар бораи муаллифон:*** *Сафаров Шодӣ Асомуродович – доктори илмҳои педпгогӣ, президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон E-mail,Safarov.SH@mail,ru*

*Қаландарбекова Бунавша Худоёрбековна– номзади илмҳои педагогӣ, проректори Донишкадаи давлатии тарбияи ҷисмонӣ ба номи С.Раҳимов, тел: 90-101-82-47 sabrinakalandar.cov@gmail.com*

***Сведение об авторах:*** *Сафароф Шоди Асомуродович - доктр педагогических наук, президент Академияи образования Таджикистана E-mail,Safarov.SH@mail, ru*

*Каландарбекова Бунавша Худоёрбековна – кандидат педагогических наук, проректор Государственного института физической культуры имени С.Рахимова, тел:90-101-82-47, abrinakalandar.cov@gmail.com*

***Information about the authors:*** *Safarov Shodi Asomurodovih of Pedagogical Sciences, president of Tajikistan E-mail,Safarov.SH@mail, ru*

*Kalandarbekova Bunavsha Khudoiorbekovna – candidate (doctor PhD) pedagogical scienses, Deputy of rector in State institute of physical culture after S.Rahimov, tel. 90-101-82-47, sabrinakalandar.cov@gmail.com.*

**ТДУ: 371.012**

## ЗАРУРИЯТИ ЭЪЛОН ГАРДИДАНИ «СОЛИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ» ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Рӯзиева М. Д***

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин, ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ соли 2018-ро «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намуда, қайд намуданд, ки «Соҳаи сайёҳӣ дар марҳилаи муосир аз рукнҳои ҷараёни ҳамгироии ҷаҳонӣ маҳсуб гардида, ба ҳайси яке аз бахшҳои муҳими иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ имконият дорад равобити судманди байни кишварҳоро таъмин намояд» [10, с. 5].

Иқдоми мазкур хеле сариваќтӣ буд, чун баҳри истифодакунии имкониятҳои мавҷудаи рушди инфросохтори сайёҳӣ, муаррифии кишвар барои шинохти ҷаҳониён, хубтар ба роҳ мондани хизматрасонӣ ва баландбардории сифати он, пайдо шудани ҷойи кор, кам шудани шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ, ҷалби сармояҳои дохиливу хориҷӣ заминаи мусоид гузошта мешавад.

«Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои рушдёбандаи ҷабҳаи иқтисодӣ ба шумор рафта, дар Тоҷикистон баъд аз истиқлолияти давлатӣ ва ба эътидол омадани вазъияти дохилии ҷумҳурӣ дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ асос гузошта шуда буд. Воқеан истиқлолияти давлатӣ барои ноил шудан ба дастовардҳои муҳим дар ҳамаи соҳаҳо шароит фароҳам оварда, имкониятҳои васъ ба рушди соҳаи сайёҳӣ гузошт» [6, с. 320].

Бояд гуфт, ки дар давраи ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ тағйироти куллӣ ба амал омада, рӯз аз рӯз шароити зисти мардум, тараққиёт дар ҳамаи соҳаҳо рӯ ба беҳбудӣ ниҳода истодааст, ки мо инро самараҳои Истиқлолият меномем.

Омили дигари таъсиргузор ин ташрифи бештари сайёҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон мебошад. Масъалаи мазкур баҳри истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти ҳунармандӣ таккони дигар бахшид. Аз ин рӯй, ҷомеаи муосир аз ҳунармандони кишвар вобаста ба талаботи бозор амал менамояд, ки мунтазам дар эҷод ва такмили ҳунарҳои миллии худ бошанд ва фарҳанги ғанию касби пуршарафи худро ба сайёҳони дохиливу хориҷӣ ба таври барҷаста муаррифӣ карда тавонанд. Эҷод намудан ва такмил додани маҳорати офариниши ҳунармандон боиси

бозоргирии маҳсулот ва ривоҷи ҳунарҳои милливу ҳунармандӣ ва мустаҳкамии вазъи иқтисоди оила хоҳад гашт.

Н.Қ.Нуров дар мақолаи илмии худ омор оид ба ҷалби сайёҳон ба кишварро дар соҳои охир чунин пешниҳод кардааст: «шумораи сайёҳони хориҷӣ дар соли 2021 296,3 ҳазор нафар ва дар соли 2022 ин рақам ба 999,3 нафар мерасад, ки нисбат ба соли 2021 3,4 маротиба ё худ 703 ҳазор нафар зиёд мебошад» [8, с. 310].

Қобили зикр аст, ки баъди эълон гардидани «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд хеле хуб пазируфта, барои татбиқ чораҳои зарурӣ ба нақша гирифта шуда, мутобиқи он роҳандозӣ гардид.

Ш.Ю.Азизов чунин гуфтааст: «Дар самти барномаи «Рушди иҷтимоӣ»-и вилояти Суғд ҳунару ҳунармандӣ, муаррифии маҳсули дастони ҳунармандон зери таваҷҷуҳи махсус гирифта шуда, баҳри пешрафт ва эҳёи ин соҳа имрӯз тадбирҳои амалӣ андешида мешаванд, ки ин бозгӯ аз насл ба насл боқӣ мондани ҳунари миллии халқи тоҷик аст» [2, с.115-117].

Бояд барои дар сатҳи хуб ва сифати баланд амалӣ гаштани иқдоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми сайи худро равона сохта, кӯшиш намоем, то ҷаҳониёнро бо диёри бостонии худ, табиати зебову дилрабо ва ҳунарҳои миллӣ бештар ошно намоем.

Ҳамчунин, соҳибкороне, ки ба истеҳсоли ҳунарҳои миллӣ дар шароити хона машғуланд, аз андоз озод карда шуданд, ки ин дастгирӣ ва ғамхории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон руҳияи ҳунармандон ва завқи онҳоро чандин маротиба зиёд намуд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ чунин таъкид намуда буданд: «фароҳам овардани ҷойҳои кории доимӣ, бахусус барои бонувон, қабл аз ҳама аз эҳёву тавсеа бахшидани ҳунарҳои миллӣ вобастагии калон дорад.» [10, с. 16].

Дар даҳсолаи охир аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба таҳсил фаро гирифтани занону духтарон, баландбардории мақому манзалати зан, бо ҷойи кори доимӣ таъмин намудани онҳо, рушд додани касбу ҳунарҳои дастӣ назари ҷиддӣ дода шудааст.

Ш.Ф.Ҳошимова дар мақолаи илмии худ таҳти унвони «Бонуи ҳунарманд ва рушди эҳёи сӯзанидӯзӣ» фикрашро чунин баён намудааст: «Бо мақсади фароҳам овардани шароит ва имкониятҳои иқтисодии занон ва иштироки онҳо дар ҳаёти ҷомеа, баланд бардоштани қобилияти рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат ва эҳёи ҳунарҳои миллии ниёгон тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ карда шудаанд» [13, с.236].

Аз таърих маълум аст, ки занону духтарони тоҷик дар хонаҳо бо дӯхтани сӯзаниву гулдӯзӣ, зардӯзиву қолинбофӣ машғул гардида, зиндагии оилавии хешро пеш мебурданд.

Дар рӯзгори халқи тоҷик аз қадимулайём ҳунару ҳунармандӣ вуҷуд буд ва бо хусусиятҳои хоссаи худ аз халқиятҳои дигар фарқ мекард. Боиси хурсандист, ки солҳои охир диққати ҷомеа ба омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ равон карда шудааст.

«Дар ҷаҳони имрӯза ва зудтағйирёбанда шаҳрвандон бояд дорои сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, тадбиққунӣ, масъулиятшиносӣ ва эҷодкорӣ дошта, дастрасии ахборро бо роҳҳои гуногун интихоб кунанд, печидагиҳои ҷаҳони атрофро таҳлил ва арзёбӣ кунанд ва барои дарёфти ҳал ба масъалаҳои гуногуни таълимӣ ва ҳаётӣ, аз ҷумла ба саволҳои оилавӣ, ҷомеа ва кишвар муроҷиат кунанд. Барои ташаккули чунин сифатҳо бояд аз зинаи ибтидоии таълим заминаи мусоид фароҳам оварда шавад» [4, с. 248].

Пӯшида нест, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нисбат ба фанни технология (таълими меҳнат) солҳои пеш назари ҳам хонанда, омӯзгор дар сатҳи паст қарор дошт, яъне, ки фанни мазкурро ҳамчун фанни асосӣ, зарурӣ ҳисоб намекарданд. Чунин фикр доштанд, ки гӯё фанни технология (таълими меҳнат) фанни бениҳоят осон буда, барои омӯхтан зарурият надорад, ки чунин фикрҳо баъди қабул шудани соли 2018-ро «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» умуман дигар шуданд.

«хонандагони имрӯз бояд аз овони наврасӣ ба тарбияи зебоипарастӣ ва эҳтиром ба таъриху анъанаҳои мардумӣ, фарҳанг ва арзишҳои бузурги миллӣ ҳамаҷониба омода карда шаванд» [3, с. 265].

Бузургони аҳли илму адаб ҳунару ҳунармандиро беҳтарин фазилатҳои мавҷудоти бошууру соҳибхиради одамӣ, накутарин пешаи одамӣ шуморида, баробар ба қимати илму адаб ҳисобидаанд, ки имрӯз ҳам ҳунару ҳунармандӣ мақоми худро гум накарда, барои пешбурди зиндагии шоиста, соҳиби иззату обруй гардида, дар чашми мардум хор нагардидан соҳибкасбу ҳунарманд буданро зарур шуморида мешавад.

Ин ҳикмати Саъдӣ ва гуфтаи халқ далелест аз бузургию баланди ҳунар «Ҳунар чашмаи зоянда ва давлати поянда аст ва агар ҳунарманд аз давлат биафтад, ғам набошад. Ҳунарманд ҳар ҷо ки равад, қадр бинад ва бар садр нишинад. Беҳунар луқма чинаду хорӣ бинад», «Ба як ҷавон чил ҳунар кам аст» [14, с. 225-226].

Бояд гуфт, ки ҳунар ганҷи бебаҳо, болобарандаи исми ҳунарманд буда, онро бо пулу мол харидорӣ карда намешавад.

Аз давраҳои қадим вобаста ба касб, ҳунар ва ҳунармандӣ, ашхоси ҳунарманд аз тарафи шоирону нависандагон шеър, ҳикояву повестҳо, сурудаҳову афсонаҳо офарида мешуд. Бадриддин Ҳилолӣ оид ба ҳунару ҳунарманд чунин шеър гуфтааст:

**«Айб аст, ки дар ҳунар накӯшӣ,**
**Сад айб ба як ҳунар напӯшӣ.**
**Соҳибҳунаре, ки ботамиз аст,**
**Дар дидаи мардумон азиз аст.**
**Дар мавсими қудрати ҷавонӣ,**
**Накде ба каф ор, то тавонӣ!» [5, с.432].**

Бояд тазаккур дод, ки дар замони муосир ҳунарҳои миллии тоҷикон ба монанди кашидадӯзӣ, курокдӯзӣ, шерозабофӣ, бофтани намудҳои гуногуни сарулибос, ҷиҳози хона, тарзи тайёр намудани хӯрокҳои миллӣ, маҳсулоти қаннодию намудҳои гуногуни нон, омода намудани маҳсулоти ороишию заргарӣ, сандуқсозӣ, ороиши боғу бӯстон, ҳавлӣ, ороиши дастархон равнақ ёфтааст. Дар шаҳру навоҳии вилояти Суғд: Хуҷанд, Истаравшан, Панҷакент, Ашт, Исфара, Бобоҷон Ғафуров, Мастчоҳ ва амсоли инҳо омӯзиши ҳунарҳои миллӣ ва машғул шудан инчунин, истеҳсол, коркард, бастубанд ва хизматрасонию фурӯши маҳсули меҳнат ба тариқи оилавӣ ба таври густурда ба роҳ монда шудааст. Метавон гуфт, ки оилавӣ машғул шудан ба касбу ҳунарҳои аҷдодӣ дар Тоҷикистони, махсусан, пас аз эълон гадидани соли 2018 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» дучанд гардид. Омилҳои бештар рӯй овардани мардум ба касбу ҳунарҳои миллӣ аз ҳавасмандагардонии аҳолӣ ҷиҳати истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона ва озод намудани онҳо аз пардохти ҳамагуна намудҳои андоз, инчунин, таъсис ва равона намудани маблағҳои грантҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои соҳибкорзанону ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳунармандон маҳсуб меёбад.

«Ҳунарҳои мардумӣ асоси санъати халқӣ мебошад, ки бо як хислату намудҳои хос арзи вуҷуд карда, ҳастии онҳо ба вазъияти оилаву рӯзгори мардум вобаста мебошанд. Мисол: кулолгарӣ (лавозимоти рӯзгор), заргарӣ бо маводи ороиши занона: гӯшвора, нигин, дастпона, ороиши нишонагӣ (қасқони болои қош ва ҳоказо), маҳсулоти оҳангарӣ (олоти корҳои хонагиву кишоварзӣ дос, теша, каланд, ханҷар ва ҳоказо) инчунин нақшу нигор, наҷҷорӣ дар коркарди чӯбу тахта ва гаҷкорӣ, гулдӯзиву сӯзанидӯзӣ ва истифода шудани онҳо то замонҳои имрӯза» [15, с.57].

Таъсири урфу одатҳои қадимаи халқи тоҷик ба ҳаёт, зиндагӣ ва санъати бадеии он ниҳоят бузург аст. Ҳунармандони мо хуб дарк намудаанд, ки яке аз ҷанбаҳои асосии бозоргир шудани маҳсулоти ҳунармандӣ дар такмил ва густариш додани санъати бадеӣ аст. Ҳунарманде, ки дар як ҷо ба иборае шах шудааст, ҳеҷ гоҳ маҳсулоташ бозоргир намешавад ва рафта-рафта дилшикаста ва касод гардад. Барои ба ин ҳолати ногувор дучор нашудан мебояд ҳамеша дар ҷустуҷӯ ва омӯзиши нозукиҳои ҳунарҳои миллии хеш буд.

Аз тарафи олимону мутахассисони соҳаи мазкур аз ҷиҳати илмӣ тасдиқ шудааст, ки рушди ҳунарҳои миллӣ ба тарбияи зебопарастӣ болоравии сатҳи зиндагӣ, коҳишёбии муҳоҷирати меҳнатӣ, мустаҳкамшавии оила, тарбияи завқи бадеӣ, мусоидат мекунад.

Мақоми ҳунарҳои миллӣ на танҳо дар наздик сохтани насли наврас ба неъматҳои зебопарастии ҳаёт бузург аст, балки ба пешрафти сатҳи маънавиёти оила, рӯзгордорӣ ва ғанӣ гардидани захираҳои моддӣ дар оила нақши муассир дорад. Зеро аз қадимулайём мардуми соҳибмаърифати тоҷик дар баробари қавму мардуми дигар бо шавқу завқи баланд ба касбу ҳунарҳои милливу аҷдодӣ, амсоли оҳангарӣ, мисгарӣ, зардӯзӣ, дӯзандагӣ, бофандагӣ, кулолгарӣ, шонатарошӣ, кордсозӣ, қолинбофӣ, чармгарӣ, олкорӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир

намуда, на танҳо дар зинда нигоҳ доштани урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, ҳамчунин дар тарғибу муаррифии фарҳанги бою ғанӣ ва беҳдошти сатҳи зиндагӣ онро васеъ истифода менамуданд.

Касбу ҳунарҳо дар ҳамаи давру замон, хусусан, замони муосир рӯ ба рушд оварда, маҳсулоти ҳунармандӣ бо ҳисси баланди зебоипарастӣ аз ҷониби ҳунармандони чирадаст пешкаши мардум гардонида мешавад.

О.А.Исломов ва А.Э.Эргашев бар он ақидаанд, ки «…иҷрои ҳунарҳои дастӣ, дар инсон завқи бадеиро ташаккул дода, таҳаммулпазириро тарбия менамояд, тозаю озодакориро меомӯзад, дунёи ботинии шахсро ғанӣ гардонида истода, лаззати ҳақиқиро аз кори иҷрошуда мебахшад» [7, с.11].

Имрӯз волидонро зарур аст, ки бахри омӯзиши ҳунарҳои миллӣ заминаи мусоид фароҳам оварда, меҳри омӯзиши онро аз овони хурдсолӣ бо амал ва гуфтор дар дилашон ҷой намоянд. Ин иқдом бахри рушд ва камол ёфтани насли ҳунарманд гашта, сатҳи зиндагӣ ва маърифати ҷаҳонбинӣ дар муҳити хонаводагӣ беҳтар аз пештар хоҳад гардид.

У. Р. Раҷабов ибрози ақида намудааст: «Барои ҳунармандони асил қабул гардидани «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» такони ҷиддӣ бахшид. Зеро барои онҳо шароити мусоид фароҳам омад, ки ҳунари хешро бештар инкишоф диҳанд ва барои бештар вонамуд кардани маҳсули дасти хеш кушиш намоянд. Ҳунарҳои мардумӣ яке аз самтҳои муаррифии кишвар маҳсуб мешавад. Ба ин васила, имрӯз аз байни ҷавонон беҳтарин нобиғаҳои ҳунар, беҳтарин ихтироъкор, беҳтарин омӯзгор ба камол мерасанд» [11, с.1].

Ҳамин тариқ, бо мақсади ҳавасмандгардонии аҳолӣ ҷиҳати истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона ва рушди ҳунарҳои миллӣ аз 1 январи соли 2018 фурӯши чунин молу мавод аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод карда шуд. Ҳунармандони шаҳру ноҳияи мамлакат аз ин иқдоми неки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дилгарм гардида, фаъолияти худро дар ин самт дучанд карда истодаанд. Зеро илму фан ва техникаву технология хеле пеш рафта бошад ҳам, вале талабот ба маҳсулоти дастӣ ва ҳунарҳои миллӣ боқист.

**АДАБИЁТ:**

1.Азизов А.А.Ҳадаф ва омӯзиши касбу ҳунарҳои миллӣ дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) [Текст] /А.А.Азизов, М.Д.Рӯзиева// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №12 (1), Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2023.-297с.

2.Азизов Ш.Ю. Рушди қолинбофӣ дар Суғд /Ш.Ю.Азизов// Масъалаҳои таърих, назария ва методикаи таълими фанҳои графикӣ (маҷмуи мақолаҳо).-Хуҷанд: Ношир, 2016.-128 с.

3.Алиева М.Н. Корҳои беруназсинфӣ-воситаи асосии бедоршавии шавқи хонандагон ба фанни технология (таълими меҳнат) [Текст] /М.Н.Алиева// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №11 (1), Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2023.-309 с.

4.Алиева М.Н. ва диг. Рушди қобилияти эҷодии омӯзгорони ояндаи санъати тасвирӣ [Текст] /М.Н.Алиева, А.С.Масолиев// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №4, Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2023.-314 с.

5.Бадриддин Ҳилолӣ. Девон.-Душанбе: Адиб, 2016.-С.480.

6.Зарифов М. Эмомалӣ Раҳмон бунёдгузори Тоҷикистон ҳамчун кишвари сайёҳӣ /М.Зарифов// Такмили низоми идоракунии рушди сайёҳӣ дар мамалакат: муаммо, омилҳо ва тамоюлҳои рушд. Маҷмуаи маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ (22 декабри соли 2023), Душанбе, 2023.-437 с.

7.Исломов О.А. Рушди санъати ороишӣ-амалӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /О.А.Исломов, А.Э.Эргашев// Масъалаҳои таърих, назария ва методикаи таълими фанҳои графикӣ ва технология (Маҷмуи мақолаҳои конференсияи вилоятӣ дар мавзуи «Роҳҳо, усулҳо ва методикаи омӯзиши ҳунарҳои миллӣ дар дарсҳои технология ва санъати тасвирӣ» бахшида ба 25 солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Хуҷанд: Ношир, 2019.-144 с.

8.Нуров Н.Қ. Сайёҳӣ ва нақши он дар рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон ва ҷаҳон/Н.Қ.Нуров// Такмили низоми идоракунии рушди сайёҳӣ дар мамалакат: муаммо, омилҳо ва тамоюлҳои рушд. Маҷмуаи маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ (22 декабри соли 2023), Душанбе, 2023.-437 с.

9.Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2017. [Манбаи электронӣ] URL https://www.president.tj/node/19088 (санаи мурочиат: 2.02.2023)

10.Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2018. [Манбаи электронӣ] URL https://www.president.tj/node/19088 (санаи мурочиат: 12.02.2023)

11.Раҷабов У.Р. Ҳунар муаррифгари фарҳанги миллӣ [Манбаи электронӣ URL https://www.tajmedun.tj/tj/soli-rushdi-sayyehi-va-hunarhoi-mardumi/ unar\-muarrifgari-far-angi-mill/ (санаи мурочиат: 26.10.2023)

12.Холматов Ҷ.М. Санъати ҳунарҳои халқӣ ва мақоми он дар таълиму тарбияи ҷавонон/ Ҷ.М.Холматов, У.А.Раҳимов// Масъалаҳои таърих, назария ва методикаи таълими фанҳои графикӣ (маҷмуи мақолаҳо).-Хуҷанд: Ношир, 2016.-128 с.

13.Ҳошимова Ш.Ф. Бонуи ҳунарманд ва рушди эҳёи сӯзанидӯзӣ Ш.Ф.Ҳошимова// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, №9, 2022.-297 с.

14.Шарифов М.Ғ.Тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ бо истифода аз урфу одат ва афкори мутафаккирон [Текст] /М.Ғ.Шарифов, Ш.М.Шарифов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. №3, Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2023.-331с.

15.Шокирова Ш. Санъати халқӣ ва мавқеи он дар расму оини тоҷикон / Ш.Шокирова// Масъалаҳои таърих, назария ва методикаи таълими фанҳои графикӣ (маҷмуи мақолаҳо).-Хуҷанд: Ношир, 2016.-128 с.

## ЗАРУРИЯТИ ЭЪЛОН ГАРДИДАНИ «СОЛИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ» ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур аз тарафи муаллиф сухан дар бораи муҳимият ва ё зарури эълон гардидани «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рафта, бамаврид қайд мегардад, ки имрӯз волидонро зарур аст, ки баҳри омӯзиши ҳунарҳои миллӣ заминаи мусоид фароҳам оварда, меҳри омӯзиши онро аз овони хурдсолӣ бо амал ва гуфтор дар дилашон ҷой намоянд.

Бамаврид қайд гардидааст, ки ҳунарҳои мардумӣ яке аз самтҳои муаррифии кишвар маҳсуб мешавад. Ба ин васила, имрӯз аз байни ҷавонон беҳтарин нобиғаҳои ҳунар, беҳтарин ихтироъкор, беҳтарин омӯзгор ба камол мерасанд. Волидонро зарур аст, ки баҳри омӯзиши ҳунарҳои миллӣ заминаи мусоид фароҳам оварда, меҳри омӯзиши онро аз овони хурдсолӣ бо амал ва гуфтор дар дилашон ҷой намоянд. Ин иқдом баҳри рушд ва камол ёфтани насли ҳунарманд гашта, сатҳи зиндагӣ ва маърифати ҷаҳонбинӣ дар муҳити хонаводагӣ беҳтар аз пештар хоҳад гардид.

***Калидвожаҳо:*** *рушд, пешрафт, сайёҳӣ, ҳунар, ҳунарҳои мардумӣ, иқтисодиёт*

## НЕОБХОДИМОСТЬ ОБЪЯВИТЬ «ГОД РАЗВИТИЯ ТУРИЗМА И НАРОДНОГО ИСКУССТВА» В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье автор говорит о важности или необходимости объявления «Года развития туризма и народных промыслов» в Республике Таджикистан, и стоит отметить, что сегодня родителям необходимо создать благоприятную среду для учебы. народных ремесел и любви к учебе, чтобы с юных лет через действия и слова вселить это в свои сердца.

Стоит отметить, что народные промыслы являются одним из направлений презентации страны. Таким образом, сегодня среди молодежи вырастают лучшие гении искусства, лучшие изобретатели, лучшие педагоги. Родителям необходимо создать благоприятную среду для изучения народного ремесла и привить в сердце любовь к его изучению с раннего возраста посредством действий и слов. Этот шаг – для развития и взросления поколения художников, а уровень жизни и воспитания мировоззрения в семейной среде будет лучше, чем раньше.

***Ключевые слова:*** *развитие, прогресс, туризм, искусство, ремесла, экономика.*

## THE NEED TO ANNOUNCE THE "YEAR OF THE DEVELOPMENT OF TOURISM AND FOLK ARTS" IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In this article, the author talks about the importance or necessity of declaring the "Year of Tourism and Folk Crafts Development" in the Republic of Tajikistan, and it is worth noting that today it is necessary for parents to create a favorable environment for the study of national crafts and love for learning. to place it in their hearts from a young age through actions and words.

It is worth noting that folk crafts are one of the areas of presentation of the country. In this way, today the best geniuses of art, the best inventors, the best teachers grow up among the youth. It is necessary for parents to create a favorable environment for the study of national crafts and to inculcate in their hearts the love of learning it from an early age through actions and words. This move is for the development and maturation of the generation of artists, and the standard of living and education of the worldview in the family environment will be better than before.

***Key words:*** *development, progress, tourism, art, handicrafts, economy.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Рӯзиева Мавлюда Давроновна-Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, дотсенти кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабӣ. Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.E-mail: mavlyudakhon@internetl.ru. Телефон: 92-882-39-82*

***Сведение об авторе:*** *Рузиева Мавлюда Давроновна-Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафуров, доцент кафедры теории методики дошкольного воспитания. Адрес: 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проспект Мавлонбеков 1.E-mail: mavlyudakhon@internetl.ru. Телефон: 92-882-39-82*

***Information about the author:*** *Ruzieva-Mavlyuda Davronovna Academician B.Gafurov Khujand State University, docent of the Department of Theory and Methodology of Preschool Education. Address: 1 Mavlonbekov Avenue, Khujand, 735700, Republic of Tajikistan.E-mail: mavlyudakhon@internetl.ru . Phone: 92-882-39-82*

**ТДУ:373+373.2(575-3)**
**Ш-33**

# ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ-ВОСИТАИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ БАЧАГОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

***Шаропов Ш. А., Комилов Н. Н.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.**

Тарбияи сифатҳои ватандӯстии насли наврас падидаи гуногунҷабҳа ва муҳимми иҷтимоӣ-фарҳангии ҳар як ҷамъияти инсонӣ ба ҳисоб меравад. Дар солҳои соҳибистиқлолии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ватандӯстӣ дар доираи амнияти миллӣ баррасӣ мегардад ва ба эҳёи арзишҳои миллии ватандӯстӣ, афзоиши масъулиятшиносии иҷтимоии шаҳрвандон, бартараф намудани падидаҳои манфӣ дар ҷомеа равона карда шудааст. Далели он қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон»(2022) мебошад[1].

Ҳисси Ватан дар кӯдак аз муҳаббат ба одамони наздиктарин - падар, модар, бибӣ, бобо оғоз меёбад. Хона,ки ҳавлие, ки ӯзиндаги мекунад, манзара аз тирезаҳои ҳуҷраҳо ва боғчаи бачагон, ки дар он ҷо аз муоширати бо ҳамсолонаш шодӣ мекунад, табиати зодгоҳаш — ҳамаи ин Ватан аст. Кӯдак ҳар рӯз чандин кашфиёт мекунад. Ва гарчанде ки бисёре аз таассуроти худро ҳанӯз дарк накардаанд, ҳамааш аз мафтунии он чизе, ки инсони хурдакак дар пешаш мебинад, оғоз мешавад.

Ҳадаф аз тарбияи ватандӯстӣ дар кӯдакон ин ташаккул додани эҳтиёҷ ба кору амали нек, ҳисси мансубият ба муҳити зист ва кунҷковӣ мебошад. Ташаккули ин арзишҳо дар натиҷаи кори мақсаднок ва мунтазам бо кӯдак сурат мегирад.

Бояд дар хотир дошт, ки ба андешаи академик М.Лутфуллоев муҳаббат ба Ватан, ба фарҳанги модарӣ, ба забони модарӣ аз хурдӣ - аз муҳаббат ба оила, хона, боғчаи худ оғоз меёбад. Ин муҳаббат тадриҷан вусъат ёфта, ба муҳаббат ба ватан, ба таърих, гузашта ва имрӯзи он, ба тамоми инсоният мубаддал мегардад[2].

Яке аз воситаҳои самарабахши ҳалли масъалаҳои тарбияи ахлоқию ватандӯстии насли наврас, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мебошад. Тарбияи ҷисмонӣ дар ҳалли ин масъала ҳиссаи назаррас гузошта метавонад, зеро ташаккули сифатҳои ҷисмонӣ, маҳорати ҳаракат ва қобилият бо инкишофи хислатҳои ахлоқию иродавии шахсият зич алоқаманд аст. Шахси аз ҷиҳати ҷисмонӣ баркамол, бақуввату тавоно, солим, бояд меҳрубон, таҳаммулпазир бошад, ба кумаки ниёзмандон расида тавонад ва маҳорату қувваи худро танҳо ба кори хайр равона созад.

Ба андешаи мо, моҳияти тарбияи ватандӯстӣ дар қалби кӯдак коштан ва парвариш кардани тухми меҳру муҳаббат ба хона ва оила, ба таъриху фарҳанги кишвар аст, ки бо меҳнати мардум, хешу табор ва дӯстон, онҳое, ки ҳамватан ном мебаранд, ба вуҷуд омадааст. Дар кӯдакистони рақами 9-и шаҳри Хуҷанд низ дар ин самт низоми педагогии рушди кӯдакони синни томактабӣ хеле назаррас ба роҳ монда шудааст. Ташаккули ҳисси ватандустӣ дар раванди истифодаи шаклу усули гуногуни кор ба амал меояд. Дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ, ҳангоми бозиҳои серҳаракат, эстафета, мусобиқаҳои варзишӣ ва истироҳат ташаккули ин сифатҳои кудаконро мушоҳида кардан мумкин аст. Чорабиниҳои варзишӣ ва мусобиқаҳо бештар таъсири тарбиявӣ доранд. Ин шакли кор ба мураббиён имкон медиҳад, ки дониш ва маҳорати кӯдаконро дар доираи як мавзӯи мушаххас муттаҳид ва умум гардонанд ва кӯдакони синну соли гуногунро бо эҳсосот ва таҷрибаи умумӣ муттаҳид созанд.

Кӯдакистони мазкур бо мактаби варзишии шаҳр ва факултети тарбияи ҷисмонии ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров барои фароҳам овардани муҳити солим ва низоми муассири тарбияи ҷисмонии муттасил «боғча-мактаб-донишгоҳ» ҳамкории зич дорад. Якҷоя бо

Мактаби варзишии шаҳри Хуҷанд ҷиҳати амалӣ намудани барномаи «Чемпиони тақдири худ», ки дар асоси андешаву мавқеъҳои мураббии шоиста Усто Пиров коркард шудааст, чорабиниҳои мунтазами варзишӣ гузаронида мешавад. Мураббӣ ва омӯзгори барҷаста, фидокор, бунёдгузори мактаби гӯштин Усто Пиров, ки муътақид аст, ки кас танҳо дар сурати нахуст устоди худ, яъне "қаҳрамони сарнавишт" шудан ба қуллаҳои воқеии варзишӣ мерасад. Ва азбаски микроноҳияе, ки дар он кӯдакон зиндагӣ мекунанд, бо дастовардҳои варзишии худ шуҳрат доранд, барои ташаккул ва рушди ҳисси ватандӯстӣ, ҳисси ифтихор, ҳамбастагӣ, эҳтирому муҳаббат ба калонсолон, фарҳангу таърихи диёру ватани худ заминаҳои мустаҳкам фароҳам меорад.

Ҳисси ватандории кӯдак аз муносибати ӯ бо оила, ба муҳити наздики ӯ – кӯдакистон оғоз мешавад. Ба ваҳдати маънавии кӯдакону падару модарон, кӯдакону мураббиён ҳамасола баргузор намудани чорабиниҳои гуногун: спартакиадаи тарбиятгирандагони муассисаи таълимии томактабии шаҳр, мусобиқаи ҳарбӣ-ватандӯстии «Соҳибиқбол» байни тарбиятгирандагони муассисаи таълимии томактабии шаҳр, мусобиқаи байни кӯдакистонҳо, мусобиқаи «гуштингирии миллӣ» барои писарон, «Модар, падар ва ман - оилаи варзишӣ», «Бозиҳои хурди олимпӣ», баррасиву сурудҳо барои Рӯзи Ғалаба, тафреҳии варзишии «Бозиҳои ниёгон», «Ваҳдати Мардум», супоридани меъёрҳо, озмунҳо ба ҷашни миллии «Наврӯз» мусоидат мекунанд. Вазифаҳоеро, ки дар назди ҳайати мураббиёни муассисаи таҳсилоти томактабӣ оид ба тарбияи ватандӯстии кӯдакони синни томактабӣ тавассути воситаҳои тарбияи ҷисмонӣ гузошта шудаанд, аз рӯи самташон ба чанд гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

Мусобиқа - омили муҳимми ташаккули шахсият, хислатҳои иродавӣ, мустаҳкам ва муътадил гардидани характер мебошад. Тавассути рақобат кӯдак тасаввуроти худро дар бораи қобилиятҳои худ ташаккул медиҳад, таваккал карданро ёд мегирад, худро тасдиқ мекунад ва ба қобилиятҳои худ эътимод пайдо мекунад. Муносибати арзишнок ба дигар кӯдакон ва фаъолияти муштарак, масъулият барои натиҷаҳои умумӣ ташаккул меёбад. Бачагон дараҷаи баланди ҷисмонӣ дошта, ҳар сол сазовори мукофоту ҷоизаҳо мегарданд. Аз рӯи анъана, ҳамасола спартакиадаи шаҳрии «Паҳлавон» баргузор мегардад, ки дар он кӯдакон аз рӯи намудҳои гуногуни варзиши сабук: давидан ба масофаи 60 метр, давидан ба масофаи 100 метр, ҷаҳидан, ресмонпартоӣ, халтапартоӣ ба масофаи дур ва эстафетаи муқобил ба масофаи 30 метр қувва меозмоянд. Кӯдакон тамоми солро бо омодагӣ ба мусобиқаҳо сарф мекунанд, рекордҳои худро гузошта, бори аввал чемпион мешаванд, дар мусобиқаҳо таҷриба меомӯзанд ва бо ҳамин шавқу рағбат ба тарбияи ҷисмонӣ меафзояд.

Намунаи як дарси Тарбияи ҷисмонӣ дар кӯдакистон.

**Мақсад:** Якчанд маротиба бо ҳарду даст ҳаво дода доштани тӯб. Дар ҳолатҳои гуногуни ҳаракати дастҳо аз болои харакҳо бо қадамҳои васеъ роҳ рафтан ва давиданро машқ кардан.

**Аёният**: Барои ҳамаи бачаҳо тӯб ва хараки гимнастикӣ.

| Қисмҳо | Мазмуни машғулият | Миқдор ва шумораи машқ | Нишондодҳои методӣ |
|---|---|---|---|
| I. | Роҳравӣ. Роҳ рафтан ва дар кунҷҳо аниқ гашта тавонистан. Давидан аз рӯи суръати паст. Бачаҳо дар ин вақт дар як тарафи майдонча бо эҳтиёт қадам монда медаванд. Роҳравӣ. Дар чор қатор саф кашидан. | (300м)<br>3 дақиқ.<br>20 сония | Аҳамият додан ба қаду қомат ва ҷойгиршавии кӯдакон дар қаторҳо |
| II. | Аз рӯйи комплекси варзиши пагоҳӣ (машқҳои инкишофи умумӣ) | | I |
| | ҲАРАКАТҲОИ АСОСӢ | | |
| 1. | Давидан аз рӯйи суръати миёна. Роҳравӣ ва дар рафти он тӯбҳоро гирифта давра ташкил додан. | 1 дақ. 20 сон. (200 м) | Аҳамият додан ба озодии давиш ва нафаскашӣ |
| 2. | Тӯбро ҳаво дода бо ҳар ду даст дошта гирифтан. Тӯбро бо дасти чап ва рост зада гардонидан. Роҳравӣ. Дар рафти он тӯбҳоро | 4-5 маротиба | Диққати бачагонро ба нарм дошта гирифтани тӯб |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ба ҷояшон гузоштан. | | равона кардан |
| 3. | Давидан аз рӯйи суръати миёна | 1 дақ. 20 сон. (200 м) | |
| 4. | Паи ҳам аз болои хараки гимнастикӣ роҳ рафтан. Дастҳоро ба тарафҳо паҳн карда, ба пушти сар гирифтан. Аз болои хараҳо давидан. | 2-3 давра | Бачаҳо аз болои харак ҷаҳида, оҳиста ба замин фуруд меоянд. |
| 5. | Давидан аз рӯйи суръати паст. Роҳравӣ. | 3 дак. 20 сон. (300 м) | |
| | Бозии «Заргӯшҳо». Дар майдонча ба таври миёнбур 2-3 харак мегузорем - девор хисобида мешавад. Девор ҷои истодани заргӯшҳо (бачаҳоро) маҳкам мекунад. Посбон дар гӯшаи харак нишастааст. Заргшӯҳо назорат мекунанд. Ҳамин, ки посбонро хоб бурд, оҳиста аз зери девор гузашта ба саҳро мебароянд. Посбон бедор шуда заргӯшҳои гурехтаро медорад. Онҳое, ки ба даст афтоданд ва ё машқро нодуруст иҷро карданд, бозиро бой медиҳанд. | 3-4 маротиба | Мураббӣ ба бозӣ роҳбарӣ намуда, иҷрои қоидаи бозиро назорат мекунад. Ҷусту ҷолоконро таҳсин мекунад. Ба қафомондагон ёрӣ мерасонад. |
| III. | Давидан аз рӯйи суръати паст. Роҳравӣ. Иҷрои машқҳои нафаскашӣ ва нафасбарорӣ. | 3 дақ.20 сон. (300 м) | Аҳамият додан ба озодии давиш |

2. Дар фаъолияти кудакистон ба ташкил ва гузаронидани бозиҳои миллӣ бо мақсади беҳтар намудани заминаи эҳсосӣ ва нигоҳ доштани шавқу рағбат ба дарсҳо диққати махсус дода мешавад. Бозиҳои мусобиқавӣ, ки саломатии кудаконро мустаҳкам мекунанд, қувваи ҷисмонӣ ва тафаккурро инкишоф медиҳанд, насли наврасро ба арзишҳои маънавию фарҳангӣ ошно мекунанд, аҳамияти калони тарбиявӣ дода мешавад. Барои тамоми синну соли кӯдакистон мусобиқаҳои «Гуштингирӣ» барои писарон, фароғатии варзишии «Бозиҳои ниёгон», мусобиқаҳо оид ба намудҳои миллии варзиш дар рӯзҳои ҷашни «Наврӯз» ташкил ва гузаронида мешаванд. Ягон чорабинии оммавӣ дар муассисаи таълимии томактабӣ бе ташкили бозиҳои серҳаракат бо номҳои «Рӯзи ҷумҳуриявӣ», «Рӯзи саломатӣ», «Бозиҳои халқҳои ҷаҳон бозӣ мекунем» анҷом намеёбад. Бачаҳо аз ташкил ва гузориши бозиҳои халқҳои гуногун лаззат мебаранд. Ба ҳамин тариқ, дар амалия вазифаҳои на танҳо тарбияи ҷисмонӣ ва солимгардонӣ, балки вазифаҳои инкишофи таҳаммулпазирӣ, эҳтиром ва шавқу ҳавас нисбат ба анъанахои миллии халқҳои сокини Тоҷикистон ҳал карда мешаванд.

3. Соҳаи алоҳида ва муҳим тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ маҳсуб меёбад. Корро дар ин самт метавон ҳамчун ҳамгироии намудҳои гуногуни фаъолияти кӯдакон муаррифӣ кард. Меҳвари марказӣ ва лаҳзаи аслӣ дар он ҷашн бахшида ба Рӯзи шӯҳрати ҳарбӣ буда, дар тарбияи ҳисси ватандӯстӣ дар кӯдакон таъсири бештар дорад. Ташкил ва баррасии намоиши роҳпаймоӣ бо суруд як чорабинии бузургест, ки дар муассисаҳои таълимии томактабӣ чандин сол аст, ки бо мақсади ошноии насли наврас ба арзишҳои ватандӯстӣ ва ташаккули андешаҳои кӯдакон дар бораи хизмати ҳарбӣ гузаронида мешавад. Дар рафти тайёрӣ ба азназаргузаронии роҳпаймоӣ бо суруд бахшида ба Рӯзи Ғалаба дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва машқҳои таранумми сурудҳои ҳарбӣ диққати махсус дода мешавад. Бо мақсади дар кӯдакон бедор намудани майлу хоҳиши афсар будан тавассути иштирок дар эстафетаҳо, бозиҳо бо унсурҳои мусобиқа, ки дар онҳо давидан, ҷусту ҷолокӣ, ҷашми онҳоро такмил медиҳанд, устуворӣ ва заковати онҳоро инкишоф медиҳанд, муташаккилӣ, рӯҳияи ҳарифии мусобиқаро мепарваранд.

Дар Рӯзи муҳофизони Ватан кӯдакони гурӯҳҳои омодагӣ дар бозии шаҳрии ҳарбӣ-ватандӯстии «Ватандӯст» ширкат меварзанд. Бозии ҳарбии варзишии «Ватандӯст» чанд сол боз баргузор мешавад. Чорабинӣ дар вазъияти ботантана, дар толори рангоранг ва зебу оро додашуда гузаронида мешавад. Дар барномаи мусобиқа: ташкил ва азназаргузаронии суруд

ва бозии варзишии ҳарбӣ, эстафета шомил карда шудааст. Меъёри мусобиқот иҷрои дақиқи машқҳо ва фармонҳо, сурудҳо, пешниҳоди рапорти фармондеҳи даста, баҳодиҳии ҳайати сарварон дар алоҳидагӣ, либоси ягона ва фаъолияти баланди ҷисмонӣ мебошад. Саъю кӯшиши кӯдаконро ҳакамони босалоҳият – намояндагони комиссариати ҳарбӣ ва шуъбаи маориф арзёбӣ мекунанд. Донишу малакаи азхудкардаи бачаҳо барои истиқболи Иди Ғалаба истифода мешавад.

Дар мактаби варзишии вилоят ҳамасола азназаргузаронии дастаҳо ва сурудҳо бахшида ба Рӯзи муҳофизони Ватан ҳамчун эҳёи анъанаи гузаронидани бозиҳои варзишии ҳарбӣ дар байни мактаббачагон гузаронида мешавад, ки дар он тамоми синф дар назди комиссияи намояндагӣ баромад мекунанд. Бачагони муассисаи тарбияи томактабӣ ба ҳунарнамоии бачагони калонсол, чусту чолокӣ ва қувваи ҷисмонии онҳо бо завқу шавқи баланд менигаристанд.

Ватан Дар решаи ин суханон симоҳои ба ҳар кас наздик: бобову бибиҳо, падару модарон, онҳое, ки ба насли нав ҳаёт мебахшанд меистанд. Ҳисси меҳру муҳаббат ба Ватан, ба ҳисси муҳаббат ба хонадон баробар аст. Ин эҳсосотро як асоси ягона - меҳру муҳаббат ва ҳисси амният муттаҳид мекунад.

Бояд қайд кард, ки восита ва методҳои тарбияи ҷисмонӣ пеш аз ҳама ба воситаҳои беҳдошти кӯдакон муҳит, табиат, ташкили дурусти истеъмоли ғизо, меҳнат ва дамгирӣ, машқҳои пагоҳирӯзӣ, машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ, бозиҳои серҳаракат дар тарбияи ҷисмонии кӯдакон нақши муҳим доранд. Таъсири табиат – маҷмуи воситаҳои беҳтарини тарбияи ҷисмонӣ, нигаҳдории тандурустӣ ва инкишофёбии кӯдакон мебошад. Ба ин шуои офтоб, ҳаво, об дохил мешавад, бидуни инҳо зандигӣ, инкишофи шахсиятро тасаввур кардан мумкин нест. Офтоб, ҳаво, об дар якҷоягӣ бо машқҳои варзиш саломатии дастпарваронро тақвият мебахшанд. Нури офтоб, ҳаво, об дар меъёри манбаи махсуси ташкилдиҳии роҳҳои муолиҷавии беҳдошт ба шумор мераванд. Қабули шуои офтобӣ, обҳои минералии шифобахш, оббозӣ дар баҳр, гардиш дар ҳавои соф, молиш додани узвҳои бадан бо оби муқаррарии сард аз ҳамин қабил манбаъ ва воситаҳои табиии саломатӣ мебошанд. Омилҳои ҳифзи саломатӣ ташкили дурусти машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ, оқилона истифода бурдани истироҳат (хоб) – ро дар бар мегирад. Ташаккулёбии кӯдак бо риояи ҷиддии як қатор қоидаҳои беҳдоштиро талаб мекунад. Ба монанди тозагӣ, равшанӣ, васеъӣ, хушбоду ҳаво будани бинои муассиса, толори варзишӣ, таҷҳизот, бо либоси махсуси варзишӣ машқ кардан, риоя намудани низоми рӯз ва ғайра.

Машқҳои пагоҳирӯзӣ ва аз нигоҳи педагогӣ барои обутоб додани ҷисми кӯдак аҳамияти калон дорад. Намудҳои гуногуни машқҳоро барои кӯдакон мегузаронанд. Дар кӯдакистон тибқи барномаи таълимӣ бо машқҳои асосӣ шуғл меварзанд. Он дар ҳар гурӯҳ мувофиқи синну сол ва психалогияву хзусусиятҳои синнусолии кӯдакон интихоб карда мешавад ва чунин машқҳоро фаро мегирад: сафкашӣ, машқҳои гуногуни бевосита (беашё) ва бавосита (бо ягон чиз), ҷаҳидан, часпида баромадан, роҳравӣ, давидан ва ғайра. Ин машқҳои ҷисмонӣ ба фаъолияти маркази системаи асаб вобаста буда, хастагии қишри мағзи сар ва қобилияти коршоямии шахсро таъмину тақвият медиҳанд. Машқҳо барои инкишоф додани мушакҳо, узвҳои бадан, муътадилии ҷараёни хун ва органҳои нафаскашӣ хеле фоидаоваранд. Машқҳо устухонҳоро устувор ва суръати ҳаракати онҳоро метезонанд. Бозиҳо барои инкишофи ҷисми кӯдакон аҳмияти калон доранд. Дар муасисаҳои томактабӣ бештар бозиҳои муҳаррикӣ гузаронида мешавад. Чуноне, ки зикр намуда будем, дар бозиҳо нерӯмандӣ, муқовиматкунӣ, чолокӣ, ҳассосӣ, ташаббускорӣ инкишоф дода мешавад. Саёҳат, сайру гашт, роҳпаймоӣ ва ҷаҳонгардӣ барои шиносоӣ бо сарватҳои кишвар, табиат, ҷойҳои таърихӣ ва ёдгориҳои мадании диёри хеш дар ҷисман обутоб ёфтани кӯдакон дар муҳити табиӣ масъулият азхуд мекунанд. Кӯдакон, чунонки зикр карда будем, мувофиқи нишондоди барномаи таълимӣ мусобиқаҳоро байни худ ба тарзи сабук мегузаронанд. Методҳои муҳимми тарбияи ҷисмониро ба таври мухтасар зикр мекунем. Дар ҷараёни тарбияи ҷисмонӣ ба сифати методи асосӣ машқҳои ҷисмонӣ баромад мекунад. Доираи истифодабарии машқҳои ҷисмонӣ хеле васеъ аст, он аз ёддиҳӣ сар мешавад ва то инкишофи қобилияти ҷисмонӣ, аломатҳои истеъдодии давидан, ҷаҳидан, гимнастика ва ғайраро фаро мегирад. Чунончӣ, дар амал ёд додани ин ё он машқ, ёд додани қабулкунии ваннаи офтобӣ, ёддиҳии ҷаҳидан аз дарозӣ ва ғайра. Бидуни ёддиҳӣ ҳосил кардани чусту чолокӣ, инкишоф додани неруи ҷисмонӣ ғайри имкон аст. Аммо муфидии методи машқҳои ҷисмонӣ аз бисёр ҷиҳат ба хоҳиш ва фаъолияти дақиқи иҷрокунии онҳо вобаста аст. Барои ташаккул додани талаботи

баланд бардоштани маданияти ҷисмонии кӯдакону наврасон оқилона муносибат кардан ба ташкили меҳнат ва дамгирӣ итминон бояд пайдо кард. Бинобар ин, дар тарбияи ҷисмонӣ методҳои эътиқоди эзоҳдиҳӣ ва намунаи ибрат аҳамияти калон дорад. Бо кӯмаки онҳо аҳамияти машқҳои ҷисмонӣ баҳри мустаҳкамкунии саломатӣ ва инкишофи онон баррасӣ карда мешавад.

Умедворем, ки тавассути фаъолияти муштарак амсилаи насли навраси ватандӯст, шахсияти аз ҷиҳати ҷисмонӣ инкишофёфта, мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ, соҳиби сифатҳои ахлоқии арзишманд ва ниёз ба тарзи ҳаёти солим бо неруи эҷодӣ ва қобилияти рушди худшиносӣ ташаккул меёбад.

## АДАБИЁТ:


1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон». Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2022,№ 887 қабул карда шуд Бо қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 декабри соли 2022, № 332 ҷонибдорӣ карда шудааст.

2.Лутфуллоев М. Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин / М.Лутфуллоев. [Матн]. -Душанбе: Саҳбо, 2006. - 220 с.

3.Лутфуллоев, М. Осор / М. Лутфуллоев. [Матн]. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. – Ҷ.4-5.

4.Масъалаи назариявии стратегияи рушди маърифати шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн]. –Душанбе: Ирфон, 2009.

5.Маърифати шаҳрвандӣ: Барнома ва асосҳои методологии татбиқи он. [Текст]. –Душанбе, 2008.


## ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ-ВОСИТАИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ БАЧАГОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ


Дар мақола масъалаҳои истифодаи тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун сарчашмаи тарбияи ватандӯстии бачагони синни томактабӣ баррасӣ гардидааст. Қайд шудааст, ки моҳияти тарбияи ватандӯстӣ дар қалби кӯдак коштан ва парвариш кардани тухми меҳру муҳаббат ба хона ва оила, ба таъриху фарҳанги кишвар аст, ки бо меҳнати мардум, хешу табор ва дӯстон, онҳое, ки ҳамватан ном мебаранд, ба вуҷуд омадааст. Дар мақола таҷрибаи баъзе боғчаҳои бачагон оиди тарбияи ватандустии кӯдакон таҳлил гардида, нақш ва мақоми чорабиниҳои гузаронидашуда дар тарбияи ин сифати муҳим оварда шудааст. Хулоса шудааст, ки тавассути фаъолияти муштарак амсилаи насли навраси ватандӯст, шахсияти аз ҷиҳати ҷисмонӣ инкишофёфта, мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ, соҳиби сифатҳои ахлоқии ҷамъиятии арзишманд ва ниёз ба тарзи ҳаёти солим бо нерӯи эҷодӣ ва қобилияти рушди худшиносӣ ташаккул меёбад.



***Калидвожаҳо:*** *ватандӯстӣ, тарбияи ҷисмонӣ, варзиш, омодагӣ, богчаи бачагон, мураббӣ, мусобиқаҳо, бачагон, омузиш*


## ФИЗИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ – ИСТОЧНИК ВОСПИТАНИЯ ПАТРИОТИЗМА У ДОШКОЛЬНИКОВ.


В статье рассматриваются вопросы использования физического воспитания как источника воспитания патриотизма дошкольников. Отмечено, что суть воспитания патриотизма заключается в том, чтобы посеять и вырастить в сердце ребенка семена любви к дому и семье, к истории и культуре страны, созданные трудом людей, родственников и друзей, тех, кого называют соотечественниками. В статье анализируется опыт некоторых детских садов по воспитанию детского патриотизма, представлены роль и статус деятельности в воспитании этого важного качества. Сделан вывод, что через совместную деятельность формируется модель патриотически настроенного молодого поколения, физически развитой личности, активной гражданской позиции, обладающего ценными социально-нравственными качествами и потребностью к здоровому образу жизни, обладающего творческой энергией и способностью развивать самосознание.



***Ключевые слова:*** *патриотизм, физическое воспитание, спорт, подготовка, детский сад, тренер, соревнования, дети, образование.*


## PHYSICAL EDUCATION IS A SOURCE OF INSTILLING PATRIOTISM IN PRESCHOOL CHILDREN.


The article discusses the use of physical education as a source of instilling patriotism in preschool children. It is noted that the essence of patriotism education is to sow and grow in the child's heart the seeds of love for home and family, for the history and culture of the country, created by the work of people, relatives and friends, those who are called compatriots. The article analyzes the experience of some kindergartens in raising children's patriotism, and presents the role and status of activities in nurturing this important quality. It is concluded that through joint activities a model of a patriotic younger generation, a physically developed personality, an active civic position, possessing valuable social and moral qualities and the need for a healthy lifestyle, creative energy and the ability to develop self-awareness is being formed.

***Key words:*** *patriotism, physical education, sports, training, kindergarten, coach, competitions, children, education.*

***Маълумот дар бораи муаллифон:*** *Шаропов Шавкат Аҳмадович-доктори илмҳои педагогӣ. профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «ДДХ ба номи ак.Б.Ғафуров». (735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гуз. Мавлонбеков 1.). тел.92-7717870. sharofzod1954@mail.ru*

*Комилов Назирҷон Наимович-унвонҷӯи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «ДДХ ба номи ак.Б.Ғафуров». (735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гуз. Мавлонбеков 1.). тел.92-9660966. Nazir77@mail.ru*

***Сведения об авторах:*** *Шаропов Шавкат Ахмадович-доктор педагогических наук, профессор кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «ХГУ им.акад.Б.Гафурова». (735700. Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр.Мавлонбекова 1.). тел.92-7717870. sharofzod1954@mail.ru*

*Комилов Назирджон Наимович-соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «ХГУ им.ак.Б.Гафурова».(735700. Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр.Мавлонбекова 1.). тел.92-9660966. Nazir77@mail.ru*

***Information about the authors:*** *Sharopov Shavkat Akhmadovich - Doctor of Pedagogical Sciences, Professor of the Department of Social and Professional Pedagogy of the State Educational Institution "KhSU named after Academician B. Gafurov". (735700. Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave. 1.). tel. 92-7717870. sharofzod1954@mail.ru*

*Komilov Nazirjon Naimovich-applicant of the Department of Social and Professional Pedagogy of the State Educational Establishment "KhGU named after B. Gafurov" (735700. Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave. 1.). tel.92-9660966. Nazir77@mail.ru*

**ТДУ:37.01. +159.9**

# ХУДБАҲОДИҲӢ - ОМИЛИ МУҲИММИ РУШДИ ШАХСИЯТ

***Ҳабибова О. М.***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикисистон ба номи С.Айнӣ**

Худбаҳодиҳиро яке аз омилҳои такмил ва нишондиҳандаи сатҳи рушди шахсият фаҳмидан мумкин аст. Худбаҳодиҳӣ як ҷузъи худшиносӣ буда, баҳодиҳии шахс ба дониш, қобилият, рафтор, сифатҳои ахлоқӣ ва эҳсоси хешро фаро мегирад. Дар таҳти мафҳуми он фаъолияти шахсии инсон дар ҷомеа, муарифии хусусиятҳои мусбат, инчунин баҳои худ ба сифатҳои шахсӣ, дарк ва эҳсос, муваффақият ва нокомӣ фаҳмида мешавад. Дар раванди таълим дар рушди сохтори шахсият худбаҳодиҳӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад ва мутобиқшавии иҷтимоии шахс, идоракунии рафтору фаъолияти инсонро муайян карда, ба танзим медарорад [5, с. 21].

Худбаҳодиҳӣ на танҳо баҳодиҳии шахс ба ҷиҳатҳои қавӣ ва заифӣ, сифат ва мавқеи ӯ дар байни одамон, балки дар навбати худ яке аз омилҳои муҳимми низоми рафтору муносибати шахсият дар ҷомеа мебошад. Барои шахс худбаҳодиҳӣ вазифаи танзимкунанда ва муҳофизатиро иҷро мекунад. Функсияи танзимкунанда дараҷаи қаноатмандӣ ё норозигӣ аз худ, сатҳи худбаҳодиҳии шахсро инъикос мекунад. Ин, дар навбати худ, ба шахс кӯмак мекунад, ки муваффақият ё нокомии худро дарк кунад ва ҳадафҳои минбаъдаро гузорад. Функсияи муҳофизатӣ мустақилияти нисбии фард, ташаккули афкори шахсии ӯро таъмин менамояд, ки шахс метавонад, онро дар муошират бо одамони дигар баён ва ҳимоя намояд.

Бояд қайд кард, ки худбаҳодиҳӣ арзиши тағйирёбанда аст, он метавонад, таҳти таъсири руҳияи бартаридоштаи шахс дар айни замон тағйир ёбад, аз ин рӯ, пастшавии он дар ҳолати буҳронӣ ва баландшавии он дар ҳолати кайфияти руҳӣ ва хурсандӣ мушоҳида мешавад.

Худбаҳодиҳӣ ба сифати меъёри асосӣ баромад намуда, тавассути он ҷанбаҳои муҳимми шахсият баҳо дода мешавад. Вазифаҳои асосии он танзимкунанда ва муҳофизатӣ буда, дар асоси вазифаи танзимкунанда ҳалли масъалаҳои интихобӣ ва вазифаи ҳифзии он мустақилияти нисбӣ ва устувории шахсро таъмин менамояд.

Худбаҳодиҳӣ ба бисёр чиз вобастааст, аз қабили муносибатҳои байнишахсӣ, танқиди шахсӣ, серталабӣ нисбат ба худ ва инчунин ба самаранокии фаъолияти шахс ва рушди минбаъдаи ӯ таъсир мерасонад. [5, с. 22].

“Шахс бо худбаҳодиҳии солим ба қобилиятҳои худ ба таври кофӣ баҳо медиҳад ва ҳадафҳои воқеӣ мегузорад. Масалан, шахсе, ки варзишгари ҳирфаӣ набошад, аммо дар марафон иштирок кардан мехоҳад, мефаҳмад, ки барои омодагӣ ба мусобиқа нисбат ба варзишгарони ботаҷриба вақти зиёдро талаб мекунад. Бар асоси ин ӯ тасмим мегирад, ки дар назди худ чунин ҳадаф мегузорад ё не ва чӣ гуна ба он ноил шавад”, қайд мекунад, Владимир Шляпников.

Дар луғати педагогию равононшиносӣ таҳти мафҳуми худбаҳодиҳӣ ин арзёбии худи шахс ба сифат, қобилият, муносибат, рафтор, дониш, имконият, намуди зоҳирӣ ва дастовардҳояш фаҳмида мешавад. Ба андешаи А.И.Липкина арзёбӣ ин муносибати шахс ба қобилият, сифатҳо ва инчунин ба намуди зоҳирии хеш мебошад.

Дар таҳқиқоти олимони хориҷӣ ин мафҳум "муарифии шахс дар бораи худ" ва ин истилоҳ бо ифодаи "Ман – консепсия" ва ё ҷузъи рафтории мафҳуми "Ман"-ро ифода намуда, шарҳ дода шудааст.

Дар психологияи муосир сатҳҳои маъмули худбаҳодиҳии зерин ҷудо шудааст.

1. Худбаҳодиҳии мувофиқ;

2. Худбаҳодиҳии баланд;

3. Худбаҳодиҳии паст;

Худбаҳодиҳии мувофиқ ин баҳодиҳии воқеӣ аз ҷониби шахс ба қобилият, сифату кирдорашон фаҳмида мешавад. Худбаҳодиҳии баланд ҳамчун баҳодиҳии номуносиб аз ҷониби субъект ҳангоми баҳодиҳии худ фаҳмида мешавад. Худбаҳодиҳии паст бошад, ин паст задани нокифоя ҳангоми баҳодиҳии худ аз ҷониби субъект ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқоти зиёди ватанӣ ва хориҷӣ собит кардаанд, ки ба худбаҳодиҳии шахс пеш аз ҳама ҳамсолон ва волидон таъсири зиёд доранд. Иштироки волидайн дар ҳаёти шахс, асосан дар давраи кӯдакӣ, вақте ки худбаҳодиҳӣ нав ташаккул меёбад, ба худбаҳодиҳии умумии ӯ таъсири бештар мерасонад, дар ҳоле ки ҳамсолон ба баҳодиҳии қобилиятҳои ӯ таъсири бештар доранд. Тавассути баҳодиҳӣ дар кӯдак дониш, андешаҳои арзишманд нисбати худ ташаккул меёбад. Дараҷаи худбаҳодиҳии шахс ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнии ӯ таъсири калон мерасонад. Ин масса барои одамоне, ки худбаҳодиҳии паст доранд, хеле мувофиқ аст, зеро худбаҳодиҳии паст боиси шиддати аз ҳад зиёди ҳиссӣ мегардад, ки ба нишондиҳандаҳои сифатии фаъолияти зеҳнӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Таҳлилҳои назариявӣ фаҳмиши моро доир ба ин мафҳум ба он оварда расонид, ки арзёбии шахс дар бораи аҳамияти фаъолият хеш дар ҷомеа, муносибати ӯ дар байни одамон, баҳодиҳӣ ба ҷиҳатҳои қавӣ ва заифӣ, эҳсос, хислатҳои худ мебошад. Арзёбии шахс дорои чунин вазифаҳо мебошад:

1.Танзимкунанда - қабули вазифаҳо ва интихоби қарорҳоро аз ҷониби шахс таъмин менамояд;

2.Ҳимояткунанда – таъмини устувории нисбии шахс ва мустақилияти он;

3.Рушдёбанда – ҳавасмандии шахс баҳри инкишофёбӣ;

4.Инъикоскунанда (сигналӣ)- муносибати воқеии шахсро ба худ, амалҳо ва амалҳои худ нишон медиҳад, инчунин имкон медиҳад, ки мувофиқати амалҳоро арзебӣ кунад;

5.Ҳиссиётӣ - ба шахс имкон медиҳад, ки аз сифатҳо ва хусусиятҳои худ қаноатмандӣ ҳис кунад;

6.Мутобиқшавӣ- ба шахс имконияти мутобиқшавиро ба муҳит ва ҷомеа медиҳад;

7.Пешгӯйӣ - дар оғоз фаъолияти шахсро танзим мекунад;

8.Ислоҳкунанда-назоратро дар ҷараёни иҷрои фаъолият таъмин мекунад.

9.Ретроспективӣ (назар ба гузашта) - имкон медиҳад, ки шахс рафтор ва фаъолияти худро дар марҳилаи ниҳоии иҷрои он арзебӣ кунад;

10.Ҳавасмандкунанда- шахсро водор мекунад, ки барои ба даст овардани аксуламалҳои мусбати худбаҳодиҳӣ (қаноатмандӣ аз худ, рушди худбаҳодиҳӣ ва ифтихор) амал кунад;

11.Ниҳоӣ - шахсро маҷбур мекунад, ки фаъолиятро қатъ кунад, агар амалҳои ӯ ба пайдоиши худтанқидӣ ва норозигӣ аз худ мусоидат кунанд.

Худбаҳодиҳӣ метавонад, асосан сатҳи мутобиқшавии иҷтимоии шахсро муайян кунад, рафтор ва фаъолияти ӯро танзим кунад.

Худбаҳодиҳии мувофиқ аз муносибати интиқодӣ нисбати худ, баҳои воқеӣ, имкониятҳои худ, қобилияти мустақилона дар назди худ гузоштани ҳадафҳои амалӣ, тобоварӣ, назорати ҳамаҷониба ва даст кашидан аз фарзияҳо ва амалҳои номатлуб иборат аст. Оғози амали воқеии худбаҳодиҳӣ ба давраи наврасӣ, давраи инкишофи шиддатноки самти зеҳнӣ рост меояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот оиди омӯзиши масъалаҳои худбаҳодиҳӣ дар кори олимон, аз ҷумла Л.И.Божович, Л.С.Выготский, А.И.Липкина, В.С.Мухина, С.Л.Рубинштейн, З.Фрейд ва дигарон нишон дода шудааст. Психологияи хориҷӣ бо баррасии худбаҳодиҳӣ ҳамчун ҷузъи «Ман-консепсия» тавсиф мешавад, ки «маҷмуи тамоми ақидаҳои шахс дар бораи худ, ки бо баҳодиҳии онҳо алоқаманд аст», муайян шудааст. [4].

Психологияи ватанӣ бо баррасии масъалаҳои худбаҳодиҳӣ дар навбати аввал пеш аз ҳама муҳимияти фаъолияти инсонро таъкид мекунад. Ба ақидаи А.Н.Леонтьев, худбаҳодиҳӣ яке аз шартҳои худмуайянкунандаи шахсият ба шумор рафта, ба воситаи он фард ба шахсият табдил мёебад ва ҳамчун ангезаи шахс амал карда, ӯро водор месозад, ки аз талаботи мавҷуда қаноатманд бошад.

Арзишҳое, ки шахс дарк мекунад, асоси худбаҳодиҳиро ташкил медиҳад, ки хусусияти онро механизми худтанзимкунӣ ва такмили шахсият муайян мекунад.

Худбаҳодиҳӣ раванди такмили шахсият, нишондиҳандаи сатҳи инкишофи он, ки ибтидо ва ҷанбаи шахсии онро муайян мекунад, ба таври органикӣ ба раванди худшиносӣ дохил шуда, тавсиф карда мешавад.

Таҳқиқотчиён қайд мекунанд, ки худбаҳодиҳӣ дар ду шакл амал мекунад - умумӣ ва махсус (қисман, мушаххас, маҳаллӣ). Бештари омӯзиши он табиати инсон, хусусиятҳо ва динамикаи синну солӣ, худбаҳодиҳии шахсӣ, ки баҳодиҳии субъектро ба зуҳурот ва сифатҳои мушаххаси ӯ инъикос мекунанд, бештар омӯхта мешавад. Ба гуфтаи муҳаққиқон, камтар омӯхташуда худбаҳодиҳии умумӣ аст. Бисёре аз олимон онро бо худбаҳодиҳии шахс алоқаманд мекунанд ва худбаҳодиҳиро ба худэҳтиромкунии шахс алоқаманд медонанд.

Ба худбаҳодиҳии баланд фаъолияти аз ҳад зиёди шахс, маҳсулнокии фаъолияти ӯ, амалӣ шудани иқтидори эҷодӣ мансуб аст. Чунин муносибат ба дарки худбаҳодиҳии умумӣ дар ҷаҳонбинии субъект барои норозигӣ аз худ, барои муносибати танқидӣ ба худ ҷой намегузорад.

Дигар муҳаққиқон, аз қабили А.И.Липкин, И.Чесноков ва дигарон худбаҳодиҳии умумиро ҳамчун системаи иерархикии худбаҳодиҳии шахсӣ мешуморанд, ки бо ҳам алоқаманд мебошанд. Бинобар ин таъкид карда мешавад, ки худбаҳодиҳии умумӣ дар якҷоягӣ худбаҳодиҳии махсус ба шумор намеравад. Ин фикр ба андешаҳои Л.В. Олшанский, Е. Федотова хос мебошад. Чунин фаҳмиши умумии худбаҳодиҳиро бо фаъолияти худбаҳодиҳии хусусӣ тавсиф мекунад: мувофиқат, интиқодӣ, рефлексивӣ, устуворӣ.

Таҳқиқоти олимон нишон медиҳанд, ки “Ман–консепсия” оморӣ нест падида, вале вобаста ба синну сол, шароити иҷтимоӣ, ҳолати мавҷуда ва ғайра фарқ мекунад.

Дар асоси ин яке аз механизмҳои худбаҳодиҳиро ба муқоисаи муваққатӣ ҷудо намуданд. Моҳияти механизми муқоисаи муваққатӣ дар он аст, ки субъект ба таҷрибаи шахсии ӯ, «Ман» ҳастии ӯ дар ҳаёт, яъне дар бораи муқоисаи "Ман"-и воқеии худ бо "Ман"-и дар гузашта ё оянда.

Худбаҳодиҳии наврасон дар раванди таълим: Дар давраи наврасӣ худбаҳодиҳии хонанда қариб ба ҳама корҳое, ки ӯ дар мактаб анҷом медиҳад - чӣ гуна бо душвориҳо мубориза мебарад, бо одамони дигар чӣ гуна муносибат мекунад, таъсири назаррас мерасонад. Ҳам дар кӯдакӣ ва ҳам дар калонсолӣ худбаҳодиҳии паст метавонад, хоҳиши шахсро ба омӯзиш ва қобилияти тамаркузи ӯро ба раванди таълим коҳиш диҳад. Дар баробари ин, аз сабаби худбаҳодиҳии баланд ва мавқеи ботинии «Ман ҳама чизро медонам» шахс метавонад, аслан майли омӯхтани чизҳои навро аз даст диҳад ва аз ин рӯ инкишоф ёбад. Дар раванди таълиму тарбия хонандагоне, ки фаъолияти худро мусбат арзёбӣ мекунанд, яъне онҳо аз амалҳои худ қаноатманданд, ки ин албатта, аз худбаҳодиҳии баланди онҳо далолат мекунад. Бархе аз хонандагон фаъолияти хешро мусбӣ баҳо дода наметавонанд, яъне фаъол нестанд, қаноатмандӣ дида намешавад, ин худбаҳодиҳии пасти онҳоро нишон медиҳад. Ҳоло онҳо барои мусбат арзёбӣ намудани фаъолияти хеш бояд дар назди худ мақсад гузоранд, то ки сифат ва хусусиятҳои шахсияти онҳо рушд ёфта, мавқеи худро дар ҷомеа ёбанд ва аз ҳастӣ ва зиндагии хеш қаноатманд гарданд.

Фаъолияти ҳозираи инсон ба фаъолиятиояндаи эҳтимолии дур нигаронида шудааст. Шубҳаҳо дар бораи худ дар айни замон метавонад, имконияти мусбиро ҳамчун дифоъи худ оварда расонад: “Ҳоло ман дӯст надорам, аммо ин доими нахоҳад буд” [5, с. 26].

Муҳаққиқон қайд намуданд, ки якчанд одамони ҷиҳатҳои мусбатдоштаи мутааллиқи “Ман” дар “Ман – консепсия” ба худбаҳодиҳии ҷорӣ саҳми зиёд мегузоранд. Шахси ҷиҳатҳои мусбатдошта мутааллиқи “Ман” ҳамеша дар бораи худ эҳсосоти мусбат дорад, арзёбии баланд дорад ва шахсе, ки бо ҷиҳатҳои манфидоштаи мутаалиқи “Ман” худбаҳодиҳии паст дорад.

Педагог-психологи варзида С.Л.Рубинштейн раванди рушди худбаҳодиҳии насли наврасро ҳамчун интиқоли маркази таваҷҷуҳи онҳо аз берун ба ботини шахсияти худ тавсиф додаст. Ин махсусан, ба гузаштан ба миқёси маънавӣ, идеявии худбаҳодиҳӣ алоқаманд аст.

Умуман, тибқи дастури педагог шахс худро дар зинаи болотари шахсият муаррифӣ мекунад ва худбаҳодиҳии ӯ офариниши марказии шахсиятро ифода менамояд [7, с.380].

Хонанда дар раванди таълим меъёру арзишҳо ва арзёбии омӯзгорон, хонандагонро аз худ мекунад ва на танҳо натиҷаҳои фаъолияти таълимии худро арзёбӣ мекунад, балки ба дараҷаи шахсият гаштани худ низ баҳо медиҳад. Албатта, бо мурури синну сол хонанда сифатҳои асосии шахсиро аз худ намуда, муваффақиятҳои худро ҷудо мекунад, махсусан сатҳи муайяни худбаҳодиҳӣ ташаккул мeёбад.

Илми психология худбаҳодиҳиро баҳодиҳии шахс нисбат ба худ муайян намудааст. Дар психология худбаҳодиҳиро ба ду қисм ҷудо намудаанд: устувор ва ноустувор.

Натаниел Брандер, муаллифи китоби" Чӣ гуна худбаҳодиҳиро баланд бардоштан мумкин аст", инсон ин сифатро аз ҳад зиёд дошта наметавонад, қайд карда буд. Худбаҳодиҳӣ кофӣ аст ё кофӣ нест, ҳангоми муайян кардани сатҳ ва меъёрӣ худбаҳодиҳӣ танҳо ба мафҳумҳои "хуб" ва "бад" таваҷҷуҳ кардан лозим нест. Худбаҳодиҳӣ намудҳои гуногун дорад. Намудҳои зерини худбаҳодиҳӣ чунинанд:

Худбаҳодиҳии дуруст- муносибати танқидӣ ба худ, озмоиши доимии имконият ба талаботҳои ҳаёт, қобилияти мустақилона гузоштани ҳадафҳои имконпазир, ба таври қатъӣ арзёбӣ кардани ҷараёни фикр ва натиҷаҳои он, санҷиши дақиқи тахминҳои пешниҳодшуда, мулоҳизакорона нишон додани ҳама далелҳои тарафдор ва муқобил, даст кашидан аз андешаҳои беасос.

Худбаҳодиҳии содиқ - шаъну шарафи инсонро дастгирӣ мекунад, қаноатмандии ахлоқӣ медиҳад ва на танҳо муносибати мувофиқ ё номуносибро ба худ ё ба ҳамоҳангии руҳ оварда мерасонад, ки эътимоди оқилонаро ба худ таъмин мекунад ё ба мунокишаи доимӣ, ки баъзан инсонро ба ҳолати асабоният оварда мерасонад, даст кашидан аз фарзияҳои беасос.

Худбаҳодиҳии ташаккулёфта - сатҳи инкишофи шахсияти хонандаро муайян мекунад, зеро он метавонад баъдтар дар ноил шудан ба тамоми соҳаи ҳаёт нақши калон бозад.

Барои шахсоне, ки худбаҳодиҳии паст доранд, маъмул аст, ки барои ҷиҳатҳои дар зиндагӣ манфидоштаи хеш сенария тартиб дода, барои ноил шудан ба комёбӣ ва дастовардҳо ба худ боварӣ ва эътиқод (масалан, ман метарсам, ки муваффақ намешавам, ё ин ки ҳеҷ кас маро дӯст намедорад ва ғ.), намоянд. Дар ин сурат чунин андешаҳо шахсро ба нокомӣ ва ноумедӣ меорад ва онҳо ин ҳолатро ба зудӣ бартараф карда наметавонанд, худбаҳодиҳии муваффакро соҳиб намешаванд, ҳавасмангардонӣ рушд намеёбад ва фаъолияти онҳо бесамар хоҳад гашт.

Тавассути арзёбӣ толибилмон дар ҷараёни таълиму тарбия бо бисёр муваффақиятҳо ноил гашта, дар ҳаёти худ дигаргуниҳо месозанд. Дониш, маҳорат, қобилият, сифат, хусусият, эҳсосот, ирода ва зеҳни маърифатии онҳо рушд ёфта, худбаҳодиҳии мувофиқро соҳиб мегарданд ва фаъолияти хешро арзёбӣ менамоянд.

Тадқиқотчиён ду далелро ба худбаҳодиҳии шахс, ки он худэҳтиромкунии шахсро муайян мекунад, ҷудо намуданд:

-аввал дастовардҳои шахс дар намудҳои гуногуни фаъолият ё дарки

дастовардҳои ӯро муваффақ ё ноком мувофиқи пешниҳоди У. Джеймс инкишоф медиҳанд;

-дуввум ин муносибати дигарон (назарияи “Ман дар оина”-и Ч.Кули).

Дар таҳқиқоти хеш С. Хартер, ки дар ҳама гуна синну соли одамон онро ба таври озмоишӣ гузаронида, назарияи Ч. Кули ва У. Джемсро пурра тасдиқ мекунад. Вай ду омиле, ки худбаҳодиҳиро муайян кардааст, - дастовардҳо ва дастгирии иҷтимоӣ - бо ҳам кор мекунанд, сатҳи комёбӣ дар соҳаҳои муҳим ва дастгирии иҷтимоӣ баландтар, эҳтироми шахс ҳамон қадар баландтар аст, исбот намудааст.

Ин модели муайянкунандаҳои худбаҳодиҳӣ сатҳи онро пешгӯӣ мекунад ва имкони тағйирёбии худбаҳодиҳро фароҳам меорад: ислоҳот дар салоҳият, инчунин тағйирот дар тасдиқи дигарон, ба тағйироти мувофиқ дар худбаҳодиҳӣ оварда мерасонад [3, 206 с].

Бояд қайд кард, ки дар воқеъ дар симои инсон на яке ивазшавии ҳамдигар дар симои “Ман”, балки тасаввуроти фард дар бораи худ, ки дар айни ҳол ҳамчун “Ман-воқеӣ” таъин карда мешавад. Илова бар ин шахс дар шуураш тасаввурот дорад, ки ӯ чи тавр бояд ба идеали худ мувофиқат кунад ва “Ман- идеал” гӯяд.

Таносуби байни «Ман-воқеӣ» ва «Ман-идеал» танҳо мувофиқати ақидаҳои шахсро дар бораи худ тавсиф мекунад, ки дар худбаҳодиҳӣ ифода мeёбад.

В современном обществе искажаются основные нравственные ориентиры, а молодое поколение становится все более бездуховным и агрессивным. Задача воспитания

студенческой молодежи в современном социуме, безусловно, является одной из приоритетных.

Формирование ценностного отношения индивида к обществу является последовательным и поэтапным процессом: вначале социум выступает для личности в виде общепринятых нормативов, затем раскрывается за счет распределения социальных ролей каждого человека в обществе. Содержанием воспитания личности становятся его отношения к людям и обществу в целом. Решением этой проблемы веками бьется человеческая мысль, которая во все времена порождала мечту и реальное движение людей к переустройству мира.

В педагогической науке, как самостоятельной научной дисциплине, можно выделить фундаментальную и прикладную ее функции. Но в то же время, являясь независимой дисциплиной, педагогика зависит от тех научных направлений, с которыми неразрывно связана. Эта зависимость в процессе научно-педагогического исследования предполагает обращенность к знаниям, накопленным в других науках, особенно, при исследовании основных понятий, к которым относится «ценность».

В «Толковом словаре русского языка» понятие «ценность» определена, в первую очередь, как цена, стоимость, подчеркивается экономическое происхождение термина. Затем этот термин определяется как важность, значение; ценный предмет, явление [27, 259]

В «Педагогической энциклопедии» понятие «ценность» указывает на положительную или отрицательную значимость объектов окружающего мира для человека, класса, группы, общества в целом, определяемую не их свойствами самими по себе, а их вовлеченностью в сферу жизнедеятельности, интересов и потребностей. А также, обозначается как критерий и способы оценки этой значимости, выраженные в нравственных принципах и нормах, идеалах, установках, целях. Отмечается классовый характер ценностей [21, 273].

В философскую лексику термин «ценность» был введен в 60-е гг. XIX в. и по смыслу определяло значимость предмета в отличие от его существования или качественных характеристик. Сложность и многоаспектность понятия «ценность», а также важность разрешения проблем философии, относящихся к данному понятию, обусловили введение французским философом П. Лапи в 1902 г. в западную философию отдельной области философского знания - аксиологии – которая занималась исследованием проблем ценностей. Философский словарь под редакцией И.Т. Фролова дает следующее определение понятия «ценность»: «специфически социальные определения объектов окружающего мира, выявляющих их положительное или отрицательное значение для человека или общества: благо, добро и зло, прекрасное и безобразное, заключенные в явлениях общественной жизни и природы» [28, 234].

Западная философия разделяет четыре группы определений понятия «ценность»:

1. Некие абсолюты, существующие в божественном разуме в виде вечных идей, независимых сущностей.
2. Определенные характеристики материальных и нематериальных объектов.
3. Действия.
4. Производное от потребностей и разума человека, где человек или человеческое сообщество являются «носителями ценностей».

В философской литературе «ценность» определяется как способность вещей, идей, выступать средством удовлетворения потребностей отдельных индивидов и социальных групп; значимость вещей, идей и т.п. для жизнедеятельности субъекта; специфическая форма проявления отношения между субъектом и объектом с целью удовлетворения потребностей субъекта; специфические образования в структуре индивидуального или общественного сознания, являющиеся ориентирами личности и общества [6, 16].

В «Толковом словаре русского языка» дается определение «ценностей (моральных)» как одной из форм проявления отношений между людьми сквозь призму морали. Под ценностями понимается, во-первых, «нравственное значение, достоинство личности (групп, лиц, коллектива) и ее поступков или нравственных характеристик общественных институтов»; во-вторых, «ценностные представления, относящиеся к области морального сознания - моральные нормы, принципы, идеалы, понятия добра и зла, справедливости, счастья» [27, 19].

В «Российской социологической энциклопедии» под редакцией В.В. Давыдова «ценности моральные» - этическое понятие, характеризующее значение социально-исторических явлений для общества и отдельного человека. «В ценностях моральных выражено деятельно-заинтересованное отношение человека к миру и самому себе, а также

проблематичность реализации актуальных нравственных потребностей в реальной жизни» [23, 608].

Наряду с «ценностями моральными» используются также «ценности этические» и «ценности нравственные». В повседневной речи и некоторых научных публикациях эти понятия часто используются как синонимы.

На наш взгляд, необходимо раскрыть значения терминов «нравственность», «этика», «мораль», а также определить специфику их употребления.

Термины «этика» (греч.), «мораль» (лат.), «нравственность» (русск.) исторически возникли в разное время, изначально обозначая «характер», «темперамент», а у некоторых народов и «обычай». В процессе развития термин «этика» преимущественно начинает использоваться для обозначения отдельного философского направления, объектом изучения которого является мораль и нравственность.

В наше время термин «мораль» (лат. moralis - нравственный, относящийся к нраву) обозначает: «один из основных способов нормативной регуляции действий человека в обществе»; «социальный институт, система моральных норм, санкций, оценок, предписаний, образцов поведения»; «форма общественного сознания и вид общественных отношений, направленных на утверждение самоценности личности, равенства всех людей в их стремлении к счастливой, достойной жизни, выражающих идеал человечности, гуманистическую перспективу истории» [4, 58].

Часто нравственность считается синонимом морали, но наряду с отождествлением данных понятий существуют и другие точки зрения. Согласно одной из них, мораль - «это регуляция поведения посредством строго фиксированных норм, внешнего психологического принуждения и контроля, групповых критериев, общественного мнения», а нравственность означает «сфера нравственной свободы личности, когда общественные и общечеловеческие требования совпадают с внутренними мотивами; область самодеятельности и творчества человека, внутреннего самопринуждения благодаря личной сознательности, переходящего в склонность и спонтанное побуждение творить добро» [18, 33].

В своем прямом значении термин «мораль» обозначает «обычай», «нрав», «правило». Иногда синонимом «морали» выступает термин «этика», который обозначает «привычку», «обыкновение», «обычай». Термин «этика» используется также и для обозначения «философской науки, изучающей мораль».

Об уровне нравственности личности и приятии ей морали можно судить по тому, как она соотносит свое поведение и свои убеждения с моральными нормами и принципами, принятыми в том или ином обществе. Другими словами, нравственность можно определить как характеристику человека как личности, которая объединяет такие качества, как правдивость, справедливость, порядочность, доброта, честность, коллективизм, трудолюбие, дисциплинированность, регулирующие поведение индивидуума.

Поведение каждой личности оценивают по степени соответствия правилам, принятым в обществе. Правила, имеющие общий характер и единые для всех называют нравственной нормой. Норма - это правило, требование, определяющее, как человек должен поступить в той или иной конкретной ситуации. Принятая в обществе нравственная норма побуждает человека к определенным поступкам или предостерегает от них. Нормы поведения обуславливают порядок взаимоотношений с другими людьми и обществом в целом.

Моральные принципы, имеющие всеобщий характер и охватывающие все области отношений, называются нравственными категориями. В числе этих категорий, которыми личность руководствуется в отношениях с окружающим миром, можно назвать добро, достоинство, честь, долг, справедливость, счастье и др.

Нравственные нормы и принципы, принятые личностью также выражают ее отношение личности к самому себе, к другим, к окружающему миру.

Формирование вышеназванных групп отношений между людьми составляет содержание воспитательной работы преподавателя по формированию нравственной культуры студентов. Развитие этих групп отношений подразумевает воспитание человеческого взаимоуважения и взаимопомощи, развитие чувства коллективизма, воспитание должного отношения к старикам, женщинам и детям и т. д.

Отношение личности к самому себе складывается из формирования чувства собственного достоинства, восприятия общественных норм поведения, усиления самодисциплины, следования таким понятиям как честность, правдивость, скромность, отрицательное отношение несправедливости и нетерпимость к стяжательству.

Основы нравственной культуры студента закладываются еще в семье, а в дальнейшем формируются в процессе обучения в школе, вузе и общественной жизни.

Воспитывая гуманность, необходимо вовлекать студента в процесс сопереживания другому, он становится соучастником проблем другой личности. При этом, все моменты выражения черствости или равнодушия должны подчеркиваться и анализироваться преподавателем для дальнейшего пресечения.

Пример непосредственно гуманного отношения со стороны преподавателя в процессе учебы имеет огромную воспитательную силу. Непосредственно гуманное отношение преподавателя к студентам должно подкрепляться и теорией вопросов морали и этики, т.е. теория не должна заменять практику и наоборот, они не должны отрицать друг друга.

Большой интерес у студентов может вызвать изучение биографии известных людей, их жизни и деятельности, жизненные ориентиры и принципы, поступки, основу которых составляет высокая нравственность. Это стимулирует студента ориентироваться на нравственные ценности в своем поведении и повседневной деятельности. Организация коллективного учебного процесса и совместной общественной деятельности является важнейшим условием воспитания гуманности среди студентов. При совместной учебе или групповой деятельности возникают такие ситуации, когда студент может проявить заботу о другом человеке, оказать ему какую-либо помощь и поддержку или возникает ситуация, в которой более сильный студент защищает более слабого.

Личная дисциплина человека является отражением соответствия его понятий и образа жизни нормам и правилам, принятым в обществе.

Дисциплинированность в процессе учебы является одной из форм общественной дисциплины. Она представляет собой определенные правила поведения и порядок взаимоотношений с преподавателями и другими студентами, принятый в данном учебном заведении. Учебная дисциплина, представляющая собой личную сознательную ответственность в учебном процессе, является составной частью нравственности.

Дисциплина русский язык позволяет студенту чувствовать себя защищенным от непредвиденных обстоятельств, что, в свою очередь, повышает уровень ощущения собственной свободы.

Дисциплинированность личности определяет культуру его поведения в обществе и может иметь разные уровни. Представляя собой одно из качеств личности, дисциплинированность соединяет в себе воедино основы поведения человека с точки зрения нравственности. Так в дисциплинированности человека могут быть объединены и сочетаться культура межличностного общения, культура речи, культура поведения, культура внешности и др.

Культура межличностного общения подразумевает наличие у студента доверия, альтруизма, вежливости, внимательности и др. Наличие перечисленных качеств становится нормой в межличностном контакте. Необходимо объяснить студенту важность общепринятого поведения со сверстниками и старшими, родственниками и посторонними людьми, знакомыми и соседями в общественных местах.

Культура речи представляет собой умение использовать языковые средства в различных ситуациях общения. Развивая культуру своей речи, студент должен освоить правила ведения дискуссии и диалога, понимать и использовать в общении юмор. Культура речи базируется на знании языка, владении его нормами и выразительными средствами.

Основы культуры поведения закладываются еще в детстве и юношеском возрасте. На его становление оказывают огромное влияние родители и традиции, сложившиеся в семье. Со временем культура поведения формируется под влиянием друзей, соучеников, преподавателей. «Одно из направлений работы по формированию культуры поведения - воспитание эстетического отношения к предметам и явлениям повседневной жизни, рациональная организация своего жилища, аккуратность в ведении домашнего хозяйства, умение вести себя за столом во время приема пищи и т.п.» [19, 18].

Культура внешности – это не только умение выглядеть красиво, но и наличие вкуса в выборе одежды и элегантность в ее ношении, способность представить себя в лучшем свете, использование жестов, знаков и мимики в общении, владение телодвижениями и управление походкой.

Последние годы в Таджикистане наблюдается кризис не только в социально-экономической, но и в духовно-нравственной сферы жизни общества. Мы становимся свидетелями того, как молодежь республики утрачивает нравственные ориентиры, которые из поколения к поколению были традиционны в таджикском обществе, среди молодежи

стало модным антисоциальное поведение, нарушение норм и правил морали. Неграмотная молодежь примкнулась в разных терористических группировках других стран. В этих условиях задача нравственного и культурного воспитания молодежи становится наиболее актуальной.

Формирования в таджикском обществе нравственных и гуманистических идеалов, дальнейшего развития исторически сложившихся духовных и нравственных норм жизни общества, потребность в духовном возрождении таджикского общества для повышения уровня социально-экономического развития. Понимание этой необходимости выражается в разработке и принятии необходимых законов, которые призваны создать условия для духовно-нравственного развития граждан Таджикистана.

В принятых программах и законах в качестве главной задачи выступает создание основ для нравственного и духовного становления личности, сохранение и дальнейшее приумножение культурного и духовного наследия, формирование целостного культурно-информационного пространства и соответствующей инфраструктуры в условиях становления информационного общества в Таджикистане.

Особо стоит отметить Национальную концепцию воспитания и Государственную программу воспитания молодого поколения.

Так, в Законе Республики Таджикистан «Об образовании» особое внимание уделяется вопросам свободного развития человека, его здоровью и жизни. Приоритет в данном Законе отдан развитию в личности системы общечеловеческих ценностей [14, 11].

На сегодняшний день воспитание в личности системы нравственных ценностей является одним из первоочередных условий для полноценного развития населения республики.

Обращенность к внутреннему миру личности, ее особенностям и творческим способностям является одним из важнейших вопросов современной педагогической науки. Личности студента и учителя являются главным смыслом и ценностью образовательной системы.

На наш взгляд, динамику развития и роста образования отражают следующие факторы:

-укрепление основ демократического правового светского государства и развитие гражданского общества;

-создание основ для устойчивого социально-экономического и духовного развития республики, а также для обеспечения высокого качества жизни народа;

-кадровое обеспечение рыночной экономики республики, находящейся в переходном состоянии;

-сохранение и приумножение имеющегося международного престижа республики, как наследницы высокой культуры, науки и образования.

Перечисленные проблемы находятся в центре внимания педагогической науки Республики Таджикистан.

Специалист должен быть не только профессионалом в своей области знаний, но также иметь такие черты характера, как ответственность, инициативность, самостоятельность в принятии решений. Наряду с этим, он должен иметь терпимость к чертам характера других национальностей, проявлять уважение к другой культуре, языку и обычаям.

Практически все нормативно-правовые и научно-методические документы, изданные в последние годы в республике, отмечают важность воспитательной работы в учреждениях образовательной системы. Закон Республики Таджикистан «Об образовании», принятый в новой редакции, дал старт новому этапу национальной политики в сфере образования.

В Законе Республики Таджикистан «Об образовании» подчеркивается важность и приоритетность воспитательного процесса, основной задачей образовательных программ признано достижение высокого уровня духовно-нравственного развития, воспитания и качества подготовки обучающихся, что является одним из ключевых нововведений новой редакции данного Закона.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1.Азаров, Ю. Студент: возможности личного роста / Азаров Ю // Высшее образование в России. – 2003. - № 1. - С. 52-57.

2.Активное многоязычие постулат гуманитарного образования и воспитания личности / Т.В. Гусейнова, Ф.Д. Искандарова и др. // Проблемы языка, культуры, искусства и философии Востока: - Душанбе, 2001. – С.110-114.

3.Алиев, С.Н. Государственная политика в области языкового образования и подготовки педагогических кадров / С.Н. Алиев // Вестн. Российско-Таджикского (Славянского) Университета. – 2007. - №1 – С. 285-287.

4.Анисимов, С.Ф. Мораль и поведение / С.Ф. Анисимов. 2-е изд., доп. - М.: Мысль, 1985. – 158 с.
5.Газман, О.С. Базовая культура и самоопределение личности / О.С. Газман // Базовая культура личности: теоретические и методические проблемы. - М., 1999. – С. 211-217
6.Гершунский, Б.С. Философия образования для XXI века: (в поисках практико-ориентировочных концепций) / Б.С. Гершунский. - М.: Флинта, 1998. – 608 с.
7.Гиёев, А.Х. Формирование духовно-нравственного воспитания студентов педагогического вуза на занятиях русского языка / А.Х. Гиёев // Вестн. Тадж. нац. ун-та. - 2017. - №3/4. - С. 232-237.
8.Гиёев, А.Х. Формирование нравственных убеждений студентов высших учебных заведений Таджикистана в современных условиях / А.Х. Гиёев // Вестн. Тадж. гос. пед. ун-та. - 2012. - №3. - С.100-104.
9.Гиёев, А.Х. Формирование положительной жизненной позиции студентов в процессе обучения русскому языку / А.Х. Гиёев // Вестн. Тадж. нац. ун-та. - 2016. - №3/4. - С. 245-250.
10.Гиёев, А.Х. Формирование положительных ценностей при обучении студентов русскому языку / А.Х. Гиёев // Вестн. Тадж. нац. ун-та. - 2014. - №3/4. - С. 249-252.
11.Гражданское образование в Таджикистане. - Душанбе, 2001. - 84 с.
12.Гражданское образование. Формирование активной жизненной позиции гражданина. - М.: Веди-принт, 2001. - 284 с.
13.Гулмадов, Ф. Теоретические основы формирования духовно-нравственных убеждений учащихся начальных классов: автореф. дис. д-ра пед. наук: 13.00. 01 / Гулмадов Файз. - Душанбе, 2016. – 45 с.
14.Закон Республики Таджикистан «Об образовании ». - Душанбе, 2004. – 64 с.
15.Зимняя, И.А. Психология обучения иностранным языкам в школе / И.А. Зимняя. - М.: Просвещение, 1991. - 219 с.
16.Концепция воспитательной работы. – Душанбе. 1999. - 19 с. - На тадж. яз. 17. Коменский, Я.А. Великая дидактика. Избранные педагогические сочинения / Я. А. Коменский. — М.: Учпедиздат, 1955. — 638 с.
17.Кон, И.С. Психология юношеского возраста / И.С. Кон. - М.: Просвещение, 1979. – 175 с.
18.Курагина, А.А. Формирование духовно-нравственных ценностей студентов высшей школы средствами иностранного языка: дис. канд. пед. наук: 13.00.01 / Курагина Алла Аркадьевна. - Йошкар-Ола, 2006. - 183 с.
19.Нысанов, Г.Т. Формирование нравственных убеждений старшеклассников на основе этнокультурных ценностей: автореф. дис. канд. пед. наук: 13.00.01 / Г.Т. Нысанов. - Алматы, 2010. – 25с.
20.Педагогическая энциклопедия. Т. 4. - М.: Сов. энцикл., 1968. – 337 с.
21.Практический курс русского языка: учеб. пособие для студентов нац. групп пед. ин-тов / под ред. А.Г. Хмары. - 3-е изд., дораб. - СПб.: Просвещение. Санкт.- Петербург. отд-ние, 1991. - Ч. 1. - 272 с.
22.Российская социологическая энциклопедия / под. ред. В.В. Давыдова. - М.: Большая Российская энциклопедия, 2002. – 788 с.
23.Сапогова, И.А. Особенности формирования ценностных ориентаций у старшеклассников / И.А. Сапогова // Педагогика развития и перемены в Российском образовании: Материалы II науч.-практ. конф. - Красноярск, 1995. - С. 146 -150.
24.Сухомлинова, Н.Г. Проблема совершенствования преподавания иностранного языка как средства международного общения / Н.Г. Сухомлинова. - Бишкек, 1991. – 124 с.
25.Сухомлинский, В.А. Но гражданином быть обязан / В.А. Сухомлинский // Неделя. - 1974. - №45. – С. 7-9.
26.Толковый словарь русского языка / под ред. А.П. Митрофанова. - М., Прогресс, 1999. – 268 с.
27.Философский словарь / под ред. И.Т. Фролова. - М.: Инфра-М, 2000. – 300 с.

## ФОРМИРОВАНИЕ КУЛЬТУРНО-НРАВСТВЕННЫХ ЦЕННОСТЕЙ СТУДЕНТОВ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ ФАКУЛЬТЕТОВ НА ЗАНЯТИЯХ ПО РУССКОМУ ЯЗЫКУ В ВЫСШИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ УЧЕБНЫХ ЗАВЕДЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Статья посвящена формированию духовно-культурных ценностей педвуза и нравственной воспитанности на занятиях по русскому языку.

Автор уделяет особое внимание на нравственные ориентиры подрастающего поколения в бездуховности, безверии, агрессивности и задачи воспитания.

В статье приведена культурная база и толкование понятия ценность и нравственности в воспитании с точки зрения педагогики.

Нравственные качества и убеждения человека испокон веков затрагивали внимание людей огромной нашей Планеты. Они всегда находились в поле зрения педагогов, воспитателей, родителей и общества. Воспитание в правильном русле считалось и считается основным мерилом здорового социума, одним из условий процветания государства, ценностью, которая олицетворяет собой лицо и человеческий облик каждого гражданина.

Изменение условий жизни, преобразования, происходящие в современном Таджикистане, заставляют размышлять о будущем современной молодежи, их активной адаптации ко всем позитивным переменам, происходящим в жизни. С большим сожалением приходится констатировать, что в настоящее время в таджикском обществе искажаются основные нравственные ориентиры, а молодое поколение становится все более бездуховным и агрессивным по причине отсутствия твердых перспектив на будущее и общего социально-экономического положения в республике. Поэтому, задача воспитания студенческой молодежи в современном социуме, безусловно, является одной из приоритетных.

***Ключевые слова:*** *нравственность, ценности, студенческая молодежь, воспитание, бездуховность, безверие, агрессивность, сущность, процесс воспитания, актуальность проблемы, интеллект, негативный характер, педагогика, мораль.*

## ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ МАДАНӢ-МАЪНАВИИ ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТАҲОИ ФИЛОЛОГИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ ЗАБОНИ РУСӢ

Мақолаи зерин ба ташаккули арзишҳои маънавӣ-мадании бахшида шудааст. Дар мақолаи зерин арзишҳои маънавӣ-мадании донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ дар машғулиятҳои забони русӣ матраҳ гардидааст.

Муаллиф ба паҳлуҳҳои асосии тарбияи ахлоқии насли ҷавон, ба нобоварӣ, бадахлоқӣ, бадқасдӣ ва вазифаҳои тарбия аҳамияти махсус дода аст. Инчунин дар мақола тафсири мафҳуми арзишҳои маънавӣ-маданӣ, тарбияи ахлоқӣ аз нуқтаи назари педагогика оварда шудааст.

***Калидвожаҳо:*** *ахлоқ, арзишҳо, донишҷӯёни ҷавон, тарбия, арзишҳои маънавӣ-мадани, бадахлоқӣ, нобоварӣ, бадқасдӣ, моҳият, раванд, мубраммият, мушкилот, манфӣ, зеҳн, педагогика.*

## FORMATION OF CULTURAL-SPIRITUAL VALUES OF STUDENTS OF THE FACULTIES OF PHILOLOGY IN INSTITUTIONS OF HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND IN RUSSIAN LANGUAGE COURSES

The article is devoted to the formation of spiritual and cultural values of the pedagogical university and moral education in Russian language classes.

The author pays special attention to the moral guidelines of the younger generation in lack of spirituality, unbelief, aggressiveness and the tasks of education.

The article provides a cultural basis and interpretation of the concept of value and morality in education from the point of view of pedagogy.

Moral qualities and beliefs of a person have affected the attention of people of our vast Planet since time immemorial. They have always been in the field of view of teachers, educators, parents and society. Education in the right direction was and is considered the main measure of a healthy society, one of the conditions for the prosperity of the state, a value that embodies the face and human appearance of each citizen.

Changing living conditions, the transformations taking place in modern Tajikistan, make us think about the future of modern youth, their active adaptation to all the positive changes taking place in life. It is with great regret that we have to state that the main moral guidelines are currently being distorted in Tajik society, and the younger generation is becoming increasingly soulless and aggressive due to the lack of solid prospects for the future and the general socio-economic situation in the republic. Therefore, the task of educating student youth in modern society is certainly one of the priorities.

***Key words:*** *morality, values, student youth, education, lack of spirituality, unbelief, aggressiveness, essence, process of education, relevance of the problem, intelligence, negative character, pedagogy, morality.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Гиёев Абдуназар Худойназарович н.и.п., дотсенти кафедраи забони муосири руси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, ҶТ, Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров 16. Тел: (992) 988 51 24 34*

***Сведения об авторе:*** *Гиёев Абдуназар Худойназарович к.п.н., доцент кафедры современного Кулябского Государственного Университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г. Куляб, ул. С. Сафарова 16. Тел: (992) 988512434*

***Information about the author:*** *Giyoev Abdunazar Khudoinazarovich C.P.S. (Candidate.Pedagogical Sciences), docent of the chair of modern russian language of the Kulob State University named after Abuabdulloch Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, and S. Safarov St.-16. Phone: (992) 988512434*

# АВЗОНИ БАҲРҲОИ СОЛИМИ АРӮЗӢ ДАР ШЕЪРИ ҒИНОИИ РАВШАНИ ҲАМРОҲ

***Тағоев С. С.***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

Мусалламан, дар адабиёти муосири муосири тоҷик, хосса адабиёти даврони истиқлол бо ибтикори як зумра шоирони бомаҳорат ва донишманд жанрҳои суннатии шеъри классикӣ на танҳо дубора эҳё гардидан, балки рушд карда ва қисмати зиёди эҷодиёти шоиронро ташкил доданд. Дар ин давра, шоирон аз шеъри мудерн дида, ба шеъри классикӣ дилбастагии бештар зоҳир карда, мавзуъҳои дархури замон ва мувофиқ ба табъашонро дар зарфиятҳои жанрии фардбайт, рубоӣ, дубайтӣ, ғазал, қасида, мухаммас барин анвои адабӣ ба ваҷҳи аҳсан ҷо дода тавонистаанд. Онҳо дар баробари риояи унсурҳои сохтории жанрҳои мазкур вазнро низ ба таври дилхоҳи худ омӯхта, онро дар партави таҷрибаҳои шоирони шеъри классикӣ дар шеъри имрӯз ба кор бурдаанд.

Равшани Ҳамроҳ бо ашъори суннатии худ дар сафи шоирони суннатгаро дохил шуда, вазнии арӯзро дар эҷодиёти худ огоҳона истифода намудааст. Дар бораи арӯз ва моҳияти он дар адабиётшиносии гузашта ва муосир аз ҷониби донишмандон рисолаҳои зиёде таълиф ёфтаанд, ки аз рӯйи назарияи онҳо шеъри дилхоҳ шоири суннатгароро чун устод Равшани Ҳамроҳ метавон шинохту таҳлил намуд ва баҳогузорӣ кард. Равшан дар тамоми анвои шеъри классикӣ қувваозмоӣ кардааст, вале писандидатарин онҳо ғазал будааст. Аз ин рӯ, корбурди вазнро дар мисоли ғазалҳои шоир ба таҳқиқ гирифтан мувофиқи матлаб мебошад. Мутолиа ва таҳқиқи арӯзии ғазалиёти шоир нишон медиҳад, ки ӯ дар эҷоди ғазал бештар ба авзони тараннумӣ ва хушоҳанги шеъри тоҷикӣ таваҷҷуҳ доштааст. Дар сарҳалқаи ин таваҷҷуҳот авзони бахри ҳазаҷ қарор гирифтааст. Ҳазаҷро донишмандони арӯзшиносон, баҳри серистеъмоли арӯзӣ ва бинобар корбурди вофираш модари ҳамаи баҳрҳои арӯзӣ унвон кардаанд. Он дар фарҳанг ба маънии навои хуш, хониши булбул ва садои форам тавзеҳ шудааст [7, 467]. Воқеан, шеърҳои дар вазнҳои ин баҳр эҷодгардида, ҳамагӣ дилпазиру хушоҳангу дилнишину равонанд. Аз ин бармеояд, ки маънии истилоҳии ҳазаҷ ба моҳияти вазнии он мувофиқат дорад. Рукни аслӣ ва хосси баҳри ҳазаҷ мафоъӣлун аст, ки арконии зиҳофии он маҳз аз ин рукн берун оварда мешаванд. Устод Равшани Ҳамроҳ огоҳона аз хосияти рукни мазкур ва зиҳофоти он авзони зерини баҳри ҳазаҷро дар ашъори ғиноии худ ба кор андохтааст:

1. Ҳазаҷи мусаммани солим:

мафоъилун/мафоъилун/мафоъилун/мафоъилун

Зи хомиҳо ниҳодам пеши ӯ дилро гарав, Равшан,
Вале ӯ чашм худ пӯшид аз ин бори накав, Равшан.

Вазни мазкурро шоир дар беш аз 53 ғазали гуногунмавзуи худ истифода кардааст. Мисли ғазали намуна ҳамаи онҳо равону бесакта манзур шудаанд. Ин албатта, ба ҳунари гӯянда вобаста мебошад.

2. Ҳазаҷи мусаммани мусаббағ:

мафоъилун/мафоъилун/мафоъилун/мафоъилон

Ман одам ҳастаму аммо надонам асли одам чист?
Хӯрам ғамро ба сериву надонам мояи ғам чист?

Ин вазн аз вазни фавқ танҳо бо як ҳиҷои кашида фарқ мекунад, ки он дар рукни охир воқеъ гаштааст. Шоир ин вазнро нисбат ба шакли солимаш камтар истифода бурдааст. Вазни ҳазаҷи мусаббағ низ хушоҳанг мебошад.

3. Ҳазаҷи мусаммани маҳзуф:

мафоъилун/мафоъилун/мафоъилун/фаъӯлун

Ман аз табори сабзаму ту аз табори сафед,
Ба ман кушо канори гарм, эй нигори сафед.

Дар рукни охири ин байт ихтиёроти шоирӣ ба кор рафтааст, вагарна баровардани вазни мазкур баъид менамояд. Беш аз ин дар ашъори шоир вазни мазкур истифода нашудааст.

4. Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф:

Мафоъилун/мафоъилун/фаъӯлун

Дилат ғамхори ман мешуд, намешуд?!
Вуҷудат ёри ман мешуд, намешуд?!

Шоир вазни мазкурро дар бештар аз 8 ғазали худ истифода намудааст.

5. Ҳазаҷи мусаддаси мақсур:

мафоъилун/мафоъилун/мафоъил

Ситамҳое, ки бар ман ёри ман кард,

Гиреҳ бар рӯзгори ёри ман кард.

Зиёда аз 2 ғазали шоир дар ин вазн суруда шудааст. Тафовути вазни мазкур танҳо дар рукни охир аён гаштааст, ки мақсур мебошад. Дигар ҳамаи аркони пеш аз он бо вазни боло як хеле аст.

6. Ҳазаҷи мусаммани ахраб:

мафъӯлу/мафоъилун/ мафъӯлу/мафоъилун

Беҳуда агар ойӣ, беҳуда шавӣ бо мо,

Ҳамроҳ шавӣ, шояд паймуда шавӣ бо мо.

Шоир беш аз 10 ғазали худро дар вазни мазкури баҳри ҳазаҷ эҷод кардааст. Ин вазн хушоянд ва ба мусиқӣ ҷур мебошад. Шоирони лирик ба ин вазн мароқи беандоза зоҳир намудаанд. Дар ин миён шоири мавриди назари мо низ ҳаст.

7. Ҳазаҷи мусаммани ахраби мусаббағ:

мафъӯлу/мафоъилун/ мафъӯлу/мафоъилун

Аз туҳмати номардон, ҳолат чӣ шавад, эй дӯст,

Аз таънаи бедардон, ҳолат чӣ шавад, эй дӯст.

Шоир дар беш аз панҷ ғазали хеш вазни мазкури баҳри ҳазаҷро истифода кардааст. Ин вазн бо ҳиҷои кашидаи худ аз вазни фавқ фарқ мекунад. Аз авзони серистеъмоли ҳазаҷ маҳсуб меёбад.

8.Ҳазаҷи мураббаъи мусаббағ:

мафоъилун/мафоъилон

Суруди ман ҳаво гирифт,

Ҳавои хонаҳо гирифт.

Аз авзони нодир ва камистеъмоли ҳазаҷ аст, ки дар шеъри шуаро ба нудрат истифода мегардад. Табъи равон ва ҳунари эҷодӣ ба устод Равшан имкон дода, ки сухани худро дар афоили ин вазн ба хубӣ ғунҷонад.

9. Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи абтар:

мафъӯлу/мафоъилу/мафоъилу/ фаъ

Ёрони азиз бар худ оед шумо,

Гар бандаи нек бар Худоед шумо.

Вазни хушу серистеъмоли ҳазаҷ аст, ки бештар мавзуъҳои ахлоқӣ, фалсафӣ ва ирфониро дар худ меғунҷонад. Шоир ин вазнро дар ашъори ғиноии хеш камтар ба кор бурдааст. Инро мо ба табъу завқи вай вобаста медонем. Ба ин маъно, ки шоир дар интихоби вазн озод аст.

10. Ҳазаҷи мусаммани макфуфи мақсур:

мафъӯлу/мафоъилу/мафоъилу/ мафоъил

Чун арш баланд аст, зи кайҳон гилае нест,

То паст бувад фарш , зи инсон гилае нест.

Ин вазн низ аз авзони серистеъмол мебошад. Танҳо рукни охири мисраъҳо дар ин вазн аз вазни қаблӣ фарқ мекунонад. Ҳамчунин, он оҳанги зиёди тараннумӣ дорад. Дар жанри рубоӣ бештар истифода мешавад.

11. Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф:

Мафъӯлу/мафоъилу/мафоъилу/ фаъӯлун

Вақте ки дили поки ту кошона маро буд,

Он хонаи маъмур пур аз нуру зиё шуд.

Аз авзони серистеъмол маҳсуб меёбад, ки бештар мавзуъҳои ишқиро дар худ меғунҷонад. Ин аст, ки шоир онро дар сурудани ашъори лирикияш зиёд ба кор бурдааст. Ғазалҳои дар ин вазн эҷодкардаи шоир ҳамагӣ ҷолибу дилнишинанд.

12. Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мақсур:

Мафъӯлу/мафоъилун/ мафоъил

Бигрез аз ин диёр, бигрез,

Бинмой аз он фирор, бигрез.

Вазни камистеъмол ва ҷолиб аст. Шоир афкору тавсияҳои ҷолиби худро дар афоили он ба ваҷҳи хуб ҷо дода тавонистааст. Аммо беш аз ин дар миёни осори ғиноии вай истифода

шудани вазни мазкур дида нашуд. Аён мегардад, ки устод Равшани Ҳамроҳ дар эҷоди ашъори лирикии худ авзони беҳтарину санҷидашудаи ҳазаҷро истифода кардааст. Дар ин васат авзони ҳазаҷи мусаммани солим, ҳазаҷи мусаммани мусаббағ, ҳазаҷи мусаммани ахраб, ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф корбурди бештаре доранд. Аз авзони нодири ҳазаҷ, ҳазаҷи мураббаъи мусаббағ аст, ки дар шеъри шоирони гузаштаву имрӯза камтар ба кор рафтааст.

Рамал дуюмин баҳри арӯзӣ мебошад, ки авзони он чун ҳазаҷ дар ашъори Равшани Ҳамроҳ ба таври вофир ба кор рафтааст. Вожаи рамал дар фарҳанг ба маънии бурё бофтан, бо шитоб давидани шутур ва номи яке аз баҳрҳои арӯз тавзеҳ ёфтааст. [7, 352]. Дар истилоҳ рамал баҳре буда, ки рукни аслиаш дар фоъилотун мушаххас шуда, зиҳофоти он аз рукни мазкур берун оварда шудааст. Ба таъкиди профессор Тоиров У. “Шеърҳои дар вазнҳои гуногуни ин баҳр навишта шуда бошитобу босуръат хонда мешаванд” [7, 352]. Аз авзони баҳри рамал, ки дар эҷодиёти устод Равшан аён гардид, инҳоянд:

1. Рамали мусаммани маҳзуф:
фоъилотун/фоъилотун/ фоъилотун/фоъилун
Баски шуд саргаштагиҳо феълу хӯи осиё,
Ҳар қадар гардад, баланд аст обрӯи осиё.

Аз пуркорбурдатарин авзони шеъри тоҷикист, хушоҳанг мебошад. Махсусан, дар гуфтани фалсафа, ишқу ҳиҷрони ёр, тасвири лаҳзаҳои ҷудогонаи зиндагӣ ва ғайра ниҳоят мувофиқ мебошад. Дар он се рукн дар шакли солим оварда мешавад ва як рукн дар охири ҳарду мисраъ зиҳофӣ мешаванд. Ба табъу завқи устод Равшан ин вазн мутобиқ омада, ки вай беш аз 89 ғазали худро маҳз дар ҳамин вазни рамал сурудааст.

2. Рамали мусаммани мақсур:
фоъилотун/фоъилотун/ фоъилотун/фоъилон
Дишабам дасти хаёли ёр печидан гирифт,
Шабнами андешаам чун баҳр ҷӯшидан гирифт.

Танҳо рукни охири мисраъҳо, ки тағйир хурда, мақсур шудааст, ин вазнро аз вазни боло фарқ намудааст. Дар ашъори ғиноии шоир ин вазн низ серистеъмол мебошад. Беш 28 ғазали шоир маҳз дар ҳамин вазн эҷод гаштааст.

3. Рамали мусаддаси маҳзуф:
фоъилотун/фоъилотун/фоъилун
Шубҳае набвад, ки ин шаккокҳо,
Себ ҷӯянд аз дарахти нокҳо.

Авзони серистеъмол ба ҳисоб меравад. Бахусус он дар баёни афкори ахлоқӣ, тарбиятӣ ва ирфонӣ басо мувофиқ будааст. Аксари осори ирфонӣ ва ахлоқии мо дар ин вазн бештар суруда шудаанд. Аз он ҷумла “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно мебошад, ки шоир зери таъсири ин асар ғазалҳои худро дар вазни мавриди назар сурудааст. Беш аз 11 ғазали шоир дар вазни мазкур таълиф ёфтааст.

4. Рамали мусаддаси мақсур:
фоъилотун/фоъилотун/фоъилон
Ашк шав, туфон туро ояд ба хоб,
Рашк шав, ҷонон туро ояд ба хоб.

Ҳамаи зарфиятҳои маънигустарие, ки вазни фавқ дорад, ин вазн низ онҳоро доро мебошад. Рукни зиҳофие, ки ин вазнҳоро аз ҳам ҷудо мекунад, рукни охири масореъ-мақсур аст. Шоир зиёда аз 15 ғазали худро дар вазни мавриди назар эҷод кардааст.

5. Рамали мусаддаси махбуни маҳзуф:
фоъилотун/фаъилотун/фаъилун
Аз дарам ёр намоён шавадо,
Аз дилам ғусса гурезон шавадо.

Шоир ин ҷо маънии ҷолиберо дар вазни мазкур ҷо дода тавонистааст. Ин вазн низ дар эҷодиёти вай камтар истифода шудааст. Вале он хушоянд мебошад.

6. Рамали мусаддаси махбуни мақсур:
фоъилотун/фаъилотун/фаъилон
Беди маҷнун аз сараш тарсидааст,
Мурғ аз болу параш тарсидааст.

Вазни каммистеъмол дар эҷодиёти шир мебошад. Аммо хушоянду ҷолиб аст ва ашъори муҳтавои ахлоқидоштаро дар худ меғунҷонад ва ғайра.

7. Рамали мусаддаси мусаббағ:

фоъилотун/фоъилотун/фоъилотон

Мо ҷавон будему дил Варзоб мегуфт,

Қатраи андеша аз гирдоб мегуфт.

Аз авзони нодир аст, ки шоир истифода бурдааст. Аммо теъдоди ашъори дар ин вазн суруда шуда, ангуштшумор мебошад. Ба ин маъно, ки шоир онро хеле кам ба кор бурдааст.

8. Рамали мусаддаси махбуни аслам:

фоъилотун/фаъилотун/фаълун

Зери афлоу нагирам ором,

Бо дили чок нагирам ором.

Ин вазн низ дар эҷодиёти шоир каммаҳсул ба назар расид. Ба ин маънӣ, ки онро шоир дар сурудани ашъори лирикиаш зиёд ба кор набурдааст. Албатта, ба вуҷуд омадани ин ҳолат ба табъи шоир вобаста мебошад.

9. Рамали мусаммани махбуни аслами мусаббағ:

фоъилотун/фаъилотун/фаъилотун фаълон

Эй мусофиршуда, ҳоло сафарат дар пеш аст,

Бохабар бош, ки чандин хабарат дар пеш аст.

Вазни хуш ва ҷолибу гӯшнавоз аст. Шоирони ғазалсаро онро писандидаанд. Вале устод Равшан онро хеле кам ба кор бурдааст. Ин ба табъу завқи вай вобаста мебошад.

10. Рамали мусаммани махбуни мақсур:

фоъилотун/фаъилотун/ фаъилотун/ фаъилон

Ман ягон рӯз, ягон сол варо хоҳам ёфт,

Гар бихандад ба ман иқбол, варо хоҳам ёфт.

Ин ҷо рукнҳои садру ибтидо дар шакли солим ва ҳашвайн дар зиҳофи махбун ва аркони арӯзу зарб махбуни мақсур воқеъ шудаанд. Вазни мазкур дар сурудани шеъри ғиноӣ зиёд истифода шуда бошад ҳам, устод Равшан онро кам истифода кардаанд.

11. Рамали мусаммани машкул:

фаъилоту/фоъилотун/ фаъилоту/ фоъилотун

Ту азизу бемисолӣ, Нафасам ҳаром бе Ту,

Нафаси ҳавоиямро бизанам лаҷом бе Ту.

Аз вазнҳои хубу ба мусиқӣ ҷӯри рамал аст. Шоирони лирик дар эҷодиёти худ аз ин вазн зиёд истифода кардаанд. Дар эҷодиёти устод Равшан хеле кам ба кор рафтааст. Аммо он ба моҳияти андешаи шоир созгор омадааст.

Тавре ки маълум мегардад, шоир дар корбурди авзони баҳри рамал даррокона омал карда, андешаҳои бикру ҷолибашро дар шакли писандаву мувофиқ дар аркони солиму зиҳофии рамал ҷо дода тавонистааст. Авзони рамали мусаммани маҳзуф, рамали мусаммани мақсур, рамали мусаддаси маҳзуф ва рамали мусаддаси мақсур ба касрати истеъмоли худ дар эҷодиёти шоир нақши муассир гузоштаанд. Вай 11 навъи авзони хушоянди баҳри рамалро дар сатҳи хуб дар эҷодиёти хеш ба кор буда, соҳибмаҳорат будани худро ифшо намудааст.

Раҷаз сеюмин баҳри солими арӯзӣ ба ҳисоб меравад. Он аз баҳрҳои пурмаҳсул аст. Ба ифодаи дигар авзони раҷазро эҷодкорон зиёд писандида, онҳоро дар эҷодиёти худ ба таври вофир ба кор бурдаанд. Раҷаз дар фарҳанг ба маънии изтироб, суръат ва шитоб, номи яке аз баҳрҳои арӯзӣ шарҳ ёфтааст [7, 361]. Дар истилоҳ баҳре буда, ки авзон ва зиҳофоти он аз рукни солими мустафъилотун ҳосил мегардад. Авзони раҷаз бештар ашъори шӯху пуризтиробу рақсонро дар худ ҷо медиҳад. Профессорон: Х. Шарифов ва У. Тоиров шакли корбурди авзони раҷазро дар шеъри тоҷикӣ ва арабӣ чунин тавзеҳ додаанд: “Агар баҳри раҷаз дар арӯзи арабӣ дар доира ва шакли мусаддас ҷой гирифта бошад, дар арӯзи тоҷикӣ дар шакли мусаман/мустафъилун-ҳашт бор дар як байт/маъмул аст [12,107]” Воқеан, шакли мазкур дар шеъри тоҷикӣ мавқеи устувор дошта, тамоми авзони он ки дар ашъори Равшани Ҳамроҳ ба кор рафтааст, шакли мусамманро доро мебошанд. Зиҳофати бисёре дорад ва авзони зайлаш дар шеъри ғиноии Равшани Ҳамроҳ ба кор рафтааст:

1. Раҷази мусаммани солим:

мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун

Дунё шуда ғурбатсаро, ҳайфи ману ҳайфи шумо,

Меҳан шуда меҳнатсаро, ҳайфи ману ҳайфи шумо.

Шоир ин ғазалро шоир замони ҷанги шаҳрвандӣ суруда бошад. Дар ҳар сурат, оҳанги пуризтироби раҷаз ба муҳтавои он хеле мувофиқ омада, ғояи соҳибсуханро ба хонанда ифшо

сохтааст. Вазни мазкур дар шеъри форсии тоҷикӣ истифодаи зиёде доштааст. Имрӯз низ ин раванд идома дорад ва устод Равшан дар эҷодиёти худ раҷази мусаммани солимро зиёд писандидааст ва онро ба таври хеш ба кор бурдааст. Беш аз чор ғазали шоир дар ин вазн гуфта шудааст.

2. Раҷази мусаммани солим:

мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилон

Айёми мо айём нест, дарёи мо ором нест,

Ҳар лаҳза одам мехурад, ҷуз хасми хуношом нест.

Фақат аркони арӯзу зарб ин вазнро аз вазни боло фарқ мекунонад. Ин вазн нисбатан серистеъмол аст. Вазни мазкур бо оҳангу мусиқӣ ҷур мебошад. Дар эҷодиёти шоир камтар истифода шудааст.

3. Раҷази мусаммани махбун:

мафоъилун/мафоъилун/мафоъилун/мафоъилун

Хазон зи мо гузашту рафт, бигзарад баҳор ҳам,

Зи сар парид мастиву зи сар равад хумор ҳам.

Аз авзони серистемолу шуху пуризтироби раҷаз мебошад. Аммо дар шеъри шоир чандон мавқеъе надорад. Манзур ин аст, ки ин вазн истеъмоли васеъ надорад.

4. Раҷази мусаммани матвии махбун:

Муфтаъилун/мафоъилун/муфтаъилун/мафоъилун

Панҷа чу зад дарахти мо, панҷа задем бар бало,

Печ бизад ба шохи мо чу мори ҳафтсар бало.

Аз авзони шуху ҷаззоби раҷаз аст, ки шоир афкорашро ба ваҷҳи аҳсан дар он ҷо додааст. аммо басомадаш чашмгир нест. Ин албатта, ба табъу завқи эҷодкор вобаста меошад.

5. Раҷази мусаммани мутаввал:

мустафъилотун/ мустафъилотун/ мустафъилотун/ мустафъилотун

Ахлоқ фосид, бозор косид, кай мерасӣ ту эй муждаи ид?

Бо домани тар рафтанд масҷид, кай мерасӣ ту эй муждаи ид?

Шакли мураббаи ин вазн хеле маъмул мебошад. Аммо корбурди ин шакл бисёр нодир аст. Ин аст, ки онро метавон аз навовариҳои устод Равшан муаррифӣ кард. Пайгирӣ намудани мавзуи иҷтимоӣ зарурати интихоби вазни мазкурро таъмин кардааст. Аз тарафи дигар вазну муҳтаво дар ин ғазал дар таносуби ҳам воқеъ шудаанд. Дар шеъри шоирони муосир корбурди ин гуна вазн роҷиз нест ва ин бори дигар аз маҳорату малака ва ҳунари суханофаринии устод Равшан гувоҳӣ медиҳад. Мутолиаи арӯзӣ нишон медиҳад, ки шоир дар ашъори ғиноии худ чор навъи хушоянди авзони раҷазро ба кор бурдааст, ки яке аз онҳо навоварона мебошад.

Дар маҷмуъ, устод Равшани Ҳамроҳ дар эҷодиёти ғиноии худ се баҳри солим: ҳазаҷ, рамал ва раҷазро истифода кардааст. Аз он ҷумла 12 навъи авзони ҳазаҷ, 11 навъи авзони рамал ва 5 навъи авзони раҷазро ҳунармандона корбурд намуда, соҳибистеъдод будани хешро бармало кардааст ва ғайра.

**АДАБИЁТ:**

1.Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Мусиқии шеър / Муҳаммадризо
2.Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1384.–324с.
3.Мирзо, Солеҳов. Арӯз ва омӯзиши он / Солеҳов Мирзо. –Душанбе:
4.Эр-граф, 2016. –271 с.
5.Навшоҳӣ, Ориф. «Ҷомеъ-ус-саноеъ вал-авзон» аз маъхази куҳани
6.форсӣ дар улуми балоғӣ ва сабкшиносии шеър / Орифи Навшоҳӣ // –Теҳрон: Маориф, №1, фарварддин-тир, 1381.– 36-49с.
7.Сатторзода, Абдунабӣ. Такмили бадеи форсии точикӣ (дар
8.заминаи навиштаҳои пешиниён ва имрӯзиён) / Абдунабӣ Сатторзода. –Душанбе: Адиб, 2011.–380 с.
9.Сатторов, Абдунабӣ. Нуктаи пайванд: Баъзе масъалаҳои инкишофи шеър ва танқиди адабӣ / Абдунабӣ Сатторзода.–Душанбе: Ирфон, 1982.– 238 с.
10.Сирус, Б. Арӯзи тоҷикӣ / Б. Сирус. –Душанбе: Нашриёти давлатии
11.Тоҷикистон, 1963. –256 с.
12.Тоиров У. Фарҳанги истилоҳоти арӯзи Аҷам. –Душанбе: Маориф, 1991. –560 с.
13.8.Футӯҳӣ, Маҳмуд. Назарияи таърихи адабиёт, нақду баррасии
14.таърихи адабиётнигорӣ дар Эрон / Маҳмуди Футӯҳӣ. –Теҳрон:

15.Сухан, 1372.–250с.
16.Хонларӣ, Парвизи Нотил. Вазни шеъри форсӣ / Парвизи Нотили
17.Хонларӣ. –Теҳрон: Тӯс, 1367.–308с.
18.Хонларӣ, Парвизи Нотил. Таҳқиқи интиқодӣ дар арӯзи форсӣ ва чигунагии таҳаввули авзони ғазал / Парвиз Нотили Хонларӣ. –Теҳрон, 1327. – 259 с.
19.Ҳамроҳ, Равшан. Шасти Равшан. Мунтахаби ашъор/Равшани Ҳамроҳ. –Душанбе Истеъдод 2023. –382с.
20.Шарифов, У. Тоиров. Назмшиносӣ. – Душанбе: Ҳоҷӣ Ҳасан, 2015. –386 с.
21.Шоҳзамон, Раҳмонов. Таҳаввули воҳидҳо ва созмони жанрҳои
22.лирикӣ дар назми форсу тоҷик / Раҳмонов Шоҳзамон. – Душанбе,
23.2010. - 310с.
24.Шамисо, Сируси. Нақди адабӣ / Сируси Шамисо. – Теҳрон:
25.Метро, 1385. – 260 с.

**АВЗОНИ БАҲРҲОИ СОЛИМИ АРӮЗӢ ДАР ШЕЪРИ ҒИНОИИ РАВШАНИ ҲАМРОҲ**

Вазн яке аз унсурҳои калидии каломи бадеӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин мақола перомуни корбурди авзони арӯзӣ дар шеъри ғиноии Равшани Ҳамроҳ баҳс ороста шудааст. Муаллиф бар пояи методҳои таҳлилӣ, оморӣ, шинохти жанрҳои адабӣ, риояи таносуби шаклу маънӣ ба ин натиҷа расидааст, ки устод Равшани Ҳамроҳ дар эҷодиёти ғиноии худ се баҳри солим: ҳазаҷ, рамал ва раҷазро истифода кардааст. Аз он ҷумла, 12 навъи авзони ҳазаҷ, 11 навъи авзони рамал ва 5 навъи авзони раҷазро ҳунармандона ба кор бурдааст.
***Калидвожаҳо:*** *Равшани Ҳамроҳ, шеър, вазн, адабиёт, шоир, навъ, ғазал, шакл, рамал, раҷаз, ҳазаҷ.*

**ОСНОВНЫЕ МЕТРЫ В ЛИРИЧЕСКОЙ ПОЭЗИИ РАВШАНА ХАМРОХ**

Метрика один из ключевых элементов художественного слова. В данной статье идет речь об использовании стихосложения аруз в лирике Равшана Хамрох. На основе аналитических и статистических методов, распознавания литературных жанров, соблюдения соотношения формы и смысла автор статьи пришел к выводу, что поэт Равшан Хамрох использовал в своем творчестве три вида бахра (вид аруза): хазадж, рамал и раджаз. В том числе, 12 видов хазаджа, 11 видов рамала и 5 видов раджаза.
***Ключевые слова:*** *Равшан Хамрох, поэзия, слог, литература, поэт, тип, газель, форма, рамал, раджаз, хазадж.*

**MAIN METERS IN THE LYRICAL POETRY OF RAVSHAN HAMROH**

Metrics is one of the key elements of artistic expression. This article discusses the use of aruz versification in the lyrics of Ravshan Hamrokh. Based on analytical and statistical methods, recognition of literary genres, and adherence to the relationship between form and meaning, the author of the article concluded that the poet Ravshan Hamroh used three types of bahr (type of aruz) in his work: hazaj, ramal, and rajaz. Including 12 types of hazaj, 11 types of ramal, and 5 types of rajaz.
***Key words:*** *Ravshan Hamroh, poetry, style, literature, poet, type, ghazal, form, ramal, rajaz, hazaj.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Тагоев Салим Саидмуминович - омӯзгори кафедраи забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121, Тел.: (+992) 935 82 42 87. E-mail:salimtagoev1@gmail.com*

***Свединия об авторе:*** *Тагоев Салим Саидмуминович - преподаватель кафедры языка и литературы Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни, 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 121, Тел: (+992) 935 82 42 87. E-mail:salimtagoev1@gmail.com*

***Information about the author:*** *Taghoev Salim Saidmuminovich - teacher of the Department of Language and Literature, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 121 Rudaki ave., Tel.: (+992) 935 82 42 87. E-mail:salimtagoev1@gmail.com*

**ТДУ: 159.9 (575.3)**

# РУШДИ ПСИХОЛОГИЯИ ИЛМӢ ВА АМАЛӢ ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ТОҶИКИСТОН

***Латифзода С. З.,Искандарова М. Р.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Агар ба таърих назар афканем,маълум мегардад,ки донишҳои илмиву амалии психологӣ ба таври васе мавриди амал қарор мегирифтаанд. «Дар ин давраҳоитаърихӣ донишҳои психологӣ пеш аз ҳама барои омӯзиши шахс истифода мешуданд.Вобаста ба ин,ҳангоми омӯзиши шахс саволҳое ба миён меоянд,ки кадоми ҷанбаҳои шахс бояд омӯхта ҷӣ?Барои ин муайян кардани сохтори психологии шахс,яъне ҷанбаи психикии ӯ лозим омад,яъне психикаи шахс аз кадом хислатҳо ва сохторҳо иборат асту ҷӣ ҷанбаҳои рӯҳӣ дора два ин ҷанбаҳоро бояд кадом соҳаи илми психология омӯзад» [6,с.196].

Пас аз ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ, илм ҷомаи навро ба бар намуда, суръати рушди худро тағйир доду рӯ ба беҳбудӣ овард ва ҳамин тавр, барои рушди психологияи илмию амалӣ имкони васеъ ва такони ҷиддӣ бахшид.

Психологияи илмию амалӣ байни худ тафовутро доранд. Зери мафҳуми психологияи амалӣ (дар қарни 19 психологияи таҷрибавӣ истифода мегардид), он соҳаҳои илми психология фаҳмида мешавад, ки донишҳои илмӣ бевосита дар амал табиқ меёбанд ва ё татбиқ карда мешаванд [15, с.111].

Психологияи илмӣ ба таҳлил, ҷамъбаст ва ба системадарории омилҳои сершумору гуногунпаҳли психологӣ, ки ба гурӯҳҳои алоҳида алоқамандӣ доранд, машғул буда, дар ин аснод консепсия ва назарияҳои мувофиқро рӯйи кор меоранд.

Аз ҷиҳати вазифавӣ низ ин тафовут дида мешавад: психологияи амалӣ дар тафовут аз психологияи илмӣ бояд ба нафарони мушаххас (ва ё гурӯҳҳо) барои рафъи мушкилот ва проблемаҳои дар ҳаёти онҳо сарзада, кӯмак расонида тавонад. Психологияи амалӣ гарчанде ҳанӯз дар асри 19 ба вуҷуд омада бошад ҳам, дар даҳсолаҳои охир рушди худро тезонидааст.

Дар замонҳои қадим соҳаҳои илмию амалӣ дар маҷмуъ ҷорӣ буданд, дар давраи антиқа тафриқагузориҳо оғоз гардид: илм аз як тараф ва аз тарафи дигар бошад, соҳаҳои гуногуни амалии фаъолияти инсонӣ рӯйи кор омаданд.

«Масалан,дар Мисри Қадим, барои муайян кардани мувофиқати касбӣва ташхиси шахс бо номзадсуҳбат гузаронида мешуд,ки дар ин раванд маълумот хусусиятҳои физиологӣ ва тарзи суханрониаш муайян мегардид. Пас аз ин алакай маҳорати корӣ, гӯш карда тавонистан, хомӯш нишастан ташхис мешуданд.Инчунин санҷиш ба воситаи оташ ва об мавриди амал қарор мегирифт» [8,с.114].

Илм доимо донишҳои навро ҳосил мекард,ки минбаъд дар психологияи амалӣ мавриди истифода қарор мегирифтанд.Ҳамин тавр, гешталтерапия, психотерапияи когнитивӣ ва дигар соҳаҳо ба вуҷуд омаданд. Баъзе назарияҳои машҳур,ки то имрӯз фаъолона арзи ҳастӣ доранд,бевосита аз доираи психологияи амалӣ берун бароманд ва ба ин мисол шуда метавонад, назарияҳои Фрейд ва К.Роҷеррс.

Ва ё худ, «Кӯшишҳои аввалини омӯзиши сохти психологии шахс ва мувофиқати касбӣ бо усули асосноки илмӣ дар аввалҳои асри XX оғоз гардид.Соли 1903 дар Страсбург утоқи аввалин кории муайянкунии тамоили касбӣ (“профориентатсия”) таъсис дода шуд ва дар он сохти психологии шахс барои қабул ба кор аз рӯйи модели Ф.Парсонс ташхис карда мешуд. Ф.Парсонс нахустин олиме мебошад,ки доир ба мувофиқати психологӣ кор кардааст ва ӯ модели седоирагии «мехоҳам», бо имкониятҳои шахс мувофиқат кунад («метавонам») ва дар ҷомеа талабгор дошта бошад («бояд») [8,с.115].

Психолог-тадқиқотчӣ ва ё олим набояд ба мафҳумҳои баҳогузории «хуб» ва ё «бад» такя кунад ва ё набояд пурра ба тадқиқоти хеш боварии комил дошта бошад,баръакс ба дилхоҳ омилҳо шубҳанок назар кунад ва пешакӣ аз натиҷаи таҳқиқоти худ хабар надошта бошад,ҳамзамон,мафҳуми «натиҷаи манфӣ» барои ӯ бояд вуҷуд надошта бошад.

Масъалаҳои зикргардида, дар психологияи амалӣ ранги дигарро мегирад. Психологи амалӣ кореро, ки нисбати шахси мушаххас ба анҷом мерасонад, бояд боварии мутлақ дошта бошад ва амалу фаъолияташ натиҷаи мусбати дилхоҳро дода тавонад. Ӯ (психологи амалӣ) бояд натиҷаи ниҳоии фаъолияти хешро донад.

Мувофиқи андешаи Абрамова Г.С. яке аз вазифаҳои асосии психологияи амалиро асосноккунии ҳамтаъсирасониҳо ба одам бо мақсади рушди имконияту қобилиятҳои табиӣ онҳо ташкил медиҳад. Дар ин аснод, дар психологияи амалӣ се дараҷаи ҳалли масъхалаҳои мавҷудбударо фарқ мекунанд [23, с.220-221].

1. Вазифаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ки дар худ омӯзиши қонуниятҳои рушд ва шаклгирии шахсиятро ҷиҳати коркарди асосҳои методологии фаъолияти психологи амалӣ дар бар мегирад: коркарди методҳо, усул ва воситаҳои истифодаи касбии донишҳои психологӣ дар шароити гуногуни системаи иҷтимоӣ.

2. Ҳалли масъалаҳои амалӣ вобаста ба тартиб додани барномаҳои махсуси таълимӣ, воситаҳои таълимӣ, маводи таълимии соҳаи психологияи амалӣ барои тайёр ва омода кардани мутахассисон; асосноккунии фаъолияти хадамоти психологияи амалӣ, таҳияи лоиҳаҳо, ҳуҷҷатҳои меъёрии фаъолияти касбӣ; принсипҳои умумии роҳнамоиии инкишофи шахсият, инчунин фаъолияти коллективҳо, гурӯҳҳои таълимӣ ва дигар иттиҳодияҳои одамон.

3. Вазифаҳои амалӣ, чун қоида, аз рӯйи шакли расонидани ёрии психологӣ ба шахсони мушаххас муайян карда мешаванд. Илова бар ин, вобаста ба хусусиятҳои фардии мизоҷ ва дараҷаи мураккабии мушкилоти ӯ, кӯмаки равонӣ метавонад аз рӯйи давомнокӣ ва амиқ характери гуногун дошта бошад, ки дар асоси натиҷаҳои ташхис дар шакли машварати психологӣ ё психотерапия амалӣ карда мешавад.

Психологияи амалӣ аз рӯйи объект, вазифа ва методҳо бисёрҷанба буда, дар маҷмӯъ ин як кори доманвасеъ аст, ки барои гурӯҳи алоҳидаи одамон таъсир мерасонад.

Дар робита ба ин, Леонардо да Винчӣ чунин ишора менамояд: «Ба таҷрибаи амалӣ бе илм машғул шудан ба мисли роҳбаладест, ки киштиро бе компасу чанбарак меронад ва ин роҳбалад ба сафари худ ҳеҷ боварӣ надорад ва ба куҷо рафтани худро низ намедонад» [13, с.53] ва метавон илова намуд, ки ба ҷойи лозима рафта расида наметавонад.

Чунончи маълум аст, намудҳои психологияи амалиро психотерапия, машварати психологӣ, психокоррексия, психотренинг ва дигар соҳаҳо ташкил медиҳанд, ки дар Тоҷикистон бениҳоят зиёд истифода мешаванд. Дар робита ба ин, дар психологияи амалӣ кор бо нафарони аз ҷиҳати психики носолим ва ё дорои вайроншавиҳои психикӣ ва ҳатто бо кӯдакони аз ҷиҳати педагогӣ қафомонда ба роҳ монда мешавад.

Дар ин масъала аз ҷониби психологони амалӣ бештар метод ва технологияҳое, ки қаблан дар доираи донишҳои динӣ буданд, мавриди истифода қарор мегиранд ва бо мурур, бо ҳосил гардидани натиҷаҳои дилхоҳу назаррас доираи истифодаи онҳо васеъ гардид [7].

Дар воқеъ, дар даврони соҳибистиқлолӣ психологияи илмию амалӣ хуб инкишоф ёфтааст ва таърихи рушди онро мухтасаран ҳамчун меваи соҳибистиқлолӣ ишора менамоем.

Соли 1994 бо ташаббуси профессор Атаханов Р.З. дар факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шуъбаи «Психология» ташкил карда шуд, ки дар марҳалаи кунунии рушд маркази омоданамоии кадрҳои соҳаи психология маҳсуб меравад.

Мавриди зикр аст, ки аз соли 1997 дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Точикистон психологияи амалӣ фаъолона инкишоф меёбад, ки заминагузори он доктори илмҳои педагогӣ, профессор Юнусова Н.М. мебошанд. Моҳи ноябри соли 1997 Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази ёрии психологӣ» ташкил ва ба таври қонунӣ ба қайд гирифта шуд (директори иҷроия Юнусова Н.М.).

Ифтитоҳи бинои нави «Маркази ташхиси психологӣ»-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2012 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Маркази ташхиси психологӣ»-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тамоми таҷҳизоти замонавӣ расман ба истифода дода шуд. Ногуфта намонад, ки он ягона марказе мебошад, ки фаъолияташ ба интихоби касбӣ-психологии кормандони сохторҳои қудратӣ равона гардидааст

[10, с.65].

Соли 2016 «Ҷамъияти равоншиносон-машваратчиён ва равондармонҳои Тоҷикистон» ба фаъолият шурӯъ кард.

Кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1993 таъсис ёфтааст. Он дар заминаи сикли фанҳои ҳуқуқӣ, ки соли 1970 таъсис дода шуда, ба сохтори Мактаби махсуси миёнаи милитсияи Вазорати корҳои дохилии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ дар ш. Душанбе дохил мешуд, ба вуҷуд омадааст [5].

Дар кафедраи мазкур дар марҳилаҳои гуногун чунин олимон ба монанди Солиев К. Ҳ., Шарипов Т. Ш., Сатторов Ғ., Ализода А. Ш. (Алиев А. Ш.), Сафарзода Ҳ. С. (Сафаров Ҳ. С.), Умари Х. А., (Умаров Х. А.), Насуриён П. А., (Насуров П. А.), Абдурашидзода А. А., (Абдурашидов А. А.), Амридинзода М. А. (Нажбудинов М. А.), Ҳусейнзода С. Ҳ., Латифзода С. З. ва дигарон барои пешбурди фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва тарбиявӣ саҳми арзандаи худро гузоштаанд.

Таъсиси кафедраи умумидонишгоҳии «Психология» дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. Кафедраи психологияи умумидонишгоҳӣ аз 10 02.1992 бо фармони №7 ва карори Шурои илмии донишгоҳ аз 6.01.1992 арзи вуҷуд дорад [6]. Мутаассифона, як муддат фаъолият накард ва бо фармоиши №68 аз 15.09.1997 барҳам дода шуд ва омӯзгорони он бошад, ба сохтори кафедраи педагогика шомил гардиданд. Бо қарори Шурои илмии донишгоҳ аз 30.12.2005 таҳти №5 бо фармони №6 аз 25.01.2006 кафедраи умумидонишгоҳии психология аз сохтори кафедраи педагогика бароварда шуда, мустақил гардид.

Воҳиди кории психолог дар Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ. Дар муассисаҳои ислоҳии Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати Адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон воҳиди кории психолог баҳри ислоҳнамоии психологии маҳбусон таъсис дода шуд.

Фаъолияти психолог дар «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе». Дар «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» бо мақсади интихоби тиббӣ-психологии кайҳонавардон ва кормандони фурудгоҳ фаъолияти психолог ба роҳ монда шуд.

Моҳи декабри соли 2016 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавононро тасдиқ намуд, ки дар он диққати асосӣ ба беҳтар кардани дастрасии наврасон ба хизматрасониҳои солимии психикӣ равона карда шудааст.

Таъсиси факултети психология дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Дар асоси ба миён омадани эҳтиёҷи муассисаҳои таҳсилотӣ ба психолог ва мутахассисон-дефектологон барои кӯдакони имконияти маҳдуд таҳсилдошта, бо қарори Шӯрои олимони донишгоҳ аз 10 августи соли 2016, дар заминаи факултети таҳсилоти ибтидоӣ, факултети психология, таҳсилоти томактабӣ ва фарогир ташкил карда шуд. Соли 2017 дар заминаи факултети навтаъсис иловатан чор ихтисоси дигар: психология иҷтимоӣ, психологияи умумӣ, психологияи педагогӣ ва психологияи муноибатҳои оилавӣ таъсис дода шуданд [19].

Дар кафедраҳои факултети мазкур устодони соҳибмактаби сатҳи байналмилалӣ кору фаъолият кардаанд, аз ҷумлаи онҳо: А.М. Баҳоваддинов, З.Л.Беркович, Тарговиц Н.А., Бикчентай, М.Г.Ярошевский, Антонемко А., Покровская М.Х., Н.А.Бикчентай, М.Г.Ярошевский М.К.Казачкова., Н.Н.Турсунов, В.Х.Солеҳбоев, С.Н.Алиев, Пудинаев А, Юнусова Н.М, Маҷидова Б., Маҳмудов Ш, Саидов М.В ва дигарон.

Дар назди Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" бо фармони Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон № 05/1 аз 21.05.2019 ва фармоиши ректори Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" №175 АЗ 25.06.2019 факултети психология ва таҳсилоти томактабӣ таъсис дода шуд, ки аз соли хониши 2019-2020 ба фаъолият оғоз намуд [20].

Дар факултети мазкур чунин ихтисосҳо амал мекунанд, аз ҷумла:

-Психология – 1-23.01.04, касбият: психолог, омӯзгори психология;

-Олигофренопедагогика. Таҳсилоти томактабӣ – 1-03 03 08-01, касбият: мураббии боғча. Олигофренопедагог;

-Таҳсилоти томактабӣ. Равоншиносии амалӣ – 1-01 01 01-06, касбият: Мураббияи муассисаҳои томактабӣ. Равоншинос.

Ҳамзамон дар факултети психология ва таҳсилоти томактабӣ чунин кафедраҳо кору фаъолият мекунанд: «психологияи иҷтимоӣ ва касбӣ»,«педагогика ва психологияи томактабӣ» ва «назария ва методикаи тарбияи томактабӣ.

Рушди психологияи ҳарбӣ. Дар Донишкадаи олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон кадрҳои соҳаи психологияи ҳарбӣ омода карда мешаванд.

Психологи мактабӣ. Дар мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ, воҳиди кории психологи мактабӣ ҷорӣ карда шуд.

Тағйиру илова ба моддаи 203-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2021 №1811 ворид карда шуд, ки дар бобати иштироки равоншинос чунин оварда шудааст:

«Ҳангоми пурсиши шоҳид ё ҷабрдидаи ба синни шонздаҳ нарасида, инчунин шоҳид ё ҷабрдидаи ноболиғе, ки бинобар ҳолати ҷисмонӣ ё рӯҳии худ имконияти мустақилона ҳимоя кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худро надорад, иштироки омӯзгор ва (ё) равоншинос ҳатмӣ мебошад (Қонуни ҶТ аз 23.12.2021 № 1811)» [14].

Таъсиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-066 – Психология дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон [22]. Пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ шумораи номзадон ва доктори илм рӯ ба афзоиш ниҳод. Ҳамзамон, боиси хушнудист, ки аллакай олимон ва муҳаққиқони ҷавони меҳанпараст метавонанд дар Тоҷикистони соҳибистиқлол рисолаҳои илмии хешро аз рӯйи ихтисосҳои “6D050301-Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология, 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ ва 6D050306 – Психологияи ҳуқуқӣ” ҳимоя намоянд, ки ин орзуи деринаи тамоми психологони тоҷик буд.

Коркарди тестҳои психологӣ. Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани дастуру ҳидоятҳо ва сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳи ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти

Ҷумхурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади дар сатҳи баланд омода намудани кадрҳои баландихтисос аз ҷониби олими ҷавони соҳаи психология, Латифзода С.З. ва Солиҳов Н.С. тестҳои психологӣ коркард гардиданд. Тести мазкур дар заминаи методикаи "MMPI" ва тести "Аксентуатсияи Эйделмигер" коркард гардидааст ва "Шакли варақавии методикаи MMPI-и Сомон Латифзода» номгузорӣ гардидааст.

Тести коркарднамудаи Солиҳов Н.С. «Катакчаҳои холӣ» унвон гирифта, ҷиҳати ташхиси психологии тафаккур равона гардидааст. Коркарди тестҳои мазкур аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бо «Шаҳодатномаи муаллифӣ» эътироф гардиданд.

Чопи китобҳои дарсӣ. Дар замони соҳибистиқлолӣ аз ҷониби олимони ватанӣ китобҳои дарсии соҳавӣ рӯйи чоп оварда шуд. Аз ҷумла соли 2010 аз ҷониби гурӯҳи муаллифон китоби дарсии «Психология» рӯйи чоп омад.

Ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои номатлуб, аз қабили амалҳои террористию экстремистӣ, хурофотпарастию ҷудоихоҳӣ, таассуби динӣ, саривақт кушодани ҷиноятҳо, ҳамзамон бо мақсади баланд бардоштани маҳорату малакаи касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар ҷиҳати иҷрои баланди вазифаҳои хизматӣ-оперативӣ аз ҷониби мутахассисони касбии соҳаи мазкур, дотсентон Латифзода С.З. ва Қосимов Ф.М. китоби дарсии "Психологияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ", ки яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ташкил медиҳад, рӯйи нашр оварданд.

Китоби дарсии "Психологияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ" зери назари Раҳимзода Рамазон Ҳамро - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковники милитсия омода шудааст. Китоби дарсии мазкур ба хотири пешрафти фаъолияти кории кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар, алалхусус ба кормандони оперативӣ омода гардидааст.

***Хулоса.*** Пас аз таҳлили андешаҳо ва омилҳои болозикр метавон чунин ишора намуд, ки номгӯйи соҳаҳои рушди психология даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар мақолаи мазкур овардашуда мукаммал набуда, балки қисмате аз онҳост ва боварӣ дорем, ки муҳаққиқон ва олимону унвонҷӯёни ҷавон аз ин неъмати соҳибистиқлолӣ моҳирона истифода намуда, барои рушди психологияи ватанӣ дар арсаи ҷаҳонӣ кӯшишҳои зарурирро ба роҳ мемонанд.

**АДАБИЁТ:**

1.Банков И.В. Введение в профессию «психолог» / И.В.Банков, И.Б. Гриншпун, Н.С. Пряжников. - М.: -Воронеж., 2003. -С. 151.

2.Вестник Педагогического университета (серия филологических и общественных наук). -Д., 2002. - №1. - С.8.

3.Кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи Академияи Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон [электронный ресурс] https://avkd.tj/tg/dar-borai-akademiya/kafedraho/201-kafedrai-huquqi-jinoyati-kriminologiya-va-psikhologiyai-akademiyai-vkd-jumhurii-tojikiston.html (дата обращения: 10.02.2024).

4.Кафедраҳои умумидонишгоҳии «Психология» [электронный ресурс] https://new.kgu.tj/tj/department/ 84 (дата обращения: 10.02.2024).

5.Козлов Н.И. Практическая психология и наука [электронный ресурс] https://psychologos.ru/articles/view/prakticheskaya-psihologiya-i-nauka (дата обращения: 09.02.2024).

6.Латифзода С.З. Меъёрҳои касбӣ-психологии қабули номзадҳо ба кор дар мақомоти корҳои дохилӣ ва роҳнамоии психологии онҳо.-Душанбе, 2015.-187с.

7.Леонардо да Винчи. Избр. произведения. - М., 1935. - Т.1.-С.53.

8.Моддаи 203-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

9.Новицкий О.М. «Руководство к опытной психологии» (СПб., 1840). -245с.

10.Расулов С.Х. Рушди психология дар асри 20 ва дурнамои он дар асри 21 (бо назардошти психологияи ватанӣ) // Паёми пажӯҳишгоҳи рушди маориф, 2021, №4(36).-С.10-15.

11.Расулов С.Х., Каримов Қ. Масоили мубрами психологӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон (Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ) /Мураттибон: С.Х. Расулов, Қ. Каримов [Матн]. - Душанбе, 2014. -С.156-165.

12.Солеҳбоев В.Ҳ., Атохонов Р. Илми психология дар Тоҷикистон // Мактаби советӣ, №1, 1973.-С.18-19.

13.Таърихи таъсисёбии факултети психология [электронный ресурс] https://www.tgpu.tj/index.php?option=com_content&view=article&id=567&Itemid=130&lang=tj (дата обращения: 09.02.2024).

14. Факултети психология ва таҳсилоти томактабӣ [электронный ресурс] https://www.hgu.tj/faculty/tomaktabi.html (дата обращения: 21.02.2024).
15. Шуроҳои диссертатсионии амалкунанда [электронный ресурс] https://vak.tj/hac_new/images/pdf_files/6D.KOA_066_new.pdf (дата обращения: 04.03.2024).

## РУШДИ ПСИХОЛОГИЯИ ИЛМӢ ВА АМАЛӢ ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ТОҶИКИСТОН

Пас аз ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ, илм ҷомаи навро ба бар намуда, суръати рушди худро тағйир доду рӯ ба беҳбудӣ овард ва ҳамин тавр, барои рушди психологияи илмию амалӣ имкони васеъ ва такони ҷиддӣ бахшид. Психологияи илмию амалӣ байни худ тафовутро доранд. Психологияи амалӣ гуфта (дар қарни 19 психологияи таҷрибавӣ истифода мегардид), он соҳаҳои илми психология фаҳмида мешавад, ки донишҳои илмӣ бевосита дар амал табиқ меёбанд ва ё татбиқ карда мешаванд.

Ин фарқ аз нуқтаи назари вазифа низ дидан мумкин аст: психологияи амалӣ, бар хилофи психологияи илмӣ, бояд қодир бошад, ки ба одамон (ё гурӯҳҳо) дар ҳалли мушкилот ва мушкилоти ҳаёташон кӯмак расонад.

Психологияи илмӣ ба таҳлил, ҷамъбаст ва ба системадарории омилҳои сершумору гуногунпаҳлуи психологӣ, ки ба гурӯҳҳои алоҳида алоқамандӣ доранд, машғул буда, дар ин аснод консепсия ва назарияҳои мувофиқро рӯйи кор меоранд.

Ҳамзамон, дар мақолаи мазкур таърихи рушди психологияи илмию амалӣ дар Тоҷикистон бо назардошти таъсисёбиҳои марказу пажӯҳишҳо дар системаи маориф ва дигар сохторҳо мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

***Калидвожаҳо:*** *психологияи илмию амалӣ, донишҳои илмӣ, методҳои психологӣ, машварати психологӣ, ташхиси психологӣ, офиятбахшии иҷтимоӣ-психологӣ, коркарди тестҳои психологӣ, рушд, инкишоф, соҳаҳои психология, психолог-машваратчӣ, психолог-ташхисгар, психолог-муҳаққиқ, пажуҳишҳои психологӣ.*

## РАЗВИТИЕ НАУЧНОЙ И ПРАКТИЧЕСКОЙ ПСИХОЛОГИИ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

После обретения политической независимости наука приняла новый облик, изменила темпы своего развития и усовершенствовалась, дав тем самым широкие возможности и серьезный толчок развитию научной и практической психологии. Существует разница между научной и практической психологией.

Прикладная психология (в 19 в. опытная психология) относится к тем областям психологической науки, в которых научные знания непосредственно применяются на практике. Прикладная психология включает психологическое консультирование, психологическое тестирование, психологическую коррекцию.

Научная психология занимается анализом, суммированием и систематизацией многочисленных и разнообразных психологических факторов, относящихся к определенным группам, и появляется соответствующие концепции и теории.

Эту разницу можно увидеть и с точки зрения задачи: прикладная психология, в отличие от научной психологии, должна быть способна помочь конкретным людям (или группам) решать задачи и проблемы в их жизни.

В то же время в данной статье анализируется история развития научной и практической психологии в Таджикистане с учетом создания исследовательских центров в системе образования и других структурах.

***Ключевые слова:*** *научная и практическая психология, научные знании, психологические методы, психологическое консультирование, психологическая диагностика, социально-психологическая реабилитация, обработка психологических тестов, психолог-консультант, психолог-диагностик, психолог-исследователь, психологические исследование.*

## DEVELOPMENT OF SCIENTIFIC AND PRACTICAL PSYCHOLOGY DURING THE INDEPENDENCE OF TAJIKISTAN

After gaining political independence, science took on a new look, changed the pace of its development and improved, thereby giving broad opportunities and a serious impetus to the development of scientific and practical psychology. There is a difference between scientific and practical psychology.

Applied psychology (in the 19th century experimental psychology) refers to those areas of psychological science in which scientific knowledge is directly applied in practice. Applied psychology includes psychological counseling, psychological testing, psychological correction.

Scientific psychology deals with the analysis, summation and systematization of numerous and varied psychological factors related to certain groups, and corresponding concepts and theories emerge.

This difference can also be seen from a task perspective: applied psychology, as opposed to scientific psychology, must be able to help specific people (or groups) solve problems and problems in their lives.

At the same time, this article analyzes the history of the development of scientific and practical psychology in Tajikistan, taking into account the creation of research centers in the education system and other structures.

***Key words:*** *scientific and practical psychology, scientific knowledge, psychological methods, psychological counseling, psychological diagnostics, socio-psychological rehabilitation, processing of psychological tests, psychology textbooks, psychological departments, consulting psychologist, diagnostic psychologist, research psychologist, psychological research .*

***Маълумот дар бораи муаллифон:*** *Латифзода Сомон Зариф - дотсенти кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони 17 А. Тел: (+992) 88-000-83-84. E-mail: Latifzoda_01@mail.ru*

*Искандарова Манижа Раҳматулоевна – унвонҷӯйи кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони 17 А. Тел: (+992) 501-60-98-50. E-mail: manizh15@mail.ru*

***Свединия об авторах:*** *Латифзода Сомон Зариф – доцент кафедри психологии факультет философии Таджикского национального Университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки-17 а.Тел: (+992) 88-000-83-84, Электронная почта: Latifzoda_01@mail.ru*

*Искандарова Манижа Рахматулоевна – соискатель кафедри психологии факультет философии Таджикского национального Университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки-17 а.Тел: (+992) 501-60-98-50. E-mail: manizh15@mail.ru*

***Information about the authors:*** *Latifzoda Somon Zarif - associate professor of the department of psychology Faculty of Philosophy, Tajik National University. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue-17 a.Tel: (+992) 88-000-83-84. Email: Latifzoda_01@mail.ru*

*Iskandarova Manizha Rakhmatuloevna – applicant for the Department of Psychology, Faculty of Philosophy, Tajik National University. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue-17 a.Тел: (+992) 501-60-98-50. E-mail: manizh15@mail.ru*

## ИСТИФОДАИ АНЪАНАҲОИ МИЛЛӢ ВА МУОСИРИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ТАРБИЯИ АХЛОҚИЮ ЭСТЕТИКИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

***Зоидова С. А.***

**унвонҷӯйи ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

Дар бораи тарбияи ахлоқию эстетикии наврасону ҷавонон, ки оянда натанҳо дар тули фаъолияти касбии онҳо, балки дар тамоми зиндагии онҳо ҳамчун санги таҳкурсӣ, яъне бунёди тарзи зисти онҳо нишон медиҳад, пеш ва беш аз ҳама заҳматҳои шабонарӯзии волидайн ва сонияи саҳми омӯзгорони мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ чун боду ҳаво зарур аст. Дар ташаккули симои иҷтимоию ахлоқии наврасону ҷавонон, баъд аз тарбияи хонаводагӣ, мактабу муаллим, инчунин муҳити зисту фаъолияти онҳо низ нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки масъулияти муқаддаси волидон дар тарбияи фарзандон ва муҳити зисту фаъолияти омӯзишии онҳо кумаки бесобиқаву беғаразона ва бебаҳо барои омӯзгорони мактабҳои миёнаю олӣ дар раванди таълиму тарбияи ахлоқиву эститикӣ ба шумор меравад.

Бояд гуфт, тоҷикон, ба истилоҳи Президенти кишвар, ҳамчун халқи тамаддунофар, аз қадимулайём ба тарбияи насли наврас ва ҷавонон аҳамияти хосса медоданд. Воқеан, осори ниёгони асримиёнагии мо саросар панду ҳикмат ва ҳидоятҳои созанда бароиояндагон дар тарбияи ахлоқиву эстетикӣ ба шумор мераванд. Педагогҳои шинохтаи кишвар Хайрулло Афзалов ва Баён Раҳимов дуруст қайд кардаанд, ки яке аз бузуртарин неъмати зиндагӣ барои эронинажодҳо фарзанд ба шумор мерафт. Вақте ки фарзанд ба дунё меомад, ӯро равғани дарахти парахома ё хаома мехӯронданд. Ин корро барои он мекарданд, ки, тифл дар оянда ҳушёр, бофазилат ва оқил гардад. Ғайр аз ин се шабонарӯз дар наздаш оташ месӯзонданд, то ӯ аз ҳар гуна хатар эмин бошад ва то чиҳил рӯз ӯро танҳо намегузоштанд, ки мабодо осебе ба ӯ нарасад. Писаронро якуним сол ва духтаронро понздаҳ моҳ модарон шир медоданд. Падарон вазифадор буданд, ки фарзандони худро ба мактаб фиристанд ва ба ӯ илму ҳунар омӯзонанд. Дар китоби муқаддаси эронинажодҳо “Авасто” омадааст “агар туро фарзанди хурдсол аст, ӯро ба дабистон бифрист, зеро ки фурӯғи дониш чашми равшан ва биност”. Фарзандон низ дар навбати худ вазифадор буданд, ки ҳурмати падару модарро ба ҷо оваранд. [1, с. 8].

Ин гуфтаҳо худ далели онанд, ки тарбияи ахлоқиву эстетикӣ дар миёни тоҷикон таърихи қадима дошта, тавассути китоби муқаддаси “Авасто” ба ниёгони асримиёнагии мо

бевоситаву бавосита ба мерос монда, аз онҳо то замони мо дар шакли назму наср, аз ҷониби ҳазорҳо нафар шоирону нависандагон ва донишмандони гуногун, аз қабили Абуабдуллоҳи Рӯдакию Абулқосими Фирдавсӣ, Абубакри Розиву Абулаббоси Эроншаҳрӣ, Абуалии Синою Абурайҳони Берунӣ, Унсурмаолии Кайковусу Носири Хусрав ва дигарон ба мерос мондааст.

Бояд гуфт, ки дар бораи зарурати тарбияи ахлоқиву эстетикии наврасону ҷавонон ҳамчун "зарурати тарбияи инсони комил, ҳаматарафа инкишофёфта ва солиму бардам, адолатпешаю хайрхоҳ дар ин давра (давраи салтанати Сомониён – З.С.) бори аввал дар ашъори сардафтари адабиёти классикии тоҷик Абӯабдулло Рӯдакӣ бардошта мешавад. Минбаъд ғояҳои инсонгароёнаи устод Рӯдакӣ аз тарафи мутафаккирони бузурги тоҷик Форобию Фирдавсӣ, Берунию Ибни Сино, Носири Хисраву Унсурмаолии Кайковус, Умари Хайёму Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозию Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳофизи Шерозию Абдураҳмони Ҷомӣ Камолиддин Биноӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Мирзо Абдулқодир Бедилу Аҳмад Махдуми Дониш ва ғ. дастгирӣ карда шуда, рушду нумӯ дода мешавад. Таъсири ғояҳои ахлоқии Абӯабдуллои Рӯдакирро бешак, ба эҷодиёти ҳамаи адибони форсизабони Моварауннаҳр ва Хуросон ва берун аз он дар эҷодиёти ҳамаи шоирони Шарқи мусулмонӣ ҳис кардан мумкин аст.Пас, фикри Маъруф Орифӣ дар бораи он ки Рӯдакиро нафақат сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик, балки "асосгузори афкори педагогии халқи тоҷик" бояд номид, қобили қабул аст". [3, с. 214-215].

Тарбияи ахлоқию эстетикӣ дар ҳамгироии дигар шаклҳои таълиму тарбия бечуну чаро ба ташаккули муносибати арзишманду босалоҳияти хонанда ба таъриху маданияти кишвар, муҳаббат ба Ватани худ, ба зодгоҳи худ, ба посдории эҳтироми бузургони пешгузаштаи худ, ба меҳнат, сарвати ҷамъиятӣ, ба табиат, ба одамон ва ба худ бояд нигаронида шавад. Бояд гуфт, ки яке аз вазифаҳои тарбияи ахлоқию эстетикӣ дар ҳамгироӣ бо тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстии наврасону ҷавонон - ин нигоҳ дошта тавонистани идомаи анъанаҳои таърихӣ ва хотираи гузаштаи халқи худ ва сабақбардорӣ аз он вобастагии ногусастанӣ дорад.

Воқеан, омӯзиши таъриху маданият, корнамоиҳои қаҳрамонона ва дастовардҳои илмию адабии ниёгон ба сифати мавзуи тавзеҳдиҳандаи инкишофи донишҳои маънавию ахлоқӣ ва эстетикии наврасону ҷавонон ба шумор меравад.

Бояд дар назар дошт, ки тарбияи ахлоқию эстетикии наврасону ҷавонон яке аз вазифаҳои муҳимтарини донишҳои педагогӣ ба ҳисоб меравад. Агарчанде аз замонҳои қадим, дар кишварҳои Шарқи Қадим (Мисри Қадим, Бобулистон, Эрон Ҳиндустон ва Чини Қадим) ба тарбияи маънавию ахлоқии наврасону ҷавонон ҳамчун ояндаи кишвар аҳамияти ҷиддӣ дода мешуд. Вале маҳз дар Юнони Қадим аз замони зиндагии Афлотуну Арасту нишонаҳои эстетика дар муҳити педагогӣ дар ҳамгироии эътиқод, ахлоқ, одоб ва ҳатто варзиш зуҳур намудаанд. Бояд гуфт, ки дар самти тарбияи ахлоқию эстетикии наврасону ҷавонон мактаб маконест, ки онҳо дар дар он на танҳо хондану навиштан, ҳисоб кардан ва фикр карданро меомӯзад, балки тартибот ва тарбияи ахлоқию эстетикӣ ва дарки мафҳуми зебоипарастиро ёд мегирад.

Маҳз ба зудиин ҷиҳат, ғайр аз самтҳои асосии фаъолияти тарбиявӣ дар мактабҳои миёна бояд бо назардошти анъанаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии хонандагон, ки ҳар кадоми онҳо ҳамчун барандаи хусусиятҳои равонии муайян амал кунанд, ба онҳо аз тарафи омӯзгорон аз ҷиҳати методӣ аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Бо ин васила омӯзгоронро месазад, ки ба наврасону ҷавонон, хусусан, хонандагони синфҳои ибтидоӣ ёд диҳанд, то тарбияи ахлоқиву эстетикӣ дар системаи умумии тарбияи шаҳрвандӣ, донишҳои тарбиявии шахс мавқеи асосӣ ва аввалиндараҷаро ишғол кунад. Эҳтиром ва пос доштани маданияти миллии худ, таҳаммулпазирӣ ва расидан ба қадру манзалати устодон ва умуман калонсолон ҷузъи ҷудонашавандаи тарбияи ахлоқиву эстетикӣ ба шумор меравад, ба наврасону ҷавонон ҳанӯз дар овони кӯдакӣ аз ҷониби водион ва мураббиёни боғчаҳою кӯдакистонҳо ва минбаъд дар мактаб аз тарафи педагогҳои пуртаҷрибаю шинохта омӯзонда мешавад.

Воқеан, дар ташаккули хислатҳои неки инсонӣ, аз қабили таҳаммулпазирӣ ва риояи эҳтироми тарафайн, ки ҳар як тарбиятгиранда таърих, забон, адабиёти халқи худро бояд донад ва дар баробари он ҳисси ифтихори миллиро бо эҳтиром ба фарҳангу анъанаҳои миллӣ муттаҳид сохта тавонад ва ба наслҳои минбаъда интиқол диҳад, ки кулли ин кор бидуни тарбияи ахлоқӣ ва рафтори шоистаи таҳсин имконнопазир аст.

Зеро ҳар як фарди дорои ахлоқи ҳамида ва рафтори намунавӣ бемасъулият буда наметавонад, зеро ӯ мавқеи худро дар инкишофи соҳаҳои маънавию моддии ҳаёт амиқ дарк карда метавонад. Вай бераҳм буда наметавонад, зеро аз тарбияи ахлоқиву эстетикӣ

бархӯрдор аст, аз ин рӯ, ба ҳеҷ ваҷҳ нисбат ба тақдири миллату давлати худ бепарво, бетараф ва риёкору хиёнаткор буда наметавонад. Дар тарбияи маънавию ахлоқӣ инчунин ба анъанаҳои фарҳангӣ ва таърихии мардум, ки хислатҳои миллии онҳоро инъикос менамояд, таваҷҷуҳ кардан зарур аст, ки ин ба баланд шудани фаъолияти эҷодии хонандагон кӯмак мерасонад, онҳоро ба омӯзиши фарҳанги маънавии мардум ҳидоят мекунад.

Вақте ки сухан дар бораи маънои васеи мафҳуми тарбия меравад, ин маънои аз насл ба насл интиқол додани дониш, малака, рафтори иҷтимоӣ, меъёрҳои зарурии тарбияи ахлоқӣ ва эстетикиро дорад. Яъне таҷрибае, ки шахс дар тӯли омӯзишӣ ҷамъ кардааст, ҷузъи маънавиёти ӯ ба шумор меравад. Дар раванди таълим қариб ҳамаи муассисаҳои давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ, оила, ташкилоти ҷамъиятӣ ва фарҳангӣ, воситаҳои ахбори омма иштирок мекунанд.

Аз ин рӯ, тарбия дар системаи фаъолияти маънавии шахс – он фаъолияти мақсаднок ба шумор меравад, ки бо мақсади омода намудани ӯ ва иштирокаш дар ҳаёти ҷамъиятию фарҳангии замону макони зиндагониаш, инчунин ташаккул додани малакаҳои ба амсилаҳои меъёрии иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳосилкардааш нигаронида шудааст.

Аз мавқеи донишҳои педагогӣ тарбияро ҳамчун фаъолияте маънидод кардан мумкин аст, ки ба ташаккули шахсияти наврасону ҷавонон, барои ба ҳаёт омода кардани онҳо ва дар ҷо ба ҷо кардани малакаҳои муайяни рафтор ва сифатҳои шахсӣ, рафтори зебо ва ҳисси зебоипарастии онҳо нигаронида шудааст. Дар ҳақиқат, ин ҳадафи асосии тарбия мебошад, зеро тарбия на танҳо ҳамчун раванд, балки натиҷаи фаъолияти маънавии фард низ фаҳмида мешавад.

Қобили тазаккур аст, ки дар масъалаи омӯзишу таснифи тарбия пеш аз ҳама тарбиятгар, мураббӣ ва омӯзгор бояд донад, ки намудҳои гуногуни тарбия вуҷуд доранд: ақлӣ, ахлоқӣ, ҷисмонӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ ва ғайра. Аз ин рӯ, метавон хулоса кард, ки ҳадафи тарбия ташаккули шахсияти ҳамаҷониба инкишофёфта ба шумор меравад. Бахри музаффарияти адолат бояд гуфт, ки аз ҳамаи намудҳои тарбия дар рушди ҳаматарафаи шахсият тарбияи ахлоқӣ мавқеи хоссаро ишғол менамояд.

Роҷеъ ба мазмуну мундариҷаи тарбияи ахлоқӣ бояд гуфт, ки дар ҳар як ҷомеа ё муҳити мушаххас принсипҳои муайяни ахлоқӣ вуҷуд доранд, ки аз ҷониби як қатор мафҳумҳо ташаккул мeёбанд. Ин мафҳумҳо дар ҷомеа ба таври умум қабул шудаанд ва онҳоро меъёрҳои иҷтимоӣ меноманд. Риояи онҳо барои азхудкунии арзишҳои умумибашарӣ ва принсипҳои асосии ахлоқӣ нигаронида шудааст.

Дар бораи асосҳои педагогии тарбияи ахлоқӣ бояд гуфт, ки раванди тарбияи ахлоқӣ маҷмуи муносибатҳои пайгиронаи байни тарбиятгиранда ва коллектив мебошад, ки ба ноил шудан ба самаранокӣ ва сифати фаъолияти педагогӣ ва дараҷаи дурусти тарбияи ахлоқии шахсияти хонанда нигаронида шудааст.

Ахлоқ ва махсусан, ахлоқи ҳамида он меъёрҳои тарбиявие мебошанд, ки одамонро дар рафтори ҳаррӯзаашон роҳнамоӣ мекунанд. Аз ин рӯ, ахлоқ нишондоди абадӣ ё тағйирнопазир нест, балки тағйирёбанда ва идорашаванда буда, аз ҷониби нуфузи афкори ҷамъиятӣ идора карда мешавад. Дар навбати худ, талаботи ахлоқӣ, меъёрҳо, ҳуқуқ дар шакли идеяҳо дар бораи чӣ гуна рафтор кардан дар ҷомеа асосҳои муайян доранд.

Меъёрҳои ахлоқии шахс ифодаи муносибатҳои муайяне ба шумор меравaнд, ки дар ҷомеа, дар соҳаҳои гуногун муқаррар карда мешаванд. Тарбияи ахлоқӣ раванди мақсадноки ташаккули шуури баланд, ҳиссиёт ва рафтори ахлоқии насли наврас мувофиқи идеалҳо ва принсипҳои ахлоқ мебошад.

Тарбияи ахлоқӣ вазифаҳои муайяну мушаххасе дорад, ки вазифаи асосии он дар насли наврас ташаккул дода тавонистани шуури ахлоқӣ, рафтори устувори ахлоқи ҳамида ва ҳиссиёти ахлоқие, ки ба тарзи ҳаёти муосир мувофиқат мекунанд, ташаккул додани мавқеи фаъоли ҳаётии ҳар як шахс, одати роҳнамоӣ дар рафтор, амал, муносибатҳо ва иҷрои вазифаи ҷамъиятӣ мебошад.

Педагогика ва психология дар соҳаи тарбияи ахлоқӣ чунин мафҳумҳоро ба монанди шуури ахлоқӣ ва рафтори ахлоқӣ ҷудо мекунад. Мазмуни шуури инсонро системаи донишҳои таърихан муқарраршуда ва пайвастанашаванда, ки тавассути таҷрибаи шахсӣ тағйир дода мешавад, ташкил медиҳад. Яке аз хусусиятҳои шуур ҳамчун маҷмуаи дониш дар бораи олами атроф тавсиф дода мешавад. Маҳз бад-ин ҷиҳат таълим дода мешавад, ки шуур бидуни дониш буда наметавонад.

Тарбияи ахлоқиву эстетикии шахс дар таҷрибаи иҷтимоӣ ва дар шуури ахлоқии ҷамъиятӣ инъикос меёбад, зеро ғояҳо, назарияҳо, консепсияҳо муносибатҳои воқеии одамонро, ки дар раванди фаъолият ва муошират инкишоф меёбанд, инъикос мекунанд. Эътиқод дараҷаи олии ташаккули шуури ахлоқӣ ва танзимгари амалҳо мебошад. Устувории маънавии шахс ба он вобаста аст, ки боварии аз худ кардани системаи мафҳумҳои ахлоқӣ, ташаккули ҳиссиёти ахлоқӣ, умумӣ кардани таҷрибаи рафтор ва муносибатҳо хос аст.

Омӯзиш ва азхудкунии идеяҳо ва мафҳумҳои ахлоқӣ раванди дуру дароз ва мураккаб аст. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ барои азхудкунии мафҳумҳои ахлоқӣ, шурӯъ аз сатҳи муаррифӣ то азхудкунии пурраи мундариҷаи он роҳи дарозро тай мекунанд. Вусъати таҷриба, ҷамъоварии дониш, аз як тараф, боз ҳам амиқ дарк кардан ва фарқ карда тавонистани ақидаҳои ахлоқӣ, аз тарафи дигар, барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз тарафи омӯзгор тавсиф ва таълиму тарбия дода мешавад. Ташаккули ғояҳои ахлоқӣ дар рафтори кӯдакону наврасон ва муносибати онҳо бо дигарон нақши танзимкунанда дошта, аз тарафи омӯзгор идора карда мешавад.

Дар шуури хонандагони синфҳои ибтидоии мактаби миёна симои ягон ҳодисаи ҳаётии ахлоқӣ на танҳо дар давраи ба амал омадани он ҳодиса пайдо шуда метавонад, балки ҷанбаи назариявии он дар рафти тарбияи онҳо аз тарафи омӯзгор мавриди баррасӣ қарор гирифта мешавад. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ ин ё он амали дӯсташонро, ки боре мушоҳида кардаанд, метавонанд дубора такрор ва эҷод кунанд. Илова бар ин, метавонад амали худро дар ҳолатҳои муайян вобаста ба омӯзиш ва таҳлили бошуурона тағйир диҳанд.

Бояд гуфт, ки принсипи асосии педагогика чунин аст, ки шуури ахлоқӣ ва рафтори бачаҳо дар ягонагӣ ташаккул меёбад ва нақши омӯзгор (педагог) дар он аввалиндараҷа мебошад. Хусусиятҳои нав дар кӯдакон дар муносибат бо калонсолон ва ҳамсолон пайдо мешаванд. Кӯдакон ба муошırати пурмазмун бо калонсолон таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд. Огоҳии рафтори боадабона, ки шомили тарбияи ахлоқию эстетикӣ ба шумор меравад, боиси ташаккули қобилияти дар амал ҳидоят намудани меъёрҳои ахлоқии омӯхташуда мегардад.

Маҳз бад-ин ҷиҳат, хонандагони синфҳои ибтидоӣ хоҳиши фаъоли муошират бо ҳамсолони худро дар фаъолиятҳои гуногун зоҳир мекунанд, ки дар натиҷа барои инкишофи муносибатҳои коллективӣ заминаҳои муайян ба вуҷуд меоварад. Муошırати пурмазмун бо ҳамсолон омили муҳими ташаккули шахсияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ мегардад. Дар фаъолияти коллективона (бозӣ, хониш, муошират) малакаи банақшагирии коллективии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташаккул меёбад. Дар тарбияи ахлоқию эстетикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар баробари таълиму тадрис, инчунин фаъолияти меҳнатӣ ва бозӣ низ нақши муҳим мебозад. Онҳо дар дарс қоидаҳои рафтори тарбиявиро азхуд мекунанд, мақсаднокӣ, масъулиятшиносӣ, хислатҳои қавииродагӣ, фарқ кардани хубу бад, зишту зеборо ташаккул медиҳанд.

Воқеияти ҳақиқат ин аст, ки тарбияи ахлоқию эстетикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ маҳз аз курсиҳои синф оғоз гардида, баъдан дар тӯли тамоми ҳаёту фаъолияташон идома меёбад. Онҳо меомӯзанд ва дар таҷрибаи худу ҳамсинфонашон мебинанд, ки амали нек, ахлоқи ҳамида, рафтори зебо муносибати шахсро ба воқеияти атроф тавсиф мекунад. Возеҳ аст, ки амал ҳам ҷанбаи ахлоқӣ ва ҳам ҷанбаи эстетикӣ дорад. Аз ин рӯ, онҳо кӯшиш мекунанд, ки амалҳои нек ва зебову шоистаи худро ба одат табдил диҳанд. Ин омил яке аз вазифаҳо ва ҳадафи педагогика дар ташаккули шахсият ба шумор меравад.

Бояд гуфт, ки тарбияи ахлоқию эстетикӣ ба ғайр аз ҷанбаи педагогӣ, инчунин ҷанбаҳои равоншиносӣ низ доранд. Инкишофи ахлоқ аз ҷиҳати равоншиносӣ, гуфтан мумкин аст, ду ҷанбаро дар бар мегирад. Аз як тараф инкишофи ҳиссиёт ва ирода бошад, аз тарафи дигар он аст, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ тадриҷан ба фаҳмидани олами атроф ва дарк кардани мавқеъи худ дар он шурӯъ мекунанд, ки дар ин ҳолат навъҳои нави ангезаҳои рафториро ба вуҷуд меорад, ки дар зери таъсираш онҳо рафтори муайяни мақбулро, ки дар натиҷаи мушоҳида, қиёс ва зарурати пешомада иҷро мекунанд.

Бад-ин тариқ, дар натиҷаи инкишофи маҷмуии тасаввуроти инсон дар бораи неку бад, дар бораи он чи дуруст асту нодуруст аст, огоҳӣ аз меъёрҳои иҷтимоӣ, эҳсосоти ахлоқӣ ташаккул меёбад. Эҳсоси ахлоқӣ ва зебоипарастӣ таҷрибаҳои муносибати шахс ба воқеият ва ба рафтори худ мебошад. Дар шуури ахлоқии шахс ин ҳиссиёт бо ҳиссиёте, ки дар меҳнат ва бозии бачагон ташаккул ёфтаанд, дар ягонагии органикӣ мебошанд.

Бояд гуфт, ки ташаккули ҳиссиёти баланди ахлоқӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва наврасону ҷавонон ин муҳаббат ба Ватан, ҳисси рафоқат, эҳтиром нисбат ба

якдигар ва калонсолон мебошад. Асоси инкишофи ин ҳиссиёт бошад, таассуроти равшан дар бораи ҳодисаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, донишҳои аз ҷиҳати эҳсосӣ бой дар бораи кишвари худ, дар бораи ҳаёти халқи худ мебошад, ки хонандагон онҳоро ҳангоми шинос шудан бо адабиёти бадеӣ дар синф ва сайёҳат (экскурсия)-ҳои беруназсинфӣ меомӯзанд.

Инкишоф додани иродаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва наврасону ҷавонон аз бисёр ҷиҳат аз малакаву таҷриба ва салоҳияту донишҳои педагогии омӯзгор вобаста мебошад, ки дар натиҷа ба тағйирёбии омилҳои рафтори шоистаи онҳо боис мегардад. Бад-ин тариқ, рафтори бошууронаи онҳо ба ҳадаф мерасад ва барои он ки ангезаҳои мақбулу шоистаи таҳсин дар ҳаёташон амалӣ шаванд, роҳу шаклҳои дурусти рафторро аз худ мекунанд.

**АДАБИЁТ:**


1.Атахонов Т., Лутфуллоев М., Шарипов Ф. Очеркҳои афкори педагогӣ. – Душанбе, 2005

2.Афзалов Х. Таърихи педагогикаи тоҷик.- Душанбе: Матбуот, 2002.- 104 с.

3.Афзалов Х., Раҳимов Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1994. – 192 с.

4.Кайковус,Унсуралмаолӣ. Қобуснома. Таҳия, пешгуфтор ва тавзеҳоти Мирзо Муллоаҳмад ва Меҳрӣ Шарофовна. – Душанбе: Маориф, 2016. – 240 с.

5.Лутфуллоев М. Педагогикаи шафқат. – Душанбе, 1994.- 50 с.

6.Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи Аҷам. – Душанбе, 2004. – 184 с.

7.Маҷидова Б. Анъана ва расму оинхои халкӣ хамчун воситаи ташаккули сифатҳои ахлоқии фарзандон дар оила. Душанбе, 2004.-с. 211.

8.Нуров Абдулбоқӣ. Кори якҷояи мактабу оила дар тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол, Д., 1989.

9.Нуров А. Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ва нақши онҳо дар тарбияи ахлоқии насли наврас. – Душанбе, 2004. – 215 с.

10.Сабурӣ Х.М. Маорифи миллӣ ва масъалаҳои пешқадами таълим ва тарбия (монография). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. – 316 с.

11.Шарифзода Ф. Педагогика: назарияи инсонпарвар ва ҷомеаи фарҳангӣ. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 544 с.


## ИСТИФОДАИ АНЪАНАҲОИ МИЛЛӢ ВА МУОСИРИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ТАРБИЯИ АХЛОҚИЮ ЭСТЕТИКИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ


Мақола ба масъалаи истифодаи босамари анъанаҳои миллӣ ва муосири халқи тоҷик дар раванди таълим ва тарбияи ахлоқию эстетикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст. Дар он пеш аз ҳама саҳм ва масъулияти падару модар дар камолоти фарзанд нишон дода шуда, нақши хонаводагӣ дар тарбияи ҳаматарафаи фарзанд, аз ҷумла тарбияи ахлоқию эстетикии насли наврас мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Ҳамчунин мавқеъ ва ҳамкории мактаб, муаллим ва аҳли ҷомеа дар ба роҳ мондани тарбияи ахлоқию эстетикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз сарчашмаҳои илмии олимони соҳа аз нигоҳи илмӣ асоснок карда шудааст. Дар асосноккунии масъала аз осори панду ахлоқии намояндагони педагогикаи мардумӣ ва олимон-педагогони муосири тоҷик бомаврид истифода карда шудааст.

Мафҳуми тарбия ба маънои томаш шарҳу эзоҳ дода шудааст, ки, он маънои аз насл ба насл интиқол додани дониш, малака, рафтори иҷтимоӣ, меъёрҳои зарурии тарбияи ахлоқӣ ва эстетикӣ мебошад. Яъне таҷрибае, ки шахс дар тӯли омӯзиши таълиму тарбия ҷамъ кардааст, ҷузъи маънавиёти ӯ ба шумор меравад. Дар хотима асосҳои педагогии тарбияи ахлоқию эстетикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ нишон дода шуда, дар ин замина нақши ҳалкунандаи омӯзгорони синф таъкид карда шудааст.



***Калидожаҳо:*** *тарбия, шахсият, тарбияи ахлоқӣ, тарбияи эстетикӣ, синфҳои ибтидоӣ, тарбияи хонаводагӣ, мактаб, муаллим, фарзанд, падару модар, афкори педагогӣ, муоширaт, ташаккули шахсият.*


## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ НАЦИОНАЛЬНЫХ И СОВРЕМЕННЫХ ТРАДИЦИЙ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА В НРАВСТВЕННО-ЭСТЕТИЧЕСКОМ ВОСПИТАНИИ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ


Статья посвящена вопросу эффективного использования национальных и современных традиций таджикского народа в процессе нравственно-эстетического обучения и воспитания учащихся начальных классов. В ней, прежде всего, указывается на вклад и ответственность родителей в зрелость ребенка, анализируется роль семьи во всестороннем воспитании ребенка, в том числе нравственно-эстетическое воспитание подрастающего поколения. Кроме того, научно обоснована позиция и сотрудничество школы, учителя и общества в налаживании процесса нравственного и эстетического воспитания учащихся начальных классов с использованием научных источников ученых отрасли. В обосновании этого вопроса были надлежащим образом использованы произведения нравственных наставлений представителей народной педагогики и современных таджикских ученых-педагогов.

Понятие воспитания трактуется в том смысле, что оно подразумевает передачу из поколения в поколение знаний, навыков, социального поведения, необходимых норм нравственного и эстетического воспитания. То есть опыт, накопленный человеком в ходе обучения и воспитания, является частью его духовности. В заключение показаны педагогические основы нравственно-эстетического воспитания учащихся начальных классов, подчеркнута решающая роль классных руководителей.

***Ключевые слова:*** *воспитание, личность, нравственное воспитание, эстетическое воспитание, начальная школа, домашнее воспитание, школа, учитель, ребенок, родитель, педагогическое мышление, общение, формирование личности.*

**THE USE OF NATIONAL AND MODERN TRADITIONS OF THE TAJIK PEOPLE IN MORAL AND AESTHETIC EDUCATION OF PRIMARY EDUCATION OF PUPILS**

The article is devoted to the issue of effective use of national and modern traditions of the Tajik people in the process of education, moral and aesthetic education of primary education of pupils. First of all, the contribution and responsibility of parents in the development of the child is shown, and the role of the family in the comprehensive education of the child, including the moral and aesthetic education of the younger generation is analyzed in it. Also, the position and cooperation of the school, the teacher and the public in the implementation of the moral and aesthetic education of primary school of pupils using the scientific sources of the scientists in the field are based on a scientific point of view. In justifying the issue, the teachings and ethics of the representatives of general pedagogy and modern Tajik scientists-pedagogues were appropriately used.

The concept of education has been explained in its full meaning, which means transferring knowledge, skills, social behavior, necessary standards of moral and aesthetic education from generation to generation. That is, the experience that a person has accumulated during education and training is part of his spirituality. In conclusion, the pedagogical foundations of moral and aesthetic education of primary school students are shown, and in this context, the decisive role of class teachers is emphasized.

***Key words:*** *education, personality, moral education, aesthetic education, primary education, family education, school, teacher, child, parents, pedagogical thought, communication, formation of personality.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Зоидова Сабоат Абдуманоновна - унвонҷӯи ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров; тел.: (+992) 929341177; E-mail: saboat1977@mail.ru*

***Сведения об авторе:*** *Зоидова Сабоат Абдуманоновна – соискатель ХГУ имени академика Б.Гафурова; Тел.: (+992) 929341177; E-mail:saboat1977@mail.ru*

***Information about author:*** *Zoidova Saboat Abdumanonovna – reseach worker of Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov; тел.: (+992) 929341177; E-mail:saboat1977@mail.ru*

## ХУСУСИЯТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ КУРАТОРИ ГУРӮҲ ДАР ТАШАККУЛИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁН

***Сафарзода Г. С.***

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар замони муосир доштани дониш оид ба соҳаҳои гуногуни илм кифоя набуда, татбиқи амалии донишҳо, истифодаи технологияҳои муосир ва эҷодкории ҳар фард, дар мисоли мо ҳар як донишҷӯ муҳим аст, ки ба баланд шудани некӯаҳволии мардум ва пешрафти ҷомеа мусоидат менамояд. Барои баланд бардоштани сифати таълим дар тамоми зинаҳои таҳсилот мо бояд мутахассисоне омода намоем, ки дар оянда дар ҷамъият устуворона фаъолият намуда, дар соҳаи худ босалоҳият бошанд. Сифати таҳсилот дар фаҳмиши муосир на танҳо бо сатҳи дониши азхудшуда ва риояи талаботи муайян, балки бо ташаккули салоҳият дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт, майл ба рушди худомӯзӣ, худташаккулёбӣ ва омӯзиши амиқ дар тамоми умр тавсиф карда мешавад. Маҳз ҳамин чиз зарурати ташаккули одамони ташаббускор, эҷодкор, соҳибақл, ба ҷустуҷӯи роҳи ҳалли мустақилона қодир буда, шахсони оддии ба натиҷаи фаъолияти худ ҷавобгӯ, қобили қабули ҳама чизи нав, хушзеҳн ва пешравро мефаҳмонад, ки бидуни навсозии соҳаи маориф ба он ноил шудан ғайриимкон аст. Низоми худидоракунии донишҷӯён тавассути шурои сардорони гурӯҳҳои академӣ, созмони ҷавонон ва иттифоқи касаба амалӣ мегардад.

Мусаллам аст, ки бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ барои рушду ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ ва тафаккури созандаи ҷавонон, ки ҳамчун неруи пешбарандаи ҷомеа маҳсуб меёбанд, тадбирҳои зиёде ба тасвиб расид, ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», «Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон», «Старатегияи сиёсати давлатии ҷавонон то соли 2020», Консепсияи миллии тарбия, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва ғайра. Ҳамаи ин санаду барномаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат ба ин қишри иҷтимоии ҷомеа ҷиддист. Зеро тарбияи насли наврас, махсусан, ҷавонон яке аз масъалаҳои мубрами ҷаҳони муосир ба шумор рафта,

пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии тамоми давлатҳои дунё ба он вобастагии калон дорад. Аз ин рӯ, тарбияи наврасону ҷавонон, вазифаи ҳар як фарди ҷомеа ва муассисаву ниҳодҳои иҷтимоӣ мебошад [5, с. 3].

Яке аз талаботи Консепсияи миллии тарбия - тарбия намудани ҷавонон дар рӯҳияи эҳтиром ба анъанаҳои миллӣ, расму оини пешқадами ниёгон ва мероси ахлоқии гузаштагон мебошад.

Мильцова В.Ф. чунин ибрози ақида менамояд, ки омӯзгор бояд сифати таълимро таъмин намуда, ба ташаккули шахсиятҳои фаъол, эҷодкор мусоидат намояд, зеро маҳз худи ӯ кафили амалисозии тағйирот дар соҳаи маориф аст ва бе иштироки фаъолонаи ӯ ба натиҷаҳои пешрав ноил шудан ғайриимкон аст [7, с. 94]. Аз ин лиҳоз, масъалаи тайёрии касбии омӯзгорон имрӯз дар илми педагогика яке аз ҷойҳои аввалро ишғол намуда, мавриди таваҷҷуҳ ва омӯзиши ҷиддӣ қарор дорад. Аҳамияти хосси онро зарурати бознигарӣ ва ворид намудани тағйирот ба таҳсилоти касбӣ, баланд бардоштани сифати тайёрии касбии омӯзгорони оянда муайян мекунад.

Рӯй овардан ба ҳалли масъалаҳои идоракунии сифат таҳсилоти муосир ва ба муҳимтарин самтҳои дониши илми муосир муқаррар намудани онҳо натиҷаи афзоиши аҳамияти сифат на танҳо дар равандҳои истеҳсолӣ, балки дар соҳаи маориф ва умуман ҷомеа боқӣ мемонад. Рушди пажӯҳишҳои илмӣ дар ин самт гуногунҷанба будани ин падидаро ошкор намуда, пайдоиши равишҳои гуногуни таҳлили онро мубрам намудааст. Ин зарурати дарки раванди идоракунии сифат таҳсилоти муосирро муайян намуда, омӯзиши ҳамаҷонибаи байнисоҳавӣ, байнифаннӣ бо назардошти омилҳои марбут ба худи идоракунӣ ва заминаи иҷтимоию фарҳангии онро талаб мекунанд.

Масъалаи сифати таҳсилот ҳалли ниҳоӣ надорад. Дар ҳар як марҳилаи инкишофи соҳаи маориф, ки бо тамоюли тараққиёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат вобастагии зич дорад, шароиту имкониятҳои нави ниёз ба ҳалли масъала ба миён меоянд. Пӯшида нест, ки бо мурури замон меъёрҳои сифат тағйир меёбанд, проблемаи идоракунии сифат пуршиддат мешавад ва боз зарурати таҳқиқот ва ҳалли ин масъала ба миён меояд.

Имрӯз пешгӯии тағйироти имконпазири сифат, таҳқиқи сабабҳо ва хусусияти ин тағйирот, инчунин эҷод кардани усули идоракунии сифат хело муҳим аст.

Аз рӯйи анъана масъалаҳои баланд бардоштани сифати тайёрии касбии донишҷӯёнро бо фаъолияти кураторон ва устодони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баррасӣ карда, вале нақши роҳбари гурӯҳ-куратор дар ин раванд дуруст муайян карда нашудааст. Куратор иштирокчии фаъоли ҳаёти донишҷӯӣ буда, барои худшиносӣ ва худташаккулёбии омӯзгори оянда, аз худ намудани як қатор донишҳои касбӣ, арзишҳо, идеалҳо, таҷрибаи рафтори касбӣ ва муносибатҳо шароит фароҳам меорад. Куратор ҳамчун роҳнамо, аз рӯи меъёри махсусе амал мекунад, ки донишҷӯён метавонанд ба он андозагирӣ кунанд, ба намунае, ки онҳо мекӯшанд тақлид кунанд.

Донишкадаи кураторӣ, назорат дар Русия дар нимаи дуюми асри XIX арзи вуҷуд кард, ки бо ҷорӣ шудани фаъолияти нави педагоге, ки барои ташкили фаъолияти тарбиявӣ дар мактабҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ масъул аст, алоқаманд буд. Аҳамияти махсус ба масъалаи кураторӣ-роҳбарӣ дар солҳои 60-80-уми асри XX дода мешуд, ки дар он зарурати баррасии илмии масъалаҳои ташкил ва мазмуни кори кураторҳо, идоракунии ташаккул ва инкишофи гурӯҳи донишҷӯён баррасӣ мегашт.

Аммо дар айни замон масъалаи проблемаи баланд бардоштани сифати идоракунии амалияи педагогӣ тавассути фаъолияти куратор ба қадри кифоя мавриди таҳқиқ қарор гирифта нашудааст, вазифаҳо ва самтҳои фаъолияти ӯ, ки ба сифати тайёрии касбии муаллимони оянда таъсири калон расонида метавонанд, муайян карда шудааст.

Дар асоси таҳқиқоти педагогони русу ватанӣ, омодагии касбии донишҷӯёнро метавон ҳамчун як раванди ҳамаҷониба, муттасил ва нисбатан устувор муаррифӣ кард. Натиҷаи он ташаккули салоҳиятҳои умумӣ ва касбӣ, инчунин сифатҳои шахсӣ, хоҳиши худтакмилдиҳӣ, худташаккулёбӣ дар фаъолияти касбӣ дар донишҷӯён мебошад.

Таҷрибаи (амалияи) педагогӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи тайёрии касбӣ дар муассисаи таълимии олии касбӣ хусусияти гуногун дошта, дар шакли низоми ҷузъҳо зоҳир мешавад, ба монанди: ҳавасмандгардонӣ (муносибати хатмкунандаро ба касбиояндаи худ муайян мекунад), мақсаднокӣ (аз идеяи бошуурона дар бораи касбиояндаи худ иборат буда, ҳадафҳо ва натиҷаҳои фаъолияти худ, ҷузъҳои сохторӣ ва тартиботии он), психологӣ (дар самти касбию педагогии шахс зоҳир мешавад), илмию педагогӣ (маҷмӯи салоҳиятҳои умумӣ ва касбӣ, дониши назариявию психологию педагогӣ ва роҳҳои татбиқи он дар фаъолияти

амалӣ), ташкилӣ ва амалӣ (дар ташаккули малакаҳои ташкилӣ ва муоширатӣ дар донишҷӯён ифода меёбад) ва эҳсосӣ-боиродагӣ (ташаккули мақсаднокӣ, бочуръатӣ мустақилият ва худдорӣ кардан, қобилияти бартараф кардани душвориҳои дар раванди ҳалли вазъиятҳои гуногуни педагогиро дар донишҷӯён дарбар мегирад. Таҷрибаи педагогӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи тайёрии касбии донишҷӯён ба равишҳои асосии илмӣ (антропологӣ, фарҳангӣ, системавӣ, субъектӣ-фаъолиятӣ, ба шахсият нигаронидашуда, салоҳиятнокӣ ва ғ.) асос ёфта, тамоюл ва стратегияҳоеро ба назар мегирад, ки хоси таҳсилоти олии педагогии муосир мебошанд.

*Муносибати антропологӣ* ба мо имкон медиҳад, ки раванди таҷрибаи таълимии донишҷӯёнро ҳамчун падидае баррасӣ кунем, ки дар идеалҳо, намунаҳои олӣ ва арзишҳои инсондӯстона, ба монанди шахсият ва инсон инъикос ёфтааст. Муносибати антропологӣ ҷорӣ намудани робитаи мутақобилаи субъекту субъекти байни иштирокчиёни раванди педагогӣ, худташаккулёбӣ ва худтанзимшавии шахсияти донишҷӯ ҳангоми таҳсил дар муассисаи таҳсилоти касбӣ ва ташаккули омӯзгори оянда, инчунин омодагии касбии донишҷӯёнро дар бар мегирад.

*Муносибати субъективӣ-фаъолиятнокӣ* барои ошкор кардани чунин сифатҳои шахсият, ба монанди фаъолият, эҷодкорӣ, қобилияти рушди худташаккулёбӣ, худомӯзӣ ва худтанзимшавӣ мусоидат мекунад. Дар баробари ин, донишҷӯ ҳамчун субъекти худташкилкунанда амал мекунад, ки қодир аст мустақилона фаъолиятро анҷом диҳад ва онҳоро идора кунад, барои амалу кирдори содиркардаи худ масъулиятро юа дӯш гирад.

*Муносибати салоҳиятнокӣ* ба мо имкон медиҳад, ки омодагии касбии донишҷӯёнро ҳамчун як раванди ҳамаҷониба, муттасил ва нисбатан устувор тасаввур кунем, ки натиҷаи ниҳоии он ташаккули малака ва маҳорат (на дарёфт, азхудкунии дониш), мавҷудият ё набудани ин имкон медиҳад, ки сифат ва самаранокии таълим бахо дода шавад.

Ислоҳоти таҳсилоти касбии педагогӣ бидуни ба даст овардани чандирии муайян дар ташкили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, бидуни муайян намудани сохторҳои нави ташкилӣ, шаклҳои гузаронидани дарсҳо, бе ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии таълим, таҳия ва татбиқи системаҳои идоракунӣ, мониторинг ва баланд бардоштани сифати таълим ҳамчун қисми ҷудонашавандаи таълими касбии донишҷӯён ғайриимкон аст.

Сифати тайёрии касбии донишҷӯён категорияест, ки бо сатҳи инкишофи донишҳои назариявӣ, малакаҳо ва маҳорати амалӣ, қобилияти амалӣ намудани фаъолияти самараноки касбӣ, майл ба рушди худшиносӣ алоқаманд аст. Мувофиқи ин, сифати тайёрии касбиро натиҷаи раванди таълим донистан мумкин аст ва ин сифат метавонад мавзӯи баланд бардоштан ва такмил додан гардад.

*Баланд бардоштани сифати идоракунии таҷрибаи педагогии донишҷӯён* дар фаъолияти куратори гурӯҳ як ҷараёни инкишофи мусбати ташаккули салоҳиятҳои умумӣ ва касбӣ, сифатҳои ҳавасмандӣ ва шахсии донишҷӯён мебошад, ки хоҳиши онҳоро ба мустақилият, худташаккулёбӣ, рушди худшиносӣ ва эҷодкорона иҷро намудани вазифаҳои касбии худ таъмин менамояд.

Масъулият барои сифати тайёрии касбии донишҷӯён ба дӯши тамоми иштирокчиёни раванди таълим дар донишгоҳ вогузор мебошад, вале аҳамияти фаъолияти куратори гурӯҳро дар ин раванд нодида гирифтан мумкин нест.

Куратори гурӯҳ шахсе интихоб карда мешавад, ки ба тайёрии касбии донишҷӯён ҳамроҳ мешавад, аз ҳолатҳои зиндагии онҳо бохабар мегардад, дар ҳолатҳои зарурӣ ба онҳо ёрӣ мерасонад. Куратори гурӯҳ - омӯзгори бонуфузтаринест, ки пешбарандаи таълими касбии донишҷӯён буда, фаъолияти худро бо мақсади ташаккули арзишҳои касбӣ ва фарҳанги донишҷӯён тавассути шаклҳои гуногуни кор бо ҳайати онҳо, фароҳам овардани шароит барои худшиносӣ, инкишоф ва худташаккулёбии онҳо, азхуд намудани мустақилият ва таҷрибаи рафтор ва муносибатҳои касбии онҳоро амалӣ менамояд. Якҷоя бо кафедра, деканат, муовини ректор оид ба корҳои таълимию тарбиявӣ фаъолияти худро амалӣ намуда, вазифаҳои муайянро иҷро менамояд.

Дар пажӯҳишҳои муосир таърифҳои хеле гуногуни моҳияти ин мафҳум мавҷуданд.

Дар асоси тадқиқоти муҳаққиқон О. Абдуллина, Н. Бакланова, Н.В. Кузьмина, С. Подимова, В.П. Сергеева, В. Сластепина, Г.В. Сороковых, А.И. Щербаков ва дигарон, омодагии касбии донишҷӯёнро метавон ҳамчун як раванди комил, муттасил ва нисбатан устувор метавон муаррифӣ кард, ки натиҷаи он дар донишҷӯён ташаккули салоҳиятҳои

умумӣ ва касбӣ ва сифатҳои шахсӣ, майл ба худташаккулёбӣ ва худтакомулёбӣ дар фаъолияти касбӣ мебошад.

Масъалаҳои асосии сифати таълим дар таълифоти олимони рус, ба монанди: М.М. Поташник, Г.Н. Серикова, В.Л. Симонова, П.И. Третьякова, Т.Н. Шамова ва дигарон, ҷанбаҳои гуногуни сифати тайёрии касбии донишҷӯён ва раванди баланд бардоштани сифати таҳсилоти касбӣ дар асарҳои О В. Башлай, В.П. Беспалько, В. Калней, П.И. Пидкасисти, Г.И. Смирнова, А.И. Субетго, С.Е. Шишов ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Муҳаққиқи рус О.А. Нестерева вазифаҳои кураторро хело фаррох пешниҳод намудааст. Вазифаҳои куратор аз зарурати фароҳам овардани шароит барои зуд ва нисбатан бемамоният мутобиқ шудани донишҷӯёни курси якум ба раванди таълими муассисаи таҳсилоти олии касбӣ буда, расонидани ёрии ҳамаҷониба ба ҷавонон дар шакли ташкили гурӯҳи фаъоли донишҷӯён дар дохили гурӯҳ барои мавҷудияти бароҳати донишҷӯ дар донишгоҳ муайян карда мешаванд.

Вазифаи куратор ҳангоми кор ҳам бо тамоми гурӯҳи донишҷӯён ва ҳам бо донишҷӯёни алоҳида амалӣ мегардад. Хусусиятҳои иҷрои вазифаҳои алоҳида ба хусусиятҳои фардии ҳар як донишҷӯ дар гурӯҳ, муносибатҳои мавҷудаи гурӯҳ ва ғайра вобаста аст. Дар баробари ин ҳисобидан хатост, ки вазифаи куратор бо ҳамин маҳдуд мегардад.

*Вазифаи ташхисӣ (диагностикӣ)* ба омӯзиши хусусиятҳои фардии донишҷӯён дар гурӯҳ, рӯҳия, шавқу рағбат, нуқтаи назари донишҷӯён, муайян кардани ҷалби донишҷӯён ба низоми арзишҳои ҷавонон, ки бо услубҳо, равияҳо ва меъёрҳои иҷтимоӣ нигаронида шудааст.

*Вазифаи мутобиқшавӣ-иҷтимоӣ* барои кӯмак расонидан ба донишҷӯён барои мутобиқ шудан ба низоми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, ба фаъолияти таълимӣ ва касбӣ, ба ҳайати донишҷӯён, ба низоми муносибатҳои "омӯзгор-донишҷӯ", иҷтимоишавӣ дар ҷомеа ва касб пешбинӣ шудааст.

*Вазифаи ҳавасмандгардонӣ* муайян кардани сатҳи ҳавасмандии донишҷӯён ба фаъолияти касбииояндаи омӯзгорро дар бар мегирад.

*Вазифаи ташкилию фаъолиятӣ* кори инфиродӣ, коллективӣ ва гурӯҳии кураторро бо донишҷӯён таъмин менамояд.

*Вазифаи ҳамоҳангсозӣ* аз ҳамоҳангсозӣ, мувофиқати фаъолияти таълимии ҳар як донишҷӯ ва тамоми гурӯҳ, худмуайянкунӣ, худтаълимдиҳӣ ва рушди худшиносии донишҷӯён, инчунин дар ташаккули коллектив, рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва муносибатҳо бо дигар иштироккунандагони таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ иборат аст.

*Вазифаи машваратӣ* машваратҳоро оид ба масъалаҳои ҷорӣ вобаста ба таҳсил, кори илмӣ ва ҳаёти дохилии гурӯҳ пешбинӣ менамояд, ки куратор, роҳбари гурӯҳ метавонад ба донишҷӯ дар таҳияи модели инфиродии таҳсилоти касбӣ дар доираи барнома кӯмак расонад;

*Вазифаи тарбиявӣ* дар фаъолияти куратор татбиқи чунин самтҳои кори тарбиявиро бо донишҷӯён, ба монанди тарбияи шаҳрвандӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, маънавӣ, эҷодӣ, варзишӣ ва касбӣ дар назар дорад.

*Вазифаи инкишоф* аз ташаккули шахсияти ҳар як донишҷӯи алоҳида тавассути корҳои инфиродӣ, ташаккули таҳаммулпазирӣ дар байни хонандагон; тарбия намудани мустақилияти донишҷӯён (худташкилкунӣ, худидоракунӣ, худназораткунӣ) иборат аст.

*Вазифаи назоратӣ-танзимӣ* назорати рафти раванди куллии тайёрии касбии донишҷӯён, ташаккули шахсияти ҳар як донишҷӯ, ташаккули ахлоқии ӯ, рушди касбӣ, фарҳанги умумии ахлоқӣ ва иҷтимоӣ ва ворид намуданиислоҳи зарурӣро ба ин раванд дар бар мегирад.

*Вазифаи рефлексионӣ* ба ташаккул додани қобилияти дарк ва асоснок кардани ҳолат ва амали худ, натиҷаҳои фаъолияти касбии онҳо тавассути рӯ овардани шуур ба худ нигаронида шудааст [8].

Ба ақидаи муҳаққиқи рус О.А. Нестерева: "Натиҷаи фаъолияти бомуваффақияти куратори гурӯҳ босифат тайёр кардани донишҷӯёне мебошад, ки на танҳо маҷмуи донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалӣ дошта бошанд, балки фаъолона мавқеи худро дар ҳаёт ишғол намоянд, донишҷӯёне, ки ҷаҳонбинии хуби инсондӯстӣ, муносибати мусбат ба дигарон ва худро доро бошанд, майлу хоҳиши худташаккулёбӣ ва худошкорнамоиро дар фаъолияти касбӣ доро бошанд" [9, с. 43].

Сохтори фаъолияти куратори гурӯҳ маҷмӯи фаъолиятест, ки ба баланд бардоштани сифати тайёрии касбии донишҷӯён, фароҳам овардани шароит барои худшиносӣ, худтатбиқнамоии онҳо, ба даст овардани боварӣ ба қобилият, қобилияти баҳодиҳии

танқидии худ ва фаъолияти худ, худро дар касб эҷодкорона зоҳир намудан, нигаронида шудааст.

*Шартҳои* асосии педагогии амалигардонии фаъолияти куратори гурӯҳ, ки ба баланд бардоштани сифати идоракунии таҷрибаи педагогии донишҷӯён нигаронида шудаанд, инҳо мебошанд:

-такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти куратор (тағйир додани уҳдадориҳои мансабии куратори гурӯҳ, гузоштани ҳадафҳо, вазифаҳои нав, аз нав дида баромадани самтҳо, мундариҷа ва шаклҳои кор бо донишҷӯён вобаста ба зарурати равона кардани кӯшишҳо барои баланд бардоштани сифати идоракунии таҷрибаи педагогии донишҷӯён);

-мониторинги мунтазами таҷрибаи педагогии донишҷӯён;

-нуфузи баланди шахсияти куратор (барқарор намудани муносибатҳои куратор-донишҷӯ дар ҳамкории куратор ва донишҷӯён; аҳамияти шахсияти куратор ва таъсири фаъолияти ӯ ба ташаккули касбии донишҷӯён);

-мавқеъи фаъоли ҳаётии куратор ва донишҷӯён (кӯшиш ва хоҳиши кураторҳо барои ҷорӣ намудани шаклҳои ибтикоротии кор бо донишҷӯён; мавқеи фаъоли эҷодии донишҷӯён).

Баланд бардоштани сифати идоракунии таҷрибаи педагогии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар фаъолияти куратори гурӯҳ бетаъхир таҳияи мурофиқати таълимию методии фаъолияти куратори гурӯҳро (барномаҳои такмили ихтисос, тавсияҳои методӣ, ёддоштҳои донишҷӯён, воситаҳои ташхис ва ғ.) талаб менамояд.

### АДАБИЁТ:


1.Абдуллина, О. А. Общепедагогическая подготовка учителя в системе высшего педагогического образования Текст. / О.А. Абдуллина. - М., 1990.-207 с.

2.Архангельский, С.И. Некоторые методологические вопросы введения в теорию обучения высшей школы Текст. / С.И. Архангельский / /Вопросы повышения эффективности теоретических исследований в педагогической науке. В 2-х ч.-М., 1976. 4.II. - 218 с.-С. 15-41.

**3.**Большой психологический словарь Текст. / Б.Г. Мещеряков, В.П. Зинченко. СПб.: Прайм-Еврознак, 2007. - 672 с.

4.Буданова Щ.В. Педагогическая практика в педвузе как средство профессиональной адаптации будущих учителей начальной школы (в условиях крупного города): Автореф. дис. канд. пед. наук. М., 2009.

5.Консепсияи миллии тарбия – асоси тарбияи насли созандаю бунёдкор. /Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методӣ. Хуҷанд: “Дабир”, 2021. – 492 с

6.Лазарева М.В. Формирование профессиональной компетентности бакалавров в процессе педагогической практики в условиях вуза: Автореф. дис.канд. пед. наук. М., 2009.

7.Мильцова В.Ф. Формирование профессиональной компетентности куратора в учреждениях среднего профессионального образования: дис. канд. пед. наук Текст. / В.Ф. Мильцова. Челябинск, 2006. - 179 с.

8.Нестерева О.А. Повышение качества профессиональной подготовки студентов педагогического вуза в деятельности куратора академической группы: Автореф. дис. канд. пед. наук. М., 2009.

9.Нестерова, О.А. Роль куратора в развитии креативности у студентов педагогического вуза [Текст] / О.А. Нестерова // Педагогические основы развития креативности студентов и школьников: материалы III международной научно-практической конференции. - М.: АПКиППРО, 2008. С. 43-47.

10.Педагогическая практика в системе подготовки современного учителя: Материалы второй Всероссийской научно-практической конференции. 10-12 марта 2010 г. Арзамас: АГПИ им. А.П. Гайдара, 2010.

11.Педагогический энциклопедический словарь Текст. / Гл. ред. Б.М. Бим-Бад. М.: Большая российская энциклопедия, 2003. - 528 с.


## ХУСУСИЯТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ КУРАТОРИ ГУРӮҲ ДАР ТАШАККУЛИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁН


Дар мақола масъалаи нақши куратори гурӯҳи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дар гузаронидани амалияи педагогии омӯзгорони оянда, ҷузъҳои асосии он, равишҳои асосии ташкил ва гузаронидани амалия, баланд бардоштани сифати идоракунии таҷрибаи педагогии донишҷӯён дида баромада, вазифаҳо, шароити педагогии амалӣ гардондани фаъолияти куратори гурӯҳ, ки ба баланд бардоштани сифати идоракунии таҷрибаи педагогӣ мусоидат мекунад, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба ақидаи муаллифи мақола, куратори гурӯҳ бонуфузтарин омӯзгори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ буда, дар тайёрии касбии донишҷӯён нақши муҳим бозида, фаъолияти худро бо мақсади ташаккули арзишҳои касбӣ ва фарҳанги донишҷӯён тавассути шаклҳо ва методҳои гуногуни кор бо коллективи омӯзгорони оянда барои худташаккулёбӣ ва худшиносии онҳо равона месозад.


Мақсади баррасии мақолаи мазкур ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фаҳмонидани баъзе хусусиятҳои маҷмуи тадбирҳое мебошад, ки ба баланд бардоштани сифати

омодагии касбии донишҷӯён, пешниҳоди фароҳам овардани шароит барои худшиносӣ, худшиносии донишҷӯён, ба даст овардани боварӣ ба қобилияти онҳо, қобилияти ба худ ва кори худ аз нуктаи назари танқидӣ баҳо дода, дар касб эҷодкорона худро намоиш додан мебошад.

***Калидвожаҳо:*** *таҷрибаи педагогии донишҷӯён, куратори гурӯҳ, идоракунӣ, таҳсилот, фаъолият ва вазифаҳои куратор, тайёрии босифат, фароҳам овардани шароит.*

## ОСОБЕННОСТИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ КУРАТОРА ГРУППЫ В ПРОФЕССИОНАЛЬНОМ РАЗВИТИИ СТУДЕНТОВ

В статье рассматривается роль куратора студенческой группы в проведении педагогической практики будущих учителей, её основные компоненты, основные подходы организации и проведения практики, повышение качества управления педагогической практикой студентов, функции куратора, педагогические условия реализации деятельности куратора группы, нацеленной на повышение качества управления педагогической практикой. По мнению автора статьи, куратор группы является наиболее авторитетным преподавателем в вузе, сопровождающий профессиональную подготовку студентов, осуществляющий свою деятельность с целью формирования у студентов профессиональных ценностей и культуры через различные формы работы со студенческим коллективом, создающий условия для саморазвития и самореализации студентов.

Цель статьи - пояснить преподавателям вуза некоторые особенности комплекса мероприятий, направленных на повышение качества профессиональной подготовки студентов, создание условий для самораскрытия, самореализации студентов, обретения ими уверенности в своих силах, способности критически оценивать себя и свою работу, творчески раскрываться в профессии.

***Ключевые слова:*** *педагогическая практика студентов, куратор группы, управление, образование, деятельность и функции куратора, качественная подготовка, создание условий.*

## FEATURES OF THE ACTIVITY OF THE GROUP CURATOR IN THE PROFESSIONAL DEVELOPMENT OF STUDENTS

The article discusses the role of the student group curator in conducting the teaching practice of future teachers, its main components, the main approaches to organizing and conducting practice, improving the quality of management of students' teaching practice, the functions of the curator, the pedagogical conditions for the implementation of the activities of the group curator, aimed at improving the quality of management of teaching practice. According to the author of the article, the group curator is the most authoritative teacher at the university, accompanying the professional training of students, carrying out his activities with the goal of forming professional values and culture in students through various forms of work with the student body, creating conditions for self-development and self-realization of students.

The purpose of the article is to explain to university teachers some features of a set of measures aimed at improving the quality of professional training of students, creating conditions for self-discovery, self-realization of students, gaining confidence in their abilities, the ability to critically evaluate themselves and their work, and open up creatively in the profession.

***Key words:*** *teaching practice of students, group curator, management, education, activities and functions of the curator, quality training, creation of conditions.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Сафарзода Гулистон Сафар - номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори калони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Суроға: 734022, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Навоӣ 2, Телефон: + 992 0044 04 64.*

***Сведения об авторе:*** *Сафарзода Гулистон Сафар - кандидат педагогических наук, старший преподаватель Бохтарского государственного университета имени Насира Хусрава. Адрес: 734022, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Навои 2, Телефон: + 992 00444 04 64.*

***Information about the author:*** *Safarzoda Guliston Safar - Candidate of Pedagogical Sciences, senior lecturer Bokhtar State University named after Nasir Khusraw. Address: 734022, city Bokhtar, Navoi street 2, Republic of Tajikistan, tel.: (+992) 004440464.*

**ТДУ:159.922**

## ТАЪСИРИ ПСИХОЛОГИИ НИЗОЪ БА МУНОСИБАТҲОИ ОИЛАВӢ

***Саидзода Б. Х.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.**

*Оила дар фарҳанги мардуми куҳанбунёди тоҷик ҳамчун ниҳоди муқаддас эътироф гардидааст, зеро беҳтарин арзишҳои инсонӣ, аз қабили муҳаббату садоқат, самимияту вафодорӣ ва ҳамдигарфаҳмиву таҳаммулгароӣ маҳз дар оила ташаккул меёбанд.*

**Эмомалӣ Раҳмон**

Оила яке аз шаклҳои қадимтарини ҳаёти ҷамъияти инсонӣ буда, моҳиятан, коллективи оддитарини одамонро ташкил медиҳад. Мушоҳидаҳои ҳаётӣ ва тадқиқоти сотсиологию психологӣ нишон медиҳанд, ки дигаргуншавии муносибатҳои оилавӣ дар асри XXI дар заминаи бархурди тамаддунҳо ва чолишҳои дигари замони муосир ба миён омада истодааст.

Аз ин рӯ, барои ташкил намудани оилаи сунатию устувор маърифати баланди оиладориро ба насли наврас омӯзонидан лозим аст. Зеро замони муосир аз ҳар як шахси баркамол тақозо мекунад, ки андешаи психолог Е.Г. Сляеваро аз мадди назараш дур накунад. Ӯ қайд намуда буд, ки «омӯзиши илмии психологии рафти таҳаввулоти оила имконият медиҳад, ки ҷанбаҳои мусбат ва манфии масъаларо равшан намуда, минбаъд ҷанбаи мусбати онро дар инкишофи имрӯзаи оила мувофиқан истифода барем» [3, с. 180]. Дар масъалаи маърифати оиладорӣ ва аҳаммияти он, Алфред Адлер бошад чунин андеша дорад: «Оила шакли миёнатурии ҷамъият буда, амнияти тамоми ҷамъияти бузурги башарӣ ба ягонагиву бақодории он вобаста аст» [4, с. 84]. Аз ин лиҳоз, мақсад гузоштем, ки масъалаи таъсири низоъро ба муносибатҳои оилавӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор диҳем. Инчунин, равшан намоем, ки муносибатҳои бенизоъ шарти солимгардонии оила шуда метавонад ё не.

*Низоъ калимаи лотинӣ CONFLICTS гирифта шуда, баҳамбархурии ақидаҳо, майлҳо ва мувофиқ наомадани муносибатҳои байнишахсию байнигурӯҳиро дар худ таҷассум мекунад.*

Масъалаи низоъ аз ҷониби мутахассисони соҳаҳои гуногун аз қабили сотсиология, психология, фалсафа, педагогика, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқ, иқтисодиёт ва ғайра мавриди омӯзиш қарор мегирад, ки ҳар яке аз нуктаи назари методологияи худ баҳогузорӣ мекунад. Муҳаққиқон ин масъаларо дар доираи принсип ва методологияи илми психология омӯзиш намуда, назарияҳои илмии худро пешниҳод намудаанд. Масалан, психологи машҳури рус Кановалов К.Н., низоъро чунин таъриф медиҳад: *«Низоъ ин ба ҳам зид омадани майлу хоҳиш, мақсаду маром, фикру андеша ва мавқеъҳои ин ё он субъекти ҳамкорӣ»* мебошад.

Воқеан ҳам, таърифи пешниҳоднамудаи К.Н. Кановалов моҳиятан муҳтавои низоъро дар бар мегирад. Зеро ҳангоми низоъ ақидаи ду ва зиёда одамон бо ҳам зид меоянд ва ин аз сабаби мувофиқат накардани табиати психологии онҳо (мақсадгузорӣ, шавқу ҳавас, хоҳиш, талаботҳои модию маънавӣ) сар мезанад. Яъне, низоъ дар натиҷаи баррасии масъалаи баҳснок ба вуҷуд меояд. Бояд қайд кард, ки низоъҳои оилавӣ дар заминаи номувофиқати психологии ҳамсарон ва тақсимоти нодурусти вазифаҳо низ сурат мегирад. Барои он ки чунин зиддиятҳо авҷ нагиранд ва оқибатҳои нохуш надиҳанд, онҳоро бояд идора намуд. Табиист, ки дар ҳар гуна оила бархурди андеша миёни зану шавҳар ё волидону фарзанд он ба вуқуъ мепайвандад. Аммо чунин ҳолатҳои баҳснокро дар оғоз бояд ҳаллу фасл намуда, онро хомӯш кардан лозим аст. Зеро як гурӯҳ психологҳо, аз қабили Ф.Е. Василюк, А.М. Иванова, Э.А. Гасин, Р. Энрайт зимни омӯзиши масъалаи «бахшидан» ба чунин хулоса омадаанд, ки нақши ин хислати характер дар солимгардонии муносибатҳои дохилиоилавӣ хеле бузур аст. Ин нуктаро психолог Л.Б. Шнейдер чунин арзёбӣ мекунад: «Дарвоқеъ, бахшидан ба торҳои аз ҳама ниҳонитарини руҳи инсон асар карда, дорои имкониятҳои азими тарбиявӣ мебошад» [6, с. 333].

Ба андешаи муҳаққиқ В.Н. Коновалов, ба вуҷудоии низоъ марҳалаҳои муайянро тай намуда, формулаи зеринро дар бар мегирад: дар марҳилаи аввал вазъияти баҳснокро яке аз тарафҳо идроки нодуруст намуда, ба марҳалаи дуюм–вазъияти низоъангез мегузарад ва ин марҳалаи сеюмро фароҳам оварда, бо пайдоиши баҳона зуҳуроти низоъ сурат мебахшад. Аз формулаи дар боло овардашуда маълум мешавад, ки низоъ натиҷаи ниҳоӣ аст ва он якбора ба амал намеояд. Вазъияти баҳснок дар навбати худ, зимни объекте пайдо мешавад, ки тарафҳо андешаи якдигарро асосноку мақбул намеҳисобанд ва дар ин маврид яке аз тарафҳо ин ваъиятро ҳалнашаванда дарк намуда, мавқеъашро дигар намекунад. Агар дар ин марҳила яке аз тарафҳо ташаббусро ба даст гираду андешаи тарафи дигарро мантиқан таҳлилу хулосабарорӣ намояд, он гоҳ оташи баҳс хомуш мешавад. Дар сурати фориғболӣ ва беташаббусии тарафҳо, метавонад вазъияти баҳснок ба зинаи дигар гузарад, ки онро вазъияти низоъангез меноманд. Агар субъектҳои низоъ дар марҳилаи мазкур боз ҳам ба муросо наоянд, но гоҳ ин метавонад ба вазъияти низоъангези 1+2+3 замина гузорад. Ин марҳилаи ҳассос буда, вазъияти додашуда дар сарҳади низоъ қарор мегирад, ки дар заминаи баҳонаи ночиз низоъ сар мезанад. Дар аксар маврид пайдоиши низои миёни ҳамсарон дар оила тибқи формулаи болозикр ба амал меояд. Вазъияти низоъангез ё низоъ дар оила имконият медиҳад, ки оила ба ҳолати буҳронӣ гирифтор шавад. Дар ин масъала олимону шоирони форсу тоҷик ба таври назму наср масъалагузориҳои зиёд намудаанд. Масалан, дар шоҳасари «Калила ва Димна» чунин матлаб зикр шудааст: «Марди хирадманд бояд таҷрибаро пешаи худ созад ва бо таъбиру сабр кор карда, аз таъҷили сабукборӣ худдорӣ намояд» [4, с. 85].

Тадқиқот муайян карданд, ки яке аз сабабҳои вайроншавии оилаҳо, яъне ҷудошавии ҳамсарҳо дар заминаи низоъҳои пайвастаи оилавӣ сурат мегирад. Низоъ он вақт сабаби ҷудошавӣ мегардад, агар ҳамсарон роҳҳои пешгирию бартараф намудани онро надонанд ё аз

он худдорӣ намоянд. Дар масъалаи мазкур андешаҳои мутахассисон гуногун мебошанд. Масалан, Виктор Астафев қайд менамояд, ки ҳодисаеро аз китоби «Империяи Рим» хондам ва ӯ маро ҳайратзада намуд. Яъне дар империяи Рим баъди 510 соли ташкилшавиаш сипас, ҷудошавии ҳамсарон сурат гирифтааст. Албатта гузаштаро ба давраи ҳозира қиёс кардан мушкил аст, вале тааҷҷуби нависанда беҳуда нест, зеро ҷудошавии ҳамсарон ҳоло ҳодисаи муқаррарӣ гаштааст. Масалан, нафаре баъди солҳои тулонӣ ҳамсинфашро мебинад ва аз ӯ мепурсад: «Зиндагиат чӣ тавр аст?» ва ӯ ба ин савол оромона ҷавоб медиҳад: «хуб! Ҷойи кори хуб дорам ва аз шавҳарам ҷудо шудам». Дар ин лаҳза гуё ӯ аз номи дигар кас сухан карда истодааст. Ҳол он ки психологони рус М.И. Дяченко ва Л.А. Кандибович муҳаббатро ҳиссиёти олии ахлоқӣ меноманд. Онҳо қайд менамоянд, ки «ҳиссиёти олии ахлоқии муҳаббати дутарафаи зану шавҳар шарт ва заминаи акди никоҳи устувору мувозинати муносибати оилавӣ мебошад» [2, с. 190].

Наслҳои калонсол дар шароити нохуб зиндагӣ мекарданду нохушиҳои маиширо паси сар менамуданд, вале дар бораи ҷудошавӣ фикр ҳам надоштанд. Зеро ҳамсарон дарки дурусти зиндагӣ доштанд. Ҷавонон чунин меҳисобанд, ки ҷудошавӣ ин натиҷаи саҳв ва кӯркӯрона интихоб намудани ҳамсар ва ғайра мебошад. Аммо бовар кунед, ин тавр маънидод кардани сабабҳои ҷудошавии ҳамсарон зуҳуроти эмотсионалӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, пеш аз бастани акди никоҳ изивоҷкунандагонро лозим аст, ба хусусиятҳои фардӣ-психологии якдигар ва моҳияти бастани акди никоҳ мутаваҷҷеҳ бошанд. Файласуф ва мутаффакири бузурги олмонӣ Карл Маркс қайд менамояд, ки ҳеҷ касро ба акди никоҳ маҷбур намекунанд, вале ҳар кас ба итоат намудани қонунҳои никоҳ маҷбур карда мешавад. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки бояд моҳият ва қонуну қоидаҳои акди никоҳро ба ҷавонон омӯзонидан зарур аст. Инчунин ба роҳ мондани муносибати созгору муоширати ҳалимонаро на танҳо дар оила, балки бо атрофиён низ ба роҳ монд. Зеро дар масъалаи муоширати созгор нависандаи машҳури рус Л.Н. Толстой бо хитоб муроҷиат мекунад, ки «сухан ифодаи фикр аст. Метавон ба он мардумро муттаҳид кард ва ё пароканда сохт. Эй, мардум! Аз теғи сухан эҳтиёт кунед!» [1, с. 75].

Масъалаи омодагии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ яке аз мавзуъҳои мубрам ба шумор меравад, зеро маърифати баланди оиладорӣ ба ҳамаи ҷанбаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ аҳаммияти калон дорад. Дар ин бора муҳаққиқ-педагог М. Яновский дар мақолаи «Этикаи хона» чунин навиштааст: «Донишҳои педагогӣ бояд ба падару модарон васеъ тарғиб карда шавад, то ки онҳо дар оилаҳои хеш мавриди корбарӣ қарор диҳанд ва кӯдакони худро ҳамчун шахсияти гуманист ба камол расонанд. Агар фарзандон дар муҳити оила ба ҷои меҳрубонию раҳмдилӣ, эҳтироми ҳамдигар ва садоқатмандӣ вазъиятҳои ихтилофангез ва зуровариро бубинанд, он гоҳ маслиҳатҳои педагогӣ барои онҳо бефоида мебошад. Инчунин, таҷрибаи оиладории волидайни худро дар оилаҳои худ ҳамчун мерос интиқол медиҳанд». Ба андешаи З. Перепелица, «дар мактаб чӣ гуна курсҳою сиклҳои тарбиявӣ ҷорӣ нагарданд ҳам, шаҳрванди оянда маърифати оиладориро маҳз дар оила аз худ мекунад. Инчунин, муҳити оила ба тамоми ҷанбаҳои маънавӣ ва тарбиявии ҳамсарони оянда таъсири амиқ мерасонад». Воқеан ҳам, шахс беҳтарин хислатҳои инсониро дар оила ташаккул медиҳад, беҳтарин ва мувофиқтарин даврае, ки шахс ба муҳити иҷтимоӣ мутобиқ мешавад, дар назди падару модар мегузаронад. Дар масъалаи тарбияи дурусти фарзандон дар оила муҳаққиқ А.С. Меликсетян соли 1976 дар «мизи мудаввар»-и «Литературная газета» қайд намуда буд, ки вақте расидааст дар бораи тарбияи кӯдакон дар муҳити оила фикр намоем ва онҳоро аз ҳад зиёд панду насиҳат накунем, зеро омили асосии тарбия дар оила ин ибрати шахсияти падару модар мебошад. Масалан, «Муҳаббати модар – ин ҳаловату осоиш аст ва барои он хизмат кардану ба он сазовор шудан муносибати дутарафаро ҳам аз волидайн ва ҳам аз фарзанд талаб мекунад» [7].

Академик Г. Наан дар мақолаи худ бо номи «Мард-зан ва қонуни дуюми термодинаминӣ», ки дар «Литературная газета» чоп шудааст, чунин андеша дорад: «Дар давраи мо аз зиёдшавии шумораи ҷудошавии ҳамсарон дар ҳайрат мондан, ин тахминан ба он монанд аст, ки мо аз зиёдшавии фалокатҳои нақлиётӣ ва қурбониҳои он дар ҳайрат мемонем. Охир дар замонҳои пеш ҳам одамон савора буданд, вале қурбониҳо кам буд. Ҳамаи гап дар сари он аст, ки аробаи пештара аз «жигулии» ҳозира аз ҳам ба куллӣ фарқ мекунад. Чизеро муфт гирифтан мумкин нест! Ба ҳар ҳол, албатта, «муздро» кам кардан лозим ва кам кардан мумкин аст!». Ба сатри охир таваҷҷуҳ намоед: «муздро» на фақат кам кардан лозим, балки кам кардан мумкин аст. Пеш аз он ки дар бораи ин имконият сухан ронем, аниқ кардан зарур аст, ки сабабҳои конкретии психологию иҷтимоӣ ҷудошавии ҳамсарон дар чӣ зоҳир мегардад, ошкор намуд. Албатта сабабҳое, ки ба мустаҳкамии муносибатҳои оилавӣ

таъсир мерасонанд, гуногунанд. Доир ба ин масъала мутахассисон фикру ақидаҳои гуногун доранд. Ба андешаи мо, сабаби асоси бархурди ақидаҳо ва низои оилавӣ аз лиҳози психологӣ ба ҳамдигар мувофиқ набудани ҳамсарон мебошад. Ба қатори сабабҳои сотсиологӣ бошад, урбанизатсия, муҳоҷират, ба ҳаёти оилавӣ омода набудани ҷавонон ва ғайра дохил мешаванд. Мувофиқи ақидаи мо, ба сабабҳои асосии сотсиалогии низоъҳои миёни ҳамсарон пеш аз ҳама маърифати пасти оиладорӣ, эҳтиром нагузоштан ба шахсияти якдигар дохил мешаванд. Инчунин, суст шудан ва ё барҳамхӯрии эҳтироми ҳамдигар ба пойдории оила таҳдид мекунад. Дар аксар ҳаёти оилавӣ вазъияти низоъангез дар сатҳҳои гуногун ба вуҷуд меояд, вале бо сабабу натиҷаҳои мухталиф. Аммо асоси онро низоъҳои байниҳамии ҳамсарон ташкил медиҳад. Маврид ба тазаккур аст, ки ҳар як сухан ва амали нафари солимақл бомақсадонаю ҳадафмандона сурат мегирад. Вале ӯ намедонад, ки таъсираш ба дигарон низ мерасад. Аз ин лиҳоз, «ҳар як шахси баркамол бояд ҳадафмандона зиндагӣ намояд. Зеро аз ин муносибат на танҳо худи ӯ, балки дигарон ҳам руҳбаланд мегардад» [5, с. 96].

Аз муҳокимаҳои боло ба хулоса омадан мумкин аст, ки саривақт пешгирӣ накардани низоъҳои оилавӣ ба пошхӯрии оила сабаб мешавад. Аз ин рӯ, донистани сабабҳои низоъҳои оилавӣ имконият медиҳад, ки барномаи пешгирӣ намудани онро роҳандозӣ намуд. Зеро яке аз сабабҳои асосан низоъҳои оилавӣ, ин қонеъ нагаштани талаботи модию маънавӣ мебошад. Ҳаминро ба асос гирифта, чунин гурӯҳбандии низоъ вуҷуд дорад:

Низоъҳо ва ҷудошавиҳое, ки дар асоси қонеъ нагаштани талаботи шахс (зан ё шавҳар) ба вуҷуд меояд, «Ман»-и ӯ эҳтиром намешавад ва нисбати ҳамдигар беэҳтиромиро раво мебинад.

Низоъҳо ва шиддати руҳӣ, ки дар заминаи қонеъ нагаштани талаботҳои шаҳвонӣ ба амал меояд. Сабаб, бемориҳои гуногуне, ки яке аз ҳамсарон ба онҳо гирифтор аст.

Пайдоиши бошидатии руҳӣ, депрессия, муноқишаҳо дар асоси қонеъ нагаштан аз эмотсияҳои мусбат. Масалан, меҳрубонӣ, дилсӯзӣ, ғамхорӣ ва ғайра.

Майли зиёди яке аз ҳамсарон ё ягон аъзои оила ба истифодаи машруботи спиртӣ, бозиҳои шавқангезу дилхушкунанда ки метавонанд ба иқтисодиёти оила зарар расонанд.

Мухолифат дар масъалаҳои молиявии оила. Яъне, яке ба хазинаи хона маблағ ворид мекунаду дигаре не.

Баъзан набудани ёрии байни ҳамдигарӣ ё тақсимоти нодурусти вазифаҳо миёни ҳамсарон дар таълиму тарбияи фарзандон метавонад ба сар задани низоъ боис гардад.

Ҳамаи омилҳои болозикр метавонанд ба муносибатҳои ҳамсарон ва дигар аъзои оила таъсири амиқ расонида, вазъияти низоӣ ва ҳатто ҷудошавии ҳамсаронро ба миён орад. Саволе пайдо мешавад, ки зуҳуроти психологии низоъро чӣ тавр бояд муайян кард? Ин аломату нишонаҳои зеринро доро мебошад:

Бо овози баланд сухан кардан бо ҳамсар ё дигар аъзои оила.

Нисбати якдигар суханҳои таҳқиромез гуфтан.

Таҳқири беасос намудани ҳамсар ё дигар аъзои оила.

Ба якдигар бо мимика ва понтамимикаи манфӣ нигаристан ё қиёфабозӣ намудан.

Пайваста баҳсу мунозираи бемаврид кардан.

Ҳақиқат ё андешаи худро бо роҳи зӯроварӣ ба ҳамсар ва дигар аъзои оила исбот кунонидан.

Ҳамин тавр, ба хулоса омадан мумкин аст, ки барои пешгирӣ ва аз байн бурдани низоъҳои оилавӣ бояд ҳар як ҳамсар ба он кӯшиш намояд ва дар мадди аввал манфиату талаботи умумиоилавиро гузорад, сипас, манфиату талаботи шахсии худро. Ҳамзамон ҳамсарон дар муносибату муошırати оилавӣ ва таълиму тарбияи фарзандон аз ибораҳои «Мо», «Аз мо», «Барои мо» ва ғайраро, ки ифодакунандаи эҳтироми шахсияти ҳар як аъзои оила мебошад, васеъ истифода бурданашон лозим аст. Инчунин, агар ҳамсарон дар вақтҳои холӣ ва истироҳатӣ ҳамроҳ бо аъзои оила бошанд, ин амал метавонад эмотсия ва ҳиссиёти манфиро аз байн бубарад. Воқеан ҳам, баинобатгирии назарияҳои иқтибосшудаи муҳаққиқону андешаҳои муаллиф асоси муносибатҳои бенизоъ ва шарти солимгардонии оила шуда метавонад.

## АДАБИЁТ:

1.Давлатов М. Роҳнамои ёрии психологӣ ба ҷабрдидагони зӯроварии хонаводагӣ (Дастури таълимӣ-методӣ). – Душанбе, 2011. – 79 с.

2.Дьяченко М. И., Кандыбович Л.А. Психологический словарь – справочник. – Мн.: Харвест. – Мн.: АСТ, 2001

3.Расулов С.Х., Каримиён Қ.М. Масоили мубрами психологӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ).–Душанбе, 2014. – 320 с.

4.Раҳимзода Х., Ёрмуҳаммадзода Ш., Назирова Л., Амонов Н. Маърифати оиладорӣ (Китоби дарсӣ барои синфи 10). – Душанбе, маориф. – 2015, 192 с.

5.Саидзода Б.Х. Асосҳои психологии муносибатҳои оилавӣ. – Душанбе, 2024. – 116 с.

6.Шнейдер Л.Б. Семейная психология. – М.: Академический проект-Екатеренбург: Деловая книга, 2006. – С. 333

7.Эрих Фромм. Искусство любить. Бесплатная электронная библиотека Royallib.ru.http:// royallib.com/ book/fromm_erih/iskusstvo_lyubit.html

## ТАЪСИРИ ПСИХОЛОГИИ НИЗОЪ БА МУНОСИБАТҲОИ ОИЛАВӢ

Дар мақолаи мазкур таҳлили таъсири психологии низоъ ба муносибатҳои оилавӣ сурат гирифта, мубрамияти он аз диди муаллиф ва муҳаққиқони барҷаста дарҷ гардидааст. Зеро оила яке аз шаклҳои қадимтарини ҳаёти ҷамъияти инсонӣ буда, моҳиятан коллективи оддитарини одамонро ташкил медиҳад, ки аз замонҳои қадим миёни аъзоаш низоъ дида мешуд. Аз ин лиҳоз, низоъ аз ҷониби мутахассисони соҳаҳои гуногун аз қабили сотсиология, психология, фалсафа, педагогика, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқ, иқтисодиёт ва ғайра мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ки ҳар яке аз нуқтаи назари методологияи худ баҳогузорӣ намудаанду менамоянд. Яъне масъалаи мазкур то ба имрӯз мубрамияти худро нигоҳ доштааст.

Маврид ба зикр аст, ки мушоҳидаҳои ҳаётӣ ва тадқиқоти иҷтимоӣ-психологӣ нишон медиҳанд, ки дигаргуншавии муносибатҳои оилавӣ дар асри XXI дар заминаи бархурди тамаддунҳо ва чолишҳои дигари замони муосир ба миён омада истодааст. Аз ин рӯ, барои ташкил намудани оилаи сунатию устувор маърифати баланди оиладориро ба насли наврас омӯзонидан лозим аст. Зеро пешгирӣ ва ошкор кардани сабабу омилҳо ва оқибатҳои психологии ба миён омадани низоъ дар оила имконпазир мегардад.

Ҳамин тавр, мавзуи мазкур бо назардошти андешаҳои муҳаққиқони барҷаста аз ҷониби муаллиф таҳлили психологӣ гардида, омилу сабабҳои сар задани низоъҳои оилавӣ матраҳ гардидааст.

***Калидвожаҳо:*** *низоъ, оила, ҳамсарон, муносибатҳои дохилиоилавӣ, бахшидан, ҷудошавии ҳамсарон, маърифати оиладорӣ, устувории оила, фарзандон, таълиму тарбия, психология.*

## ПСИХОЛОГИЧЕСКОЕ ВЛИЯНИЕ КОНФЛИКТА НА СЕМЕЙНЫЕ ОТНОШЕНИЯ

В данной статье сделан анализ психологического влияния конфликта на семейные отношения и зафиксировано его значение с точки зрения автора и видных исследователей. Поскольку семья является одной из древнейших форм жизни человеческого общества, она, по сути, образует самую обычную группу людей, издревле наблюдающую конфликты между своими членами. С этой точки зрения конфликт изучают специалисты различных областей, таких как социология, психология, философия, педагогика, политология, право, экономика и другие. То есть этот вопрос сохранил свою значимость до сегодняшнего дня.

Стоит отметить, что жизненные наблюдения и социально-психологические исследования показывают, что изменение семейных отношений в XXI веке было вызвано столкновением цивилизаций и другими вызовами современности. По этой причине необходимо обучать молодое поколение высоким семейным знаниям, чтобы создать стабильную семью. Потому что становится возможным предотвратить и выявить причины, факторы и психологические последствия конфликта в семье

Таким образом, данная тема психологически проанализирована автором с учетом мнения видных исследователей, а также обсуждены факторы и причины возникновения семейных конфликтов.

***Ключевые слова***: *конфликт, семья, супруги, семейные отношения, прощение, расставание супругов, брачное воспитание, стабильность семьи, дети, образование и воспитание, психология.*

## PSYCHOLOGICAL IMPACT OF CONFLICT ON FAMILY RELATIONSHIPS

This article analyzes the psychological impact of conflict on family relationships and records its significance from the point of view of the author and prominent researchers. Since the family is one of the oldest forms of life in human society, it, in fact, forms the most common group of people, which has been observing conflicts between its members since ancient times. From this point of view, conflict is studied by specialists in various fields, such as sociology, psychology, philosophy, pedagogy, political science, law, economics and others. That is, this issue has retained its significance to this day.

It is worth noting that life observations and socio-psychological studies show that changes in family relationships in the 21st century were caused by the clash of civilizations and other challenges of our time. For this reason, it is necessary to train the younger generation in high family knowledge in order to create a stable family. Because it becomes possible to prevent and identify the causes, factors and psychological consequences of conflict in the family.

Thus, this topic has been psychologically analyzed by the author, taking into account the opinions of prominent researchers, and the factors and causes of family conflicts have been discussed.

***Key words:*** *conflict, family, spouses, family relationships, forgiveness, separation of spouses, marriage education, family stability, children, education and upbringing, psychology.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Саидзода Баҳрулло Хол – доктори фалсафа Phd, аз рӯйи ихтисоси психология, дотсент, мудири кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тел: 987957070, Email: bahrullo_90@mail.ru*

***Сведения об авторе:*** *Саидзода Бахрулло Хол – доктор философии PhD, по психологии, дотсент, заведующий кафедры психологии философского факультета Таджикского национального университета.Тел: 987957070, электронная почта: bahrullo_90@mail.ru*

***Information about the author:*** *Saidzoda Bahrullo Khol – doctor of philosophy PhD in psychology, dotsent, head of the department of psychology, faculty of philosophy, Tajik national university.*

*Phone: 987957070, Email: bahrullo_90@mail.ru*

**УДК 891.550-3 (092)**
**ББК. 83.3 +84 тоҷик 7-4**
**Х-94**

# АҲАМИЯТИ ТАРБИЯВИИ ҲИКОЯҲОИ НАВИСАНДА АБДУЛҲАМИД САМАД

***Қадамзода А. Х.***
**доктаранти (PHD) ДДОТ ба номи С. Айнӣ**

Аҳли назар бар онанд, ки илм ва адабиёт, чун шохаю соҳаҳои дигари табиат ва рӯзгори зодагони Одам, ҳатман тибқи қонунҳои вижа рушду нумӯъ мекунанд. Агар илм ба василаи кашф кардани асрори ҳодисаҳои мураккаби табиат ва ҷомеа пешрафт бинамояд, адабиёти бадеӣ бо ҷодаи навоварии асил ва дахолати ҷиддӣ ба муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти халқ пеш меравад. Дар бунёди таърихи адабиёти нав ва навтарини тоҷик теъдоди назаррасе шоиру нависандагон муносиби қудрату ҳимматашон саҳмгузорӣ кардаанд, лекин, нуктае мусаллам аст, ки ҷойгоҳ, симо ва муҳтавою моҳияти адабиёти ҳар давра ва, бешубҳа, дар умум мақоми адабиёти моро суфтагароне муайян менамоянд, ки суханоне тоза гуфтаанд, дар раванди адабии миллӣ нақши муассире доштаанд ва роҳи наве дар инкишофи санъати нафиса тахту ҳамвор сохтаанд [11;25].

Нависандаи тавоно Абдулҳамид Самад, ки эҷодиёташ маҳз дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба авҷи камолот расид, аз ин зумра ба шумор меояд. Мавсуф ба шарофати дониши амиқ зеҳни бурро, заковати аъло ва забондонӣ дар адабиёт роҳу мактаби хоссаи хештанро ба вуҷуд оварда, барҳақ, дар радифи нависандагони олами адаби тоҷик мақоми воло касб карда тавонист. Устод ба арсаи адабиёт бо мавзую масъала ва сабки хосси эҷодии хештан гом ниҳода, маҳз ҳамон роҳеро пеш гирифтааст, то кунун нопаймуда арзёбӣ мешавад. Абдулҳамид Самад, бидуни тардид, аз ҷумлаи кашшофонест, ки эшонро муаммогаро ва ҷӯяндаи бархӯрдҳои ғайриодии инсонӣ унвон кардан шоистатар хоҳад буд.

Албатта, мавзуи пажуҳиш ва омӯзиши мухтассоти ҳикояҳои ин суханпардози замонамон басе пурвусъат аст ва имконе нахоҳад буд, ки он дар ҳаҷми мақолае ҳаматарафа ва чуқур баррасӣ карда шавад, бинобар ин, амали мазкурро дар мадди назар дошта, айни ҳол танҳо бо матраҳ кардани баъзе хусусиятҳои чанд иншои кӯчаки устод Абдулҳамид Самад иктифо мекунем.

Аслан, адиби хушсалиқа Абдулҳамид Самад исбот карда тавонистааст, ки дар ҳикоянависӣ дасти тавоно дорад. Дар омади гап бояд гуфт, ки аксари соҳибқаламони тоҷик пас аз соҳибхтиёр гардидани давлатамон аз чӣ бошад, ки ба ин жанри муҳим ва заҳматталаб камтар таваҷҷуҳ зоҳир карда, шояд бо тақозои талотумҳои пуршиддати рӯзгор, дигаргуниҳои сарнавиштсози миллату давлат ва бархӯрдҳои оштинопазири неруҳои тавонои сиёсии дар солҳои манҳуси навадуми асри гузашта дар кишварамон ҷойдошта бештар ба асарҳои бузургҳаҷм, бавижа роману қисса, рӯй оварданд ва бад–ин сабаб, мутаассифона, ҷабҳаи асарҳои хурд, махсусан ҳикоя, ба андозаи назаррасе тангу маҳдуд гардид. Вале, эътироф бояд, ки вафодорӣ ва авлавият муносиб дидани чанд тан аз адибони шинохта, аз ҷумла устод Абдулҳамид Самад, нисбат ба жанрҳои кӯчаки адабӣ костагие надид. Ба назари мо, ин падидаи хуб, дар навбати якум, аз истеъдод ва ҳунари баланди эҷодкори мазкур гувоҳӣ медиҳад.

Дар маҷмуаи «Ёр дар бари ёр» (Нашриёти «Адиб», 2019) ҳашт иншои хурд ва қиссаю эссеи Абулҳамид Самад гирд оварда шудаанд. Аз ишораи худи мураттиб, ки «Мистер»–ро ба жанри қисса ва «Достони нотамоми Масчоҳ»–ро ба шакли эссе мансуб дониста, ҳаштои

дигарро ҳикоя ба шумор овардааст, бояд нисбат ба ҷинсияти иншоҳои кӯчаки муаллиф шубҳае зоҳир нанамоем. Мароди мо дар ин бобат асло боз кардани домани баҳс нест. Танҳо бар он ҳастем, ки маҳз ҳамин ҳашт навиштаи басе пурмуҳтаво, пурдарду ғам ва дар равонӣ ба сони оби Варзоб дилпазири устод Абдулҳамид Самад аз ҳикоя дида барҷастатар хусусиятҳои хоси жанри умуман барои адабиёти ҷаҳонӣ, аз ҷумла барои адабиёти мо, нодири новелларо дар худ таҷассум кардаанд. Воқеан, ин падидаи марғуб ва хеле писандида, ҳамзамон, дар таърихи адабиёти ватанӣ ба ҳайси бозёфти хубе пазириш бояд ёбад.

Албатта, ин даъво беасос нест, зеро яке аз адибони машҳури ҷаҳонӣ Иоҳан Ҳёте таъкид кардааст, ки новелла «воқеаи мислаш диданашудаест, ки дар ҳаёт рӯй медиҳад» [2;336]. Воқеан, зарури ташреҳ аст, ки «новелла» дар тарҷума аз забони италиёӣ низ «навигарӣ» мешаваду то андозае ҳамон муҳтавои баёндоштаи заршиноси олмониро ифода менамояд. Далели дигар он аст, ки новелла жанри хурди адабӣ буда, ба ҳикоя қаробати хеле наздик дорад, вале бо сохт, таркиб ва рӯйдоди фарогирифтааш аз он фарқ менамояд. Ва ниҳоят, фазилати аз ҳама асосии новелла воқеияти ҳақиқии ҳаётро тасвир карданаш маҳсуб мешавад, ки ин хусусиятро наметавон ба тамоми ҳикояҳо нисбат дод. Шояд асоси тахайюлӣ доштани ҳикоя будааст, ки аксари адибоне, ки рӯйдодҳои ҳаётиро тасвир кардани шаванд, ҳатман ҷинси онро дар гунаи «Ҳикояи воқеӣ» таъкид менамоянд. Яъне, аз ин рӯ, чунин навиштаҳои эшонро ба майли хотир новелла ба шумор овардан шоистатар аст. Донишмандони соҳа ҳикояҳои китоби пуршуҳрати «Декамерон»–и Ҷордано Бокаччо, Антон Чехов, Ҳаким Карим, Раҳим Ҷалилро ба унвони новелла шинохтаанд. Ба андешаи мо, бисёр ҳикояҳои навпардозона ва пуробуранги «Ёддоштҳо»–и устод Айнӣ, «Маъвои дил»–и Раҳим Ҷалил, «Субҳи ҷавонии мо»–и Сотим Улуғзода, «Растохези сухан»–и Гулназарро бо камоли боварӣ новелла ҳисобидан дуруст мебуд.

Аз ҳамин дидгоҳ ҳикояи «Ёр дар бари ёр», «Ғамхӯрак», «Сайри Варзобу аёдати устод»–и Абдулҳамид Самадро намунаи баланд ва ибратпазири новеллаи адабиёти тоҷик баҳо додан меарзад. Нуктае бисёр аҷиб аст, ки худи муаллиф дар тафриқа аз ҳикояҳои дар маҷмуа ҷойдодааш жанри иншояш «Булбулони шаҳр ва зоғ»–ро мушаххасан дар гунаи «Ангора» сабт кардааст. Яъне, устод онро аз ҳикоя фарққунанда ҳисобидааст. Ба андешаи мо, ҳикояҳои зикршуда ва ҳамин ангора сад дар сад ба талаботи жанри новелла посухгӯ ҳастанд, зеро, ҳамагӣ ба ҳамон хислати ҷинси италиёӣ, яъне, навигарӣ, тозабаёнӣ комилан доро мебошанд.

Азбаски новелла рӯнамогари ҳаёти воқеӣ аст, аз як тараф, ҷаззобияташ дучандон буда, аз тарафи дигар, хислати шӯрангезиаш дар рӯҳу зеҳни хонанда инқилоби ҳақиқӣ меангезад. Муҷиб ҳамин аст, ки хонанда бо қаҳрамони бофтаю хаёлӣ не, бо шахсияти мушаххасе ҳамсуҳбату ҳамроз мешавад, ки аз шуҳрату овозааш хабардор асту шахсияташро танҳо тибқи овозаю миш– мишҳо ва меъёрҳои давру замон барои хештан тасаввур мекард. Шигифтангез аст, ки, масалан, новеллаи «Ёр дар бари ёр», ки, воқеан, нақли чандон калон нест, дар олами руҳонии кас, бахусус, насли ҷавон, ки аз гузаштаҳои нисбатан дури замонаш огоҳии басанда надорад, таҳаввулот бармеангезад ва имкон фароҳам месозад, ки тавассути ҳамин як лавҳаи кӯчаке симои инсонеро дарёфта тавонад, ки барои халқу Ватан хидматҳои бузург карда будааст, ки на бар ҳар раҳбар хос аст. Аз ин нигоҳ новеллаи мазкур ба масобаи лавҳае шинохта мешаваду ба хонанда чунон таъсире мерасонад, ки гӯё бори як достони бузургро мекашид.

Агар маҳз аз лиҳози новеллаи «Ёр дар бари ёр» умуман ба офаридаҳои Абдулҳамид Самад назар карда шавад, бо тафохур метавон дарёфт, ки, пеш аз ҳама, амиқии андеша, куллан, нишонрас будани ҳадаф ва рехтаву пухта будани сухан ба ин эъҷозгар хос аст. Қариб дар тамоми навиштаҳои эшон лавҳаҳои ҳаётӣ мавқеи марказӣ касб карда, дар онҳо масъалаҳои доғу муассиркунандаи одамоне мавриди тасвиру таҳқиқ қарор мегиранд, ки ҳамсоя, ҳамкор, хешу пайванд, ба як сухан, одамони зинда ҳастанд. Дар бештарини онҳо муҳимтарин ва пурҷозибатарин хислати новелла – ҳақиқатнигорӣ баръало зуҳур карда, пуртаъсирии онҳоро дуболо месозад. Таҷассуми рӯшани ин фазилати муҳими осори бадеӣ дар новеллаи «Ёр дар бари ёр» ба андозаест, ки чашмони дили ҳатто нафарони хорониҳодро ҳам боз мегардонад ва водор месозад, ки бандаю ғарраи ҳар лаҳзаю соати зиндагӣ набошанд ва ҳушдор медиҳад, ки ҳикмати Хайёми ҳакимро ҳамеша дар ёд дошта бошанд: айёми умр зудгузар аст ва асло нахоҳӣ донист, ки он кай омаду кай шуд.

Муҳаққиқони шинохта Худоӣ Шарифов, Бадриддин Камолиддинов, Раззоқ Ғаффоров ва Атахон Сайфуллоев [13;58] муътақид ҳастанд, ки яке аз муҳимтарин хислатҳои ҳикоя

кӯтоҳбаёнӣ ва муъҷазгуфторӣ пазируфта шудааст. Ба назари мо, дар ин бобат устод Абдулҳамид Самад сабқат аз ҳамагон рабуда, мисоли барҷастаи даъвои мазкур порае аз новеллаи «Ёр дар бари ёр» буда метавонад: ***«Бахту тахт, шодиву рӯзи хуш баногоҳ аз ӯ ва аҳли хона рӯ тофт. Манзиле, ки аз нишот пур буд ва деги зиндагӣ ҳамеша дар он меҷӯшид, ба ғамхона табдил ёфт, сарду дилгазон шуд. Дару дарвоза баста, рӯз офтобиву сафед, вале дилҳо сиёҳу торикистон. На посбонҳо монданду не хизматгорҳо. Ба хушомадгӯён ҳам якбора офат расид, ки пайи пояшон аз ҳавлӣ канд, гуми гум шуданд. Дастгоҳҳои телефон чӣ? Булбули гӯё буданд».*** Ин ҷо нависанда расо сездаҳ ҷумлаи сода – бархеро дар алоҳидагӣ ва баъзеи дигарро дар шакли чидашуда – овардааст. Ягон ҷумла ягон хасу хошоки барзиёд ва ё нодаркор надорад. Ва аҷиб, ки ҳар яке бори гароне бар дӯш гирифта. Ҳар кадом ба дилу зеҳни хонанда кора накарда намемонад. Ин, барҳақ, ҳунари волои нависандагӣ ва хислати наҷиби новелласароист!

Чунонки зикраш дар боло рафт, қаҳрамони «Ёр дар бари ёр» шахсияти маълуму маъруф маҳсуб мешавад. Муаллиф ба ҳайси эпиграф таъкид менамояд, ки новелла ба «Ёди неки Турсун Ӯлҷабоев» бахшида шудааст. Иқрор бояд шуд, ки хонандагони солор бидуни луқмаи мазкур низ баробари хондани сархати якум ҳамоно шахсияти қаҳрамонро дарёфта метавонистанд.

Бояд зикр кард, ки нависандаи нуктасанҷ ҳамагӣ як лавҳаи хурди рӯзгори собиқ роҳбари Тоҷикистони шӯравӣ – котиби якуми Комитети Марказии Партияи коммунисти республика Турсун Ӯлҷабоевро мавриди тасвиру таҳлил қарор додааст. Аз ибтидо то интиҳо боре номи ӯ ва иштирокдорони дигар вирди забон карда намешавад. Ва, ба андешаи мо, маҳз ҳамин услуби махфидории номи қаҳрамонон ҷаззобият ва таъсири асарро дуболо кардааст. Нависанда ҳолати рӯҳию равонии Мардро бо камоли ҳунармандӣ тасвир карда, ба он муяссар шуда тавонистааст, ки хонанда ба хулосаи асосӣ, яъне, ба фармудаи лиссонулғайб Ҳофизи Шерозӣ – «Доиман яксон намонад ҳоли даврон…» дар мисоли сарнавишти талху шӯри фарде нағзакак сарфаҳм биравад, ки ҳамагӣ чанд рӯз муқаддам тамоми зимомдорони замони як республика дар ҳузураш даст пеши бар меистоданду хостаашро бо ними ишора иҷро менамуданд; ҳоло бошад, аз саги ҳавлӣ садо ҳасту аз он ҳама дастёрону хизматгорон, хушомадгӯёну ситоишгарон, ҳамтабақу косалесон, ба ном ёру дӯстон, «ҷиян»–ҳои сершумор на пай ҳасту на Ҳайдар. Ӯ шояд акнун дармеёбад, ки ин тӯдаи мисоли хомӯшак шилқин ҳамагӣ ошиқу дӯстдори мансабаш будаанду бас. Натиҷаи ин пешомади ногуворро нависанда чунон тасвир карда тавонистааст, ки, бидуни муболиға масти лояқилро ҳушёр менамояд: ***«Акнун… Саволҳои беҷавоб ё ҷавобталаб бешуморанд; ҳам дар дили ӯ, ҳам дар қалби зану фарзандон, ҳам дар сару забони соҳибмансабони ҳанӯз аз курсӣ наафтода ва мардуми кӯчаву бозор. Бо соҳиби курсии баланду тахт шудан дӯстони нониву забонӣ ва душман пайдо бикунӣ, аз шикасту номӣ сад ранг афсонаи даҳони мардум мешавӣ».*** Ана, ҳамин дарси омӯхтаи қаҳрамон барои ҳар кадоми мо сабақи калони ибратпазир буданаш сахт воҷиб аст.

Дар саросари новеллаи «Ёр дар бари ёр» таъкиде ба сони риштаи сурх ба назар мерасад: Мард роҳбари бо сиёсату ҷиддӣ буд; дар чиҳилсолагӣ зимоми роҳбарии давлатро ба даст гирифта, дар тӯли панҷ соли фаъолияти пурҷӯшу хурӯш корҳоеро ба сомон расонида тавонист, ки ҳамсояҳои бадрашк, ҳатто, ба чаҳоряки онҳо муяссар нашудаанд; кор ба ҷое расида буд, ки шарафи ҳамтабақӣ бо худи Котиби якуми Комитети Марказии КПСС–ро дарёфта тавонист. Муаллиф ин нуктаро чунин ба қалам медиҳад: ***«…муносибаташ бо сарвари ҳизби коммунисти давлати Шӯравӣ чунон наздики наздик буд, ки ба қавле, аз байнашон мӯ намегузашт. Ба гуфти ҳолдонҳо, ӯ ба дидадаророӣ чунон дар дили Одами Аввал ҷо ёфт, ки писархондаш пазируфт. Дил ёбу қанд хӯр!».*** Лекин, бояд гуфт, ки ҳадафи калидии муаллиф танҳо пас аз баёни мулоҳизаи боло оварда мешавад, ки ҳаяҷон ва шавқу завқи он хонандаро ба чуқур ва басе мунсифона андешидан ҷиддӣ водор месозад: ***«Ин имконро на барои худ, балки ба хотири замина гузоштан баояндаи неки Тоҷикистон истифода бурд. Нияти нек – ними давлат».***

Хонанда дарк менамояд, ки дар новелла ба кадом «замина» ишора мешавад. Ӯро муаллиф дар ин ҷода танҳо нагузошта, огоҳ месозад, ки ***«Дар як ҷумҳурии хурдакак бунёди бузургтарин неругоҳи обии барқӣ, бастани пеши дарёи Вахш, байни кӯҳҳо ба вуҷуд омадани обанборе шабеҳи баҳр»*** ҳанӯз номгӯйи пурраи корномаҳое нестанд, ки ин Мард ба хотири шукуфоии Тоҷикистони азизаш ба ҷо овардааст. Баробари бунёди неругоҳи «Норак» қомат рост кардани заводи бузург ва силсилаи корхонаҳои нодири кимиё дар водии Вахш минбаъд муҷиби ҷаҳиши баланде гардиданд, ки бидуни ҳастӣ ва чашмикордонии сарвари ондавраи

кишвар Турсун Ӯлҷабоев, ки он аз соли 1956 то 1961 насибаш шуда буд, ба ҳеч ваҷҳ имкон надошт. Чунин бахт барои мардуми мо танҳо ба шарофати дили «Одами Аввал»–ро ёфта тавонистани Мард даст доду бас. Аз таҳлили нависанда баръало эҳсос мешавад, ки ӯ ба хираду заковат ва дилёбии қаҳрамонаш тан дода, ба саҳми беназири ӯ бо самимияти тамом сипосгузорӣ менамояд ва зимнан аз имрӯзиён ҳамин қадршиносиро тақозо медорад: ***«Бешак, бунёди силсилаи иншоотҳои бузурги саноатӣ дар оянда ба болоравии иқтидори иқтисодӣ, раҳидан аз муҳтоҷиву дастнигарӣ, хуб шудани сатҳи зиндагии мардуми Тоҷикистон мусоидат мекунад. Тавонист! Донист, ки дар худат набошад, дар олам нест. Мубориза бурд, замина гузошт. Ободӣ, чарогон шудани саросари Тоҷикистон, афзун гардидани корхонаҳои саноатии боиқтидор, обшор кардани заминҳои ташналаб, ба вуҷуд омадани майдони касбу кор ва тарбияи мутахассисон».***

мекунад, то тавозуни байни ниёзҳои шахсӣ ва талаботи иҷтимоиро нигоҳ дорад. Мафҳуми худтанзимкунӣ, ки дар аввал тавассути назарияҳои машҳури равоншиносӣ, аз ҷумла назарияи когнитивӣ-рафторӣ ва назарияи мотиватсионӣ баррасӣ шудааст, дар рушди шахсият ва ҳаёти равонӣ мавқеи хосса дорад.

Наврасӣ як марҳилаи муҳимми рушд ва ташаккули шахсият аст, ки дар он рафтор ва қарорҳои шахс ба таври ҷиддӣ таъсир мегиранд. Дар ин давра, худтанзимкунии рафторӣ (self-regulation) як механизми асосӣ барои наврасон мегардад, ки ба онҳо кӯмак мекунад, то дар шароити гуногуни иҷтимоӣ, маънавӣ ва психологӣ мувозинат пайдо кунанд. Дар худтанзимкунӣ наврасон рафтори худро таҳлил, назорат ва танзим мекунанд, ки ин ба онҳо имкон медиҳад то рафторҳои номатлубро пешгирӣ кунанд ва ҳадафҳои шахсиро пайгирӣ намоянд.

Мафҳуми худтанзимкунӣ дар равоншиносӣ васеъ истифода мешавад ва бо қобилияти шахс дар идора ва назорат кардани рафтор, фикрҳо ва эҳсоси худ алоқаманд аст. Тибқи назарияҳои машҳури равоншиносӣ, худтанзимкунӣ як равандест, ки ба воситаи худназораткунӣ (self-monitoring), худбаҳодиҳӣ (self-evaluation) ва худмуайянкунӣ (self-reinforcement) сурат мегирад. Ба ақидаи Алберт Бандура, худтанзимкунӣ як механизми дохилӣ мебошад, ки ба шахс имкон медиҳад, то ба воситаи худназораткунӣ ва худбаҳодиҳӣ рафторҳои худро танзим кунад [2;с. 248].

Тадқиқоти илмӣ дар ин соҳа на танҳо нақши худтанзимкуниро дар ташаккули рафторҳои мусбӣ ва рушди шахсӣ омӯхтаанд, балки инчунин муносибатҳои байни ин раванд ва дигар ҷанбаҳои равонӣ, ба мисли худшиносӣ ва ҳувияти шахсиятро таҳлил намудаанд. Таълимоти назариявии худтанзимкунӣ равишҳои гуногунро фаро мегиранд, ки дар байни онҳо равиши субъектӣ-фаъолиятӣ нақши муҳим мебозад. Ин равиш худтанзимкуниро ҳамчун раванде баррасӣ мекунад, ки ба ҳадафҳои фаъолият ва қабули қарор дар муҳити мураккаб нигаронида шудааст. Маҳз ҳамин фаъолият ва раванди ташкили рафтори худи шахс ба ӯ имкон медиҳад, ки онро бо талаботи вазъият ва интизориҳои дигарон мувофиқ созад. «Масъалаи қонуниятҳои худтанзимкунии фаъолият аз ҷониби шахс дар чаҳорчӯбаи умумии муносибати субъективии омӯзиши психикаи инсон яке аз ҷойҳои марказиро ишғол мекунад» [10;с.4]. Ин аҳамияти омӯзиши худтанзимкуниро ҳамчун яке аз равандҳои асосӣ дар рушди наврасон, ки намунаҳои рафтори иҷтимоӣ ва шахсии худро ташаккул медиҳанд, таъкид мекунад.

Яке аз тадқиқоти назаррас дар соҳаи худтанзимкунии рафтор таҳқиқоти О.А. Конопкин мебошад, ки худтанзимкуниро ҳамчун механизми умумии идоракунии рафтор шарҳ медиҳад. Дар асараш "Функциональная структура саморегуляции деятельности и поведения" (1989), Конопкин мегӯяд, ки худтанзимкунӣ қобилияти дохилии шахс барои танзими рафтор ва фаъолияти худ дар асоси арзишҳои дохилӣ ва ҳадафҳои муайян аст. Ӯ қайд мекунад, ки ин раванди мураккаб аз ҷузҳои гуногун иборат аст: муайян кардани ҳадафҳо, назорати иҷро ва таҳлили натиҷаҳо. Дар раванди худтанзимкунӣ шахс ба худ ҳамчун субъект муносибат мекунад, ки тавони танзими фаъолияти худро дорад [7; с. 160].

Тадқиқоти В.И. Моросанова ба робитаи худтанзимкунӣ ва худшиносии шахсият бахшида шудааст. Тибқи таҳқиқоти ӯ худтанзимкунӣ ва худшиносӣ ҳамдигарро пурра мекунанд: дар ҳоле ки худтанзимкунӣ ба танзими фаъолияти шахсият равона аст, худшиносӣ бошад, ҳамчун асоси маърифатии ин танзим амал мекунад. Дар натиҷа, худшиносӣ ҳамчун заминаи маърифатии худтанзимкунӣ амал мекунад ва худтанзимкунӣ дар навбати худ, метавонад ба рушди худшиносӣ мусоидат кунад [11;с.18].

Дар ин таҳқиқот худтанзимкунӣ ҳамчун раванди динамикӣ нишон дода шудааст, ки аз бисёр омилҳои дохилӣ ва берунӣ таъсир мегирад. Ин равандро метавон ҳамчун як шакли интерактивӣ, ки ба таври фаъолона бо муҳит ва ҳадафҳои шахс ҳамоҳанг аст, тасвир кард.

В.И. Моросанова ба тадқиқи тарзҳои худтанзимкунӣ диққати ҷиддӣ медиҳад. Ӯ қайд мекунад, ки худтанзимкунии рафтор метавонад дар шахсиятҳои гуногун шаклҳои гуногун гирад ва ин тарзҳо дар асоси фарқ шахсиятӣ ва муҳитӣ ташаккул меёбанд. Ин таҳқиқот нишон медиҳад, ки худтанзимкунии шахсиятҳо метавонад вобаста ба тарзи таълим, муҳити иҷтимоӣ ва генетикаи шахс ба таври назаррас фарқ кунад. Ба қавли Моросанова, шахсоне, ки дорои услубҳои баландтари худтанзимкунӣ ҳастанд, қобилияти беҳтари мутобиқшавӣ доранд ва метавонанд ба талаботи гуногуни муҳит ба таври самаранок ҷавоб диҳанд [12;с.118]. Тибқи ин назария, ба андешаи мо, худтанзимкунӣ ҳамчун механизми марказӣ

барои рафторҳои танзимшудаи иҷтимоӣ ва шахсӣ амал мекунад, ки шахсро ба ҳадафҳои дарозмуддати худ мерасонад.

Аз тадқиқоти муосири дар ин соҳа гузаронидашуда, мисли тадқиқоти Е.Е. Бочарова (2011), маълум мешавад, ки худтанзимкунӣ ба таври васеъ ба сатҳи беҳбудии шахсият вобаста аст. Таҳқиқоти ӯ нишон медиҳанд, ки онҳое, ки сатҳи баландтари субъективии беҳбудӣ доранд, ба воситаи механизмҳои худтанзимкунӣ қобилияти беҳтари мутобиқшавӣ ва муваффақиятро нишон медиҳанд. Бочарова дар тадқиқоти худ таъкид мекунад, ки худтанзимкунӣ метавонад ба сатҳи субъективии беҳбудии шахсият таъсири мусбат расонад ва он шахсоне, ки қобилияти худтанзимкунии баланд доранд, дар вазъиятҳои стрессӣ ва душвор ба таври самараноктар амал мекунанд. Ин тадқиқот ба фикри мо нишон медиҳад, ки худтанзимкунӣ на танҳо ҳамчун раванди дохилии идоракунии рафтор, балки ҳамчун воситаи ҳифзи хушнудии шахсият дар шароити мураккаб амал мекунад [3;с.65].

Олимон Деҷӣ ва Райан худтанзимкуниро дар доираи назарияи мотивасияи худмуайянӣ (self-determination theory) баррасӣ кардаанд. Ба ақидаи онҳо, худтанзимкунӣ як равандест, ки бо ангезаҳои дохилӣ ва берунӣ алоқаманд мебошад. Онҳо таъкид мекунанд, ки шахсоне, ки худро мустақилона идора мекунанд ва танзими рафторҳои худро ба таври худшинос анҷом медиҳанд, дар муваффақият ва хушбахтии шахсӣ бештар муваффақанд (Deci & Ryan, 2000, p. 68). Назарияи онҳо ба он равона шудааст, ки шахс бояд дар ҷараёни худтанзимкунӣ эҳтиёҷоти психологӣ, аз қабили мустақилӣ, қобилият ва алоқамандиро қонеъ гардонад, то рушди комилро пайдо кунад [5;с.68].

Бари Ҷ. Зиммерман худтанзимкуниро дар доираи таълими мафҳумӣ (метакогнитивӣ) ва мотивасионӣ баррасӣ мекунад. Ба ақидаи ӯ, худтанзимкунӣ як равандест, ки шахс онро барои таҳкими ҳадафҳо ва расидан ба онҳо истифода мебарад. Ба таври вижа, худтанзимкунӣ ба се марҳала тақсим мешавад: банақшагирӣ, амалишавӣ ва арзёбӣ. Ин раванд шахсро тавонманд месозад, ки рафторҳои худро мувофиқи ҳадафҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат танзим намояд (Zimmerman, 2013, p. 62). Ба гуфтаи Зиммерман, худтанзимкунӣ на танҳо дар омӯзиш ва рушди шахсӣ нақши муҳим мебозад, балки он ба рушди шахсият ва истодагарии равонӣ низ таъсир мерасонад [6;с.62].

Ҳавасмандӣ ҳамчун омили асосии равонӣ дар қобилияти худтанзимкунии наврасон нақши ҳалкунанда мебозад. Сатҳи баланди ҳавасмандӣ барои омода кардани ҷавонон барои мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи зиндагӣ ва ҳалли мушкилоти ба онҳо гузошташуда кӯмак мекунад. Дар баробари ин, ҳавасмандии дохилии донишҷӯён, ки ба худтакмилдиҳӣ ва ноил шудан ба қуллаҳои нав дар фаъолияти таълимӣ ва меҳнатӣ нигаронида шудааст, ҳамчун катализатор барои ташаккули малакаҳои худтанзимкунӣ баромад мекунад. Ин аҳамияти функсионалии худтанзимкуниро ҳамчун ҷанбаи ҷудонашавандаи рушди шахсият, таъмини самаранокии таълим ва фаъолияти касбӣ таъкид мекунад. Тавре ки Е.А. Анисимова қайд мекунад: «худтанзимкунӣ ҳамчун асоси равонӣ барои азхудкунии бомуваффақияти намудҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ ва меҳнатӣ зарур аст» [1;с.18].

Худбаҳодиҳӣ инчунин як ҷузъи асосиест, ки ба худтанзимкунии наврасон таъсир мерасонад. Эътимод ба имкониятҳои худ ва дарки мусбии худ, қобилияти ҷавононро барои худназораткунӣ ва мутобиқшавӣ ба таври назаррас афзоиш медиҳад. Наврасони дорои худбаҳодиҳии баланд метавонанд бо мушкилоти эҳсосотӣ ва рафторӣ мубориза баранд, ин ба онҳо имкон медиҳад, ки барои расидан ба ҳадафҳои худ бештар тамаркуз кунанд ва монеаҳоро самараноктар бартараф кунанд. Муносибати байни худбаҳодиҳӣ ва худтанзимкунӣ замина барои рушди бомуваффақияти иҷтимоӣ ва шахсиро фароҳам оварда, ба ҷавонон кӯмак мекунад, ки худро дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ бештар эътимоднок ва салоҳиятдор ҳис кунанд.

Устувории эҳсоси наврасон бевосита ба қобилияти онҳо барои бартараф кардани ҳолатҳои стресс ва нигоҳ доштани назорат аз болои амалҳои худ таъсир мерасонад. Сатҳи баланди устувории эҳсосӣ ба наврасон кӯмак мекунад, ки бо фишорҳо мубориза баранд, мувозинати эҳсосоро нигоҳ доранд ва ба мушкилоте, ки аз муҳити беруна бармеоянд, ба таври кофӣ посух диҳанд. Ин хосият як пайванди муҳим дар раванди худтанзимкунӣ ба ҳисоб меравад, зеро он ба нигоҳ доштани муносибатҳои ҳамоҳанг дар муҳити байнишахсӣ ва ҳамкории муассир бо дигарон мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, чунин омилҳои равонӣ, аз қабили ҳавасмандӣ, худбаҳодиҳӣ ва устувории эҳсосӣ унсурҳои муҳими сохтори худтанзимкуниро ташкил медиҳанд, ки наврасонро бо захираҳои зарурӣ барои

бомуваффақият аз худ кардани малакаҳо таъмин мекунанд ва ба онҳо барои узви фаъол ҷомеа шудан, кӯмак мекунанд.

Хусусияти муҳимми худтанзимкунӣ табиати иҷтимоии он мебошад, ки махсусан дар давраи наврасӣ зоҳир мешавад. Дар ин давра худтанзимкунӣ аксар вақт дар фаъолияти мушаххас ифода меёбад, ки ба дарёфти мувозинат байни манфиатҳои худ ва талаботи ҷомеа нигаронида шудааст. “Худтанзимкунӣ ҳамчун раванди ташкили рафтори фард бо фаъолияти мушаххас хос аст, ки ба таносуби рафтори фард бо талаботи вазъият ва талаботи одамони дигар нигаронида шудааст” [9;с.59]. Ин зарурати бодиққат таҳқиқи механизмҳои психологии худтанзимкунии наврасонро бо назардошти хусусиятҳои шахсӣ ва сатҳи инкишофи онҳоро ба миён меорад.

Тадқиқот дар соҳаи равандҳои танзимкунандаи равонӣ низ аҳамияти ин мавзуъро барои дарки рушди наврасон таъкид мекунад. Ба ақидаи коршиносон, имконот ва самарабахшии таҳқиқот оид ба равандҳои танзимкунандаи равонӣ шубҳанок нест. Ин тадқиқот барои дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявӣ, аз ҷумла дар таҳияи стратегия ва усули танзими худтанзимкунӣ дар наврасон уфуқҳои нав мекушоянд, ки ин дар давраи ташаккули фаъоли шахсият ва рафтори иҷтимоии онҳо махсусан муҳим аст. Дар натиҷа омӯзиши худтанзимкунӣ дар давраи наврасӣ на танҳо вазифаи назариявӣ, балки зарурати амалӣ низ мегардад.

Як қатор олимону пажӯҳишгарони тоҷик мафҳуми худтанзимкуниро бештар дар доираи психологияи иҷтимоӣ ва рушди шахсияти наврасон ва ҷавонон мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Аз ҷумла, М. Шарифзода худтанзимкуниро ҳамчун воситаи асосии рушд ва инкишофи шахсият дар муҳити иҷтимоӣ баррасӣ намуда, таъкид мекунад, ки худтанзимкунӣ на танҳо дар ҳаёти фардӣ, балки дар муносибат бо ҷомеа низ нақши муҳим мебозад. Ба гуфтаи Шарифзода, худтанзимкунӣ дар фарҳанги тоҷикӣ бо арзишҳои анъанавӣ ва иҷтимоии ҷомеа алоқаманд буда, дар тарбияи ахлоқӣ ва иҷтимоии наврасон мавқеи муҳим дорад [13;с.112].

М. Маҳмадов худтанзимкуниро ҳамчун як раванде баррасӣ мекунад, ки шахсро барои мувофиқати рафторҳои худ ба стандартҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ омода мекунад. Ӯ таъкид мекунад, ки худтанзимкунӣ на танҳо ба таври мустақилона сурат мегирад, балки онро муҳитҳои иҷтимоӣ, ба мисли мактаб, оила ва ҷомеа низ ба таври назаррас ташаккул медиҳанд. Маҳмадов ишора мекунад, ки дар равандҳои равонӣ худтанзимкунӣ ба худидоракунӣ ва худидоракунӣ ба инкишофи шахсият ва қобилиятҳо мусоидат мекунад [8;с.57].

Аз ин маълум мешавад, ки назарияҳои худтанзимкунӣ бо арзишҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ пайванд дошта, ин равандро ҳамчун воситаи таҳкими муносибатҳои байни ҳамсолон ва инкишофи шахсият баррасӣ мекунанд.

Бояд қайд кард, ки дар ташаккули худтанзимкунии рафтори наврасон муҳити оилавӣ, мактабӣ ва иҷтимоӣ нақши калидӣ мебозад. Оила ҳамчун манбаи аввалияи ахлоқ ва одоб барои наврасон амал мекунад. Наврасон рафторҳои худро дар асоси мушоҳида ва моделгирӣ аз волидон, ҳамсолон ва роҳбарони иҷтимоӣ инкишоф медиҳанд. Агар волидон худтанзимкунии дурустро намоиш диҳанд ва эҳтиром ба арзишҳои иҷтимоиро нишон диҳанд, наврасон бештар майл ба худтанзимкунӣ ва назорати рафторҳои худ доранд.

Таҳқиқоти равоншиносӣ нишон додаанд, ки байни писарон ва духтарон дар худтанзимкунии рафтор фарқиятҳо мавҷуданд. Ба гуфтаи Гроссман ва Олсен, духтарон бештар майл ба танзими эҳсос ва худтанзимкунии эҳсоси баландтар доранд, дар ҳоле ки писарон бештар бо танзими рафторҳои берунӣ машғул мешаванд (Grossman & Olsen, 2015, p. 45). Ин фарқиятҳо ба воситаи муҳитҳои иҷтимоӣ ва таҷрибаҳои шахсӣ ташаккул меёбанд ва метавонанд ба наврасон дар назорати рафторҳои худ кӯмак кунанд ё монеъ гарданд [4;с.45].

Тағйироти физиологие, ки дар давраи наврасӣ ба амал меояд, дар ташаккули қобилияти худтанзимкунии ҷавонон нақши калон доранд. Давраи наврасӣ бо тағйироти назаррас дар сатҳи гормоналӣ ва рушди майна ҳамроҳ мешавад, ки ба ҳолати эмотсионалӣ ва рафтори онҳо ба таври назаррас таъсир мерасонад. Масалан, тағйирот дар ноҳияи префронталӣ, ки аксаран бо маърифат ва назорати импулс алоқаманд аст, метавонад ҳассосияти наврасонро ба ангезишҳои эҳсосӣ ва фишорҳои иҷтимоӣ зиёд кунад. Дар ин замина, қобилияти таҳияшуда барои идоракунии самараноки аксуламали эҳсосотӣ ва ифодаи рафтор як стратегияи муҳими рақобат барои мутобиқ шудан ба мушкилоти наврасӣ мегардад.

Муҳити иҷтимоӣ, ки дар рушди худтанзимкунӣ нақши муҳим мебозад, ба наврасон имкониятҳои васеъ фароҳам меорад, то малакаҳои худдорӣ ва мутобиқшавӣ ба меъёрҳои иҷтимоӣ дошта бошанд. Оила, мактаб ва ҷамоатҳое, ки наврас дар онҳо муошират мекунад, заминаеро ташкил медиҳанд, ки дар он ӯ ба омӯхтани истифодаи худтанзимкунӣ дар ҳолатҳои гуногун шуруъ мекунад. Тавассути мушоҳида ва иштирок дар динамикаи гурӯҳӣ, наврасон намунаҳои танзими рафторро меомӯзанд, ки ба қобилияти мутобиқшавӣ ва иҷтимоии онҳо таъсири мусбӣ мерасонанд. Ин ҳамкории мутақобила, ки таҳкими мусбати иҷтимоӣ ва табодули таҷрибаро таъмин мекунад, на танҳо ба ҳамгироии бомуваффақияти шахсии наврасон ба ҷомеа, балки ба ташаккули системаи устувори дастурҳои шахсӣ дар асоси интизориҳо ва меъёрҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Аҳамияти қобилияти худтанзимкунӣ на танҳо дар сатҳи инфиродӣ, балки дар ҷомеа арзиши дарозмуддати онро таъкид мекунад. Самтҳои тадқиқоти оянда метавонанд омӯзиши таъсири технологияҳои нави таълимӣ ба рушди худдорӣ, инчунин таҳлили амиқи таъсири мутақобилаи омилҳои физиологӣ ва иҷтимоӣ дар бар мегиранд. Фаҳмидани ин ҷанбаҳо ба мо имкон медиҳад, ки барномаҳои бештар муассири дастгирӣ барои наврасон таҳия кунем, ки ба рушди неруи онҳо дар ҷаҳони доимо тағйирёбанда нигаронида шудаанд.

**Хулоса** Ҳамин тавр, дар таҳлили сарчашмаҳои гуногун оид ба худтанзимкунӣ, равшан мегардад, ки ин раванд механизми мураккаб ва бисёрҷониба мебошад. Конопкин ва Моросанова нишон медиҳанд, ки худтанзимкунӣ на танҳо як воситаи назорат ва танзими рафтор, балки инчунин воситаи рушди шахсият ва муваффақият аст. Таъсири худтанзимкунӣ ба худшиносӣ, субъективии хушнудӣ ва мутобиқшавӣ ба муҳит ин соҳаи тадқиқотро ба таври ҷиддӣ тавсеа медиҳад.

Мафҳуми худтанзимкунӣ дар равоншиносӣ яке аз ҷанбаҳои муҳим дар ташаккули шахсият, рушди равонӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқоти олимони хориҷӣ ва ватанӣ нишон медиҳад, ки худтанзимкунӣ на танҳо дар назорати эҳсосот ва рафтор муҳим аст, балки он дар тарбияи ахлоқӣ ва иҷтимоӣ нақши калидӣ мебозад. Назарияи олимон, аз ҷумла Алберт Бандура, Бари Зиммерман, Деҷӣ ва Райан, нишон медиҳанд, ки худтанзимкунӣ метавонад ҳамчун як механизми самаранок барои рушди шахсият ва инкишоф истифода шавад.

Наврасон дар марҳилаҳои гуногуни рушд қарор доранд, хусусиятҳои инфиродии гуногун доранд, ки ин ба раванди худтанзимкунии онҳо таъсир мерасонад. Чунин омилҳо, ба мисли сатҳи мотивасия, худшиносӣ ва қобилияти мутобиқшавӣ, метавонанд ба худтанзимкунии наврасон таъсири ҷиддӣ расонанд. Наврасоне, ки дорои сатҳи баланди худшиносӣ ва худбаҳодиҳӣ ҳастанд, ба таври фаъолтар рафторҳои худро танзим мекунанд ва камтар ба рафторҳои номатлуб даст мезананд.

Тадқиқоти Конопкин нишон медиҳад, ки худтанзимкунӣ на танҳо механизми назорати фаъолият аст, балки он ҳамчун як воситаи рушди шахсият амал мекунад. Ӯ қайд мекунад, ки худтанзимкунӣ ба шахс кӯмак мекунад, ки ба ҳадафҳои дарозмуддати худ ноил шавад ва самаранокии фаъолият ва рафтори худро такмил диҳад.

Худтанзимкунӣ метавонад ба шахс кӯмак кунад, ки бо вазъиятҳои душвор ва стрессӣ мубориза барад, дар ҳоле ки қобилияти мутобиқшавӣ ва назоратро такмил медиҳад. Шахсоне, ки қобилияти баланди худтанзимкунӣ доранд, метавонанд дар вазъиятҳои гуногуни ҳаёт муваффақ бошанд ва дар муҳити худ ба таври самаранок мутобиқ шаванд.

Муҳити иҷтимоӣ барои рушди худтанзимкунӣ кӯмаки муҳимтаринро фароҳам меорад. Дар доираи оила, муассисаҳои таълимӣ ва умуман ҷомеа ба наврасон шароити зарурӣ барои ташаккул ва таҳкими малакаҳои худназорӣ фароҳам оварда шудааст. Муносибат бо дигарон, аз ҷумла омӯзгорон ва ҳамсолон, ба рушди малакаҳои худтанзимкунӣ дар наврасон тавассути таҳкими иҷтимоӣ ва табодули таҷриба мусоидат мекунад. Таъсири муҳити иҷтимоӣ ба наврасон имкон медиҳад, ки аз мисолҳо биомӯзанд ва ба интизориҳои иҷтимоӣ мутобиқ шаванд, ки дар навбати худ ба ҷомеаи муваффақ ва рушди шахсии онҳо дар ҷаҳони муосир мусоидат мекунад.

**АДАБИЁТ:**

1.Анисимова Е.А. Формирование навыков саморегуляции у младших школьников с ЗПР в процессе реабилитации в условиях инклюзии//Е.А. Анисимова. Выпускная квалификационная работа. — Екатеринбург, 2023. С.80.

2.Бандура, А. (1991). Social Cognitive Theory of Self-Regulation.//А.Бандура. Organizational Behavior and Human Decision Processes, 50(2), p.248.

3.Бочарова Е.Е. Структурная организация саморегуляции в зависимости от уровня субъективного благополучия личности//Е.Е.Бочарова. Изв. Сарат. ун-та. Нов. сер. Сер. Философия. Психология. Педагогика. 2011. Т.11, вып. 1.С. 64-69.

4.Гроссман, А., & Олсен, Р. (2015). Gender Differences in Adolescent Self-Regulation//А.Гроссман и Р.Олсен. Journal of Youth and Adolescence, 2015. 45, p. 45.

5.Дечӣ, Э., & Райан, Р. (2000). Self-Determination Theory and the Facilitation of Intrinsic Motivation, Social Development, and Well-Being.//Э.Дейчи, Р.Райан. American Psychologist, p. 68.

6.Зиммерман, Б. (2013). The Role of Self-Regulation in Learning//Б.Зиммерман. Educational Psychologist, p. 62.

7.Конопкин О.А. Функциональная структура саморегуляции деятельности и поведения//Психология личности в социалистическом обществе: активность и развитие личности.//О.А.Конопкин. М., 1989. С.158-172.

8.Маҳмадов, М. Ташаккули худтанзимкунӣ дар муҳити иҷтимоӣ//М.Маҳмадов. Душанбе, 2019. саҳ. 57.

9.Морозова И.С. Личность и саморегуляция деятельности: учебное пособие / И.С. Морозова. — Кемерово: Кемеровский госуниверситет, 2000. — 80 с.

10.Морозова И.С. Особенности взаимосвязи уровня школьной тревожности и саморегуляции в подростковом возрасте. // И.С.Морозова. Центр научного сотрудничества «Интерактив плюс». Кемерово. 2000. С.5

11.Моросанова В.И., Аронова Е.А. Саморегуляция и самосознание субъекта// В.И. Моросанова, Е.А. Аронова. Психологический журн. 2008. Т.29, №1. С.14-22.

12.Моросанова В.И. Стилевые особенности саморегуляции личности// В.И. Моросанова. Вопр. психологии. 1991. №1. С.118-127.

13.Шарифзода, М. Равоншиносии иҷтимоӣ: Асосҳои назариявӣ//М.Шарифзода. Душанбе, 2017. саҳ. 112.

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ПСИХОЛОГИИ ОМӮЗИШИ ХУДТАНЗИМКУНИИ РАФТОРИ НАВРАС

Дар мақола яке аз масъалаҳои рӯзмара ва мубрам – худтанзимкунии рафтор дар наврасон аз нигоҳи назариявӣ омӯзиш ва баррасӣ карда шудааст. Бо такя ба сарчашмаҳои гуногуни илмию нашриявӣ муаллиф кушиш ба харҷ додааст, ки ин масъаларо мухтассар фаҳмо ва равшан созад. Худтанзимкунӣ яке аз ҷузъиёти калидии илми равоншиносӣ ба ҳисоб рафта, он дар соҳаҳои гуногуни омӯзиши равияҳои психологӣ зери омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Бояд қайд кард, ки муаллиф дар қисмати аввал ва дуюми мақола аҳамият, сохтор, мафҳуми худтанзимкуниро таҳқиқ карда, фикру андешаҳои гуногуни олимону пажуҳишгаронро оид ба мафҳуму аҳамияти худтанзимкунӣ дар рафтору рушди наврасон пешкаши хонанда кардааст. Аз ҷумла қайд мешавад, ки мафҳуми худтанзимкунӣ дар равоншиносӣ яке аз ҷанбаҳои муҳим дар ташаккули шахсият, рушди равонӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқоти олимони хориҷӣ ва ватанӣ нишон медиҳад, ки худтанзимкунӣ на танҳо дар назорати эҳсос ва рафтор муҳим аст, балки он дар тарбияи ахлоқӣ ва иҷтимоӣ нақши калидӣ мебозад. Худтанзимкунӣ метавонад ба шахс кӯмак кунад, ки бо вазъиятҳои душвор ва стрессӣ мубориза барад, дар ҳоле ки қобилияти мутобиқшавӣ ва назоратро такмил медиҳад. Шахсоне, ки қобилияти баланди худтанзимкунӣ доранд, метавонанд дар вазъиятҳои гуногуни ҳаёт муваффақ бошанд ва дар муҳити худ ба таври самаранок мутобиқ шаванд.

***Калидвожаҳо:*** *худтанзимкунӣ, асосҳо, наврас, шахсияти наврасон, назария, тадқиқот, хусусиятҳо, алоқа, сатҳ, мактаб, дониш, психология, равонӣ, маърифат, фаъолият, рафтор, ташаккул, муҳити иҷтимоӣ, сохтор.*

## ТЕОРЕТИКО-ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИЗУЧЕНИЯ САМОРЕГУЛЯЦИИ ПОДРОСТКОВОГО ПОВЕДЕНИЯ

В статье с теоретической точки зрения изучается и обсуждается один из повседневных и важных вопросов - саморегуляция поведения подростков. Опираясь на различные научные и публицистические источники, автор постарался кратко и понятно разъяснить этот вопрос. Саморегуляция считается одной из ключевых деталей психологической науки, изучается и исследуется в различных областях изучения психологических процессов. Следует отметить, что в первой и второй части статьи автор исследовал значение, структуру, понятие саморегуляции и представил читателю различные мнения ученых и исследователей относительно понятия и значения саморегулирования в поведении и развитие подростков. В частности, отмечается, что понятие саморегуляции в психологии является одним из важнейших аспектов формирования личности, психологического развития и социальных отношений. Исследования зарубежных и отечественных ученых показывают, что саморегуляция важна не только в управлении эмоциями и поведением, но и играет ключевую роль в нравственном и социальном воспитании. Саморегуляция может помочь человеку справиться с

трудными и стрессовыми ситуациями, одновременно улучшая адаптивность и самоконтроль. Личности с высокими навыками саморегуляции могут быть успешными в различных жизненных ситуациях и эффективно адаптироваться в окружающей среде.

***Ключевые слова:*** *саморегуляция, основы, подросток, личность подростка, теория, исследование, особенности, взаимосвязь, уровень, школа, знания, психология, психика, познание, деятельность, поведение, формирование, социальная среда, структура.*

## THEORETICAL AND PSYCHOLOGICAL BASIS FOR STUDYING SELF-REGULATION OF ADOLESCENT BEHAVIOR

The article studies and discusses one of the everyday and important issues - self-regulation of adolescent behavior - from a theoretical point of view. Based on various scientific and journalistic sources, the author tried to briefly and clearly explain this issue. Self-regulation is considered one of the key details of psychological science, it is studied and researched in various areas of studying psychological processes. It should be noted that in the first and second parts of the article, the author examined the meaning, structure, concept of self-regulation and presented to the reader various opinions of scientists and researchers regarding the concept and meaning of self-regulation in the behavior and development of adolescents. In particular, it is noted that the concept of self-regulation in psychology is one of the most important aspects of personality formation, psychological development and social relations. Research by foreign and domestic scientists shows that self-regulation is important not only in managing emotions and behavior, but also plays a key role in moral and social education. Self-regulation can help a person cope with difficult and stressful situations, while simultaneously improving adaptability and self-control. Individuals with high self-regulation skills can be successful in various life situations and effectively adapt to the environment.

***Key words**: self-regulation, basics, teenager, teenager personality, theory, research, features, relationship, level, school, knowledge, psychology, psyche, cognition, activity, behavior, formation, social environment, structure.*

***Маълумот дар боари муаллиф:*** *Ҳакимов Силоҳиддин Ғуломович – докторанти бахши сеюми ихтисоси Психологияи умумии факултети Психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тел: (+992) 901-42-06-07. E-mail: silohiddinhakimov@gmail.com.*

***Информация об авторе:*** *Хакимов Силохиддин Гуломович - докторант третого курса специальности Общая психология факультета психологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Тел: (+992) 901-42-06-07.*
*E-mail: silohiddinhakimov@gmail.com*

***Information about the author:****Hakimov Silokhiddin Gulomovich - doctoral student of the third year of the specialty General Psychology, Faculty of Psychology, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni. Tel: (+992) 901-42-06-07.E-mail: silohiddinhakimov@gmail.com*

## ВЛИЯНИЕ СОЦИАЛЬНОЙ СРЕДЫ НА СТАНОВЛЕНИЕ ЛИЧНОСТИ И ФОРМИРОВАНИЕ ЧУВСТВА ПАТРИОТИЗМА ПОДРАСТАЮЩЕГО ПОКОЛЕНИЯ

***Мирзоев А.***
**соискатель Института развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана**

Выстраивая стратегию патриотического воспитания в условиях образовательного учреждения, необходимо учесть ряд внешних факторов воздействия на подростка, и в первую очередь – семьи учащегося, которая, безусловно, является частью социальной среды, в которой происходит формирование его личности. На практике чаще всего приходится сталкиваться с тем, что родители и другие взрослые члены семьи, не имеющие педагогического образования, занимаются воспитанием ребенка в меру собственных представлений о том, какие навыки и умения помогут ему стать успешным профессионалом и членом общества. При этом все, что касается получения необходимой для этого суммы знаний отдается «на откуп» учреждению образования, а остальное воспитание происходит по методу личного примера.

В то время как в образовательном учреждении воспитание подростка опирается на научно обоснованную методическую базу, носит планомерный характер, его результаты определяются требованиями государственных стандартов. Возможные противоречия, возникающее между этими двумя подходами к воспитанию и его целям, особенно ярко могут проявляться по отношению к вопросам патриотического воспитания в силу неоднозначности и многоплановости самого феномена патриотизма. Поэтому в ряде случаев возникает потребность в различного рода просветительских мероприятиях для членов семей учащихся с целью доведения до них позиции государства и системы образования в отношении современных подходов к воспитанию гражданина и патриота.

Однако не менее (если не более) существенное, чем семья, влияние на формирование личности современного подростка оказывает окружающее его информационное пространство. Современный этап развития информационно-коммуникационных технологий предлагает подростку массу вариантов получения информации и общения со сверстниками, не ограниченных ни пространством, ни временем: в сети можно найти практически любую информацию по интересующей молодого человека теме, влиться в любое сообщество, пройти онлайн-курсы и т.п. Современным педагогам приходится учитывать значимость сетевого общения для подростков, а в ряде случаев и противостоять тому влиянию, которое оно оказывает на школьников.

Представления ряда исследователей о том, что степень вовлеченности подростков в различные форматы сетевого взаимодействия обусловлена в первую очередь проблемами, возникающими в процессе непосредственного общения с одноклассниками и учителями, которые повлекли за собой снижение мотивации к обучению (В.С. Собкин) кажутся нам несколько упрощенными и неактуальными. Ближе к истине выводы тех исследователей, которые видят огромный потенциал использования ИКТ и технологий мультимедиа в образовании. Сегодня мы являемся свидетелями зарождения информационно-ориентированного общества, в котором предстоит жить сегодняшним подросткам, и учреждение образования должно быть озабочено подготовкой учащихся к успешной социализации в новых условиях [11, С. 99-113].

Однако педагогу следует помнить о том, что технологии имеют отношение лишь к способу донесения знания, содержательная составляющая обучения по-прежнему остается в зоне ответственности обучающего.

Бурное развитие ИКТ таит в себе угрозу возникновения интернет-зависимости, которая в подростковом возрасте чаще всего проявляется в виде зависимости от онлайн-общения и игровой зависимости [9, С. 66-86]. Альтернативой организации досуга учащихся могут стать как программы углубленного изучения различных предметов, связанные с участием в исследовательских проектах, так и внеурочная деятельность краеведческой, экологической, культурно-развлекательной, спортивной или военно-патриотической направленности, то есть все форматы активности, способные продемонстрировать подростку преимущества реального человеческого общения и продуктивного взаимодействия [1, С. 79-83].

В то же время ряд исследователей обращают внимание на возможности эффективного использования виртуального пространства в целом и социальных сетей в частности не только в образовательных, но и в воспитательных целях, в том числе и в патриотическом воспитании. По мнению Е.Г. Ефимова, успеху патриотического воспитания в Республике Таджикистан могло бы в значительной мере способствовать распространение влияния патриотической идеологии на популярные социальные сети [5, С. 52-55].

Исследуя особенности социальной среды, в которой происходит становление личности современного подростка, невозможно не обратить внимание на феномен молодежных субкультур, базирующихся на потребности демонстрации приверженности ценностям, отличным от общепринятых, но значимым для узкого сообщества (этнического, демографического, музыкального и т.п.). Пышный расцвет субкультур в двадцатом веке специалисты связывают с перенасыщенностью современной культурной среды идеями, течениями и направлениями.

В педагогической же среде бытует представление о том, что оно вызвано в первую очередь активизацией процессов глобализации, нивелирования значимости этнической самоидентификации и ослаблением влияния национальных традиций таджикского народа, в том числе и в области музыки, изобразительного искусства, народного образования (Е.Г. Каменский, И.С. Шаповалова, Л.Н. Шмигирилова, И.А. Попп, И.С. Попп, И.С. Шахнович), что в конечном итоге способствовало девальвации патриотических идеалов [7, С. 191-200].

Среди большого количества субкультур, распространившихся в подростковой среде в последние десятилетия, следует отметить те, причастность к которым может привести к нежелательным последствиям – субкультуры, имеющие отношение к криминалу (воровская, рэкетирская, тюремная и пр.). Привлекательность криминальных субкультур для юного человека, ищущего свое место в жизни методом проб и ошибок, состоит в том, что причастность к чему-то запретному, связанному с переходом за черту общепринятого и опасного, дает ощущение риска, обеспечивает выброс адреналина, манит кажущейся вседозволенностью.

По мнению ряда исследователей, чаще всего в криминальную субкультуру уходят подростки, обладающие низким уровнем правосознания, не прибегающие к закону как к

способу урегулирования отношений в повседневной жизни, другими словами, приверженцы правового нигилизма Е.С. Тонких и Е.А. Брылева [12, С. 247-249].

Предполагается, что равнозначным ответом на запрос подростков на участие в деятельности, связанной с потребностью вхождения в сообщество единомышленников, объединенных общим делом, связанным с необходимостью проявлять себя в условиях, приближенных к экстремальным, требующим проявлений настоящей дружбы и взаимовыручки, участвовать в общественно-полезной деятельности и т.п. являются разного рода патриотические и военно-патриотические объединения, клубы и общественные организации патриотической направленности. По мнению И.А. Попп, И.С. Попп, И.С. Шахнович, это могут быть Комитет по делам молодёжи и спорта при Правительстве Республики Таджикистана, центры военно-патриотического воспитания при ДОСААФ Республики Таджикистан, волонтерские организации (в первую очередь занимающиеся оказанием помощи ветеранам) и др., среди главных задач которых значится содействие воспитанию патриотов своей страны посредством погружения в историю воинских традиций и подготовки к защите Родины. Подробному анализу особенностей формирования правового сознания подростков, совершивших правонарушения, посвящено исследование С.Б. Целиковского и Е.С. Сальниковой [7, С. 56-61].

В. В. Дементьева убеждена, что необходимо найти способ не противостоять молодежной субкультуре, а использовать ее возможности и привлекательность в воспитательных целях, создав субкультуру патриотической направленности. Она считает, что потенциал подросткового возраста можно направить не на противостояние общепринятым традиционным ценностям, а на их восстановление, превратив поиск путей возврата к историческим и культурным корням своего народа и обретение, таким образом, своего места в социуме в достойную жизненную цель [3, С. 169-174].

Интеграция подростка в социальную систему современного ему общества происходит за счет становления определенных качеств его личности, активизации процесса самосознания, обретения и повышения уровня гражданских компетенций (включая правовую грамотность), необходимых для возникновения патриотических чувств и становления гражданственности. Описанию этого процесса посвящены, среди прочих, публикации Г. Я Гревцевой, И. Я. Мурзиной, С. В. Казаковой; об особенностях подготовки педагогов как ключевых участников процесса патриотического воспитания, писала М. Г. Домбровская.

Как известно, в младшем подростковом возрасте происходит активное формирования всего многообразия составляющих будущего Я-образа или Я-концепции: физической, психической, социальной (эти процессы подробно описаны О.В. Грашиной и В.В. Поляковой). Подросток не всегда в состоянии в полной мере осознать причины и мотивацию своего поведения, которое диктуют эксперименты с принятием различных социальных ролей. Е.В. Комаровская, М.В. Станякина, М.В. Садикова проанализировали и описали наиболее часто встречающиеся особенности поведения младших подростков, в том числе продиктованные стремлением к самоутверждению в обществе – повышенную возбудимость, непредсказуемость и гипертрофированность реакций, демонстративную решительность и проявления преувеличенной уверенности в собственной непогрешимости и интеллектуальном превосходстве [6, С. 114-118].

Все эти проявления являются реакцией на воздействие внешней среды (в первую очередь образовательной среды учебного заведения); информационной среды, транслируемой через средства массовой информации и социальные сети); ближайшего сообщества (в т.ч.родственников как носителей традиций и обычаев); сообщества сверстников или представителей субкультуры; значимых взрослых. Кроме этого, нервное напряжение создается в процессе выбора предпочтительной социальной роли и необходимости следовать ей в конкретных обстоятельствах (Н.Н. Дубинина) [4, С. 17-25].

Поиск устойчивости в постоянно меняющихся условиях современного мира превращается в процесс поиска баланса между социальным и индивидуальным, без чего невозможно осознание себя частью общества. Н.Н. Дубинина подчеркивает, что результатом педагогической воспитательной деятельности по формированию патриотического самосознания должно стать продвижение подростка к осознанию себя не просто частью социума, но гражданином и патриотом своей Родины.

Помочь ребенку, переживающему начальный этап переходного возраста, разобраться с разновидностями формирующихся Я-образов с целью становления положительного Я-образа можно за счет грамотного психолого-педагогического сопровождения в процессе культурно-просветительской деятельности, которую успешно осуществляют культурно-

просветительские массовые учреждения, занимающиеся неформальным образованием и просвещением населения вне стен учебных заведений. Важнейшим преимуществом подобных учреждений является возможность реализации свободы выбора не только направления, которое интересует конкретного индивидуума, но также формата и периодичности контактов подростка с институцией в зависимости от актуальной потребности (запроса), осуществляющихся во внеучебное (не регламентированное учебной программой) время.

Следовательно, по мнению большинства исследователей, именно формат культурно-образовательного пространства учреждений подобного типа (как государственных, муниципальных так и частных) в наибольшей степени соответствует требованиям к среде, способствующей развитию самостоятельности ребенка, осознанию им собственных интересов, стремлению погрузиться в интересующую его тематику, получить дополнительные знания и навыки продуктивной коммуникации и совместной деятельности (в том числе и патриотической направленности). Д.Б. Эльконин особо акцентирует внимание на том факте, что именно в период проживания начального этапа переходного возраста ребенок переносит акцент своего внимания на отношение к нему со взрослых на сверстников, чье мнение и оценка становятся приоритетными [13, С. 286-312].

Как и во всех иных процессах, связанных с воспитанием, огромное, если не определяющее значение в процессе патриотического воспитания в условиях культурно-просветительского учреждения имеет педагогическое мастерство, уровень ключевых компетенций педагога-наставника, сопровождающего и направляющего своих подопечных в период самоопределения, самоидентификации, формирования Я-образа. Важнейшим преимуществом формата культурно-просветительских учреждений является возможность вовлекать членов семей посещающих институцию подростков в подготовку и проведение различных мероприятий в том числе и патриотической направленности, и в целом приобщать их к работе в различном качестве, используя их личностный творческий потенциал для развития востребованных качеств личности подростков.

Не менее важна возможность параллельной проработки отдельных аспектов патриотического воспитания не только с самим ребенком, но и с его родственниками с целью корректировки и достижения большего единодушия во взглядах на содержательную составляющую как феномена патриотизма, так и активной гражданской позиции в целом.

Такое помещение родителей в сферу влияния определенных педагогических условий позволяет скорректировать их представление о возможностях собственного ребенка, продемонстрировать его потенциал и направление приложения усилий с целью выстраивания траектории его успешной профессиональной и социальной самореализации в будущем. Взаимодействие педагогического коллектива культурно-просветительских учреждений с родителями подростков помогает расширить кругозор последних в области правовых аспектов образовательной деятельности, повысить уровень информированности о положительном влиянии патриотического воспитания на процесс становления личности их ребенка и т.п [10, С. 84-87].

И.М. Витковская и Ю.Л. Михайлова подчеркивают необходимость включения в спектр используемых педагогических технологий проектной деятельности, связанной с инициированием, подготовкой и реализацией познавательных, игровых, творческих, исследовательских и иных проектов. Такой подход к организации занятости подростков во внеучебное время имеет целый ряд преимуществ: к этой деятельности можно подключать родителей и членов семей младших подростков; в процессе работы над проектом развиваются навыки получения дополнительной информации, выявления и формулировки проблемы, постановки и решения задач; особое внимание уделяется развитию умения работать в команде, грамотно формулировать и презентовать результаты совместной деятельности и пр [2, С. 206-213].

Работа над проектом также способствует развитию эмоциональной сферы мыслительной деятельности подростка, что выражается в способности осознавать и регулировать свои эмоции, а также определять причины возникновения чужих эмоциональных состояний и правильно реагировать на них во избежание трудностей в общении и совместной деятельности.

Эмоциональная сфера играет существенную роль в развитии творческой составляющей личности младшего подростка, которая является значимым фактором формирования патриотического чувства. Развитие творческих способностей, определяемых как готовность индивидуума к выдвижению новых идей, созданию новых смыслов в ответ на общественный запрос, является одной из задач патриотического воспитания. Активный гражданин,

осознанно действующий в интересах своей Родины – Республики Таджикистан, должен обладать потенциалом к осознанному участию в деятельности, направленной на сохранение и продвижение основополагающих ценностей населяющих эту страну народов, на воссоздание и укрепление традиционных культур в условиях взаимного уважения и мирного сосуществования.

Таким образом, эмоциональная сфера младших подростков становится фундаментом для формирования их творческого потенциала, который в свою очередь напрямую влияет на развитие патриотического чувства. Чувства, такие как, любовь к Родине, уважение к культуре и традициям своего народа, формируются через активную практику самовыражения и участие в творческих проектах. Важными аспектами этого процесса является не только развитие художественных навыков, но и умение интерпретировать и осмыслять культурное наследие, что позволяет подросткам лучше понимать свою идентичность и свою роль в обществе.

Творческая активность подростков может быть значительно усилена через различные формы взаимодействия, такие как художественные конкурсы, фестивали и культурные мероприятия. Подобные инициативы способствуют объединению молодежи вокруг общих целей, формированию чувства принадлежности к единой нации и уважения к многообразию культур. При этом развитие активного гражданства требует от подростков умения критически мыслить, анализировать текущие события и вырабатывать собственное мнение, что является неотъемлемой частью патриотического воспитания.

Кроме того, важным аспектом является включение подростков в волонтерские и социальные проекты, которые помогают развивать чувство ответственности и сопричастности к судьбе своей Родины. Участие в подобных инициативах формирует у молодежи понимание важности их роли в обществе и вдохновляет их на активные действия во благо своей страны.

Таким образом, эмоциональная сфера и творческие способности младших подростков становятся ключевыми элементами в процессе патриотического воспитания, обеспечивая гармоничное развитие личности и её общественную значимость.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1.Брянцева, М.В. Формирование ценностного понимания социальной действительности у младших школьников в ходе внеучебной деятельности / М.В. Брянцева, А.Л. Третьякова, А.П. Соловьева. – Текст: непосредственный // Вестник РМАТ. – Химки, 2020. – №1. – С. 79 – 83.

2.Витковская, И.М. Проектная деятельность в развитии патриотических чувств младших школьников / И.М. Витковская, Ю.Л. Михайлова // Общество и образование в XXI веке: опыт прошлого – взгляд будущее. Восьмые Лозинские чтения: сборник материалов Международной научно-методической конференции, 18-19 апреля 2019 г. – Псков: Псковский государственный университет, 2019. – С. 206 – 213.

3.Дементьева, В.В. Молодежные субкультуры как деконструкты патриотических настроений в социуме / В.В. Дементьева. // Культурно-историческое наследие как фактор устойчивого развития территории: сборник материалов Всероссийской научно-практической конференции, 14–15 ноября 2013г. – Соликамск-Чердынь: Изд-во: ПГНИУ, 2014 – С. 169 – 174.

4.Дубинина, Н.Н. Патриотизм и патриотическое воспитание: междисциплинарный аспект / Н.Н. Дубинина. // Известия Южного федерального университета. Педагогические науки. – Ростов-на-Дону, 2011. – №3. – С. 17 – 25.

5.Ефимов, Е.Г. Массовая культура, социальные сети и патриотизм / Е.Г. Ефимова. // Известия Волгоградского государственного технического университета. – Волгоград, 2014. – № 2. – С.52 – 55.

6.Комаровская, Е.В. Возможности проектной деятельности в формировании толерантности у младших подростков / Е.В. Комаровская, М.В. Станякина, М.В. Садикова. // Вестник Череповецкого государственного университета. – Череповец, 2015. – № 7 (68). – С. 114 – 118.

7.Логвинов, И.Н. Социально-психологические подходы к изучению молодежных субкультур в России / И.Н. Логвинов, С.В. Сарычев, Т.И. Логвинова. // Ученые записки. Электронный научный журнал Курского государственного университета. – 2014. – № 2 (30). С. 191 – 200.

8.Попп, И.А. Молодежные патриотические общественные организации как альтернатива криминальным субкультурам / И.А. Попп, И.С. Попп, И.С. Шахнович. // Педагогическое образование в России. – 2017. – № 10. – С. 56 – 61.

9.Родионова, О. В. Формирование патриотизма у младших школьников средствами компьютерных игр / О.В. Родионова, Л.Д. Ситникова. – Текст: электронный // Научно-методический электронный журнал «Концепт». – 2020. – № 11 – С. 66–86.

10.Сафонова, Т.В., Волкова О.В. Патриотическое воспитание младших школьников в условиях взаимодействия школы и семьи / Т.В. Сафонова, О.В. Волкова. // Вестник Удмуртского университета. – Ижевск, 2012. – № 2. – С. 84 – 87.

11.Собкин, В.С. Подросток: включенность в сетевое взаимодействие и отношение к образованию/ В.С. Собкин. // Коммуникации. Медиа. Дизайн. – 2017. – Т.2. – № 2. – С. 99 – 113.

12.Тонких, Е.С. Тюремная культура. Субкультура АУЕ как проявление правового нигилизма/ Е.С. Тонких, Е.А. Брылева. // Пермский период: сборник материалов VI Международного научно-спортивного фестиваля курсантов и студентов 13-18 мая 2019 г. – Перьмь: Изд-во ПИФСИН, 2019. – С. 247 – 249.

13.Эльконин, Д.Б. Возрастные и индивидуальные особенности младших подростков/ Д.Б. Эльконин. // Психология подростка. Хрестоматия. – Москва: Изд-во Российское педагогическое агентство, 2009. – С. 286 – 312.

## ВЛИЯНИЕ СОЦИАЛЬНОЙ СРЕДЫ НА СТАНОВЛЕНИЕ ЛИЧНОСТИ И ФОРМИРОВАНИЕ ЧУВСТА ПАТРИОТИЗМА ПОДРАСТАЮЩЕГО ПОКОЛЕНИЯ

В статье рассматривается проблемы влияния социальной среды на становление личности и особенно на формирование чувства патриотизма современного подрастающего поколения. В этом контексте автор отмечает, что выстраивая стратегию патриотического воспитания в условиях образовательного учреждения, необходимо учесть ряд внешних факторов воздействия на подростка, и в первую очередь – семьи учащегося, которая, безусловно, является частью социальной среды, в которой происходит формирование его личности. На практике чаще всего приходится сталкиваться с тем, что родители и другие взрослые члены семьи, не имеющие педагогического образования, занимаются воспитанием ребенка в меру собственных представлений о том, какие навыки и умения помогут ему стать успешным профессионалом и членом общества.

Автор, также, утверждает, что в то время как в образовательном учреждении воспитание подростка опирается на научно обоснованную методическую базу, носит планомерный характер, его результаты определяются требованиями государственных стандартов. Возможные противоречия, возникающее между этими двумя подходами к воспитанию и его целям, особенно ярко могут проявляться по отношению к вопросам патриотического воспитания в силу неоднозначности и многоплановости самого феномена патриотизма. Поэтому в ряде случаев возникает потребность в различного рода просветительских мероприятиях для членов семей учащихся с целью доведения до них позиции государства и системы образования в отношении современных подходов к воспитанию гражданина и патриота.

***Ключевые слова:*** *социальная среда, становление личности, чувства патриотизма, подрастающее поколение, патриотическое воспитание, внешние факторы, образовательное учреждение, воспитание, феномен патриотизма, просветительские мероприятия, современные подходы, воспитание гражданина.*

## ТАЪСИРИ МУҲИТИ ИҶТИМОӢ БА ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТ ВА ҲИССИ ВАТАНДӮСТИИ НАСЛИ НАВРАС

Дар мақола масоили таъсири муҳити иҷтимоӣ ба ташаккули шахсият ва махсусан ба ташаккули ҳисси ватандӯстии насли навраси муосир баррасӣ карда мешавад. Дар ин замина, муаллиф қайд мекунад, ки ҳангоми таҳияи стратегияи тарбияи ватандӯстӣ дар шароити муассисаи таълимӣ бояд як қатор омилҳои берунии таъсиррасонӣ ба наврасон ва, пеш аз ҳама, ба оилаи толибилмон, ки бешубҳа як қисми муҳити иҷтимоӣ мебошад ва дар он ташаккули шахсияти кӯдак ба амал меояд, ба назар гирифта шавад. Таъкид карда мешавад, ки дар амал, аксар вақт мо бо он рӯ ба рӯ мешавем, ки волидон ва дигар аъзои калонсоли оила, ки таҳсилоти педагогӣ надоранд, ба тарбияи кӯдак ба андозаи тасаввуроти худ дар бораи он, ки кадом малакаҳо ба ӯ кӯмак мекунанд, ки мутахассиси муваффақ ва узви ҷомеа гардад, муносибат мекунанд.

Муаллиф, инчунин, изҳор медорад, ки дар ҳоле ки дар муассисаи таълимӣ тарбияи наврасон ба заминаи методии илмӣ асоснок такя мекунад, хусусияти нақшавӣ дорад, натиҷаҳои он бо талаботи стандартҳои давлатӣ муайян карда мешаванд. Ихтилофоти эҳтимолӣ, ки байни ин ду равиш ба тарбия ва ҳадафҳои он ба вуҷуд меоянд, метавонанд нисбат ба масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ бо сабаби номуайянӣ ва гуногунҷанбаи худи падидаи ватандӯстӣ ба таври равшан зоҳир шаванд. Аз ин рӯ, дар баъзе ҳолатҳо зарурати баргузории чорабиниҳои гуногуни маърифатӣ барои аъзои оилаҳои хонандагон бо мақсади ба онҳо расонидани мавқеи давлат ва низоми таълим дар робита ба равишҳои муосир ба тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ ба миен меояд.

***Калидвожаҳо:*** *муҳити иҷтимоӣ, ташаккули шахсият, ҳисси ватандӯстӣ, насли наврас, тарбияи ватандӯстӣ, омилҳои беруна, муассисаи таълимӣ, тарбия, падидаи ватандӯстӣ, чорабиниҳои маърифатӣ, равишҳои муосир, тарбияи шаҳрвандӣ.*

**THE INFLUENCE OF THE SOCIAL ENVIRONMENT ON THE FORMATION OF PERSONALITY AND OF A SENSE OF PATRIOTISM OF THE YOUNGER GENERATION**

The article examines the problems of the influence of the influence of the social environment on the formation of personality and especially on the formation of a sense of patriotism of the modern younger generation. In this context, the author notes that when building a strategy of patriotic education in an educational institution, it is necessary to take into account a number of external factors affecting a teenager, and first of all, the student's family, which, of course, is part of the social environment in which his personality is formed. In practice, most often we have to deal with the fact that parents and other adult family members who do not have a pedagogical education are engaged in raising a child to the best of their own ideas about what skills and abilities will help him become a successful professional and a member of society.

The author also argues that while in an educational institution the upbringing of a teenager is based on a scientifically sound methodological base, is systematic in nature, its results are determined by the requirements of state standards. The possible contradictions that arise between these two approaches to education and its goals can be especially pronounced in relation to issues of patriotic education due to the ambiguity and diversity of the phenomenon of patriotism itself. Therefore, in some cases, there is a need for various kinds of educational activities for family members of students in order to convey to them the position of the state and the education system regarding modern approaches to the upbringing of a citizen and a patriot.

***Key words:*** *social environment, personality formation, feelings of patriotism, the younger generation, patriotic education, external factors, educational institution, upbringing, the phenomenon of patriotism, educational events, modern approaches, education of a citizen.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Мирзоев Акрам – унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, суроға: 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2. Тел:. (992) 207 31 48 31, E.mail: m.akram@mail.ru.*

***Сведения об авторе:*** *Мирзоев Акрам – соискатель Института развития образования им. А. Джоми Академии образования Таджикистана, адрес: 734063, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. А. Адхамова, 11/2. Тел:. (992) 207 31 48 31, E.mail: m.akram@mail.ru.*

***Information about the author:*** *Mirzoev Akram - applicant A. Jami Institute of Educational Development Academician of Education Tajikistan, address: 734063, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 11/2 A. Adhamov str. Tel:. (992) 207 31 48 31, E.mail: m.akram@mail.ru.*

**ТДУ: 37.04**

# МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ПРИНЦИПЫ ГУМАНИСТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ

***Хайдарова Н. М.***

**Донишгоҳи давлати омузгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

Методологические основы гуманистического воспитания учащихся начальных классов основаны на принципах централизации личности, поддержки саморазвития, активного участия, обеспечения эмоциональной безопасности, сотрудничества и взаимодействия, развития этических ценностей, а также интеграции субъективного и объективного опыта.

Эти принципы представляют собой основу формирования благоприятной образовательной среды, способствующей гармоничному развитию личности учащихся начальных классов.

Такие методологические аспекты учитывают индивидуальные потребности, интересы и способности каждого учащегося, обеспечивая эффективное развитие их личности. Принцип централизации личности подразумевает ориентацию образовательного процесса на уникальные характеристики каждого ребенка, что способствует формированию его самосознания и самопонимания.

Поддержка саморазвития направлена на создание условий для самостоятельного поиска знаний и опыта, что стимулирует внутреннюю мотивацию и активность учеников в учебном процессе. Активное участие учеников предполагает их активное включение в образовательный процесс через самостоятельную работу, обсуждение и обмен мнениями, что способствует развитию их критического мышления и творческих способностей.

Обеспечение эмоциональной безопасности создает атмосферу доверия и уважения, что позволяет учащимся чувствовать себя комфортно и свободно выражать свои мысли и чувства. Сотрудничество и взаимодействие способствуют формированию навыков коммуникации, сотрудничества и уважения к мнению других, что важно для развития социальных компетенций учеников.

Развитие этических ценностей ориентировано на формирование у учащихся осознанных принципов морали и этики, что способствует их гражданской ответственности и социальной адаптации.

Интеграция субъективного и объективного опыта направлена на объединение личного опыта учащихся с научными знаниями и фактами, что позволяет им лучше понимать и интерпретировать окружающий мир.

Таким образом, методологические принципы гуманистического воспитания учащихся начальных классов формируют основу для комплексного и гармоничного развития личности каждого ребенка.

Концепция гуманистического воспитания учащихся начальных классов базируется на ряде методологических принципов, включающих следующие:

Централизация личности: Гуманистическое воспитание сосредотачивается на уникальных потребностях, интересах и способностях каждого учащегося, признавая его ценность и достоинство.

Поддержка саморазвития: Педагогический процесс направлен на создание условий для самореализации и саморазвития каждого ребенка, стимулируя его творческое мышление и самостоятельность.

Поддержка эмоциональной безопасности: Воспитание стремится создать эмоционально поддерживающую атмосферу, где ученики чувствуют себя комфортно и защищенно, что способствует открытости и доверию.

Сотрудничество и взаимодействие: Гуманистическое воспитание способствует развитию навыков сотрудничества, взаимопомощи и уважения к другим, формируя толерантное и дружелюбное отношение к окружающим.

Развитие этических ценностей: Педагогический процесс направлен на формирование у учащихся осознанных этических принципов, включая честность, справедливость, уважение к правам и достоинству других людей.

Интеграция субъективного и объективного опыта: Воспитание ориентировано на интеграцию личного опыта учащихся с объективными знаниями, создавая таким образом основу для глубокого понимания и осмысления окружающего мира. Эти методологические принципы обеспечивают основу для создания благоприятной образовательной среды, способствующей гармоничному развитию личности каждого ученика начальной школы.

Мнение ученых относительно методологических принципов гуманистического воспитания учащихся начальных классов обычно положительно. Многие исследователи в области образования признают важность учета индивидуальных особенностей каждого ребенка и создания поддерживающей и стимулирующей образовательной среды для его развития.

Ученые отмечают, что подход, основанный на гуманистических принципах, способствует не только академическому успеху, но и формированию социальных и эмоциональных навыков учащихся. Подчеркивается, что уважение к индивидуальности каждого ученика, поддержка его саморазвития и активное включение в образовательный процесс способствуют формированию уверенности в себе, эмпатии и способности к сотрудничеству.

Исследования также подтверждают, что гуманистический подход к воспитанию учащихся может снизить уровень стресса и напряженности в учебной среде, что благоприятно сказывается на их эмоциональном благополучии и общей мотивации к обучению.

Таким образом, мнение ученых подтверждает, что методологические принципы гуманистического воспитания учащихся начальных классов являются эффективным и перспективным подходом к образованию, способствующим гармоничному развитию личности каждого ребенка. Помимо положительных аспектов, ученые также отмечают необходимость баланса между гуманистическим подходом и обязательными учебными стандартами.

Важно, чтобы гуманистическое воспитание не исключало формального обучения, а дополняло его, обеспечивая не только развитие личности, но и успешную учебную деятельность.

Некоторые ученые также выделяют важность профессиональной компетентности учителей при реализации гуманистического подхода. Педагоги должны обладать навыками дифференцирования обучения, умением создавать индивидуализированные образовательные программы и эффективно взаимодействовать с учащимися. [1, 2-11с].

Кроме того, существует потребность в дальнейших исследованиях и разработках методик, направленных на оптимизацию гуманистического воспитания в начальных классах. Это включает в себя изучение эффективности конкретных практик, адаптацию методологических подходов к различным социокультурным контекстам и разработку ресурсов для поддержки учителей в реализации гуманистических принципов в образовательном процессе.

Таким образом, мнение ученых подчеркивает значимость гуманистического воспитания учащихся начальных классов, однако также указывает на необходимость комплексного подхода, профессиональной подготовки учителей и дальнейших научных исследований в этой области.

В области гуманистического воспитания учащихся начальных классов проводили исследования множество ученых из различных стран и научных учреждений. Некоторые из них:

Карл Роджерс (Carl Rogers) - американский психолог, чьи работы по гуманистической психологии оказали значительное влияние на образование, акцентировал внимание на уважении к индивидуальности и потребностям ученика, а также на важности эмоционального благополучия для успешного обучения. Эрик Эриксон (Erik Erikson) - американский психоаналитик и развивающий психолог, чьи теории о развитии личности оказали влияние на понимание воспитания и обучения, выделял важность психосоциального развития и формирования идентичности у детей. Джон Дьюи (John Dewey) - американский философ и педагог, чьи работы о прогрессивном образовании и опытном обучении внесли значительный вклад в развитие гуманистических подходов в образовании., Альфред Адлер (Alfred Adler) - австрийский психотерапевт и психолог, который разработал концепцию индивидуальной психологии. Его исследования о влиянии среды на развитие личности и самооценку также имеют значение для понимания процесса воспитания учащихся.

Российские ученые, которые провели исследования в области гуманистического воспитания учащихся начальных классов:

Наталья Александровна Андреева - доктор педагогических наук, профессор, российский ученый в области педагогики и психологии, автор многочисленных публикаций по вопросам развития детей и методикам обучения в начальной школе., Елена Васильевна Красильникова - доктор психологических наук, профессор, специалист в области психологии развития и образования, исследует вопросы формирования личности учащихся в начальных классах и методы их воспитания., Светлана Владимировна Круглова - доктор педагогических наук, профессор, занимается проблемами психологической и педагогической поддержки детей в начальной школе, разработкой методик гуманистического воспитания.

Ирина Владимировна Бурнаева - кандидат педагогических наук, доцент, занимается проблемами развития и воспитания младших школьников, разработкой методов обучения с учетом индивидуальных особенностей каждого ребенка.

В Таджикистане также существует ряд ученых, которые вносят вклад в область гуманистического воспитания учащихся начальных классов.

Мирзошо Акбаров - доктор педагогических наук, профессор, специалист в области педагогики и методики обучения, который проводит исследования по проблемам гуманистического воспитания в начальной школе.

Фируза Саидова - кандидат педагогических наук, доцент, занимающаяся проблемами формирования личности учащихся и разработкой методов гуманистического образования в начальной школе.,

Хаким Шарапов - кандидат психологических наук, доцент, специализирующийся в области психологии развития и обучения младших школьников, исследующий вопросы гуманистического воспитания.,

Гульшода Мирзоева - кандидат педагогических наук, доцент, занимающаяся разработкой методик гуманистического воспитания учащихся начальных классов и внедрением инновационных подходов в образовательный процесс.

Это лишь небольшой список ученых из Таджикистана, которые активно работают в области гуманистического воспитания учащихся начальных классов. Их исследования и практическая деятельность направлены на создание благоприятной образовательной среды и эффективные методы обучения, способствующие развитию личности каждого ученика.

Некоторые из таджикских ученых, которые вносят вклад в оптимизацию образовательного процесса в начальных классах с учетом гуманистических принципов, включают:

Шарофиддин Садуллоев - кандидат педагогических наук, доцент, активно занимается разработкой и адаптацией методик обучения с учетом гуманистических подходов. Его исследования фокусируются на создании стимулирующей образовательной среды, способствующей гармоничному развитию личности учащихся начальных классов.,Мухаммад Саломзода - кандидат педагогических наук, доцент, специализируется на разработке программ обучения, учитывающих индивидуальные потребности и интересы детей. Он также изучает влияние гуманистических методов на мотивацию и академическую успеваемость учащихся., Насриддин Бобоев - доктор педагогических наук, профессор, его исследования направлены на разработку инновационных методик обучения, которые способствуют активному взаимодействию учеников и развитию их творческих способностей., Мунаввара Шарипова - кандидат психологических наук, доцент, специализируется на педагогической психологии и разработке программ психолого-педагогического сопровождения учащихся.

Ее исследования помогают оптимизировать педагогический процесс с учетом психологических особенностей детей.

Это лишь несколько примеров ученых из Таджикистана, которые активно работают над оптимизацией образовательного процесса в начальных классах с использованием гуманистических принципов.

Их исследования и практическая деятельность важны для создания эффективных и гармоничных условий обучения для детей.

Вклад таджикских ученых в области гуманистического воспитания учащихся является значимым и многоаспектным.

Вот несколько ключевых направлений, в которых они вносят свой вклад:

Исследования и разработка методик обучения.

Таджикские ученые проводят исследования, направленные на оптимизацию образовательного процесса в начальных классах с учетом гуманистических принципов. Они разрабатывают методики и учебные программы, которые акцентируют внимание на развитии личности ученика, его эмоциональном благополучии, и учитывают индивидуальные особенности каждого ребенка.

Повышение квалификации учителей:

Ученые проводят тренинги, семинары и конференции для учителей, направленные на распространение лучших практик гуманистического воспитания. Они помогают педагогам развивать навыки, необходимые для создания поддерживающей образовательной среды и эффективной работы с учащимися.

Исследования в области педагогической психологии:

Таджикские ученые изучают психологические аспекты обучения и воспитания учащихся, включая мотивацию, саморегуляцию, эмоциональное состояние и многие другие факторы, влияющие на успешность обучения.

Пропаганда и публикации:

Ученые активно публикуют свои исследования в научных журналах, презентируют на конференциях и семинарах, делают выступления в образовательных учреждениях. Они также пишут учебные пособия, методические рекомендации и статьи, которые помогают распространить их знания и опыт среди педагогического сообщества.

Таким образом, таджикские ученые вносят значительный вклад в развитие гуманистического воспитания учащихся, способствуя созданию благоприятной образовательной среды и обеспечивая всестороннее развитие личности детей в начальной школе.

В целом можно сказать, что таджикские ученые играют значимую роль в разработке и реализации гуманистических подходов в образовании начальных классов. Их исследования, методические разработки и практическая деятельность способствуют созданию благоприятной образовательной среды, ориентированной на развитие личности каждого ученика.

Ученые Таджикистана активно изучают и адаптируют лучшие мировые практики в области гуманистического воспитания, учитывая при этом местные традиции и культурные особенности. Их исследования направлены на оптимизацию образовательного процесса, учет индивидуальных потребностей учащихся, а также развитие их творческих и интеллектуальных способностей.

Благодаря усилиям таджикских ученых, образовательная система страны продолжает развиваться и совершенствоваться, обеспечивая детям качественное образование и помогая

им стать гармонично развитыми личностями. За последние десятилетия гуманистические принципы в образовании стали все более признанными и востребованными в мировой педагогической практике.

В контексте Таджикистана они приобретают особую важность, поскольку способствуют формированию творческого и гармонично развитого поколения, способного успешно адаптироваться к современным вызовам и достигать успехов как в личной, так и в профессиональной жизни.

Гуманистическое воспитание учащихся начальных классов, проводимое при участии таджикских ученых, учитывает важность индивидуального подхода к каждому ребенку, создание доверительных отношений в учебной среде, развитие эмоционального интеллекта и социальных навыков [5,165 с].

Такой подход способствует не только повышению качества образования, но и формированию у детей ценностей толерантности, справедливости и уважения к окружающим.

Однако для эффективной реализации гуманистических принципов в образовании необходимо постоянное совершенствование и развитие как методик обучения, так и квалификации педагогов.

Кроме того, важно сотрудничество с родителями и обществом в целом для создания условий, способствующих полноценному развитию каждого ребенка.

Таким образом, гуманистическое воспитание учащихся начальных классов, поддерживаемое исследованиями и практикой таджикских ученых, является ключевым элементом развития образования в стране и способствует формированию гармоничной и устойчивой общественной среды. [3,155 с]. Методологические принципы гуманистического воспитания учащихся начальных классов являются фундаментальными ориентирами, определяющими основные подходы к образовательному процессу. Эти принципы ориентированы на создание благоприятной образовательной среды, способствующей всестороннему развитию личности каждого ученика. [2,52-56 с].

В заключении можно отметить что, методологические принципы гуманистического воспитания в начальных классах стремятся к созданию условий, в которых каждый ребенок может раскрыть свой потенциал, развиться как личность и стать активным участником образовательного процесса.

Эти принципы лежат в основе современной педагогической практики и являются ключевым фактором успешного обучения и воспитания в начальной школе. Важно отметить, что успешная реализация методологических принципов гуманистического воспитания учащихся начальных классов требует не только понимания их сути, но и их систематического применения в педагогической практике.

Это подразумевает не только выбор соответствующих образовательных стратегий и методик, но и постоянное развитие профессиональных навыков учителей, а также создание поддерживающей образовательной среды в школе.

Педагогические коллективы начальных классов должны активно сотрудничать и обмениваться опытом, чтобы эффективно внедрять гуманистические подходы и совершенствовать свою работу.

Важно также учитывать индивидуальные особенности каждого ученика, их потребности и способности, создавая условия для их полноценного развития и самореализации. Кроме того, гуманистическое воспитание требует внимания к развитию эмоционального интеллекта учеников, формированию их социальных навыков и умений межличностного взаимодействия.

Эти аспекты играют ключевую роль в формировании гармоничной личности и успешной адаптации к различным жизненным ситуациям. Таким образом, гуманистические методологические принципы воспитания учащихся начальных классов являются основой современной педагогической практики, направленной на создание условий для всестороннего развития личности каждого ребенка и подготовки его к жизни в современном обществе.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1.Байкова А. Воспитание в традиционной и гуманистической педагогике: Понятие «воспитание» в педагогической науке // Клас. рук. 1998. - №2.-С. 2-11.

2.Кобзарь Б. С. Изучение развития гуманизма младших школьников // Нач. шк.: плюс-минус . 1999. - № 2. - С. 52-56.

3.Каримова, И. Х. «Теоретические основы гуманизации гуманитарного образования учащихся таджикской школы»,Сведения об издании: Душанбе, 2000 358 с. РГБ ОД, 13/188-2.
4.Лутфуллоев М. Гуманистическая педагогика / М. Лутфуллоев [Текст]. - Душанбе: Маориф, 1994. - 165 с.
5.Шарифзода Файзулло разработал теорию интегрированного обучения с. 8. учётом воспитания учащихся в учебном процессе. 37. намерения, человеколюбие и гуманизм, человеческие достижения и светлое будущее. Душанбе, 2000.

## МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ПРИНЦИПЫ ГУМАНИСТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ

Методологические основы гуманистического воспитания учащихся начальных классов основаны на принципах централизации личности, поддержки саморазвития, активного участия, обеспечения эмоциональной безопасности, сотрудничества и взаимодействия, развития этических ценностей, а также интеграции субъективного и объективного опыта.

По мнению автора эти принципы являются основой формирования благоприятной образовательной среды, способствующей гармоничному развитию личности учащихся начальных классов. Они учитывают индивидуальные потребности, интересы и способности каждого учащегося, обеспечивая эффективное развитие их личности.

Принцип централизации личности предполагает ориентацию образовательного процесса на уникальные характеристики каждого ребенка, что способствует формированию его самосознания и самопонимания. Поддержка саморазвития направлена на создание условий для самостоятельного поиска знаний и опыта, стимулируя внутреннюю мотивацию и активность учеников в учебном процессе. Активное участие учеников предполагает их активное включение в образовательный процесс через самостоятельную работу, обсуждение и обмен мнениями, что способствует развитию их критического мышления.

***Ключевые слова:*** *методологические основы, индивидуальные особенности, гуманистическая воспитания, толерантность, гуманистические принципы, мотивация, этические ценности, саморазвития, критическое мышление, образовательный процесс.*

## ПРИНСИПҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ТАРБИЯИ ИНСОНДӮСТИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Асосҳои методии тарбияи инсондӯстонаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба принсипҳои мутамарказкунии шахсият, дастгирии рушди худшиносӣ, иштироки фаъолона, таъмини амнияти эмотсионалӣ, ҳамкорӣ, ташаккули арзишҳои ахлоқӣ, ҳамгироии таҷрибаи субъективӣ ва объективӣ асос ёфтаанд.

Ба андешаи муаллиф, ин принсипҳо заминаи ташаккули муҳити мусоиди таълимӣ мебошанд, ки ба рушди мутаносиби шахсияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунанд. Онҳо талаботи индивидуалӣ, шавқу ҳавас ва қобилияти ҳар як талабаро ба назар гирифта, инкишофи самарабахши шахсияти онҳоро таъмин мекунанд.

Принсипи мутамарказии шахсият равона кардани раванди таълимро ба хислатҳои хоси ҳар як кӯдак пешбинӣ мекунад, ки ба ташаккули худшиносӣ ва худшиносии ӯ мусоидат мекунад. Дастгирии рушди худшиносӣ ба фароҳам овардани шароит барои ҷустуҷӯи мустақилонаи дониш ва таҷриба, ҳавасмандкунии ҳавасмандии дохилӣ ва фаъолияти донишҷӯён дар раванди таълим нигаронида шудааст. Иштироки фаъолонаи хонандагон ба раванди таълим тавассути кори мустақилона, муҳокима ва мубодилаи афкор ҷалби фаъолонаи онҳоро дар назар дорад, ки ба инкишофи тафаккури интиқодӣ мусоидат мекунад.

***Калидвожаҳо:*** *асосҳои методологӣ, хусусиятҳои фардӣ, тарбияи инсондӯстона, таҳаммулпазирӣ, принсипҳои инсондӯстона, ҳавасмандкунӣ, арзишҳои ахлоқӣ, рушди худшиносӣ, тафаккури интиқодӣ, раванди таълим.*

## METHODOLOGICAL PRINCIPLES OF HUMANISTIC EDUCATION OF PRIMARY SCHOOL STUDENTS

The methodological foundations of humanistic education for primary school students are based on the principles of personality centralization, support for self-development, active participation, emotional safety provision, cooperation and interaction, development of ethical values, as well as integration of subjective and objective experience.

According to the author, these principles form the basis for creating a favorable educational environment conducive to the harmonious development of the personalities of primary school students. They take into account the individual needs, interests, and abilities of each student, ensuring the effective development of their personality.

The principle of personality centralization involves orienting the educational process towards the unique characteristics of each child, which contributes to the formation of their self-awareness and self-understanding.

Support for self-development aims to create conditions for independent acquisition of knowledge and experience, stimulating internal motivation and activity among students in the learning process.

Active participation of students implies their active involvement in the educational process through independent work, discussion, and exchange of opinions, thereby promoting the development of their critical thinking.

***Key words:*** *methodological foundations, individual characteristics, humanistic upbringing, tolerance, humanistic principles, motivation, ethical values, self-development, critical thinking, educational process.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Ҳайдарова Наргис Мансуровна, ассистенти кафедраи педагогикаи умумии донишгоҳи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тел..92799 83 27rusamhajdarov@gmail.com*

***Сведение об авторе***: *Хайдарова Наргис Мансуровна., ассистент общеуниверситетской кафедры общей педагогики Таджикского государственного университета имени С.Айни. Тел..92799 83 27 rusamhajdarov@gmail.com*

***Information about the author:****Haidarova Nargis Mansurovna - assistant All-University Department of Pedagogy, Tajik State University named after S. Aini. Тел.92799 83 27*

## ҲАЛЛУ ФАСЛИ МУШКИЛОТИ ҲУҚУҚИИ АЪЗОИ ОИЛА ДАР «НАВОДИР-УЛ-ВАҚОЕЪ» -И АҲМАДИ ДОНИШ

***Ҳайдаров А. А.***

**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

*Мақсад аз қабули қарор дар бораи соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидан ин баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани ҳимояи ҳуқуқи инсон мебошад.*

**Эмомалӣ Раҳмон**

Рӯйдодҳои айёми охир равшан нишон доданд, ки бархурдорӣ аз маърифати ҳуқуқӣ то кадом андоза зарурат доштааст.

Мавриди зикр аст, ки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини пойдоршавии Ҳукумати конститутсионӣ барои тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва аз ҷумла ҷавонон як қатор санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқиро қабул намуда, барои пиёда сохтани онҳо кӯшишҳо низ ба харҷ додаанд.

Ба ин баста, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон” аз 16 декабри соли 2022, №332, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 9 апрели соли 1997, №691, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ” аз 22-уми августи соли 1997, №383, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028” аз 6-уми феврали соли 2018, №1005, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 3-юми марти соли 2006, №94 ва “Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030” бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки 27-уми ноябри соли 2019, №599 қабул гардиданд, метавон шомил кард.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2008 бад-ин тарз иброз дошта буданд: «Рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ба сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ вобастагии зиёд дорад»[1,3].

Тамоми ин иқдомот саривақтӣ ва зарурӣ буда, дар тарбияи сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқии насли наврас нақши боризеро гузошта буданд, гузошта истодаанд ва дар оянда низ хоҳанд гузошт.

Бояд қайд намуд, ки дар таърихи педагогикаи классикии форс-тоҷик доир ба тарбияи ҳуқуқии ҷавонон ва шаҳрвандон андешаҳои судмандро дар таълимоти маорифпарвари шаҳир ва олими энсиклопедист Аҳмад Махдуми Дониш метавон пайдо намуд, ки то ҳол аҳамияти хешро аз даст надодаанд.

Аҳмади Дониш дар оғози асари худ –«Наводир-ул-вақоеъ» як силсила масъалаҳое мегузорад, ки комилан тамоили педагогӣ дошта, дар кадом вазъ қарор доштани ахлоқу одоб, муносибати волидайни касбу кори мухталиф бо фарзандон ва чораву тадбир ҷустани ононро инъикос менамояд. Масалан, муаммое, ки ҳалли он ба аҳли фарҳанги он замон, аз он ҷумла Аҳмади Дониш вогузор гардидааст: «азизон чӣ гӯянд дар ҳаққи падаре, ки фарзанде дорад ба

тақозои ҷабиллат моил ба салоҳ аст ва ин падари хунӣ ва роҳзан дар авқот, ки ба қатъи роҳ бармеояд, писарро бо худ мебарад, то машқ диҳад. Баъд аз задани корвон ва гирифтории эшон, писарро бифармояд, ки ягон – ягон эшонро сар бурад, ки «мурғи сарбурида бонг наёрад», мабод ки аз инон яке дар шаҳр ояд ва аъвон ва ҳокимро барои ҷустуҷӯи дуздон барорад, ин писар бо он ки «ба буридани сари гунҷишк» бинобар утуфати замир ҷуръат надорад, агар дар амри хатир иқдом кунад, дилаш рухсат намедиҳад ва агар накунад бар хилофи марзии падар рафта бошад ва оқ гашта»[5, 24-25].

Чунон ки аз ин навиштаҳо бармеояд, мутафаккир падареро мавриди муҳокима қарор медиҳад, ки фарзанди поксиршит ва ақли расо доштаи худро ба хиёнат ва ҷиноят мекашад ва тадбиру ҳукми онро ҷӯён мешавад. Адиб дар назди волидон зимни чунин ҳолат ва вазъият ду муаммои сарбаста ва мушкилотеро ба миён мегузорад, ки ҳалли он мубрам ва мубҳам аст: яке агар фарзанд бо ҳидояти падар ғоратгарӣ кунаду одам бикушад- ҷинояти вазнин ва гуноҳе азим карда бошад ва дигаре ҳарфи падар нагирад ва напазирад, осӣ шуда бошад ва оқшуда.

Дар мавриди дигар, адиб аз ҳарфи ҷавоне модареро мисол меоварад, ки дар зиндагӣ ва навхонагии ӯ халале ворид месозад ва ҳар замон баҳонае ҷуста айши онҳоро талх месозад. Чунончи:

«Модаре дорам хариф шуда, агар саранҷоми муҳимми манзил ба модар супорам, аз уҳда барнамеояд, агар ба дасти зан ниҳам, норозӣ аст. Ва бар сари ҳар обу таом ғавғо бунёд мекунад ва зиёдасарию зиёдаталабӣ мекунад. гӯё ҳама азони ӯст ва барои ӯ. Собиқ ду зан аз ман ба талоқу фироқ овард ва дар зани сеюм низ ҳол ҳамон аст. Агар ҷониби модар гирам, бояд ки аз ҳаққи зан даст бардорам ва агар тарафдории зан кунам, бояд ки оқи модарро ихтиёр намоям»[5, 25].

Ба ҳамин тариқ, мутафаккир омили асосии ба миён омадани чунин проблемаҳои тарбиявии ҷавононро дар қавонин, аҳком ва кутубе, ки оид ба ҳуқуқи ҷавонон мебошанд, мебинад ва маҳкум менамояд. Ба андешаи мутафаккир, дар ҳар шаҳре қозӣ ва муфтие аз субҳ то шом ғавғои падару писар ва зану модаршӯ ҳал мекунад, вале ҳеҷ дар андешаи он нестанд, ки чаро ҳамин тавр аст ва писар «ба кадом амал маҳрум аз мерос мешавад ва ин зан бо кадом ҷарима ба талоқ мубтало мегардад?» [5, 31].

Адиб ба хулосае меояд, ки кулли масъалаҳо ва мушкилоту мавҳумот марбут ба ҷову замону макон ва табиату мавқеи иҷтимоии он бояд ҳаллу фасл гардад. Вале мутаассифона, баъзе олимони дин барои ҷонибдории раёсат ҳақиқатро рӯпӯш менамоянд ва воқеиятро танҳо дар аммомаву азони каллаи манора медонанд: «Аммо дар кирдор ва атвор тафовути фоҳиш дар миён аст, ки ба ҳеҷ миллат ошнойӣ надорад»[5, 31].

Масъалаи дигаре, ки мутафаккир ба кушодани укдаи он кӯшиши зиёде ба харҷ додааст, ин масъалаи ҳуқуқи падару модар ва ҳадди саркашӣ кардани фарзандон аз фармони эшон мебошад. Ӯ бо далелҳои раднопазир қолаби нодурустеро, ки мувофиқи он фарзанд бояд тамоми гуфтаҳои волидайнро бечунучаро ба ҷо биёрад, дарҳам шикаста, фикри далеронаи худро пешниҳод мекунад. Мувофиқи он: «Падару модар мавриди эҳсон ва шукранд, бар тақдире, ки солеҳ бошанд ва ба фарзанди худ некихоҳанда ва салоҳи ҳоли ӯ ҷӯянда, ки агар фосиқ бошанду ба фарзанд некӣ намехоҳанд ва салоҳи ҳоли ӯро наметалабанд, балки ғарази худро меҷӯянд. 5, 35].

Агар писар амри падареро, ки ӯро ба дуздиву қотилӣ ва духтар амри модареро, ки ӯро ба фоҳишагӣ раҳнамоӣ мекунад ба ҷо наорад, ҳаргиз осӣ ва гунаҳкор нахоҳад шуд, баръакс амали солеҳеро ба ҷо хоҳад овард. Мутафаккирони мозӣ ҳарчанд дар боби таълим ва тарбияи атфол андешаҳои зиёди пандуахлоқӣ гуфта, насиҳатномаҳо ва дастуруламалҳои муфиде низ навишта бошанд ҳам, мутаассифона, барои волидайн раҳнамо ё дастуруламали зарурӣ, ё ин ки ба қавли Муҳаммади Ҳиҷозӣ, мактаби махсусе, ки ба онҳо тарбияти авлодро биёмӯзанд, мавҷуд набуд[13, 53].

Аҳмади Дониш бад-ин васила барои волидайн дар тарбияи фарзандон як раҳнамое навишта, ҳадди ҳуқуқи онҳо бар фарзандон ва тарзи муносибати онҳоро бар волидайн боадолатона нишон додаст. Навиштани чунин рисола дар он замон аз мутафаккир ҷасорати калонеро талаб мекард. Зеро танҳо гуфтани як ибораи «писаронро ба зидди падарон мешӯронад» аз тарафи зимомдарон ва ҷоҳилон кофӣ буд, ки нависандаро осиву кофир эълон кунанд ва ба укубат гирифтор созанд. Вале пуштибони ӯ маърифати баланд, ки ба он ҳам дӯст ва ҳам душманон қоил шуда буданд ва сипари ӯ алайҳи ҳама гуна буҳтон бурҳонҳои қотеи ӯ буданд. Обурӯ доштани ӯ дар мамолики хориҷ низ истисно нест.

Аҳмади Дониш аз рӯйи донишу маърифат аз ҳамзамонони худ хеле пеш рафта буд ва барои он давр гӯё аз замони оянда буд. Дигар масъалаи тарбияи бани башарро, ки адиб ба миён мегузорад, навозандагӣ ва некхоҳии волидайн ба фарзандони хеш аст. Яъне, падару модар ҳамеша кӯшиш намоянд, ки тақдири имрӯзу ояндаи фарзандони худро фикр намоянд, ки дар байни ҷомеа мавқеъ ва ҳурмату эҳтиром дошта бошанд, сазовори ному кори неки аҷдодон бошанд.

Инчунин адиби маъруф бар он ақида аст, ки фарзанд бояд «барои нафақаи онҳо duздию қимор ва раққосию шоҳидӣ пеша накунад, ё барои дарёфти хушнудии модар зани солеҳаи худро ба талоқ дода, ба фисқу фасод ва наяфтад»[5, 35].

Аҳмади Дониш ғолибан бар он андеша аст, ки ағлаби низоъ ва муноқишаҳо, хиёнат ва ҷиноят содир намудани атфол аз таъмин карда натавонистани падар нафақаи фарзандонро ва дар он хасисӣ ё саркашӣ кардани он сар мезанад. Баъзан чунин ҳолатҳое рух медиҳад, ки падар аз уҳдаи таъмини нафақаи фарзандон баромада натавониста, онҳоро ба дигар амалҳои зишт ва зиёновар ҳидоят менамояд.

Ё худи фарзандон барои таъмини эҳтиёҷоти хеш ба дуздию қимор, гадоию қаландарӣ даст мезананд: « ҳуқуқе, ки дар зоҳир миёни падару писар меафтад, ғолибан аз он аст, ки падар дар нифоқ имсок мекунад бо вуҷуди қудрат. Ва писар аз ҷиҳати эҳтиёҷ мутолабат менамояд, чун аз падар эҳмол ва имҳол мебинад, пас дар исёну саркашӣ меафтад ва ба дуздию қимору суол кори ӯ оид мегардад ва бошад, ки бигурезад, ё ба қаландарон ихтилот намояд ва шабҳою рӯзҳо дар хона наояд. Пас, ваболи ин ҳама исён ва иқоқу шиқоқи ӯ ба рӯзгори падар оид гардад ва тарафайн осим бошанд. Ва гуноҳи падар бузургтар бувад, ки писарро ба исён овардааст»[5, 36].

Мутафаккир гоҳе ба ҳайси довар ва ҳоким ба қайсарӣ, якравӣ ва кавдании баъзе фарзандон, ки тангдастӣ ва камбағалии падарро ба эътибор нагирифта, боисрор дар талаби бештари нафақа мешаванд, сахт мазаммат намуда, онҳоро осӣ ва оқшуда ҳукм менамояд.

Чунончи: «агар падар аз муъсирон аст, писар ба истибдод толиби инфоқ мешавад ва ба касбу ҳирфа гардан намениҳад ва аз таълиму тааллум мегурезад, ё дар нафақаи мисли худ аз падар қаноат намекунад ва барои исрофу итлоф ва завоид металабад, писар осӣ ва оқ бошад»[5, 36].

Аҳмади Дониш зимни нафақаи атфол бештар ба имконоти волидайн такя менамояд. Яъне, агар падар имконият дошта бошаду фарзандро хору залил гузорад, пас чунин падар арзанда, навозанда ва парастанда нест. Ва баръакс, агар писар зиёдаталабӣ намояд, ӯ осӣ хоҳад буд: Чунончи: «агар падар ба рӯзе як дирам додан тавонад, лекин ним дирам медиҳад, дар сурати исёни писар, падар осим аст ва агар аз дирам зиёда хоҳад, писар осӣ аст»[5, 36].

Мутафаккир ҳаққи падарро нисбат ба писар аз се чиз иборат медонад:

1. Андӯхтани илмҳои зурурӣ;
2. Ҳосил намудани касбу пешаи лоиқу шоиста;
3. Хонадор (оиладор) намудан.

Ба андешаи адиб, агар падар қарзи хешро дар назди фарзанд адо карда бошад, пас «писарро ҳеҷ ҷои бозхост нест, магар ҳаққи муруввативу одатӣ» [5, 36].

Аҳмади Дониш вазъ ва ҳолати минбаъдаи ҳаёти падару писарро чунин ҳадс мезанад: Агар писар тавонгар бошад, боист ба волидайн кумаки моддӣ бирасонад. Ва агар падар тавонгар бувад, ба писар аз рӯи мурувват ва раҳму шафқат ёрӣ диҳад. Писарро воҷиб аст ва фарз, ки ба падар эҳсон намояд ва ҳаққи фарзандӣ ва ҷавонмардӣ ба ҷо орад.

Муаммои дигаре, ки мутафаккир ба миён мегузорад, ҳақ ва ҳуқуқи байни писар ва модар аст. Ба андеша ва мушоҳидаҳои адиб чунин ҳақталабӣ дар ду ҳолат ба вуқуъ меояд. Яке дар ҳолати таҷриди писар ва дигаре дар вақти оиладории ӯ. Яъне, агар модар тавонгар бошаду писар нодор ва ночор ва талош ба моли модар намояд ва ба нафақаи модар қаноат нанамояд, ӯ осӣ бошад. Дар мавриди дигар, агар писар тавонгар бошаду моли хеш беҳуда ба харҷ медиҳад ва ҳаққи модар намерасонад, модар аз рӯйи шариату тариқат ӯро насиҳат мекунад, валек асар надорад, пас дар чунин маврид низ писар осист.

Мутафаккир дар ҳолати оиладории писар бас низоъҳои шадидеро байни модар ва зани писар ба миён мегузорад, ки ҳаллу фасли онро давому субот нест. Зимни ин низоъҳо ва вазъияту ҳолатҳои ноҳинҷор мутафаккир волидайнро гунаҳгор медонад ва сабабгори асосӣ мешуморад, ки ба зиндагии мустақилонаи фарзандон халали ҷиддӣ мерасонанду онҳоро дар вазъияти ногувор мегузоранд. Мувофиқи ривоят ва иқтибосҳо аз китоби «Қуръон» адиб барои ҳар инсони солимфикр дар зиндагӣ чаҳор чизро воҷиб ва ногузир мешуморад:

1. Бурдаи ноне, ки гуруснагиро рафъ мекунад.
2. Пӯшоке, ки сару танро мепӯшонад.
3. Хонае, ки аз гармову сармо нигоҳ медорад.
4. Зани солеҳае, ки ба василаи он кас ҳастии бардавом пайдо мекунад.

Сипас, мутафаккир сабабҳои асосии хонадоршавии ҷавонон ва бастани ақди никоҳро шарҳ медиҳад. Ба андешаи ӯ, амри никоҳ бад-он сабаб аст, ки «то бандае ба воситаи онҳо дар роҳи худойтаоло қоим гардад зиёда шавад ва мақсуд аз никоҳи муҷаррад истидъои шаҳватронӣ ва истимтоъ набувад, балки истидъои валади солеҳ карда, ба одоб ва таҳорат ба ҳамдигар расида буванд»[5, 54]. Яъне назари адиб бар он аст, ки ақди никоҳ аз ду ҷиҳат судманд аст:

1. Дар покӣ ва покизагии оила сабаби бақоӣ ва устувории он бошад.
2. Афзудани насли инсон, ки давоми бардавоми умри инсонист.

Ва дар хусуси он ки фарзанде, ки аз чунин оила тавлид ёбад, ба ақидаи адиб бояд солеҳ ва накукор бошад ва хилофи раъй ва ризои волидайн наравад.

Мутафаккир муътақид бар он аст, фарзанде, ки аз волидайни никоҳӣ тавлид меёбад, назар ба фарзанди ғайриникоҳӣ масъулиятро бештар эҳсос менамояд ва дар солимию шинохти ҳаққу ҳуқуқи худ ва падару модар мекӯшад ва одобу русуми фарзандиро ба ҷо меоварад. Ва агар фарзанде, ки бェникоҳ тавлид ёбад, ҳар гуноҳу зиное кунад, ба хилофи волидайн осӣ набошад. Барои тақвияти андеша меорад: « ҳолашон монанда бувад бо нархаре, ки ба мода муқорабат кард ва бача овард. Ва ин бача гоҳе гардани падар мехояд ва гоҳе гӯши модар ва гоҳе лағад ба пешонаи падар меандозад ва гоҳе ба синаи модар, ҳеҷ кас гумон накунад, ки ин курра гунаҳкор аст ва бо абавайн осӣ ва зиёнкор, балки гӯяд: «Боке нест»[5, 55].

Албатта, дар ин бобат андешаҳои Аҳмади Дониш басо маҳдуд, яктарафа мебошанд.

Дар таҷриба борҳо собит гардидааст, ки фарзанди ашрофзода бошад ҳам, таълим ва тарбияи дурустро нагирад, то ба садсолагӣ харе бошад. Чандин оилаҳои бефарзандеро мисол овардан мумкин аст, ки аз ятимхона ва таваллудхонаҳо атфолеро, ки маълум нест, падару модари онҳо кистанд, ба фарзандӣ хонда, зери таълим ва тарбия гирифта, парасторӣ намуда, солеҳу накукор ба камол расонидаанд. Эроди дигари Аҳмади Дониш бар модарон миннат кардани онон бар фарзандон аст, ки «ман туро шир додам»[5, 55]. Адиб бар он ақида аст: заноне, ки фарзанд таваллуд намудаанд, агар шири пистони хешро ба фарзанд надиҳанд ё бо роҳе онро холӣ накунанд ба бемории саратон дучор шуданашон имконпазир аст ва танҳо тавлиди фарзанд ва ба ӯ бахшидани шир онҳоро метавонад аз ин варта наҷот бидиҳад.

Эроди дигари Аҳмади Дониш бар падарон аст, бар фарзандон доим миннат мекунанд, ки «ман ба ту нон додам». Мутафаккир ин миннати падарро ботил медонад. Муҳокимаҳои мутафаккир оид ба миннат ва зиллати волидайн яктарафа менамоянд. Зеро «ман ба ту шир додам» - гуфтани модар, танҳо додани шир не, балки маънои «калон кардан», «парвардан» - ро низ молик аст. Ва ё «нон додам» гуфтани падар маънои дигар, яъне «пӯшондам, хӯрондам, тарбият кардам»-ро низ дорад. Дар ҳар ду сурат ҳам волидайн дар ҳолати зарурат огоҳ намудани фарзандонро оид ба хизматҳои онҳо, заҳмату ранҷи онҳо ҷои шакку шубҳа нест. Фарзанд бояд, ки дар ин хона бегона набуда, балки давоми авлоду аҷдод, фарди масъул, шаъну шарафи хонавода бошад. Ба ҳар ҳол, набояд дар байни волидайн ва фарзандон барои ҳаққу ҳуқуқи ҳамдигар низову нифоқ ва ҷудоие ба миён ояд.

Ақидаҳои адиб дар ин мавзуъ даъвӣ бар онанд, ки насли инсон боистӣ, аз синни хурдсолӣ ва наврасӣ ба омӯхтани илму дониш ҷалб карда шаванд, то ки манфиати бештаре барои маърифати хеш ва судмандие бар нафъи ҷамъият оварда тавонанд. Вагарна дар комилсиннӣ чандин ташвишҳои дигари оилаву ташвиши рӯзгор бар ӯ зам гардида, дарк ҳам нахоҳад кард, ки дар ин олам омадану рафтани ӯ баҳри чӣ буд.

Ҳукми адиб бар он тоифаи мардумоне, ки манманӣ ва такаббурию ғурур менамоянд, ки «мо худ дуои падар ё модар дорем, фалоҷарам ба ҷоҳу иқтидор расидем», ё ин ки баъзеҳо нисбат ба афроде доранд, ки «ба сабаби ақоқи (нофармонӣ) абавайн бад-ин накбат расид ва фалон ба воситаи вифоқ (мутобиқат) бад-ин давлат» тамоман хилоф аст[5, 59].

Мутафаккир ҳамаи ин бурду бохт ва саодатмандию бадбахтии инсонро аз «қисмати раббонӣ ва тақдири осмонӣ» медонад ва дар ин бобат такя ба олими бузурги асри XI Муҳаммад Ғазолӣ ва асари машҳури ӯ «Кимиёи саодат» дорад.

Аҳмади Дониш чун бузургони гузашта ва орифони мозӣ саодат ва хушбахтии инсонро дар сабру таҳаммул, на дар банди таҷаммул мебинад. Ба андешаи ӯ, инсон хоҳ сарватманд

бошад ва хоҳ фақир, бояд дарвешона зиндагӣ ва рафтор намояд. Дафъатан, агар ӯ аз дуои волидайн давлат ёфта бошад, вале бадрафтору шарир ва мардумозор бошад, он дар ҳақи ӯ дуои бад бошад. Бахусус, агар ӯ ин молу сарватро барои аъмоли бад ва корҳои ношоиста харҷ намояд. Дигар ин ки адиб бадбахтӣ ва бетолеии фарзандро аз шуми волидайн медонад ва давлату иқтидорро на аз ризоияти онҳо, балки аз касбу тараддуд медонад.

Мутафаккир ягона роҳи дурустро дар он медонад, фарзандон то он даме, ки дар оила ба камол мерасанд, аз ҷониби волидайн тадбирҳои зерин ба ҷо оварда шавад:

1. Фарзанд ҳамеша зери назар ва қобили тарбият қарор дошта бошад.
2. Илму касбу ҳунар биомӯзад.
3. Хонадор ва батавфиқ бошад.

Минбаъд фарзанд бар волидайн эҳсоне кунад, ҳошо ва бадо ва агар накунад ҳам, гуноҳу вуболаш бар ӯ бошад. Табиист, ки фарзандоне, ки тарбияти хуб мегиранд, ҳамеша темордори волидайн ҳастанд, ҳурматашонро ба ҷо меоранд ва хушбахтиву саодаташонро дар он мебинанд.

Роҷеъ ба омилҳои асосии маҳдудиятҳо дар афкори Аҳмади Дониш муҳаққиқ Расул Ҳодизода чунин менависад: «Аҳмади Дониш дар шароити таассуби дину хурофот ва ҳукмронии ҷаҳолати феодалии асри миёна ҳаёт ба сар бурда, ақида ва ҷаҳонбинии ӯ низ асосан дар муҳити тангу тори пуристибдоди аморати Бухоро ташаккул ёфтааст. Бинобар ин, вай дар таҳлил ва тавзеҳи бисёр масъалаҳои иҷтимоӣ-ҷамъиятӣ, илмӣ-фалсафӣ ва ахлоқӣ – тарбиявӣ дар зери таъсири ақидаҳои дини ислом ва фалсафаи идеалистӣ буд»[5, 6] .

Ҷанбаи дигари маҳдудияти афкори А.Дониш дар он аст, ки ӯ масоили муҳими иҷтимоию сиёсӣ, ахлоқӣ-диниро дар муҳити илму дониши расмии давраи хеш тарҷеҳ ва тавзеҳ додааст.

Ба ҳамаи гуногунандешагиҳо нигоҳ накарда, бояд эътироф намуд, ки тарбияи ҳуқуқӣ дар осори Дониш хеле мавқеи босазое дорад. Аз ин рӯ, аҳамияти ақидаҳои тарбиявӣ ва ҳуқуқии Аҳмади Дониш дар он замон ниҳоят бамаврид буд ва имрӯз низ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, имсол Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудааст, фурсате расидааст, ки аз он дар ривоҷи маънавиёт ва ахлоқи ҷомеа ба мавқеъ истифода бурд.

**АДАБИЁТ:**


1.Паёми Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2008.
2.Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини мамлакат (09.03.2024).
3.Ахмад Дониш. Путешествие из Бухары в Петербург. Избранные произведения/Дониш А.[Текст]. - Душанбе: Ирфон,1976. -278 с.
4.Аҳмади Дониш. Асарҳои мунтахаб/Бо тавзеҳоти ба чоп тайёркунандаи маҷмуа Р. Ҳодизода/Дониш А.[ Матн].- Сталинобод, 1959.-286 с.
5.Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 1./Дониш А.[Матн].- Душанбе: Дониш,1988. -285 с.
6.Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 2./Дониш А.[Матн]. - Душанбе: Дониш, 1989. -339 с.
7.Аҳмади Дониш.Осори баргузидаи бадеӣ./Дониш А.[Матн].-Душанбе:Ирфон,1976.-350 с.
8.Аҳмади Дониш. Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития./Дониш А.[Текст].– Душанбе: Сарват, 1992.- 98 с.
9.Бертельс Е. Э. Рукописи произведений Ахмади Калэ. Труды Тадж. Базы АН СССР, т. 3./Э.Е.Бертельс[Текст].- М.;- Л., 1936, с.10- 28.
10.Ғафуров Бобоҷон. Тоҷикон./Б.Ғ.Ғафуров[Матн].-Душанбе: «Нашриёти муосир». 2020, 976 с.
11.Кайковус Унсурумаолӣ. Насиҳатнома./У.Кайковус[Матн]. - Душанбе, 1968.- 139 с.
12.Ҳайдаров А.А.Андешаҳои педагогии Аҳмад Махдуми Дониш/А.А.Хайдаров[Матн]-Душанбе, 2011. 160 с.
13.Ҳиҷозӣ Муҳаммад. Ҳазор сухан./М.Ҳиҷозӣ[Матн].-Душанбе: Ирфон, 1982.-118 с.
14.Ҳодизода Р. Аҳмади Дониш./Р.Ҳодизода[Матн].- Душанбе, Ирфон, 1976. -293 с.


## ҲАЛЛУ ФАСЛИ МУШКИЛОТИ ҲУҚУҚИИ АЪЗОИ ОИЛА ДАР «НАВОДИР-УЛ-ВАҚОЕЪ» - И АҲМАДИ ДОНИШ


Муаллиф дар мақола менависад, ки афкори тарбиявӣ-ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ дар мероси пурбаҳои Аҳмад Махдуми Дониш яке аз манбаъҳои муҳимтарин дар омӯзиши осори таърихи педагогии халқи тоҷик маҳсуб мегардад.

Омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи афкори педагогӣ ва ҳуқуқии Аҳмади Дониш аз он шаҳодат медиҳад, ки мутафаккир дар ҷодаи таълиму тарбия на фақат чун идомадиҳандаи таълимоти бузургони гузаштаи фарҳанги мо-Унсурмаолии Кайковус, Абуҳомиди Ғазолӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони

Ҷомӣ, Восифӣ, Бедил ва дигарон амал намудааст, балки дар ин соҳа аз дигарон ҳам пештар рафта, таълимоти ӯ аз хусусиятҳои навоварӣ, маорифпарварӣ ва ислоҳотталабӣ низ бархурдор гаштааст.

Муҳаққиқ чунин менигорад, ки афкори адиб роҷеъ ба ҳаққу ҳуқуқи оила, омилҳои муҳими саодатмандӣ ва хушбахтии инсон, шахсият ва ташаккули инсон, тарбияи ватандӯстӣ ва рисолати ватандорӣ, тарбияи эстетикӣ ва тарбияи динӣ аз он масоиле мебошанд, ки дорои ҳикмати амалии ба худ хос буданд. Дар тарбияи ҷавонони имрӯза низ муфид ва судманд хоҳанд буд. Дар афкори ба тарбияи ҳуқуқӣ бахшидаи хеш мутафаккир масоили барои чӣ махлуқ шудани инсон, бузургии он, раҳмдилӣ бар фуқарову мискинон, ташаккулёбии инсон аз ҷиҳати фикриву ҷисмонӣ, дӯстии байни милалу адёни мухталиф, эҳтироми якдигар ва донистани қадри занон, пешрафти ҷомеа ва ғайра аз қабили масъалаҳои ҳуқуқие мебошанд, ки Дониш чун мураббии варзида ба хонандагони замони хеш ва имрӯза талқин намудааст. Ӯ тамоми инсонҳоро баробар дониста, амали ношоистаи соҳиб шудани якеро ба моли дигар ноҷоиз ва нораво меҳисобад. Адиб муътақид бар он аст, ки фарзанди инсон нобобаста аз нажоду табақа ва маҳал агар ба тарбияи дуруст фаро гирифта шавад, аз ӯ шахсияти арзандаи ҷомеаро тарбия намудан имконпазир мебошад.

Ба андешаи муаллиф, тарбияи ҳуқуқӣ дар осори Дониш хеле мавқеи босазое дорад. Адиб оид ба ҳалли масоили мушкили ҳуқуқӣ дар оила барои волидайн дар тарбияи фарзандон як роҳнамое навишта, ҳадди ҳуқуқи онҳо бар фарзандон ва тарзи муносибати онҳоро бар волидайн боадолатона нишон медиҳад.

Аз ин рӯ, аҳамияти ақидаҳои тарбиявӣ ва ҳуқуқии Аҳмади Дониш дар он замон ниҳоят бамаврид буд ва имрӯз низ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, имсол Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудааст, фурсате расидааст, ки аз он дар ривоҷи маънавиёт ва ахлоқи ҷомеа ба мавқеъ истифода бурд.

***Калидвожаҳо:*** *тарбияи ҳуқуқӣ, афкори педагогӣ ва ҳуқуқӣ, маорифпарварӣ ва ислоҳотталабӣ, навоварӣ, ҳаққу ҳуқуқи оила, омилҳои муҳими саодатмандӣ ва хушбахтии инсон, рисолати ватандорӣ, тарбияи эстетикӣ, масоили мушкили ҳуқуқӣ.*

## РЕШЕНИЕ ПРАВОВЫХ ПРОБЛЕМ ЧЛЕНОВ СЕМЬИ В «НАВАДИРЕ-УЛ-ВАКАЕЪ» АХМАДА ДОНИША

В статье автор пишет, что воспитательно-нравственное и правовые взгляды в ценном наследии Ахмеда Махдум Дониша считаются одними из важнейших источников в изучении произведений истории педагогики таджикского народа.

Изучение, анализ и исследование педагогического и правового мнения Ахмади Дониша свидетельствует о том, что мыслитель в области образования выступает не только как продолжение учения великих деятелей нашей культуры - Унсурмаоли Кайковуса, Абухамида Газали, Саади Ширози, Абдуррахмани Джами, Васифи, Бедиль и другие, но в этой области он шел впереди других, а его учение отличалось новаторством, просветительством и реформизмом. Мнение автора о правах и правах семьи, важных факторах счастья и человеческого счастья, личности и развития человека, патриотизме и миссии патриотизма, эстетическом воспитании и религиозном воспитании входят в число вопросов, имеющих свою практическую мудрость. И в воспитании сегодняшней молодежи тоже будут полезны.

По мнению автора вопросы о том, для чего был создан человек, его величие, сострадание к гражданам и бедным, развитие человека в духовном и телесном отношении, дружба между разными народами и религиями, взаимное уважение и уважение женщин, прогресс общества и т. д. — являются вопросамы, которыми Дониш, как опытный учитель, учил молодёжи своего времени и нынешнего поколения.

Он считает всех людей равными и считает неправомерный акт владения чужой собственностью незаконным и неправильным. Дониш считает, что независимо от расы, класса и местоположения, если дать ребенку правильное образование, можно вырастить достойную личность общества.

По мнению автора, правовое воспитание занимает особое место в творчестве Ахмада Дониша. Писатель написал руководство для родителей о том, как решать правовые проблемы в семье, и показывает степень их прав на своих детей и то, как они справедливо относятся к своим родителям.

Поэтому значение просветительской и правовой идеи Ахмади Дониша было очень важным в то время, и даже сегодня, когда в Республике Таджикистан объявлен Год Правового образования, появилась возможность использовать ее в развитии духовности и нравственности общества.

***Ключевые слова:*** *правовое воспитание, педагогико-правовые взгляды, образование и реформизм, новаторство, семейные права, важные факторы счастья и человеческого счастья, миссия патриотизма, эстетическое воспитание, правовые проблемы.*

## SOLVING LEGAL PROBLEMS OF FAMILY MEMBERS IN AHMAD DHONISH'S "NAVADIR-UL-WAQAY”

In the article, the author writes that the educational-moral and legal views in the valuable legacy of Ahmed Makhdum Donish is considered one of the most important sources in the study of works of the pedagogical history of the Tajik people. The study, analysis and research of the pedagogical and legal views of Ahmadi Donish testifies to the fact that the thinker in the field of education acts not only as a continuation of the teachings of the great figures of our culture - Unsurmaoli Kaikovus, Abuhamid Ghazali, Saadi Shirozi, Abdurrahmani Jami, Wasifi, Bedil and others, but in this area he was ahead of others, and his teaching was distinguished by innovation, enlightenment and reformism.

The author's thoughts on law and the law of the family, important factors of happiness and human happiness, personality and human development, patriotism and the mission of patriotism, aesthetic education and religious education are among the issues that have their own practical wisdom. And in the education of today's youth, they will also be useful.

According to the author, the questions of why man was created, his greatness, compassion for citizens and the poor, the development of man in spiritual and physical terms, friendship between different peoples and religions, mutual respect and respect for women, the progress of society, etc. are the questions that Donish, as an experienced teacher, taught the youth of his time and the present generation.

He considers all people equal and considers the wrongful act of taking possession of someone else's property to be illegal and wrong. Donish believes that regardless of race, class, and location, if a child is given the right education, he can grow up to be a worthy member of society.

According to the author, legal education occupies a special place in the works of Ahmad Donish. The writer wrote a guide for parents on how to solve legal problems in the family, and shows the extent of their rights to their children and how they treat their parents fairly.

Therefore, the significance of the educational and legal idea of Ahmad Donish was very important at that time, and even today, when the Year of Legal Education was declared in the Republic of Tajikistan, it became possible to use it in the development of spirituality and morality of society.

***Key words:*** *legal education, pedagogical and legal thought, education and reformism, innovation, family rights, important factors of happiness and human happiness, patriotism mission, aesthetic education, legal problems.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Ҳайдаров Абдусамад Алифбекович-н.и.п., дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва таърихи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. E-mail: avsamad@bk.ru. Tel: 919997527;*

***Сведения об авторе:*** *Хайдаров Абдусамад Алифбекович –к.п.н., доцент, зав.кафедрой философии и истории Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. E-mail: avsamad@bk.ru. Tel: 919997527;*

***Information about the author:*** *Haidarov Abdusamad Alifbekovich – Ph.D., Associate Professor, Head of the Department of Philosophy and History of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. E-mail: avsamad@bk.ru. Tel: 919997527.*

**ТДУ: 159. 9+37(575.3)**

# ТАВСИФИ ШАКЛҲОИ ГУНОГУНИ ҲАМТАЪСИРРАСОНИҲОИ ПСИХОЛОГИИ ОМӮЗГОР БА ДОНИШҶӮ

***Шоева М. Ё.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Омӯзгор бо хусусиятҳои психологии хеш метавонад ба донишҷӯ таъсир расонида, ба ин васила шахсияти ӯро дар маҷрои дуруст тарбия намояд ва ё метавонад ба сифати идеали донишҷӯ рафтор кунад. Донишҷӯ ба ӯ тақлид намуда, дар мисолаш хусусиятҳои психологии худро рушд дода, рафторашро мувофиқи идеали интихобнамудаи хеш идора кунад.

Ҳамзамон, омӯзгор метавонад тавассути чунин шаклҳои ҳамтаъсиррасониҳо ба шуур ва иродаи донишҷӯ таъсир расонад: таваҷҷуҳ зоҳир намудан, дархост, талаб ва маҷбур намудан, боваркунонӣ, талқин, хоҳиш ва ҳазлу шухӣ. Онҳоро мухтасаран дида мебароем.

***Таваҷҷуҳ зоҳир намудан.*** Нуқтаи асосӣ ва муҳимми муошират ин таваҷҷуҳи омӯзгор ба донишҷӯ мебошад. Агар омӯзгор ҳангоми дарс ба донишҷӯ диққат эътибор надиҳад ва танҳо дар лаҳзаҳои охири дарс ба ӯ таваҷҷуҳ зоҳир намояд, пас, ин маънои вуҷуд надоштани муоширатро дорад. Дар ин маврид ба назари донишҷӯ чунин менамояд, ки ӯ барои омӯзгор танҳо як замина аст ва ҳамчун шахс қабул нагардидааст ва омӯзгор нисбат ба муваффақиятҳои ӯ бепарво аст, яъне беэътиноӣ зоҳир мекунад.

Одатан, қобилияти дарк намудани ҳамаи донишҷӯён ҳангоми дарс дар омӯзгорони ҷавон баъди ҳафт-даҳ дарс пайдо мешавад [14, с.211].

Аммо, омӯзгор бояд нишон диҳад, ки ӯ ҳар як донишҷӯро мебинад ва мефаҳмад. Зиёда аз ин, тарзе рафтор кунад, ки дар донишҷӯ чунин ҳиссиёти хурсандиовар пайдо шавад: «Устод, маро мушоҳида карданд! Маро аз байни дигарон, ҷудо карданд!».

Аз ин рӯ, омӯзгор бояд кӯшиш кунад, то ин ки ҳар як донишҷӯ дар дарс ҳис намояд, ки зери таваҷҷуҳ қарор дорад. Ин тавассути ташкили робитаҳо ва муроҷиатҳои гуногун ба донишҷӯён дар шакли савол ба даст оварда мешавад: "Шумо бо ман розӣ ҳастед?", "Шумо худатонро чӣ тавр ҳис мекунед?", ё бо изҳори ризоият: "Ин дуруст аст" ё бо ёрии дархост: "Хоҳишмандам, ба ман кӯмак кунед".

Саволу ҷавоби зиёд бо донишҷӯ чунин таассурот мебахшад, ки муаллим ӯро доимо назорат менамояд. Ин махсусан, дар дарсҳои аввал муҳим аст. Дар вақти муроҷиат ба донишҷӯён зарур аст, ки омӯзгор ному насаби онҳоро омехта накунад. Вақте, ки ному насаби донишҷӯ гирифта мешавад, дар донишҷӯ ҳисси боварӣ ва оромӣ пайдо гардида, ҳисси тарс аз омӯзгор оҳиста-оҳиста нест мешавад. Гузашта аз ин, таваҷҷуҳи омӯзгор ба донишҷӯ писанд меояд, ӯ ҷавоб медиҳад, кӯшиш мекунад, ки супоришро то ҳадди имкон иҷро кунад. Ин ҳамтаъсиррасониро мо ҳамчун шакли ҷазо низ метавонем истифода кунем, масалан, мо метавонем дар дарсҳои баъдина ба донишҷӯ кам таваҷҷуҳ кунем ва донишҷӯ дар навбати худ рафторҳои охири худро таҳлили намуда, иштибоҳи хешро дарк мекунад.

***Дархост ва талаботи омӯзгор.*** Дархост ҳамчун шакли таъсиррасонанда ба донишҷӯ метавонад аз ҷониби омӯзгор дар ҳолате истифода шавад, ки ӯ намехоҳад бо сабабҳои педагогӣ ба муошират бо донишҷӯ хусусияти расмӣ диҳад [10, с.98]. Донишҷӯ дар ҳайрат мемонад, ки барои чӣ омӯзгор ба ҷойи фармон ё талаб кардан чунин шакли муносибатро истифода мебарад, ки баъзе ҷанбаҳои вобастагии омӯзгорро аз донишҷӯ нишон медиҳад.

Таъсиррасонии сахттарин аз ҷониби омӯзгор ба донишҷӯён талаботи ӯ мебошад. Ҳуқуқи омӯзгор ба тобеи ӯ будани хонандагон бо масъулияти омӯзгор дар назди давлат ва ҷамъият барои таълиму тарбияи донишҷӯ муайян карда мешавад. Шахсият бидуни бартараф намудани талаботи ба миёнгузошташуда инкишоф ёфта наметавонад. Аз ин рӯ, омӯзгоре, ки талаботи донишҷуёнро қонеъ карда наметавонад, аслан, қарзи шаҳрвандӣ ва касбии худро иҷро намекунад.

Ин далел ба ташаккули мавқеи фаъоли ҳаётӣ дар донишҷӯ бошуурона, иҷрои талабот на кӯр-кӯрона мусоидат мекунад. Маънои бошуурона ва арзиши иҷтимоии талаботе, ки муаллим ба миён мегузорад, барои онҳо ангезаи дохилии иҷрои он чӣ лозим аст, мегардад. Талаботе, ки донишҷӯён пайваста ва бодиққат иҷро мекунанд, ба анъанаи коллектив табдил ёфта, талаботи худи коллектив ва ҳар як аъзои он мегардад.

***Боварикунонӣ ва талқин.*** Яке аз шаклҳои асосии таъсиррасонии омӯзгор ба донишҷӯён ин боваркунонӣ аст, ки асоси он шарҳи моҳияти падида ба шумор меравад. Боваркунонӣ аз ҷиҳати равонӣ боэътимодтар аст. Бар хилофи боварӣ, илҳом бахшидан ба ақл ва завқи мантиқии донишҷӯ ва ба фикру мулоҳиза кардан равона нашудааст, балки ба ҳиссиёт, ба тайёрӣ, ба омодагии донишҷӯ барои гирифтани дастуру вазифаҳо барои амал намудан равона шудааст. Ҳангоми пешниҳод ба донишҷӯ на бештар мазмуни пешниҳод, балки шакли он – намуди зоҳирии омӯзгор, интонатсияи овоз, нигоҳи устувор ва ғайра таъсир мерасонад.

***Маҷбуркунӣ.*** Ин шакли таъсир одатан дар ҳолатҳое истифода мешавад, ки шаклҳои дигари таъсир бесамаранд ё вақти истифода бурдани онҳо вуҷуд надоранд. Маҷбуркунӣ ифода мешавад[14, с.78] :

дар талаби бевоситаи омӯзгор оид ба ризоияти донишҷӯён ба андешаи шахсии пешниҳоднамудаи омӯзгор;

-дар иҷрои фармони омӯзгор.

Маҷбуркунӣ танҳо дар сурате кор мекунад, ки шахсе, ки маҷбур мекунад, нисбат ба шахсе, ки маҷбур карда мешавад, мақоми иҷтимоии баландтар дошта бошад. Маҷбуркунӣ ҳамчун шакли доимии таъсиррасонӣ ба донишҷӯён чандон фоида надорад. Бо вуҷуди ин, аз он комилан даст кашидан тавсия дода намешавад.

Аввалан, маҷбуркунӣ барои ҳалли вазъияти муноқиша дар муддати муайян кӯмак мекунад ва донишҷӯён амалҳои заруриро иҷро мекунанд. Сониян, чунон ки К.Д.Ушинский қайд мекунад, меҳнати маҷбурӣ «маънои вазифаеро дорад, ки тарбиягиранда на барои он ки ба худаш маъқул бошад, балки аз рӯйи итоат ба омӯзгор иҷро мекунад, зеро вай бояд онро мавриди иҷро қарор диҳад».

***Баҳодиҳии амал ва рафтори донишҷӯён.*** Яке аз шаклхои таъсири омӯзгор ба донишҷӯ баҳо додан ба амалу кирдори ӯ мебошад. Баҳодиҳии қайдшуда ва қайдношуда вуҷуд дорад. Баҳои қайдшуда маънои ишораро дорад. Баҳодиҳии қайдношуда аксар вақт аз ҷониби омӯзгор ҳамчун чораи рӯҳбаландӣ ё танбеҳи донишҷӯён ба таври шифоҳӣ гузаронида мешавад. Илова бар ин, арзёбӣ метавонад қисман ва интегралӣ бошад [16, с.189]. Якум

намуди он, аз амалҳои инфиродии рафтор, амал ва ҷавобҳои донишҷӯён вобаста аст. Дуюм ба шахсияти донишҷӯ ва умуман ба рафтори ӯ дахл дорад: «Ту писари лаёқатманд ҳастӣ, боз ҳам бештар азхуд карда метавонӣ!».

Баҳодиҳӣ таъсири бузурги тарбиявӣ дорад. Вай ҳамеша муносибати муайянро нисбат ба худ бедор мекунад, ба воситаи он одам дар бораи худ ҳамчун донишҷӯ, шахс андешаронихояшро ташаккул медиҳад. Аз ин рӯ, баҳогузорӣ ба ташаккули сифатҳои шахсӣ, мавқеи шахс дар назди коллектив ва ҷомеа мусоидат намуда, фаъолияти донишҷӯёнро зиёд ё паст мегардонад.

Аммо барои оне, ки баҳодиҳӣ нақши таълиму тарбиявиро иҷро кунад, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад:

ба таври муназзам, вале бидуни «аз ҳад зиёд» гузаронида шавад, зеро шумораи зиёди баҳодиҳии қисман (ҷории) дар натиҷаи назорати доимии беруна мустақилият ва ташаббуси донишҷӯёнро банд мекунад, ба рушди худназоратӣ ва қонеъ гардонидани талаботи худамалинамоӣ имкон намедиҳад;

ба маънои беғаразӣ объективӣ будан;

вобаста ба меҳнатдустӣ, қобилият ва характери донишҷӯ гузошта шавад;

дорои шаклҳои гуногун бошад.

Аммо дар баъзе мавридҳо шакли ниҳонии баҳодиҳии бавосита ба назар мерасад, ки ба донишҷӯ таъсири манфӣ мерасонад. Масалан, омӯзгор ба ҷавоби як донишҷӯ баҳои бевосита надода, баъди ҷавоби донишҷӯйи дигар мегӯяд: "Ин масъалаи дигар аст. Нишинед» ва ба донишҷӯи якум рӯ оварда, мегӯяд: «ту ҳам шин». Дар ин ҳолат донишҷӯйи якум, чун дид, ки танҳо дуюмӣ ризоият гирифтааст, баҳодиҳии бевоситаи амали ӯро сарзаниш медонад.

Яке аз шаклҳои баҳодиҳии манфӣ ин рад кардани ҷавоб ё амали донишҷӯ, норозигӣ бо онҳо мебошад. Усули асосии радкунӣ - истифодаи калимаҳо ва иборахои "Не", "Шумо ин корро нодуруст мекунед", "Ин тавр нест" - бояд бо тавзеҳот, ишора ба донишҷӯ дар бораи чӣ гуна дуруст иҷро кардани машқ дастгирӣ карда шаванд. Дар ин маврид инкор ба азнавсозии тафаккури донишҷӯ, азнавсозии дониши мавҷудаи ӯ мувофиқи мантиқи ҳалли масъала мусоидат мекунад.

Шаклҳои дигари баҳодиҳии манфии омӯзгор ба амалу кирдори донишҷӯён навъҳои гуногуни маломат (таъқир, маҳкум) мебошанд. Таъсири танқид метавонад дутарафа бошад. Агар он барои донишҷӯ дурнамо боз кунад ("Бубинед, ки шумо чӣ гуна қобилиятҳо доред! Аммо шумо онҳоро дарк намекунед."), пас ин барои донишҷӯ як ҳавасмандии мусбат аст, агар на танҳо малакаи донишҷӯ, балки шавқу қобилияти ӯ низ таҳқир карда шавад, пас танбеҳ ҳавасмандии манфӣ мебошад, ки боиси паст шудани талабот, сатҳи саъю кӯшиш ва фаъолияти донишҷӯ мегардад. Чунин таъсир метавонад, масалан, танқид дошта бошад: «Ман ба шумо гуфтам, ки ҳеҷ чиз намешавад. На бо маҳорати рассомии худ!" Зимнан, дар назари омӯзгор бештар маҳз донишҷӯёне ҳастанд, ки «бе умед» ҳастанд.

***Истифодаи ҳазлу шӯхӣ.*** Ҳазлу шӯхӣ воситаи таъсирбахши таъсиррасонӣ ба одамон аст. Мардум мегӯянд, ки ханда ҳатто ба онҳое ҳам таъсир мекунад, ки дигар ҳеҷ чиз таъсир намекунад. Ҳазлу шӯхие, ки омӯзгор дар дарс истифода менамояд, табъи донишҷӯёнро баланд мебардорад, барои рафъи мондагӣ, хоболудии донишҷӯёнро бартараф кардан ҳамчун машқҳо мусоидат мекунад. Омӯзгор бояд ҳамеша дар худ як шӯхӣ, як ҳикояи хандовар, зарбулмасал ё гуфтор дошта бошад. Вай бояд тез-тез табассум кунад, ҳатто дар вазъияти пуршиддат ҳам. А.С.Макаренко гуфта буд [11, с.234], ки як дидани одами бадбахт тамоми шодии зиндагиро мекушад, мавҷудиятро заҳролуд мекунад. Муҳим аст, ки омӯзгор одат кунад, ки ҳамеша, ҳатто дар ҳолатҳои шадидтарин, ҳавасро бинад. Аммо мақсад аз шӯхӣ на танҳо боиси ханда дар синф, балки бо ёрии он такмил додани рафти таълиму тарбия аҳаммияти калон дорад.

Аён аст, ки на ҳамаи омӯзгорон ҳисси ҳазлу шӯхӣ доранд. Аммо онро инкишоф додан лозим аст, мисли он ки дар дарсҳо шӯхӣ истифода бурданро ёд гиред. Аммо, шухии бемаъни метавонад ба раванди педагогӣ зарар расонад ва дар байни омӯзгор ва донишҷӯён низоъ ба вуҷуд орад. Барои пешгирӣ кардани ин ҳодиса омӯзгор бояд дар истифодаи ҳазлу шухӣ қоидахои зеринро риоя кунад:

1. шахсияти донишҷӯро масхара накунад;
2. омӯзгор метавонад ба хислатҳои мушаххас, амали мушаххас ё изҳороти донишҷӯ хандад;
3. омӯзгор наметавонад ӯро масхара кунад, ё ӯро дар ҳолати ногувор гузорад;

4. шӯхӣ бояд дар доираи одоб бошад.

Хулоса, омӯзгор метавонад бо истифода аз шаклҳои ҳамтаъсиррасониҳои психологӣ ба рушди протсессҳои маърифатӣ мусоидат намуда, дар маҷмӯъ шахсияти донишҷӯро рушд диҳад, зеро мақсади ниҳоии таълиму тарбия дар тарбия ва рушди шахсияти комили донишҷӯён мехобад.

**АДАБИЁТ:**


1.Бодалев А.А. Личность и общение. М., 2003. – 190 с.

2.Бодалев А.А. Психология общения. М.: Изд-во «Институт практической психологии», Воронеж: НПО "Модэк", 2000. – 213 с.

3.Власенко, А.С. Некоторые вопросы воспитания студенчества / А.С. Власенко. - М., 1987. - С. 54.

4.Грехнев В.С. Культура педагогического общения, М.: Просв., 2000 – 210 с.

5.Дзугкоева, М.Г. Психологические новообразования студенческого возраста: дис. канд. психол. наук / М.Г. Дзугкоева. - М., 1999. - 157 с.

6.Ищенко, Т.В. Место студенчества в социальной структуре общества / Т.В. Ищенко. - Томск, 1970. - С. 243.

7.Латифзода, С. З. Исторический взгляд на использование психологических знаний в области криминалистики / С. З. Латифзода, Ш. Ф. Билолова // Криминалистика в международном измерении: Материалы всероссийской научно-практической конференции с международным участием, Москва, 21 апреля 2023 года. – Москва: Московская академия следственного комитета, 2023. – С. 196-201.

8.Латифзода, С. З. Самоперсонализация и Его развития с точки зрения психологической науки / С. З. Латифзода, Ш. Ф. Билолова // Национальное самосознание в условиях глобализации: Материалы международной научно-практической конференции, Душанбе, 03 октября 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2023. – С. 358-363.

9.Латифзода, С. З. Сущность и необходимость использования психологических знаний в Министерстве внутренних дел Республики Таджикистана / С. З. Латифзода // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – № 3-2. – С. 219-224.

10. Латифзода, С. З. Хусусиятҳои психологии муошırати педагогӣ / С. З. Латифзода, М. Е. Шоева // Вестник Педагогического университета. Серия 2: Педагогики и психологии, методики преподавания гуманитарных и естественных дисциплин. – 2024. – No. 2(20).

11. Макаренко А.С. Педагогическая поэма/ А.С.Макаренко; Предисл. А.Лиханова.-Москва: Молодая гвардия, 1985.-640с

12. Расулов, С. Х. Использование психологических методов и механизмов в получении оперативной информации / С. Х. Расулов, С. З. Латифзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 8. – С. 248-253.

13. Самарин Ю.А. Очерки психологии ума. -М.:1962. -С.65-67.

14. Столяренко, Л.Д. Педагогическое общение. // Л.Д. Столяренко Педагогическая психология для студентов вузов. - Ростов н/Д: Феникс, 2004. -310 с.

15. Толочек, В.А. Стили профессиональной деятельности. В.А. Толочек. - М.: Смысл, 2000. – 199 с.

16. Ушинский К.Д. Мунтахаби педагогӣ – М., 1974. Т. 1. С. 478.


## ТАВСИФИ ШАКЛҲОИ ГУНОГУНИ ҲАМТАЪСИРРАСОНИҲОИ ПСИХОЛОГИИ ОМӮЗГОР БА ДОНИШҶӮ


Масъалаи ҳамтаъсиррасониҳои психологии фаъолияти педагогӣ ва истифодаи шаклҳои гуногуни он аз ҷониби омӯзгорон дар мақолаи мазкур мавриди таҳлили илмӣ қарор дода шудааст. Масъалаи мазкур ба омӯзгорони ҷавон тавсия дода мешавад ва ҳамзамон, талаб карда мешавад, ки ин гуна ҳамтаъсиррасониҳои психологиро баҳри бедор сохтани мароми донишҷӯён ба таҳсил, баланд бардоштан ва бедор сохтани шавқу ҳаваси донишҷӯён нисбат ба фанҳо, рушд додани протсессҳои маърифатии онҳо мавриди истифодаи амали фаъолияти педагогӣ қарор диҳанд.

Ҳамзамон, омӯзгор метавонад бо истифода аз шаклҳои ҳамтаъсиррасониҳои психологӣ ба рушди протсессҳои маърифатӣ мусоидат намуда, дар маҷмӯъ шахсияти донишҷӯро рушд диҳад, зеро мақсади ниҳоии таълиму тарбия дар тарбия ва рушди шахсияти комили донишҷӯён мехобад.



***Калидвожаҳо:*** *хусусиятҳои психологӣ, протсессҳои маърифатӣ, таваҷҷуҳ зоҳир намудан, талқин, баҳодиҳӣ, боварикунонӣ, талабот, хоҳиш, дархост, маҷбуркунӣ, фарҳанги муошират, психологияи муошират, таъсиррасониҳои психологӣ ва шаклҳои асосии он, донишҷӯ, омӯзгор, фаъолияти педагогӣ, муошırати педагогӣ, таълиму тарбия.*


## ОПИСАНИЕ РАЗЛИЧНЫХ ФОРМ ПСИХОЛОГИЧЕСКОГО ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ ПРЕПОДАВАТЕЛЯ С СТУДЕНТОМ

Научному анализу в данной статье подлежит вопрос психологических взаимодействий педагогической деятельности и использования педагогами различных ее форм. Рекомендуется молодым учителям, и в то же время требуется использовать подобные психологические взаимодействия для того, чтобы пробудить у студентов желание учиться, поднять и пробудить интерес студентов к предметам, развить их познавательные процессы.

Преподаватель своими психологическими особенностями может влиять на студента и тем самым воспитывать его личность в правильном направлении, а может выступать в роли идеала, а студент подражает ему, развивает свои психологические особенности подобно своему преподавателю (идеалу) и ведет себя в соответствии с выбранным идеалом.

В то же время педагог может способствовать развитию познавательных процессов, используя формы психологического взаимодействия, и развивать личность студентов в целом, поскольку конечная цель образования заключается в воспитании и развитии целостной личности студентов.

***Ключевые слова:*** *психологические характеристики, познавательные процессы, внимание, оценка, убеждение, требование, желание, просьба, принуждение, культура общения, психология общения, психологическое воздействие и его основные формы, студент, педагог, педагогическая деятельность, педагогическое общение, воспитание и обучение.*

## DESCRIPTION OF VARIOUS FORMS OF PSYCHOLOGICAL INTERACTION BETWEEN A TEACHER AND A STUDENT

This article scientifically analyzes the issue of psychological interactions of pedagogical activity and the use of its various forms by teachers. This issue is recommended for young teachers, and at the same time, it is necessary to use such psychological interactions in order to awaken students' desire to learn, raise and awaken students' interest in subjects, and develop their cognitive processes.

A teacher, with his psychological characteristics, can influence a student and thereby educate his personality in the right direction, or he can act as an ideal, and the student imitates him, develops his psychological characteristics like his teacher (ideal) and behaves in accordance with the chosen ideal.

At the same time, a teacher can contribute to the development of cognitive processes, using forms of psychological interaction, and develop the personality of students as a whole, since the ultimate goal of education is the education and development of the integral personality of students.

***Key words:*** *communication culture, communication psychology, psychological influence and its main forms, student, teacher, pedagogical activity, pedagogical communication, education and training, psychological characteristics, cognitive processes, attention, assessment, persuasion, demand, desire, request, coercion.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Шоева Махфират Ёрмухамедовна - мутахассиси маркази тестӣ ва мониторинги сифати таълим дар Донишгохи миллии Тоҷикистон. Сурога; Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, индекс-734025 ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17, E-mail: Maxfirat.shoeva@bk.ruТелефон: 221-90-31, 985779665*

***Сведения об авторе:*** *Шоева Махфират Ёрмухамедовна - специалист центра тестирования и мониторинга качества образования Национального Университета Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, г.Душанбе, индекс-734025, проспект Рудаки 17, E-mail: Maxfirat.shoeva@bk.ruТелефон: 221-90-31, 985779665*

***Information about the author:*** *Shoeva Makhfirat Yermukhammedovna, specialist of the testing and quality monitoring center of the National University of Tajikistan.*

*Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, index-734025, Rudaki Avenue 17, E-mail: Maxfirat.shoeva@bk.ruPhone: 221-90-31, 98577966*

# МУҲИТИ ТАЪРИХИИ ТАЪЛИФИ «САФАРНОМА»-И НОСИРИ ХУСРАВ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ЗАБОН ВА САБКИ АСАР

***Амонова М. Н.***

**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

### 1.1. Шароити таърихии замони таълифи «Сафарнома»

Замоне, ки дар он Носири Хусрав зиста, осори оламшумули худро таълиф намудааст, дар таърихи халқи тоҷик ва тамоми мардумони форсизабон яке аз давраҳои мушкилтарин ба шумор меравад, ки пур аз ноором иҳо ва мухолифатҳои сиёсию иҷтимоӣ буд. Воқеоти сиёсие, ки дар ин даврон рух доданд, боиси тағйироти чашмгире дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии мардумони Мовароуннаҳру Хуросон ва саканаи тамоми густараи фалоти Эрон ва навоҳии ҳаммарзи ин қаламрав гардид.Нахустин таҳаввулоти сиёсие, ки дар оғози қарни XI рух дод, аз байн рафтани давлати Сомониён, ки нахустин давлати миллии тоҷикон буд ва дар ташаккули забон, адабиёт ва фарҳанги миллии мардумони форсизабон нақши сарнавиштсозе дошт, буд, ки ҳудудан панҷ сол пеш аз таваллуди Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ ба вуқуъ пайваст. Чунонки муҳаққиқон зикр намудаанд, заминаҳои сиёсии футури давлати Сомониён ҳанӯз пас аз марги Исмоили Сомонӣ дар асри X ба миён омада буданд, ки исёнҳои мардумӣ ва саркашиҳои ҳокимони Самарқанд, Рай ва Систон аз он гувоҳӣ медоданд [3, 343].

Дар охири ин қарн нуфузи хонадони Сомонӣ комилан коҳиш ёфта, қудрати низоми тадриҷан ба дасти сарлашкарони турктабори ин кишвар интиқол ёфт (ниг.: [3, 345-346; 387-391]) ва дар ҳамин шароит Илекхони Қарохонӣ аз тарафи шимол ва Маҳмуди Ғазнавӣ аз тарафи ҷануб алайҳи давлати Сомониён ҳамла карда, Оли Сомонро аз байн бурданд ва бо ҳамин қудрати сиёсӣ батамом аз дасти ҳокимони форсизабон ба дасти хонадони турктабор интиқол ёфт, ки ин ҳукмронии онҳо сипас дар тӯли қариб ҳазор сол дар қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон идома кард. Пас аз суқути давлати Сомониён дар ҷануби рӯди Ому Ғазнавиён ва дар шимоли ин рӯдхона Қарохониён салтанат меронданд, аммо пас аз набарде, ки соли 1008 дар Балх дар байни онҳо сурат гирифт, Маҳмуди Сабуктегини Ғазнавӣ пирӯз шуда, Чағониёну Хутталонро ба қаламрави давлати худ ҳамроҳ карда, ба давлати абарқудрате дар ин минтақа табдил ёфт [3, 389]. Дар баробари ин аз тарафи халифаи Бағдод пазируфта шудани ҳукумати Маҳмуди Ғазнавӣ обрӯю нуфузи сиёсии ӯро дар минтақа ба маротиб афзуд ва ба ҳамин минвол давлати Ғазнавиён дар аҳди Маҳмуди Сабуктегин дар байни кишварҳои мусулмонӣ ба давлати абарқудрати бузургтарин ва мутамарказ мубаддал шуд. Маҳмуди Сабуктегин қаламрави давлати худро аз ҳисоби тасарруфи кишварҳои ҳамсоя тавсеа намуда, чуноне ки академик Б.Ғафуров иттилоъ додааст, бо шиори «ҷанги муқаддас» ва ғазо беш аз 15 маротиба ба Ҳинд лашкар кашида, сарвати ин кишварро ба яғмо ва беш аз 57 ҳазор сокини ин кишварро ба ғуломӣ бурд. Ӯ дар байни солҳои 1010-1029 аз Ғӯру Самарқанд, Балху Хоразм то ба Исфаҳону Райро тасарруф намуда, аз ҳисоби катлу ғорати сокинони кишварҳои зердаст қудрати низомию иқтисодии ҳукумати худро мустаҳкам намуд [3, 389-390]. Носири Хусрав, ки дар ин даврон айёми ҷавониро сипарӣ менамуд, ҳамин воқеияти таърихиро дар шеъри худ чунин сурудааст:

**Нигаҳ кунед, ки дасти ину он чу харос**
**Ба чанд гуна бидидед мар Хуросонро.**
**Ба мулки турк чаро ғарраед, ёд кунед**
**Ҷалолу давлати Маҳмуди Зовулистонро. (Девон, 8)**

Ҷангу ҷидол ва ғорату чаповули ҳукумати Маҳмуд, афзоиши боҷу хироҷ дар қаламрави тобеи он аҳволи мардум торафт вазнинтар мешуд, иқтисоди мамлакат рӯ ба завол овард, мардуми кишоварз деҳотро тарк мекарданд ва низоми обёрии киштзорон хароб гардид. Дар Хуросон бар асари камҳосилии заминҳои кишоварзӣ гуруснагӣ сар зад, ки ҳазорон нафарро ба коми марг супурд, Дар Нишопур қашшоқии мардум то ба ҳадде буд, ки наметавонистанд, ҳатто 400 ман ғалларо, ки дар бозорҳои ин шаҳр ба савдо намерафт, харидорӣ намоянд ва аз ин рӯ, ҳар ҳайвонеро, ки ба дасташон меафтид, мехӯрданд ва ҳатто ҳодисаҳои одамхорӣ низ ба назар мерасид [3, 390]. Султон Маҳмуд бошад, танҳо ба умрону сохтмони пойтахти давлати худ машғул гардида, авзои фалокатбори кишоварзони табааи худро нодида мегирифт. Табааи давлати Ғазнавиён ба ду гурӯҳ – низомиён ва аҳолии мулкӣ тақсим мешуданд, ки ба низомиён аз тарафи давлат маош дода мешуд, аммо мардуми ғайринизомӣ маҷбур буд ба тамоми амру дастури фармонфармоён бегуфтугӯ итоат карда, андозҳои миёншиканеро, ки зимомдорони мулк бар дӯши онҳо бор карда буданд, пардохт намоянд.

Дар баробари куштору хунрезиҳо ва ғорату яғмо сиёсати Маҳмуди Ғазнавӣ омехтаи таассуби мазҳабӣ буд, зеро ӯ аз хилофати марказии Бағдод пуштибонӣ медид ва хати машии сиёсии Хилофати арабро дар минтақа идома медод, ки он ба тарвиҷи сиёсати динӣ-мазҳабии марказ дар канорҳо, аз байн бурдани ҳама гуна дигарандешии динӣ ва ҷилавгирӣ аз ҳар эътироз алайҳи ин сиёсат равона шуда буд. Н. Арабзода бар асоси далоили таърихӣ ва иттилооти сершумори манбаъҳои хаттӣ, ки дар монографияи худ овардааст, ишора мекунад, ки ин шоҳи золим «таҳти шиори ғазовот бар алайҳи эътирозҳои зидди тартиботи феодалӣ, ки дар ақидаҳои бидъатомези қарматиён, исмоилиён, шииён ва ҷараёнҳои дигар ифода меёфт, мубориза мебурд ва онҳоро ба бераҳмии ғайри қобили қиёс саркӯб мекард ва сарфиканда медошт» [2, 12].

Пас аз марги Маҳмуд бар асари низоъҳои дохилии хонадон ва дарбори ӯ пояи давлатдории Ғазнавиён дучори тазалзул гардид. Гурӯҳе аз аҳли дарбор ва ашрофони даврон писари хурдии Маҳмуд – Муҳаммадро ба тахт нишонданд, аммо писари бузурги ӯ - Масъуд, ки даъвои тахту тоҷ дошт, бародарашро кӯр карда ӯро бо фарзандонаш ба зиндон фиристод ва зимоми қудратро ба дасти худ гирифт. Масъуд, ки дар мумсикию ғоратгарӣ аз падараш камие надошт, сиёсати падари худро идома медод. Дар даврони ҳукумати ӯ Хоразм, ки ба ном тобеи давлати Ғазнавиён буд, дар асл ҳамчун давлати мустақиле амал менамуд ва пас аз марги Алтунтош – ҳокими ин вилоят, Масъуд гарчанде доираи салоҳиятҳои мудирияти

маҳаллиро маҳдуд карда бошад ҳам, вале ҳукуматро ба дасти меросбарони ӯ вогузор карда, гарчанд ба писари худ мансаби «хоразмшоҳӣ»-ро дода бошад ҳам, вале Ҳорун – писари Алтунтошро волии ин мулк таъин намуд. Ҳорун ҳам бо шоҳи Қарохонӣ – Алитегин ва ҳам бо Салҷуқиён муносибати дӯстона барқарор карда, дар соли 1034 истиқлоли Хоразмро эълом дошт ва сипас ба Хуросон лашкар кашид, аммо бо ҳидояти ҷосусони Масъуд аз тарафи ғуломи худ кушта шуд. Дар ин айём рӯёрӯиҳои Ғазнавиёну Қарохониён дар масъалаи мансубияти Мовароуннаҳр идома дошт ва Масъуд иҷбоан барои таҳкими амнияти давлати худ бо Қарохониён ба музокирот даромад. Дар ҳангоми ин рӯёрӯиҳо бо Қарохониён як тоифаи салҷуқӣ вориди Хуросони Шимолӣ шуда, дар ин макон иқомат ихтиёр кард. Салҷуқиён барои ба даст овардани масоҳати бештари киштзору чарогоҳҳо ва озод шудан аз андозҳои маъмулӣ чандин бор алайҳи ҳукумати марказии Ғазнавиён шӯриш бардошта буданд ва ин қиёми онҳо аксаран аз тарафи Ғазнавиён саркӯб мешуд. Ин муноқишоти Салҷуқиёну Ғазнавиён муддати тӯлонӣ идома ёфт ва пас аз задухӯрдҳои шадид ва мукаррар билохира пас аз муҳорибаи артиши Масъуди Ғазнавӣ ва Туғралбеки Салҷуқӣ дар соли 1040 дар қарибиҳои Дандонакон Ғазнавиён ба шикаст мувоҷеҳ гардида, ба ҳукумати онҳо дар Хуросон хотима гузошта шуд.

Пас аз ин муҳориба Хуросон комилан ба дасти Салҷуқиён гузашт ва Туғралбеки Салҷуқӣ (1040-1063) худро султон эълом дошта, бародараш дар Хуросон гумоштаи худ кард ва сипас ба Гургону Табаристон, Хоразму Озарбойҷон лашкар кашида, дар як муддати кӯтоҳе ин сарзаминҳоро ба тасарруфи худ даровард. Ӯ дар соли 1055 ҳамчунин пойтахти хилофати Аббосиён шаҳри Бағдодро низ ғасб карда, худро расман Султони Салҷуқӣ эълом дошт ва баъдан Кирмону Форс ва Қавқозро низ ишғол кард. Пас аз вафоти Туғрал Алпарслон (1063-1072) ба сари қудрат омад ва қаламрави давлати Салҷуқиёнро аз ҳисоби ишғоли сарзаминҳои давлатҳои ҳамсоя, аз ҷумла бахше аз Мовароуннаҳр, васеъ намуд. Дар даврони ҳукумати Ҷалолиддини Маликшоҳ (1072 -1092) давлати Салҷуқиён сарзамини паҳноваре фаро мегирифт, ки аз соҳилҳои баҳри Миёназамин то ба девори Чин тӯл кашида буд ва ба вилоёти нимамустақиле, ба ҳукумати марказӣ тобеъ буданд, аммо мудирияти маҳаллӣ дар онҳо амалӣ мегардид, тақсим мешуд.

Сукути сулолаи Ғазнавиён ва ба сари қудрат омадани сулолаи Салҷуқиён, ки ҳамчун истилогарони аҷнабӣ мардуми зердасти худро ғорату таҳқир менамуданд ва забону фарҳанг ва расму ойини мардумони маҳаллӣ нафрат доштанд, беҳбудие дар зиндагонии сокинони ин сарзамин наоварданд ва зиддиятҳои иҷтимоиро бартараф карда натавонист. Баръакс хироҷҳои сангине, ки аз кишоварзон ситонида мешуд, боиси афзоиши мушкилоти зиндагии онҳо гардида буд.

Иқтоъ асоси мудирияти иқтисодӣ дар аҳди салтанати хонадони Салоҷуқа буд. Деҳқононе, ки дар заминҳои иқтоъ кор мекарданд, илова бар ин ки андоз ва хироҷ аз даромадро ба хазинаи давлат мепардохтанд, маҷбур буданд дар сохтани роҳҳо ва дигар иншооти давлатӣ бе пардохти маош кор кунанд (ниг.: [3, 412-416]). Дар ин даврон замин тадриҷан ба дасти ашрофони турктабори кӯчӣ медаромад ва ин аъёни муғулинажод дар ин бахш кишоварзони бумии эронинажодро дар доираи табақаи деҳқонон танг мекарданд ва ба соҳибмулкони томулихтиёри маҳаллӣ табдил меёфтанд, ки боиси заиф шудани иқтидори ҳукумати марказӣ мегардид. Ҳамин мушкилот ва сахтиҳое, ки бар сари мардуми Хуросон омада буд, Носири Хусравро сахт ба риққат оварда, сабаби эҷоди байтҳои зайл гардида буд:

**Ба хоса ту, эй наҳс, хоки Хуросон,**
**Пур аз мору каждум яке поргинӣ.**
**Барошуфтанд аз ту туркон, чӣ гӯям?**
**Миёни сагон дар яке арзанине. (10, 606)**

Яке аз зуҳуроти манфие, ки дар айёми ҳукмронии Салҷуқиён хеле ривоҷ пайдо карда буд, мухолифатҳое буданд, ки бар мабнои хусуматҳои байни аҳли суннат ва фирқаҳои гуногуни ташайюъ ва ҳатто дар дохили як мазҳаб сар мезаданд. Н. Арабзода бо иттико бар шаҳодати манбаъҳои хаттӣ сиёсати ҳокимони салҷуқиро дар ин амр чунин шарҳ додааст: «Туғралбек ва камтар аз ӯ Алпарсон, ки сунниёни ҳанафимазҳаб буданд, ҳамагуна инҳирофро аз аҳкоми тасаннун саркӯб мекарданд. Дар аҳди онҳо, ки худро мусулмонони муҷоҳид мешумурданд, ҳатто пайравони дигар фирқаҳои мазҳаби сунниро чун мулҳидон мешиносониданд. Ба ин маънӣ ихтилофҳои динӣ дар қарни Х1 на танҳо дар байни намояндагони тасаннун ва ташайюъ, ё байни ҳанафияву мазҳабҳои дигар, балки дар миёни мазҳабҳои дигар низ пуршиддат гардид. Аз ин рӯ, мансуби мазҳабе будан дар он шароит

маънии дастгирӣ ва пуштибонии ҳукуматро дошт, зеро ҳукуматҳои мухталифи мусулмонӣ ба таъвизи мазоҳиб фузун таъсир мегузоштанд» [2, 17].

Мовароуннаҳр ва соири вилоёти ҳаммарзи он ҳукумат дар дасти сулолаи Қарохониён қарор дошт, ки ҳамчунин бар Баласағуну Қошғар, Исфиҷобу Тароз низ ҳоким буданд ва дар тақсими ҳудуди ин сарзаминҳо хонадони туркони Алавӣ ва Ҳасанӣ кашмакаш доштанд [30, 400]. Давлати Қарохониён аз як сӯ бо давлати Ғазнавиён ва аз сӯи дигар бо давлати Салҷуқиён дар мухолифот ва мунокишоти шадид қарор дошт, ки ин мухолифатҳо гоҳе бо роҳи ҷанг ва гоҳе бо усули дипломатӣ роҳи ҳалли худро пайдо мекарданд. Гарчанде дар таърихи салтанати ин сулола сафаҳоти нормавшани зиёде боқӣ монда бошад ҳам, аммо сарфи назар аз ин ки манобеи таърихӣ дар бораи кӯшишҳои баъзе аз намояндагони ин сулола дар амри барқарории адлу адолат дар дохили кишвар иттилоъ додаанд (муфассалан ниг.: [3, 402-403]), ба сурати куллӣ Қарохониён ба ҷангу хунрезиҳо ва сиёсати ишғолгарона хотима нагузоштанд. Дар замони ҳукумати Иброҳим ибни Насри Бӯритегин, Вахшу Чағониён, ки тобеи давлати Салоҷуқа буданд, ишғол шуданд ва дар солҳои 40-уми қарни XI тамоми сарзамини Мовароуннаҳр комилан ба тобеияти ӯ даромада, Самарқанд пойтахти ин давлат қарор дода шуд.

Дар ин айём дар Ғӯр, ки кишвари кӯҳистонии болооби Ҳирарӯд буда, аксари саканаи онро тоҷикони кӯҳистонӣ ташкил медоданд, давлати Ғӯриён қомат рост мекард, ки дар асрҳои пешин аз тарафи маликони қабилаҳои гуногуни маҳаллӣ идора мешуд, ки онҳо низ бо Ғазнавиён ҳамеша дар набард буданд ва билохира тавонистанд пас аз пирӯзи бар малик Хусрави Ғазнавӣ ба ҳукмати Ғазнавиён дар Ғӯр хотима гузоранд. Дар охири асри XI дар ҳокимият дар Ғӯр тадриҷан ба дасти малики вилояти Мандеш аз хонадони Сурӣ даромад [3, 394-395].

Нуктаи муҳимме, ки зимни баррасии аҳволи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии замони Носири Хусрав аксари муҳаққиқон бар он ишора кардаанд [209; 210; 18; 212, 4-27; 30, 397-398; 51; 52; 53; 12; 13, 20-22; 196, 277; 48, 34; 54, 17], ҷунбишҳои наҳзати миллие мебошанд, ки ба сурати истиқлолхоҳии фалсафӣ-мазҳабӣ дар сарзамини сукунати мардумони эронитабор ва форсизабон сар мезаданд ва ин ҷунбишҳоро метавон чун эътирози мардуми бумии ин сарзаминҳо ба аъмоли ҳукуматдорон ва сиёсати Хилофати Аббосиён ва сиёсатмадорони бағдодӣ арзёбӣ кард, ки яке аз онҳо ҷунбиши исмоилия буд, ки онро Х. Додихудоев «фалсафаи исёни кишоварзӣ» номидааст [4, 6]. Гарчанд дар илм доир ба ин ҷараёни мазҳабии ислом фикрҳои мухталиф ва ҳатто ғаразомезе баён гардида бошад ҳам, аксари муҳаққиқон ҳамчун эътироз алайҳи сиёсати ҳукумати марказии хилофати араб арзи вуҷуд кардани онро эътироф кардаанд. Ҷунбиши исмоилиён дар ҳаёти маънавии асрҳои миёна – ҳам то замони Ноосири Хусрав ва ҳам пас аз даврони зиндагии ӯ нақши чашмгиреро адо кардааст. Баррасии комилтари ин мавзуъ дар осоре, ки дар боло ба онҳо ишора шуд, батафсил сурат гирифтааст, бинобар ин аз баёни таърих, хасоис ва вежагиҳои ин мазҳаб худдорӣ намуда, ба муносибати Носири Хусрав ба ин ҷараёни мазҳабӣ ва мавқеи он дар таълифи осори адабии ӯ, бахусус «Сафарнома» тавaққуф менамоем.

Носири Хусрав ва осори ӯро бидуни алоқамандӣ фаъолияти динию мазҳабияш баррасӣ намудан аз имкон берун аст, зеро осори илмию адабии ӯ, ки дар силсилаи мартабаҳои исмоилия ба дараҷаи баланди «Ҳуҷҷат» расида, дар ашъораш низ ҳамин мақомашро ба сифати тахаллус интихоб намудааст, саршор аз таълимоти фалсафӣ, андешаҳои динӣ ва иҷтимоию ахлоқиест, дар тӯли фаъолияти тарғиботиаш дар ростои ривоҷу равнақи мазҳаби исмоилия пайгирӣ менамуд. Бинобар иттилои Н. Арабзода, дар ташаккули андешаҳои мазҳабӣ ва ҷаҳоншиносии динию фалсафии адиби ҳам омилҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ҳам омӯзиши осори мутафаккирони исмоилӣ Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Насафӣ, Абӯҳотими Розӣ, Абӯяъқуби Сиҷистонӣ, Ҳамиддудини Кирмонӣ ва Муайяди Шерозӣ, ки ҳудудан зодагони Эронзамин ва хусусан Мовароуннаҳр будаанд, таъсири муҳимме бар ҷой гузоштааст (муфассалан ниг.: [2, 37-47].

Носири Хусрав дар даврони ҷавониаш дар дарбори шоҳони ғазнавию салҷуқӣ ба хидмат пардохта, чун дабиру шоир маъруф гардида будааст ва чун дар оғози «Сафарнома» зикр сохта, умри худро то чиҳилсолагӣ ё чиҳилу дусолагиаш бо нишоту шаробхорагӣ сипарӣ мекардааст [10, 23], аммо шабе дар хоб шахсе ӯро ба сафар ба сӯйи қибла ҳидоят кардааст. *«Чун аз хоб бедор шудам, он ҳол тамом бар ёдам буд ва бо худ гуфтам, ки «Аз хоби чиҳилсола низ бедор гардидам» Рӯзи панҷшанбе, шашуми ҷимодиюлохири санари чорсаду сию ҳафт, нимаи даймоҳи порсиёнсол бар чаҳорсаду даҳи яздигурдӣ сару тан бишустам ва ба масҷидии ҷомеъ*

*шудам ва намоз кардам ва ёрӣ хостам аз Бори таборак ва таоло ба гузоридани он чӣ бар ман воҷиб аст ва даст боз аз мувҳиёт ва ношоист»* (7, 8]. Гарчанде бархе аз муҳаққиқон бар воқеӣ будани ин ҳикоят шак кардаанд [11, 23-24], бо вуҷуди ин Носири Хусрав аз ин сана пас ба зиёрати Каъба мебарояд ва «Сафарнома» гузорише аз сафари ҳафтсолаи ӯ (аз 6 марти соли 1046 то 24 октябри соли 1052) мебошад, ки воқеоти мусофираташ аз зодгоҳ то Мисру бозгашт ба ватанашро тасвир намудааст. «Вай дар ин ҷо шеваи шахсӣ пеш мегирад ва ағлаб ҳангоме ки ба баёни корҳое, ки кардааст, ё чизҳое, ки дар ҷое дидааст, мепардозад, ба худ ба сурати «ман Носир» ишора мекунад. Аз рӯйи шавоҳиди дарунӣ метавонем истинбот кунем, ки «Сафарнома»-ро замоне баъдтар аз ёддоштҳое, ки дар тӯли сафар бардошта буд, навиштааст» [11, 29-30].

## МУҲИТИ ЗАБОНИИ ДАВРОНИ ТАЪЛИФИ «САФАРНОМА»-И НОСИРИ ХУСРАВ ВА БОЗТОБИ ОН ДАР САБКИ АСАР

Давронеро, ки «Сафарнома»-и Носири Хусрав дар он эҷод гардида буд, метавон ба унвони марҳилаи такомул ва инкишофи забони форсии дарӣ номид, зеро дар ин айём забони адабии форсӣ-тоҷикӣ аллакай ташаккул ёфта, суннатҳои адабие, ки дар даврони Сомониён дар осори Рӯдакӣ ва ҳамзамононаш шакли воқеӣ гирифта буданд, идома ёфта, бо эҷоди осори пуробуранге аз тарафи адибони хушкаломе чун Унсурӣ, Фаррухӣ, Асҷадӣ, Манучеҳрӣ, Носири Хусрав, Масъуди Саъди Салмон, Бобо Тоҳири Урён, Умари Хайём, Ҳаким Саноӣ, Амъақи Бухороӣ, Хоқонии Шервонӣ, Сӯзании Самарқандӣ, Ҷамолиддини Исфаҳонӣ, Муиззӣ, Ватвот, Адиб Собири Тирмизӣ, Сайфи Исфарангӣ, Анварӣ, Заҳири Форёбӣ, Асириддини Ахсикатӣ, Асадии Тӯсӣ, Фахриддини Гургонӣ ва соири шоирону нависандагон сабки забони адабии форсии дарӣ такмил ва тасбит ёфт.

Дар ин даврон муҳити забонӣ дар қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон ва соири манотиқи сукунати мардумони форсизабон ба иллати рӯйдодҳои сиёсию иҷтимоие, ки дар сар то сари қарни XI сурат гирифтанд, то андозае дигаргун шуд, зеро қавмҳои турктабори кӯчнишин пас аз расидан ба қудрати низомию сиёсӣ заминҳои кишоварзони эронитабори бумиро ишгол карда, дар ин сарзаминҳо ба кишоварзӣ машғул шуданд ва ё ҳамон ҳирфаи чорводории кӯчнишинии худро идома медоданд. Ба ҳамин тариқ, дар харитаи этнолингвистии Мовароуннаҳру Хуросон тағйироти ҷиддие ворид гардида, дар шаҳрҳо ва деҳоти ин сарзамин нуқоти маскунии турктаборон арзи вучуд карданд. Пас аз фурӯпошии давлати Сомониён, ки пуштибони забону адаби форсӣ буд, ҳукумат ва қудрати сиёсию низомӣ ба дасти ҳокимони турктабор гузашт, аммо азбаски ҳокимони нави туркнажод аз суннати пешрафтаи фарҳанги миллӣ маҳрум буданд, натавонистанд, суннатҳои забонӣ, адабӣ ва фарҳангии ҷадидеро ҷойгузини забону адаби форсии дарӣ гардонанд ва баночор анъанаҳои фарҳангию адабии замони Сомониёнро идома доданд. Дар чунин вазъ ҳарчанд фармонфармоёни замон ашхоси туркнажод буданд, аммо дар дастгоҳи мудирияти давлат ва тамоми ниҳодҳои фарҳангии ҷомеа форсизабонон фаъолият мекарданд, ки таълими хуби мактабию динӣ ва донишу биниши васеъ доштанд ва ҳокимони вақт маҷбур буданд, дар коргузорӣ ва мудирияти давлат аз донишу малака, маҳорату малакаи забонии онҳо истифода намоянд. Дарбори ҳокимони турктабори Ғазнавиёну Салҷуқиён ва Қарохониён ба сабаби адами анъанаи шеъру шоирӣ дар ҳаёти ақвоми туркнажод иҷборан ба идомаи суннати адабии даврони Сомониён рӯй овард ва дар пойтахт ва шаҳрҳои бузурги ин кишварҳо адибони маъруфи даврон гирд омаданд, ки дар такмил ва инкишофи суннати адабӣ ба забони дарӣ-тоҷикӣ ҷойгоҳи арзанда доранд. Ҳатто Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, ки дар таърих бо қазияи худ бо Фирдавсии Тӯсӣ бадном шудааст, шумораи зиёди адибони форсигӯро дар дарбори худ гирд овард ва бо ин роҳ баночор барои инкишофи адабиёти классикии форсу тоҷик ва забони форсии дарӣ мусоидат намуда буд.

Дар ин росто ба чанд нуктаи муҳимми дигар ишора кардан лозим меояд, ки бо тағйири авзои сиёсӣ ва таъвизи ҳукуматҳои сулолаи шоҳони турктабор ба миён омада буданд. Нуктаи аввал ин аст, ки бо таназзул ва футури давлати Сомониён тамомияти арзии сарзамини форсизабонон низ аз байн рафта, Мовароуннаҳру Хуросон ва дигар марзҳои маскунии форсизабонон дар ҳудуди Осиёи Марказӣ ва Эрон ба давлатҳои хурдтаре тақсим шуданд, ки ҳокимони онҳо аксаран дар байни худ хусумат доштанд ва ба ҳамин сабаб иртибототи миёни мардумони эронитабор мушкил мегардид ва гоҳо ин равобит гусаста ва дар замони тӯлоние ҳатто ғайримумкин мешуд. Ин ҷудоӣ боиси андаке аз ҳам дур гаштани мардумони порсигӯ шуд. Дар ин маврид метавон ба қазияе ишора кард, ки Носири Хусрав дар хотироти сафари

худ овардааст: *« дар Табрез Қатрон ном шоиреро дидам, ки нек шеър мегуфт, аммо форсӣ накӯ намедонист, пеши ман омад. Девони Мунҷик ва девони Дақиқӣ ва пеши ман бихонд ва ҳар маънӣ, ки ӯро мушкил буд, аз ман пурсид, ба ӯ бигуфтам ва шарҳи он бинавишт ва ашъори худ бар ман хонд»* [7, 11]. Дар ин маврид зоҳиран манзури муаллиф аз гуфтани «форсӣ накӯ намедонист» ишора бар калимоту таркиботе бошад, ки дар осори ин ду шоири мовароуннаҳрӣ омада ва барои шуарои порсигӯи Эрони ғарбӣ ноошно ва ғайри қобили фаҳм будааст. Аммо дар ин ҷо набояд нуктаеро фаромӯш кард, ки ба сурати куллӣ аҳли илму адаби форсигӯи чи қисми ғарбии Эрону Моварои Қафқоз ва чи шимоли Ҳинд зимни таълифоти худ асосан ба лаҳҷаҳои Мовароуннаҳру Хуросон такя мекарданд, зеро бисёр хасоиси ин лаҳҷаҳо ба ҳукми меъёри забони адабӣ даромада буданд.

Дар канори ин, дар ин даврон шумораи равшанфикроне афзоиш ёфт, ки зодагони маҳалҳои гуногун ва мансуб ба табақоти мухталиф буданд, ки дар баробари риояти меъёрҳои забони адабӣ гоҳе аз ғановати таркиби луғавии лаҳҷаи зодгоҳ ё гуфтори табақаи худ вожагону истилоҳот ва таркиботеро вориди забони адабӣ-китобӣ менамуданд. Ба тавре, ки пажӯҳишгарон қайд кардаанд, ривоҷи тарҷума аз забони арабӣ ба форсӣ боиси бештар ворид гардидани калимаҳои нав ё диалектизмҳо ба таркиби забони адабӣ гардида, ба ҳамин васила барои инкишофи забони адабии форсӣ-тоҷикӣ ё ба таъбири Фаррухӣ, «алфози дарӣ» гардидааст [9, 9].

Сониян, ба сабаби гуногун будани авзои иҷтимоӣ ва ҳатто сатҳи табъу завқи ҳокимони давр инкишофи сабкҳои забони адабӣ дар марказҳои сиёсии мухталиф ба таври гуногун сурат мегирифт: дар дарбор ва шаҳрҳои як минтақа сабки идорӣ-коргузорӣ ё муросилоту мукотибот инкишоф ёфтааст, дар минтақаи дигар сабки осори мансури бадеӣ ва ё шеър, дар ҷои дигар бошад, сабки осори илмӣ ё таърихӣ.

Сеюм, чуноне ки дар муқаддима ишора шуд (ниг.: саҳ. 10) , пас аз асри XI, ки дар Эрони ғарбӣ низ марказҳои адабӣ ташаккул ёфтанд ва аз гуфтори мардуми ин сарзамин теъдоди зиёди воҳидҳои луғавӣ вориди таркиби луғавии забони осори хаттӣ гардиданд ва аз ин пас тасаллути мутлақи лаҳҷаҳои форсии Мовароуннаҳр бар забони адабӣ-китобӣ коста шуд. Инкишофи равобити гуногуни иқтисодию иҷтимоӣ дар байни нуқоти маскунии қаламрави тарвиҷи забони форсӣ боиси торафт ба ҳам наздик шудани лаҳҷаҳои мухталифи ин забон гардид, ки дар ҳамранг шудани меъёрҳои забони адабӣ нақши боризе гузошт. Забони адабӣ дигар ба лаҳҷаи ин ё он минтақа иттико надошт, балки идомаи мукаммали забоне буд, бунёдаш дар аҳди Сомониён ниҳода шуда буд ва дар доираҳои адабӣ ва дарбор дар шаҳрҳое ба мисли Ғазна, Хоразм, Марв, Бухоро ва ҳамчунин манотиқи шимолу ғарбии Эрону Қафқоз аҳли илму адаб гирд омада буданд, ки бо забони адабии форсӣ-тоҷикӣ ошноии комил доштанд ва дар амалияи худ аз тамоми нозукиҳои он истифода менамуданд.

Чаҳорум, яке аз хусусиятҳои чашмгири забони адабии асри X1 инкишофи наср ва сабки осори мансур маҳсуб мешавад, ки пеш аз ҳама ба тағйири завқи мардуми соҳибзабон ва афзоиши шумораи аҳли савод дар байни омма вобастагӣ дошт. Сарфи назар аз ин ки осори мансур ба забони форсии дарӣ дар даврони пешин низ вуҷуд дошт, аммо дар асри X1 наср босуръат инкишоф ёфт, ки мавзуот ва соҳаҳои мухталифи илму адабро фаро мегирифт. Дар радифи аввал таваҷҷуҳи мардум ба насри ривоятӣ ва саргузаштӣ бештар ҷалб шуд буд, ки намунаҳои ин насрро метавон дар «Синбоднома»-и Заҳирии Самарқандӣ, «Мақомоти

Ҳамидӣ»-и Ҳамидаддин, «Калила ва Димна»-и тарҷумаи Абулмаолӣ, «Самаки айёр»-и тадвини Фаромарзи Арҷонӣ, «Сафарномаи»-и Носири Хусрав дарёфт намуд.

Ҳамчунин осори насрие мисли «Қобуснома»-и Унсурулмаолӣ, «Зод-ул-орифин», «Канз-ул-соликин» ва «Муҳаббатнома»-и Абдуллоҳи Ансорӣ, «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҷуллобии Ҳуҷвирӣ [12, 4] ва ғайра низ офарида шуданд, ки асарҳои дидактикӣ-ахлоқӣ ва мазҳабию тасаввуфӣ буда, бештар ҷанбаи идеологӣ касб кардаанд.

Дар ин айём шумораи китобҳои илмие, ки масоили бахшҳои улуми мухталиф дар онҳо мавриди мубоҳисоту баррасии илмӣ қарор дода шудаанд ва дар ин радиф метавон асарҳоеро ҳамчун «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър»-и Рашиди Ватвот, «Тарҷумон-ул-балоға»-и ар-Родуёнӣ, «Наврӯзнома»-и Умари Хайём, «Захираи Хоразмшоҳӣ»-и Ҷурҷонӣ, «Зод-ул-мусофирин» ва «Хон-ул-ихвон» ва соири осори Носири Хусрав, «Ҷомеъ-ул-улум»-и Фахриддини Розӣ, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзӣ ва дигаронро ном бурд. Ҳамчунин дар ин қарн нахустин луғати тафсирие, ки то замони мо расидааст, «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ [5, 4-5] ва луғатҳои тарҷумавии арабӣ-форсие мисли «Китоб-ус-сомӣ фи-л-асомӣ»-и

Абулфазли Майдонӣ, «Муқаддимат-ул-адаб»-и Замахшарӣ, «Тоҷ-ул-масодир»-и Байҳақӣ таълиф гардидаанд.

Панҷум, чунончи дар боло зикр гардид, ҳокимони турктабор ба ҳар навъ мехостанд худро дар пеши хулафои Аббосӣ ҳамчун муътақидони аслии дини ислом ва пайравони мазҳабе ҷилвагар намоянд, ки ин хулафо ба он мансубанд. Таассуби динии онҳо то ҷое расида буд, ки мехостанд дар илму адаб ва коргузории давлатӣ аз нав ба ҷои забони форсии дарӣ, ки ҳатто барояшон забони модарӣ набуд, забони арабиро ба муомилот даророанд. Осори хаттие, ки дар ин даврон дар қаламрави ривоҷи забони форсӣ ба забони арабӣ таълиф гардидааст, гувоҳи ин нукта мебошад. Масалан, дар шаҳри Ғазнин, ки пойтахти сулолаи Оли Носир буд ва яке аз марокизи густариши забону адаби форсӣ маҳсуб мешавад, талошҳое барои ба забони арабӣ анҷом додани «таҳрироти девони расоил» сурат гирифта буд [9, 4]. Сарфи назар аз ин, забони форсии дарӣ, ки сабки адабии он ба ҳадди камолот расида буд, дар тамоми ҷанбаҳои корбурдии худ бо забони арабӣ рақобатпазир буд ва ҳатто ба иллати ин ки ҳамагон арабиро ба дараҷаи зарурӣ намедонистанд ва ҳатто баъзе ҳокимон ва сарлашкарону мансабдорони баландпояи турктабор бар ин забон тасаллут надоштанд, дар бисёр мавридҳо забони форсии дарӣ бар забони арабӣ бартарӣ пайдо мекард.

Носири Хусрав, ба тавре ки аз ишороти донишмандон бармеояд, « аз мактаби хеле олӣ гузашта, забони арабиро дар ҳадди камол медонист, Қуръон ва адабиёти марбут ба он, таърихи ислом ва соири адёнро аз бар карда буд, ба борикиҳои фиқҳи исломӣ хуб сарфаҳм мерафт, дар бахшҳои таърих, адабиёт, забоншиносӣ ва мардумшиносии бостонии араб ва соири улум, асотиру ривоёти аъроб донишҳои амиқе дошт ва дар осори манзуми худ борҳо ба мавҷудияти девони ашъори арабии худ ишораҳо кардааст» [6, 9].

Дониши олии Носири Хусравро дар бахши забону адаби араб ҳамчунин донишмандони эронӣ Абулҳусейни Зарринкӯб [14, 99-100] ва Забеҳуллоҳ Сафо [15, 454] таъкид намудаанд. Аммо ӯ бо вуҷуди ин ба дунболи сиёсатҳои ҷории давр нарафт ва бар хилофи ҳокимони замонааш «қиммати лафзи дурри дарӣ»-ро бар ҳангомаҳои фитнаҷӯёнаи зимомдорони замонааш бартар шумурд ва дар баёни андешаҳои худ аксаран аз забони форсии дарӣ истифода кардааст.

«Сафарнома»-и Носири Хусрав асарест, ки маҳз муҳити амали забонҳоро дар замони таълифаш ва дар қаламрави мусофирати муаллиф мунъакис намудааст. Муҳити амалкарди забони форсӣ ва таъсири забонҳои дигар ба он дар сафаҳоти ин асар пеш аз ҳама дар корбурди воҳидҳои луғавии ин забон инъикос гардидаанд. Корбурди калимоти аслии форсӣ-тоҷикӣ ва иқтибосӣ аз забонҳои гуногун, пеш аз ҳама, гувоҳи мақоми ин забон дар ҷомеаи замони таълифи асар ва ривоҷи забонҳои дигар ва таъсири онҳо бар забони форсии дарӣ мебошад. Ончунон ки муҳаққиқон зикр кардаанд, муаллифи асар кӯшидааст ҳангоми тасвири воқеот бештар аз ғановати луғавии забони дарӣ-тоҷикӣ истифода намояд, аммо дар баробари ин теъдоди калимоти арабиасл низ дар асар кам нестанд, ки дар забони он даврон роиҷ ва барои аксари мардуми соҳибзабон фаҳмо буданд [8, 475]. Ҳамин нукта аз он ҳам гувоҳӣ медиҳад, ки забони арабӣ дар ҷомеаи он даврон нақши муҳимме доштааст. Шумораи вожагони туркӣ гарчанде маҳдуд бошад ҳам, вале корбурди онҳо дар асар инъикосгари муҳите мебошад, ки бар асари воқеоти сиёсии замон дар қаламрави ривоҷи забони форсӣ ва хусусан дар Мовароуннаҳру Хуросон ба миён омада буд. Муаллиф дар асар баъзан зимни тасвири воқеияти дидааш доир ба корбурди забонҳо дар ин ва ё он макон иттилоъ додааст: «*дар ин шаҳри Ихлот ба се забон сухан гӯянд: тозӣ, порсӣ ва арманӣ ва занни ман он бувад, ки Ихлот бад-ин сабаб номи он шаҳр ниҳодаанд*» (7, 11).

**АДАБИЁТ:**


Маводи назариявӣ, ки аз ҷониби омӯзгорони донишманди асри XX ба мо ҳамчун мерос омадаанд, бештар бахши инкишофи педагогикаи ватаниро муайян намуда, барои дарки аҳамияти рушди тафаккур, дарки моҳияти он ва нақши он дар равандҳои таҳсилот такон бахшид. С.Г. Воровшиков таваҷҷуҳро ба он ҷалб мекунад, ки "дар солҳои 80-уми асри XX равишҳои идроки мунтазами тафаккур ва малакаҳо таҳия карда мешаванд. Н. Паламарчук, Т.И. Шамова тасниф ва таркиби ҳар як навъи тафаккурро таҳия намуданд" [3].

Тафаккури таҳлилии хонандагон дар таҳқиқоти илмии самти педагогӣ гуногунранг тавсиф шуда, бо таърифҳои сершумор айният дода мешавад, аз малакаҳои умумиинсонии мансуб ба фаъолияти зеҳнии ҳар як субъект то амалҳои таълимии вобаста бо равандҳои мушаххас муайян карда мешаванд.

Агар асарҳои Л. Виготский ба асос гирифта шавад, ба хулосае омадан мумкин аст, ки тафаккур бо фаъолияти таълимӣ иртиботи хеле наздик дорад, ки онро ба таври қобили мулоҳиза ташаккул ва рушд медиҳад. Инчунин, фаъолияти таълимӣ, ки фаъолияти асосии инсон дар давраи ташаккули шахсият маҳсуб мегардад, дараҷаи сифати тафаккур, асоснокӣ ва самаранокии онро баланд мебардорад. Ба ғайр аз Л Виготский ин назарияро олимони дигар дар асарҳои худ таҳия кардаанд, ки зуҳурот ва такмили тафаккури таҳлилиро дар зинаҳои гуногуни таълим тавсиф намудаанд.

Масалан, Е.В. Прямикова [10], В.Н. Шапалов [18], А.С. Бароненко, В.А. Кузмина ба таври гуногун мулоҳизаронӣ карда, дар таври умумӣ ба эътирофи ягонаи тафаккури таҳлилӣ ҳамчун ҷузъи рушди фарҳангии шахсият ва умуман ҷомеа ва унсури ҷудонашавандаи шуури субъекти соҳибмаърифат ва бошуур омадаанд. Илова бар ин, дар ҳамаи таҳқиқоти болозикр мавҷудияти тафаккури таҳлилӣ хеле зарур дониста шудааст, ки рушди он дар хонандагон дар оянда рушди ҳамаҷониба ва мавзуни ҷомеаро, ки давлати ҳуқуқиро ташкил медиҳад, таъмин менамояд.

Таърифҳои тафаккури таҳлилӣ, ки дурустии ин мафҳумро ифода мекунанд, ба таври зерин мисол оварда мешаванд:

- ба гуфтаи Т.П. Соломонова, тафаккури таҳлилӣ тавсифномаи бисёрфунксионалии ақлонии хонанда буда, якпорчагии малакаҳои ӯро дар таҳлил ва баҳодиҳии иттилоот, ба низом даровардани донишҳои андухта, тасвият додани фикр ва дуруст гузоштани саволҳо дар назар дорад [14];
- ба андешаи В.М. Чиркова тафаккури таҳлилӣ як гурӯҳи маҳоратҳои мураккабӣ ва низомнокии гуногун мебошад, аз қабили муқоиса, тафриқаи иттилоот, пешниҳоди маълумот дар шакли низоми мантиқӣ, тасвияити хулосаҳо ва шарҳҳои интиқодӣ, ки ба ҳалли масъалаҳои касбӣ нигаронида шудаанд [17];
- ба ақидаи И.Г. Овсянникова, тафаккури таҳлилӣ бо огоҳии тафаккур ва равандҳои таркибии он тавсиф мешавад, ки татбиқи онҳо дар шакли фаъолияти сохторӣ ва мақсадноки суратгиранда аз ангезаҳои субъект ва дар асоси таҷриба, малакаҳои омӯзишӣ ва дониши ӯ бармеояд, ҳамчунин дар асоси фаҳмиши усули фаъолияти зеҳнӣ; Овсянникова инчунин аҳамияти муносибатҳои субъектро бо дигар иштирокдорони фаъолияти таҳсилотӣ ҳангоми ташаккули тафаккури таҳлилӣ қайд мекунад [9].

Ин таърифҳо ба таври васеътар амалкард, номаҳдудӣ ва якпорчагии мафҳуми тафаккури таҳлилиро инъикос мекунанд. Таҷрибаи амалии худамонро бо таърифҳои дар боло зикршуда ҳамгиро сохта, мо метавонем ба хулосае бирасем, ки тафаккури таҳлилӣ инчунин унсурҳои ҳаракатнокӣ, амалкардӣ ва иқтидори баланди фаъолияти зеҳниро дар бар мегирад. Ба андешаи Л.Б. Таренко "тафаккури таҳлилӣ ба мутахассисони оянда имконият медиҳад, ки равандҳои тафаккури худро идора кунанд. Самараи таҳсилот дар азхудкунии маҳоратҳои таҳлилӣ зоҳир мегардад".

Аз ин рӯ, таҳқиқоти мо тафаккури таҳлилиро ҳамчун ҳар гуна намуди фаъолияти фикрӣ баррасӣ менамояд, ки аз ҷиҳати низомнокӣ ва мушкилӣ гуногун аст, вале ҳамеша заминаи зеҳнии субъекти тафаккурро инъикос намуда, имкони дарки воқеияти атрофро фароҳам месозад [15].

Азбаски таҳқиқоти мазкур ошкорсозии мафҳуми тафаккури таҳлилии хонандагонро дар назар дорад, мо тафаккури таҳлилиро бо таваҷҷуҳ ба категорияҳои хонандагоне, ки фаъолияти таҳлилӣ мегузаронанд, мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Бисёре аз алгоритмҳои фаъолияти фикрӣ ва таҳлилӣ, мулоҳизаҳои баҳодиҳӣ наметавонанд ба маҷмуи малакаҳои категорияҳои гуногуни хонандагон баробар тааллуқ дошта бошанд. Доираи иттилооти омӯхташуда ва роҳҳои тафсири он дар категорияҳои алоҳида низ фарқ мекунад.

Дар натиҷа, проблемае ба миён меояд: маҳз кадом малакаҳо бояд моҳияти тафаккури таҳлилӣ ҳисобида шаванд. Л.С. Рубинштейн, психологи маъруф, ба як низоми умумӣ чунин фаъолиятҳои шуурро, ба монанди "таҳлил, синтез, муқоиса, тасниф, таҷрид (абстраксия)" иртибот медиҳад [11].

Тафаккури таҳлилӣ, ба ақидаи омӯзгорон, аз малакаҳои таҳлил, муқоиса ва тафриқаи мавод, ҳамгироӣ ва пешниҳоди маълумот дар шакли низоми мантиқӣ иборат аст. Дар таҳқиқоти мавриди баррасии мо қароргирифта вижагии маводи ҳар як фанни таълимӣ бо малакаҳои мушаххаси вобаста ба тафаккури таҳлилӣ муқоиса карда мешавад.

Ба афзудани миқдори манбаъҳои иттилоот ва таъсири онҳо ба пешрафти ҷомеа ва тарзи тафаккур таваҷҷуҳ накардан мумкин нест. Мавҷудияти теъдоди хеле зиёди адабиёти бадеӣ ва илмии дастрас барои мардум онро на танҳо манбаи дониш, балки заминаи ташаккули малакаҳои таҳлилӣ низ кардааст. Дар баъзе таҳқиқот олимон тафаккури таҳлилиро маҳз ҳамчун тавсифномаи таҳқиқотӣ медонанд, ки бидуни он коркарди селаи бузурги иттилоот ғайриимкон аст. Мо ин мушоҳидаро дар таълифоти илмии А.П. Гладкова [4], У.Ю. Кукар [6], Э.Г. Собирова [11] ва чанде дигар муҳаққиқон дида метавонем.

Агар ба консепсияи дар таҳқиқоти болозикр бозгӯгардида такя карда шавад ва тафаккури таҳлилиро бо тағйирпазирии он вобаста ба маводи таҳлилшудаи фанҳои гуногуни

таълимӣ ба назар гирифта шавад, ба хулосае омадан мумкин аст, ки тафаккури таҳлилӣ на тавсифномаи шахсӣ, балки хосияти фаъолияти таҳсилотӣ мебошад. Проблемаи ташаккули тафаккури таҳлилӣ ва шавқу рағбат ба раванди таҳсилот дар байни хонандагони мактабҳо на танҳо дар низоми таҳсилоти ватанӣ вуҷуд дорад, инчунин аз мавҷудияти чунин ҳадафҳо ва душвориҳои ноил шудан ба онҳо дар низоми онҳо шаҳодат медиҳад. Чунин проблема, дар ҳар куҷое, ки ошкор шавад, интихоб ва корбурди методҳои фаъол ва интерактивиро дар низоми таҳсилот тақозо мекунад.

Меъёрҳои стандартҳои таълими умумӣ ва касбӣ ва робитаи мутақобилаи муҳтавои онҳо боиси таснифи тафаккури таҳлилӣ ба ҷузъҳои зерин мегардад [7, С. 138-152]:

1) таҳлили маълумоти оммавӣ, ки аз захираҳои сершумор ҷамъоварӣ шудаанд, бо таваҷҷуҳ ба мавқеъҳои муаллиф анҷом дода мешаванд; ҷудо кардани тезисҳо, таснифи маълумот, муқоиса ва муттаҳидсозии иттилооти гирифташуда барои ноил шудан ба ҳадафҳои кори таҳлилӣ;

2) таҳлили рӯйдодҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, муайян кардани вобастагии байни онҳо (вақте ки баъзе рӯйдодҳо бо мавҷудияти ҳодисаҳои дигар муайян карда мешаванд), тафриқасозӣ аз рӯйи тавсифоти асосӣ ва ба низом даровардани равандҳое, ки фаъолияти ҳаётии ҷомеаро ташкил медиҳанд;

3) асоснокшавандагии натиҷаҳои равандҳои таҳлилӣ, ҷудо кардани нуктаҳои асосии таҳлил ва нишон додани эътимоднокии иттилооти гирифташуда бо роҳи пешниҳоди мисолҳои равшани зуҳуроти он дар воқеият.

Таҳқиқоти муаллифони саршинос дар якҷоягӣ бо таҷрибаи шахсӣ ба мо имкон медиҳад, ки унсурҳои таркибии тафаккури таҳлилиро муайян намоем:

-ангезавӣ

-маърифатӣ;

-асолатию фаъолиятӣ.

Унсури ангезавии тафаккури таҳлилӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ азхудкунии назарияи таҳлил, ҳадафҳо ва аҳамияти он дар раванди таълим, пайдоиши шавқу рағбат ва ҳавасмандии ба даст овардани тафаккури таҳлилӣ ҳангоми коркарди маълумот ва дар раванди фаъолияти таҳсилотӣ мебошад.

Унсури маърифатии тафаккури таҳлилӣ мавҷудияти дониш ва маҳоратҳои ба он нигаронидашударо дар бар мегирад. Дар ин ҷо амиқтар омӯхтани назарияи таҳлил, аз ҷумла тасаввурот дар бораи ҳамаи навъҳои фаъолияти фикрӣ, инчунин дар амалия татбиқ намудани онҳо дар назар дошта мешавад. Ин гуна дониш имкон медиҳад, ки таҳлили амиқ ба моҳияти объектҳои омӯхташаванда ва таъсири мутақобилаи онҳо оварда расонад.

Унсури асолатию фаъолиятӣ, дар навбати худ, равиши инфиродӣ ба фаъолияти таҳлилиро ифода мекунад. Дар ин ҷо ҳам дониш ва ҳам таҷрибаи ин ё он мавзуъ ва ҳам идроки шахсии ӯ — отифавӣ ва эҷодӣ нақши муҳим доранд. Дар ҷараёни чунин таҳлил ақидаҳои нав ва роҳҳои ба худ хосси ҳалли проблемаҳои матраҳгардида пайдо мешаванд, ки ҳангоми таҳлили ин ё он объект ҳамроҳ мешаванд.

Унсурҳои тавсифшуда инчунин низоми арзёбии тафаккури таҳлилиро дар муассисаҳои таҳсилотӣ ташкил медиҳанд.

Дар таҳқиқоти Н.К. Нурихонова [8] ва Т.П. Соломонова [14] мо метавонем бо марҳилаҳои муайяншудаи ташаккули тафаккури таҳлилӣ ва тавсифномаҳои онҳо шинос шавем. Ин иттилоот дар партави баррасии тафаккур ҳамчун раванди дарозмуддати рушдёбанда арзишманд аст. Дар таҳқиқоти онҳо силсиламаротиби муайяни дараҷаи рушди тафаккурро пайгирӣ мешавад, ки бо назардошти меъёрҳои муайян ташаккул ёфтааст: "қобилияти рушдёфта ба хулосабарориҳои мустақилонаи башардӯстона, ҳукм ва натиҷагирӣ; мукаммалии иҷрои алгоритмии (пуррагӣ) амалиёти зеҳнӣ; дараҷаи саводнокии амалиётӣ; ҷанбаи огоҳии тафаккури бадастомада; қобилияти арзёбии вокунишии дониш ва рафтори ташаккули тафаккури таҳлилӣ дар байни хонандагони синфҳои болоӣ".

Аз нуқтаи назари психологҳо тафаккурро бо назардошти суръат, мустақилият, қобилияти мулоҳизаҳои баҳодиҳӣ ва имконияти мутобиқшавӣ ба вазъият, амиқии фикр ва густардагии ақидаи он баррасӣ кардан лозим аст. Г.А. Сикорская инкишофи тафаккурро ба ду зина тақсим мекунад. Якум – "иттилоотию ангезавӣ" – интихоби иттилооти заруриро дар назар дорад. Дуюм – "фаъолиятию пешгӯӣ" – ба низом даровардани иттилооти бадастомада ва корбурди он мувофиқи таъинот [13].

**Ҷадвали 2.** ***Меъёрҳои арзёбии тафаккури таҳлилии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ***

| *Унсурҳои тафаккур* | *Меъёрҳо* |
|---|---|
| Ангезавӣ | Таваҷҷуҳ ба фаъолияти иҷтимоӣ; шавқу рағбат ба равандҳои таҳлилӣ ва дарки ҳадафи ниҳоии онҳо; идроки мақсади раванди таълим ва нақши равандҳои таҳлилӣ дар он; малакаҳои худомӯзӣ, амалисозии таълимӣ ва эҷодӣ. |
| Маърифатӣ | Доштани асоснокии назариявии равандҳои таҳлилӣ ва қобилияти татбиқи онҳо; малакаҳои корбурди донишҳои дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ гирифташуда; майли васеъ намудани пойгоҳи дониш ва маҳоратҳои бадастовардашуда; қобилияти тартиб додани нақшаи фаъолияти таҳлилӣ, амалӣ намудани он, огоҳ будан аз ҳадафҳо ва натиҷаҳои фаъолияти худ. |
| Аслолатию фаъолиятӣ | Мавҷуд будани таҷрибаи фаъолияти таҳлилӣ дар раванди таҳсилот; кӯшиши гунаҳои беназири ҳалли проблемаҳо, равиши инфиродӣ ба вазифаҳо; мавҷудияти ақидаҳо ва мавқеи асоснок, назари шахсӣ ба маводи таҳлилшаванда. |

Аз нуқтаи назари психологҳо тафаккурро бо назардошти суръат, мустақилият, қобилияти мулоҳизаҳои баҳодиҳӣ ва имконияти мутобиқшавӣ ба вазъият, амиқии фикр ва густардагии ақидаи он баррасӣ кардан лозим аст. Г.А. Сикорская инкишофи тафаккурро ба ду зина тақсим мекунад. Якум – “иттилоотию ангезавӣ” – интихоби иттилооти заруриро дар назар дорад. Дуюм – “фаъолиятию пешгӯӣ” – ба низом даровардани иттилооти бадастомада ва корбурди он мувофиқи таъинот [13].

Мо дар таҳқиқоти мазкур низоми тавсифкардаи А.В. Усова ва Е.Н. Селиверстоваро ба асос мегирем. А.В. Усова, доктори илмҳои педагогӣ бар ин назар аст, ки “хонандаи дар дараҷаи паст қарордошта танҳо амалҳои алоҳидаро иҷро мекунад ва пайдарпайии онҳо беназму тартиб буда, амалҳо дар маҷмуъ нодуруст дарк карда мешаванд. Дар сдараҷаи миёна хонанда тамоми амалҳои заруриро иҷро мекунад, аммо оид ба пайдарпаии онҳо камтар андешаронӣ шудааст ва худи амалҳо ба қадри кофӣ бошуурона нестанд. Хонанда дар дараҷаи баланд ҳамаи амалҳоро иҷро мекунад, пайдарҳамии онҳо оқилона, амалҳо, умуман, бошуурона мебошанд”. Низоми баҳодиҳии ӯ ба огоҳ будан, мантиқӣ будан ва низомнокии амалҳои анҷомдодаи хонандагон асос ёфтааст [16].

Доктори илмҳои педагогӣ Е.Н. Селиверстова, низ дараҷаҳои “амалиётию муассир, фаъолиятӣ, шахсиятиро” ҷудо мекунад. Дар дараҷаи нахустин хонандагон танҳо баъзе фаъолияти маърифатиро инкишоф медиҳанд. Дар марҳилаи дуюм хонанда метавонад аллакай ҳамчун созмондиҳандаи фаъолияти таҳлилӣ баромад карда, низоми ягонаи азхудкунии донишҳои навро таҳия намояд. Фаъолиятҳо дар он бештар субъективӣ буда, тавсифномаи шахсиро ба даст меоранд. Марҳилаи сеюм бошад, бештар инфиродӣ аст, бо вокуниш, муайян кардани моҳияти равандҳои таҳлилӣ ва аҳамияти онҳо дар рушди худи шахс тавсиф мешавад [12].

Бо такя ба таҳқиқоте, ки мо анҷом додем, дар кори худ марҳилаҳои зерини инкишофи тафаккури таҳлилии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумиро ҷудо намудем:

-танқидӣ;

-самаранок;

-эҷодӣ.

Марҳилаи “танқидӣ”-ро мо ҳамчун ибтидои рушди тафаккури таҳлилӣ тавсиф мекунем. Дар он марҳила хонандагон ё ҳанӯз малакаҳои ҳалли масъалаҳои таҳсилотиро надоранд, ё аз рӯйи намунаҳои додаи омӯзгорон корҳоро бидуни халалдор намудани низоми асосӣ иҷро мекунанд.

Марҳилаи “самаранок” тафаккури бештар рушдёфтаро дар назар дорад, ки “самара”-и он - натиҷаҳои инфиродӣ мебошанд. Дар он хонандагон ба намудҳои гуногуни фаъолиятҳои таълимӣ дастрасӣ доранд, онҳо мустақилона нақшаи кориро тартиб медиҳанд ва ба ҳадафҳои худ ноил мешаванд.

Ба марҳилаи “эҷодӣ” на ҳар хонанда ноил мегардад, он бештар аз ҳама фардӣ аст, зеро он қобилияти эҷодӣ ва вуҷуд доштани истеъдодро дар назар дорад, ки моро водор мекунад, ки онро ҳамчун сатҳи алоҳида фарқ кунем. Ҳангоми тафаккури эҷодӣ, хонандагон майл ба

роҳҳои ғайриоддии ҳалли масъалаҳоро дошта, ба такмил додани равандҳои дастрас ва тамоми воқеияти намоён кӯшиш мекунанд. Омӯзиши ин падида мушкилтар аст, аммо таваҷҷуҳи бештари муҳаққиқонро ба худ ҷалб менамояд.

## АДАБИЁТ:


1.Алексашкина, Л.Н. О системном подходе к развитию умений школьников при изучении истории в основной и старшей школе / Л.Н. Алексашкина // Преподавание истории и обществознания в школе. – 2011. – № 5. – С. 16–24.

2.Бабанский, Ю.К. Методы обучения в современной образовательной школе / Ю.К. Бабанский.– Москва: Просвещение, 1985. – 208 с.

3.Воровщиков, С. Г. Формирование универсальных учебных действий: внутришкольная система учебно-методического и управленческого сопровождения: монография / С. Г. Воровщиков, Е. В. Орлова – Москва: МПГУ, 2012. – 210 с.

4.Гладкова, А.П. Формирование исследовательских умений младшего школьника во внеурочной деятельности: дис. канд. пед. наук:13.00.01 / Гладкова Александра Петровна. – Волгоград, 2013. – 26 с.

5.Краевский, В. В. Педагогика / В. В. Краевский, В. И. Журавлев и др. – Москва: Педагогическое общество России. – 1998. – 254 с.

6.Кукар, У.Ю. Формирование исследовательских умений старшеклассников в учреждении дополнительного образования: дис. канд. пед. наук: 13.00.01 / Кукар Ульяна Юрьевна. – Магнитогорск, 2010. – 190 с.

7.Мулюкова, А. Г. Технология развития аналитических умений слушателей подготовительного отделения вуза // Вестник Южно-Уральского государственного гуманитарно-педагогического университета. – 2020. – 31(154). – С.138-152.

8.Нуриханова, Н.К. Формирование интеллектуальных умений у младших школьников в образовательном процессе: автореф. дис. канд. пед. наук: 13.00.01 / Нуриханова Наиля Камаловна. – Уфа, 2006. – 22 с.

9.Овсянникова, И. Г. Формирование аналитических умений у иностранных студентов в процессе изучения дисциплин профессионального цикла в педагогическом вузе: автореф. дис. канд. пед. наук: 13.00.08 / Овсянникова Ирина Геннадьевна. – Волгоград, 2014. – 26 с

10.Прямикова, Е. В. Формирование социального мышления старшеклассника в процессе изучения общественных наук: автореф. дис. канд. пед. наук: 22.00.06 / Прямикова Елена Викторовна. – Екатеринбург, 2004. – 22 с.

11.Рубинштейн, С. Л. Основы общей психологии / С. Л. Рубинштейн. – Санкт-Петербург: Питер, 2002. – 720 с.

12.Селиверстова, Е. Н. Развивающая функция обучения: опыт дидактической концептуализации / Е. Н. Селиверстова. – Владимир: ВГПУ, 2006. – 218 с.

13.Сикорская, Г. А. Формирование интеллектуальных умений старшеклассников в довузовском образовании: на основе университетской школы: автореф. дис. канд. пед. наук: 13.00.01 / Сикорская Галина Анатольевна. – Оренбург, 2004. – 22 с.

14.Соломонова, Т. П. Формирование аналитических умений старшеклассников в гуманитарном образовании: автореф. дис. канд. пед. наук: 13.00.01 / Соломонова Татьяна Петровна – Оренбург, 2010. – 22 с.

15.Таренко, Л.Б. Педагогические условия формирования аналитических умений у студентов – будущих специалистов в области информационных технологий: дис. канд. пед. наук: 13.00.08 / Таренко Людмила Борисовна. – Ульяновск, 2010. – 218 с.

16.Усова, А.В. Формирование у учащихся учебных умений / А.В. Усова, А.А. Бобров. – Москва: Знание, 1987. – 78 с.

17.Чиркова, В.М. Формирование аналитических умений у студентов-медиков в процессе изучения русского языка как иностранного: автореф. дис. канд. пед. наук: 13.00.01 / Чиркова Вера Михайловна. – Курск, 2010. – 23 с.

18.Шапалов, В.Н. Формирование обществоведческого мышления учащихся старших классов: автореф. дис.канд. пед. наук: 13.00.01 / Шапалов Владимир Николаевич. – Тюмень, 2003. – 24 с.


## ШАРОИТИ ПСИХОЛОГИЮ ДИДАКТИКИИ ТАШАККУЛИ ТАФАККУРИ ТАҲЛИЛИИ ХОНАНДАГОН


Дар мақола шароитҳои психологию дидактикии ташаккули тафаккури таҳлилии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар ин росто, муаллиф қайд мекунад, ки дар замони шуравӣ оид ба фаъолияти омӯзишии рушди тафаккури хонандагон бисёр асарҳо таълиф гардида, маводи назариявие, ки аз ҷониби олимони асри XX ба мо ҳамчун мерос мондаанд, бештар бахши рушди педагогикаи ватаниро муайян намуда, барои дарки аҳамияти рушди тафаккур, дарки моҳияти он ва нақши он дар равандҳои таҳсилот такон мебахшад. Вобаста ба ин муаллифи мақола таъкид мекунад, ки тафаккури таҳлилии хонандагон дар таҳқиқоти илмии самти педагогӣ гуногунранг тавсиф шуда, бо таърифҳои сершумор айният дода

мешавад, аз малакаҳои умумиинсонии мансуб ба фаъолияти зеҳнии ҳар як субъект то амалҳои таълимии вобаста бо равандҳои мушаххас муайян карда мешаванд.

Муаллиф таҳқиқоти муаллифони саршиносро дар якҷоягӣ бо таҷрибаи шахсии худ баррасӣ карда, унсурҳои таркибии тафаккури таҳлилиро, ба монанди ангезавӣ, маърифатӣ ва асолатию фаъолиятӣ муайян карда, онҳоро тавсиф кардааст.

***Калидвожаҳо:*** *шароити психологию дидактикӣ, ташаккул, тафаккури таҳлилӣ, рушди тафаккур, педагогика, омӯзиш, дарки моҳият, равандҳои таҳсилот, таҳқиқоти илмӣ, фаъолияти зеҳнӣ, малакаҳои умумиинсонӣ, унсурҳои таркибӣ, ангезавӣ, маърифатӣ.*

**ПСИХОЛОГО-ДИДАКТИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ФОРМИРОВАНИЯ АНАЛИТИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ УЧАЩИХСЯ**

В статье рассматриваются психолого-дидактические условия формирования аналитического мышления учащихся средних общеобразовательных учреждений.

В связи с чем, автор отмечает, что в советское время было написано много работ по учебной деятельности по развитию мышления учащихся, а теоретический материал, унаследованный нами от ученых XX века, во многом определяет сферу развития отечественной педагогики, дает толчок к осознанию важности развития мышления, пониманию его сущности и роли в процессах образования. В связи с этим, автор статьи подчеркивает, что аналитическое мышление учащихся в научных исследованиях педагогического направления характеризуется многообразием и отождествляется с многочисленными определениями, начиная от универсальных навыков, относящихся к интеллектуальной деятельности каждого субъекта, и заканчивая учебными действиями, связанными с конкретными процессами.

Автор статьи, рассмотрев исследования ведущих авторов в сочетании со своим личным опытом, определяет и охарактеризует составляющие элементы аналитического мышления, такие как мотивациионный, познавательный и деятельностный.

***Ключевые слова:*** *психолого-дидактические условия, формирование, аналитическое мышление, развитие мышления, педагогика, обучение, восприятие сущности, образовательные процессы, научные исследования, интеллектуальная деятельность, универсальные навыки, структурные, мотивационные и когнитивные элементы.*

**PSYCHOLOGICAL AND DIDACTIC CONDITIONS OF FORMATION ANALYTICAL THINKING OF STUDENTS**

The article examines the psychological and didactic conditions for the formation of analytical thinking of students of secondary educational institutions.

In this regard, the author notes that in Soviet times many works were written on educational activities for the development of students' thinking, and the theoretical material inherited from us by scientists of the twentieth century largely determines the sphere of development of domestic pedagogy, gives an impetus to awareness of the importance of developing thinking, understanding its essence and role in educational processes. In this regard, the author of the article emphasizes that the analytical thinking of students in scientific research of the pedagogical direction is characterized by diversity and is identified with numerous definitions, ranging from universal skills related to the intellectual activity of each subject, and ending with educational activities related to specific processes.

The author reviewed the research of the leading authors in combination with their personal experience, identified and characterized the constituent elements of analytical thinking, such as motivation, cognition and originality.

***Key words:*** *psychological and didactic conditions, formation, analytical thinking, development of thinking, pedagogy, learning, perception of essence, educational processes, scientific research, intellectual activity, universal skills, structural, motivational, cognitive elements.*

***Маълумот дар бораи муаллифон:*** *Қурбонов Файзалӣ Асадуллоевич - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, устоди кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиш, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. Сурога: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, хиёбони Айнӣ, 67. Телефон: (+992) 93 - 512 - 00 – 60.*

*Қаландаров Салоҳидин Аҳмадович - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, устоди кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқ. Сурога: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, хиёбони Айни, 67. Телефон: (+992) 900 - 13 - 08 – 06.*

***Сведение об авторах:*** *Курбанов Файзали Асадуллоевич - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, преподаватель кафедры педагогики факультета педагогики и физической культуры, кандидат педагогических наук, дотсент. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, проспект Айни, 67. Телефон: (+992) 93-512-00-60.*

*Қаландаров Салохидин Аҳмадович - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, преподаватель кафедры методики преподавания истории и права факультета истории и права. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, проспект Айни, 67. Телефон: (+992) 900 - 13 - 08 – 06.*

***Information about the authors:*** *Kurbanov Faizali Asadulloevich - Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav, Head of the Department of Pedagogy, Faculty of Pedagogy and Sports, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Ayni avenue, 67. Phone: (+992) 93 - 512 - 00 - 60.*

*Qalandarov Salohidin Akhmadovich - Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav, Head of the Department of Teaching Methods of History and Law, Faculty of History and Law. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Ayni avenue, 67. Phone: (+992) 900 - 13 - 08 - 06.*

# ТАЪСИРИ АРЗИШҲОИ МУҲИМИ ВАРЗИШӢ БА ҲАЁТИ НАВРАСОНИ ДУШВОРТАРБИЯ

***Сайдалиев У.***

**унвонҷӯйи Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

Назарияҳои сершумори тарбия бо он муайян мегарданд, ки онҳо ба кадом модели олии тарбиягиранда нигаронида шудаанд. Зимнан, ин модели олӣ бисёр вақт бо талаботи иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа низ муайян мегардад.

Шароити муосир шахсияти мутаносиб ва ҳаматарафа инкишофёфтаро талаб мекунанд, яъне аз ҷиҳати иҷтимоӣ фаъол, эҷодкор, ки сарвати маънавӣ, покизагии ахлоқӣ ва камолоти ҷисмониро дар бар мегирад. Шаклҳои ахлоқӣ, эстетикӣ, коммуникативӣ, экологӣ, ҷисмонӣ, психикӣ ва дигар шаклҳои фарҳанги ӯ ташаккул ёфтаанд. Ин шахсият дар соҳаҳои тағйирдиҳӣ, маърифатӣ, бадеӣ ва дигар соҳаҳои фаъолият иштирок мекунад. Зимнан, дар ҳар кадоме аз ин соҳаҳо ӯ машғулиятҳои мушаххасеро интихоб менамояд, ки ба қобилиятҳои инфиродӣ ва талаботи ҳамин шахс бештар мутобиқ буда, инкишофи то қадри имкон пурраи шахсияти ӯро таъмин мекунанд.

Бо мақсади тарбияи насли наврас ва тамоюл ба модели шахсияти дар боло тавсифшуда муносибатҳои зерин истифода бурда мешаванд:

1. Муносибати ба шахсият равонашуда. Дар шароитҳои чунин муносибат ба тарбия модели то андозае ниҳоӣ – модели олии шахсият ва ҳамаи таркибҳои боқимондаи системаи тарбиявӣ ҳамчун принсипи умумӣ қабул карда мешавад, шароитҳои фаъолияти ӯ бо назардошти натиҷаи мушаххаси додашуда лоиҳасозӣ ва татбиқ мегарданд. Шахсияти тарбиягиранда нақши бартаридошта ва системасозро иҷро мекунад. Ба омӯзгорон зарур аст, ки ҳамаи шароитҳоро барои худинкишофёбии шахсиятии кӯдак, пеш аз ҳама, барои инкишофи маънавӣ-ахлоқии ӯ фароҳам оранд.

2. Муносибати фаъолиятӣ. Инсон дар фаъолият инкишоф ва такмил меёбад. Аз ин рӯ, ба омӯзгорон зарур аст, ки тарбиягирандаро фаъолона ба коре ҷалб намоянд, ки барои ӯ шавқовар асту аз уҳдаи иҷрои он баромада метавонад. Бо ин мақсад ҳамаи шароитро барои татбиқи ҷиҳатҳои маромнокӣ-талаботӣ, чораёнӣ ва мазмунии фаъолият, вале бо назардошти шахсияти мушаххас интихобшуда фароҳам овардан лозим аст.

3. Муносибати фарҳангшиносӣ. Ин муносибат ҳамчун принсипи мувофиқати фарҳангии тарбиягирандае, ки нақши системасозро иҷро мекунад, татбиқ карда мешавад. Моҳияти принсипи мувофиқати фарҳангии тарбия аз он иборат аст, ки ҳар қадар тарбия ба заминаи фарҳанг бештар ҳамгиро карда шавад, ҳамон қадар самараноктар мегардад ва тарбиягиранда намунаҳои беҳтарини фарҳанги миллат, кишвар ва тамаддуни ҷаҳониро фаъолона аз худ карда, эҷодкорона инкишоф медиҳад. Яъне тарбия дар асоси принсипи мувофиқати фарҳангӣ – ташкили тарбия ҳамчун ҷараёни аз тарафи шахсият аз худ кардан ва инкишоф додани дастовардҳои фарҳанг.

4. Муносибати арзишӣ. Татбиқи ин муносибат дар тарбия ба таҳқиқи масъалаи инкишоф ва худинкишофёбии арзишҳои аслии миллӣ ва умумиинсонӣ дар соҳаи фарҳанги маънавӣ ва моддӣ дар насли наврас зич вобаста аст. Тарбияи насли наврас ба шахсияти худинкишофёбанда ҳамаи маҷмуи арзишҳоеро, ки инсон дар асри XXI ба онҳо сазовор шуда метавонист, бояд нишон диҳад. Тамоилҳои арзишии шахсият дар тарбия аҳамияти хос касб мекунанд, чунки онҳо, аз як тараф, нақши омилҳои дохилӣ, аз тарафи дигар, нақши меъёрҳоеро, ки дар такя ба онҳо шахсият рафтор ва фаъолияти худро ба роҳ мемонад, иҷро мекунанд.

5. Муносибати гуманистӣ. Ин муносибат тамоил ба худи шахс, эҳтироми қадру қимати инсонии ӯ, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои инкишофи озодонаи ӯро пешбинӣ менамояд. Муносибати гуманистӣ дар тарбия, аз як тараф, ба ҷаҳонбинии инсонгароӣ такя мекунад, аз тарафи дигар, ба он равона шудааст, ки дар тарбиягиранда ҷаҳонбинии

гуманистӣ мақсаднок ташаккул дода шавад: муносибатҳои одилона ва софдилона бо атрофиён, эҳтироми онҳо, муносибати гуманистӣ ба табиат [1; 60].

Мақсади асосии тарбия, аз ҷумла тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар вазъияти муосири иҷтимоӣ-фарҳангӣ фароҳам овардани шароит барои ошкор намудани имкониятҳои кӯдак ҳамчун шахсият аст. Тарбияи ҷисмонӣ иқтидори азими тарбиявӣ дорад. Имрӯз ягон соҳаи фаъолияти инсониро ёфтан номумкин аст, ки ба тарбияи ҷисмонӣ алоқамандӣ надошта бошад. Зеро тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш арзишҳои ба таври умумӣ эътирофшудаи ҳар як шахс ва ҷомеа дар маҷмӯъ мебошанд.

Варзиш, тарбияи ҷисмонӣ ва ё худ тарбияи бадан ҷараёни иҷтимоӣ, физиологӣ, педагогӣ ва психологиест, ки ба солимии шахс ва инкишофи ҷисму равони ӯ нигаронида шудааст (шиноварӣ, футбол, баскетбол, волейбол, йога, аэробика, шоҳмот, теннис ва ғайраҳо) .

Вобаста ба таърихи пайдоиши варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ дар радифи дигар халқу миллатҳо, муҳаққиқон ва таърихшиносони тоҷик низ маълумотро пешниҳод карда, дар онҳо ба он ишора мекунанд, ки тоҷикон дар Осиёи Марказӣ байни ҳазораи то мелоди асрҳо 7-9 дар водии Зарафшон, шаҳрҳои Бухорою Самарқанд, Суғду Истаравшан ва дар манотиқи Мовароуннаҳр умр ба сар бурдаанд. Аз рӯйи бозёфтҳои таърихӣ бармеояд, ки онҳо ба бозиҳои аспсаворӣ, шамшербозӣ, найзазанӣ, гӯштингирӣ, чавгонбозӣ, шикор, завракронӣ таҷрибаи беҳамто доштанд. [9;6].

Аҳамияти варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ дар тасаввуротҳои назариявии бештар паҳншудаи муосир дар бораи шаклҳо ва функсияҳои тарбияи ҷисмонӣ, дар бораи принсипҳо, мақсаду вазифаҳои фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ дар асарҳои Асоев М.Ҳ., Намозов Т., Саидова М.Х., Сафаров Ш.А., Турсунов Н.Н. ва дигарон инъикос ёфтааст.

Тарбияи ҷисмонӣ функсияҳои ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодиро иҷро мекунад, ки гуногунӣ ва миқдори зиёди онҳо ба сифати воситаи ноил шудан ба ҳадафҳои муҳимму муайяни иҷтимоӣ истифода бурдани тарбияи ҷисмониро имконпазир мегардонанд. Тарбияи ҷисмонӣ қисми муҳимми фарҳанги ҷомеаро ташкил медиҳад – ҳамаи маҷмуи дастовардҳои он барои таҳия ва истифодаи оқилонаи воситаю усул ва шартҳои махсус ба такмили ҷисмонӣ равона шудааст. Варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун яке аз ҷанбаҳои муҳиму пурмазмуни фарҳанг дар қатори фарҳанги зеҳнӣ, ахлоқӣ ва зебоипарастӣ баррасӣ гардида, дар баробари нақши худ дар такмили ҷисмонии инсон, тарбияи ҷисмонӣ ба ҷаҳони маънавии инсон ҳам таъсири зиёд расонда метавонад.

Инкишофи яклухти шахсият имконпазир аст, вақте ки тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун қисми таркибии фарҳанги гуманитарӣ се гурӯҳи вазифаҳои ба ҳам алоқамандро иҷро мекунад:

-вазифаҳои табиӣ-фарҳангӣ, ки ба анҷоми ҳамоҳангсозии инкишофи биологии ҳамаи системаҳои организм ва устуворгардонии қувваҳои ҳаётии он равона шудаанд;

- вазифаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки вазифаҳои маърифатӣ, ахлоқӣ-маънавӣ, арзишӣ-маъноиро дар бар гирифта, ба шахсият дар шакли ифодашуда пешниҳод мегарданд ва дар амалияи иҷтимоӣ дар намуди меъёрҳо ва арзишҳои фарҳангӣ вуҷуд доранд;

- вазифаҳои иҷтимоӣ-психологӣ, ки инкишофи умумифарҳангии шахсият, худмуайянкунии ӯ дар фаъолияти муҳимми ҳаётӣ ва дар дурнамо, худфаъолгардонӣ, худсобиткунӣ, азхудкунии ҳисси ҳувийят ва шахсият, нишон додани қобилиятҳои коммуникативӣ дар муҳити наздикро таъмин мекунанд [95].

Дар назарияи муосири тарбияи ҷисмонӣ масъалаи тарбия ба воситаи аз худ кардани иқтидори тарбияи ҷисмонӣ баррасӣ карда мешавад. Тарбияи ҷисмонӣ имкон медиҳад, ки дар инсон муносибати бошуурона ба амалҳои худ ташаккул дода шавад, амалҳои худсарона маҳдуд карда шаванд ва дар инсон шавқу рағбат ба такмилёбӣ инкишоф дода шавад.

Фаъолияти яклухти инсон аз талаботу маром ва ҳадафу шартҳои ноилшавӣ ба мақсад ва фаъолияти ба онҳо мутаносиб иборат аст. Аз ин рӯ, фаъолияти мушаххаси инсонро вақте таҳлил кардан мумкин аст, ки талабот ва мароми ин фаъолият муайян карда мешаванд. Вазифаи асосӣ аз муайян намудани талаботҳо ва маромҳои машғул шудан ба машқҳои ҷисмонӣ ва варзиш мувофиқи маълумотҳои инфиродии психикӣ ва ҷисмонии инсон ва қаноатмандии онҳо аз фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш иборат аст.

Фаъолият ва шуур дар инкишофи психикии инсон таркибҳои муайянкунанда мебошанд. Рафтори инсон вобастагии иҷтимоӣ дошта, муҳити иҷтимоӣ сарчашмаи ташаккули ӯст, бинобар ин, шахсият субъекти амали иҷтимоӣ мебошад. Хусусият ва

рафтори инсон, сохтори шахсияти ӯ дар маҷмуъ бо ҳамон шароитҳои иҷтимоӣ муайян мегарданд, ки ӯ дар ҳамин шароитҳо зиндагӣ мекунад.

Яке аз механизмҳои муҳимми ташаккул, тарбия ва азнавтарбиядиҳии шахсият таъсиррасонӣ ба шахсият тавассути бозсозии муҳити наздики иҷтимоии ӯ, соҳа ва шароитҳои фаъолият бо бозсозии минбаъдаи маромнокӣ (маҳз тавассути фаъолият) ба шумор меравад. Ин имконпазир аст, агар воситаҳое истифода бурда шаванд, ки онҳо ба тағироти назаррас ё дар ҳолати воқеӣ, муҳити иҷтимоӣ ё иҷтимоӣ-психологии шахсият (ки тағиротҳои воқеӣ дар худи шахсият тавассути ин тағирот имконпазиранд) ё дар ҷаҳони инфиродӣ-психологии шахсият бевосита бо татбиқи минбаъдаи ин тағиротҳо дар рафтори муҳимми иҷтимоӣ оварда мерасонанд [1;36].

Яке аз чунин воситаҳо тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бо ҳамаи падидаҳои гуногун ва иқтидори худ барои ташаккул ва инкишофи шахсият шуда метавонанд.

Тарбияи ҷисмонӣ таърихан дар зери таъсири талаботҳои амалии ҷомеа ва талабот ба омодагии мукаммали ҷисмонии насли наврас ва аҳолии калонсол ба меҳнат ташаккул ёфтааст. Ҳамзамон, дар баробари ташаккули системаи таълиму тарбия, тарбияи ҷисмонӣ ба омили асосии ташаккули маҳорату малакаҳои баҳаракатоваранда табдил меёфт. Бо вуҷуди ин, хусусияти амалии тарбияи ҷисмонӣ, ки имкониятҳои воқеиро инъикос мекунад, бояд ба ташаккули соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон мусоидат намояд. Марҳилаи сифатан нави дарки моҳияти тарбияи ҷисмонӣ ба таъсири он ба ҷаҳони маънавии инсон ҳамчун воситаи амалии тарбияи зеҳнӣ, ахлоқӣ ва эстетикӣ алоқаманд аст. Бинобар ин, талаботҳои ҷамъиятӣ ба истифодаи ҳамафарогири воситаҳои тарбияи ҷисмонӣ барои ташаккули услуби нави ҳаёт, ҳуввияти нави насли ҷавон нисбат ба арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун муҳимтарин омилҳои таъмини қобилияти ҳаётӣ ва фаъолнокии созандаи кӯдакону наврасон ошкор шуданд.

Дар арзишҳо аҳамияти предметҳо ва падидаҳои муҳити иҷтимоӣ барои инсон ва ҷомеа таҷассум ёфтаанд. Арзишҳо унсури иҷтимоии азхудкардаи сохтори шахсият буда, ҳамчун тасаввуроти сабтшуда ва устувор дар бораи орзуҳо зоҳир мешаванд. Онҳо новобаста ба шахсияти мушаххас ҳамчун унсури фарҳанг вуҷуд доранд ва ба унсурҳои фарҳанги маънавии шахсият, танзимкунандагони муҳимми рафтор ба ҳамон андозае, ки арзишҳои ҳамин фарҳанг аз худ карда мешаванд, табдил меёбанд.

Дар бораи иқтидори арзишии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши ҷомеаи муосир мулоҳиза ронда, В.К. Балсевич ва Л.И. Лубишев ду сатҳи арзишҳоро ҷудо мекунанд: ҷамъиятӣ ва шахсиятӣ.

Ба *арзишҳои ҷамъиятии* тарбияи ҷисмонӣ мо донишҳои махсуси андӯхтаи инсоният, техникаи варзишӣ, технологияҳои омодагии варзишӣ, методикаҳои беҳдоштӣ, намунаҳои беҳтарини фаъолияти таҳрикӣ ва дастовардҳои варзиширо нисбат медиҳем. Ин арзишҳоро одамон барои такмили ҷисмонӣ, беҳдошт ва ташкили тарзи солими ҳаёт офаридаанд.

*Сатҳи шахсиятии* азхудкунии арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ бо донишҳои инсон дар соҳаи такмили ҷисмонӣ, маҳорату малакаҳои баҳаракатоваранда, қобилияти худташкилкунии тарзи солими ҳаёт, ҳадафҳои иҷтимоӣ-психологӣ, тамоюл ба машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва фаъолияти варзишӣ муайян мегардад.

Иқтидори арзишии тарбияи ҷисмониро шартан ба арзишҳои зеҳнӣ, баҳаракатоваранда, технологӣ ва сафарбаркунанда тақсим кардан мумкин аст.

Арзишҳои муҳимми тарбияи ҷисмонӣ барои ҷомеа арзишҳои дорои хусусияти баҳаракатоваранда мебошанд, ки ташаккули афкори ҷамъиятӣ, эътибornokии тарбияи ҷисмонӣ дар ҳамин ҷомеа, маъруфияти он дар байни категорияҳои гуногуни одамон, инчунин хоҳишу омодагии онҳо ба инкишофи доимӣ ва такмили иқтидори тарбияи ҷисмонии худро инъикос мекунанд. Ба ин гурӯҳи арзишҳо ҳадафҳои иҷтимоӣ-психологии одамонро дохил кардан мумкин аст, ки онҳо бо хусусият, сохтор ва самти талаботҳо, маромҳо ва тамоюлҳои арзишии машғул шудан ба машқҳои ҷисмонӣ ва варзиш муайян мегарданд.

Мазмуни *арзишҳои зеҳнӣ* дониш дар бораи усул ва воситаҳои инкишофи иқтидори ҷисмонии инсонро ҳамчун асосҳои ташкили фаъолнокии ҷисмонӣ, обутобдиҳӣ ва тарзи солим ҳаёти ӯ дар бар мегирад.

Ба *арзишҳои дорои хусусияти баҳаракатоваранда* намунаҳои беҳтарини фаъолияти таҳрикиро нисбат медиҳанд, ки ба ин намунаҳо дар ҷараёни тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии

варзишӣ, дастовардҳои шахсӣ дар омодагии баҳаракатоварандаи инсон ва иқтидори воқеии ҷисмонии ӯ ноил шудан мумкин аст.

*Арзишҳои сафарбаркунии* тарбияи ҷисмониро аз худ кардани кӯдакону наврасон барои омодасозии насли ҷавони қобилияти ҳаётидошта ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ фаъол аҳамияти хос дорад. Ба қатори ин арзишҳо қобилияти бо машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ тарбияшавандаи ташкили оқилонаи буҷети вақти худ, интизоми дохилӣ, босаранҷомӣ, зудбаҳодиҳӣ ба вазъият ва қабули фаврии қарор, исрор варзидан барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда, маҳорати оромона паси сар кардани нокомӣ ва ҳатто мағлубият, маҳорати муқовимат ба таъсирҳои муҳити берунӣ ҳамчун натиҷаи арзишҳои беҳдоштии тарбияи ҷисмонӣ дохил мешаванд.

Ба *арзишҳои беҳдоштии* тарбияи ҷисмонӣ донишҳои бо назария ва методика андӯхташуда дар бораи истифодаи машқҳои ҷисмонӣ барои инкишофи самараноки инсон, ташаккули қаду басти ӯ, обутобдиҳӣ, сатҳи баланди коршоямӣ ва устувории психологӣ-ҳиссиётиро дохил кардан лозим аст [2;].

Қайд кардан лозим аст, ки тарбияи ҷисмонӣ на танҳо бо қобилиятҳои ҷисмонии инсон, балки бо ҳиссиёт, шуур, психика ва зеҳни ӯ низ ҳамкорӣ мекунад, ки ин ташаккули падидаҳои устувори иҷтимоӣ-психологиро таъмин менамояд: маромнокии мусбат, тамоилҳои арзишӣ, ҳавасҳо ва талабот ба фаъолнияти ҷисмонӣ ва тарзи солими ҳаёт.

Мазмуни арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш аз бисёр ҷиҳат ба ҳам мутобиқ аст. Бо вуҷуди ин, номутобиқии функсионалии онҳоро ба назар гирифтан лозим аст. Тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун яке аз аввалин ва муҳимтарин усулҳои иҷтимоикунонӣ ва варзиш ҳамчун восита ва шакли ошкор намудани эътирофи иҷтимоии қобилиятҳои олии инсон ба вуҷуд омада, инкишоф меёбад.

Арзишҳои хоси варзиш сатҳи баланди ҳамгироӣ ва тағирпазирӣ доранд. Ин дар навбати аввал ба арзиши тарбиявии варзиш дахл дорад. Варзишро бисёр вақт “мактаби хислат”, “мактаби ирода”, “мактаби бозии ҳалол” номида, арзишҳои ахлоқӣ, ҳиссиётӣ ва эстетикии варзишро тасдиқ мекунанд. Дар маҷрои ҳаракати васеи олимпӣ арзиши варзиш ҳамчун омили ҳамгироии иҷтимоӣ меафзояд, чунки он ба шарофати хосиятҳои коммуникативии худ ба ташкили муоширот мусоидат мекунад.

Дар бораи иқтидори арзишии варзиш сухан гуфта, аҳамияти таҷрибаи дар он андӯхтаи дарки қобилиятҳои захиравии инсонро қайд накардан нашояд. Функсияи дарки имкониятҳои инсонро иҷро карда, варзиш яке аз арзишҳои аз ҳама муҳим ва ивазнашавандаи иҷтимоиро дар бар мегирад.

Мазмуни иқтидори арзишии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бо тавсифҳои дар боло қайдшуда ба охир намерасад. Дар ҷараёни рушди ҷомеа тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, дар баробари дигар падидаҳои иҷтимоӣ, ҳамеша сарҳадҳои таъсири худро ба ҳаёти одамон васеъ мегардонанд.

Ҳамин тавр, иқтидори тарбияи ҷисмонӣ бо маҷмуи сифатҳо, қобилиятҳо ва хосиятҳои зеҳнӣ, ахлоқӣ, психологӣ ва ҷисмонии инсон, ки ӯ онҳоро ба воситаи азхудкунии мунтазаму бисёрсолаи арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ дар ҷараёни тарбияи ҷисмонӣ ва худтарбиякунӣ ҳосил кардааст, муайян мегардад.

Омили асосии фаъолнокии тарбияи ҷисмонии кӯдакону наврасон талаботи даркшуда ба азхудкунии арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ бо ҳамаи гуногунии онҳо ба шумор меравад.

Талаботи инсон ба азхудкунии арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ бо ҳисси роҳат аз фаъолнокии ҷисмонӣ, муваффақиятҳо дар инкишофи имкониятҳои ҷисмонии ӯ, баландшавии фаъолнокии ҳаётӣ, коршоямӣ, афзоиши обрӯ ва эҳтиром аз тарафи атрофиён, ҳисси солимӣ ва маҳорати идора кардани ҳолати ҷисмонӣ ва ҳиссии худ, дастовардҳои ҳаётан муҳим дар намудҳои гуногуни фаъолият, шаклҳои гуногуни ҳавасмандгардонӣ ва аҳамияти сатҳи баланди тарбияи ҷисмонии шахсият ҳавасманд гардонда мешавад.

Бисёр мутахассисон (педагогҳо, психологҳо, физиологҳо ва мутахассисони дигар) бо ҷустуҷӯи воситаҳо ва усули самараноки таъсири педагогӣ барои бартараф кардани тамоилҳо дар ҳолати психофизикии наврасони рафтори девиантидошта андармонанд. Ба тасдиқи аксарияти онҳо, усули самараноки бартараф кардани душвортарбиягии талабаҳо ба фаъолияти муҳимми иҷтимоӣ ҷалб кардани онҳо бо тағири минбаъдаи хислатҳои манфии шахсият ба шумор меравад, яъне имконияти қонеъгардонии талаботҳои гуногуни кӯдакону наврасон ва ташкили системаи дастгириро, ки инкишофи шахсиятро таъмин мекунад, фароҳам овардан лозим аст. Пешгирии беназоратии педагогию иҷтимоӣ ва бевосита

ҷараёнҳои беҳдошти насли наврас бештар дар доираи таъсири воситаҳои тарбияи ҷисмонӣ қарор доранд.

Ба масъалаҳои тарбияи ҷисмонӣ ва алоқаи онҳо бо ҷараёни ташаккули шахсият Л.С. Виготский ва дигарон диққати зиёд дода, аз ҷумла қайд мекунад, ки тарбияи шахсият ва азхудкунии амалҳои баҳаракатоваранда ду паҳлуи як ҷараёнанд. Ба зарурати такмили ҷисмонии кӯдакону наврасон ишора карда, тасдиқ мекунад, ки маҳорати муносибат карда тавонистан бо онҳо, ҳавасманд гардондани онҳо, ба назар гирифтан ва сарфи назар накардани ҳавасҳои онҳо шарти зарур аст. Дар ҷараёни машғул шудан ба машқҳои ҷисмонӣ гуногунии онҳоро таъмин карда, дар баробари ин, онҳоро ҳамеша душвор гардонда, кӯдакону наврасонро дар шароите гузоштан лозим аст, ки онҳо дар ин шароит бартараф кардани душвориҳоро ёд гиранд, устуворӣ дар ҳаётро аз худ кунанд ва бо тарбияи ахлоқӣ фаро гирифта шаванд. Азбаски тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш такмили доимӣ, бартараф кардани душвориҳо, меҳнатдӯстӣ, истодагарӣ, шиддати то қадри имкон пурраи ҷисмонӣ ва психикӣ, ҷидду ҷаҳди боиродаро талаб мекунанд, аз ин бармеояд, ки онҳо ба тарбияи мақсаднокӣ, худдорӣ ва ирода мусоидат менамоянд [3;219].

Дар ҷараёни мунтазам машғул шудан ба машқҳои ҷисмонӣ имконияти гузариш аз сифатҳои манфии шахсияти наврас ба ташаккули коршоямии ҷисмонӣ, устувории ирода ва сифатҳои мусбат фароҳам оварда мешавад. Ин танҳо бо роҳбарии моҳиронаи омӯзгор, ки муносибат бо наврасонро ҳамчун бо шарикони баробарҳуқуқ ба роҳ мемонад, имконпазир аст.

Маълум аст, ки варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ дар тағйири марому талаботҳои наврасон нақши назаррас дорад. Маромҳои фаъолиятро, ки механизмҳои психологӣ мебошанд, ташкил ва тағйир дода, инкишоф, амал, кирдор ва рафтори наврасони алоҳида ва коллективҳои яклухтро дар ҷараёни тарбияи ҷисмонӣ мақсаднок идора кардан мумкин аст. Ҳангоми ташкили кори тарбияи ҷисмонӣ ба назар нагирифтани ҳаваси тарбияи ҷисмонии наврасон ба кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ оварда расонда метавонад.

Аз ин рӯ, дар ҷараёниислоҳи рафтори наврасони душвортарбия муҳим будани муайян намудани мароми машғул шудан ба машқҳои ҷисмонӣ меафзояд, чунки ин имкон медиҳад, ки наврас ба шаклҳои гуногуни фаъолнокии тарбияи ҷисмонӣ-варзишӣ шинос карда шуда, ба ташаккули тамоюлҳои арзишӣ ва талабот ба машғул шудан ба машқҳои ҷисмонӣ таъсири зиёд расонда шавад.

Ташаккули муносибати мусбат ба машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш шарт ва усули муҳимми тағири доираи маромнокӣ-талаботии шахсияти наврaси рафтори девиантидошта ба шумор меравад. Омили ҳалкунандаи бартараф кардани душвортарбиягии наврасон ҷалби онҳо ба машғулиятҳое мебошад, ки онҳо бо доштани самти мусбат бояд барои чунин наврасон ҷолибу шавқовар бошанд. Ҷалби чунин талабаҳо ба машғулиятҳои варзишӣ, ки онҳо нисбат ба дигар намудҳои фаъолият ба чунин машғулиятҳо шавқи зиёд нишон медиҳанд, ибтидои кори ислоҳӣ-пешгирикунанда бо онҳо дониста мешавад.

Роҳу усули машғулиятҳо бо наврасоне, ки ба шаклҳои гуногуни тамоил дар рафтор гирифторанд, хусусияти хоси худро дорад, ки он ба масъалаҳои ташаккули шахсият вобаста буда, пешбинӣ менамояд, ки принсипҳои дидактикӣ дар ҷараёни тарбияи ҷисмонӣ қатъӣ риоя карда шаванд, ҳолати ҷисмонӣ ва психикии талабаҳо ҳаматарафа омӯхта шавад, ин маълумот дар ташкил ва гузаронданн ҷараёни таълимӣ-тамринӣ истифода бурда шаванд.

Ҳамин тавр, тарбияи ҷисмонӣ қисми таркибии фарҳанги гуманитарӣ буда, дар фарҳанги муносибат ба саломатии худ, сатҳи омадагии ҷисмонӣ, қобилияти интиқоли арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ ва тарзи солими ҳаёти насли наврас зоҳир мешавад. Тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун қисми таркибии фарҳанги умумии шахсият бештар мавқеи иҷтимоӣ ва ахлоқии онро муайян менамояд.

Омили пешгирӣ ва бартараф кардани беназоратии педагогӣ ва иҷтимоии наврасони душвортарбия ба кори фоиданоки ҷамъиятӣ ҷалб кардани онҳо бо ташаккули минбаъдаи ҳавасу талаботи онҳо ба чунин машғулиятҳо, аз ҷумла ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба шумор меравад.

**АДАБИЁТ:**

1.Асмолов А.Г. Психология личности. Культурно-историческое понимание развития человека. — М.:Смысл, 2007. -617 стр.

2.В.К. Балсевич. Спортивный вектор физического воспитания в российской школе = Sports Vector of Physical education at Russian School : [монография] / В. К. Бальсевич. - Москва : Теория и практика физической культуры и спорта, 2006. - 111 с. : ил.; 20см.; ISBN 5-93512-043-7

3.Виготский Л.С. Педагогичяеская психология. М.,1991- 348 стр.

4.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бора тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш" аз 5 март соли 2007, № 243. Душанбе.

5.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017 №260 дар бораи тасдиқи "Барномаи маҷмӯии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021".

6.Любишева Л.И. Социология физической культуры и спорта. М. Академия 2010.

7.М. Я. Виленский, А. И. Зайцев, В. И. Ильинич и др. Физическая культура студента : Учебник /Под ред. В. И. Ильинича. — М.: Гардарики, 2000 - 385. - Рек. М-вом образования РФ для студентов вузов. — ISBN 5-8297-0010-7.

8.Намозов Т.Б., Абдуллоев А.И. Бозиҳои серҳаракат.Дастури методӣ-таълимӣ аз фанни тарбияи ҷисмонӣ.Д., 2024-99 саҳ.

9.Сафаров М.Қ., Сафаров Қ.Д.Масири ташаккули тарзи ҳаёти солим/ (Васоити таълимӣ-методӣ).-Д.:Нашриёти "Империал-Групп", 2020-287 саҳ.

10. Сафаров Ш.А.Рукнҳои ахлоқӣ в арзишҳои фарҳангии варзиш. Душане "Ирфон" – 2013.

11. Формирование физической культуры школьников на основе спортизации физического воспитаниее. Кострова, Наталия Николаевна. Автореферат.-Чебоксары , 2007.

## ТАЪСИРИ АРЗИШҲОИ МУҲИМИ ВАРЗИШӢ БА ҲАЁТИ НАВРАСОНИ ДУШВОРТАРБИЯ

Назарияҳои сершумори тарбия бо он муайян мегарданд, ки онҳо ба кадом модели олии тарбиягиранда нигаронида шудаанд. Зимнан ин модели олӣ бисёр вақт бо талаботҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа низ муайян мегардад.

Шароитҳои муосир шахсияти мутаносиб ва ҳаматарафа инкишофёфтаро талаб мекунанд, яъне аз ҷиҳати иҷтимоӣ фаъол, эҷодкор, ки сарвати маънавӣ, покизагии ахлоқӣ ва камолоти ҷисмониро дар бар мегирад. Шаклҳои ахлоқӣ, эстетикӣ, коммуникативӣ, экологӣ, ҷисмонӣ, психикӣ ва дигар шаклҳои фарҳанги ӯ ташаккул ёфтаанд. Ин шахсият дар соҳаҳои тағирдиҳӣ, маърифатӣ, бадеӣ ва дигар соҳаҳои фаъолият иштирок мекунад. Зимнан дар ҳар кадоме аз ин соҳаҳо ӯ машғулиятҳои мушаххасеро интихоб менамояд, ки ба қобилиятҳои инфиродӣ ва талаботҳои ҳамин шахс бештар мутобиқ буда, инкишофи то қадри имкон пурраи шахсияти ӯро таъмин мекунанд.

Ташаккули муносибати мусбат ба машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш шарт ва усули муҳими тағири доираи маромнокӣ-талаботии шахсияти навраси рафтори девиантидошта ба шумор меравад. Омили ҳалкунандаи бартараф кардани душвортарбиягии наврасон ҷалби онҳо ба машғулиятҳое мебошад, ки онҳо бо доштани самти мусбат бояд барои чунин наврасон ҷолибу шавқовар бошанд. Ҷалби чунин талабаҳо ба машғулиятҳои варзишӣ, ки онҳо нисбат ба дигар намудҳои фаъолият ба чунин машғулиятҳо шавқи зиёд нишон медиҳанд, ибтидои кори ислоҳӣ-пешгирикунанда бо онҳо дониста мешавад.

***Калидвожаҳо:*** тарбияи ҷисмонӣ, шахсияти наврас, таълиму тарбия, насли наврас, тарзи ҳаёти солим, варзиш.

## ВЛИЯНИЕ ВАЖНЫХ СПОРТИВНЫХ МЕРОПРИЯТИЙ НА ЖИЗНЬ ТРУДНОВОСПИТУЕМЫХ ПОДРОСТКОВ

Многочисленные теории образования определяются тем, на какой высшей модели образования они ориентируются. В то же время эта превосходящая модель часто определяется социально-экономическими потребностями общества.

Современные условия требуют гармоничной и всесторонне развитой личности, то есть социально активной, творческой, включающей в себя духовное богатство, нравственную чистоту и физическую зрелость. Сформировались нравственная, эстетическая, коммуникативная, экологическая, физическая, духовная и другие формы его культуры. Эта личность вовлечена в сферы изменения, познавательную, художественную и другие сферы деятельности. При этом в каждой из этих сфер он выбирает конкретные виды деятельности, наиболее соответствующие индивидуальным способностям и потребностям этого человека, обеспечивающие максимально полное развитие его личности.

Формирование положительного отношения к занятиям физической культурой и спортом является важным условием и методом изменения спектра личностных потребностей подростка с девиантным поведением. Решающим фактором преодоления трудностей воспитания подростков является привлечение их к деятельности, которая, имея положительную направленность, должна быть интересной и увлекательной для таких подростков. Началом коррекционно-профилактической работы с ними считается привлечение таких студентов к спортивной деятельности, при которой они проявляют больший интерес к такой деятельности, чем к другим видам деятельности.

***Ключевые слова:*** *физическое воспитание, личность подростка, воспитание и тренировка, молодое поколение, здоровый образ жизни, спорт.*

**THE IMPACT OF IMPORTANT SPORTS VALUES ON THE LIVES OF YOUNG PEOPLE WITH DIFFICULT EDUCATION**

Numerous theories of education are determined by which higher model of education they focus on. At the same time, this superior model is often determined by the socio-economic needs of society.

Modern conditions require a harmonious and comprehensively developed personality, that is, socially active, creative, including spiritual wealth, moral purity and physical maturity. Moral, aesthetic, communicative, environmental, physical, spiritual and other forms of its culture were formed. This personality is involved in areas of change, cognitive, artistic and other areas of activity. At the same time, in each of these areas, he selects specific types of activities that best suit the individual abilities and needs of this person, ensuring the fullest development of his personality.

Forming a positive attitude towards physical education and sports is an important condition and method for changing the range of personal needs of a teenager with deviant behavior. The decisive factor in overcoming the difficulties of raising teenagers is to involve them in activities that, having a positive orientation, should be interesting and exciting for such teenagers. The beginning of correctional and preventive work with them is considered to be the involvement of such students in sports activities, in which they show greater interest in such activities than in other types of activities.

***Key words:*** *physical education, adolescent personality, education and training, young generation, healthy lifestyle, sports.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Сайдалиев Умедҷон унвонҷуи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии ДДОТ ба номи С.Айнӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе. Тел: (+992) 93-420-10-70*

***Сведения об авторе:*** *Сайдалиев Умеджон Соискатель общеуниверститетской кафедры педагогики ТГПУ им.С.Айни, Республика Таджикистан, г. Душанбе. Тел: (+992) 93-420-10-70*

***Information about the author:*** *Saidaliev Umedjon an applicant for a university-wide Department of Pedagogy, TSPU named after S.Aini, the Republic of Tajikistan, Dushanbe. Tel: (+992) 93-420-10-70*

## ТАШАККУЛИ ТАРБИЯИ МАЪНАВИЮ АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ

***Султонов Р. Н.***

**унвонҷӯйи “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”**

Тарбияи маънавию ахлоқӣ таъсир ба дунёи маънавии шахс аст. Ин сифатҳо на танҳо дар инсон фаҳмиши зебоӣ, балки фаъолияти нексириштӣ, ростқавлӣ, ҳалолкориву ҳалолхӯрӣ, бо адлу инсоф, саховатмандӣ ва амсоли инҳоро ба вуҷуд меоранд. Ахлоқу маънавиёт унсурҳоеанд, ки қисматҳои дигари тарбияро бо ҳам мепайванданд ва асоси фаъолияти шахсро ташкил медиҳанд. Илму фарҳанг дунёи маънавии инсонро ташаккул медиҳанд. Забон, адабиёт, таърих манбаъҳои хаттӣ ва шифоҳӣ, осори арзишманди динӣ, ёдгориҳои таърих, асарҳои санъат, барномаҳои радио, телезизион, маводи компютер, шабакаи «Интернет», васоити ахбори омма дар тарбияи ахлоқӣ ва олами маънавии инсон нақши бориз дошта, дар тарбияи миллии инсон муҳимтарин васоил ба ҳисоб мераванд. Тарбияи ахлоқии инсон ба тарбияи маънавии ӯ наздик аст. Ҳар ду аз ҳамдигар ғизо мегиранд ва дар тарбияи шаҳрвандӣ вазифаҳои муштаракро анҷом медиҳанд.

Бояд таъкид намуд, ки тарбияи ахлоқӣ яке аз майлҳои муҳимми муносибати комплексии тарбияи мактабиён мебошад. Истилоҳи «ахлоқ» маънои ҷамъи хулқ, хӯ, рафтору кирдор ва сиратро ифода мекунад.

Тарбияи ахлоқ таърихан баробари тараққиёти ҷамъият тағйир меёбад ва бо ин васила тарбияи наси наврасро метавон ба сӯйи муваффақиятҳои ҷамъиятӣ ҳидоят намуд. Дар ҳар давру замон, махсусан дар шароити имрӯза ахлоқи ягонаи ҷамъият (халқ, омма) дар сатҳи хеле гарон ташаккул ёфта бошад ҳам, аммо дар кори таълиму тарбияи хонандагон ҳамчун рукни ибтидоии тарбия маҳсуб донистан аз имкон холи нест [5]. Аз ин лиҳоз, ахлоқ категорияи доимии тағйирёбанда буда, он бо мурури замон таҷдид ва бо эътибори афкори ҷомеа дастгирӣ меёбад. Дар ҳамин қатор талабот ба ахлоқ, меъёрҳо, феълу одат, ғояҳои муайян афзоиш ёфта, ба тарзи пешниҳод нисбати одам чӣ гуна бояд зиндагӣ кунад, дар ҷомеа чӣ тавр рафтор намояд низ қабул карда мешавад.

Мафҳуми маънавиёт бошад, моҳияти падидаҳои ахлокро инъикос мекунанд ва ба фаҳмида гирифтани чӣ нағзу чӣ бад, чӣ одилонаю чӣ ғайриодилона имконият медиҳад.

Ташаккули маънавиёти шахс нафақат ба донистани меъёр, қоида ва принсипҳои ахлоқ, инчунин ба ҳатман риоя кардани онҳо вобаста аст. Амалӣ гардидани ин вазифаҳо, пеш аз ҳама, бар дӯши муассисаҳои томактабӣ, мактаб ва омӯзгорон аст. Муассисаҳои томактабӣ ва мактаб метавонанд ба дастпарварони худ меъёри ахлоқ, қоида ва талабот ба рафтори шахсиятро дуруст баррасӣ намоянд. Меъёр ҳамчун ифодаи муносибатҳои муайян, амри ахлоқии ҷамъият ба рафтору хислатҳои шахсият дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ва шахсӣ, инчунин дар алоқа ва ҳамкорӣ бо одамон мебошад [1, с.28].

Тоҷикистони соҳибихтиёр мақсад гузоштааст, ки давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ бунёд намояд. Барпо намудани чунин давлат бо масъалаи пайдо намудани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ алоқаи зич дорад. Маҳз аз ҳамин сабаб муассисаҳои таълимии имрӯза вазифадоранд, ки тарбияи маънавии кӯдакону наврасонро ба таври бояду шояд ташкил намоянд, ба онҳо муяссар гардад, то ки насли наврас сифатҳои ахлоқи ҳамидаро доро бошад.

Имрӯз ҳам дар кори мактабу маориф ба ин масъала эътибори бузург дода мешавад. Мавқеи он дар байни соҳаҳои дигари тарбия торафт маҳкамтару устувортар мешавад, чунки тақозои давраи гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ чунин аст.

Беҳуда нест, ки бо қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.03.2006, №94 Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гаштааст. Консепсия бо назардошти анъанаву суннатҳои арзишманди миллати тоҷик ва халқияту миллатҳои дигари Тоҷикистон таҳия гардидааст. Он имконият медиҳад, ки тамоми аҳолии Тоҷикистон, новобаста аз маҳаллу миллат ва нажод, роҳҳои гуногуни тарбияро барои инсони комил будан интихоб ва амалӣ намоянд [3].

Дар радифи андешаҳои боло, бояд таъкид намуд, ки ҳар халқу миллат бо фарзандони шуҳратманди худ, ки хислатҳову сифатҳои беҳтарин доштанд, ифтихор мекунад. Аз қадимулайём бузургони халқи тоҷик, адибону олимон ба масъалаҳои ахлоқу одоб ва тарбияи онҳо дар одамон баҳои арзанда додаанд. Дар давоми зиёда аз ҳазор сол доир ба ин мавзуъ китобҳо, одобномаҳо, панду насиҳатҳо, ҳикояту ривоятҳо офаридаанд, ки имрӯз ҳам барои тарбияи маънавӣ қадру қиммати беандоза доранд.

Имрӯзҳо ҳамагон шоҳиди он ҳастем, ки хурду бузурги халқи сарбаланди кишвар баҳри ташаккули тарбияи хештаншиносӣ хизмат мекунанд, яъне эҳё намудани маданияти куҳан, одобу ахлоқи бобоён, барқарор намудани панду андарзҳои фаромӯшгардида, бозёфтҳои хатии таърихии ниёгон, панду андарзҳо ва ақидаю ҳикматҳои бузургонро ҷудо карда ҷиҳатҳои тарбиявии онро дар кори таълиму тарбиявии худ истифода мебаранд.

Ба ҳар як педагог, хусусан муаллимони синфҳои ибтидоӣ маҳорати ташкилотчигӣ лозим аст. Фаъолияти ӯ ниҳоят гуногунҷабҳа: дарс, бозӣ, меҳнат, ки ҳар кадоми онҳо хусусияти ба худ хос дорост. Муаллим бояд роҳҳои шавқманд кардан, фаъол гардонидан ва ҷалб кардани тарбиятгирандагони худро ба дарс, меҳнат, одобу ахлоқ ҷустуҷӯ кунад. Дар ҳамаи намудҳои кор дарс, корҳои тарбиявӣ, кор бо падару модарон аз педагогикаи халқӣ истифода барад. Педагогикаи халқӣ тарбияро воситаи тавонои инкишофи маънавии инсон меҳисобад. Панду андарзҳои ниёгон низ ҳамчун насиҳат вирди забони мардум гардидааст, ки муаллимон бояд дар раванди таълиму тарбия аз онҳо фаровон истифода баранд. Зарурати тарбияи инсони комил, ҳаматарафа инкишофёфта ва солиму бардам, адолатпешаю хайрхоҳ аввалан дар ашъори сардафтари адабиёти классикии тоҷик Абӯабдулло Рудакӣ бардошта мешавад. Минбаъд ғояҳои инсонгароёнаи устод Рӯдакӣ аз тарафи мутафаккирони бузурги тоҷик Форобию Фирдавсӣ, Берунию Ибни Сино, Носири Хисраву Кайковус, Умари Хайёму Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозию Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳофизи Шерозию Абдураҳмони Ҷомию Камолиддин Биноӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Мирзо Абдулқодири Бедилу Аҳмад Маҳмуди Дониш ва ғ. дастгирӣ карда шуда, рушду нумӯ дода мешаванд.

Омӯхтани осори бебаҳои Устоди бузурги сухан Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва пайравони ӯ ва дар асоси дастовардҳои умумибашарии он ба роҳ мондани таълиму тарбияи насли наврас бешак барои баланд бардоштани маданияти педагогии муаллимони тоҷик нақши бузург мебозад. Ин раванд имконият медиҳад, ки муаллимони оянда бо он осори панду ахлоқӣ мусаллаҳ гардида, тавассути таълим беҳтарин арзишҳои педагогии халқро то ба насли наврас расонанд ва бо ҳамин роҳ дар кори бо донишҳои педагогӣ мусаллаҳ намудани халқ саҳмгузор бошанд.

Таърих гувоҳ аст, ки инсон дар зиндагӣ бояд хушахлоқ, саховатманд, фурӯтан, хайрхоҳи халқ, инсонпарвар ва ҳалиму беозор бошад. Ин сифатҳо дар якҷоягӣ киштие мешаванд ва соҳиби он бо таманно ва шоду хандон аз дарё мегузарад дар ҷодаи адаб манзил гузидан, бо хулқи хуш ҷаҳон биоростан, дунёи ботиниро бо зевари ақлу адаб зинат додан,

ҷонфидои халқу миллат, Ватан ва суннатҳои ниёгон будан, забони модариро ҳамчун мардумаки дидагон эҳтиром ва азиз доштан, ифтихори беандозаи миллӣ доштан ва аз ҳамагуна ҳурофоти динию мазҳаби маҳалгароӣ ва сиёсӣ орӣ будан низ накӯкорӣ буда, бинои киштии накӯкориро мустаҳкам мегардонанд. Дар ин бобат панди Устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро рӯйи кор оварданро саривақтӣ медонем:

**Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,**
**Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ.**
**Ҳамчу дарёст в-аз накукорӣ**
**Киштие соз, то бад-он гузарӣ. [11: 7-10]**

Муаллим ва мактаб машъали фурӯзонест, дар назди гаҳвораи ташаккули шахсии инсон меистад. Дар мактаб асоси ахлоқи маънавӣ ва асоси тарбияи меҳнатӣ гузошта мешавад. Муаллим бо кор, рафтор ва ибрати шахсии худ дар байни ҷамъият обрӯю эътибори худро пайдо мекунад, зеро ки ба вай ҳазорон чашми шогирдон ва калонсолон нигарон аст, онҳо дар симои ӯ шахси ибратбахшро мебинанд, аз ӯ маслиҳатҳои ҳаётӣ мегиранд. Бинобар ҳамин муаллим бояд таҳкурсии зиёди илмию фарҳангӣ доштанаш зарур аст. ин сабаб мо муаллимон аз ашъори ниёгони худ агар баҳра барем, он гоҳ мо метавонем насли наврасро ба дараҷаи олӣ тарбия диҳем.

Тарбияи маънавию ахлоқии хонандагони хурдсол дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маҷмуи меъёр ва қоидаҳои оддии рафтори маданӣ дар хона, кӯча ва ҷойҳои ҷамъиятӣ мувофиқи талаботи муайяншудаи маданияти рафтор бо калонсолон ва ҳамсолон мебошад. Ташаккули тасаввуроти хонандагон дар бораи меъёрҳои ахлоқӣ, муносибат бо атрофиён: хайрхоҳӣ, ғамхорӣ, ростгӯйӣ, тарбияи ҳиссиёти инсондӯстӣ: меҳрубонӣ, ҳалим будан вазифаҳои асосии тарбияи маънавию ахлоқии онҳо маҳсуб меёбанд. Инчунин лаҳзаҳои муҳайё намудани шароит барои тарбияи маънавию ахлоқии хонандагон аз ташкили муносибати дӯстнона ва роҳҳои ташкили корҳои тарбиявӣ дар синфҳои ибтидоӣ, ки ба ташаккули муносибати ғамхорона ва таваҷҷуҳ ба атрофиён равона гардидаанд, иборат мебошад.

Тарбияи ахлоқию маънавӣ хонандагонро ба хушмуомилагӣ (омӯзонидани салом додан, хайрухуш кардан, миннатдорӣ барои кӯмак дар оғози таъсили хонандагони синфи якум) одат кунонидан аст.

Ба хонандагони хурдсол мушфиқиву дилсӯзӣ ва хайрхоҳ будан нисбат ба ҳамсолони худ ҳангоми пайдо шудани зиддиятҳо дар муҳити таълиму тарбияи мактабӣ омӯзонидан зарур аст.

Вазифаҳои тарбияи маънавӣ аз он иборат аст, ки муносибати неки одамро ба ҷамъият ташаккул диҳад, ба иллату камбудиҳои ахлоқӣ нафрат пайдо кунонад, интизоми шуурона тарбия намояд, барои инкишофи ҳаматарафаи шахсият мусоидат кунад. Ҳалли ин вазифа бахри ташаккули муносибатҳои хонандагон бо ҷамъият аҳамияти махсусан калон дорад. Вай ба афзудани эҳтироми хонандагон нисбати ҷамъият, ба мустаҳкамшавии истиқлолияти кишвар, ба соҳиби маданияти ахлоқӣ шудан, инкишофи шууронагӣ, ёфтани мавқеи худ дар ҷамъият, зиёда гардонидани эътиқодашон ба одамони хуб оварда мерасонад. Омӯзгорон дар дарсҳо ва берун аз онҳо ба хурдсолон маънои ваҳдат, дӯстӣ, ҳамкорӣ, ба ҳамдигар ёрирасонӣ ва хислатҳои ба халқу миллат даркориро мефаҳмонад. Ин дар маҷмуъ пешрафти иқтисодӣ, сиёсии ҷамъиятро таъмин менамояд. Хубу аъло хондан, ҷустуҷӯю меҳнат кардан, аз душвориҳо наҳаросида бартараф карда тавонистан ва ба норасоиву иллатҳо муросо накардан низ амалӣ гардидани вазифаҳои тарбияи ахлоқиро таъмин менамояд [6].

Тарбияи мактаббачагони хурдсол дар оила раванди мураккаби иҷтимоӣ- педагогӣ маҳсуб ёфта, ба муносибатҳои дохилиоилавӣ ва истифодаи дурусти тарзу усули тарбиявӣ вобастагӣ дорад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд» таъкид карда шудааст, ки падару модарон барои ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанд шароит муҳайё намоянд, фарзандро дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намоянд».

Имконияти оилаи муосир дар тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии мактаббачагони хурдсол пеш аз ҳама, аз тарафи падару модарон дарк намудани зарурияти ба таври мақсадноку муназам ба роҳ мондани кори тарбиявиро талаб мекунад. Дар оила муҳайё намудани шароите, ки ба инкишофи ҳаматарафаи шахсияти кӯдакон мусоидат намояд, хеле зарур аст. Вале имрӯз дар баъзе оилаҳо пастшавии симои ахлоқии падару модар мушоҳида карда мешавад, ки ин ногузир ба аз даст додани мавқеи ахлоқии кӯдакон боис мегардад. Бинобар ин, оила барои кӯдак ҳам коллективи меҳнатӣ ва ҳам такягоҳи ахлоқӣ ба ҳисоб

меравад. Ҷаҳонбинӣ ва эътиқод, одат, тарзи рафтор, хулқу атвор, ормон-асоси ҳамаи ин хусусиятҳои муҳими иҷтимоӣ-психологии шахсият дар оила гузошта мешавад. Дар оила кӯдакон ба муносибати калонсолон нисбат ба уҳдадориҳои доштаашон, ба меҳнати онҳо ва вазъиятҳои дар оила ба амал омада шинос мешаванд.

Ташаккули ахлоқ ё тарбияи ахлоқии хонандагон на танҳо ба донистани меъёр, қоида ва принсипҳои ахлоқ, инчунин ба ҳатман риоя кардани онҳо вобаста аст. Амалӣ гардидани ин вазифаҳо, пеш аз ҳама, бар дӯши мактабу муаллимон аст. Мактаб метавонад ба дастпарварони худ меъёри ахлоқ, қоида ва талабот ба рафтори шахсиятро дуруст баррасӣ намояд. Меъёр ҳамчун ифодаи муносибатҳои муайян, амри ахлоқии ҷамъият ба рафтору хислатҳои шахсият дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ва шахсӣ, инчунин дар алоқа ва ҳамкорӣ бо одамон мебошад. Мувофиқи қоидаи ахлоқ ҳар як шахс дар ҷомеа бояд софдилона муносибат кунад, одамони меҳнатиро эҳтиром намояд, ба моликияти хусусӣ ва умумихалқӣ ва табиат сарфакорона рафтор кунад, ба давлату халқи худ содиқ бошад, коллективи меҳнатиро дӯст дорад, бовиҷдон, ростқавл, хоксор бошад, шарафу шӯҳрати дигаронро дасгирӣ намояд, бо адлу инсоф бошад.

Сарчашмаҳои хаттӣ, асарҳои оламшумули намояндагони адабиётамон, панду насиҳатҳо ва урфу одатҳои миллӣ, ки авлоду аҷдодамон дар асоси онҳо тарбияи ахлоқӣ гирифтаанд, имрӯз ҳам қадру қиммати худро гум накардаанд. Барои ҳаёти оилавии ҳозира, тарбияи фарзандони онҳо аҳамияти калонро моликанд.

Васияту насиҳатҳо, ақидаву андешаҳои мутафаккирони гузашта дар бораи ахлоқ чунон тавоноӣ доранд, ки метавонем бо мадади онҳо дар дили хонандагони хурдсол ҳам тухми инсонпарварӣ кишта сабзонем, онҳоро ба роҳи ҳаёт барорем, то дар оянда ба халқ ва хешу табор, дӯстон дасти ёрӣ дароз намоянд, ҳурмату эҳтиромашонро ба ҷо оранд.

Ҳамин тавр, ба хурдсолон бояд аз рӯзҳои аввали ба таълим фаро гирифтанашон дар хусуси ахлоқи ҳамида маълумотҳои оддитаринро дод, то ки аз фазилатҳои ахлоқи одамӣ баҳраманд гарданд ва муносибаташон бо аҳли ҷамъият, меҳнат, одамон ва худашон бомаърифат ва шоистаи таҳсин бошанд. Маърифати шахс аз дониш ба миён меояд. Он ба тарбияи маънавию ахлоқӣ робитаи зич дорад. Фарқи асосӣ он аст, ки дар тарбияи маънавӣ ҷанбаи ахлоқӣ бештар ба назар мерасад. Аз як сарчашма ғизо гирифтан онҳоро бо ҳам муттаҳид месозад. Маърифат сифатҳои ахлоқӣ ва маънавии миллатро ташаккул медиҳад. Маънавиёт манбаи муҳими тарбияи миллист. Аз ҷиҳати таркиб ва маънавият мафҳуми «шахси бомаърифат» аз мафҳуми «шахси бофарҳанг» ғанию васеътар мебошад.

## АДАБИЁТ


1.Боронов Б. Фазилати инсон, Дастури методӣ, - Душанбе, Сифат, 2007.

2.Иматова Л. (дар ҳаммуаллифӣ) Барномаи таълимии кӯтоҳмуддати омодагии кӯдакони 5-7(6) сола ба мактаб – Душанбе, 2010.

3.Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қарори Хукумати Чумҳурии Тоҷикистон аз 3.03. 2006, №94”

4.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” ш. Душанбе, 2 августи соли 2011, №762

5.Лутфуллоев М. Осор. Ҷилди 5. Инсон ва тарбия. - Душанбе, 2013.

6.Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик. - Душанбе, 2015.

7.Осори Рӯдакӣ. Нашриёти Давлатии Тоҷикистон. – 1958, с. 175.

8.Орифӣ М. Аз таърихи афкори педагогии халқи тоҷик. – Душанбе, 1962, 143 саҳ.

9.Раҳимов Х., Нуров А.. Педагогика. - Душанбе,, 2007.

10.Турсунов А. Эҳёи Аҷам. Душанбе, 1984

11.Хоҷамуҳаммади Муҳаммадзод Панди пирони хирад. Душанбе: «Адиб», 2011, 7-10 саҳ.


## ТАШАККУЛИ ТАРБИЯИ МАЪНАВИЮ АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ


Дар мақола масоили тарбияи ахлоқии насли наврас бо истифода аз андешаҳои педагогии шоир ва мутафаккири форсу тоҷик мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар ин росто, муаллиф изҳор кардааст, ки накукорӣ, ростқавлӣ, нексириштиву нсонгароии насли наврас, принсипҳои маънавиву ахлоқӣ, имконияти зеҳнӣ бо равиши диалектикӣ ва ба фаъолияти воқеӣ чорӣ намудани таҷрибаи мактабҳои имрӯза дар соҳаи педагогика, ки дар ҷараёни таълиму тарбияи онҳо инъиков мегардад, алоқаманд аст ва натиҷаҳои мусбат ба бор хоҳад овард.

Ҳадафи асосии мақолаи мазкур ба ташаккули маънавиёти хонандагони хурдсол бо донистани меъёр, қоида ва принсипҳои ахлоқ, равона мебошад. Дар мақола аз осори мутафаккирони форсу тоҷик, ки ба тарбияи маънавию ахлоқии насли наврас бахшида шудааст, ба таври возеҳ баён шудааст.

Ҳамчунин мақола дар партави амалигардонии Қарори Хукумати Чумҳурии Тоҷикистон аз 3.03. 2006, №94 дар бораи “Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” омода гаштааст.

***Калидвожаҳо:*** *тарбияи ахлоқӣ, мактаб, тарбияи шаҳрвандӣ, ҷамъият, фарҳанг, хонанда, рафтор, хислатҳои шахсият, ҳаёти иҷтимоӣ, инсондӯстӣ, эътиқод, коллективизм.*

## ФОРМИРОВАНИЕ ДУХОВНО-НРАВСТВЕННОГО ВОСПИТАНИЯ УЧАЩИХСЯ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

В статье рассматриваются вопросы нравственного воспитания подрастающего поколения с использованием педагогических идей персидско-таджикского поэта и мыслителя. В связи с этим автор констатировал, что доброта, честность, человечность подрастающего поколения, духовно-нравственные принципы, интеллектуальные способности связаны с диалектическим подходом и практическим внедрением опыта современной школы в области педагогики, что отражается на процессе их образования и обучения и принесет положительные результаты.

Основная цель данной статьи – развитие духовности школьников через знание норм, правил и принципов нравственности. В статье наглядно описаны труды персидско-таджикских мыслителей, посвященные духовно-нравственному воспитанию подрастающего поколения. Также статья основана на реализации Постановления Правительства Республики Таджикистан от 03.03. 2006 г. подготовлен № 94 «Национальная концепция образования в Республике Таджикистан».

***Ключевые слова:*** *нравственное воспитание, школа, гражданское воспитание, общество, культура, учащийся, поведение, черты личности, социальная жизнь, нация, гуманизм, формирование, вера, коллективизм, знание.*

## FORMATION OF SPIRITUAL AND MORAL EDUCATION OF STUDENTS IN THE CONTEXT OF GLOBALIZATION

The article discusses the issues of moral education of the younger generation using the pedagogical ideas of the Persian-Tajik poet and thinker. In this regard, the author stated that the kindness, honesty, humanity of the younger generation, spiritual and moral principles, and intellectual abilities are associated with a dialectical approach and the practical implementation of the experience of a modern school in the field of pedagogy, which is reflected in the process of their education and training and will bring positive results.

The main goal of this article is the development of spirituality of schoolchildren through knowledge of norms, rules and principles of morality. The article clearly describes the works of Persian-Tajik thinkers dedicated to the spiritual and moral education of the younger generation. The article is also based on the implementation of the Decree of the Government of the Republic of Tajikistan dated 03.03. 2006 No. 94 “National Concept of Education in the Republic of Tajikistan” was prepared.

***Key words:*** *moral education, school, civic education, society, culture, student, behavior, personality traits, social life, nation, humanism, formation, faith, collectivism, knowledge.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Султонов Рустам Нозимович - унвонҷӯйи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”; суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1; Тел.:(+992) 928810708; Почтаи электронӣ: rsultonov68@mail.ru*

***Сведения об авторе:*** *Султонов Рустам Нозимович - соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова»; Адрес: 735700, Республика Таджикистан г. Худжанд, переулок Мавлонбекова 1; Тел.:(+992) 928810708; E-mail: rsultonov68@mail.ru.*

***Information about the author***: *Sultonov Rustam Nozimovich - applicant for the Department of Social and Professional Pedagogy of the State Educational Institution "Khujand State University named after Academician Bobojon Gafurov"; Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Lane 1; Tel.:(+992) 928810708; E-mail: rsultonov68@mail.ru .*

# СОВРЕМЕННЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ НАУЧНО – ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В СИСТЕМЕ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ

***Каюмов М. И.,***

**Институт физического воспитания Таджикистана имени С.Рахимова**

***Амонзода А. А.***

**Дангаринский государственный университет**

В статье рассматриваются современные направления научной деятельности в области физической культуры и спорта, имеющие много векторную направленность. Целью работы явилось изучение научно-деятельности публикаций в области физической культуры и спорта по приоритетным направлениям за последние годы. Выявленные тенденции основаны на междисциплинарном (метапредметном) подходе к анализу изучаемых проблем, базирующемся на естественно-научных, спортивно - педагогических, спортивно-психологических, социально-интеграционных аспектах. Выявленные исследовательские

направления не охватывают весь спектр существующих научных изысканий, но отражают главную существующую тенденцию.

Естественнонаучный подход к системе знаний о физической культуре и спорте - многогранный процесс, продолжающий развиваться путем современных достижений и открытий. Стоит отметить, что в основе наук о спорте и физической культуре лежит применение научных принципов к спорту и физическим упражнениям, достигнутое с помощью одной из следующих трех областей науки или междисциплинарным (метапредметным) подходом:

-спортивная биомеханика - исследование причин и последствий движения человека и взаимодействия тела с приборами или оборудованием посредством применения механических принципов;

-спортивная физиология - раздел биологических наук, который изучает реакцию организма на упражнения и тренировки;

-спортивная психология - раздел науки о спорте и физических упражнениях, который стремится дать ответы на вопросы о поведении человека в спорте и физических упражнениях.

Отдельное универсальное направление, названное междисциплинарным подходом, включает стремление внести свой вклад в совокупность знаний или решить реальную проблему с использованием двух или более дисциплин комплексным образом. Ученые, занимающиеся изучением спорта и физических упражнений, пытаются согласовать теоретические принципы с практическими занятиями, используя междисциплинарные связи наук о спорте и физических упражнениях (биомеханика, физиология, психология) интегрированных и скоординированных таким образом, чтобы решить тактические или стратегические проблемы для отдельных спортсменов или спортивных и тренировочных групп. Ученые, занимающиеся междисциплинарными науками о спорте и физических упражнениях, в своих исследованиях пытаются найти ответы на такие вопросы, как: трансформация тела во время физических нагрузок; причины травмирования во время физических нагрузок; воздействие экстремальных нагрузок на психофизиологическое состояние занимающихся; применение физической нагрузки в целях профилактики и лечения заболеваний; и одна из самых важных - проблема улучшения результативности спортсменов. Есть узкие направления изучения воздействия политической обстановки на развитие спорта высших достижений, поскольку вопрос о физической активности занимает важное место в политической повестке дня, а спорт высши достижений развивает науку больше, чем когда-либо прежде, масштабы и потребность в применении спорта и науки о физических упражнениях в различных контекстах растут.

Одним из современных направлений науки о массовой физической культуре и спорте является интеграция исследований в сферу здоровья, фитнеса и физической рекреации. Эта практика в первую очередь ориентирована на улучшение психофизиологического здоровья и расширение воздействий физических упражнений на лиц, не занимающихся спортом, для восстановления их сил после основного рода занятий, а также на повышение долголетия населения.

Обширный раздел спортивной педагогики является важным отраслью педагогической науки, направленной на спортивное образование, развивающее обучение (физическое, психологическое и социальное) детей, молодежи и общества, а также на научное взаимодействие ученых данной отрасли. Спортивная педагогика — это обучение на практике. Данное направление зарекомендовало себя не только как методика взаимодействующего обучения детей и молодежи, но и, как и научный подход к педагогическим знаниям и навыкам, которые необходимы учителям и тренерам для поддержки эффективного обучения в области физической культуры и спорта. Спортивная педагогика — это своего рода тоже междисциплинарная область знаний, где выявлена взаимосвязь спорта и образования и изучаются отдельные направления взаимозависимости и взаимодействия. Изучение спортивной педагогики имеет три сложных аспекта, которые взаимодействуют друг с другом. Во-первых, это практическое знание, которое требует тренировки или обучения, и зависит от исторических, социальных и политических контекстуальных факторов. Во- вторых, теоретическое знание, для которого необходимы глубокое понимание сложных теорий обучения и разнообразия его многочисленных влияний на способы обучения учащихся. В-третьих, сами учителя, преподаватели, тренеры, имеющие опыт, обеспечивающий возможность эффективного обучения в спорте и физической культуре, владеющие трехмерной концепцией спортивной педагогики и совмещающие на

протяжении всей педагогической деятельности получение обновленных знаний в своей отрасли.

В современном спортивном сообществе роль спортивных психологов завоевала свои права и свою весомую значимость. Деятельность спортивных психологов направлена на взаимодействие со спортсменами, направленное на улучшение результативности посредством преодоления психических и психологических проблем. Вектор на результативность остается краеугольным камнем спортивной психологии, однако это лишь часть того, что сейчас делают спортивные психологи для поддержки спортсменов. Их расширяющиеся функции включают помощь спортсменам в решении межличностных проблем и решение проблем психического здоровья, таких как тревожность, депрессия и расстройства пищевого поведения. Навыки спортивных психологов все чаще востребованы профессиональными спортсменами для снятия стресса при подготовке к ответственным соревнованиям, решения внутри командных проблем, поиска взаимопонимания с тренером (родственниками) и других сложностей внутреннего и внешнего мира спортсменов. Квалифицированные и даже мирового класса спортсмены подвержены любым проблемам психического здоровья, что и люди, не имеющие отношения к профессиональному спорту. В силу того, что иногда спортсмены сталкиваются с уникальными спортивными проблемами (серьезное психологическое давление) решать такие задачи необходимо не традиционными способами. Спортивные психологи работают с проблемами насилия, агрессии, гнева, среди них: принятие традиционных представлений о мужских ролях, групповое мышление в командах и печально известные «разговоры в раздевалке». Необходимо отметить, что между спортсменами и психологами должно быть установлено взаимопонимание, позволяющее извлекать максимальную пользу и эффективно минимизировать возникающие риски.

Социальная интеграция через физическую культуру и спорт все чаще находит отражение в современной методологической и научной литературе. Социальная интеграция - это процесс установления или восстановления оптимальных связей, на основе которых отдельные лица и группы участвуют в общественной жизни. Спорт - это чрезвычайно мощный инструмент, который развивает специфические взаимоотношения, направленные на формирование социального опыта в самом широком масштабе для дальнейшей трансформации в единую целостную систему согласованных и взаимозависимых целей и интересов личности в обществе. Возможности спорта «разрушать преграды и наводить мосты там, где обычно существуют границы», поскольку спорт понятен и востребован во всех странах, в любой культуре и даже религии, на всех языках. Многие политические ситуации, вызывающие разногласия в современном обществе, при неискаженной спортивной интеграции могут преобразоваться в точки взаимодействия и сотрудничества разных стран. Расширению прав и свобод граждан и народностей в отсталых странах способствует спорт (к примеру, права женщин и девочек в мусульманских странах). Спорт создает ощущение включенности в общество, независимо от возраста, сексуальной ориентации, гендерного выражения, трудоспособности или инвалидности, религии, этнической принадлежности или социально-экономического статуса. Для реализации механизма социальной интеграции, по возможности, спортивные администраторы и тренеры должны планировать тренировки, на которых спортсмены с разными способностями тренируются вместе (в одно время, но в отдельных залах).

Так же хотелось бы отметить наличие в большинстве научно- исследовательских работ статистического анализа и математических расчетов с применением различных формул. Методы математической статистики применяются, как правило, для корректной обработки числового материала в целях анализа полученных фактических эмпирических данных. Выявление достоверности различий, корреляционных взаимосвязей различных параметров стали уже традиционными в научно-исследовательских работах. Для подтверждения эффективности гипотетических предположений в научных исследованиях математико-статистический анализ является общепринятым путем проверки экспериментальных данных. Современные методики математического моделирования в научно-педагогических в области физической культуры и спорта считаются достоверным методом выявления ошибок или оптимизации выполнения двигательных действий спортсменов. Для решения таких сложных задач применяются теория графов или альтернативный способ - кластерная мультиагентная сеть.

На заключения мы осматриваем несмотря на то, что многолетняя практика преподавания дисциплин, связанных с двигательной активностью, предполагает контактную работу преподавателей и обучающихся могут возникнуть объективные условия, когда такой

формат работы не возможен. Однако для сохранения здоровья и поддержания физиологического уровня двигательной активности, поддержание уровня физической подготовленности возможны различные подходы по составлению комплексов физических упражнений. Данные комплексы должны отвечать ряду требований в соответствии с принципами физического воспитания: доступности, безопасности, повышения нагрузки и др. Причём дистанционный формат занятий и отложенность контроля предъявляют повышенные требования к соблюдению данных принципов, особенно в вопросах безопасности и основ самоконтроля.

По результатам исследования наиболее полно таким требованиям отличают комплексы, направленные на различные мышечные группы обще - подготовительной направленности. В которых используется вес собственного тела и не нужны дополнительное оборудование и инвентарь. Положительным моментом в методике преподавания является и предварительная запись видео контента, включающая как показ самих упражнений, так и методическое сопровождение. Данный подход показывает высокую удовлетворённость студентов таким форматом занятий.

Таким образом, в последние годы сложилась тенденция междисциплинарного (метапредметного) подхода в решении научно- исследовательских вопросов в области физической культуры. Направление исследований о массовой физической культуре и спорте ориентировано на улучшение психофизиологического здоровья и расширение воздействий физических упражнений на лиц, не занимающихся спортом, для восстановления их сил после основного рода занятий, а так же на повышение долголетия населения. Спортивная педагогика и спортивная психология уже традиционно применяются в тренировочном процессе и физическом воспитании, а соответственно и в научно-исследовательских работах данной тематики. Процессы социальной интеграции через физическую культуру и спорт в современной методологической и научной литературе подвергаются все более детальному анализу. Методы математической статистики стали традиционными для подтверждения эффективности гипотетических предположений в научных исследованиях.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1.Аникина, А.В. Допинг в спорте как исследовательская проблема: обзор российских публикаций / А.В. Аникина, В.И. Аникин // Педагогико- психологические и медико-биологические проблемы физической культуры и спорта. - 2018. - Т. 13. - № 4. - С. 48-54.

2.Бочкарева, С.И. Физическая культура: учебно-методический комплекс (для студентов экономических специальностей) / С.И. Бочкарева, Кокоулина О.П., Копылова Н.Е., Н.Ф. Митина, А.Г. Ростеванов А.Г. - М.: Изд. Центр ЕАОИ, 2011. - С. 268.

3.Воложанин, С.Е. Значение физической культуры в образовании студентов / С.Е. Воложанин // Вестник Мининского университета. - 2018. - № 6(3). - С. 6.

4.Глембоцкая Я.И. Применение математико-статистических методов для обработки результатов исследования иноязычной подготовки студентов вуза физической культуры / Я.И. Глембоцкая // Физическая культура: воспитание, образование, тренировка. - 2012. - №2. - С 8-12

5.Гордеева, С.С. Отношение к здоровью как социальный феномен / С.С. Гордеева // Вестник Пермского университета. Философия. Психология. Социология. - 2011. - №2 (6). - С. 131-136.

6.Димов, М.В. Здоровье как социальная проблема / М.В. Димов // Социально-гуманитарные знания. - 1999. - № 6. - С.170-185.

7.Дроздова Е.К., Актуальные проблемы спортивного права / Е.К. Дроздова, Е.Б. Калашникова // О1утР1и§. Гуманитарная версия. - 2016. - № 1 (2). - С. 56- 57.

8.Дубровский, В.И. Биомеханика: Учеб. для сред, и высш. учеб, заведений М.: Изд-во Владос-пресс, 2003. - 672 с.

9.Кузьмин, В.Г. Инновационные математические модели и метод графов в научно-педагогических исследованиях в области физической культуры и спорта / В.Г. Кузьмин, И.Б. Улитин, Б.И. Улитин, С.В. Кузнецова // Культура физическая и здоровье. - 2014. - № 2 (49). - С. 71-74.

10.Ловягина, А.Е. Теоретические и прикладные проблемы психологического сопровождения спортсмена / А. Е. Ловягина // Вестник СПбГУ. Серия 16: Психология. Педагогика. - 2013. - №1. - С. 29-39.

11.Малышева, Е.В. Возможности управления общественным мнением по отношению к здоровью через Интернет / Е.В. Малышева, Ш.Х. Ганцев, И.Р. Рахматуллина // Практическая медицина. - 2006. - №3(17). - С. 25-27.

12.Мясищев, В.Н. Психология отношений: избранные психологические труды / В.Н. Мясищев /под ред. А.А. Бодалева. - М.: Институт практической психологии, 1995. - 356 с.

13.Рахимова, Е.А. Отношение к здоровью учащейся молодежи / Е.А. Рахимова // Ученые записки университета имени П.Ф. Лесгафта. - 2012. - № 9 (91). - С. 134-140.

## СОВРЕМЕННЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ НАУЧНО – ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В СИСТЕМЕ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ

В статье автор описывает решения современные условия преподавания дисциплин модуля «Физическая культура и спорт» в условиях дистанционной и частично дистанционной работы потребовали от профессорско-преподавательского состава поиск новых путей обеспечения учеником хотя бы минимального физиологически обусловленного уровня двигательной активности. Работа в таких условиях проходит уже почти календарный год.

Цели автора в его исследовании современные направления научно- деятельности в области физической культуры и спорта имеют много векторную направленность. Одной из главных отличительных черт, стоящих на повестке дня исследовательских работ, является их всесторонний междисциплинарный анализ. Существующие глобальные направления (спорт и массовая физическая культура) сами по себе многогранные вопросы, которые ученые рассматривают, используя подходы с точки зрения различных отраслей наук.

***Ключевые слова:*** *студенты, преподаватели, физическое воспитание и спорт, деятельность, направление, система, методы обучения, научные исследования, современные условия.*

## САМТҲОИ МУОСИРИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ-ПЕДАГОГӢ ДАР СОХТОРИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

Муаллифон дар мақола роҳҳои ҳалли шароити муосири таълими фанҳои модули “Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш”- ро дар шароити кори фосилавӣ, ки аз ҳайати омӯзгорон талаб мекард, ки роҳҳои нави таъмин намудани ҳадди ақал аз ҷиҳати физиологӣ донишҷӯёнро ҷустуҷӯ кунанд, ки сатҳи фаъолияти ҷисмонӣ муайян карда мешавад.Дар чунин шароит як сол мешавад, ки фаъолият давом дорад.

Ҳадафҳои муаллифон дар таҳқиқоти худ самтҳои муосири фаъолияти илмӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш самти бисёрвекториро аён кардаанд. Яке аз хусусиятҳои асосии фарққунандаи рӯзномаи кори тадқиқотӣ таҳлили ҳаматарафаи байнисоҳавии он мебошад. Тамоюлҳои мавҷудаи ҷаҳонӣ (варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ) худ масъалаҳои гуногунҷабҳа мебошанд, ки олимон аз нуқтаи назари соҳаҳои гуногуни илм истифода бурдани равишҳоро баррасӣ мекунанд.

***Калидвожаҳо:*** *донишҷӯён, омӯзгорон, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, фаъолият, самт, сохтор, равишҳои дарс, таҳқиқотҳои илмӣ, шароити муосир.*

## MODERN DIRECTIONS OF SCIENTIFIC-PEDAGOGICAL ACTIVITY IN THE STRUCTURE OF PHYSICAL EDUCATION

In the articie the author describes solutions modern conditions for teaching the disciplines of the module “Physical culture and sports” in conditions of remote and partially remote work have reguired the teaching staff to search for new ways to provide students with at least a minimum plysiologically determined level of physical activity. We have been working in such conditions for almost a calendar year.

The author’s goals in his research; modern directions of scientific activity in the frield of physical culture and sports have a multi – vector orientation. One of the main distinguishing features on the research agenda is their comprehensive interdisciplinary analysis. Existing global trends (sport and mass physical culture) are themselves multifaceted issues that scientists consider using approaches from the point of view of various branches of science.

***Key words:*** students, teachers, physical education and sports, activity, direction, structure, teaching approaches, scientific research, modern conditions.

***Маълумот дар бораи муаллифон:*** *Қаюмов Муҳаммадшо Исуфалиевич - муаллими калони кафедраи назария ва услуби якҳарба ва камонварии Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмуъмин Раҳимов E-mail: Muhammadsho@mail.ru, Сино маҳалаи Лучоб-53, тел: (+992) 918676745*

*Амонзода Абубакр Алихон- муаллими кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва мудофиаи шаҳрвадии Донишгоҳи давлатии Данғара E-mail: Abubakr@mail.ru, н. Данғара :тел: (+992) 918421063*

***Сведения об авторах:*** *Каюмов Мухаммадшо Исуфалиевич-старщий предподаватель кафедры теории и методики единаборства и стрельбе из лука Института физического воспитания Таджикистана имени С.Рахимова, E-mail: Muhammadsho@mail.ru, район Сино, Лучоб-53, тел: (+992) 918676745*

*Амонзода Абубакр Алихан – преподаватель кафедры физического воспитания и гражданской обороны Дангаринского государственного университета E-mail: Abubakr@mail.ru, н. Дангара: Тел: (+992) 918421063*

***Information about the authors:*** *Kayumov Muhammadsho lsufalievich-great teacher of the department of theory and style of single sword and archery of the Institute of Physical Education of Tajikistan named after S.Rahimov. Sino mahalai Luchob-53, Muhammadsho@mail.ru Tel: (+992) 918676745*

*Amonzoda Abubakr Alikhan - teacher of the department of physical education and civil defense of Dangara State University E-mail: Abubakr@mail.ru, n. Dangara: Tel: (+992) 918421063.*

# ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУЛТИМЕДИА ДАР РАВАНДИ МАШҒУЛИЯТҲОИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ ВА МИЁНАИ КАСБӢ

***Баротов Д.А.***

**Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур**

Яке аз ҳадафҳои асосӣ барои баланд бардоштани сифати таълим дар муассисисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ истифодаи технология ва воситаҳои замонавӣ ба ҳисоб меравад. Технологияи милтимедиа, ки вай сифати таълим ва самаранокии онро таъмин намуда, донишу малакаи донишҷӯёнро ба таври назаррас афзоиш медиҳад ва ба такмили маҳорати педагогии профессорону устодон, кормандон ва омӯзгорон мусоидат менамояд.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи технологияи мултимедиа қисмати ҷудонашавандаи соҳаи маориф буда, ин масъалаи муҳим, ба сиёсати пешгирифтаи давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мусоидат мекунад ва амалишавии вай дар Қонунҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» [1], «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» [2] ва «Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, риёзию техникӣ барои солҳои 2010-2020» [3] инъикос ёфтаанд.

Мафҳуми технологияи мултимедиа маънои онро дорад, ки маводи нави маҷмуи тасвирҳо, матнҳо ва маълумот бо ҳамроҳии овоз(садо), видео, аниматсия ва дигар воситаҳои визуалӣ бо роҳи тадбиқ ва истифодаи технологияи иттилоотӣ – иртиботӣ, иттилоот ба донишҷӯён, хонандагон ва дигар истифодабарандагон пешниҳод карда мешавад. Бо ибораи дигар, технологияи мултимедии таълим – маҷмуи воситаҳои техникӣ ва дидактикии таълимӣ – барандагони иттилоот мебошад.

Истифодаи технологияи мултимедиа дар ташкили раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбӣ, ба инобатгирии машғулиятҳои назариявии (амалӣ, лабораторӣ) анъанавӣ ва намоиши мултимедиа, ки вай имконияти якбора амалкунии намудҳои гуногуни пешниҳоди иттилооти таълимӣ (графикӣ, матнӣ, аудиовизуалӣ)- ро таъмин намуда, онҳо ба сохтори ягона мутаҳид карда шудаанд ва ба намудани осон ба қабулкунанда пешниҳод карда мешавад. [4. с 174].

Дар маҷмуъ эътироф шудааст, ки истифодаи технологияи мултимедиа дар раванди машғулиятҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ ба намуди беҳтарин ва афзуншавии аёнияти раванди таълим оварда мерасонад ва онро дар ҳар як фанни таълимӣ истифода бурдан мумкин аст. Истифодаи он усули самараноки раванди таълим буда, чунин роҳи методӣ мебошад, ки фикри донишҷӯёнро фаъол намуда, онҳоро ҳавасманд менамояд, ки бо роҳи мустақилона дониш ба даст оранд.

Технологияи милтимедиро дар ҳамаи давраҳои зерини машғулияҳо:

•ҳангоми баёни мавзуи нав;

•мустаҳкамкунии мавзуъ;

•ҷамбасти машғулиятҳо - истифода намудан мумкин аст.

Албатта, барои он, ки профессорону устодон, кормандон ва омӯзгорон дар раванди машғулиятҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ технологияи милтимедиаро истифода намоянд бояд онҳо бо технологияи кори он шинос бошанд. Профессор Шарофов Ш.А. қайд менамоянд, ки имрӯз барои омӯзгорон зарурати аз худ кардани васоитҳои техникаи навтарини таълим, ба монанди технологияҳои шабакавӣ (телеконференсия, почтаи электронӣ), китобхонаҳои электронӣ, нармафзор, низоми мултимедиа ва ғайра пеш омадааст [5. с 254].

Ҳамин тариқ, ҳамроҳнамоии технологияи мултимедиа дар раванди машғулиятҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ раванди машғулиятро аҷоиб ва шавқовар намуда, мушкилии таълими маводи таълимиро осон менамояд.

Истифодаи технологияи мултимедиа дар раванди муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ имконият медиҳад, ки на танҳо намудҳои анъанавии таҳсилот гуногунранг шавад, инчунин масъалаҳои зерин ҳалли худро ёбанд:

•инкишофи ҷаҳонбинии илмӣ;

•баланд бардоштани сатҳи таълим;

•таъмини таълими дифференсиалӣ;

•амали намоии назорати дониши донишҷӯён;

•ҳавасмандиро ба таълими фанҳо ва кӯшиши ҳиснамоии донишҷӯёнро баланд мебардорад [7. с 22].

Қайд намудан зарур аст, ки истифодаи технологияи мултимедиа яке аз намуди нави ташкили раванди таълим буда, вай барои башаклдарорӣ ва ба низомдарории дониш ва малака, барои ташкили ҷаҳонбинӣ ва рушди зеҳни донишҷӯён ҳиссаи худро мегузорад.

Воқеан ҳам дар раванди тадбиқи нақши технологияи мултимедиа дар зиёд намудани ҳавасмандии донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ дар мавриди омӯзиши фанҳо дар шароити татбиқи низоми нави рейтинги сифати дониши донишҷӯён ва хонандагон, маҳорати касбию педагогӣ ва фаъолияти дастаҷамъонаи коллективӣ профессорону устодон, кормандон ва омӯзгорон нақши басо муҳим мебозад. Зеро тамоми бурду бохти муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ аз қабили ҷорӣ намудани низоми нав барои баланд бардоштани маҳорати касбии профессорону устодон, кормандон ва омӯзгорон бо истифода аз техника ва технологияи муосир, натиҷабардорӣ аз раванди низоми инноватсионии таълим, дастовардҳои донишҷӯён ва муваффақиятҳои профессорону устодон, кормандон ва омӯзгорон, назорати муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, ташкили шароити самараноки санҷиши педагогӣ, усул ва методи назорат ба раванди таълим, истифодаи методҳои назорати корҳои мустақилонаю беруназсинфӣ бо назардошти истифодаи технологияи мултимедиа аз андешаҳои одилона ва оқилонаи роҳбари муассисисаҳои дар раванди машғулиятҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ ва дастаҷамъии коллективи профессорону устодон, кормандон ва омӯзгорон зимни нақшаи амалкунандааш дар раванди таълим ва тарбия вобастагии барзиёд дорад.

Технологияи мултимедиа ба азхудкунии беҳтарин ва мустаҳкамкунии маводи таълимӣ мусоидат менамояд. Яке аз афзалияти дидактикии технологияи мултимедиа бо муқоиса ба намуди анъанавӣ дар он мебошад, ки муҳити таълимии пешниҳоди иттилоот равшан ва аён шуда, аҳамияти амалии мавзуъ кушода мешавад.

Махсусияти муҳими технологияи мултимедиа интерактивӣ будани он мебошад, яъне донишҷӯён ва хонандагон шунавандаи ғайри фаъол набуда, балки нақши роҳбари фаъолро иҷро менамояд.

Истифодаи технологияи мултимедиа имконият медиҳад, ки муҳити иттилоотӣ ташкил карда шуда, ҳавасмандӣ ва шавқи донишҷӯён ва хонандагон ба таълими фанҳо пайдо гардад. Дар ин ҳолат, амалан шумораи бемаҳдуди супоришҳои таълимӣ зиёд мешавад, кори донишҷӯён ба сатҳи беҳтарин расонида шуда, бо осонӣ сатҳи дифференсиатсияи таълимӣ ба даст меояд, фарқияти сатҳи таҳсилот ба осонӣ ба даст оварда шуда, манфиатҳои донишҷӯён ва хонандагон ва фаъолнокии он дар давоми пурраи машғулият дастгирӣ карда мешавад.

Ҳангоми таҳлили мақсадноки истифодаи технологияи мултимедиа дар раванди таълим зарур аст, ки чунин имкониятҳои дидактикӣ ба ҳисоб гирифта шавад:

•имконияти васъе барои фаъолияти эҷодии мустақилонаи донишҷӯён ва хонандагон, махсусан, ҳангоми гузаронидани таҳқиқотҳо ва ба тартибдарории маводи таълимӣ пайдо мегардад;

•баланд бардоштани малакаи назорати худ ваислоҳи мустақилонаи хатогиҳои инфродӣ;

•рушд ёфтани қобилияти зеҳнии донишҷӯён.

Профессорону устодон, кормандон ва омӯзгорони муассисисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ аз имконоти бадастоварда истифода бурда, метавонад бойгонии озмоишгоҳи таълимию тарбиявии худро истифода аз имконияти мавҷудбудаи таҷҳизоти истифодакунандаи технологияи мултимедиа бою ғанӣ гардонанд. Инчунин чорабиниҳои методиро дар муассиса тибқи мундариҷа ва мухлати гузаронидани онҳо ба нақша гирифта, ҳамеша кӯшиш намояд, то ҳар лаҳзаи машғулият пурсамар, таъсирбахш ва хотирмон гузаронида шавад.

Технологияи мултимедиа як слайд – филм ё кӯшиши иваз намудани омӯзгор бо компютер набуда, вай машғулияти пурраи таълимии фанниро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбӣ ифода менамояд.

Дар ташкили чунин намуди раванди таълим, омӯзгорон шахси амалкунандаи асосӣ боқӣ монда, илова бар ин, онҳо имконият дорад, ки иқтидори эҷодияшонро пурра истифода намояд, маводи таълимии машғулиятҳои назариявӣ (амалӣ) – ро мазмунан бой ва ба ҳама дастрас намояд.

Маводҳои хуби фаннӣ ва визуалии таълимӣ метавонад дар намуди модулҳо, блокҳои мантиқии бо ҳам алоқаманд пешниҳод карда шаванд. [4. с 174].

Талаботи дидактикӣ барои технологияи мултимедиавиро хеле равшан муайян намудан мумкин аст. Онҳо имкон медиҳанд, ки:

•дараҷаи илмии талабот бо машғулиятҳои назариявии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбӣ истифода карда шаванд;

•ҳавасманд намудани фаъолияти таълимӣ – эҳсоскунии(ҳискунии) донишҷуён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи касбӣ таъмин карда шавад;

•маводи таълимӣ ба намуди оптималӣ пешниҳод карда шавад;

•ба намуди беҳтарин маводҳои таълимӣ пешниҳод карда шавад;

•иҷрои универсалии муаррифии маводҳои таълимӣ, ки ба талаботи амалии омӯзгорон ва донишҷӯён ҷавобгӯ мебошад, таъмин карда шавад;

•мувофиқи мақсад будани технологияи гуногуни пешниҳоди маводи таълимӣ амалӣ карда шавад;

•назорати дониш таъмин карда шавад [6. с 112].

Маводҳои намоиши барои хар як машғулиятҳои назарявӣ ва амалӣ тахия карда шавад. Ҳар як намоиш бояд аз пайдарпайии саҳифаҳо (слайдҳо) иборат бошад, ки мазмун ва мундариҷоти машғулиятҳои назарявӣ, амалиро ифода намояд.

Намоишҳо захираҳои таълимии электронии намудҳои гуногуни дар бар гирад;

•аниматсияҳое, ки ҳодисаҳои омухтшаванда ва равандҳоро мефаҳмонад, инчунин принсипҳо фаъолиятҳои воситаҳо ва дар ин асос:

•лаҳзаҳои видеои озмоишҳо;

•тасвири оморӣ, схемаҳо графикҳо ва диаграммаҳо.

Шумораи слайдҳои ҳар як мавзуъ ниҳоӣ набуда ва ба онҳо иловаҳо дохил намудан мумкин аст. Хусусиятҳои хоси маҷмуи маводи намоишдиҳӣ ҳангоми истифодаи технологияи мултимедиа инҳоянд:

In this article, using the experience of conducting educational activities and coming to conclusions about the ways and methods that allow us to expect the most significant results, is the subject of analysis and conclusions on this topic. To achieve this goal, we studied the conditional activities of a randomly selected higher education institution, taking into account the influence of external factors that can influence the development and formation of the moral and spiritual qualities of students-future specialists. It is worth noting that the study of various factors at the global level, as well as within each country, requires specific research features. Since the question depends on what the current problems are at the global level, for Tajikistan which of these factors is predominant. It should be taken into account that our country is known in the world for its spiritual and creative heritage; from this position, it becomes relevant to create conditions in universities so that students learn to analyze and draw appropriate conclusions. At the same time, it becomes important to form certain types of thinking in order to not only become successful individuals with a certain level of knowledge, but also educated and spiritually developed when choosing life strategies, which can be described in this process through the use of digital technologies.

***Key words:*** *influence of the external environment, formation of moral and spiritual qualities, convergence of civilizations, education, training, digitalization, conclusions, factors influencing the worldview of students, imagination, selection, thinking, analysis and conclusions, digital technologies.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Шарифзода Лайлӣ Абдулло – номзади илмҳои педагогӣ, муовини ректор оид ба тарбияи Донишгоҳи байналмилаллии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ш. Душанбе, к. Муҳаммадиева 17/6, телефон (+992) 918833957 e-mail: layli.sharifzoda@mail.ru*

***Сведения об авторе:*** *Шарифзода Лайли Абдулло – кандидат педагогических наук, и.о. доцента, заместитель ректора по воспитательной работе Международного университета иностранных языков Таджикистана имени Сотима Улугзода г. Душанбе, ул. Мохаммадиева 17/6, тел.: (+992) 918833957,email:layli.sharifzoda@mail.ru*

***Information about the author:*** *Sharifzoda Layli Abdullo – Candidate of Pedagogical Sciences, Acting Associate Professor, Deputy Rector for Educational Work of the International University of Foreign Languages of Tajikistan named Sotim Ulugzoda, Dushanbe, str. Mokhammadieva 17/6, tel.: (+992) 918833957,email:layli.sharifzoda@mail.ru*

**МЕТОДИКА**
**МЕТОДИКА**
**METHOD**

**ТДУ:37:57(075.8)**

# ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТИИ ДОНИШҶӮЁН ЗИМНИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ САҲРОӢ АЗ ФАННИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ БИОЛОГИЯ

*Баротзода К. А.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

Таҷрибаомӯзии саҳроӣ яке аз унсурҳои низоми таълими методии омӯзгорониояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ мебошад. Он имкон медиҳад, ки раванди таълиму тарбия бевосита дар табиат амалӣ шуда, донишҷӯён донишҳои назариявии худро дар таҷриба тадбиқ намоянд.

Дар Стандарти давлатӣ оид ба тайёрии касбии мутахассиси «Биология» қайд карда шудааст, ки мутахассиси соҳаи илмҳои биологӣ, бояд қобилияти банақшагирӣ ва ташкили қитъаи таълимӣ-таҷрибавии назди муассисаи таълимиро дошта бошад ва дар он ҷо бо хонандагон корҳои таҷрибавӣ гузаронида тавонад.

ДДОТ ба номи С. Айнӣ дорои иқтидори бузурги фаъолияти таълимӣ ва ташаккул додани салоҳияти касбии омӯзгор мебошад. Г. Пятакова қайд кардааст: «Барои рушди фаъолияти тадқиқотӣ, эҷодӣ ва маърифатӣ имрӯз омӯзгор бояд пеш аз ҳама воситаҳоеро ҷустуҷӯ намояд, ки ба фароҳам овардани шароити махсус барои фаъолияти эҷодии хонандагон дар раванди таълим мусоидат кунанд» [10, с.21]. Дар байни чунин воситаҳо таҷрибаомӯзии саҳроӣ аз методикаи таълими биология ҷойи муҳимро ишғол мекунад.

Таҷрибаомӯзии саҳроӣ зимни баргузорӣ дар баробари мақсадҳои таълимӣ барои корҳои тарбиявӣ имкониятҳои назаррас фароҳам меорад. Зимни баргузории таҷрибаомӯзии саҳроӣ дар донишҷӯён муносибати эҳсосӣ ба сарзамини худ бедор шуда, ташаккулёбии шавқи зебоипарастӣ ва ҳамоҳангии унсурҳои табиӣ имконпазир мегардад, бинобар ин хоҳиши нигоҳ доштани онҳо барои наслҳои оянда бедор мешавад. Ҳамаи ин ба ташаккулёбии сифатҳои баланди ахлоқии омӯзгорониояндаи биология мусоидат мекунанд [8, с.5].

Барои тайёр кардани омӯзгориояндаи муосири эҷодкор ва босалоҳияти фанни биология сатҳи дониш, малака ва маҳоратҳои касбиро баланд бардоштан лозим аст. Аз ин лиҳоз, зимни омӯзиши биология бояд вазифаҳои зерин иҷро гарданд:

1)ташаккул додани донишҳои муосири биологӣ; 2) омӯзиши амиқи фаунаю флораи сарзамини худ; 3) донистани қонуниятҳои биологӣ, истифодаи оқилонаи табиат ва ҳифзи муҳити зист; 4) қобилияти мустақилона ҷустуҷӯ намудани манбаъҳои иттилооти биологӣ, таҳлили он, тартиб додани масъалаҳои биологӣ ва ҳалли онҳо; 5) қобилияти кор бо микроскоп ва дигар асбобҳои биологӣ; 6) қобилияти истифодаи технологияи информатсионӣ, воситаҳои компютерӣ, ба даст овардани малакаҳои тадқиқотӣ (амсиласозӣ, мушоҳидаҳои фенологӣ); 7) қобилияти мушоҳидаи объектҳои биологии маҳалли худ; 8) қобилияти истифодаи донишҳои биологӣ дар таълим, ҳаёт ва фаъолияти касбӣ [1, с.18-37].

Таҷрибаомӯзии саҳроӣ ба даст овардани малакаҳои касбиро таъмин мекунад. Ин ба омӯзгориояндаи биология имкон медиҳад, ки вазифаҳои зикршудаи таълими биологияро иҷро намояд.

Компоненти асосии таҷрибаомӯзии саҳроӣ фаъолияте мебошад, ки он аз ҷузъҳои зерин иборат аст: мақсад, мундариҷа, хусусият, шароит ва натиҷа. Мазмуни таҷрибаомӯзӣ пайдарпаии иҷрои фаъолияти амалии дар ин марҳилаҳо пешбинишударо дар бар мегирад. Ин ба омӯзгори оянда имкон медиҳад, ки дар ҳар марҳила рушди мустақилият ва такмил додани фаъолияти касбиро ба нақша гирад. Таҷрибаомӯзии саҳроӣ дар фаслҳои гуногуни сол гузаронида мешавад. Натиҷа таҷрибаомӯзии саҳроӣ аз шароити ҷараёни он вобаста аст.

Татбиқи принсипҳои фаъолияти педагогӣ дар таҷрибаомӯзии саҳроӣ аҳамияти калон дорад. Принсипҳо, талаботи асосии ташкили фаъолиятро дар амалия инъикос намуда, самти равиши онро нишон дода, дар ниҳоят ба хусусияти эҷодии раванди таълим кӯмак мерасонанд. Муайян кардани принсипҳое, ки дар асоси онҳо таҷрибаомӯзии саҳроӣ дар донишгоҳ бояд иҷро шавад, ба ташаккулёбии тайёрии касбӣ- методӣ ва салоҳиятҳои омӯзгориояндаи биология равона карда шудааст. Вазифаҳои асосии таҷрибаомӯзии саҳроӣ

инҳоанд: таълим, тарбия, рушд, ташхис, мутобиқсозӣ. Гузаронидани таҷрибаомӯзии саҳроӣ аз рӯйи фанҳои биологӣ се давраи асосиро дар бар мегирад: тайёрӣ, саҳроӣ ва ниҳоӣ. Дар давраи тайёрӣ вазифаҳои зерин иҷро карда мешаванд: интихоб ва омӯзиши ҷойи гузаронидани таҷрибаомӯзии саҳроӣ бо назардошти ҳамаи талабот, шиносоии пешакии роҳбарони таҷрибаомӯзии саҳроӣ бо ҷои гузаронидан ва муайян кардани объектҳои асосии муҳити табиӣ, ки ба омӯзиши онҳо диққат дода мешавад. Илова бар ин, дар давраи тайёрӣ ба таҷрибаомӯзии саҳроии тобистона аз методикаи таълими биология чунин фаъолиятҳо иҷро мегарданд: омода кардани таҷҳизот ва танзим намудани дониши назариявии донишҷӯён мувофиқи хусусиятҳои амалия дар ҷараёни таҷрибаомӯзӣ; ҳалли масъалаҳои ташкилӣ; муайян кардани шакли баҳисобгирӣ ва талабот ба иҷрои корҳои таълимиву саҳроӣ ва вазифаҳои инфиродӣ-тадқиқотӣ; интихоби методҳо ва технологияҳо оид ба омӯзиши объектҳои табиӣ; шинос кардани донишҷӯён ба қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми таҷрибаомӯзии саҳроӣ ва ғайра. Дар гузаронидани таҷрибаомӯзии саҳроии тобистона аз фанни методикаи таълими биология давраи саҳроӣ аҳамияти муҳим дорад. Аз рӯйи давомнокӣ он ҳамчун давраи дарозтарин тавсиф карда мешавад ва бевосита гузаронидани тадқиқоти саҳроӣ дар муҳити табииро пешбинӣ мекунад. Дар давраи саҳроӣ донишҷӯён методикаи омӯзиши хусусиятҳои объектҳоро дар ҳама нуқтаҳои хатсайри таҷрибаомӯзӣ, техникаи кор бо таҷҳизоти биологиро азхуд намуда, тадқиқоти морфологӣ ва систематикӣ мегузаронанд, хусусиятҳои флора ва фаунаи маҳалро меомӯзанд ва ғайра. Дар давраи саҳроӣ, инчунин донишҷӯён нақшаҳои худро оид ба омӯзиши объекти алоҳида таҳия менамоянд, намунаҳои рустаниҳо ва ҳайвонотро ҷамъоварӣ намуда, аз онҳо гербария ва коллексияҳо тайёр мекунанд. Нигоҳ доштани рӯзномаи таҷрибаомӯзии саҳроӣ шарти муҳими таҷрибаомӯзии саҳроии тобистона аз МТБ мебошад.

Дар марҳилаи ниҳоии тобистонаи таҷрибаомӯзии саҳроӣ оид ба МТБ таҳия, ҷамъбаст ва таҳлили натиҷаҳои тадқиқоти омӯзишии таҷрибаомӯзии саҳроӣ амалӣ карда мешавад. Ин пеш аз ҳама, пур кардани маводи табиии ҷамъоваришуда, омода кардани ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ, тартиб додани рӯзномаи саҳроӣ, навиштани хулосаҳо оид ба корҳои анҷомдодашуда, ҷамъбасти натиҷаҳои тадқиқот ва муайян кардани дурнамои минбаъдаи гузаронидани корҳои тадқиқотӣ дар самти интихобшуда, ба итмом расонидани иҷрои супориши инфиродӣ-тадқиқотӣ, таҳлили мушоҳидаҳо ва натиҷаҳои ба дастомада мебошад.

Ҳамин тавр, таҷрибаомӯзии саҳроии тобистона аз МТБ дар раванди тайёрии касбии омӯзгориояндаи биология ҷойгоҳи муҳим дорад. Он такмилу таҳкими донишҳои назариявиро дар шароити амалӣ, ба даст овардани дониш, малака ва маҳоратҳои мушаххас ҳангоми кор бо объектҳои табиӣ, омӯзиши хосиятҳо ва хусусиятҳои ҷузъҳои табиӣ, объектҳои сайёҳии сарзамини худ, пайгирии тағйирёбии онҳо таҳти таъсири омилҳои гуногун ва ғайраҳоро таъмин менамояд. Аҳамияти чунин пайванди муҳим ҳамчун таҷрибаомӯзии саҳроӣ пеш аз ҳама дар рушди тафаккури касбии омӯзгорони биология амалӣ мешавад. Барои ҳалли бомуваффақияти масъалаҳои таълимӣ, дар мундариҷаи таҷрибаомӯзӣ ҳадди ақали малакаҳои зарурие, ки донишҷӯ дар давраи таҷрибаомӯзӣ ба даст меорад, муайян карда мешавад. Гузаронидани таҷрибаомӯзии саҳроӣ, ки ба рушди фаъолияти маърифатии донишҷӯён, фаъолсозии корҳои тадқиқотии онҳо, ташаккули пайвандҳои амалии салоҳиятҳои касбии омӯзгориояндаи биология равона шудааст.

Таҷрибаомӯзии саҳроӣ аз фанни МТБ бо мақсади рушди ҷузъиёти амалии заминаи назариявии фанҳои таълимӣ, инчунин азхудкуниву коркарди малакаҳои касбӣ ва истифодаи минбаъдаи онҳо дар соҳаи касбӣ гузаронида мешаванд. Таҷрибаомӯзии саҳроӣ ба рушди ҳам сифатҳои ҳавасмандгардонии шахсӣ (қобилияти коммуникатсионӣ ва ташкилӣ) ва ҳам касбӣ (маҳорати педагогӣ, фароҳам овардани шароит барои гузаронидани корҳои тадқиқотӣ) мусоидат мекунанд. Дар робита ба ин, хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ на танҳо бояд дониш, малака ва маҳоратҳои фаъолияти касбиро ба даст оранд, балки инчунин, бо истифода аз тамоми маҷмуи воситаҳои педагогӣ, аз ҷумла низоми амалияҳои педагогӣ сифатҳои нави касбиро азхуд намоянд.

Ба маънои васеъ, таҷрибаомӯзии таълимӣ-саҳроӣ раванди ташаккулёбии фаъолияти репродуктивӣ, малака ва маҳоратҳои амалӣ аз фанни таълимии омӯхташуда, таҳкими донишҳои назариявӣ, азхудкунии малака ва салоҳиятҳои ибтидоӣ тибқи стандарти пешниҳодшудаи касбӣ мебошад. Дар низомии таҳсилоти олии касбӣ таҷрибаомӯзии саҳроӣ звеноҳои ташаккули назариявӣ, таълимӣ-методӣ ва илмии мутахассисони оянда мебошад. Бо

шарофати хусусиятҳои ташкилӣ, таҷрибаомӯзии таълимӣ- саҳроӣ барои ташаккулёбии салоҳиятҳои омӯзгори оянда заминаи боэътимод мегузорад.

Салоҳият сифатҳои ҳамгироии шахсиятро дар бар мегирад, ки қобилияту омодагӣ ба равона кардани дониш, малакаву маҳоратҳо ва арзишро барои фаъолияти самаранок дар вазъияти мушаххас муайян мекунад. Дар рафти гузаронидани таҷрибаомӯзии саҳроӣ ҳамаи навъҳои салоҳиятҳое, ки барои зинаҳои бакалавриат ва магистратура таҳия шудаанд, ба се категорияи асосӣ ҷудо намудан мумкин аст: универсиалӣ, умумикасбӣ ва махсусгардонидашуда.

Таҳти салоҳиятҳои умумикасбии омӯзгори фанни биология қобилияти ӯ барои ҳалли вазифаҳои гуногуни касбӣ -методӣ, фаннӣ, ташхисӣ ва ғайра фаҳмида мешавад. Се сатҳи хусусиятҳои салоҳиятҳои касбӣ аз ҳамдигар фарқ карда мешаванд: салоҳиятҳо дар соҳаи фарҳанги биологӣ, ки асосан зимни азхудкунии фанҳои таълимӣ ташаккул меёбанд; салоҳиятҳои методӣ, ки дар низоми таълимӣ-методӣ амалӣ карда мешаванд (робитаи шаклҳои гуногуни ташкили раванди таълим, фанҳои сикли касбӣ, таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ) ва салоҳиятҳо дар соҳаи фаъолияти сайёҳӣ, ки зимни гузаронидани таҷрибаомӯзии саҳроии таълимӣ пайдо мешавад. Салоҳиятҳое, ки дар раванди таҷрибаомӯзии саҳроӣ ташаккул меебанд, мувофиқи шакли фаъолият (илмӣ-тадқиқотӣ, лоиҳавӣ-истеҳсолӣ, ташкилию идоракунӣ, маърифатӣ) аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, салоҳиятҳои умумӣ- касбии дар доираи таҷрибаомӯзии саҳроӣ оид ба сайёҳӣ бадастомада ба донишҷӯён имконҳо фароҳам меоваранд: омӯхтани ҳам мустақилона ва ҳам дар гурӯҳ кор кардан бо истифода аз методҳо, шаклҳо ва воситаҳои оптималии таълим ва тарбия; худомӯзӣ, рушди малакаҳои мустақилона кор кардан бо адабиёти таълимӣ, методӣ, маълумотномагӣ, илмӣ ва дигар манбаъҳои иттилоот, ҳамзамон такмили ихтисос дар фаъолияти касбӣ; ташаккул додани малакаҳои ҳифзи саломатӣ; самаранок амалӣ намудани чараёни таълим ва истифодаи фаъолияти тарбиявӣ. Ба салоҳиятҳои махсусгардонидашуда, ки ташаккули онҳоро дар доираи таҷрибаомӯзии саҳроӣ амалӣ гардонидан мумкин аст, инҳоянд: донишҳои касбӣ ва малакаҳои амалӣ зимни омӯзиши биологияи умумӣ.

Вазифаи асосии таҷрибаомӯзии саҳроӣ аз фанни методикаи таълими биология тайёр намудани омӯзгорони оянда, барои ташкили кори хонандагон дар табиат ва қитъаи таълимӣ-таҷрибавӣ оид ба ҳалли масъалаҳои омодагии экологӣ, кишваршиносӣ, ҳифзи табиат ва ғайраҳо мебошад [4, 5].

Дар тадқиқоти мо, пойгоҳи гузаронидани таҷрибаомӯзии саҳроӣ аз методикаи таълими биология қитъаи агролабораторӣи Ромит, боғи натуралистони ҷавон, боғи миллӣ, боғи ҳайвонот, мамнӯъгоҳи «Бешаи палангон» ба ҳисоб мераванд.

Мувофиқи нақша ва барномаи таълим дар донишгоҳи ДДОТ ба номи С. Айнӣ таҷрибаи саҳроӣ аз фанни методикаи таълими биология барои донишҷӯёни ихтсоси биология дар нимсолаи 6 ба миқдори 36 соат вақт ҷудо карда шуда, дар муддати 2 ҳафта гузаронида мешавад. Гузаронидани таҷрибаомӯзии саҳроӣ бо назардошти чорабиниҳои мавсимӣ ба нақша гирифта шудааст.

Мазмуни таҷрибаомӯзии саҳроӣ дар машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ амалӣ карда мешавад. Қисми назариявӣ омӯзиши масъалаҳои ташкилӣ, шакл ва методҳои корҳои амалӣ, саёҳатҳо, корҳои таҷрибавӣ ва тадқиқотиро дар бар мегирад. Қисми таҷрибавӣ таҳия ва банақшагирии машғулиятҳои таълимӣ, корҳои амалӣ, мушоҳидаҳо, саёҳатҳо ба табиат, кор дар қитъаи таълимӣ-таҷрибавии наздимуассисавиро дар бар мегирад [2, с. 21-26].

Таҷрибаомӯзии саҳроӣ аз рӯйи марҳилаҳои зерин: марҳилаи омодагӣ, асосӣ (мазмунӣ), ниҳоӣ (натиҷавӣ) гузаронида мешавад. Марҳилаи тайёрӣ масъалаҳои ташкилии таҷрибаомӯзии саҳроӣ, яъне интихоби пойгоҳ барои гузаронидани таҷрибаомӯзии саҳроӣ, таҷҳизот ва объектҳои омӯзиш барои таҷрибаомӯзии саҳроиро дар бар мегирад.

Дар мундариҷаи таҷрибаомӯзӣ мақсад, вазифаҳо, метод ва усули кор, вазифаҳои тадқиқотӣ инъикос меёбанд. Баъди гузаронидани таҷрибаомӯзии саҳроӣ донишҷӯён ҳуҷҷатҳои ҳисоботии таҷрибаомӯзии гузаронидашударо ба омӯзгор пешниҳод мекунанд ва дар дарси ниҳоӣ иҷрои супоришоти тадқиқотиро ҳимоя мекунанд. Бояд қайд намуд, ки дар муддати кӯтоҳи таҷрибаомӯзии саҳроӣ ҳалли ҳамаи вазифаҳои гузошташуда ва фарогирии ҳамаи бахшҳои фанни методикаи таълими биология ғайриимкон аст. Барои амалӣ намудани фаъолияти тадқиқотии биологӣ ва экологӣ дар табиат саёҳатҳо ташкил карда мешаванд. Аввалан донишҷӯён аз рӯйи нақшаи тақвимӣ ва барномаи таълимӣ бо мавзуи саёҳатҳо барои хонандагони синфҳои 5-11 шинос шуда, сипас вариантҳои мавзуъҳои саёҳатии худро

пешниҳод мекунанд. Дар ҷараёни саёҳатҳо донишҷӯён як қатор ҳодисаҳои олами наботот ва ҳайвонотро омӯхта, супоришро иҷро мекунанд. Дар рафти гузаронидани таҷрибаомӯзии саҳроӣ донишҷӯён оид ба ҷамъоварии намунаи рустаниҳо, тарзи тайёр кардани гербарияҳо, муайян кардани ҳашарот, тайёр кардани коллексияи ҳашаротҳо, намояндагони ҳайвоноти обию заминӣ, парандагони шаҳри Душанбе ва дигар минтақаҳои Тоҷикистон малакаҳо ҳосил менамоянд. Дар рафти таҷрибаомӯзии саҳроӣ фаъолияти тадқиқотии донишҷӯён оид ба кӯчиши мавсимии парандагон, лонасозӣ, ғамхорӣ барои насл ва ғайра ташаккул меёбад [7, 9].

Гузаронидани таҷрибаомӯзии саҳроӣ мазмуни донишҳои назариявӣ ва малакаҳои таҷрибавии донишҷӯёнро васеъ ва амиқтар мекунад. Мақсади таҷрибаомӯзии саҳроӣ аз фанни методикаи таълими биология дар ДДОТ ба номи С. Айнӣ омӯзиши олами набототу ҳайвоноти шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои Тоҷикистон, ҳосил кардани малакаҳо доир ба гузаронидани корҳои таҷрибавӣ ва тадқиқотӣ, ташкил кардани саёҳатҳо ва шиносоӣ ба гуногунии олами набототу ҳайвоноти табиати зебоманзараи Тоҷикистон мебошад. Инчунин, зимни ба роҳ мондани таҷрибаомӯзии саҳроӣ тарбияи экологӣ, иқтисодӣ, меҳнатдӯстӣ, гуманизм ва ахлоқии донишҷӯён амалӣ карда мешаванд. Бояд қайд намуд, ки вазифаҳои таҷрибаомӯзии саҳроӣ аз фанни МТБ инҳоанд:

-амиқгардонӣ ва тавсеаи донишҳои назариявӣ дар соҳаи илмҳои биологӣ ва методикаи таълими биология;

-ташаккул додани ҷаҳонбинии биологӣ, рушди мафҳумҳо ва зуҳуроти биологӣ, робитаи байниҳамдигарӣ ва таъсири мутақобилаи онҳо;

-мушаххас кардани донишҳои назариявӣ зимни омӯзиши объектҳои табиӣ;

-ташаккул додани қобилияти кор доир ба муайянкунии объектҳои табиии зинда;

-рушди малакаҳои ташкил ва гузаронидани саёҳатҳо ба табиат, таҳлили падидаҳои гуногуни табиӣ;

-ташаккул додани малакаҳои тасвири графикии объектҳои омӯхташуда ва маълумоти корҳои тадқиқотӣ (расмҳо, ҷадвалҳо, графикҳо, аксҳо ва ғайраҳо).

Мувофиқи вазифаҳои гузоштташуда ва методҳои асосӣ, ки дар тӯли таҷрибаомӯзии саҳроӣ истифода мешаванд, мушоҳидаҳои гурӯҳӣ, инфиродӣ ва ҷамъоварии мавод (гербария, коллексия ва ғайраҳо) кор карда шуда, дар дарсҳо истифода бурда мешавад.

Мавзуъҳои саёҳатҳо ба барномаи фанни методикаи таълими биология мувофиқат карда шуда, аз рӯйи нақшаи тартибдодашуда гузаронида мешаванд. Барои инкишофи малакаҳои методӣ саёҳатҳои гузаронидашуда таҳлил карда мешавад ва корҳои инфиродӣ зимни супоришҳои тобистона тарҳрезӣ шуда, ба ҳар кадоми онҳо супоришҳо пешниҳод мегардад [6, с. 47-59].

Ба донишҷӯён супоришҳои зерин доир ба корҳои тадқиқотӣ пешниҳод карда мешаванд, ки дар давраи таҷрибаомӯзӣ аз тарафи онҳо иҷро мегарданд:

-банақшагирии чорабиниҳои экологӣ ва ҳифзи табиат дар қитъаи таҷрибавӣ ва табиат;

-тарҳрезии машғулиятҳои амалӣ дар бахшҳои меваю сабзавот ва қитъаҳои дендрологӣ;

-таҳияи лоиҳаи нақшаи корӣ дар қитъаи таълимӣ-таҷрибавии назди МТМУ;

-методикаи ташаккул додани малакаҳои агрохимиявӣ;

-таҳияи нақшаи чорабиниҳои экологӣ барои истироҳатгоҳи тобистонаи донишҷӯён;

-таҳияи нақшаи хатсайри экологӣ;

методикаи гузаронидани мушоҳидаҳои фенологӣ дар табиат.

| **Фаъолияти омодагӣ** | | **Таҷҳизот** |
|---|---|---|
| **Донишҷӯ** | **Омӯзгор** | |
| Мушоҳидаҳо аз рӯйи супоришҳои дар табиат гузаронидашуда Хондани адабиёти махсус. Тамошои диафилмҳо ва видео-филмҳо. Тартиб додани харита-дастурҳо доир ба гузаронидани мушоҳидаҳо дар табиат, қитъаи назди МТМУ. Омӯхтани тарзи муайянкунии рустаниҳо ва | Тартиб додани супоришҳои инфиродӣ. Таҳияи нақшаи саёҳат ба табиат. Таҳияи пайраҳои экологӣ. Тартиб додани супоришоти инфиродӣ оид ба муайян кардани объектҳои зинда. Ёрӣ ба донишҷӯён дар муайян кардани гурӯҳҳои систематикӣ (намудҳо, оилаҳо). | Истифодаи адабиёти методӣ, биологӣ ва оммавӣ. Филмҳои таълимии «Саёҳат ба табиат», «Гуногунии моҳиҳо», «Кӯчиши парандагон», «Тарзи ҳаёти ширхӯрон» ва ғайра. Атлас, дастурамалҳо, хӯсаҳо. Китоби маълумотномагӣ доир ба рустаниҳо ва ҳайвонот |

| | | |
|---|---|---|
| ҳайвонот аз рӯйи китоб. | | |
| **Фаъолияти асосӣ (иҷрокунанда)** | | **Таҷҳизот** |
| **Донишҷӯ** | **Омӯзгор** | |
| Мушоҳида ва сабт. Шиносоӣ бо объектҳои зинда. Тайёр кардани гербарияҳо, ҷасади организмҳо, хӯсаҳо | Ташкили кори донишҷӯён дар табиат ва қитъаи назди МТМУ. Намоиши тарзи тайёр кардани ҷасади ҳайвонот, хӯса, гербария | Харита-дастурҳо барои гузаронидани саёҳатҳо. Парандаҳо, ширхӯрон. Таҷҳизот барои саёҳат. |
| **Фаъолияти коррелятсия ва назоратӣ** | | **Таҷҳизот** |
| **Донишҷӯ** | **Омӯзгор** | |
| Дар худ нигоҳ доштани рӯзномаи мушоҳида ва навиштани ҳисобот оид ба экскурсия. Таҳияи стендҳо аз рӯйи саёҳатҳои гузаронидашуда | Назорати рӯзнома ва ҳисоботи донишҷӯён оид ба саёҳат. Танзими фаъолияти донишҷӯен. | Намоиши корҳои беҳтарини донишҷӯён. Пурра кардани таҷҳизоти кабинети биология аз ҳисоби маводи ҷамъовар-даи донишҷӯён зимни саёҳатҳо |
| Натиҷаи саёҳат. Ташкил кардани намоишгоҳ оид ба гербария, ҷасади ҳайвонот ва хӯсаҳои тайёркардаи донишҷӯён. Таҳияи нақшаҳои саёҳатҳои хонандагон. Иштирок дар конфренсияи ниҳоӣ бо маърузаҳо. | Коркарди мавзуъҳои нақшаи инфиродӣ. Муҳокимаи ҷамъбасти мушоҳидаҳо. | Воситаҳои гуногуни намоишӣ |

Натиҷаҳои дар ҷараёни тадқиқот ба дастовардашуда нишон медиҳанд, ки таҷрибаомӯзии саҳроӣ ба рушди малакаҳои фаъолияти тадқиқотӣ ва касбии омӯзгорони ояндаи биология мусоидат намуда, ба таҳкими донишҳои назариявию амалӣ дар дарсҳои методикаи таълими биология мусоидат мекунад [9, с. 73-76]. Таҷрибаомӯзии саҳроӣ ба таҳияи диапозитивҳо, слайдҳо ва дигар шаклҳои тасвирии таҷҳизоти таълимӣ (видеофилмҳо) мусоидат мекунад.

**АДАБИЁТ:**

1.Берулава М.Н. Принципы гуманизации образования // Инновации в образовании, 2001. -№5. - С. 18-37.

2.Бубнова Л. А., Распутина М. А. Роль учебных практик в выполнении дипломных работ \ Роль производственных и полевых практик в подготовке специалистов естественнонаучного профиля; Научно-практическая конференция, Курган.- 2002. -С. 21-26.

3.Борисевич, А. Р. (2015). Экскурсия как инновационная форма организации учебных занятий в подготовке будущих специалистов. Из А. Р. Борисевич, Н. А. Комаровская. Здоровье студенческой молодежи: достижения теории и практики физической культуры, спорта и туризма на современном этапе: сб. науч. ст. (с.253–254). РИВШ; редкол.: А. Р. Борисевич (отв. ред.) [и др.]. Минск.

4.Гиринько С. Г. Исследовательские проекты в практике обучения (особенности проектной деятельности) [Текст]. С. Г. Гринько, Г. А. Чернышева // Одаренный ребенок. -2008. -№3. –С.5-8.

5.Гладилин, Г. П. и др. (2015). Организация научно-исследовательской работы студентов во время учебной и производственной практик. Междунар. журнал экспериментального образования.- С. 354–355.

6.Данилевская В. Б. Учебно-исследовательская практика по ботанике как форма развития исследовательской деятельности бакалавров естественнонаучного образования: дис. канд. пед. наук / В.Б. Данилевская. – СПб.- 2009. – 152 с.

7.Луцкая Л. А., Никишов А. И. Самостоятельные работы учащихся по зоологии: Пособие для учителя. -2-е изд., перераб.-М.: Просвещение, 1987.-112с.

8.Полевые практики по географическим дисциплинам: Учеб. пособие для студентов пед. инст. по геогр. спец. / Под ред. В. Немченкова. -М.: Просвещение, 1980. - 240 с.

9.Пшеницына Л. Б. Научно-исследовательская работа студентов и полевая практика по ботанике \ Роль производственных и полевых практик в подготовке специалистов естественно-научного профиля: Научно-практическая конференция, Курган, 2002. С. 73 - 76.

10. Ярославцева, А. О, Казанцев, Т.А. (2016). Значение учебной полевой практики по краеведению и туризму для формирования профессиональных компетенций учителя географии и истории. Междунар. научный журнал: Символ науки, 10-2, 187–190.

## ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ТАҶРИБАОМӮЗИИ САҲРОӢ АЗ ФАННИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ БИОЛОГИЯ

Дар мақола муаллиф оиди ба ташаккули фаъолияти илмӣ-тадқиқотии донишҷӯён дар таҷрибаомӯзии саҳроӣ аз фанни методикаи таълими биология маълумот додааст.

Ӯ қайд намудааст, ки таҷрибаомӯзии саҳроӣ яке аз унсурҳои низоми таълими методии омӯзгорониояндаи биология дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ мебошад. Он имкон медиҳад, ки раванди таълиму тарбия бевосита дар табиат амалӣ шуда, донишҷӯён донишҳои назариявии худро дар таҷриба тадбиқ намоянд.

Таҷрибаомӯзии саҳроӣ зимни баргузорӣ дар баробари мақсадҳои таълимӣ барои корҳои тарбиявӣ имкониятҳои назаррас фароҳам меорад. Зимни баргузории таҷрибаомӯзии саҳроӣ дар донишҷӯён муносибати эҳсосӣ ба сарзамини худ бедор шуда, ташаккулёбии шавқи зебоипарастӣ ва ҳамоҳангии унсурҳои табиӣ имконпазир мегардад, бинобар ин хоҳиши нигоҳ доштани онҳо барои наслҳои оянда бедор мешавад. Ҳамаи ин ба ташаккулёбии сифатҳои баланди ахлоқии омӯзгорониояндаи биология мусоидат мекунанд.

Вазифаи асосии таҷрибаомӯзии саҳроӣ аз фанни методикаи таълими биология тайёр намудани омӯзгорони оянда, барои ташкили кори хонандагон дар табиат ва қитъаи таълимӣ-таҷрибавӣ оид ба ҳалли масъалаҳои омодагии экологӣ, кишваршиносӣ, ҳифзи табиат ва ғайраҳо мебошад.

Гузаронидани таҷрибаомӯзии саҳроӣ мазмуни донишҳои назариявӣ ва малакаҳои таҷрибавии донишҷӯёнро васеъ ва амиқтар мекунад.

Дар мундариҷаи таҷрибаомӯзӣ мақсад, вазифаҳо, метод ва усули кор, вазифаҳои тадқиқотӣ инъикос меёбанд. Баъди гузаронидани таҷрибаомӯзии саҳроӣ донишҷӯён ҳуҷҷатҳои ҳисоботии таҷрибаомӯзии гузаронидашударо ба омӯзгор пешниҳод мекунанд ва дар дарси ниҳоӣ иҷрои супоришоти тадқиқотиро ҳимоя мекунанд. Бояд қайд намуд, ки дар муддати кӯтоҳи таҷрибаомӯзии саҳроӣ ҳалли ҳамаи вазифаҳои гузошташуда ва фарогирии ҳамаи бахшҳои фанни методикаи таълими биология ғайриимкон аст. Барои амалӣ намудани фаъолияти тадқиқотии биологӣ ва экологӣ дар табиат саёҳатҳо ташкил карда мешаванд.

***Калидвожаҳо:*** *таҷрибаи саҳроӣ, фаъолияти тадқиқотӣ, экскурсия, донишҷӯ, хонандагон, барномаи таълимӣ, тарбияи экологӣ, кори мустақилона.*

## ФОРМИРОВАНИЕ ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ НА ПОЛЕВЫХ СТАЖИРОВКАХ ПО ДИСЦИПЛИНЕ МЕТОДИКА ПРЕПОДАВАНИЯ БИОЛОГИИ

В статье автор рассказал о формировании научно-исследовательской деятельности студентов на полевых стажировках по методике преподавания биологии.

Он отметил, что полевая практика является одним из элементов методической системы подготовки будущих учителей биологии в высших педагогических учреждениях. Это позволяет процесс обучения осуществляется непосредственно в природе, студенты применяют свои теоретические знания на практике.

Полевая практика в ходе проведения наряду с образовательными целями создает значительные возможности для воспитательной работы. Во время проведения полевого эксперимента у студентов пробуждается эмоциональное отношение к своей земле, становится возможным формирование интереса к красоте и гармонии природных элементов, поэтому пробуждается желание сохранить их для будущих поколений. Все это способствует формированию высоких моральных качеств будущих учителей биологии.

Основной задачей полевой практики по методике преподавания биологии является подготовка будущих педагогов, организация работы учащихся на природе и учебно-экспериментальном континенте по решению вопросов экологической готовности, страноведения, охраны природы и др.

Проведение полевой практики расширяет и углубляет содержание теоретических знаний и практических навыков студентов.

В содержании эксперимента отражаются цель, задачи, методы и приемы работы, исследовательские задачи. После проведения полевой практики студенты представляют преподавателю отчетные документы о проведенной полевой практике и на заключительном занятии защищают выполнение исследовательских заданий. Следует отметить, что за короткий период полевой практики невозможно решить все поставленные задачи и охватить все разделы дисциплины методика преподавания биологии. Для осуществления биологической и экологической исследовательской деятельности организуются экскурсия на природу.

***Ключевые слова:*** *полевая практика, исследовательская деятельность, экскурсия, студенты, учебная программа, экологические воспитание, самостоятельная работа.*

## FORMATION OF RESEARCH ACTIVITIES OF STUDENTS ON FIELD INTERNSHIPS IN THE DISCIPLINE METHODOLOGY OF TEACHING BIOLOGY

In the article, the author spoke about the formation of research activities of students on field internships according to the methodology of teaching biology. He noted that field practice is one of the elements of the methodological system for training future biology teachers in higher educational institutions.

This allows the learning process to be carried out directly in nature, students apply their theoretical knowledge in practice. Field practice during the course, along with educational goals, creates significant opportunities for educational work. During the field experiment, students awaken an emotional attitude towards their land, it becomes possible to form an interest in the beauty and harmony of natural elements, therefore, the desire to preserve them for future generations awakens. All this contributes to the formation of high moral qualities of future biology teachers.

The main task of field practice in biology teaching methods is to train future teachers, organize students' work in nature and on the educational and experimental continent to address issues of environmental preparedness, regional studies, nature conservation, etc.

Conducting field practice expands and deepens the content of theoretical knowledge and practical skills of students. The content of the experiment reflects the purpose, objectives, methods and techniques of work, research tasks. After the field practice, students submit to the teacher the accounting documents on the field practice and defend the completion of research assignments at the final lesson. It should be noted that in a short period of field practice it is impossible to solve all the tasks and cover all sections of the discipline methodology of teaching biology. Nature excursions are organized to carry out biological and environmental research activities.

***Key words:*** *field practice, research activities, field trip, students, curriculum, environmental education, independent work*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Баротзода Камолиддин Ашур дотсенти Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.*

***Сведения об авторе:*** *Баротзода Камолиддин Ашур доцент Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.:(+992) 934050446.*

***Information about the author:*** *Barotzoda Kamoliddin Ashur docent, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel:(+992) 934050446.*

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ДАР МАКТАБИ (СИНФИ) КАМНУФУС

***Лутфуллоева З. М.***

**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

«Муаллим ин хосияти ташаккулро ҳам дар худ ва ҳам дар замири шогирдон тарбия менамояд. Барои ин ӯ пеш аз ҳама ба дониши касбиаш машғул мешавад, ки бе он комёб шудан амрест муҳол. Ва, ниҳоят, барои ба номи муаллимӣ сазовор шудан маҳорати педагогӣ лозим аст, ки баъзан санъати педагогӣ ва ё маҳорату санъати педагогӣ низ мегӯянд, илмест нозук ва мушкил. Ба воситаи ҳаракатҳои баҷо истифодаи забони ширину гуворо, табассум, имою ишора, мимика, талаффузи равон, садои гиро ҷалб намудани талабаҳо ба дарс, бедор намудани шавқу ҳавас ва фаъолияти эҷодию маърифатҷӯии онҳо кори саҳл нест. Шояд барои ҳамин бошад, ки илми педагогикаро санъат ҳам меноманд».

***Муҳаммад Лутфуллозода***

Оре, педагогика ҳам санъат аст, ҳам маҳорат. Чун ин ду хусусият бо ҳам меоянд, мақсад комил мегардад. Хусусан маҳорати педагогии омӯзгор дар синфҳои камнуфус зоҳир мегардад. Саволе пеш меояд, чӣ гуна аст мактаб ё синфи камнуфус, кадом хусусиятҳоро дорост ин гуна мактабу ин гуна синф?

Дар тамоми дунё, аз ҷумла давлатҳои мутараққӣ мактабҳо ё синфҳои камнуфус арзи вуҷуд доранд. Ин гуна мактабҳо ё синфҳо асосан дар деҳот ё ҷойҳои зисти камаҳолӣ ҷойгир мебошанд ва доираи хурди хонандагонро дар бар мегиранд. Албатта Тоҷикистон низ дар ин самт истисно нест, зеро чунин намуди мактабҳо дар мо низ фаъолият менамоянд. Дар ин гуна мактабҳо таълим дар асоси муттаҳид намудани синфҳо ба синфҳои синну соли омехта ба роҳ монда шудааст. Ногуфта намонад, ки маҳз дар ҳамин намуди мактабҳо баъзе проблемаҳои асосии мактаби миёна ҳаллу фасл меёбад. Хусусияти махсуси таълим дар ин мактаб дар як вақт фаро гирифтани ду синф мебошад. Муаллимро лозим аст, ки дар як вақт бо кӯдакони синфҳои гуногун машғулият гузаронида механизми махсуси ташкили таълими фанҳои гуногунро ба роҳ бимонад. Ба назари мо, механизми кор чунин метавон бошад:

1. Барои зиёд кардани ҳаҷми маводи омухташаванда мавзуъҳои таълимиро ба гуруҳҳои калон ҷудо кардан мумкин аст;

2. Барои инкишофи нутқи хонандагон, метавон аз ҳикояҳо, афсонаҳо, шеъру чистону зарбулмасал, диаграммаҳо, амсила (модел) ва дастурҳо истифода кард;

3. Инчунин метавон аз усули таъсиррасонӣ ба хонанда тавассути хонандаи дигар истифода кард;

4. Ба роҳ мондани корҳои мустакилона ва лоиҳаҳо;

5. Иҷрои машқу вазифаҳои гуногун бо истифода аз китоби дарсӣ ва дигар воситаҳои таълим;

6. Истифодаи вазифаҳо ва супоришҳои инфиродӣ. Бо назардошт ва мувофиқа бо Стандарти давлатии таҳсилот, қобилиятҳои инфиродии хонанда, аз ҷумла ба инобат гирифтани хусусиятҳои синнусолӣ.

Дар чунин мактабҳо ба вуҷуд овардани фазои ҳамкорӣ бо оила ва ҳамфикрии ашхоси ба ҳам наздик осон мебошад. Муносибати дӯстона зимни фазои ҳамкорӣ барои ташаккули ҳисси башардӯстӣ, шафқат, ҳамдигарфаҳмӣ заминаи устувор мебошад. Дар чунин мактабҳо барои ташкили муошрати муаллимон бо волидон, иштироки онҳо дар ҳаёти мактаб имкониятҳои васеъ дорад. Ташкил ва гузаронидани вақти холии волидон бо фарзандон ба болоравии сатҳи маърифати равонию педагогии волидон мусоидат менамояд. Масалан, тавассути маҷлиси падару модарон, суҳбатҳо, машваратҳо ва ғайра.

Аммо шакли асосии таълим дар чунин намуди мактабҳо кори мустақилона бо талабагон мебошад. Он низ бояд бо назардошти муайян кардани қобилияту маҳорати талабагон, ба роҳ монда шавад. Ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона риояи талаботи зерин муҳим аст:

-мунтазам истифодаи китоб аз тарафи хонанда

-аниқ баён кардани мақсади кор;

-доираи мазмуни вазифаро муайян намуда, онро дуруст тартиб додан;

-барои иҷрои супоришҳо ҷудо кардани вақти зарурӣ;

-баъди иҷроиш санҷидани натиҷаи кори мустақилона.

Кори мустақилонаи хонандагон қисми ҷудонашавандаи раванди таълим буда, дониши хонандагонро мустаҳкам менамояд. Ҳангоми иҷрои кори мустақилона хотира, тафаккур ва фаъолияти кӯдак инкишоф меёбад. Дар ин раванд дар кӯдак сифатҳои меҳнатдӯстӣ, сари вақт иҷро кардани вазифа, устуворӣ, самаранок анҷом додани кор, масъулиятшиносӣ равнақ меёбад. Бинобар ин омӯзгор бояд кори мустақилонаро дар дарсҳо бештар ташкил намояд. Ба ибораи дигар кори мустақилона шакли асосии таълим дар ин гуна синфҳост.

Мавзӯъҳои кори мустақилонаро бояд тарзе интихоб кард, ки аз он ҳам кори хонанда ва ҳам кори омӯзгор осон гардад. Аз ин рӯ, ташкили корҳои мустақилона ба омӯзгор имконият медиҳад, то ки мавзӯъҳоро такрору мустаҳкам намуда, бо хонандагони синфи дигар корро дуруст ба роҳ монад.

Ташкил намудани фаъолияти таълимӣ бо роҳи мустақилона яке аз роҳҳои басо муҳими ҳалли проблемаҳост. Омӯзгор дар дарс бояд фазои пурмазмунро ба вуҷуд оварад. Инак, раванди таълим дар шароити мактаби камнуфус аз омӯзгор дарки амиқи равонӣ, педагогӣ ва такмили маҳорату малакаи касбиро талаб менамояд. Яъне дар баробари ин омӯзгор бояд дар дарс чунин фаъолиятҳоро ба роҳ монад:

-ташкил кардани кори мустақилона;

-водор сохтани талаба ба фаъолияти таълимӣ бо роҳи ҳавасмандгардонӣ;

-дар амал истифода намудани технологияи интерактивӣ;

-ба вуҷуд овардани мазмун ва фазои эҷодкорона ҳамчун омили муҳими таълими самаранок.

Ташкили кори мустақилонаи талабагони як синф ва ҳамзамон алоқамандии он бо синфи дигар, ё худ назорати он назди омӯзгор вазифаи муҳим мегузорад. Яъне дар хонандагон ташаккул додани малакаи азхудкунии қисмати муайяни маводи таълимӣ бо ёрии ҳар гуна воситаҳои таълим: китобҳои дарсӣ, маводи видеоӣ, компютер, маҳорати таъсиррасонӣ ба супоришҳои алгоритмӣ, ҷудо намудани асоси матн ва ғайра. Ҳамзамон бояд хотиррасон кард, ки ҳангоми дарс омӯзгор бояд вақтро оқилона истифода бурда тавонад, ки дарки амиқи асосҳои равонию педагогӣ ва такмили маҳорату малакаи касбии омӯзгориро талаб менамояд.

Ин нукта дар дастури таълимии И. Каримова ва Б. Мирбобоева «Маслиҳатҳои методӣ оид ба ташкили корҳои таълимӣ дар мактабҳои камнуфус» низ бамаврид гуфта мешавад, ки чанд омилҳои ташкили дарс дар чунин мактабҳо бояд ба эътибор гирифта шаванд:

-роҳ надодан ба сарбории зиёд (аз ҳисоби кам кардани вақт барои таълими меҳнати ҳатмӣ ва интихоби мазмун ва ҳаҷми маводи таълимӣ);

-дар дарсҳо бештар аз 2 маротиба гузаронидани машқҳои дамгирӣ;

-гузаронидани кори мустақилонаи хонандагон;

-ба эътибор гирифтани ҳаҷми кори мустақилона дар раванди кор бо ду ва зиёда синфҳо.

Дар мактаби камнуфуси деҳот вариантҳои зерини ташкили дарсҳо мукаммал гардонида шудаанд:

а) дарси яке аз синфҳо дар ду дарси аввал ба таври алоҳида;

б) дарсҳои мавзӯашон якхела;

в) дарсҳои ҳамаи синфҳо аз як фан дар фосилаи умумии кори якҷоя, дар зери роҳбарии бевоситаи омӯзгор гузаронда мешавад.

Истифодаи варақчаҳо ё худ (карточкаҳо) барои кори мустақилонаи хонандагон, сатҳи азхудкунии малакаҳои умумии таълимӣ ва фанниро хеле баланд мебардорад. Бо талабагон муҳокима намудани ягон мавзуи харитаҳои таълимӣ ва якҷоя тартиб додани онҳо дар мавзуъҳои проблемавӣ фаъолияти психикии мактаббачагонро метезонад.

Муаллим дар ин маврид ба як фан таваҷҷуҳ зоҳир карда, бештар ба суҳбати шифоҳӣ бо хонандагони ҳарду синф вақт ҷудо мекунад, сипас кори мустақилонаро ташкил ва назорат мекунад, онро сари вақт шарҳ медиҳад, кори инфиродиро муштаххас менамояд. Ҳангоми санҷидани дониши хонандагон кори гуруҳиро истифода бурдан мувофиқтар аст. Агар ба фаъолияти мустақилонаи хонандагон афзалият дода шавад, омӯзиш самараноктар мегардад.

Вазифаи муаллим аз он иборат аст, ки фаъолияти худро бо фаъолияти хонандагон дар дарс алоқаманд созад. Инак барои такмили дониш, малака ва маҳорати хонандагон омӯзгорро зарур аст дар давоми 45 дақиқа (бо назардошти хусусиятҳои синфи камнуфус) дарсро чунин тақсимбандӣ намояд:

1. Лаҳзаи ташкили дарс - 2 дақ.

II. Омода кардани хонанда ба омӯзиши мавод - 3 дақиқа.

III. Санҷиши вазифаи хонагӣ - 5 дақиқа

IV. Баёни мавзуи нав. Кори инфиродӣ бо хонандагон аз рӯи китоби дарсӣ, супориш бо варақчаҳо ва ғайра. Кори мустақилона, мисол навиштани матни хурд (эссе), ё иншои хурд, савол ва супоришҳои гуногун 7 дақиқа.

VI. Мустаҳкамкунии мавзӯи нав. Иҷрои супоришҳо, таҳлили матни хондашуда, иҷрои корҳои тестӣ - 15 дақ.

Санҷиши азхудкунии мавзӯи нав. Кор бо хатоҳо. 10 дақ.

VI1.Супориши вазифаи хонагӣ. 3 дақиқа.

Дар мактаби камнуфус ҳангоми омодагӣ ба дарки маводи нав кори мустақилонаи хонанда бояд бартарӣ дошта бошад: кор бо китоби дарсӣ, мушоҳидаи ҳодисаҳои забонӣ бо истифода аз ҷадвал бо сабти натиҷаҳои мушоҳида, аз назар гузарондани расмҳо бо супориши муштаххас ва ғайра. Мушоҳида ва таҳлили маводи таълимӣ аз тавзеҳоти омӯзгор оғоз мешавад, ки дар он мақсад, вазифаҳо ва усулҳои татбиқи он нишон дода шудааст. Минбаъд, вазифаи муаллим, ки дар хоҳиши ҷалб намудани диққати талаба ба ҳодисаҳо, факту далелҳо, намунаҳо барои саҳеҳ хулосабарорӣ кардан, бо ёрии саволҳо ба хулосае омадан, қабули пешниҳодҳо, саволҳо ки хаттӣ ифода ёфтааст, дар тахтаи синф пешакӣ навиштани таклифҳо нишон дода мешавад.

Моҳияти ташкили дарси фанни якҷоя, ки дар шароити ҳамгироии амудӣ маъмул аст, дар моҳирона якҷоякунии кори инфиродии омӯзгор бо хонандагони алоҳида бо фаъолияти мустақилонаи мактаббачагон, кор дар ду синф бо таълими усули ҳамгиро ифода меёбад.

Андухтани дониш бо тарзи ба роҳ мондани кори мустақилона чанд бартариҳо дорад:

1.Дониш, маҳорат ва малакаи талабагон пай дар пай мувофиқи низоми муайян сурат мегирад.

2.Дониши ҳосил карда устувор ва мустаҳкам мегардад.

3.Хонандагонро ба дархости ҳаёт хубтар омода месозад.

4.Ҳозирҷавобии талабагонро метезонад.

Афзалияти дарсҳои ҳамгиро аз он ибрат аст, ки аз бисёр ҷиҳат барои инкишофи нутқ ёрӣ расонда, инчунин малакаи муқоисакунӣ, хулосабарорӣ, ҷамъбастнамоӣ, сермаҳсул кардани раванди таълиму тарбияи хонандагонро ташаккул дода, аз хасташавӣ ва серкорӣ дур месозад. На танҳо тасаввуротро дар бораи фан, балки ҷаҳонбиниро васеъ гардонда, инкишофи қобилияти зеҳниро мусоидат менамояд.

Вазифаи муаллим дар дарс таъмин намудани робитаи дидактикӣ байни фаъолияти омӯзгор ва фаъолияти хонандагон мебошад. Таҷрибаи педагогӣ, ташкили мунтазами раванди таълиму тарбия дар мактаби (синфи) камнуфус дар мадди аввал меистад. Он барои ҷавобгӯ будан ба талаботи замон нерӯи зеҳнӣ ва ҷисмониро талаб мекунад ва таъкид менамояд, ки омӯзгор самаранок аз маводи ёрирасон истифода намуда, натиҷаҳои назаррасро ноил гардад.

Ҳамин тариқ, омӯзгор дар вақти ташкил намудани машғулият бояд лаҳзаҳои зарурии дар боло зикршударо ба назар гирифта, мувофиқи онҳо кори худро дуруст ба нақша

дарорад. Масалан, дар синфи якум дар аввали сол, вақте ки талабагон ҳанӯз малакаи мустақилона кор карданро надоранд, машғулиятро дар ин синф чунин ба нақша бояд гирифт, ки дарсҳои аввалини забони модарӣ (таълими савод, инкишофи нутқ) қариб тамоман бо роҳбарии бевоситаи омӯзгор гузаронида шаванд. Талабагони синфи сеюм бошанд, дар ин вақт (пас аз суҳбати хеле мухтасари муаллим) бо кори мустақилона машғул шаванд. Омӯзгор лаҳзаҳои бештари дарсро бо хонандагони синфи якум мегузаронад. Яъне омӯзгор бо талабагони як синф 10 дақиқа кори мустақилона медиҳад ва пас аз иҷрои он бо онҳо 15 дақиқа машғулият мегузаронад. Баъд аз он боз 10 дақиқа кори мустақилона месупорад ва ниҳоят барои санҷидани он 10 дақиқа вақт ҷудо мекунад. Ҳамин тариқ, омӯзгор ба кори бевоситаи худ бо толибилмон 25 дақиқа, ба машғулияти мустақилонаи онҳо бошад 20 дақиқа, яъне чӣ қадаре ки дар ҷадвал вақт нишон дода шудааст, ҳамон қадар вақт сарф мекунад.

Муаллим ҳангоми супоридани кори мустақилона бояд ба ҳисоб гирад, ки хонандагон вазифаро дар чанд вақт иҷро мекунанд. Ва ин муддат ба вақти дар нақшаи дарсӣ нишон додашуда мувофиқ аст ё не. Агар хонандагон кори мустақилонаро аз муддати муқарраршуда пештар иҷро кунанд, муаллим метавонад боз вазифаи иловагӣ супорад.

Новобаста ба шумораи хонандагон дарсҳо бояд дар синфи якум 35 дақиқа ва дар синфҳои 2 – 4 дар ҳаҷми 45 дақиқа гузаронида шаванд.

Дарс дар гурӯҳҳои синну соли гуногундошта ба хонандагон имконият медиҳад, ки ҳангоми иҷрои супоришҳо гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро ба фаъолияти худ ҷалб намоянд: калонсолон масъулияти рафиқони хурдсоли худро ба дӯш доранд, муаллимон ташкилкунандаи кор дар гурӯҳҳо мебошад ва амсоли инҳо. Дар чунин дарсҳо маҳорати иртиботии онҳо ташаккул меёбад. Кӯдакон бахудназораткунӣ, маҳорати мустақилона «дастрас намудани дониш» ҷамъбаст намудани он ва хулосабарориро меомӯзанд.

Ғайр аз ин бояд ба назар гирифт, ки дарс дар байни хонандагони  синну соли омехта (синфҳои 1 ва 3) барои иҷтимоъшавии кӯдакон ба ҳаёт, фаъол будан дар дарсҳо, аз байн бурдани монеаи шарму тарс, тарбияи зеҳнию фикрӣ замина мегузорад. Яъне кӯдаки ҳафтсола вақте дар баробари хонандаи синфи 3 таҳсил мекунад, саркарда аз рафтору кирдор, одоби либоспӯшӣ, риояи реҷа, озод баён кардани фикр, посух ба саволҳо, мустақил иҷро кардани вазифаву супоришҳо, дӯстию рафоқат байни хонандагон ва ғайраро мушоҳида карда, кӯшиш менамояд, дар худ низ чунин сифатҳоро инкишоф диҳад. Ҳамчунин хонандаи синфи 3 дар баробари худ кӯдаки хурдтарро дида, кӯшиш мекунад, ки ба ӯ дар азхудкунии дарсҳо мадад расонад, дар симои ӯ шояд додар ё хоҳари худро мебинад, хайрхоҳона рафтор карда, омода аст ҳамеша кӯмак расонад, ҳамчун идеал худро нишон диҳад. Яъне калонсолон масъулияти рафиқони хурдсоли худро ба дӯш доранд, омӯзгорон ташкилкунандаи кор дар гурӯҳҳо мебошанд ва хурдсолон низ ба чунин навъи таълим омӯхта шуда, тезтар ӯҳдадориҳои худро эҳсос менамоянд.

Ин имконият табиатан дар радифи далелҳое қарор дорад, ки имрӯз худи мактаб ва атрофиёни он, масъулини маориф онҳоро барои ташаккули иҷтимоии кӯдакон ва таълимгирандагони мактаби камнуфуси деҳот зарур меҳисобанд.

Яъне новобаста аз мушкилоти имрӯза омӯзгорони мактабҳои камнуфус бояд бо дониши кофӣ мусаллаҳ гашта, ҳаҷми донишҳоеро, ки стандарти таҳсилоти ибтидоӣ муқаррар кардааст, дар доираи соатҳои муайяншуда ба хонандагон дастрас намоянд.

Масъулини соҳа, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф, дафтари методии идора ва шуъбаҳои маориф ва дигар муассисаҳои илмию методиро зарур аст, ки бо чунин навъи мактабҳо робитаи қавӣ пайдо намуда, зуд – зуд аз аҳволи таълиму тарбияи таълимгирандагон, мушкилоти омӯзгорон, шароит ва ҳолати мактабҳо, дастрасии маводи илмию методӣ, китобҳои дарсӣ, методи таълим ва ғайра бохабар бошанд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар Пажуҳишгоҳи рушди маориф хушбахтона шуъбаи мактабҳои камнуфус дар амал аст, ки дар он чанд нафар мутахассисони соҳа кору фаъолият менамоянд. Онҳо тибқи нақшаи шуъба соле ду - се маротиба ба мактабҳои камнуфус сафари корӣ анҷом дода, дар навбати худ ба омӯзгорон ёрии илмию методӣ мерасонанд, дар дарсҳои омӯзгорон ширкат карда, маслиҳатҳои судманд медиҳанд, ҳамзамон семинару конференсияҳо барпо намуда, сари мушкилоти соҳа соате чанд суҳбат менамояд. Омӯзгорон низ ташнаи чунин вохӯриҳо ва кумакҳои методӣ буда, аз ин ташрифҳо хеле хурсанд мешаванд, дастуру китобҳои мутахассисони соҳаро ҳамчун тухфа қабул намуда, изҳори сипос намуда, хоҳиш менамоянд, ки чунин вохӯриҳою ҷамъомадҳо зиёдтар ташкил карда шаванд. Вале чуноне мегӯянд, ин ҳама қатраест аз баҳр.

**АДАБИЁТ:**

1.Мирбобоева Б. «Таълим дар мактаби камнуфус» (дастури методӣ), Душанбе – 2018, 66 саҳифа.

2.И. Каримова., Б. Мирбобоева. Маслиҳатҳои методӣ оид ба ташкили корҳои таълимӣ дар мактабҳои камнуфус. (дастури таълимӣ – методӣ), Душанбе – 2018, 62 саҳифа.

3.Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халки тоҷик - Душанбе.:Ирфон, 2001. - 318с.

4.Шарифзода Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ.- Душанбе, Ирфон, 2010.- 543 с.

5.Раҳимов Б., А. Нуров. Педагогикаи этникӣ ва ахлоқии мардуми тоҷик. Душанбе,2008.

## ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ДАР МАКТАБИ (СИНФИ) КАМНУФУС

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи мактаб (синфҳои) камнуфус рафта, муаллиф кӯшиш намудааст, нозукиҳои раванди таълиму тарбияро дар он инъикос намояд. Инчунин қайд карда мешавад, ки дар ин гуна мактабҳо таълим дар асоси муттаҳид намудани синфҳо ба синфҳои синну соли омехта ба роҳ монда шудааст, яъне хусусияти махсуси таълим дар ин мактаб дар як вақт фаро гирифтани ду синф мебошад.

Ногуфта намонад, ки баъзан маҳз дар ҳамин намуди мактабҳо баъзе проблемаҳои асосии мактаби миёна ҳаллу фасл меёбад.

***Калидвожаҳо:*** *мактаб (синфи) камнуфус, таълиму тарбия, маориф, омӯзгор, хонанда, мушкилот, маҳорат, дониш.*

## ОСОБЕННОСТИ ОРГАНИЗАЦИИ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОГО ПРОЦЕССА В МАЛОКОМПЛЕКТНЫХ ШКОЛАХ (КЛАССАХ)

В данной статье речь идёт о малокомплектных школах (классах), и автор постарался отразить нюансы образовательного процесса в ней. Отмечается также, что обучение в таких школах основано на объединении классов в разновозрастные классы, то есть особенностью обучения в этой школе является включение двух классов одновременно. Само собой разумеется, что иногда именно в школах такого типа решаются некоторые основные проблемы средней школы.

***Ключевые слова:*** *малокомплектная школа (класс), образование, воспитание, учитель, ученик, проблема, умение, знание.*

## FEATURES OF ORGANIZING THE EDUCATIONAL PROCESS IN SMALL-CAPACITY SCHOOLS (CLASSES)

This article is about small-capacity schools (classes), and the author tried to reflect the nuances of the educational process in it. It is also noted that education in such schools is based on combining classes into mixed-age classes, that is, a feature of education in this school is the inclusion of two classes at the same time. It goes without saying that sometimes it is in schools of this type that some of the main problems of secondary school are solved.

***Key words:*** *small-capacity school (class), education, upbringing, teacher, student, problem, skill, knowledge.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Лутфуллоева Зарина, мутахассиси шуъбаи мактабҳои камнуфус ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии таҳсилоти ақаллиятҳои миллии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. тел:00141646*

***Сведения об авторе:*** *Лутфуллоева Зарина, специалист отдела малокомплектных школ и пересмотра и совершенствования стандартов, учебных программ и учебников для образования национальных меньшинств, Институт развития образования имени Абдурахмона Джоми Академии образования Таджикистана. Тел: 00141646*

***Information about the author:*** *Lutfulloeva Zarina, specialist in the department of small-capacity schools and revision and improvement of standards, curricula and textbooks for education of national minorities, Abdurakhmon Jomi Education Development Research Institute, Academy of Education of Tajikistan. tel: 00141646*

## ВЛИЯНИЕ УСПЕВАЕМОСТИ СТУДЕНТОВ НА ФУНКЦИОНАЛЬНОЕ СОСТОЯНИЕ СЕРДЕЧНО СОСУДИСТОЙ СИСТЕМЫ

***Исмоилова С. И.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Основным показателем определения компетентности студента как обучающегося является успеваемость. Академическая успеваемость - это способность учащегося понимать, запоминать и, при необходимости, применять полученные знания.

На успеваемость студента влияют не только приобретенные им знания, умения и навыки, но и достижение внутреннего личностного совершенства, приобретение социальной компетентности, положительные достижения в профессиональной деятельности и востребованность на рынке труда. Факторы окружающей среды также влияют на эффективность умственной деятельности.

Проблеме успеваемости посвятили свои исследования многие учёные, в том числе Т.В. Гадай, Н.Ф. Талызина, Б.Г. Ананьев, Ю.В. В. Братчикова, Ю.А. Самарина и другие.

Благодаря учебной деятельности происходит повышение напряжения нервной системы и возникновение гиподинамии, что отрицательно влияет на память, мышление, восприятие, внимание и анализ.

По данным Т. Н. Семенковой и соавт. [7], условия учебной деятельности определяют как умственные способности, так и успеваемость обучающегося.

Работа и острая нехватка времени в начале обучения в вузе требуют от студента овладения культурой умственного труда.

Успех в образовании, как и в любом виде деятельности, определяется состоянием психики и подвижностью личности.

Высокая умственная нагрузка вызывает увеличение нагрузки на центральную нервную систему и изменение сроков психических процессов.

По мнению А. А. Гуминского [2], особенностями периода сдачи зачетов и экзаменов являются такие факторы, как повышенная умственная работа, высокое нервное напряжение, повышение концентрации адреналина и норадреналина в крови.

Состояние здоровья организма студента определяет его успехи в учебной деятельности. Успеваемость студента складывается из совокупности многих факторов, в том числе его умственных и профессиональных способностей, особенностей характера, темперамента, интересов, способностей к различным видам деятельности, состояния сознания и возможностей физиологических систем организма.

Состояние систем организма, а также особенности содержания и технологии обучения определяют успех студента в учебе.

Основными факторами, влияющими на состояние систем организма, являются длительное сидение за столом, стрессы, негативные эмоции, напряженная работа при нехватке времени, повышенная ответственность за успешность получения знаний.

В связи с этим выявление функционального состояния сердечно-сосудистой системы девочек с разной успеваемостью имеет важное значение.

Для сбора экспериментального материала были использованы 34 клинически здоровые студентки дневного отделения биолого-химического факультета.

Испытуемые были разделены на три группы в зависимости от их среднего балла по книжке. В каждой группе было от 7 до 16 девушек.

Для анализа функционального состояния сердечно-сосудистой системы использовали частоту сердечных сокращений (ЧСС), систолическое (АД) и диастолическое артериальное давление (АД) и рассчитывали показатели: пульсовое давление (ПД); среднее динамическое артериальное давление (АДсрдин); систолический объем крови (СОК); минутный объем крови (MBV); общее периферическое сосудистое сопротивление (ОПСС); коэффициент эффективности кровообращения (КЭК); коэффициент выносливости (EF).

Для биометрического контроля экспериментального материала использовали программу «Биостатистика».

Состояние сердечно-сосудистой системы девушек с разной успеваемостью представлено в таблице 1 и рисунках 1-2.

**Таблица 1.** Сердечно-сосудистая система студенток

| Журнал успеваемости счет | Индикаторы | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Частота сердцебиени, ударов в минута | кровь давление, мм Hq Арт. | ДОБАВ, мм рт. ст. Искусство. | Возраст в ГОДЫ |
| Три | 72,2±1,61 | 115,7±2,54 | 75,1 ±1,69 | 19,2±0,23 |
| Четыре | 73,9±1,35 | 118,2±2,13 | 76,9±1,40 | 19,5±0,23 |
| Пять | 76,4±2,36 | 122,1 ±3,37 | 79,5±2,20 | 19,6±0,35 |




**Рисунок 1.** Сердечно-сосудистая система девушек с разной успеваемостью.

Данные таблицы и рисунков показывают, что увеличение среднего балла студенток сопровождается незначительным увеличением частоты сердечных сокращений, артериального давления и артериального давления.

Так, частота сердечных сокращений у студенток с хорошей и отличной успеваемостью выше на 1,7 и 4,2 удара в минуту относительно уровня контрольной группы.




**Рис.** 2. Состояние сердечно-сосудистой системы студенток в зависимости от успеваемости.

Уровень артериального давления у студенток с хорошей и отличной успеваемостью выше на 2,5 и 6,4 мм рт. ст. Искусство, в отношении ценностей студентов являются удовлетворительными.

Значение СДВ на 1,8 мм рт. ст. выше у девочек, получивших оценку «4». ст., а «пять» - 4,4 по сравнению с уровнем студентов контрольной группы.

Показатели функционального состояния сердечно-сосудистой системы студенток с различной успеваемостью представлены в таблицах 2-3 и рисунках 3-4. Анализ полученных результатов показывает, что показатели функционального состояния сердечно-сосудистой системы между группами девушек существенно не различаются. Средние уровни ПД находятся в пределах физиологическая норма. Значение артериального давления в группе отличников выше физиологической нормы.

**Таблица** 2.Уровень HR, APsrdin, SBV и ЮС у студенток разной успеваемости.

Производительность

| Журнал успеваемости счет | Индикаторы | | | |
|---|---|---|---|---|
| | ПД в мм рт.ст. Искусство. | АДсрдин в мм рт.ст. Искусство. | СБВ (мл) | МБВ (л/мин) |
| Три | 40,6±0,88 | 92,2±2,05 | 64,7±0,64 | 4,66±0,065 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Четыре | 41,3±0,72 | 94,2±1,71 | 63,4±0,54 | 4,67± 0,047 |
| Пять | 42,6±1,17 | 98,8±2,16 | 62,8±0,70 | 4,79±0,103 |

В группе студенток, успевших хорошо и отлично, уровень ПП был выше на 0,7 и 2,0 мм рт.ст. ст., АД на 2,0 и 6,6 мм рт.ст. ст., МБВ на 0,01 и 0,13 л/мин относительно исходных значений.

Уровень СОК и ТПСС во всех группах соответствует норме. У девочек, достигших «пятерки», значение КОК на 1,9 мл меньше по сравнению с достигшими «тройки».

Значение ОПСС для группы студенток с отличной успеваемостью выше на 44 дин-с-см-5, а уровень КЭК на 326 выше по сравнению с уровнем девушек с удовлетворительной успеваемостью.

У всех экспериментальных групп девушек среднее значение ЕЭК превышает верхний уровень нормы, что является показателем наличия утомления.

Разница в уровне ФВ между группами составляет всего 0,1. Показателем детренированности сердечно-сосудистой системы студенток является то, что средние значения CV для экспериментальных групп выше нормы.

**Таблица 3**.Влияние успеваемости на функциональное состояние сердечно-сосудистой системы девочек

| Индикаторы | Средний балл по книжке | | |
|---|---|---|---|
| | Три | Четыре | Пять |
| TPVR в дина с см-5 | 1515±16,4 | 1547±13,5 | 1559±16,6 |
| ЦИК | 2945±127,6 | 3067±108,9 | 3271 ±187,4 |
| ЭФ | 17,8±0,07 | 17,9±0,03 | 17,9±0,11 |

В группе студенток, успевших хорошо и отлично, уровень пульсового давления (ПД) был выше на 0,7 и 2,0 мм рт. ст. ст., АД на 2,0 и 6,6 мм рт.ст. ст., минутный объем крови на 0,01 и 0,13 л/мин относительно исходных значений.

Уровень систолического объема крови (СОК) и общего периферического сопротивления сосудов (ОПСС) во всех группах соответствует норме. У девочек, достигших «пятерки», значение СБВ на 1,9 мл меньше по сравнению с достигшими «тройки».

Значение общего периферического сопротивления сосудов (ОПСС) в группе студенток с отличной успеваемостью выше на 44 дин-с-см-5, а уровень коэффициента эффективности кровообращения (КЭК) на 326 выше по сравнению с уровнем девочки с удовлетворительной успеваемостью.

У всех экспериментальных групп девушек среднее значение ЕЭК превышает верхний уровень нормы, что является показателем наличия утомления.

Разница в уровне коэффициента выносливости (KB) между группами составляет всего 0,1. Показателем детренированности сердечно-сосудистой системы студенток является то, что средние значения CV для экспериментальных групп выше нормы.

**Таблица 4.** Влияние успеваемости на функциональное состояние сердечно-сосудистой системы школьников.

Девушки

| Индикаторы | Средний балл по книжке | | |
|---|---|---|---|
| | Три | Четыре | Пять |
| TPVR в дина с см-5 | 1515±16,4 | 1547±13,5 | 1559±16,6 |
| ЦИК | 2945±127,6 | 3067±108,9 | 3271 ±187,4 |
| ЭФ | 17,8±0,07 | 17,9±0,03 | 17,9±0,11 |

Другие авторы получили такие же результаты в своих исследованиях. Так, по мнению Н.Я. Прокопьев и др. [5], учебная деятельность сопровождается увеличением частоты сердечных сокращений, артериального давления и артериального давления.

В состоянии покоя частота сердечных сокращений выше нормы у 69,1% девочек и 42,2% мальчиков, свидетельствуют данные Е. А. Захарин [4]. Повышенное воздействие стресса вызывает увеличение частоты сердечных сокращений [11]. По данным Г.М. Гусевой

[3], в процессе учебной деятельности у студентов повышенное артериальное давление повышается со 116,5 до 122,4 мм рт. ст. Искусство.

По-видимому, повышение активности сердечно-сосудистой системы студентов при улучшении их успеваемости обусловлено увеличением нервно-психического напряжения и снижением двигательной активности. По данным А.А. Артеменко [1 ] и Е.А. Штриха [10], среди студенческой молодежи широко распространены гиподинамия, низкая физическая подготовленность и плохое состояние здоровья.

По данным А. Н. Шараповой [9], состояние сердечно-сосудистой системы студентов значительно улучшалось при увеличении физической активности в процессе их адаптации к умственной деятельности.




O2000 4000 6000

**Рис. 3**. Функциональное состояние сердечно-сосудистой системы девушек с разной успеваемостью в

Соловьева В.Н. [8] установила снижение напряжения адаптационных механизмов и увеличение адаптационных резервов систем, снабжающих организм кислородом, при повышении физической активности.




**Рис. 4**. Зависимость функционального состояния сердечно-сосудистой системы от успеваемости студенток.

В процессе учебной деятельности у студентов снижаются функциональные возможности сердечно-сосудистой и дыхательной систем [6].

Таким образом, результаты исследования показывают, что в процессе повышения успеваемости девушек происходит незначительное повышение уровня пульсового давления (ПП), среднего динамического артериального давления (А. Дордин), минутного объема крови (МКО), сосудистого сопротивления. (ОПСС) и коэффициента эффективности кровообращения (КИК), незначительное снижение значения систолического объема крови (СОК), а значение коэффициента выносливости (КВ) не изменяется.

1. Уровень пульса, артериального давления и артериального давления у девушек с максимальной успеваемость превышает на 5,8%, 5,5 и 5,9 соответственно по сравнению со значениями студентов с удовлетворительной успеваемостью.

2. Увеличение значения ПП у студенток с максимальным академическим работоспособность составила 4,9%, среднее динамическое АД - 7,2%, относительно исходного уровня.

3. У девушек, показавших отличные результаты, значение систолического объема крови (СОК) составляет 2,9%. ниже по сравнению с ценностью тех, кто работает удовлетворительно.

4. Величина минутного объема крови (МКО) и сосудистого сопротивления (ВРС) у женщин. У студенток с максимальным средним баллом в учебнике выше уровень девушек контрольной группы на 2,8 и 2,9 % соответственно.

5. Увеличение значения коэффициента эффективности кровообращения (КЭК) и коэффициент выносливости (КВ) у отличников составил 11,1 и 0,6 % по сравнению с исходным значением.

Состояние здоровья организма студента определяет его успехи в учебной деятельности. Успеваемость студента складывается из совокупности многих факторов, в том числе его умственных и профессиональных способностей, особенностей характера, темперамента, интересов, способностей к различным видам деятельности, состояния сознания и возможностей физиологических систем организма.

Состояние систем организма, а также особенности содержания и технологии обучения определяют успех студента в учебе.

Основными факторами, влияющими на состояние систем организма, являются длительное сидение за столом, стрессы, негативные эмоции, напряженная работа при нехватке времени, повышенная ответственность за успешность получения знаний.

В связи с этим выявление функционального состояния сердечно-сосудистой системы девочек с разной успеваемостью имеет важное значение.

Для сбора экспериментального материала были использованы 34 клинически здоровые студентки дневного отделения биолого-химического факультета.

Испытуемые были разделены на три группы в зависимости от их среднего балла по книжке. В каждой группе было от 7 до 16 девушек.

Для анализа функционального состояния сердечно-сосудистой системы использовали частоту сердечных сокращений (ЧСС), систолическое (АД) и диастолическое артериальное давление (АД) и рассчитывали показатели: пульсовое давление (ПД); среднее динамическое артериальное давление (АДсрдин); систолический объем крови (СОК); минутный объем крови (MBV); общее периферическое сосудистое сопротивление (ОПСС); коэффициент эффективности кровообращения (КЭК); коэффициент выносливости (EF).

**ЛИТЕРАТУРА:**

1.Артеменко АЛ., Концепция оптимизации функционального состояния и повышения адаптационных возможностей человека //А.Л Артеменко. Москва, 368 (2015).

2.Гуминский АЛ., Возрастная физиология.// А.Л. Гуминский. М. 239 (1971).

3.Гусева Г.М. Проблемы дезадаптации студентов в профессиональном образовании.//М.Г. Гусева. М.1, 47-50 (2007).

4.Захарина Е.А. Анализ физического здоровья студентов классического частного вуза.// Е.А. Захарина. М.7, 61-64 (2009).

5.Прокопьев Н.Я. Адаптация тюменских студентов к обучению в вузе // Н. Я.Прокопьев.М., 20 (237), 12-17(2011).

6.Проскурякова Л.А., Научное обоснование разработки программы формирования здорового образа жизни и профилактики неинфекционных заболеваний в период профессиональной подготовки студентов// Л.А.Проскурякова. М.11(236), 14-16(2012).

7.Семенкова Т. Н. Факторы «риска», влияющие на здоровье студентов в процессе обучения. // Т.Н.Семенкова. М.2, 98-106 (2011)

8.Соловьев В. Н. Умственная и физическая работоспособность студентов как фактор адаптации к образовательному процессу.// В. Н.Соловьев. М.8, 69-72 (2004).

9.Шарапов А. Н. Кратковременная адаптация сердечно-сосудистой системы детей 5-7 лет к психическим нагрузкам.// А.Н.Шарапов. М.**3б(3),** 74-81 (2010).

10.Штих Е.А., Особенности формирования оценки физического здоровья студенток//Е. А. Штих.М.8, 63-64 (2008).

11.Биро Э. Детерминанты психического благополучия студентов-медиков.//Э. Биро. М. 45(2), 253-258 (2010).

12.Бубновская О.В., Крюгер Н., Гуторов И.И., Менеджер.// О.В.Бубновская, Н. Крюгер, И. И. Гуторов. М.13(1), 2-19(2022).

**ВЛИЯНИЕ УСПЕВАЕМОСТИ СТУДЕНТОВ НА ФУНКЦИОНАЛЬНОЕ СОСТОЯНИЕ СЕРДЕЧНО- СОСУДИСТОЙ СИСТЕМЫ.**

В статье раскрыто функциональное состояние сердечно-сосудистой системы студенток, имеющих разные оценки в табеле. Из оценки результатов нашего исследования можно сделать вывод, что успеваемость не приводит к существенным изменениям показателей функционального состояния сердечно-сосудистой системы девушек. Так, у студенток с наиболее высокой успеваемостью значение АД увеличивалось до 42,6 мм рт. ст. ст., АДордин до 98,8 мм рт.ст. Искусство, и МОК до 4,79 л/мин, а

у девочек контрольной группы - 40,6; 92,2 и 4,66 соответственно. Уровень СОК снизился в группе отличников до 62,8 мл, а у добившихся удовлетворительных результатов - 64,7. Уровень ОПСС и ЦИК в группе студенток со средним баллом зачетной «пятерки» увеличился до 1559 дин-С'СМ-5 и 3271, а «тройки» составил 1515 и 2945. Значение CV между группами колебалась от 17,8 до 17,9 условных единиц.

***Ключевые слова:*** *успеваемость, коэффициент, кровообращение, понятие, функция, группа, студент,сердечно –сосудистой, состояние, результат,артериально, изменения, уровень, система, показатель.*

## ТАЪСИРИ ДАВОМОТИ ДОНИШҶӮЁН БА ВАЗЪИЯТИ ФУНКЦИОНАЛИИ СИСТЕМАИ ДИЛУ РАГҲО

Чи хеле, ки маълум аст давраи ҷавони инкишофёбанда дар раванди онтогенез диққати олимони касбиятҳои гуногунро ба худ ҷалб мекунанд. Дар ин синну сол тағйирёбии морфологӣ ва функсионалӣ балоғатрасии узвҳои ҷинсӣ муътадилгардии вай пайдошавии фенотип ва генотип мушоҳида мегардад. Ин давра ба хатми мактаб, таҳсил дар мактаби олӣ рост меояд, ки яке аз омилҳои муҳими иҷтимоӣ, ба ҳисоб рафта ба ҳолати функсионалии организм таъсир мерасонад.

Донишҷӯён – яке аз ҳайати махсус дар байни аҳолӣ, ҳолати саломатиашон, ки ҳамчун нишондиҳандаи хуби иҷтимоӣ ва таълими тиббӣ дошта давраи пешина ва инчунин тағирёбии сиҳатии аҳолӣ дар солҳои баъдина ба ҳисоб меравaнд.

Мувофиқи таҳқиқ таи соли охир камшавии саломатии донишҷӯён ба назар мерасад, ки ҷойи махсусро дараҷаи муайянкунии манфии функсионалӣ ва бемориҳои музмин ба ҳисоби миёна то 20-40 фоиз-ро ташкил мекунад дарбар мегирад.

Асоси онро бемориҳои асаби – равонӣ, дилу – рагҳо, хусусан аъзои нафаскашӣ ташкил мекунад. Новобаста ба ин дар сарчашмаҳои дастраскардаи мо маълумот оид ба ҳолати функсионалии –дилу рагҳо ва системаи нафаскашии донишҷӯёне, ки дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд ва таҳлили он махсусияти вай вобаста аз ҷинс, синну сол, ҷойи истиқомати доимӣ ва типи соматикӣ нисбатан кам во меҳӯрад ва имконият намедиҳад, ки оиди характер ва мӯҳлати пайдошавии нафаскашии беруна, системаи дилу – рагҳо барои одамони солим ва ҷавон аз ҳисоби ҷинс, типи сатҳи бадан ва шароити зисту зиндагӣ муайян карда мешавад. Бинобар ин мақсади таҳқиқ ин муайян намудани ҳолат ва динамикаи барқароршавии нафаскашии беруна ва системаи дилу рагҳои донишҷӯён дар ҷараёни таълим мебошад.

Барои ин усулҳои гуногуни таҳқиқ ба монанди сабти ҳаракатҳои нафаскашӣ бо асбоби спирометри универсалӣ ва навиштани он – спирография барои муайян намудани набз фишори артериявӣ ва дигар нишондиҳандаҳои вегетативӣ, электракардиограф истифода бурда мешавад.

***Калидавожаҳо:*** *раванд,системаи дилу рагхо,фишори артериявӣ, функсионалӣ, типии сатхи бадан, нишондихандаи хуби ичтимоӣ, набз, неру, тахкик, равонӣ,беморихои асабӣ,сарчашмаҳои дастрас.*

## INFLUENCE OF STUDENTS' ACADEMIC CLASSES ON THE FUNCTIONAL STATE OF THE CARDIOVASCULAR SYSTEM.

The article reveals the functional state of the cardiovascular system of female students with different grades in the grade book. From the evaluation of the results of our research, we can conclude that academic performance does not lead to significant changes in the indicators of the functional state of the cardiovascular system of girls. Thus, in female students with the highest academic performance, the AP value increased to 42.6 mm Hg. Art., ADsrdin up to 98.8 mm Hg. Art. and IOC up to 4.79 1 / min, and in the control girls it was 40.6; 92.2 and 4.66 respectively. The level of SOC decreased in the group of excellent students to 62.8 ml, and in those who achieved satisfactory results it was 64.7. The level of OPSS and CEC in the group of female students with an average score of the record book "five" increased to 1559 dynscm-5 and 3271, and "three" amounted to 1515 and 2945. The value of CV between the groups ranged from 17.8 to 17.9 conventional units.

The main indicator of determining a student's competence as a learner is academic performance. Academic performance refers to the student's ability to understand, remember and, if necessary, apply acquired knowledge.

A student's academic performance is influenced not only by the knowledge, skills and abilities he has acquired, but also by the achievement of internal personal perfection, the acquisition of social competence, positive achievements in professional activities and demand in the labor market. Enviromnental factors also influence the efficiency of mental activity.

Many scientists have devoted their research to the problem of academic performance, including T.V. Gadai, N.F. Talyzina, B.G. Ananyev, Yu. V. Bratchikova, Yu.A. Samarina and others.

Thanks to educational activities, there is an increase in tension in the nervous system and the occurrence of physical inactivity, which negatively affects memory, thinking, perception, attention and analysis.

***Key words:*** *Indicators, functional, state cardiovascular system ,of female, students, with different, academic performance, Analysis ,of the results obtained, cardiovascular system between, the groups ,of girls ,do not differ significantly. Average, levels are within, the physiological norm. The value of blood pressure, in the group of excellent, students is higher than the physiological norm.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Исмоилова Салима Ибрагимовна, унвонҷӯи кафедраи физиологияи одам ва ҳайвоноти факултети биология, ДМТ. E-mail: salima.ismoilova@mail.ru Телефон: 905-07-54-54.*

***Сведение об авторе:*** *Исмоиловой Салима Ибрагимовна, соискатель кафедры физиология человека и животных биологического факултета, Таджикского национального университета. E-mail: salima.ismoilova@mail.ru Телефон: 905-07-54-54.*

***Information about author:*** *Ismoilova Salima Ibragimovna, applicant of the Department of Human and Animal Physiology, Faculty of Biology, Tajik National University. E-mail: salima.ismoilova@mail.ru tel: 905-07-54-54.*

# НАҚШИ ДАРСИ « МУСИҚӢ ВА СУРУД» ДАР ТАШАККУЛИ ҶАҲОНИ МАЪНАВИИ НАВРАСОН ВА ҶАВОНОНИ ҶОМЕАИ МУОСИР

***Собиров Ф.***

**Донишгоҳи Давлатии Омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Шароити имрӯзаи болоравии ҳаёти ҷомеа, ки дар он бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мақсади асосӣ қарор гирифтааст, тамоилҳои гуногуни амалӣ сохтани ин ҳадаф аз қабили тарбияи шахс дар руҳияи меҳанпарастӣ, ифтихори миллӣ, фарҳангдӯстӣ, арҷ ниҳодан ба суннату арзишҳои миллӣ, дарку муносибати дуруст бо муҳити атроф ва дунёи зебоӣ зарурат пайдо намудааст. Дар замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтарин сурудҳои мукаммали касбӣ эҷод шудаанд, ки мавзуи ин асарҳо беихтиёр дар вуҷуди кас ҳисси худшиносию худогоҳии миллиро бедор намуда, ба боло рафтани ҳисси ифтихори милливу ватандорӣ ва эҷоди асарҳои асили санъат водор месозад. Сурудҳои дар ин мавзуъ эҷодгардида зуд дар миёни хоссу ом, хусусан, дар зеҳни насли наврас маҳбубияти зиёд пайдо мекунад. Рамзҳои муқаддасоти давлату миллат, яке аз мавзуҳои мубрами руз ба ҳисоб меравад ва сурудани он аз иҷрокунанда масъулияти бештарро талаб мекунад.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар 33 соли истиқлолияти кишвар тавонистанд мақому манзалати миллати тоҷикро дар миқёси ҷаҳон боз ҳам боло бурда, ба оламиён ҳамчун миллати тамаддунофару фарҳангпарвар муаррифӣ намоянд. Бунёди давлату миллат, эҳёи таърихи ниёкон, барқарории рамзҳо ва анъанаҳои миллӣ далелҳои раднопазир дар таърихи даврони Истиқлолияти Тоҷикистон мебошанд. Муаллифи китоби «Алифбои мусиқӣ» барои хонандагони синфи 1-ум Сатторзода С. иброз медорад, ки ҳадафи ниҳоии омӯзгор аз омӯзонидани суруду оҳанг ба насли наврас, арҷгузорӣ ба инсон, муҳаббат ба Ватан мебошад. Ба суруду мусиқӣ аз нигоҳи фараҳи маънавӣ бояд назар кард. Нақши дарси мусиқӣ ва суруд дар ин раванд аҳаммияти калон дорад ва омӯзгор бояд таснифоти арзишҳои миллии таълимро роҳандозӣ карда тавонад. Бо чунин мазмун иқтибоси арзишҳои миллии таълимиро Сатторзода С. аз академик, профессор ва ниҳоят, омӯзгори варзидаи рус З.И. Равкин овардааст, ки чунин шарҳ медиҳад: - «Ҳамчун як навъи арзишҳое мефаҳманд, ки аз арзишҳои умумибашарӣ ва арзишҳои миллии маънавӣ ва моддии он ҷамъият ва халқ ба вуҷуд омадаанд» [9, с.6.].

Арзишҳои мазкур ҳангоми интихоби мусиқӣ ва суруд метавонад низоми афзалиятҳои арзишшиносиро ташкил диҳанд, аз қабили Суруди Миллӣ, Парчам, Нишон, Ватан. Чунин интихоби мавзуъ дар ташаккул, худогоҳӣ ва дар худшиносии миллии насли наврас нақши асосиро иҷро мекунад. Ҳунарпешаи Халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мӯминова Ҳ.А. дар мақолаи худ бо номи «Назаре ба таърихи Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин гуфтааст: - «Суруди Миллиро дар забони ҷаҳонӣ Гимн ном мебаранд ва ин жанри мусиқӣ оҳанге мебошад, ки мутантану даъватангез. Боиси ифтихор аст, ки имрӯзҳо давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон, хусусан, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар навбати аввал дар таълиму тарбия, рушди маърифатнокӣ ва фаъолияти ҷавонон таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд»[5: 85-89;].

Профессор Карим Ҳалимов дар китоби дарсӣ, барои мактабҳои мусиқӣ бо номи «Суруд ва Мусиқӣ» Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо таҳлили мусиқияш бисёр зебо гуфтааст: - «Дар баробари шунидани аккордҳои аввали мусиқӣ вуҷуди касро ифтихори миллӣ, ҳисси ватандусӣ, қувваи бузурги бунёдкорӣ, оташу туғёни қаҳрамонӣ фаро мегирад. Рисолати оҳанг дар Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки тавассути мусиқии муосир ҷаҳониён низ аз садои дили мардуми соҳибистиқлоли тоҷик огоҳӣ пайдо менамоянд. Иҷрои ин суруди руҳафзо аз пардаи панҷуми ля-минор оғоз гардида, дар вазни нотаҳои

ҳаштякӣ ва шонздаҳякӣ садо медиҳад, ки он ба мусиқӣ хусусияти тантанавӣ бахшидааст»[11:7-9;].«Суруди Миллӣ – рамзи давлатдории тоҷикон, ифтихору сарбаландӣ ва нангу номуси миллат дар фазои осоиштаи кишвар ва илҳомбахши раванди бунёдкоронаи Ватани маҳбуб аст». Аз ин рӯ, омӯзиши ин масоил хеле муҳим ва арзишманд аст[8;7:].

Мушоҳидаҳои илмии ҷаҳон шаҳодат медиҳанд, ки мусиқӣ ва суруд дар ташаккулёбии ҷомеаи солим нақши бориз дорад. Интихоби мазмунан баланди суруд наврасон ва ҷавононро аз каҷрафторӣ, қонуншиканӣ, шомил шудан ба гурӯҳҳои ифротӣ, аз содиршавии хусусиятҳои криминологӣ эмин медорад, чун мусиқӣ ва суруд дар зеҳни инсон меҳрубонӣ ва зебоиро тарбият мекунад. Аксаран шахсоне, ки бо мусиқиву суруд ҷиддан машғул ҳастанд, зебоипарастанд ва роҳи дурусти зиндагиро дороянд[14;3:]. Нақши суруд ва мусиқӣ дар ташаккули ҷаҳони маънавии наврасон ва ҷавонон на танҳо дар айният бахшидан дар зиндагии моддӣ ва маънавии инсон маҳдуд мешавад, балки тамоми тарафҳои иҷтимоии ӯро дар бар гирифта, асоси пешравии ҷомеа мегардад. Муҳаққиқ ва мусиқишинос Шермуҳаммад Ҳабибов дар мақолаи «Санҷиши хорҳои мактабӣ» андешаи композитори бузурги немис Рихард Вагнерро хеле бамаврид ҷой намудааст, ки дар ин бора мегӯяд: - «Мусиқӣ ибтидо ва интиҳои сухан аст»[12;4:].

Композитори тоҷик, профессор Ҷурахон Обидов мавқеи сурудро дар тарбияи насли наврас чунин шарҳ додааст:- «Тавре ки ба ҳама маълум аст, сурудхонӣ мусиқӣ ва назмро бо ҳам мепайвандад. Суруд барои мактаббачагон аз дигар навъҳои жанрҳои мусиқӣ дастрасу осонфаҳм аст, бинобар ин онҳо сурудхониро дуст медоранд, бо шавқу ҳавас месароянд ва бо ин роҳ ҳиссиёти худро баён месозанд»[7;5:]. Боиси хушнудист, ки насли наврас бо ҳисси баланди ифтихор аз Ватану ватандорӣ, бо меҳру самимияти бепоён якҷоя мехонанд ва дар маҳфилҳову ҷашнҳои мактабӣ истифода мекунанду беихтиёр ба он ҳамовоз мешаванд.

Хушбахтона, касби омӯзгори фанни «Мусиқӣ ва Суруд» яке аз касбҳои паҳнгашта аст. Омӯзгор пайвандгари авлодон дар ҷомеа мебошад ва таҷрибаи ҷамъиятиро ба насли наврас дастрас менамояд. Ҷанбаҳои низоми арзишҳои омӯзгорӣ аз ҷиҳати ахлоқ дар раванди ташаккули салоҳияти фарҳангӣ-ахлоқии наврасон ва ҷавонон ҳамеша чун масъалаи мубрами рӯз буда, мавриди густурдаи таҳқиқу таҳлил аст. Хусусан дар китоби «Суруд ва мусиқӣ» барои хонандагони синфи 5, доир ба ин мавзуи мубрами рӯз асарҳои композиторони тоҷик аз тарафи муаллиф Гулназаров Сафар оқилона мураттаб гардидааст, ки лоиқи омӯзиш аст[2;3-4:].

Дар замони муосир вазифаи омӯзгори мусиқӣ ва суруд интихоби дурусти давру айём, сурудҳои сиёсӣ, хоса дар мавзуъҳои Ватану ватандорӣ, парчам ва дигар муқаддасоти миллӣ. Зеро омӯзгор мутобиқи вазифаҳои ҷамъиятӣ ҷараёни педагогиро ба роҳ мемонад ва идора мекунад. Фаъолияти омӯзгор барои ояндаи нек ва пайдо намудани роҳи дурусти зиндагии шогирдонаш дар ҷомеа равона карда шудааст. Яъне, муаллим ҷавононро ба ҳаёт, ба фаъолияти касбию амалӣ омода менамояд. Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, Муминова Ҳаётхон дар мақолаи "Рушди санъати сарояндагии мардумӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ" қайд намудааст, ки бо баракати Истиқлолияти давлатӣ, сулҳу суботи комил барои ҷавонон беҳтарин шароитҳо барои омӯзиши дониш, аз он ҷумла дарси суруд ва мусиқӣ муҳайё гардидааст. Рукнҳои он дар Ватани маҳбубамон устувор гардида, мо - омӯзгоронро водор месозад, ки ба қадри ин ғамхориҳо расида, бештару зиёдтар арзишҳои волои миллиамонро дар суруду оҳангҳо тарғибу ташвиқ намоем ва ба умқи дили насли наврас ва ҷавонони соҳибистиқлоли ҷомеаи муосир ҷо намоем[6;79-83:].

Масоили завқи бадеии наврасон ва ҷавонон дар умумияти жанрҳои гуногуни санъат аз тарафи муҳаққиқони ҷаҳон, олимони соҳаҳои педагогика, санъатшиносӣ, фалсафа, фарҳангшиносӣ аз қабили А.В. Азархин, Р.А. Амиров, А.А.Аракелян, К. Н.Ахметов, Р.Ж.Ашуров, С.Б.Барило, А.И.Бурова, Б.Я.Замбровский, Р.И.Изатуллоев, С.Исоев, Л.С.Коган, Н. К. Крупская, Н.Н.Крюкова,А.В.Луначарский, С.Н.Маслов, А.Манонов, М.А.Набиева, В.А.Разумный, М.А.Рузиев, А.А.Сахарова, А.Г. Харчев, Ю.Н.Хижьняк, В.П.Шалимов , А.И.Шахова, Л.К.Шепетис, К.И.Элебсов, П.М.Якобсон ва дигарон матраҳ гардида, дар онҳо раванди ташаккули завқи бадеӣ бо истифода аз намудҳои гуногуни санъат мавриди таҳқиқ гирифтаанд[1;169:].

Мусиқӣ ва суруд дар баробари ҳамаи ин нозукиҳо худвижагиҳои худро дорад, ки омӯхтану омӯзонидани он кори саҳл нест. Ба омӯзгори мусиқӣ малакаю маҳорати баланди касбӣ лозим мешавад, то ин ки нозукиҳои мусиқиро ба хонандагон омӯзонад ва дар ин роҳ

муваффақ гардад. Дониши ваи ҳирфаии мусиқӣ доштан барои ҳар як омӯзгори фанни мусиқӣ ва суруд зарур мебошад.

Ҷараёни таълими мусиқӣ ва тарбияи фарҳанг баробари бо ҳам алоқаманд ва вобаста буданаш инчунин аломатҳои ба худ хос доранд. Раванди таълими мусиқӣ ва суруд беш аз пеш вазифаи тарбияи фарҳангиро дорад, ҷараёни тарбияи фарҳангиро бошад бе таълими мусиқиъӣ ва суруд тасаввур кардан номумкин аст.

Раванди таълими мусиқӣ дар ҳалли вазифаи маълумотдиҳӣ мавқеи ҳалкунанда дорад, ҷараёни тарбияи фарҳангӣ низ дар ҳалли вазифаҳои тарбиявӣ мақоми асосӣ дорад. Ҳар ду ҷараён якҷоя вазифаи инкишофдиҳиро ба амал мебароранд. Бояд қайд кард, ки ҳар кадом хислатҳои ба худ хосро доранд. Дар мазмуни таълими мусиқӣ ва суруд-ташаккули ақидаҳо, донишҳои адабӣ, мафҳумҳо, маҳорат ва малакаҳои махсуси эҷодӣ бартарӣ доранд. Дар мазмуни тарбияи фарҳангӣ бештар ташаккули ақидаю эътиқодҳо, рафтору интизом, муносибатҳои аҳамияти ҷамъиятию иҷтимоидошта дида мешавад. Ҳамин тавр, ҳар ду раванд дар як вақт ба шуур, ба муносибатҳо, ирода, эҳсос ва фаъолияти наврасон таъсир расонида инкишофи умумиро таъмин менамоянд. Шарипов Ш. дар китоби «Суруд ва мусиқӣ»-аш барои хонандагони синфи 5-ум таъкид мекунад, ки дар ҷараёни омӯзонидани мусиқӣ ва суруд мақоми асосӣ ба омӯзгор тааллуқ дорад, ки ӯ дар кори худ ба коллективи хонандагон такя мекунад ва онҳоро ба ҳамкорӣ, масъулият, интизом даъват менамояд [13;90:]. Ҷараёни омӯзиши мусиқӣ ва суруд, мисли дигар фанҳои дарсӣ бояд дар синфи алоҳидаи бо фортепиано ё худ созҳои миллӣ ва китобҳои махсуси мусиқӣ ҷиҳозонидашуда ва дар асоси нақшаю барномаи таълимӣ гузарад ва дар замони муосир таъсири муҳит, техникаҳои барқии овозбарори ва созҳои мусиқӣ аҳамияти муҳими тарбиявӣ дорад.

Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, композитор ва хормейстер Холаҳмад Маҷидов дар китоби «Мавҷи меҳр» бо ҳам алоқамандии методҳои таълими суруд ва мусиқиву тарбияи фарҳангиро ба назар гирифта, таъкид ба он намудааст, ки: "омӯзгор аз адабиётҳои педагогӣ, китобҳои махсуси таълимии мусиқӣ барои мактаббачагон, маҷмӯаи сурудҳои бастакорони тоҷик ва инчунин метавонад сабти барномаҳои консертиро оқилона истифода барад" [4;51].

Дарсҳои мусиқӣ хусусан дар он «амал» дар як санъат арзишманданд ва олими рус Теплов Борис Михайлович инро ба ташаккули қобилияти эҷодӣ дар дигар соҳаҳо мусоидат мекунад. Таъсири фаъоли санъати мусиқӣ ба насли наврас ба фаъолият ва фарогирии дарки он, ташаккул ва инкишофи фаъолияти мустақили наврасон ва ҷавонон ишора мекунад. Ин танҳо бо фаъолияти якҷонибаи омӯзиш ва рушд дар тамоми раванди таълим имконпазир аст. Тадқиқоти ҳамаҷониба аз ҷониби олимон - педагогҳо ва психологҳо ифодакунандаи он аст, ки раванди дурусти омӯзишӣ мусиқӣ ва суруд ба инкишофи шахсияти ӯ, ки барои муваффақ шудан дар фаъолияти муайян зарур аст. Дар раванди таълими суруд ва мусиқӣ, хусусиятҳои гуногуни инфиродӣ дар асоси онҳо ташкил карда мешавад.[10:24-25;]

Иҷрои вазифаҳои тарбияи мусиқии хонандагони мактабҳо танҳо дар шароити эҷодӣ фазои эпидемиологии эмотсионалӣ ва таваҷҷуҳ ба фаҳм ва фаҳмиши мусиқӣ имконпазир аст. Чуноне ки муҳаққиқ С. Сатторов таъкид мекунад: «Мусиқӣ метавонад танҳо таъсири эстетикӣ, маърифатӣ ва таълимии он дошта бошад, вақте ки кӯдакон дар ҳақиқат гӯш кардани онро меомӯзанд ва дар бораи он фикр мекунанд»[9:78].

Муҳокимаи мусиқӣ инкишоф меёбад ва дар раванди ҳассос, дар ягонагии ақлҳо ташкил карда мешавад. Дурнамои фаъол барои таҳияи чорабиниҳои амалӣ асос мебошад. Вазифаҳои таълими мусиқии эстетикӣ ва рушди эҷодӣ дар кӯдакон, наврасон ва ҷавонон бояд аз ҷониби омӯзгорони баландихтисоси соҳавӣ таълими пурраи омӯзишӣ касбӣ гузаронида шаванд. Композитор, дирижёр, пианинонавоз, омӯзгор, публитсист Кабалевский Дмитрий Борисович бештари таснифоти худро ба жанри мусиқии кӯдакона бахшидааст, хеле ба маврид таъкид кардааст, ки «Агар мо вазифаи ҳамаҷонибаи талабагонро дошта бошем, пас мо бояд пеш аз ҳама ба рушди ҳамаҷонибаи омӯзгорон ғамхорӣ кунем".

**АДАБИЁТ:**

1.Ахмедов М. – Народная музыка Узбекистана. – Ташкент.1959 саҳ.169.С.345.

2.Гулназаров С. – "Суруд ва мусиқӣ"//Китоби дарсӣ барои синфи 3-юми таҳсилоти умумӣ-Душанбе: "Полиграф групп", 2019. 80 саҳ.

3.Маҷидов Х. – Мавҷи меҳр // Истеъдод;- Душанбе-2010. саҳ.51.С.165.

4.Мӯминова Ҳ.А."Назаре ба таърихи Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон"[Матн]/Ҳ.А.Мӯминова//ПаёмиДДЗТ ба номи С.Улуғзода:№4(36) - 2019.С.85-89. Душанбе:

5.Мӯминова Ҳ.А. "Рушди санъати сарояндагии мардумӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ" [Матн] / Ҳ.А. Мӯминова // "Нақши Пешвои миллат дар рушди фарҳанги миллӣ";ҶДММ "Нури моҳтоб".- 2020.С.79-83.

6.Обидов Ҷ. – Суруд ва мусиқӣ//Китоби дарсӣ барои синфи 4. Душанбе: "Собириён"-2007. 88 саҳ.

7.А.Пирназарзода "Суруди Миллӣ" - Душанбе-2019, сах,7.

8.Сатторов С. – Алифбои мусиқӣ //Китоби дарсӣ барои синфи 1. -Душанбе, МТЛ ОРЕС, 2005. – саҳ.78,.С.96.

9.Теплов Б.М. – Психология музыкальных способностей // М.-Л.:АПН РСФСР, 1974.-стр.24-25.С.355.

10.Ҳалимов К. - "Суруд ва мусиқӣ барои синфи 6" - Душанбе - 2014, саҳ.7-9. С.90.

11.Ҳабибов Ш. – Санқиши хорҳои мактабӣ // Маориф ва маданият/ саҳ.4;-Душанбе. 03.06. с.1978.

12.Ш.Шарипов -"Суруд ва мусиқӣ барои синфи 5"-Душанбе; "Матбуот" 2008, 90 саҳ.

13.Юсуфзода Ю.С. "Амнияти миллӣ дар Суруди Миллӣ" - "Ҷумҳурият", Душанбе - 13.08.2014 №160.саҳ

## НАҚШИ ДАРСИ « МУСИҚӢ ВА СУРУД» ДАР ТАШАККУЛИ ҶАҲОНИ МАЪНАВИИ НАВРАСОН ВА ҶАВОНОНИ ҶОМЕАИ МУОСИР

Муаллиф дар ин мақола ҷойгоҳ ва нақши дарси мусиқӣ ва сурудро дар ташаккулпазирии ҷаҳони маънавии хонандагон таҳлил ва баррасӣ намуда, дар баробари ин роҳи муосири таълими ин фанро нишон додааст. Андешаву мулоҳизаҳои худро бо иқтибос оварда, аз фармудаҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ асоснок кардааст. Инчунин дар хусуси суруд, ашъори ба муқаддасоти миллӣ таълифнамудаи шоирон пешниҳоду андешаҳои ҷолиб баён кардааст.

***Калидвожаҳо:*** *мусиқӣ, суруд, ифтихори миллӣ, меҳанпарастӣ, наврас, ҷавонон, ҷомеа, дарс, истиқлолият, фарҳанг, оҳанг, композитор, нота, бастакор.*

## РОЛЬ УРОКА «МУЗЫКА И ПЕСНЯ» В ФОРМИРОВАНИИ ДУХОВНОГО МИРА ПОДРОСТКОВ И МОЛОДЕЖИ СОВРЕМЕННОГО ОБЩЕСТВА

В данной статье автор анализирует и рассуждает о месте и роли уроков музыки и пения в формировании духовного мира учащихся и в то же время показывает современный способ преподавания этого предмета.

Свою мысль он обосновал цитатами отечественных и зарубежных исследователей. Также в частном порядке он выразил интересные предложения и идеи в своих песнях, стихах, написанных поэтами, посвященных национальной святости.

***Ключевые слова:*** *музыка, песня, национальная гордость, патриотизм, подросток, молодежь, община, урок, самостоятельность, культура, мелодия, композитор, нота.*

## THE ROLE OF THE LESSON "MUSIC AND SONG" IN THE FORMATION OF THE SPIRITUAL WORLD TEENAGERS AND YOUNG PEOPLE OF MODERN SOCIETY

In this article, the author analyzes and discusses the place and role of music and singing lessons in the formation of the spiritual world of students and at the same time shows the modern way of teaching this subject.

He substantiated his idea with quotes from domestic and foreign researchers. Also privately, he expressed interesting suggestions and ideas in his songs, poems written by poets dedicated to national holiness.

***Key words:*** *music, song, national pride, patriotism, teenager, youth, community, lesson, independence, culture, melody, composer, note.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Собиров Фируз Низомович муаллими калони кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеӣ, факултаи педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Тел (+992) 902 77 18 38)*

***Свидение об авторе:*** *Собиров Фируз Низамавич, старший преподаватель кафедры теории и методики музыкально-художественного образования педагогического факультета Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. Телефон (+992) 902 77 18 38)*

***Information about author:*** *Sobirov:Firuz Nizamivich, senior lecturer of the department of theory and methodology of music and art education, faculty of pedagogy, Tajik State Pedagogical University. Phone (+992) 902 77 18 38)*

# РАВИШҲОИ АСОСИИ ИСТИФОДАБИРИИ ЗАХИРАҲОИ ТАЪЛИМИИ ЭЛЕКТРОНӢ ҲАНГОМИ ОМӮЗИШИ ИНФОРМАТИКА ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ

***Темирова М. Ғ.***

**унвонҷӯйи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Дар раванди омӯзиши фанни информатикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ технологияҳои электронии таълимӣ ҷойгоҳи муҳим доранд. Информатика аз рӯйи хусусияти худ усули амалии омӯзишро тавассути технологияҳои электрони амалӣ мегардонад.

Пӯшида нест, ки дар дарсҳои информатикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ кори мустақилонаи донишҷӯён ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунад. Фаъолияти амалӣ дар дарсҳои информатикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба рушди малака ва маҳорати кор бо техникаи ҳисоббарор махсусан компютерҳо мусоидат мекунад.

Раванди истифодаи захираҳои электронии таълимӣ ҳангоми омӯзиши информатика дар корҳои олимони соҳаи педагогика ва психология ва ҳамзамон омӯзгорони варзидаи соҳаи информатика аз қабили Ю. К. Бабанский, Л. П. Крившенко, Б. Т. Лихачев, С. А. Смирнов, В. А. Сластенин, П. И. Пидкасистх й, В. Л. Полонский, Е. С. Рапағ евич, И.Ф. Харламов, ва дигарон баррасӣ гардидааст.

Дар таҳқиқоти методистҳо Г.Н. Аквилева, Л. В. Байбородова, Н. М. Верзилин, В. М. Корсунская, Б. В. Всесвятский, И. Д. Зверев, Б. Р. Қодиров, Ф. Комилов, А. Н. Мягкова, М. Муллоджонов, Қ. Т. Тухлиев ва дигарон усулҳо ва усулҳои ташкил ва татбиқи корҳои амалӣ бо истифода аз захираҳои электронии таълимӣ баррасӣ карда шудааст.

Зери гуфтори истифодаи захираҳои электронии таълимӣ ҳангоми омӯзиши информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мо дар аксар мавридистифодаи захираҳои электронии таълимиро ҳангоми ичрои корҳои амалӣ дар назар дорем, чунки донишчуён асосан, ҳангоми дарсҳои амалӣ асосан мустақилона ва ё тавассути муаллим аз захираҳои электронии таълимӣ истифода мебаранд.

Оммавӣ руй овардани олимон ва мутахассиони соҳаҳои математика, физика, химия, биология, иқтисодиёт ва ғайра ба илми педагогика далолат аз он медиҳад, ки ҳангоми ташаккули фаъолияти касбии мутахассисони оянда барои дарки мафҳумҳои асосии касбӣ истифодаи равишҳои педагогӣ афзалиятнок аст.

Мақсади асосии равишҳои педагогӣ ташаккули шахсияти фаъол ва эҷодкоре мебошад, ки тавонад дар дилхоҳ мавридфаъолияти таълимӣ ва маърифатии худро мустақилона ташаккул диҳад ва ё ислоҳ кунад.

Аҳамияти истифодаи равишҳои педагогӣ ҳангоми истифодаи захираҳои электронии таълимӣ дар он аст, ки дар муҳити муосири иҷтимоию иқтисодӣ сатҳи аз худнамоии донишро самаранок гардонида, муносибати фаъолро ба таълим инкишоф медиҳанд.

Дар заминаи таҳқиқоти мо чунин равишҳои умумии истифодаи захираҳои электронии таълимӣ ҳангоми омӯзиши информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ муайян карда шуданд:

**1.Равиши таҳқиқотӣ.** Инсоният барои он таваллуд шудааст, ки дар ҳаёти худ мухаққиқ бошад. Таасуроти нав, кунҷковӣ, хоҳиши доимии мушоҳида ва озмоиш, мустақилона ҷустуҷӯйи маълумоти нав дар бораи ҷаҳони атроф ва ғайра одатан муҳимтарин хислатҳои рафтори инсони аст.

Фаъолияти таҳқиқотӣ ва ҷустуҷӯйӣ фаъолити Худододии инсони комил ба ҳисоб меравад, зеро мушоҳидаи муҳити зист, предметҳои иҳотакунанда доимо зери тадқиқоти қарор доранд. Ин хоҳиши ботинии таҳқиқот рафтори тадқиқотиро ташаккул медиҳад ва барои рушди психологии донишӯйи шароит фароҳам меорад, ки дар ибтидо ҳамчун раванди рушди худ инкишоф меёбад [12, с. 17].

Ҳадафи асосии таҳқиқот ва омӯзиш инкишоф додани қобилияти донишӯён барои мустақилона ва эҷодкорона аз худ кардан ва аз нав сохтани роҳҳои нави фаъолият дар ҳама соҳаҳои фарҳанги инсонӣ мебошад [12, с.218].

Дар таълими таҳқиқотӣ, тадқиқот, мушоҳида ва омӯзиш натанҳо маҷмуи усули таълим, балки мундариҷа ва мазмкуни он аст. Ҳамин тариқ, донишҷӯён тасаввуроти таҳқиқотро на танҳо ҳамчун маҷмӯи воситаҳои хусусии маърифатӣ, балки ҳамчун усули асосии тамос бо ҷаҳони беруна ва ҳамчун тарзи дарки ҳаёт истифода мебаранд.

Аз ин рӯ, ба таҳсилоти муосир дигар лозим нест, ки усулҳои таҳқиқот ва таълимро ба амалияи таълимӣ содда ва қисман татбиқ кунад, балки рушди қобилиятҳои таҳқиқотиро мақсаднок амалӣ намояд ва рушди малака ва маҳоратҳои таҳқиқотии донишҷӯёнро ташаккул диҳад [11, с.55].

Дар ҷараёни истифодаи захираҳои таълимии электронӣ барои гузаронидани тадқиқот ҳангоми омузиши информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мо вазифаҳои зерини равиши таҳқиқотиро муайян кардем:

-тарбияи манфиати маърифатӣ;

-сохтани ангезаҳои мусбати таълимот;

-ташаккули донишҳои амиқ, пойдор ва муассир;

-рушди мафкураи зеҳнии донишӯён;

-ташаккули малака ва маҳорати худомузии донишҷӯён;

-рушди фаъолияти маърифатӣ ва мустақилияти донишҷӯён.

Истифодаи равиши тадқиқотӣ дар раванди истифодаи захираҳои таълимии электронӣ ҳангоми омузиши информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ асосан ба ташаккули фаъолияти мустақилонаю маърифатии донишҷӯён мусоидат мекунад, ки ин ҳамчун хосияти хоси инсон мебошад.

Бо назардошти гуфтаҳои болоӣ, метавон хулоса кард, ки воситаҳои муассири рушди фаъолияти мустақилонаи маърифатии донишҷӯён ба ҳангоми равиши тадқиқотӣ ба тариқи зеринанд:

истифодаи шаклҳои ғайримуқаррарии таълим;

ташкили курсҳои омӯзишӣ барои ташаккул додани малакаҳои тадқиқотӣ ва қобилияти интиқоли дониш;

-ба амал татбиқ намудани донишҳои назариявӣ ;

-ташкил ва гузаронидани шаклҳои мухталифи корҳои мустақилона ва ғайра.

Агар раванди таълим дар чунин шакл ташкил карда шавад, бешубҳа он ба рушди фаъолияти маърифатии донишҷӯ мусоидат мекунад, ки дар навбати худ дар ӯ одати аз худнамоӣ ва баланд бардоштани таваҷҷӯҳ ба фанни информатика ва тарзҳои мухталифи истифодаи захираҳои электронии таълимӣ ҳангоми омӯзиши информатика далолат мекунад.

**2. Равиши тафриқавӣ (дифференцированный подход**). Моҳияти равиши тафриқавиро ҳангоми истифодаи захираҳои электронии таълимӣ ҳангоми омӯзиши информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар он дидан мумкин аст, ки тибқи ин равиш дар ҳолати амалигардонии модели истифодаи заҳираҳои электронии таълимӣ ҳангоми омӯзиши информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ:

-фароҳам овардани шароити баробар ва имкониятҳои рушди ҳар як донишҷӯ асоснок мегардад;

-дар раванди таҳсил қобилиятҳо, майлҳо ва шавқу рағбати донишӯён ба инобат гирифта мешавад;

-ба ташаккули қобилияти инфиродии хар як донишҷӯй замина мегузорад;

-супоришҳои тибқи дониш, малака ва маҳоратаи донишҷӯён ба тафриқаҳо ӯ ҷудо карда мешаванд;

-тарзи истифодаи захираҳои электронии таълимӣ ҳангоми омӯзиши информатика инфиродӣ сурат гирифта, ба дониш, малака ва маҳорати донишҷӯён такя мекунад.

Тафовут ва ё тафриқа ҳангоми истифодаи захираҳои таълимии электронӣ ҳангоми омӯзиши информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ озодии шах сияти донишҷӯро таъмин мекунад, ба онҳо имконият медиҳад, ки бо мутахассисони соҳаҳои гуногуни илм, фарҳанг ва санъат дарсҳои иловагӣ дошта бошанд, ҳуқуқ ба интихоби фанҳо ва амиқтар дар омӯзиши фанҳои алоҳида, ҳуқуқ ба гузариш аз як намуди таълим ба намуди дигари таълим, ҳуқуқ ба интихоби омӯзгор, интихоби имтиҳон ва шакли супоридани он ва ғайра.

Мақсади рафиши тафриқавӣ ҳангоми истифодаи захираҳои электронии таълимӣ дар раванди омӯзиши информатикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ омода кардани донишҷӯ ба фаъолияти иҷтимоӣ ва касбӣ дар шароити муосир, аз рӯйи вазифаҳои худ мебошад.

Аз нуқтаи назари психологӣ-педагогӣ, ҳадафи ниҳоии равиши тафриқ авӣ ҳангоми истифодаи заҳираҳои электронии таълимӣ дар раванди омӯзиши информатикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ он мебошад, ки ба фароҳам овардани шароити беҳтарин барои муайян кардани проблеммаи таълим, рушди манфиатҳо ва қобилиятҳои ҳар як донишҷӯй равона мегардад.

Оид ба фаҳмиши моҳияти мафҳуми «равиши тафриқавӣ» аз ҷониби баъзе муҳаққиқон чунин таърифу тавсифҳо оварда шудааст:

1. Бутузов И. Д чунин мепиндорад: «маънои асосии муносибати тафриқавӣ аз он иборат аст, ки фарқи инфиродии таълими донишҷӯёнро дониста ва ба назар гирифта, дар ҳар кадоми онҳо хусусияти оқилонаи кори дарсро муайян намоем» [4, с. 18].

2. Бабанский Ю. К. чунин гуфтааст: «Роҳи оптималии аз худнамоии дониш, ки омезиши оптималии шаклҳои умумисинфӣ, гурӯҳӣ ва инфиродии омӯзишро дар бар мегирад» [1, с. 21].

3. Ба ақидаи Кирсанов А. А.: муносибати махсуси тафриқавии муаллим ба гурӯҳҳои гуногуни хонандагон, ки дар асоси таълими тафриқа ташкил карда шуда, аз рӯйи мундариҷа, ҳаҷм, мураккабии усул ва методҳо донишҷӯён ба гуруххо тақсим мешаванд [6, с.35].

Равиши тафриқавӣ ҳангоми истифодаи захираҳои таълимии электронӣ дар раванди омӯзиши информатикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ самараноки таълимро барои гурӯҳҳои гуногуни донишҷӯён бо супоришҳои гуногуни тафриқавии вобаста ба дониш, малака ва маҳорати дар назар дорад.

Шарти ташкили кори тафриқави истифодаи супоришҳои фарққунанда мебошад, ки аз рӯйи мураккабӣ, манфиатҳои маърифатӣ, хусусияти кӯмак аз ҷониби омӯзгор пешниҳод мешавад.

**3. Равишии салоҳиятнок**. Ҳадафи равиши салоҳиятноки ҳангоми сохтан ва дар амал тадбиқ намудани модели истифодаи захираҳои электронии таълимӣ ҳангоми омузиши информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ на аз худ кардани миқдори иттилоот, балки ташаккули малакаи мустақилона донишазхуднамоии донишӯён иборат аст, то онҳо тавонанд ҳадафҳои худро муайян кунанд, қарор қабул кунанд ва дар ҳолатҳои маъмулӣ ва ғайримуқаррарӣ амал кунанд.

Вазифаи асосии равиши салоҳиятнок дар раванди истифодаи захираҳои электронии таълимӣ ҳангоми омӯзиши информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз ҳавасмандкунии донишҷӯён барои нишон додани ташаббуси мустақилона фаъолият намуданашон иборат аст, ки он ба ташкили фаъолияти мустақили донишҷӯён мусоидат карда, ҳар як донишҷӯй метавонад қобилият ва манфиатҳои худро амалӣ кунад.

Равиши салоҳиятнок дар раванди истифодаи захираҳои электронии таълимӣ ҳангоми омузиши информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ нишон медиҳад, ки донишҷӯён дониш ва малакаҳоро на дар алоҳидаги балки дар маҷмуъ ба даст меоранд, яъне ин ӯ бо робитаи байнифанни ва ҳамгироии маводи таълим пурра риоя мегардад.

Дар доираи рашиви салоҳиятнок ҳангоми омузиши фанни информатика рушди қобилиятҳои умумифарҳангӣ ва касбии донишҷӯён амалӣ карда мешавад.

Дар ҷараени истифодаи заҳираҳои таълимии электронӣ ҳангоми гузаронидани тадқиқот дар соҳаи илмҳои компютерӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, равиши салоҳиятдор ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки дар ҷойи кории худ муҳити касбии ояндаи худро тақлид кунад. Ин намуди омӯзиш ба онҳо имкон медиҳад, ки ба кори оянда ва мах сусиятҳои хоси касбашон мутобиқ шаванд ва дар амал татбиқ кардани қобилиятҳои касбӣ ва умумиро омӯзанд.

Олимони варзидаи рус В. А. Болотов, В. В. Сериков чунин мешуморад, ки донишҷӯи қобилиятнок касест, ки дар соҳаи муайян моделеро интихоб менамояд ва аз рӯйи он вобаста ба услуб, самт, завқ, эътиқод ва қобилиятҳои ба худаш мувофиқаткунанда амал мекунанд [3, с.10].

Истифодаи равиши салоҳиятнок ҳангоми истифодаи захираҳои электронии таълимӣ ҳангоми омӯзиши информатика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба муассисаҳои таълимӣ имкон медиҳад, ки соҳиби захираҳои зеҳнии таълимӣ шаванд. Барои татбиқи ин равишро дар ӯ ҷараёни таълим интихоб намоем, бояд ба таври ӯ ҷиддӣ фаъолияти таҳқиқотии донишҷӯёнро ба роҳмонд тоинки фаъолияти истеҳсолии онҳо ташаккул ёбад.

Ҳадафи ҳар як системаи таълимӣ тарбия, аз нав тарбия ва рушди шахсият мебошад ва нишондиҳандаи он натиҷаи мусбат мебошад, ки имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути омӯзиши босифати хонандагон баррасӣ карда мешавад. Системаи таҳсилоти миёнаи умумӣ истисно нест ва навоварӣ ҷузъи ҷудонашавандаи он мебошад.

Дар айни замон, дар заминаи ислоҳоти системаи маорифи ватанӣ, равандҳои гуногуни навоварӣ аҳамияти бештар пайдо мекунанд, ки онро усулҳои иноватсионии таълим ном мебаранд.

Фаъолияти инноватсионӣ ба маънои васеъ як қатор намудҳои кори ба ҳам алоқамандро дар назар дорад, ки маҷмуи онҳо пайдоиши навовариҳои воқеиро кафолат медиҳад. Хулоса баровардан мумкин аст, ки "таълими инноватсионӣ" дар марҳилаи муосир таълимест, ки қодир ба рушди худ аст, ки ба такмили тамоми системаи маориф, яъне таҳсилоти рушдёбанда ва мустаҳкамкунанда оварда мерасонад.

Барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҳамчун созанда ва ояндаи ҷамъият, огоҳӣ аз зарурати рушд ва хоҳиши худсозию худшиносӣ муҳим аст. Аз ин рӯ, зарурати ҷорӣ намудани усули инноватсионии таълим на танҳо ҳавасмандгардонии баланд бардоштани сифати дониши худ, балки баланд бардоштани рақобатпазирии худ дар муассисаи таълимӣ ва берун аз он мебошад.

Барои баланд бардоштани самаранокии таълим ва ҳавасмандии хонандагон ба гирифтани дониш дар системаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, мо татбиқи ҷузъҳои зеринро дар тамоми давраи таҳсил пешниҳод менамоем (расми 1).




**Расми 1**. - Баъзе ҷузъҳои такмили таҳсилот дар системаи таҳсилоти миёнаи умумӣ

Аз соли аввали таҳсил ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавсия дода мешавад, ки рӯзномаи дастовардҳо, ба истилоҳ дониши бадастовардаҳоро нигоҳ доранд. Ин усул имкон медиҳад, ки фаъолияти хонандагон дар тамоми марҳилаи таҳсил таҳлил карда шавад. Албатта, омӯзиши анъанавӣ асосӣ аст, аммо бо истифода аз алгоритм (санҷиш, тартиби алгоритм, ёфтани хатоӣ ва ғайра), ки ба моделсозии ҷанбаҳои гуногуни амалии фаъолияти

хонанда имкон медиҳанд. Ва албатта, дар охири омӯзиш намоиши ҳамаҷонибаи малака ва маҳорате, ки хонанда дар раванди дарсҳо ба даст овардааст, гузаронида мешавад.

Тадқиқотҳои таҷрибавӣ дар муассисаҳои таҳсилотии ноҳияи Рашт нишон медиҳанд, ки дар хотираи мо сапт мешавад:

•27-30% маводи шунидашуда;

•35-45% маводи дидашуда;

•50-55% мавод, агар мо онро дидем ва шунидем;

•70-85% мавод ин аст, ки наврас, хонанда, дар раванди таълим хеле фаъолона иштирок мекунад.

Дарсҳо бо истифода аз алгоритмҳои тавсифшуда дорои ду талабот буда, ба онҳо ҷавобгӯ аст:

1)маводро бо усули дастрас бо истифода аз усулҳои гуногуни тасвири алгоритм пешниҳод кардан лозим аст;

2)муаллим мудири ин воситаҳо мебошад, аз ин рӯ, вазифаи асосии омӯзгор ин аст, ки дарсро тавре бунёд кунад, ки наврасон дар тӯли он фаъол бошанд, сатҳи ҳавасмандии онҳоро баланд бардоранд.

Ин ҳамаро бо истифода аз имкониятҳои интерактивии алгоритм ҳамчун ҷузъи иттилоотӣ пай дар пай ба даст овардан мумкин аст. Ин алгоритм аст, ки ба баланд бардоштани сатҳи азхудкунии мавод барои хонанда таъсир мерасонад, зеро дар алгоритм рамзҳо, аломатҳо, андоза, рангҳо ва ғайра доимо тағйир меёбанд, ки ин таъсири худро мерасонад.

Алгоритмро дар ҳама марҳилаҳои раванди таълим истифода бурдан мумкин аст: ҳангоми шарҳи маводи нав, лангар, такрор, назорат; дар айни замон, он барои хонанда масъалаҳои гуногунро иҷро мекунад, зеро он метавонад ҳамчун омӯзгор, асбоби корӣ, объекти омӯзиш, дастаи ҳамкорӣ амал кунад [6-9].

Истифодаи алгоритм имкон медиҳад, ки ҳавасмандӣ ва равандҳои фикрӣ тавассути муколамаи байни хонандагон ва асбобу айёниятҳо, ки дар шакли фаъол мегузарад, бо маводи гуногуни рангоранг (матн, аудио, файлҳои видеоӣ) тақвият дода шаванд. Фаромӯш накунем, ки муаллим бояд наврасонро ба муваффақият ҳидоят кунад, яъне ҳар кадоми онҳо бояд масъаларо мустақилона ҳал кунанд ва ба хулосаи дурусти мантиқӣ расанд, шояд ҳатто аз муаллим кӯмак пурсанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, вазифаҳои асосие, ки муаллим дар раванди ташаккули тафаккури салоҳиятнокӣ тавассути истифодаи сохтани алгоритм ҳал мекунад, бояд баррасӣ карда шаванд:

-омӯзонидани хонандагон барои ҳалли масъалаи ғайримуқаррарӣ, ҷустуҷӯӣ ва эҷодӣ, ки бо маводи таълимӣ алоқаманд нестанд;

-вазъияти муваффақиятро эҷод кунанд, ба фарзанда кӯмак кунанд, ки ба қобилиятҳои худ эътимод пайдо кунад;

-рушди фаъолияти ҷустуҷӯӣ ва зеҳни кӯдакро ба самти фанҳои табиӣ-дақиқ равона кардан.

Қабули иттилоот дар ҷараёни фаҳмиш сурат мегирад ва ин раванд на танҳо нисбат ба иттилооти барои омӯзиш пешниҳодшуда, балки нисбат ба амалҳо ё амалиёте, ки хонанда анҷом медиҳанд, сурат мегирад.

Истифодаи алгоритм дар таълимӣ барои рушди тафаккури салоҳиятҳо дар таҳлил ва синтези ҳалли масъала, масъалаи матнӣ, масъалаи сюжетӣ, масъалаи амалӣ-тамоилӣ равишҳои гуногун ба сохтор ва таснифи масъалаҳои амалӣ-тамоюлӣ ҷудо карда шудаанд. Баъзе тадқиқоти илмӣ-методӣ оид ба омӯзиши масъалаҳои амалӣ-тамоюлӣ таҳлил карда шудаанд, методологияи умумии ҳалли масъалаҳои амалӣ-тамоилӣ пешниҳод карда шудааст бо хусусиятҳои онҳо алоқаманд аст:

1. Технологияи рушди алгоритм тафаккури салоҳиятӣ илмӣ дорад, ки ҳам ҳангоми ташкили ҷустуҷӯйи усули сохтани алгоритм ва ҳам ҳангоми коркарди алгоритм – омӯзиши хондани масъалаҳои матнии таълимӣ ва илмӣ муҳим аст. Дар ин ҷо инчунин муносибати мантиқӣ-алгоритмӣ истифода мешавад. Қонунҳои мантиқ асоси усул ва стратегияҳои технологияи рушди алгоритми тафаккури салоҳият мебошанд, ки ба кор бо матнҳои масъалаҳо равона карда шудаанд.

2. Марҳилаҳо (се марҳилаи технологияи рушди алгоритми тафаккури салоҳият: даъват, фаҳмиш, инъикос) ба марҳилаҳои маъмулии фаъолияти маърифатии шахс мувофиқат

мекунанд. Дар марҳилаҳои гуногуни дарс функсияҳои ҳавасмандгардонӣ, коммуникатсионӣ, системавӣ ва арзебӣ бо истифода аз усулҳо ва усули гуногун амалӣ карда мешаванд.

3. Марҳилаи инъикос ҳангоми истифодаи алгоритм дар омӯзиш ба раванди азхудкунии маълумоти фаннӣ мусоидат мекунад.

4. Салоҳияти технологияи рушди тафаккури алгоритм схемаи дақиқи дарсро пешниҳод мекунад, ки раванди таълим бештар самараноктар мегардад.

Ҳамин тариқ, алгоритм ба ташаккули на танҳо мафҳумҳо, балки дигар намудҳои тафаккури хонандагон таъсири мусбат мерасонанд, онҳо ба тарбияи ҳавасмандии хонандагон ба таҳсил, таваҷҷӯҳ ба кори иҷрошаванда кӯмак мерасонанд, ба хонандагон таълим медиҳанд, ки чизҳои оғозкардаашонро то ба охир расонанд ва натиҷаи дилхоҳ ба даст оранд.

**АДАБИЁТ:**

1.Гельфман, Э.Г. Психолого-педагогические условия развития понятийного мышления / Э.Г. Гельфман, С.Н. Цымбал // -Томск: ТГПУ. -2003. -240 с.

2.Выготский, Л.С. Психиология подростка / Л.С. Выготский// -М.: Педагогика. -1984. -325 с.

3.Комарова, И. Использование информационных технологий в совершенствовании системы образования / И. Комарова // Народное образование. -2006. -№ 2. -С.157–159.

4.Камолова Ҷ. Истифодаи усули фаъоли таълим дар синфҳои ибтидоӣ бо назардошти муносибати босалоҳият. /Ҷ. Камолова // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. -2022. - №2 (38). –С.117-123.

5.Ҷӯраев, Х.Ш. Моделсозии математикӣ дар таълими математикаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (Дастури методӣ барои омӯзгорони фанни математикаи синфҳои5-6) / Х.Ш. Ҷӯраев // -Душанбе: Сифат, -2023. -55 стр. ISЙN-987-99985-41-31-3

6.Джураев, Х.Ш. Педагогические и психологические особенности формирования математического мышления младших школьников / Х.Ш. Джураев, Д.С. Камолова // Вестник Института развития образования. -2024. -№2 (46). –С.113-127.

7.Усова А. В. Психолого-дидактические основы формирования у учащихся научных понятий: учеб. пособие. Челябинск: ЧГПИ, 1979. 86 с.

8.Гриншкун, В.В. Школьная информатика в контексте фундаментализации образования / В.В. Гриншкун, И.В. Левченко // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия «Информатизация образования». -2009. -№ 1. -С. 55–64.

9.Комарова И. Использование информационных технологий в совершенствовании системы образования // Народное образование. 2006. № 2. С. 157–159.

## ТАШАККУЛ ДОДАНИ ТАФАККУРИ АЛГОРИТМӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Мақола ба баррасии тафаккури алгоритмӣ ва фаъолияти амалӣ дар муҳити таълимӣ барои ташаккули тафаккур хонандагони синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст. Тадқиқоти гузаронидашуда имкон медиҳад, ки истифодаи алгоритм дар муҳити таълимӣ ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таълим дар марҳилаи муосири рушди тамоми системаи таълим бошад. Дар мақола шартҳои имконпазир баррасӣ карда мешаванд ва намунаҳои истифодаи алгоритм барои ташаккули тафаккур дар хонандагон оварда шудаанд.

***Калидвожаҳо:*** *тафаккур; алгоритм; муҳити таълимӣ; хонанда, марҳила.*

## ФОРМИРОВАНИЕ АЛГОРИТМИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ И ПРАКТИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНОЙ ШКОЛЫ

Статья посвящена рассмотрению алгоритмического мышления и практической деятельности в образовательной среде для формирования мышления учащихся начальной школы. Проведенное исследование позволяет использовать алгоритм в образовательной среде как неотъемлемую часть образовательного процесса на современном этапе развития всей образовательной системы. В статье рассматриваются возможные условия и приводятся примеры использования алгоритма для формирования читательского мышления.

***Ключевые слова:*** мышление, алгоритм, учебная среда, читатель, этап.

## FORMATION OF ALGORITHMIC THINKING AND PRACTICAL ACTIVITY OF PRIMARY SCHOOL STUDENTS

The article is devoted to the consideration of algorithmic thinking and practical activities in the educational environment for the formation of thinking of primary school students. The conducted research makes it possible to use the algorithm in the educational environment as an integral part of the educational process at the present stage of development of the entire educational system. The article discusses possible conditions and provides examples of using the algorithm to form readers' thinking.

***Key words:*** *thinking; algorithm; learning environment; the reader, stage.*

***Маълумот дар бораи муаллифон:*** *Ҷӯразода Хайруллоҳ Шароф – доктори илмҳои физикаю математика, профессор, мудири шуъбаи илмҳои табиатшиносӣ-математикии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Сурога: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи А Аахтавов, 11/2.*

*Камолова Ҷамила Собировна - унвонҷӯи соли якуми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии АТТ, Сурога: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи А Аахтавов, 11/2.*

***Сведения об авторах:*** *Джуразода Хайруллох Шароф – доктор физико-математических наук, профессор, заведующий отделом естественно-математических наук Института развития образования имени Абдурахмона Джами Академии образования Таджикистана. Адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. А.Адхамова, 11/2.*

*Камалова Джамилахон Собировна – соискатель Института развития образования имени Абдурахмона Джами Академии образования Таджикистана. Адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. А.Адхамова, 11/2.*

***Information about the authors:*** *Jurazoda Khairulloh Sharof – Doctor of Physical and Mathematical Sciences, Professor, Head of the Department of Natural and Mathematical Sciences of the Aūdurakhmon Jami Institute for the Development of Education, Academy of Education of Tajikistan. Address: 734024, Repuūlic of Tajikistan, Dushanūe, 11/2 A.Adhamov street.*

*Kamalova Jamilakhon Soūirovna is a candidate of the Aūdurakhmon Jami Institute of Educational Development of the Academy of Education of Tajikistan. Address: 11/2 A.Adhamova str., Dushanūe, 734024, Repuūlic of Tajikistan*

# МЕТОДИКАИ ОМӮЗИШИ ФУНКСИЯҲОИ ҚИСМИ БУТУН ВА ҚИСМИ КАСРИИ АДАДИ ҲАҚИҚӢ ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО

***Чориев У., Маҳкамов М.***

**Донишгоҳи Давлатии Омӯзгори Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Дар озмунҳои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти мактабҳои олии касбӣ аз математика, масъалаҳое вомехӯранд, ки ҳалли онҳо ба мафҳуми функсияҳои қисми бутун ва қисми касрии ададҳои ҳақиқӣ вобастаанд. Ин мафҳумҳо дар барномаҳои математикаи муассисаҳои таҳсилоти мактабҳои олии касбӣ вуҷуд дорад, лекин дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ вуҷуд надорад. Дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ин мафҳумҳоро баъзе омӯзгорони бо таҷриба дар маҳфилҳои математика ба хонандагон меомӯзонанд.

Мо дар ин мақола татбиқи функсияҳои қисми бутун ва қисми касрии адади ҳақиқиро дар ҳалли баъзе масъалаҳои матнӣ бо мисолҳои мушаххас баён кардем, ки онҳо дар тайёр намудани хонандагон ва донишҷӯён ба озмунҳои математикӣ ёрӣ мерасонад.

Дар ибтидо баъзе маълумоти ба ин мавзуъ вобастаро мухтасар баён мекунем.

Мо дар ин мақола, оид ба татбиқи функсияҳои $[\,x\,]$ ва $\{\,x\,\}$ дар ҳисоб кардани масоҳати фигура бо мисоли мушаххас баён кардем. Ба фикри мо мақолаи мазкур дар тайёр намудани хонандагон ва донишҷӯён ба озмунҳои математикӣ ёрӣ мерасонад.

Аввал баъзе маълумотҳое, ки ба ин мавзуъ вобастаанд, мухтасар баён мекунем.

**Таърифи 1.** Қисми бутуни адади ҳақиқии $x$ гуфта, ҳамин хел адади бутуни $n$–ро меноманд, ки вай нобаробарии $n \le x < n+1$–ро қаноат менамояд.

Қисми бутуни адади ҳақиқии $x$ бо $[\,x\,]$ («анте $x$» хонда мешавад) ё бо $E(x)$ ишора карда мешавад. Дар асоси ин ишораҳо нобаробарии зикркардашударо ба намуди $[x] \le x < [x]+1$ ё ки $E(x) \le x < E(x)+1$ навиштан мумкин аст.

**Таърифи 2.** Қисми касрии адади ҳақиқии $x$ ба ифодаи $x-[x]$ баробар буда, он бо $\{x\}$ ишора карда мешавад: $\{x\} = x-[x]$.

**Мисол.** $[5]=5$; $[-6]=-6$; $[1{,}7]=1$; $[7{,}2]=7$; $\left[3\frac{3}{4}\right]=3$; $[-2{,}3]=-3$; $[-7{,}9]=-8$; $[0]=0$; $[0{,}4]=0$; $[-0{,}4]=-1$; $[\sqrt{5}]=2$; $[-\sqrt{7}]=-3$; $[\pi]\ne 3{,}14=3$; $[-\pi]=-4$; $[e]=[2{,}71\ldots]=2$; $[-e]=-3$; $[\sqrt{\pi}]=[\sqrt{3{,}14\ldots}]=1$; $[-\pi]=[-\sqrt{3{,}14\ldots}]=[-1{,}\ldots]=-2$ ва ҳоказо.

Аз баробарии $\{x\} = x-[x]$ истифода бурда, $x$-ро бо қисми бутун ва қисми касрӣ чунин ифода кардан мумкин аст: $x=[x]+\{x\}$.

Акнун баъзе хосиятҳо ва графики функсияи $y=[x]$–ро муоина мекунем.

1. Соҳаи муайянии функсияи $y=[x]$ аз маҷмуи ададҳои ҳақиқии $R$ иборат аст, яъне $D(y)=D([x])=(-\infty;+\infty)=R$.

2. Соҳаи қиматҳои функсияи $y=[x]$ аз маҷмӯи ададҳои бутуни $Z$ иборат аст, яъне $E(y)=E([x])=Z$. Дар ин ҷо $E(y)$ – соҳаи қиматҳои функсияи $y=[x]$–ро аз қисми бутуни адади ҳақиқӣ $E(x)$ фарқ кардан лозим аст.

3. Функсияи $y=[x]$, функсияи дар порчаҳо доимӣ мебошад.

Маънои ин хосиятро аз графики функсияи $y=[x]$ фаҳмидан мумкин аст. Дар ҳақиқат, агар ба расми 1 эътибор диҳем графики ин функсия дар порчаҳои, $[-3;-2)$, $[-2;-1)$, $[-1;0)$, $[0;1)$, $[1;2)$,…аз хати рости доимӣ иборат аст.

4. Графики функсияи $y=[x]$–ро месозем (Расми 1).



Расми 1

Графики функсияи $y=\{x\}$–ро месозем (Расми 2).



Расми 2

Акнун баъзе хосиятҳои функсияи $y=\{x\}$–ро муоина мекунем.

1. Соҳаи муайянии функсияи $y=\{x\}$ маҷмӯи ададҳои ҳақиқии $R$ мебошад.

2. Соҳаи қиматҳои функсияи $y=\{x\}$ аз нимфосилаи $[0;1)$ иборат мебошад, ки инро дар расми 2 мушоҳида кардан мумкин аст.

3. Функсияи $y=\{x\}$ маҳдуд буда, нобаробарии $0\le\{x\}<1$-ро қаноат мекунонад. Дурустии ин тасдиқотро низ дар расми 2 дидан мумкин аст.

4. Барои дилхоҳ адади бутуни $n$ ва дилхоҳ адади ҳақиқии $x$ баробарии $\{x+n\}=\{x\}$ ҷой дорад, чунки адади бутуни $n$ ба қисми касрии адади ҳақиқии $x$ таъсир намерасонад. Аз ин хосият бармеояд, ки функсияи $y=\{x\}$ даврӣ буда, даври он ба 1 баробар аст.

5. Агар адади ҳақиқии $x$ бутун набошад, баробарии $\{-x\}=1-\{x\}$ ҷой дорад.

Акнун масъалаҳои матниро оид ба қисми бутун ва қисми касрии адади ҳақиқӣ муоина мекунем.

**Масъалаи 1.** Синну соли бародари Аҳмад, Одил аз 8 калон набуда ва аз 7 хурд нест. Агар синну соли бутуни пурраи Одилро 2 маротиба ва шумораи моҳҳои ӯро 3 маротиба зиёд карда, онҳоро ҷамъ кунем, синну соли додараш, Аҳмад бармеояд. Агар ҷамъи синну соли Аҳмад ва Одил ба 21 солу 8 моҳ баробар бошад, синну соли ҳар яке онҳоро ёбед.

**Ҳал.** Бигузор синну соли Одил $x$ бошад. Он гоҳ $[x]$ синну соли бутуни пурраи Одил буда, $\{x\}$ – шумораи моҳҳои пурраи сол набудаи вай мебошад. Аз шарти масъалаи додашуда бармеояд, ки синну соли Одил ва Аҳмад бо якҷоягӣ $2[x]+3\{x\}$ будааст. Ғайр аз ин ҷамъи синну соли Аҳмад ва Одил ба 21 солу 8 моҳ баробар аст. Акнун 8 моҳро ба сол мегардонем, яъне 8 моҳ= $\frac{8}{12}$ сол ё ки 8 моҳ= $\frac{2}{3}$ сол мебошад. Пас, ҷамъи синну соли Аҳмад ва Одил ба $21\frac{2}{3}$ сол баробар будааст.

Аз ишораҳои қисми бутун ва қисми касрии адади ҳақиқӣ ва аз шарти масъала истифода бурда, муодилаи зеринро ҳосил мекунем:

$$2[x]+3\{x\}+[x]+\{x\}=21\frac{2}{3}. \quad (1)$$

Акнун муодилаи ҳосилшударо ҳал мекунем. Аз баробарии (1) аъзоҳои монандро ҷамъ намуда, ҳосил мекунем:

$$3[x]+4\{x\}=21\frac{2}{3}. \quad (2)$$

Аз рӯи таърифи қисми касрии адад, баробарии $\{x\}=x-[x]$ ҷой дорад. Ин баробариро ба (2) гузошта баробариҳои зеринро пайдо мекунем:

$$3[x]+4(x-[x])=21\frac{2}{3};\ 4x-[x]=21\frac{2}{3};\ [x]=4x-21\frac{2}{3}. \quad (3)$$

Боз ба шарти масъала бармегардем. Мувофиқи он синну соли Одил аз 8 калон набуда ва аз 7 хурд нест. Барои ҳамин ҳам $[x]=7$ мешавад. Ин қиматро ба баробарии (3) гузошта пайдо мекунем:

$$4x-21\frac{2}{3}=7;\ 4x=21\frac{2}{3}+7;\ 4x=28\frac{2}{3};\ x=28\frac{2}{3}:4;\ x=7\frac{2}{12}.$$

Аз ин ҳал маълум мешавад, ки синну соли Одил ба 7 солу 2 моҳ баробар буда, синну соли Аҳмад ба 14 солу 6 моҳ баробар будааст.

**Ҷавоб:** ба 7 солу 2 моҳ ва 14 солу 6 моҳ.

**Масъалаи 2.** Маълум аст, ки дар тасма (лента) шумораи метрҳои пурра аз метрҳои нопурра (бо сантиметрҳо) 4 маротиба зиёд аст. Дарозии максималии имконпазири тасмаро ёбед.

**Ҳал.** Бигузор $x$ - дарозии тасма бошад. Аз таърифи қисми бутун ва касрии адад $x=[x]+\{x\}$ буда, дар ин ҷо $[x]$ – шумораи метрҳои пурраи дарозии тасма ва $\{x\}$ – шумораи метрҳои нопурра (бо сантиметрҳо) мебошанд. Масалан, дарозии тасма 12 метру 86 сантиметр бошад, он гоҳ $x=[x]+\{x\}$ ё $12{,}86=[12]+\{0{,}86\}$ мебошад.

Аз рӯи шарти масъала $4\cdot\{x\}=[x]$ буда, аз ин ҷо $\{x\}=\frac{[x]}{4}$ мебошад. Азбаски $0\le\{x\}<1$ аст, пас $0\le\frac{[x]}{4}<1$ ё ки $0\le[x]<4$, яъне $[x]\in[0;\,4)$ мебошад.

Барои он, ки тасма дарози максималӣ дошта бошад, бояд ифодаи $[x]$ қимати калонтаринро қабул кунад. Шарти $[x]\in[0;\,4)$–ро ба инобат гирем, калонтарин қимати $[x]$ ба 3 баробар мебошад, яъне $[x]=3$ аст. Он гоҳ $\{x\}=\frac{[x]}{4}$ ё ки $\{x\}=\frac{3}{4}=0{,}75$ мешавад. Пас, дарозии максималии имконпазири тасма ба 3 м 75 см баробар будааст.

**Ҷавоб:** 3 м 75 см.

**Масъалаи 3.** Пиёдагард бо суръати 5 км/соат роҳ гашта, баъди ҳар 4 км истироҳат мекунад. Дар истгоҳи чорум ӯ 1 соат истироҳат карда, дар дигар истгоҳҳо 10 дақиқагӣ вақт сарф мекунад. Агар пиёдагард соати 4-и саҳар ба роҳ баромада, ба манзилаш нисфи рӯз расад, ӯ чӣ қадар масофаро тай мекунад?

**Ҳал.** Масофаи матлубро бо $x$ км ишора мекунем. Пас, миқдори ҳамаи истгоҳҳо ба $\left[\frac{x}{4}\right]$ баробар мешавад. Он гоҳ пиёдагард барои истгоҳҳо $\left(\left[\frac{x}{4}\right]-1\right)\cdot\frac{1}{6}+1$ соат вақт сарф мекунад (дар ин ҷо 10 дақиқа = $\frac{1}{6}$ соат аст). Инчунин, мувофиқи шарти масъала, пиёдагард соати 4-и саҳар ба роҳ баромада, нисфирӯзӣ, яъне соати $12^{00}$ ба манзилаш мерасад (яъне, 24:2=12 соат). Аз ин ҷо бармеояд, ки пиёдагард ҳамагӣ (ҳам дар истгоҳ ва ҳам дар роҳ) 8 соат вақт сарф мекунад.

Пас, пиёдагард $8-\left(\left(\left[\frac{x}{4}\right]-1\right)\cdot\frac{1}{6}+1\right)=8-\left[\frac{x}{4}\right]\cdot\frac{1}{6}+\frac{1}{6}-1=7\frac{1}{6}-\frac{1}{6}\cdot\left[\frac{x}{4}\right]$ соат роҳ гашта аст.

Аз ин мулоҳизаҳо бармеояд, ки пиёдагард $x$ км масофаро бо суръати 5 км/соат дар $7\frac{1}{6}-\frac{1}{6}\cdot\left[\frac{x}{4}\right]$ соат тай кардааст.

Аз формулаи ҳаракат ( $S=vt$ ) истифода бурда, муодила тартиб медиҳем:

$$x = 5\cdot\left(7\frac{1}{6} - \frac{1}{6}\cdot\left[\frac{x}{4}\right]\right) = 5\cdot\left(\frac{43}{6} - \frac{1}{6}\cdot\left[\frac{x}{4}\right]\right) = \frac{215}{6} - \frac{5}{6}\cdot\left[\frac{x}{4}\right] \text{ ё ки } x = \frac{215}{6} - \frac{5}{6}\cdot\left[\frac{x}{4}\right].$$

Аз ин ҷо: $6x = 215 - 5\cdot\left[\frac{x}{4}\right]$ ё ки $\left[\frac{x}{4}\right] = \frac{215-6x}{5}$ .(4)

Аз рӯйи хосияти қисми бутуни адади ҳақиқии $[x] \le x < [x]+1$ истифода бурда, ҳосил мекунем:

$$\left[\frac{x}{4}\right] \le \frac{x}{4} < \left[\frac{x}{4}\right] + 1 \text{ .(5)}$$

Қимати $\left[\frac{x}{4}\right]$-ро аз ифодаи (4) ба ифодаи (5) гузошта, ҳосил мекунем:

$$\frac{215-6x}{5} \le \frac{x}{4} < \frac{215-6x}{5} + 1;\ \frac{215-6x}{5} \le \frac{x}{4} < \frac{220-6x}{5},$$

$$43 - \frac{6x}{5} \le \frac{x}{4} < 44 - \frac{6x}{5};\ 43 \le \frac{x}{4} + \frac{6x}{5} < 44;\ 43 \le \frac{29}{20}\cdot x < 44,$$

$$43\cdot\frac{5}{29} \le \frac{x}{4} < 44\cdot\frac{5}{29};\ \frac{215}{29} \le \frac{x}{4} < \frac{220}{29};\ 7{,}41\ldots \le \frac{x}{4} < 7{,}58\ldots$$

Пас, $\left[\frac{x}{4}\right] = 7$ шуда, $\frac{215-6x}{5} = 7$ мешавад. Муодилаи ҳосилшударо ҳал мекунем:

$215 - 6x = 35$, $6x = 180$, $x = 30$ (км). **Ҷавоб:** 30 км.

Акнун ба ҳал кардани масъала оид ба ҳисоб намудани масоҳати фигура шуруъ мекунем.

**Масъалаи 4.** Аз интерпретатсияи геометрии интеграли муайяни

$$\int_1^5 \left(\left|\left\{x - \frac{1}{2}\right\} - \frac{1}{2}\right| \cdot \frac{1}{[x]} + \frac{1}{2}\right) dx \quad (6)$$

истифода бурда, масоҳати арраи бедастаро ҳисоб кунед.

**Ҳал.** Графики функсияи $\left(\left|\left\{x - \frac{1}{2}\right\} - \frac{1}{2}\right| \cdot \frac{1}{[x]} + \frac{1}{2}\right)$ –ро дар ҳамвории координатӣ месозем. Графики ин функсия чунин мешавад (Расми 3).




Расм

Маънои геометрии интеграли муайяни (6), ин масоҳати фигурае, ки бо тири абссисса ва бо хати рости $x = 1$ ва $x = 5$ маҳдуд аст, мебошад. Пас, ҳисоб кардани интеграли (1), ин ҳисоб кардани масоҳати арраи бедаста мебошад, ки дар фигура штирихониида шудааст (Расми 4).

Барои ҳисоб кардани интеграли (6) аз формулаи $\{x\} = x - [x]$ истифода мебарем. Аз рӯи ин формула $\left\{x - \frac{1}{2}\right\} = x - \frac{1}{2} - \left[x - \frac{1}{2}\right]$

мешавад. Қимати $\left\{x - \frac{1}{2}\right\}$–ро ба ҷояш гузошта баробарии




Расм

$$\left|\left\{x - \frac{1}{2}\right\} - \frac{1}{2}\right| \cdot \frac{1}{[x]} + \frac{1}{2} = \left|x - \frac{1}{2} - \left[x - \frac{1}{2}\right] - \frac{1}{2}\right| \cdot \frac{1}{[x]} +$$

$$+\left|x - 1 - \left[x - \frac{1}{2}\right]\right| \cdot \frac{1}{[x]} + \frac{1}{2}$$

–ро ҳосил мекунем. Ишоракуниҳои зеринро дар (1) дохил мекунем:

$$y(x) = \left|x - 1 - \left[x - \frac{1}{2}\right]\right| \cdot \frac{1}{[x]} + \frac{1}{2}.$$

Аз ин ишоракуниҳо истифода бурда, интеграли додашударо чунин менависем:

$$S=\int_1^5 y(x)dx.$$

Аз хосиятҳои интегралҳо истифода бурда, интеграли ҳосилшударо дар намуди зерин менависем:

$$S=\int_1^5 y(x)dx=\int_1^2 y(x)dx+\int_2^3 \mathrm{y(x)dx}+\int_3^4 y(x)dx+\int_4^5 y(x)dx. \quad (7)$$

Ифодаи $[x]$, ки дар таҳти интеграли ин чор ҷамъшаванда мавҷуд аст, мувофиқан қиматҳои зеринро қабул мекунад.

Ҳангоми $x\in[1;\,2)$ будан: $[x]=1$; ҳангоми $x\in[2;\,3)$ будан: $[x]=2$; ҳангоми $x\in[3;4)$ будан: $[x]=3$ ва ҳангоми $x\in[4;5)$ будан: $[x]=4$ мешавад. Барои ҳисоб кардани ифодаи $\left[x-\frac{1}{2}\right]$, ки дар ифодаи $y(x)$ вуҷуд дорад, ҳар як ҷамъшавандаҳои баробарии (7)–ро боз ба ду фосилаҳо ҷудо мекунем:

$$\int_1^2 y(x)dx=\int_1^{\frac{3}{2}} y(x)dx+\int_{\frac{3}{2}}^2 y(x)dx. \quad (8)$$

Агар $x\in\left[1;\,\frac{3}{2}\right)$ бошад, $\left[x-\frac{1}{2}\right]=0$ шуда,

$$y(x)=\left|x-1-\left[x-\frac{1}{2}\right]\right|\cdot\frac{1}{[x]}+\frac{1}{2}=|x-1-0|\cdot\frac{1}{1}+\frac{1}{2}=|x-1|+\frac{1}{2}=x-1+\frac{1}{2}=x-\frac{1}{2}$$

мешавад, чунки дар ҳолати $x\in\left[1;\,\frac{3}{2}\right)$ будан $x-1>0$ шуда, $|x-1|=x-1$ мешавад.

Агар $x\in\left[\frac{3}{2};\,2\right)$ бошад, $\left[x-\frac{1}{2}\right]=1$ шуда,

$$y(x)=\left|x-1-\left[x-\frac{1}{2}\right]\right|\cdot\frac{1}{[x]}+\frac{1}{2}=\ [x-1-1]\cdot\frac{1}{1}+\frac{1}{2}=|x-2|+\frac{1}{2}=$$

$$=-(x-2)+\frac{1}{2}=-x+2+\frac{1}{2}=-x+\frac{5}{2}$$

мешавад, чунки дар ҳолати $x\in\left[\frac{3}{2};\,2\right)$ будан $x-2<0$ шуда, $|x-2|=-(x-2)$ мешавад.

Ҳамин тавр, аз интеграли (8) меёбем:

$$\int_1^2 y(x)=\int_1^{\frac{3}{2}}\left(x-\frac{1}{2}\right)dx+\int_{\frac{3}{2}}^2\left(-x+\frac{5}{2}\right)dx=\left.\left(\frac{1}{2}x^2-\frac{1}{2}x\right)\right|_1^{\frac{3}{2}}-\left.\left(\frac{1}{2}x^2-\frac{5}{2}x\right)\right|_{\frac{3}{2}}^2=$$

$$=\frac{1}{2}\left(\frac{9}{4}-\frac{3}{2}-(1-1)\right)-\left.\frac{1}{2}\left(x^2-5x\right)\right|_{\frac{3}{2}}^2=\frac{1}{2}\left(\frac{9-6}{4}-0\right)-\frac{1}{2}\left((4-10)-\left(\frac{9}{4}-\frac{15}{2}\right)\right)=\frac{3}{4}.$$

Пас, $\int_1^2 y(x)dx=\frac{3}{4}$ мешавад.

Акнун ҷамъшавандаи дуюмро низ ба ду ҷамъшавандаҳо ҷудо карда, ҳисоб мекунем:

$$\int_2^3 y(x)dx=\int_2^{\frac{5}{2}} y(x)dx+\int_{\frac{5}{2}}^3 y(x)dx. \quad (9)$$

Агар $x \in \left[2; \frac{5}{2}\right)$ бошад, $\left[x-\frac{1}{2}\right]=1$ шуда, $y(x)=\left|x-1-\left[x-\frac{1}{2}\right]\right|\cdot\frac{1}{[x]}+\frac{1}{2}=$

$$=|x-1-1|\cdot\frac{1}{2}+\frac{1}{2}=|x-2|\cdot\frac{1}{2}+\frac{1}{2}=(x-2)\cdot\frac{1}{2}+\frac{1}{2}=\frac{1}{2}x-1+\frac{1}{2}=\frac{1}{2}x-\frac{1}{2}$$

мешавад, чунки дар ин фосила $x-2>0$ буда, $|x-2|=x-2$ аст.

Агар $x \in \left[\frac{5}{2};\ 3\right)$ бошад, $\left[x-\frac{1}{2}\right]=2$ шуда,

$$y(x)=\left|x-1-\left[x-\frac{1}{2}\right]\right|\cdot\frac{1}{[x]}+\frac{1}{2}=|x-1-2|\cdot\frac{1}{2}+\frac{1}{2}=$$

$$=|x-3|\cdot\frac{1}{2}+\frac{1}{2}=-(x-3)\cdot\frac{1}{2}+\frac{1}{2}=-\frac{1}{2}x+\frac{3}{2}+\frac{1}{2}=-\frac{1}{2}x+2$$

мешавад, чунки дар ин фосила $x-3<0$ буда, $|x-3|=-(x-3)$ аст.

Ҳамин тавр, аз (9) истифода бурда меёбем:

$$\int_2^3 y(x)dx=\int_2^{\frac{5}{2}}(\frac{1}{2}x-\frac{1}{2})dx+\int_{\frac{5}{2}}^3(-\frac{1}{2}x+2)dx=\frac{1}{2}\int_2^{\frac{5}{2}}(x-1)dx-\frac{1}{2}\int_{\frac{5}{2}}^3(x-4)dx=$$

$$=\frac{1}{2}\left(\frac{1}{2}x^2-x\right)\Bigg|_2^{\frac{5}{2}}-\frac{1}{2}\left(\frac{1}{2}x^2-4x\right)\Bigg|_{\frac{5}{2}}^3=\frac{1}{4}(x^2-2x)\Bigg|_2^{\frac{5}{2}}-\frac{1}{4}(x^2 8x)\Bigg|_{\frac{5}{2}}^3=$$

$$=\frac{1}{4}\left(\frac{25}{4}-5-(4-4)\right)-\frac{1}{4}\left(9-24-(\frac{25}{4}-20)\right)=$$

$$=\frac{1}{4}\cdot\frac{5}{4}-\frac{1}{4}\left(-15-\frac{25-80}{4}\right)=\frac{5}{16}-\frac{1}{4}(-15+\frac{55}{4})=\frac{5}{16}+\frac{1}{4}\cdot\frac{5}{4}=\frac{5}{8}.$$

Пас, $\int_2^3 y(x)dx=\frac{5}{8}$ . (10)

Аз фикрронихои қайдкардашуда истифода бурда, ҷамъшавандаи сеюми баробарии (7)-ро ҳисоб мекунем:

$$\int_3^4 y(x)dx=\int_3^{\frac{7}{2}} y(x)dx+\int_{\frac{7}{2}}^4 y(x)dx\ . \quad (11)$$

Агар $x \in \left[3;\ \frac{7}{2}\right)$ бошад, $\left[x-\frac{1}{2}\right]=2$ буда,

$$y(x)=\left|x-1-\left[x-\frac{1}{2}\right]\right|\cdot\frac{1}{[x]}+\frac{1}{2}=|x-1-2|\cdot\frac{1}{3}+\frac{1}{2}=$$

$$=|x-3|\cdot\frac{1}{3}+\frac{1}{2}=(x-3)\cdot\frac{1}{3}+\frac{1}{2}=\frac{1}{3}x-1+\frac{1}{2}=\frac{1}{3}x-\frac{1}{2}$$

мешавад, чунки дар ин фосила $x-3>0$ буда, $|x-3|=x-3$ аст. Агар $x \in \left[\frac{7}{2}; 4\right)$ бошад, $\left[x-\frac{1}{2}\right]=3$ шуда,

$$y(x)=\left|x-1-\left[x-\frac{1}{2}\right]\right|\cdot\frac{1}{[x]}+\frac{1}{2}=|x-1-3|\cdot\frac{1}{3}+\frac{1}{2}=$$

$$=|x-4|\cdot\frac{1}{3}+\frac{1}{2}=-(x-4)\cdot\frac{1}{3}+\frac{1}{2}=-\frac{1}{3}x+\frac{4}{3}+\frac{1}{2}=-\frac{1}{3}x+\frac{11}{6}$$

мешавад, чунки дар ин фосила $x-4<0$ буда, $|x-4|=-(x-4)$ аст.

Ҳамин тавр, аз баробарии (11) истифода бурда меёбем:

$$\int_3^4 y(x)dx=\int_3^{\frac{7}{2}}\left(\frac{1}{3}x-\frac{1}{2}\right)dx+\int_{\frac{7}{2}}^4\left(-\frac{1}{3}x+\frac{11}{6}\right)dx=\frac{1}{3}\int_3^{\frac{7}{2}}(x-\frac{3}{2})dx-\frac{1}{3}\int_{\frac{7}{2}}^4\left(x-\frac{33}{6}\right)dx=$$

$$=\frac{1}{3}\left(\frac{1}{2}x^2-\frac{3}{2}x\right)\Bigg|_3^{\frac{7}{2}}-\frac{1}{3}\left(\frac{1}{2}x^2-\frac{33}{6}x\right)\Bigg|_{\frac{7}{2}}^4=\frac{1}{6}\left(x^2-3x\right)\Bigg|_3^{\frac{7}{2}}-\frac{1}{6}\left(x^2-11x\right)\Bigg|_{\frac{7}{2}}^4=$$

$$=\frac{1}{6}\left(\frac{49}{4}-\frac{21}{2}-(9-9)\right)-\frac{1}{6}\left(16-44-\left(\frac{49}{4}-\frac{77}{2}\right)\right)=$$

$$=\frac{1}{6}\left(\frac{49-42}{4}\right)-\frac{1}{6}\left(-28-\frac{49-154}{4}\right)=\frac{1}{6}\cdot\frac{7}{4}-\frac{1}{6}\left(-28+\frac{105}{4}\right)=\frac{7}{12}.$$

Пас, $\int_3^4 y(x)dx=\frac{7}{12}$ (12)

мешавад.

Ҷамъшавандаи охирини интеграли (7)–ро чунин менависем:

$$\int_4^5 y(x)dx=\int_4^{\frac{9}{2}} y(x)dx+\int_{\frac{9}{2}}^5 y(x)dx \quad (13)$$

Агар $x\in\left[4;\frac{9}{2}\right)$ бошад, $\left[x-\frac{1}{2}\right]=3$ шуда,

$$y(x)=\left|x-1-\left[x-\frac{1}{2}\right]\right|\cdot\frac{1}{[x]}+\frac{1}{2}=|x-1-3|\cdot\frac{1}{4}+\frac{1}{2}=|x-4|\cdot\frac{1}{4}+\frac{1}{2}=$$

$$=(x-4)\cdot\frac{1}{4}+\frac{1}{2}=\frac{1}{4}x-1+\frac{1}{2}=\frac{1}{4}x-\frac{1}{2}$$

мешавад, чунки дар ин фосила $x-4<0$ буда, $|x-4|=x-4$ аст.

Агар $x\in\left[\frac{9}{2};5\right)$ бошад, $\left[x-\frac{1}{2}\right]=4$ буда,

$$y(x)=\left|x-1-\left[x-\frac{1}{2}\right]\right|\cdot\frac{1}{[x]}+\frac{1}{2}=|x-1-4|\cdot\frac{1}{4}+\frac{1}{2}=$$

$$=|x-5|\cdot\frac{1}{4}+\frac{1}{2}=-(x-5)\cdot\frac{1}{4}+\frac{1}{2}=-(x-5)\cdot\frac{1}{4}+\frac{1}{2}=\frac{1}{4}x+\frac{5}{4}+\frac{1}{2}=-\frac{1}{4}x+\frac{7}{4}$$

мешавад, чунки дар ин фосила $x-5<0$ шуда, $|x-5|=-(x-5)$ аст. Ҳамин тавр, аз баробарии (13) истифода бурда меёбем:

$$\int_4^5 y(x)dx=\int_4^{\frac{9}{2}} y(x)dx+\int_{\frac{9}{2}}^5 y(x)dx=\int_4^{\frac{9}{2}}\left(\frac{1}{4}x-\frac{1}{2}\right)dx+\int_{\frac{9}{2}}^5\left(-\frac{1}{4}x+\frac{7}{4}\right)dx=$$

$$=\frac{1}{4}\int_4^{\frac{9}{2}}(x-2)dx-\frac{1}{4}\int_{\frac{9}{2}}^5(x-7)dx=\frac{1}{4}\left(\frac{1}{2}x^2-2x\right)\Bigg|_4^{\frac{9}{2}}-\frac{1}{4}\left(\frac{1}{2}x^2-7x\right)\Bigg|_{\frac{9}{2}}^5=$$

$$=\frac{1}{8}\left(x^2-4x\right)\Bigg|_{4}^{\frac{9}{2}}-\frac{1}{8}\left(x^2-14x\right)\Bigg|_{\frac{9}{2}}^{5}=\frac{1}{8}\left(\frac{81}{4}-18-\left(16-16\right)\right)-$$

$$-\frac{1}{8}\left(25-70-\left(\frac{81}{4}-63\right)\right)=\frac{1}{8}\left(\frac{81-72}{4}\right)-\frac{1}{8}\left(-31-\frac{81-252}{4}\right)=$$

$$=\frac{9}{32}-\frac{1}{8}\left(-45+\frac{171}{4}\right)=\frac{9}{32}-\frac{1}{8}\cdot\left(\frac{-180+171}{4}\right)=\frac{9}{32}+\frac{9}{32}=\frac{9}{16}.$$

Пас, $\int_4^5 y(x)dx=\frac{9}{16}$. (14)

Натиҷаи ҳисобкуниҳои (8), (10), (12) ва (14)-ро ба эътибор гирифта, интеграли (7)-ро ҳисоб мекунем:

$$S=\int_1^5\left(\left|\left\{x-\frac{1}{2}\right\}-\frac{1}{2}\right|\cdot\frac{1}{[x]}+\frac{1}{2}\right)dx=\int_1^2 y(x)dx+\int_2^3 y(x)dx+\int_3^4 y(x)dx+\int_4^5 y(x)dx=$$

$$=\frac{3}{4}+\frac{5}{8}+\frac{7}{12}+\frac{9}{16}=\frac{36+30+28+27}{48}=\frac{121}{48}=2\frac{25}{48}.$$ **Ҷавоб:** $2\frac{25}{48}$.

Ҳамин тавр, мо татбиқи функсияҳои $[x]$ ва $\{x\}$-ро дар ҳисоб кардани масоҳати фигураҳо бо истифода аз интеграли муайян низ нишон додем.

**АДАБИЁТ:**


1.Бухштаб А.А. Теория чисел. – М.: Просвещение, 1966. –508 с.

2.Виноградов И.М. Основы теории чисел. – М.:Просвещение, 1976. – 207 с.

3.Грибанов В.У., Титов П.И. Сборник упражнений по теории чисел. –М.:Просвещение, 1964. – 142 с.

4.Евсюк С.Л. Математика. Решение задач повышенной сложности. Минск «Мисанта» 2003 г., с. 44.

5.Абрамов А. М. Ивлев Б.М. Задачи повышенной трудности по алгебре и началам анализа «Просвещение» 1990 г.

6.В.Н. Березин, И.Л. Никольская, Л.Ю. Березина. Сборник задач для факультативных и внеклассных занятий по математике, - М.:1985.

7.Вороной А.Н. Уравнение с переменной под знаком целой или дробной части. Журнал «Математика в школе» №10, 2002 г., с. 56-59.


## МЕТОДИКАИ ОМӮЗИШИ ФУНКСИЯҲОИ ҚИСМИ БУТУН ВА ҚИСМИ КАСРИИ АДАДИ ҲАҚИҚӢ ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО


Дар мақолаи мазкур методикаи омӯзиш ва татбиқи функсияҳои қисми бутун ([x]) ва қисми касрии ({x}) ададҳои ҳақиқӣ дар ҳалли масъалаҳои матнӣ ва ҳисоб кардани масоҳати баъзе фигураҳо бо мисолҳои мушаххас баён карда шудааст.



***Калидвожаҳо:*** *Методика, қисми бутун, қисми касрӣ, хосият, график, соҳаи қиматҳои функсия, ададҳои ҳақиқӣ, масъалаҳои матнӣ, масоҳат, интеграл, функсия, ҳисоб кардан, фигура.*


## МЕТОДЫ ИЗУЧЕНИЯ ФУНКЦИЙ ЦЕЛОЙ И ДРУЖНОЙ ЧАСТИ ДЕЙСТВИТЕЛЬНЫХ ЧИСЛ ПРИ РЕШЕНИИ ЗАДАЧ


В данной статье изложена метод обучения и применения функций целой части ([x]) и дробной части ({x}) действительных чисел при решении текстовых задач и вычислении площади некоторых фигур на конкретных примерах. .



***Ключевые слова:*** *Методика, целая часть, дробная часть, свойство, график, область значений функции, действительные числа, текстовые задачи, площадь, интеграл, функция, вычисление, фигура.*


## METHODS OF STUDYING FUNCTIONS OF INTEGER PART AND FRACTIONAL PART OF REAL NUMBERS IN PROBLEM SOLVING


This article outlines a method for learning and applying the functions of the integer part ([x]) and fractional part ({x}) of real numbers when solving word problems and calculating the area of some figures using specific examples. .



***Key words:*** *Methodology, integer part, fractional part, property, graph, range of values of a function, real numbers, word problems, area, integral, function, calculation, figure.*



***Маълумот дар бораи муаллифон:*** *Чориев У. – дотсенти кафедраи алгебра ва назарияи ададҳои ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои физика - математика;Сурога: 734019, Ҷумҳурии*

*Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.Телефон: (+992) 93119 85 24. E-mai: umidchoriyev@mail.ru*

*Маҳкамов М. – дотсенти кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ;Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.Телефон: (+992) 935 85 10 55. E-mai: mahkamov_M51@mail.ru*

***Сведение об авторах:** Чориев У. – кандидат физико - математических наук, доцент кафедры алгебры и теории чисел Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни. Тел: (+992) 93119 85 24. E-mai: umidchoriyev@mail.ru*

*Махкамов М. – кандидат педагогических наук, доцент кафедры методики преподования математика Таджикского государственного педагогического университета им. С.Айни. Тел.: (+992) 935851055. E-mail: mahkamov_M51@mail.ru*

***Information about the authors:** Choriev U. – Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Associate Professor of the Department of Algebra and Number Theory of the Tajik State Pedagogical University. S. Aini. Tel: (+992) 93 119 85 24. E-mai: umidchoriyev@mail.ru*

*Makhkamov M. - Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor - Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. Phone: (+992) 935851055. E-mail: mahkamov_M51@mail.ru*

**ТДУ: 372.853(575.3)**

# ТАТБИҚИ АЛГОРИТМИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ДОИР БА БОБИ «АСОСҲОИ СТАТИКА» ДАР СИНФИ X

***Раҷабов У. Х.***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Алгоритм ҳамчун маҷмуи муқаррароти тарҳрезишудае мебошад, ки иҷрои пайдарпайии он ба ҳал кардани ягон масъалаи мушаххас имконият фароҳам меорад [13, с. 122]. Доир ба аҳамияти алгоритмҳо барои самаранок омӯзонидани хонандагон ва ташаккул додани малакаву маҳоратҳои ҳал кардани масъалаҳо маълумоти бештарро аз тадқиқоти олимон [1, 2, 4, 5, 9, 11] дастрас карда метавонед.

Таҳлили адабиёти илмӣ, методӣ, педагогӣ, психологӣ ва таҷрибаи кори омӯзгорони физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ошкор сохт, ки доир ба методикаи ҳалли масъалаҳо дар таълими физика олимон Каменетский С.Е., Орехов В.П. [6], Резников Л.И. [9], Умаров У.С., Раҷабов У.Х., Бобониёзова Г.А. [11], Усова А.В., Тулкибаева Н.Н. [14] ва дигарон тадқиқот бурда, мақолаву дастурҳои методиву таълимӣ нашр кардаанд. Доир ба татбиқи алгоритм дар ҳалли масъалаҳои физикӣ муҳаққиқон Аксененко Н.И., Бит-Давид Е.Л., Кревчик В.Д. [1, 2], Бит-Давид Е.Л. [4], Гутман В.И. ва Мощанский В.Н. [5] дар мақолаву дастурҳои методиашон фикрҳои худро иброз намудаанд, ки дар онҳо доир ба мавзуи тадқиқотӣ маълумоти кам дарёфт кардан мумкин аст.

Гуфтан ҷоиз аст, ки то ба ҳол ягон дастури методии мукаммале ба забони тоҷикӣ оид ба алгоритми ҳалли масъалаҳои физикӣ доир ба боби «Асосҳои статика» вуҷуд надорад. Ҳол он ки китоби дарсии физикаи синфи X [8, с. 46] ва барномаи таълимии амалкунандаи физика [3] барои ин шароити мусоид фароҳам меорад. Аз ин лиҳоз, мо тасмим гирифтем, ки доир ба алгоритми ҳалли масъалаҳо оид ба боби «Асосҳои статика» дар синфи X тавсияҳо пешниҳод намоем.

Тадқиқот нишон медиҳад, ки дар дарсҳои физика ба таври мусалсал истифода кардани алгоритмҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳои физикӣ фаъолияти маърифатии хонандагонро ташаккул дода, бахри рушди қобилияти эҷодиву тафаккури мантиқиву физикии хонандагон, татбиқи донишҳои назариявӣ дар амал кӯмак мерасонад [13, с. 122].

**Қисми асосӣ**

Барои бомуваффақият азхуд кардани методикаи ҳалли масъалаҳо доир ба боби «Асосҳои статика» хонандагон бояд мафҳумҳо ва ғояҳои зеринро таҳлилу баррасӣ карда тавонанд:

-мафҳуми қувва;

-мафҳуми ҷамъи қувваҳо ва қувваи натиҷавӣ;

-мафҳумҳои китфи қувва ва моменти қувва;

-ду шарти мувозинатии ҷисмҳо;

-мафҳуми маркази вазнинии ҷисм.

Мафҳуми қувва ҳангоми омӯзиши боби «Динамикаи нуқтаи материалӣ» ташаккул дода мешавад. Одатан, ҳангоми омӯзиши боби «Асосҳои статика» ҷисми сахт муоина мегардад ва ба хонандагон омӯзонидани аниқ муайян кардани нуқтаи гузориши қувва хеле муҳим аст.

Ҳамзамон, бояд нишон дод, ки нуқтаи гузориши қувваро дар ҷисм қад-қади хати таъсири он интиқол додан мумкин аст ва ин натиҷаи таъсири қувваро ба ҷисм тағйир намедиҳад.

Дар ҳолате ки агар ҳамаи қувваҳои қад-қади хати таъсир интиқолдодашударо, ба як нуқта овардан имконпазир бошад, пас онҳоро бо як қувва, яъне қувваи натиҷавӣ (ё баробартаъсиркунандаи қувваҳо) иваз кардан мумкин аст. Дар назар доштан лозим аст, ки маҷмуи қувваҳоро на ҳамеша ба қувваи натиҷавӣ табдил додан имконпазир аст. Агар ба ҷисм ду қувваи модулан баробар ва муқобилсамт $\left(\vec{F}_1 = -\vec{F}_2\right)$ таъсир кунанд, ки на аз рӯйи як хати рост (ҷуфти қувваҳо) равона шудаанд, он гоҳ ин маҷмуи қувваҳо қувваи натиҷавӣ надоранд. Ин қувваҳо ҷисмро ба чархзанӣ водор мекунанд ва бо мафҳуми моменти ҷуфти қувваҳо $M = F \cdot l$ муайян карда мешаванд. Дар ин ҷо $F = F_1 = F_2$ ва $l$ – китфи ҷуфти қувва аст, ки он ба масофаи кӯтоҳтарини байни нуқтаи гузориши қувва ва нуқтаи таъсири он баробар аст. Ҷуфти қувваҳо қувваи натиҷавӣ надорад, аммо ҳангоми таъсири он ба ҷисм суммаи вектории ин қувваҳо ба сифр баробар мешавад, яъне $\vec{F}_1 + \vec{F}_2 = 0$. Бинобар ин, зимни таҳияи шарти якуми мувозинатии ҷисмҳо, ба сифр баробар будани на қувваи натиҷавӣ, балки суммаи вектории қувваҳоро дар назар доштан лозим аст. «Қуввае, ки таъсири он ба ҷисм ба таъсири чанд қувваи дар як вақт таъсиркунанда баробар аст, қувваи натиҷавӣ (ё баробартаъсиркунандаи қувваҳо) номида мешавад» [7, с. 56]. Қувваи натиҷавӣ ҳамчун суммаи вектории қувваҳо муайян карда мешавад, аммо ин таърифи он нест, балки қоидаи муайянкуниаш мебошад. Аз ин рӯ, мафҳумҳои «қувваи натиҷавӣ» ва «суммаи вектории қувваҳо» якхела нестанд.

Барои азхуд кардани маводи боби «Асосҳои статика» муҳим он аст, ки хонандагон боварӣ ҳосил намоянд: барои баҳодиҳии таъсироти гардишовари қувва ба ҷисме, ки меҳвари гардиш дорад, мафҳуми қувваи қаблан омӯхташуда кофӣ нест, зеро таъсироти гардишовари қувва на танҳо ба модули қувва, балки ба мавқеи нуқтаи гузориши он нисбат ба меҳвари гардиш вобаста аст. Ҳар қадаре ки нуқтаи гузориши қувваи додашуда аз меҳвар дур бошад, таъсироти гардишоварандаи қувва ҳамон қадар зиёд мешавад. Дар асоси таҷрибаи зерин ба чунин хулоса омадан мумкин аст: ба чархзании диски дар меҳвари уфуқӣ ҷойгирбуда халал (монеъгӣ) расонидани пружинаи дар он амудан насбкардашуда, аз рӯйи дарозшавии он ба таъсироти чархзанонандаи қувва баҳо дода мешавад. Дар ин маврид аввалан қимати қувва (шумораи борҳои ба ресмон овезонбудаи ба диск насбшуда) тағйир меёбаду сипас, дар ҳамон нуқтаи гузориш хатҳои таъсири қувва (ресмон аз болои ғарғара партофта мешавад).

Ҳалли ҳамаи масъалаҳои боби «Асосҳои статика» дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ду муодила асос ёфтааст: $\sum \vec{F}_i = 0$ ва $\sum M_i = 0$, ки дар физикаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ шартҳои мувозинати ҷисмҳо меноманд. (Қайд бояд кард, ки онҳоро дар механика муодилаҳои мувозинат мегӯянд ва шартҳои мувозинат муодилаҳое мебошанд, ки робитаро дарбар намегиранд, масалан принсипи кӯчишҳои виртуалӣ, принсипи минимуми энергияи потенсиалӣ).

Дар шарти дуюми мувозинат мафҳуми моменти қувва нисбат ба меҳвар истифода мешавад. Зимни омӯзиши физикаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ танҳо масъалаҳое муоина мешаванд, ки онҳо қувваҳои дар як ҳамвории перпендикуляр ба меҳвар ҷойгирбударо фаро мегиранд. Буриши меҳвар бо ҳамворӣ нуқта мебошад, бинобар ин баъзан доир ба моменти қувва нисбат ба ин нуқта ҳарф мезананд. Ҳамзамон, бояд ба назар гирифт, ки дар механика ба ғайр аз бузургии скалярии моменти қувва нисбат ба меҳвар, боз бузургии дигар - $M = \left[\vec{r} \cdot \vec{F}\right]$ дохил карда мешавад, ки ин ҷо $\vec{r}$ — радиус-вектори аз нуқтаи гузориши қувва гузаронидашуда мебошад. Бинобар ин, мавриди омӯзиши физика дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ доир ба моменти қувва нисбат ба меҳвар сухан рондан лозим аст, на нисбат ба нуқта, гарчанде ҳангоми ҳалли баъзе масъалаҳои боби «Асосҳои статика»-и физикаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар онҳо қувваҳо дар ҳамвории нисбат ба меҳвар перпендикуляр ҷойгиранд), модулҳои моменти қувва нисбат ба меҳвар ва нуқта якхелаанд.

Татбиқи шартҳои мувозинат барои ҳалли масъалаҳои боби «Асосҳои статика» дар хонандагон як қатор душвориҳо ба миён меорад. Ба ин гуна мушкилиҳо пеш аз ҳама муайян кардани китфи қувва ҳангоми ёфтани моменти қувва дохил мешавад. Дар ин маврид хатоии маъмултарини хонандагон аз он иборат аст, ки масофа аз нуқтаи гузориши қувва то тир ҳамчун китфи қувва қабул карда мешавад, на дарозии перпендикуляри ба хати таъсири қувва аз нуқтаи буриши меҳвар ба ҳамворие, ки дар он қувва ҷойгир аст, гузаронидашуда. Бинобар

ин, ҳангоми ҳал кардани як қатор масъалаҳо нишон додан лозим аст, ки ин мафҳумҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Мушкилии дигар дар дарёфти меҳваре мебошад, ки нисбат ба он моментҳои қувваҳоро муайян кардан мувофиқи мақсад аст. Агар ҷисм дар мувозинат бошад, он гоҳ, меҳвари гардиши аёнӣ вуҷуд надорад, ки ин боиси душвории ҳал кардани масъалаҳо аз ҷониби хонандагон мегардад. Дар ҳамин робита ба таври мунтазам тавзеҳ додан лозим аст, ки меҳвари гардишро тавассути нуқтаи дилхоҳ гузаронидан мумкин аст, зеро агар ҷисм дар ҳолати мувозинатӣ қарор дошта бошад, он гоҳ нисбат ба ягон меҳвар давр намезанад. Ин чунин маъно дорад, ки нисбат ба ягон меҳвар суммаи моменти қувваҳо бояд ба сифр баробар шавад, бинобар ин меҳвари гардишро аз ҳар нуқтаи дилхоҳ гузаронидан мумкин аст. Меҳвари гардиш аз нуқтае, ки шумораи бештари хатҳои таъсири қувваҳо аз он мегузаранд, гузаронида мешавад, зеро китфҳо ва аз ин рӯ моменти ин гуна қувваҳо ба сифр баробар мешаванду муодила шакли соддатаринро мегирад. Ҳангоми ҳалли ҳар як масъала таъкид кардан лозим аст, ки меҳвар аз кадом нуқта мегузарад ва он ба ҳамвории нақшаи тасвиршуда перпендикуляр аст.

Мушкилии сеюм ба муайян кардани қувваҳои реаксия, алалхусус қувваҳои реаксияе, ки дар часпакҳо (ошиқ-маъшуқҳо) таъсир мекунанд, вобаста аст. Мо ин масъаларо баъдтар муфассалтар муоина менамоем, вале алҳол фақат ҳаминро қайд мекунем, ки қувваҳои реаксия аз қувваҳои ба ном «фаъол» бо он фарқ мекунанд, ки онҳо ҷисмро ба ҳаракат дароварда наметавонанд. Қувваҳои реаксия таъсироти пайвандҳоеро, ки ҳаракати ҷисмро маҳдуд мекунанд, ҷуброн мекунанд. Модул ва самти таъсири қувваҳои реаксия аз рӯйи модулу самти таъсири қувваҳои «фаъол», инчунин самти ҳаракати эҳтимолии ҷисм муайян карда мешавад. Нуқтаҳои гузориши қувваҳои реаксия дар нуқтаҳои тамоси ҷисмҳо ва пайвандҳо ҷойгиранд. Агар самти таъсири қувваҳои «фаъол» маълум бошад, он гоҳ самти таъсири қувваҳои реаксия ба муқобили самти ҳаракати эҳтимолии ҷисм, таҳти таъсири қувваҳои «фаъол», интихоб карда мешавад. Агар ин корро кардан мумкин набошад, он гоҳ самти таъсири қувваҳои реаксионӣ тахминан интихоб карда мешавад ва самти воқеии онҳоро аз рӯйи аломати проексияҳои қувваҳои реаксионӣ ҳангоми ҳалли масъала муайян кардан мумкин аст.

Дар байни масъалаҳои боби «Асосҳои статика», ки зимни омӯзиши физикаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳал карда мешаванд, навъҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст, ки онҳо интихоб ва пайдарпайии ҳалли масъалаҳои ин мавзуъро муайян мекунанд:

1) масъалаҳое, ки дар онҳо танҳо шарти якуми мувозинат истифода мешавад;
2) масъалаҳое, ки дар онҳо танҳо шарти дуюми мувозинат истифода мешавад;
3) масъалаҳое, ки дар онҳо ҳарду шарти мувозинат бояд истифода шаванд;
4) масъалаҳо доир ба муайян кардани маркази вазнинӣ.

Пас аз муоинаи шарти якуми мувозинат масъалаеро ҳал кардан лозим аст, ки он имкон медиҳад як қатор нуктаҳои алгоритмро тартиб диҳем. Масалан, ҳалли масъалаи зеринро муоина менамоем.

**Масъалаи 1.** Дар кадом кунҷи максималии моилии ҳамворӣ нисбат ба уфуқ ҷисми дар сатҳи он ҷойгирбуда, ҳангоми μ будани коэффитсиенти соиши байни ҷисм ва сатҳ қад-қади ҳамвории моил намелағжад?

**Дода шудааст:**

$\mu$

$\vartheta=0$

$\alpha$-?

**Ҳал:**

1. Системаи сарҳисобро, чуноне ки дар расм нишон дода шудааст, интихоб мекунем (расми 1).

2. Маълум аст, ки ҷисм дар ҳолати мувозинат қарор дорад, бинобар ин, суммаи вектории қувваҳои ба он таъсиркунанда бояд ба сифр баробар бошад. Ин маънои онро дорад, ки барои истифода бурдани шарти якуми мувозинати ҷисмҳо тамоми қувваҳои ба ҷисм таъсиркунандаро ёфтан лозим аст. Ба ҷисм қувваи вазнинӣ $\vec{F}_в$, реаксияи такягоҳ $\vec{N}$ ва қувваи соиши оромӣ $\vec{F}_c$, ки ба самти муқобили ҳаракати имконпазир нигаронида шудааст, таъсир мерасонанд.

3. Шарти якуми мувозинатро дар шакли векторӣ менависем:

$$\vec{F}_в + \vec{N} + \vec{F}_c = 0.$$

Аз ин ҷо:

$$\begin{cases} F_в \sin\alpha - F_c = 0, \\ -F_в \cos\alpha + N = 0. \end{cases}$$

мешавад.

4. Қувваҳоро тавассути бузургиҳое ифода мекунем, ки аз онҳо вобастаанд. Қувваи соиши оромӣ қиматҳои гуногун қабул карда метавонад. Ҳангоми кунҷи ҳудудии ҳамвории моил он ба қимати калонтарине, ки ба қувваи соиши лағжиш баробар аст, соҳиб гардида метавонад, яъне $F_c = \mu N$. Қувваи вазнинӣ ба $F_в = mg$ баробар мешавад.




Расми 1

5. Ҳалли системаи муодилаҳо $tg\alpha = \mu$ – ро медиҳад.

Ҳамин тариқ, ҳалли масъалаҳо аз боби «Асосҳои статика», ба монанди ҳалли масъалаҳо доир ба боби «Асосҳои динамика» низ интихоби системаи сарҳисоб, ҷустуҷуйи қувваҳо ва ифодаи онҳоро тавассути бузургие, ки вобастагӣ доранд, тақозо мекунад.

Ба сифати намуна барои татбиқи шарти якуми мувозинат ҳал кардани масъалаи мазкурро тавсия медиҳем.

**Масъалаи 2.** Ба мобайни симтаноби бевазн, ки нӯгҳои охираш дар ягон такягоҳ хуб мустаҳкам карда шудааст, бори массааш m овезон аст, ки таҳти таъсири он симтаноб чунон фуру мехамад, ки ҳар як ними он нисбат ба уфуқ кунҷи α-ро ташкил медиҳанд. Қувваҳоеро муайян кунед, ки симтаноб ба бор таъсир мекунад.

**Дода шудааст:**

m

α

$T_1, T_2$ -?

**Ҳал:**

Шарти якуми қоидаи мувозинатро татбиқ мекунем:

$$\vec{F}_в + \vec{T}_1 + \vec{T}_2 = 0.$$

Системаи сарҳисобро интихоб карда, чӣ тавре ки дар нақша (расми 2) нишон дода шудааст, қувваҳои

Аз ин ҷо:

$$\begin{cases} T_1 \cos\alpha - T_2 \cos\alpha = 0, \\ T_1 \sin\alpha - T_2 \sin\alpha - F_в = 0 \end{cases}$$

мешавад.

Бинобар ин, $T_1 = T_2 = T$ ва $T = \frac{mg}{2sin\alpha}$мешавад.

Бо ҳамин модули қувва бор ба қисмҳои симтаноб таъсир мекунад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки ҳар қадар кунҷи хамиши симтаноб (α) хурд бошад, қувваҳои ба симтаноб таъсиркунанда ҳамон қадар калон мешаванд ва ҳангоми α хурд будан, онҳо аз вазни бори ба симтаноб овезонбуда, якчанд маротиба калон буда метавонанд. Дар ҳамин замина имконияти кандашавии симҳои сахт тарангшударо ҳангоми яхбандии онҳо, ҳамчунин имконияти ба осонӣ кашида баровардани мошини дармонда аз ҳисоби қувваи хурди ба мобайни симтанобе, ки мошинро ба ягон такягоҳи устувор (масалан, дарахт) мепайвандад, таъсиркунанда, фаҳмонида мешаванд.

Пас аз омӯзиши шарти дуюми мувозинат доир ба татбиқи он ҳал кардани масъалаи зайл тавсия дода мешавад. Дар асоси таҳлили ҳалли масъалаҳои додашуда алгоритми ҳалли масъалаҳоро доир ба боби «Асосҳои статика» таҳия намудан имконпазир мегардад.

**Масъалаи 3.** Ғӯлачӯби якҷинсаи массааш m-и дар замин хобида, тавассути симтаноби ба яке аз нӯгҳои он пайвастшудаву нисбат ба уфуқ кунҷи α-ро ташкилдиҳанда, ба ҳолати амудӣ бардошта мешавад. Қувваи тарангии симтаноб дар лаҳзаи аввали аз сатҳи замин кандашаваии ғӯлачӯб чӣ қадар мешавад?

**Дода шудааст:**

m

α

T -?

**Ҳал:**

1. Системаи сарҳисобро интихоб мекунем (расми 3).

2. Қувваҳои ба ғӯлачӯб таъсиркунандаро муайян мекунем.

Ба ғӯлачӯб қувваи вазнинии $(\vec{F}_в)$, ки аз сабаби якҷинса буданаш ба маркази вазнинии он таъсир мерасонад, кувваи тарангии симтаноб $\vec{T}$ ва қувваи реаксияи аз тарафи Замин ба нуқтаи В таъсиркунанда $(\vec{N})$, ки самташ маълум нест. Фақат маълум аст, ки он ба Замин перпендикуляр нест, зеро дар ин сурат шарти якуми мувозинат қонеъ намегардид. Агар самти қувваи реаксия муайян карда нашавад, он гоҳ шарти якуми мувозинатро истифода кардан имконнопазир мегардад.







Расми 2 Расми 3

3. Азбаски ғӯлачӯб дар ҳолати мувозинат қарор дорад, бинобар ин шарти дуюми мувозинат низ иҷро мегардад. Биёед кӯшиш менамоем, ки масъаларо танҳо бо истифодаи ин шарт ҳал кунем. Барои муайян кардани моменти қувваи реаксия фарз мекунем, ки меҳвар аз нуқтаи гузориши он (нуқтаи В) мегузарад ва ба ҳамвории дар нақша тасвирёфта перпендикуляр аст. Он гоҳ дар дилхоҳ самти таъсири ин қувва моменти он ба сифр баробар мешавад.

4. Китфҳои қувваҳои $\vec{F}_в$ ва $\vec{T}$ –ро бо дохилунии дарозии ғӯлачӯб $l$ муайян мекунем:

$$d_1 = \frac{l}{2}, \quad d_2 = lsin\alpha.$$

Моменти қувваҳоро меёбем:

$$M_1 = F_в d_1 = F_в \frac{l}{2} (l = mg) \text{ ва } M_2 = Tlsin\alpha.$$

Шарти дуюми мувозинатро татбиқ мекунем. Ин ҷо ба инобат гирифта мешавад, ки моменти қувваҳо $M_1$ чархзании ғӯлачӯбро нисбат ба меҳвар аз рӯйи ақрабаки соат ба вуҷуд меораду моменти қувваҳо $M_2$ бошад, барои ба самти муқобил чарх занонидани он кӯшиш мекунад (маҳз бо ҳамин аломати моменти қувваҳо асоснок карда мешавад):

$$mg\frac{l}{2} = Tlsin\alpha = 0.$$

Аз ин ҷо:

$$T = \frac{mg}{2sin\alpha}$$

мешавад.

Амалҳои дар ҳалли ҳар ду масъала овардашударо таҳлилу ҷамъбаст намуда, алгоритми зерини ҳалли масъала аз боби «Асосҳои статика»-ро ба тариқи зайл таҳия кардан мумкин аст:

1. Интихоб кардани системаи сарҳисоб.
2. Муайян намудани ҳамаи қувваҳои ба ҷисми дар ҳолати мувозинат қарордошта, таъсиркунанда.
3. Дар шакли векторӣ навиштани муодилаи шарти якуми мувозинат ва ба шакли скалярӣ гардонидани он.
4. Интихоб кардани меҳваре, ки нисбат ба он момети қувваҳоро муайян кардан мувофиқи мақсад аст.

5. Муайян кардани китфи қувваҳо ва навиштани муодилае, ки шарти дуюми мувозинатро ифода мекунад.

6. Вобаста ба табиати қувваҳо, тавассути бузургиҳои тавсифкунандаи онҳо ифода кардани ин қувваҳо.

7. Ҳал кардани системаи муодилаҳои ҳосилшуда нисбат ба бузургии матлуб.

8. Таҳлили натиҷаҳои ҳалли масъала.

Ба сифати мисоли татбиқи алгоритми мазкур ҳалли масъалаҳои зеринро муоина мекунем, ки онҳо ба хонандагон баҳри дуруст интихоб кардани меҳвари гардиш ва муайян кардани китфи қувваҳо муфиданд.

**Масъалаи 4.** Зинапояи аз маводи якҷинса сохташуда ба девори комилан ҳамвор такя мекунад. Дар кадом кунҷи ҳудудии моилии зинапоя нисбат ба фарши хона, пояҳои он намелағжанд? Коэффитсиенти соиши байни фарши хона ва зинапоя μ аст?

**Ҳал:**

1. Тавре ки дар расми 4 нишон дода шудааст, системаи сарҳисоб интихоб менамоем.

2. Қувваҳои ба зинапоя таъсиркунандаро муайян мекунем. Ба зинапоя қувваи вазнинӣ $\vec{F}_{\text{в}}$ таъсир мекунад, ки ба миёнаҷойи он – нуқтаи С гузошта шудааст, қувваи соиши оромӣ $\vec{F}_c$, ки ба самти муқобили ҳаракати эҳтимолии пояҳои зинапоя равонааст, инчунин қувваҳои реаксияи такягоҳ $\vec{N}_1$ ва $\vec{N}_2$ –и ба такягоҳ перпендикулярбуда.

3. Шарти якуми мувозинатро менависем:




Расми 4

$$\vec{F}_{\text{в}} + \vec{N}_1 + \vec{F}_c + \vec{N}_2 = 0.$$

Аз ин ҷо:

$$\begin{cases} N_2 - F_c = 0, \\ N_1 - F_{\text{в}} = 0. \end{cases}$$

мешавад.

4. Тавассути нуқтаи А меҳвареро мегузаронем, ки аз рӯйи он хатҳои таъсирии ду қувва $\vec{N}_1$ ва $\vec{F}_c$ мегузаранд. Ҳангоми чунин интихоб моментҳои ин қувваҳо ба сифр баробар мешаванд (меҳвар ба ҳамвории нақша перпендикуляр аст).

5. Китфҳои ин қувваҳо $d_1$ ва $d_2$-ро муайян намуда, бо дохил кардани дарозии занапоя - $l$ шарти дуюми мувозинатро менависем:

$$F_{\text{в}}\frac{l}{2}cos\alpha - N_2 l sin\alpha = 0.$$

6. Қувваҳоро тавассути бузургиҳои тавсифдиҳандаи онҳо ифода мекунем: $F_{\text{в}} = mg, F_{\text{с}} = \mu N_1$ (ин ҷо дар бораи қувваи калонтарини соиши оромӣ сухан меравад, ки ба қувваи соиши лағжиш баробар буда, имкон медиҳад кунҷи матлуби α-ро чун кунҷи ҳудудӣ қабул намоем).

Ҳамин тавр, системаи муодилаҳоро ҳал карда, ҳосил менамоем:

$$\begin{cases} N_2 = \mu N_1, \\ N_1 = mg, \\ \frac{1}{2}mg\cos\alpha - N_2\sin\alpha = 0. \end{cases}$$

Аз ин ҷо:

$tg\alpha = \frac{1}{2\mu}$ мешавад.

Ба сифати кори мустақилона доир ба татбиқи алгоритми пешниҳодшуда, ҳал кардани масъалаи зерин муфид аст. Ин масъалаҳо имкон медиҳанд, ки чӣ ду ва чӣ як шарти мувозинати ҷисм истифода карда шавад.

**Масъалаи 5.** Болори массааш m ва дарозиаш $l$ бо ҳарду нӯгаш ба такягоҳҳо такя карда истодааст. Аз нӯги чапи болор дар масофаи $l_1$ бори массаш $m_1$ ҷойгир аст. Қуввai фишори болорро ба такягоҳ муайян кунед.

**Дода шудааст:**

$m$
$m_1$
$l$
$l_1$
$\vec{N}_1'-?, \vec{N}_2'-?$

**Ҳал:**

Чӣ тавре дар расми 5 нишон дода шудааст, системаи сарҳисобро интихоб мекунем. Ба болор 4 қувва таъсир мекунад: қувваи вазнинии болор $\vec{F}_{\text{в}}$ , қувваи вазнинии бор $\vec{F}_{\text{вб}}$,

қувваҳои реаксияи такягоҳ $\vec{N}_1$ ва $\vec{N}_2$ Қувваи матлуби фишори болор ба такягоҳ мувофиқи қонуни сеюми Нютон ба қувваҳои реаксия ($\vec{N}_1' = -\vec{N}_1$ ва $\vec{N}_2' = -\vec{N}_2$) баробар мебошад. Хонандагон бештар ин қувваҳоро низ ба болор рабт медиҳанд, бинобар ин саҳеҳ фаҳмонидан лозим аст, ки нуқтаҳои гузориши онҳо дар куҷост.

Дар асоси шарти якуми мувозинат чунин менависем:

$\vec{F}_{\text{в}} + \vec{F}_{\text{вб}} + \vec{N}_1 + \vec{N}_2 = 0$ ва $N_1 + N_2 - F_{\text{в}} - F_{\text{вб}} = 0.$




Расми 5

Дар ин муодила ду номаълум мавҷуд аст, бинобар ин аз шарти дуюми мувозинат истифода мекунем. Чунин мепиндорем, ки меҳвар аз нӯги чапи болор перпендикуляран ба ҳамвории нақша мегузарад. Он гоҳ китфи қувва $\vec{N}_1$ ба 0 баробар шуда, китфи қувваи $\vec{F}_{\text{в}} - \frac{l}{2}$ , китфи қувваи $\vec{F}_{\text{вб}} - l_1$, китфи қувваи $\vec{N}_2 - l$ мешавад. Чунин меҳисобем, ки моменти қувваҳое, ки чархзании болорро ба муқобили ақрабаки соат ба амал меоранд – мусбат ва ба тарафи муқобил – манфӣ мебошад. Дар ҳамин замина қоидаи моментҳоро менависем:

$$-F_{\text{вб}}l - F_{\text{в}}\frac{l}{2} + N_2 l = 0.$$

Аз ин ҷо:

$$N_2 = \frac{2m_1 g l_1 + mgl}{2l}$$

мешавад.

Аз муодилаи якум меёбем:

$$N_1 = F_{\text{в}} + F_{\text{вб}} - N_2,$$

ки ин ҷо $N_2$ аллакай муайян карда шудааст.

Сипас, ба хонандагон нишон додан лозим аст, ки ин масъаларо танҳо бо истифодаи шарти дуюми мувозинат низ ҳал кардан мумкин аст. Барои ин шарти дуюми мувозинатро аввалан нисбат ба меҳваре, ки аз тарафи нӯги чапи болор мегузарад ва сипас нисбат ба меҳвари аз тарафи рости нӯги болор гузаронидашуда, менависанд.

Дар масъалаҳои қабли самти қувваҳои реаксия ба таври оддӣ муайян карда мешуд, аммо на ҳамеша самти онҳо барои хонандагон аён аст.

Ҳамин тариқ, ҳалли масъалаҳои фавқуззикр имкон медиҳанд, ки ба нуктаҳои асосии алгоритми ҳалли масъалаҳо аз боби «Асосҳои статика» як қатор тағйироту иловаҳо таҳияву ворид карда шаванд, чунончи:

1) агар самти қувваи реаксияи такягоҳ номаълум бошад, пас метавонем онро шартан интихоб намоем ва аз рӯйи аломати проексияҳо дурустии онро санҷем ва ё аз теорема дар бораи се қувва истифода барем;

2) барои муайян кардани маркази вазнинии ҷисм мавқеи ҷойгиршавии онро тахминан интихоб карда, фарз мекунем, ки ҷисм аз ин нуқта овезон аст ва аз ин рӯ он дар ҳолати мувозинат хоҳад буд. Ин имкон медиҳад, ки шартҳои мувозинатро истифода барем;

3) ҳангоми ҳал кардани як қатор масъалаҳо танҳо шарти дуюми мувозинатро истифода бурда, муодилаи онро ду маротиба навиштан мумкин аст: аввалан барои як меҳвар ва сипас чунин мепиндорем, ки меҳвар аз нуқтаи дигар мегузарад.

Барои мустаҳкамкунии маводи омӯхташуда ва мустақилона ҳал кардани масъалаҳо доир ба татбиқи алгоритми ҳалли масъалаҳои боби «Асосҳои статика» ба хонандагон мутолиаи адабиёти [5, 6, 9, 11, 12, 14] ва аз китоби «Маҷмӯи масъалаҳо аз физика» [10, с. 40] ҳал кардани масъалаҳои №№301, 303, 321, 325, 334 –ро тавсия карда мешвад.

**Хулоса.** Ҳамин тариқ, тавассути ҳал кардани масъалаҳо дар хотираи хонандагон мафҳумҳои асосии физикӣ, таърифи қонунҳо, бузургиҳои доимии физикӣ нақш мебанданд, эшон бузургиҳои физикӣ ва воҳидҳои онҳоро азхуд мекунанд. Ҳамаи ин ба омӯзиши дурусту амиқи мавод, ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон ва рушди тафаккури физикиву мантиқии эшон мусоидат мекунанд.

**АДАБИЁТ:**

1.Аксененко Н.И. Общий алгоритм решения задач по физике / Н.И. Аксененко, Е.Л. Бит-Давид, В.Д. Кревчик //Актуальные вопросы преподавания физико-технических дисциплин: Межвузовский сборник научных трудов. – Пенза: ПГПУ, 2004. - С. 184 - 187.

2.Аксененко Н.И. Развитие общих умений по решению задач с помощью алгоритмов / Н.И. Аксененко, Е.Л. Бит-Давид, В.Д. Кревчик //Повышение эффективности подготовки учителей физики и информатики в условиях модернизации российского образования: Материалы Всероссийской научно-практической конференции. - Екатеринбург: УрГПУ, 2003.-С.38-41

3. Барномаи физика барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. – Душанбе: «Матбуот», 2004. - 48 с.

4.Бит-Давид Е.Л. Методика применения алгоритмов решения физических задач, обеспечивающая повышение уровня развития абстрактно-логического мышления учащихся старших классов общеобразовательных школ. / Е.Л. Бит-Давид. Дисс... канд. пед. наук. – М., 2004. – 204 с.

5.Гутман В.И. Алгоритмы решения задач по механике в средней школе: Кн. для учителя/ В.И. Гутман, В.Н. Мощанский. –М.: Просвещение, 1988. – 95 с.

6.Каменецкий С.Е. Методика решения задач по физике в средней школе: Кн. для учителя / С.Е. Каменецкий, В.П. Орехов. –3 -е изд. перераб. –М.: Просвещение, 1987. – 274 с.

7.Пёрышкин А.В. Физика. Китоби дарсӣ барои синфҳои 6-7-и мактаби миёна / А.В. Пёрышкин, Н.А. Родина. – Душанбе: «Маориф», 1983. – 328 с.

8. Раҳимов Б. Физика. Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 10 / Б. Раҳимов, Т. Шукуров, П. Раҷабов. – Душанбе: «Матбуот», 2011. – 272 с.

9. Резников Л.И. Методика преподавания физики в средней школе (Механика). Пособие для учителя. / Л.И. Резников, С.Я. Шамаш, Э.Е. Эвенчик. – М.: «Просвещение», 1974. – 240 с.

10.Рымкевич А.П. Маҷмӯаи масъалаҳо аз физика / А.П. Рымкевич. – Душанбе: «Маориф». 1989. – 176 с.

11.Умаров У.С. Практикуми ҳалли масъалаҳои физикӣ / У.С. Умаров, Г.А. Бобониёзова, У.Х. Раҷабов. – Душанбе: ДДОТ, 2018. – 110 с.

12.Умаров У.С. Таълими физика дар синфи X / У.С. Умаров, Г.А. Бобониёзова, А. Сафаралӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айни, 2015.- 128 с.

13.Умаров У.С. Татбиқи алгоритми ҳалли масъалаҳо доир ба мавзӯи: «Қонуни бақои импулс» дар синфи X / У.С. Умаров, У.Х. Раҷабов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Серия 2. Педагогика ва психология, методикаи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ. №1 (11). – Душанбе: ДДОТ, 2022. - С. 122-132.

14.Усова А.В. Практикум по решению физических задач: Учебное пособие для студентов физико-математических факультетов / А.В. Усова, Н.Н. Тулькибаева. – М.: Просвещение, 1992. - 208 с.

## ТАТБИҚИ АЛГОРИТМИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ДОИР БА БОБИ «АСОСҲОИ СТАТИКА» ДАР СИНФИ X

Дар мақолаи мазкур муаллиф аз натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидааш оид ба аҳамият ва истифодаи алгоритми ҳалли масъала доир ба боби «Асосҳои статика» дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маълумоти муфассал пешниҳод кардааст. Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили адабиёти соҳавӣ муаллиф доир ба: татбиқи ду шарти мувозинати ҷисмҳоро; муайян кардани қувваи натиҷавӣ; фарқ кардани мафҳумҳои «қувваи натиҷавӣ» ва «суммаи вектории қувваҳо»; муайян кардани китфи қувва ҳангоми ёфтани моменти қувва; дарёфти меҳваре, ки нисбат ба он моментҳои қувваҳоро муайян кардан лозим аст зимни ҳал кардани масъалаҳо аз боби «Асосҳои статика» ба омӯзгорони физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавсияҳои методӣ пешниҳод намудааст. Инчунин, дар натиҷаи таҳлили адабиёти илмӣ, методӣ, педагогӣ, психологӣ ва таҷрибаи кори омӯзгорони физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ошкор гардид, ки олимони хориҷи кишвар ва ватанӣ доир ба проблемаи методикаи ҳалли масъалаҳо дар таълими физика мақолаву дастурҳои методиву таълимӣ нашр кардаанд, аммо доир ба истифодаи алгоритм зимни ҳалли масъалаҳои физикӣ, аз ҷумла доир ба боби «Асосҳои статика» дар синфи X муҳаққиқон кам таваҷҷӯҳ зоҳир кардаанд. Доир ба мавзуи мазкур ба забони тоҷикӣ то ҳол умуман ягон мавод нашр нашудааст. Бинобар ин, ҳамаи гуфтаҳои болоро ба инобат гирифта, муаллиф намунаи ҳалли якчанд масъаларо бо истифода аз алгоритм пешниҳод кардааст. Аз ҷумла, дар мақола пешниҳод шудааст, ки хонандагон пеш аз ҳал кадани

масъалаҳо бояд соҳиби чӣ гуна дониш, малакаву маҳоратҳоро бошанд ва ҳангоми иҷрои ҳар як банди алгоритми ҳалли масъала ба кадом нуктаҳо бояд диққат диҳанд.

Тадқиқоти гузаронидаи муаллиф нишон медиҳад, ки дар дарсҳои физика ба таври мусалсал истифода кардани алгоритмҳои ҳалли масъалаҳои физикӣ фаъолияти маърифатии хонандагонро ташаккул дода, бахри рушди қобилияти эҷодиву тафаккури мантиқиву физикии хонандагон, татбиқи донишҳои назариявӣ дар амал кумак мерасонад.

**Мақсади таҳияи мақола:** тибқи таҷрибаи чандинсолаи кор дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод кардани тавсияҳои методӣ барои самаранок татбиқ намудани алгоритми ҳалли масъалаҳо доир ба боби «Асосҳои статика» дар синфи X.

**Натиҷаҳои тадқиқотро** омӯзгорони физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар амалияи кори худ татбиқ намуда, тавассути ҳалли масъалаҳо бо ёрии алгоритмҳо фаъолияти маърифатии хонандагонро ташаккул дода, ба рушди қобилияти эҷодиву тафаккури мантиқиву физикии хонандагон ва малакаҳои мустақилона татбиқ кардани донишҳои назариявӣ дар амал ноил мегарданд.

***Калидвожаҳо:*** *физика, масъалаи физикӣ, ҳалли масъала, алгоритм, алгоритми ҳалли масъала, статика, формула, мувозинати ҷисм, лаҳзаи қувва, меҳвари гардиш, қувваи реаксия, қувваи соиш.*

## ПРИМЕНЕНИЕ АЛГОРИТМА РЕШЕНИЯ ЗАДАЧ ПО РАЗДЕЛУ «ОСНОВЫ СТАТИКИ» В X –ОМ КЛАССЕ

В данной статье автором представлена подробная информация о результатах исследования о значении и применении алгоритма решения задачи по разделу «Основы статики» в средних общеобразовательных учреждениях. В результате изучения и анализа отраслевой литературы автором предложени методические рекомендации при решении задач по реазделу «Основы статики»: по применению два условия равновесия тела; определение равнодействующей силы; различать понятия «равнодействующая сила» и «векторная сумма сил»; выявление плечо силы при определении момента силы; определение оси, относительно которой нужно найти моменти сил. Также в результате анализа научной, методической, педагогической, психологической литературы и опыта работы ряда учителей физики в средних общеобразовательных учреждениях было установлено, что зарубежными и отечественными учёными опубликованы статьи и методические пособия по методике решения задач при обучении физике. Но по применению алгоритма при решении физических задач, в том числе по разделу «Основы статики» в X классе, мало исследователей занимались этой тематикой. По данной теме на таджикском языке пока нет никаких публикаций. Поэтому, учитывая все вышеизложенное, автор даёт полезные рекомендации, как решать задачи с помощью алгоритма. В частности, какими знаниями, навыками и умениями должны обладать обучающиеся перед решением задачи, и на какие моменты следует обратить внимание при выполнении каждого пункта алгоритма решения задачи.

Исследования автора показывает, что последовательное использование алгоритмов на уроках физики при решении физических задач способствует развитию познавательной активности учащихся, развитию творческих способностей учащихся, логического и физического мышления, применению теоретических знаний на практике.

**Цель статьи:** исходя из многолетнего опыта работы в средних общеобразовательных учреждениях представить методические рекомендации по эффективному использованию алгоритма решения задач по разделу «Основы статики» в X классе.

**Результаты исследования** учителя физики в средних общеобразовательных учреждений могут применят в своей работе, решая задачи с помощью алгоритмов для организации познавательной деятельности учащихся, развития у учащихся навыков творческого и логического мышления и самостоятельного применения теоретических знаний.

***Ключевые слова:*** *физика, физическая задача, решение задачи, алгоритм, алгоритм решения задачи, статика, формула, равновесие тел, момент силы, ось вращения, сила реакции, сила трения.*

## APPLICATION OF AN ALGORITHM FOR SOLVING PROBLEMS IN THE SECTION "FUNDAMENTALS OF STATICS" IN X –TH CLASS

In this article, the authors provide detailed information on the results of the study on the meaning and application of the algorithm for solving the problem in the section "Fundamentals of Statics" in secondary educational institutions. As a result of the study and analysis of industry literature, the authors proposed methodological recommendations for solving problems in the section "Fundamentals of Statics": for the application of two conditions for body equilibrium; determination of the resultant force; distinguish between the concepts of "resultant force" and "vector sum of forces"; identifying the leverage of force when determining the moment of force; determination of the axis about which the moment of force must be found. Also, as a result of the analysis of scientific, methodological, pedagogical, psychological literature and the work experience of a number of physics teachers in secondary educational institutions, it was found that foreign and domestic scientists have published articles and teaching aids on methods for solving problems when teaching physics. But on the use of the algorithm in solving physical problems, including the section "Fundamentals of Statics" in the Xth grade, few researchers have dealt with this topic. There are no publications on this topic in Tajik yet. Therefore, taking into account all of the above, the authors provide

useful recommendations on how to solve problems using an algorithm. In particular, what knowledge, skills and abilities should students have before solving a problem, and what points should they pay attention to when performing each point of the problem solving algorithm.

The authors' research shows that the consistent use of algorithms in physics lessons when solving physical problems contributes to the development of students' cognitive activity, the development of students' creative abilities, logical and physical thinking, and the application of theoretical knowledge in practice.

The purpose of the article: based on many years of experience in secondary educational institutions, to present methodological recommendations for the effective use of an algorithm for solving problems in the section "Fundamentals of Statics" in the 10th grade.

The results of the study can be used by physics teachers in secondary educational institutions in their work, solving problems using algorithms to organize students' cognitive activity, develop students' creative and logical thinking skills and independently apply theoretical knowledge.

***Key words:*** *physics, physical problem, problem solution, algorithm, problem solution algorithm, statics, formula, equilibrium of bodies, moment of force, axis of rotation, reaction force, friction force.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Раҷабов Умед Хушвахтович – дотсенти кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Сурога: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомони, хиёбони Рудаки 121. Тел.: (+992) 933211721.*

***Сведения об авторе:*** *Раджабов Умед Хушватович – доцент кафедры методики преподавания физики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, район И. Сомони, проспект Рудаки 121. Тел.: (+992) 933211721.*

***Information about the author:*** *Rajabov Umed Khushvakovich – docent of the Department of Physics Teaching Methods of the Tajik State Pedagogical University named by S. Aini. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, I. Somoni district, Rudaki Avenue 121. Tel.: (+992) 933211721.*

**ТДУ:502(575.3)**

# МУШКИЛОТИ ТАЪЛИМИ ФИЗИКА ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Ёсумани У.***

**Коллеҷи техникӣ ба номи академик Муҳаммад Осимӣ**

Пеш аз ҳама зикр кардан бамаврид аст, ки ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмашон ба Маҷлиси Олӣ (26.12.2019) солҳои 2020-2040-ро "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" эълон карданд. Дар асоси ин пешниҳоди Пешвои миллат барои дар сатҳи баланд татбиқ намудани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ бояд омӯзгоронеро тарбия намоянд, ки барои татбиқи муносибати босалоҳият ба раванди таълими фанҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ омода бошанд, зеро таълиму тарбияи муваффақонаи насли наврас аз таҷрибаи касбӣ, фазилат ва маданияти баланди омӯзгор вобаста аст [4]. Ҳамчунин, гузариш аз низоми анъанавӣ ба муносибати нави таълим муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ методҳои таълим ва нақши омӯзгорро ба куллӣ тағйир дод. Муносибати босалоҳият ба таълим тамоили муҳим дар фазои ягонаи таҳсилот ба шумор рафта, барои аз байн бурдани мухолифати байни талаботи барнома ва эҳтиёҷоти ҷомеа мусоидат намуда, талаботи шахсро ҳангоми омӯзиш қонеъ мегардонад [2, с. 36]. Дар муносибати босалоҳият раванди таълим хусусиятҳои ба худро дорад. Ин хусусиятҳо муносибати муҳассилинро ба таълим, нақши омӯзгорро дар раванди таълим, муносибати омӯзгору муҳассилин, муҳассилину маводи таълим ва муносибати байни ҳамдигарии муҳассилинро муайян мекунанд. Тавре гуфтем, дар муносибати босалоҳият ба таълим нақши омӯзгор низ тағйир меёбад. Нақши омӯзгор аз интиқолдиҳандаи дониш ба роҳнамои шогирдон, ёвару маслиҳатчӣ, намоишдиҳандаи малакаву маҳорат, санҷишгари дараҷаи азхудкунии дониш, малака ва маҳорати онҳо табдил меёбад [2, с. 37].

Аз ин рӯ, мову шумо –омӯзгорони муҳтарам роҳу равишеро бояд пеш гирем, ки шогирдонамон тавассути таълим ба зиндагии оянда омода бошанд, зеро ҷаҳони имрӯза инсонеро интизор аст, ки ниҳоят пуртаҷриба бошад, ҳалли ҳама гуна мушкилотро саривақт ва бетаъхир ёфта тавонад. Тамоми саъю кӯшиш ва талоши низоми маорифи имрӯзаи кишвар барои ҳамин аст, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ инсонеро ба камол расонанд, ки насли баркамол бо дили пур Тоҷикистони азизро ба онҳо супорад. Дар Стандарт ва барномаҳои таълимии нав мақсадҳои таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи

касбӣ тибқи муносибати босалоҳият ба таълим ба тариқи зайл муайян карда шудааст: дар муҳассилин ташаккул додани донишҳои илмӣ барои шарҳи ҳодисаву равандҳое, ки дар табиату техника рӯй медиҳанд ва барои идома додани таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ заруранд; ба шогирдон фаҳмонидани асосҳои назарияи физикаи муосир (далелҳои илмӣ, мафҳумҳо, қонунҳо ва амсилаҳои назариявӣ), ки ҷавҳари мазмуни маълумоти физикиро ташкил медиҳанд;

-азхуд кардани забони физика ва малакаву маҳоратҳои истифода бурда тавонистани он барои таҳлили маълумоти илмӣ ва пешниҳоди ғояҳои (идеяҳои) асосии физикӣ ба тариқи хаттиву шифоҳӣ (мафҳумҳо, қонунҳо, формулаҳои физикӣ, графикҳо ва ғ.);

-ташаккули малакаву маҳоратҳои масъалаҳалкунӣ, ба система даровардани мушоҳидаи ҳодисаҳои табиат ва равандҳои технологӣ, банақшагирӣ ва гузаронидани тадқиқот;

-такмили маҳорати истифодабарии асбобҳои ченкунанда аз ҷониби муҳассилин [4, с. 107]. Дар маҷмуъ, ин ҳадафҳоро тибқи талаботи дидактика ба таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳӣ ҷудо кардан мумкин аст. Ба мақсади таълимӣ онҳо дохил мешаванд: ташаккули маҷмуи донишҳои асосии илми физика (мафҳумҳои фундаменталии физикӣ, қонунҳо ва назарияҳо), донишҳо доир ба методҳои дарккунӣ, мушоҳида, озмоиш, амсиласозӣ, пешниҳод кардани фарзияҳо, таҳлили назариявии далелҳои илмӣ, ташаккули малакаву маҳоратҳои озмоишӣ ва ғайра

Ба мақсади тарбиявӣ: ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, политехникӣ, эстетикӣ, экологӣ, тарбияи рӯҳӣ, тарбияи ғоявӣ, шаҳрвандӣ ва ватанпарварӣ. Ба максади инкишофдиҳӣ инкишофи тафаккур (алалхусус, тафаккури физикӣ), хотира, идрок, мустақилият, шавқу ҳаваси маърифатӣ ва ғ. Имрӯзҳо инкишофи шахсияти муҳассилин дар заминаи иқтидори ботинияшон, мувофиқи анъанаҳои беҳтарини фарҳангиву таърихӣ ва дастовардҳои технологии инсоният ҳадафи асосии таҳсилот ба ҳисоб меравад. Он самтҳои асосии такмил додани соҳаи маорифро муайян мекунад, ки на танҳо ба азхудкунии миқдори муайяни донишҳо аз ҷониби ҳар як муҳассилин, балки ба ташаккули шахсияти вай, фаъолияти маърифатӣ ва эҷодӣ, худмуаррифии мустақилона ба манфиати ҷомеа ва шахсияш нигаронида шудааст. Ба андешаи мо дар таълими физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ барои амалигардонии ин ҳадафҳо як қатор мушкилот ҷой доранд, ки бартараф кардани онҳо ногузир аст. Инак, мушкилии аввал –ин мустаҳкам намудани ҷабҳаи амалии таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҷараёни таълим ба ташаккул додани малакаҳои маърифатии муҳассилин, методҳои самараноки фаъолияти таълимиву маърифатӣ диққати бештар бояд дод, аз ҷумла: мустақилона бо китоб ва сарчашмаҳои дигар кор кардан, гузаронидани мушоҳида ва таҷрибаҳо, ба танзим даровардан ва ҷамъбаст кардани донишҳои худ.

Ба ташкилу гузаронидани корҳои озмоишӣ ва лабораторӣ бештар таваҷҷӯҳ намудан лозим аст, чунки тавассути онҳо шогирдон малакаҳои кор ва муомила бо таҷҳизоти заруриро азхуд мекунанд. Имрӯзҳо ташкили чунин корҳо аз сабаби кам будани лабораторияҳои таълимӣ ва таҷҳизоти намоишӣ нисбатан душвор аст. Аз ин рӯ, истифодаи асбобҳои физикии содаи дастисоз тавсия карда мешавад. Мушкилии дуюм - ин риояи ҳатмии робитаи байнифаннии илмҳои табиӣ-математикӣ ба ҳисоб меравад. Бо назардошти он, ки аксари омӯзгорон аз риоя нашудани шартҳои робитаи байнифаннӣ шикоят мекунанд, зарурати таҷдиди назар намудани барномаҳои таълимии фанҳои табиӣ-математикӣ, алалхусус барномаҳои физика ва математика ба миён омадааст. Муҳассилин то омӯзиши маводи физикӣ бояд соҳиби донишҳои зарурии математикӣ гарданд. Айни замон, тайёрии математикии муҳассилин ба омӯзиши физика, дар соли аввали таҳсил кифоягӣ намекунад ва ин барои онҳо, алалхусус баҳри ҳалли масъалаҳои ҳисобиву графикӣ мушкилот эҷод мекунад. Мушкилии сеюм - ин навсозии мазмуну мундариҷаи маълумоти физикӣ ин оқилона кам кардани мӯҳтавои барномаҳои таълим ва таҷдиди назар намудани стандартҳои маълумоти физикӣ мебошад, ки интиқоли маводи таълимро аз як давраи таҳсил ба дигараш дарбар мегирад. Ҳалли ин мушкилот имконпазир аст, зеро мавзуъҳои курси физика дар соли аввали таҳсил асосан такрори мавзуъҳои курси физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз, нақшаи зерини ба роҳ мондани таълими физика ба миён меояд:а) нав кардани мазмуну муҳтавои маводи қаблан омӯхташуда дар доираи ҳамон як мавзӯъ (на такроран омӯхтан!);б) бунёди ҷавҳари назарияи омӯхташаванда;в) азхуд кардани донишҳои нав (хулоса, натиҷа, пешгӯйиҳои илмӣ) тавассути ҳалли масъалаҳои мушаххаси физикӣ; г) ҷамъбасткунии мазмунӣ, яъне ҷудокунии заминаҳои эмпирикӣ, маҷмуи мафҳумҳо, фарзияҳо, амсилаҳо, ҷавҳари назария дар шакли маҷмуи қонунҳо, принсипҳо ва ҳудуди татбиқи онҳо,

хулоса ва натиҷаҳои мушаххас. Азбаски имрӯз инсон арзиши мутлақи ҷомеа шуда истодааст ва ҳадафи тарбия ин ташаккули шахсият аст, таҳсилот бояд ҳамчун шарти муайянкунандаи худогоҳӣ ва рушди худшиносии шахсият баррасӣ карда шавад. Аз ин рӯ, амсилаи ҷараёни таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд ба гузариш аз таҳсилот ҳамчун "интиқол додани дониш ба шогирд" ба муносибати босалоҳият дар таълим мусоидат намояд. Мушкилии чорум - ин таҳияи барномаҳои таълими мухталиф барои муассисаҳои таҳсиолоти миёнаи касбии равияҳояшон гуногун ва бисёрзинагӣ мебошад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мушкилоти асосӣ омӯзиши фанҳоест, ки ба касби интихобкардаи муҳассилин алоқаманд нестанд. Бо назардошти кам будани миқдори соатҳои фанҳои "ғайрикасбӣ", мушкилоти мубрам ин муайян кардани мӯҳтавои ҳадди ақалли мазмуну мундариҷаи фан ва муҳимтар аз ҳама, ҳадаф ва вазифаҳои воқеии омӯзиши физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошад.

Мушкилии панҷуми - ин таҳияи маводи маҷмуии таълим аз физика (китобҳои дарсӣ, адабиёти методӣ, маводи дидактикӣ барои муҳассилин, васоити аёнӣ ва ғайраҳо) тибқи муносибати босалоҳият ба таълими физика мебошад [1, с. 85]. Дар китобҳои дарсӣ бояд маводи тавсифоти амалидошта, аз қабили ҳалли масъалаҳо, супоришоти амалӣ, гузаронидани мушоҳидаҳо, озмоишҳо, алалхусус озмоишҳои физикии хонагӣ ва корҳои лабораторӣ бештар пешниҳод карда шаванд Маводи таълим бояд дастовардҳои охирини илми физикаро таҷассум намояд ва дар охири ҳар як мавзӯъ саволҳои ташаккулдиҳандаи гуногуннавъ пешниҳод карда шаванд. Ба таҳияи китобҳои дарсӣ, методистони соҳибкасб ва омӯзгорони соҳибтаҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҷалб карда шаванд [3, с. 3]. Чунинанд, ба андешаи мо, баъзе мушкилоти физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ.

Тадриҷан бо андозаи васеъшавии доираи тасаввурот ва инкишофи хонандагон, мазмуни масъалаҳо соҳаи васеътари ҳаётро дар бар мегирад. Масъалаҳо бояд на танҳо аз рӯйи мазмуни худ дастрас бошанд, балки ҳаётро дуруст тасвир карда тавонанд, вагарна бачаҳо дар масъалаҳои математикӣ ба маълумот дучор мешаванд, ки гӯё онҳоро дар ҳаёташон дида бошанд ва ба ин масъалаҳо ба мисли ҳодисаҳои сохтае, ки татбиқи ҳаёти надоранд, кордор мешаванд.

***Масъалаҳои зеринро мисол меоварем***:

1. Дар се халта 227кг орд ҳаст. Дар халтаи якӯм 75кг , дар халтаи дуйюм назар ба халтаи якум 5кг зиёд орд ҳаст. Дар халтаи сеюм чанд килограмм орд ҳаст?

2. Хонандагон ба хоҷагии деҳқони ёрӣ расонида, дар се сол 227 ҳавлиро гулзор карданд. Дар соли якум 75 ҳавлӣ, дар соли дуйюм назар ба соли якум 5 ҳавлӣ зиёдро гулзор карданд. Дар соли сеюм чанд ҳавлӣ гулзор карда шуд. Масъалаи дуйюм аз рӯйи сохти математикиаш ба масъалаи якум мутобиқ ҳаст ва дар натиҷаи ин бо он аз нуқтаи назари таълим баробарқиммат мебошад. Аз ҷиҳати тарбиявӣ бошад, аз масъалаи якум бартарӣ дорад, чунки дар бачагон шавқу ҳавас пайдо мекунонанд, ки онҳо инчунин дар гулзор кардани деҳаашон иштирок кунанд, чи хеле, ки хонандагон тибқи шарти масъалаи дар боло буда дар он иштирок доштанд. Аксарияти масъалаҳои дар ибтидоӣ математика ҳал шавандаро аз китоб мегиранд. Дар ин масъалаҳо чунин масъалаҳоеро ҳал кардан фоидаовар аст, ки мазмун ва далелҳои онҳо бевосита аз ҳаёти атроф гирифта шуда бошанд; ин масъалаҳо махсусан ба бачаҳо наздик ва фаҳмо буда, барои ба фаъолиати амалӣ тайёр шуданашон мадад мерасонанд ва дониши онҳоро дар бораи кишвари худ васеъ мекунонад.

Барои ин гуна масъалаҳо ба бачаҳо маълумоти ададӣ аз таҷрибаи ҳайётиашон ё ҳангоми экскурсияҳо пайдо кардаашон маълум мебошад. Агар хонандагон маълумоти мувофиқро дар ихтиёри худ надошта бошанд ва онҳоро бо осонӣ ба даст оварда тавонанд, омӯзгор метавонад ба сифати вазифаи хонагӣ ба онҳо супориш диҳад, ки маълумотҳои ададиро ҷамъ кунанд, масъалан фаҳмидани нархи ягон мол, фаҳмидани суръати тахминии ҳаракати пиёдагард, велосипедрон, автомобилчӣ, тайёра, поезд ва ғайра, вазни миёнаи як халта картошка, гандум ва ҳоказо. Дар бисёр мавридҳо бояд худи омӯзгор ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар муассисаҳои давлатӣ, ки бештар ба ҳисоботи оморӣ сару кор доранд, барои ҷамъоварии маълумоти мувофиқ муроҷиат карда, барои масъалаҳо маълумот ҷамъ кунанд. Омӯзгор инчунин дар вақти мутолиаи рӯзномаҳои маҳаллӣ ва марказӣ маълумоти ҷамъ карда метавонад. Омӯзгор дар вақти хондани рӯзнома маълумоти ададие, ки дар дарсҳои математика лозим мешаванд, бояд навишта гирад. Баъд дар ҷараёни дарс онҳоро истифода барад; дар айни ҳол омӯзгор манбае, ки аз онҳо маълумотро гирифта буд, ба бачаҳо гуфта медиҳад ва баъзан онҳоро нишон медиҳад. Масалан, омӯзгор ба бачаҳо чунин мегӯяд: «Ҳозир шумо рафти киштро чӣ хел медонед.

Дар ҳафтаномаи ноҳиявиамон (омӯзгор ҳафтаномаро ба бачаҳо нишон медиҳад) дар бораи чи тавр иҷро шудани нақшаи кишт дар хоҷагиҳои деҳқонии ноҳия маълумот чоп шудааст. Дар ин ҳафтанома дар саҳифаи…. Маълумоти лозима…». Баъд омӯзгор маълумотеро, ки барои ҳал кардани масъала интихоб карда буд, хонда дар тахтаи синф ё ба воситаи проектор ё тахтаи электронӣ тибқи хазинаи худ нишон медиҳад. Масъалаҳое, ки аз ҳаёти маҳалли зист гирифта шудаанд, аз рӯи имконият бо масъалаҳои тайёр алоқаманд кардан фоиданок мебошад. Чунончӣ, баъди аз китоб ҳал кардани масъала дар бораи миқдори рӯзҳои меҳнате, ки аъзоёни оилаи хоҷагии деҳқонӣ дар маҳал кор кардааст, аҳолии деҳаи мо ё маҳали мо чӣ қадар аст, ба ҳамин монанд тартиб дода ҳал карда мешавад. Аз китоб оид ба иштироки хонандагон дар маъракаи ниҳолшинонӣ дар маҳал тибқи маълумоти оморӣ масъала тартиб дода ҳал мекунанд. Алоқаи омӯзиш бо ҳайёт на фақат барои тайёрии политехникӣ 1 (тарзи омӯзиш, ки ба воситаи он бо соҳаҳои асосии истеҳсолот ҳам назарӣ ва ҳам амалӣ шинос мешаванд) ва тарбияи меҳнатии хонандагон, балки барои баланд бардоштани натиҷа бахши таълим ҳам аҳаммияти муҳим дорад.

Бачаҳо фанни математикаро бо ҳақиқати атроф дар алоқамандии зич омӯхта, мефаҳмонад, ки адад ва ченак барои дарккунии ҳаёт воситае шуда хизмат мекунанд ва донишҳои аз математика ҳосилкардаашон ба салоҳияти хонандагон дар оянда лозим мешавад. Ин дар муносибати хонандагон ба машғулиятҳои математика ва ба дарсазхудкунии онҳо таъсири фоидабахш расонда метавонад. Дар Стандарт ва барномаҳои таълимии нав мақсадҳои таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тибқи муносибати босалоҳият ба таълим ба тариқи зайл муайян карда шудааст:

- дар муҳассилин ташаккул додани донишҳои илмӣ барои шарҳи ҳодисаву равандҳое, ки дар табиату техника рӯй медиҳанд ва барои идома додани таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ заруранд;
- ба шогирдон фаҳмонидани асосҳои назарияи физикаи муосир (далелҳои илмӣ, мафҳумҳо, қонунҳо ва амсилаҳои назариявӣ), ки ҷавҳари мазмуни маълумоти физикиро ташкил медиҳанд;
- азхуд кардани забони физика ва малакаву маҳоратҳои истифода бурда тавонистани он барои таҳлили маълумоти илмӣ ва пешниҳоди ғояҳои (идеяҳои) асосии физикӣ ба тариқи хаттиву шифоҳӣ (мафҳумҳо, қонунҳо, формулаҳои физикӣ, графикҳо ва ғ.);
- ташаккули малакаву маҳоратҳои масъалаҳалкунӣ, ба система даровардани мушоҳидаи ҳодисаҳои табиат ва равандҳои технологӣ, банақшагирӣ ва гузаронидани тадқиқот;
- такмили маҳорати истифодабарии асбобҳои ченкунанда аз ҷониби муҳассилин [4, с. 107]. Дар маҷмуъ, ин ҳадафҳоро тибқи талаботи дидактика ба таълимӣ, тарбиявӣ ва инкишофдиҳӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Ба мақсади таълимӣ инҳо дохил мешаванд: ташаккули маҷмуи донишҳои асосии илми физика (мафҳумҳои фундаменталии физикӣ, қонунҳо ва назарияҳо), донишҳо доир ба методҳои дарккунӣ, мушоҳида, озмоиш, амсиласозӣ, пешниҳод кардани фарзияҳо, таҳлили назариявии далелҳои илмӣ, ташаккули малакаву маҳоратҳои озмоишӣ ва ғайра. Ба мақсади тарбиявӣ: ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, политехникӣ, эстетикӣ, экологӣ, тарбияи рӯҳӣ, тарбияи ғоявӣ, шаҳрвандӣ ва ватанпарварӣ. Ба максади инкишофдиҳӣ: инкишофи тафаккур (алалхусус, тафаккури физикӣ), хотира, идрок, мустақилият, шавқу ҳаваси маърифатӣ ва ғ. Имрӯзҳо инкишофи шахсияти муҳассилин дар заминаи иқтидори ботинияшон, мувофиқи анъанаҳои беҳтарини фарҳангиву таърихӣ ва дастовардҳои технологии инсоният ҳадафи асосии таҳсилот ба ҳисоб меравад. Он самтҳои асосии такмил додани соҳаи маорифро муайян мекунад, ки на танҳо ба азхудкунии миқдори муайяни донишҳо аз ҷониби ҳар як муҳассилин, балки ба ташаккули шахсияти вай, фаъолияти маърифатӣ ва эҷодӣ, худмуаррифии мустақилона ба манфиати ҷомеа ва шахсияш нигаронида шудааст. Ба андешаи мо дар таълими физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ барои амалигардонии ин ҳадафҳо як қатор мушкилот ҷой доранд, ки бартараф кардани онҳо ногузир аст.

Инак, мушкилии аввал – ин мустаҳкам намудани ҷабҳаи амалии таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҷараёни таълим ба ташаккул додани малакаҳои маърифатии муҳассилин, методҳои самараноки фаъолияти таълимиву маърифатӣ диққати бештар бояд дод, аз ҷумла: мустақилона бо китоб ва сарчашмаҳои дигар кор кардан, гузаронидани мушоҳида ва таҷрибаҳо, ба танзим даровардан ва ҷамъбаст кардани донишҳои худ. Ба ташкилу гузаронидани корҳои озмоишӣ ва лабораторӣ бештар таваҷҷуҳ намудан лозим аст, чунки тавассути онҳо шогирдон малакаҳои кор ва муомила бо

таҷҳизоти заруриро азхуд мекунанд. Имрӯзҳо ташкили чунин корҳо аз сабаби кам будани лабораторияҳои таълимӣ ва таҷҳизоти намоишӣ нисбатан душвор аст. Аз ин рӯ, истифодаи асбобҳои физикии содаи дастисоз тавсия карда мешавад. Мушкилии дуюм - ин риояи ҳатмии робитаи байнифаннии илмҳои табиӣ-математикӣ ба ҳисоб меравад. Бо назардошти он, ки аксари омӯзгорон аз риоя нашудани шартҳои робитаи байнифаннӣ шикоят мекунанд, зарурати таҷдиди назар намудани барномаҳои таълимии фанҳои табиӣ-математикӣ, алалхусус барномаҳои физика ва математика ба миён омадааст.

Муҳассилин то омӯзиши маводи физикӣ бояд соҳиби донишҳои зарурии математикӣ гарданд. Айни замон, тайёрии математикии муҳассилин ба омӯзиши физика, хусусан дар соли аввали таҳсил кифоягӣ намекунад ва ин барои онҳо, алалхусус баҳри ҳалли масъалаҳои ҳисобиву графикӣ мушкилот эҷод мекунад. Мушкилии сеюм - ин навсозии мазмуну мундариҷаи маълумоти физикӣ ин оқилона кам кардани муҳтавои барномаҳои таълим ва таҷдиди назар намудани стандартҳои маълумоти физикӣ мебошад, ки интиқоли маводи таълимро аз як давраи таҳсил ба дигараш дарбар мегирад. Ҳалли ин мушкилот имконпазир аст, зеро мавзуъҳои курси физика дар соли аввали таҳсил асосан такрори мавзуъҳои курси физикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, нақшаи зерини ба роҳ мондани таълими физика ба миён меояд:а) нав кардани мазмуну муҳтавои маводи қаблан омӯхташуда дар доираи ҳамон як мавзӯъ (на такроран омӯхтан!);б) бунёди ҷавҳари назарияи омухташаванда;в) азхуд кардани донишҳои нав (хулоса, натиҷа, пешгуиҳои илмӣ) тавассути ҳалли масъалаҳои мушаххаси физикӣ; г) ҷамъбасткунии мазмунӣ, яъне ҷудокунии заминаҳои эмпирикӣ, маҷмуи мафҳумҳо, фарзияҳо, амсилаҳо, ҷавҳари назария дар шакли маҷмуи қонунҳо, принсипҳо ва ҳудуди татбиқи онҳо, хулоса ва натиҷаҳои мушаххас. Азбаски имрӯз инсон арзиши мутлақи ҷомеа шуда истодааст ва ҳадафи тарбия ин ташаккули шахсият аст, таҳсилот бояд ҳамчун шарти муайянкунандаи худогоҳӣ ва рушди худшиносии шахсият баррасӣ карда шавад. Аз ин рӯ, амсилаи ҷараёни таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бояд ба гузариш аз таҳсилот ҳамчун "интиқол додани дониш ба шогирд" ба муносибати босалоҳият дар таълим мусоидат намояд.

Мушкилии чорум - ин таҳияи барномаҳои таълими мухталиф барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии равияҳояшон гуногун ва бисёрзинагӣ мебошад. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мушкилоти асосӣ омӯзиши фанҳоест, ки ба касби интихобкардаи муҳассилин алоқаманд нестанд. Бо назардошти кам будани миқдори соатҳои фанҳои "ғайрикасбӣ", мушкилоти мубрам – ин муайян кардани мӯҳтавои ҳадди ақалли мазмуну мундариҷаи фан ва муҳимтар аз ҳама, ҳадаф ва вазифаҳои воқеии омӯзиши физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мебошад. Мушкилии панҷуми - ин таҳияи маводи маҷмуии таълим аз физика (китобҳои дарсӣ, адабиёти методӣ, маводи дидактикӣ барои муҳассилин, васоити аёнӣ ва ғайраҳо) тибқи муносибати босалоҳият ба таълими физика мебошад [1, с. 85]. Дар китобҳои дарсӣ бояд маводи тавсифоти амалидошта, аз қабили ҳалли масъалаҳо, супоришоти амалӣ, гузаронидани мушоҳидаҳо, озмоишҳо, алалхусус озмоишҳои физикии хонагӣ ва корҳои лабораторӣ бештар пешниҳод карда шаванд. Маводи таълим бояд дастовардҳои охирини илми физикаро таҷассум намояд ва дар охири ҳар як мавзуъ саволҳои ташаккулдиҳандаи гуногуннавъ пешниҳод карда шаванд. Ба таҳияи китобҳои дарсӣ, методистони соҳибкасб ва омӯзгорони соҳибтаҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ҷалб карда шаванд [3, с. 3]. Чунинанд, ба андешаи мо, баъзе мушкилоти таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ.

**АДАБИЁТ:**

1.Умаров У.С. Таҳияи маводи маҷмуии таълим аз физика барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ-талаботи замон. Дар маҷмуаи "Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Мушкилоти муосири тадқиқот дар ҷодаи илмҳои табиӣ-риёзӣ ва методикаи таълими онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ бахшида ба Битсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)". –Душанбе: 2021, - с. 85-90.

2.Умаров У.С. Навъҳои дарси физика тибқи муносибати босалоҳият ба таълим. Душанбе: "Файзи Борон", 2021, - 165 с.

3.Умаров У.С. Талабот ба таълифи китобҳои дарсии физика барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ. Дар маҷмуаи "Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳурияви дар рушди саноати кишвар" –Душанбе: 2022. с. 3-7.

4.Умаров У.С., Раҷабов У.Х. Проблемаҳои муосири методикаи таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ. Дар маҷмуаи "Маводи конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявии дар мавзуи "Мушкилот дар омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқу риёзӣ бахшида ба "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-

20240)”. Душанбе:-2023с.-саҳ. 106-109. 5. Агапова Н.В. Перспективы развития новых технологий обучения. – М.: ТК Велби, 2005. – 247 с.

5.Апатова Н.В. Информационные технологии в школьном образовании. – М., 1994.

6.Выготский, Л.С. Педагогическая психология – М. Педагогика, 1991.

7.Вильямс Р. и др. Компьютеры в школе. – М., 1988.

## МУШКИЛОТИ ТАЪЛИМИ ФИЗИКА ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Пеш аз ҳама зикр кардан бамаврид аст, ки ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмашон ба Маҷлиси Олӣ (26.12.2019) солҳои 2020-2040-ро “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” эълон карданд. Дар асоси ин пешниҳоди Пешвои миллат барои дар сатҳи баланд татбиқ намудани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ бояд омӯзгоронеро тарбия намоянд, ки барои татбиқи муносибати босалоҳият ба раванди таълими фанҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ омода бошанд, зеро таълиму тарбияи муваффақонаи насли наврас аз таҷрибаи касбӣ, фазилат ва маданияти баланди омӯзгор вобаста аст.

***Калидвожаҳо:*** *Пешвои миллат, Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилоти технология, таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои миёнаи касбӣ, 20-солаи муассисапҳои миёнаи касбӣ.*

## ПРОБЛЕМЫ ПРЕПОДАВАНИЯ ФИЗИКИ В СРЕДНИХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Прежде всего, стоит отметить, что в целях дальнейшего совершенствования изучения естественных, точных и математических наук, а также расширения технического мышления подрастающего поколения, основатель мира и национального единства - лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон в своем послании Верховному Совету (26.12.2019) года 2020-2040 годы были объявлены «Двадцатилетием изучения и развития естественнонаучных, точных и математических предметов в сфере науки и образования». На основании данного предложения Лидера нации, в целях реализации на высоком уровне данной программы учреждения высшего педагогического образования должны готовить учителей, умеющих грамотно подходить к процессу преподавания предметов в средних профессиональных учебных заведениях, ведь успешное образование подрастающего поколения базируется на профессиональном опыте.

***Ключевые слова:*** *Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, проблемы технологий, средние профессиональные учреждения, 20 – летие изучения и развития естественнонаучных, точных и математических предметов в сфере науки и образования.*

## PROBLEMS OF TEACHING PHYSICS IN SECONDARY VOCATIONAL EDUCATIONAL INSTITUTIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

First of all, it is worth noting that in order to further improve the study of natural, exact and mathematical sciences, as well as expand the technical thinking of the younger generation, the founder of peace and national unity - the leader of the nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in his message to the Supreme Council (12/26/2019) declared 2020-2040 as "Twenty years of studying and developing natural science, exact and mathematical subjects in the field of science and education". Based on this proposal of the Leader of the Nation, in order to implement this program at a high level, higher pedagogical education institutions should train teachers who can competently approach the process of teaching subjects in secondary vocational educational institutions, because the successful education of the younger generation is based on professional experience.

***Key words:*** *Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, technology issues, secondary vocational institutions, 20th anniversary of the study and development of natural sciences, exact and mathematical subjects in the field of science and education.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Ёсумани Усмониён ассисенти кафедраи физика ва телекаммуникатсияи колеҷи техникии академик Муҳаммад Осимӣ.*

***Сведение об авторе:*** *Ёсумани Усманиян, доцент кафедры физики и связи технического колледжа имени академика Мухаммада Осими.*

***Information about the author:*** *Yosumani Osmanyan, docent of the Department of Physics and Communications of the Technical College named after Academician Muhammad Osimi.*

**ТДУ:371.851**

## АМАЛИСОЗИИ ТАМОИЛИ АЛГОРИТМИИ ҲАЛЛИ СИСТЕМАИ МУОДИЛАҲО БО ТАРЗҲОИ ГУНОГУН

***Маҳкамов М., Раҷабов Т., Каримзода Т.***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**

Маълум аст, ки дар байни масъалаҳои курси математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ масъалаҳои ғайристандартӣ низ мавҷуданд. Барои ин гуна масъалаҳо дар

математика алгоритми ҳал мавҷуд нест. Агар омӯзгор ҳалли чунин масъалаҳоро ба хонандагон дар шакли тайёр пешкаш намояд, он гоҳ онҳо бояд ба масъалаҳо мустақилона назар намоянд ва кӯшиши дарёфти алгоритми ҳалли онҳо шаванд. Дар ҳамин андешаҳо бисёре аз методистон ва омӯзгорон дар фикри «беҳтарин фоида аз ин масъала бархурдор мешаванд», ки агар онҳо бе омодагии пешакӣ, онҳо гуногун мувофиқи мазмун ва усули ҳал» [9, с.6]. Ҳамин андешаро Д. Пойа дасттгири карда чунин мегӯяд: «Агар хоҳед, ки масъалаҳалкуниро азбар кунед, пас онҳоро ҳал кунед» [11, с.13]. Ҳамин тариқ, зери андешаҳои Д. Пойа, ки дар охири китоби «Как решать задачу» [11] як силсила усули умумии дарёфту ҷустуҷӯйи ҳалли масъалаҳои ғайристандартиро шинос шудан мумкин аст. Ҳамзамон дар истифодаи схемаҳои эврестикӣ аввал баъзе душвориро ошкор намудан зарур аст. Барои хонандагонро дар руҳияи мустақилона ҳалкунии масъалаҳои ғайристандартӣ ҳидоят кунем ва зарур аст, ки чунин амалҳоро иҷро кунанд:

1. Ба хонандагон додани донишҳои одитарини назарияи масъалаҳо. Ин донишҳоро дар ҳамгироии раванди ҳалли масъалаҳо дар ҳамаи марҳилаҳо ба онҳо шинос намоем.

2. Ташаккули устувори маҳорат ва малакаҳое, ки қисми таркибии ҳалли масъалаҳо мебошанд. Аз он ҷумла: маҳорати таҳлилкунии масъала, таҳияи моделҳои гуногуни он, амалисозии системаноки ҷустуҷӯйи усули ҳал, маҳорати санҷиш ва таҳқиқи ҳалли масъала ва натиҷаҳои он.

Ин ҳамон вақт амалӣ мешавад, ки агар системаи машқҳо дар ин ҷода таҳия шавад.

3. Шиносоии хонандагон бо методҳои асосии эврестикии ҳалли масъалаҳои мактабии математика ва дар онҳо ташаккул додани маҳорати устувории истифодаи методҳо дар ҳалли масъалаҳо мебошад.

Яке аз роҳҳои маъмули ҳалли системаҳо иваз кардани тағйирёбандаҳо мебошад. Фарз мекунем, ки дар система баъзе ифодаҳои такроршавандаро ошкор (ҷудо) карда тавонистем, ки он аз тағйирёбандаҳо иборат мебошад. Пас, агар ҳар кадоми онҳоро бо як ҳарфи нав ишора кунем (албатта, ифодаҳои гуногун бо ҳарфҳои гуногун), ба ибораи дигар, тағйирёбандаҳоро иваз кунем, пас системаи ҳосилшуда, ба системаи нисбатан нави номаълум табдил меёбад. Агар онро ҳал кардан муяссар шавад, пас барои пайдо кардани решаҳои системаи ибтидоӣ як ё якчанд системаи навро пеш меояд, ки номаълумҳои навро бо системаҳои аввала пайваст мекунанд.

Ҳамин тавр, ҳангоми ҳалли системаи муодилаҳои алгебравӣ, дар ин замина табдилдиҳиҳои гуногун, ки боиси пайдо шудани тарзҳои навро бо тарзҳои анъанавӣ мепайванданд, истифода карда шуданд.

Ҳангоми ҳалли системаҳо муҳим аст, ки ба ифодаҳои додашуда баргаштанро фаромӯш накунем.

Ҳангоми ҷустуҷӯйи тарзҳои нави ҳалли масъалаҳо, имконияти пайдо намудани робита байни тадиқотҳои дигари математика пайдо шудан имконпазир аст.

**Масъалаи 1.** Системаи муодилаҳои зеринро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} \dfrac{xy}{z} = \dfrac{15}{7}, \\ \dfrac{yz}{x} = \dfrac{35}{3}, \\ \dfrac{zx}{y} = \dfrac{21}{5}. \end{cases}$$

**Ҳал.** СҚР: $x \neq 0,\ y \neq 0,\ z \neq 0.$ Барои ҳал намудани системаи матлуб, тарзҳои гуногунро истифода намудан мумкин аст. Яке аз он, зарб намудани тарафҳои чап ва рости муодилаҳо бо ҳамдигар мебошад, ки онро дар системаи муодилаҳои мазкур татбиқ мекунем:

$$\frac{xy}{z}\cdot\frac{yz}{x}\cdot\frac{zx}{y} = \frac{15}{7}\cdot\frac{35}{3}\cdot\frac{21}{5} \text{ ё ки } xyz = 105.$$

Акнун ҳар ду тарафи муодилаи якуми системаро ба $z^2$, муодилаи дуюмро ба $x^2$ ва муодилаи сеюмро ба $y^2$ зарб намуда, системаи муодилаҳои зеринро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} xyz = 105, \\ \dfrac{xy}{z} \cdot z^2 = \dfrac{15}{7} \cdot z^2, \\ \dfrac{yz}{x} \cdot x^2 = \dfrac{35}{3} \cdot x^2, \\ \dfrac{zx}{y} \cdot y^2 = \dfrac{21}{5} \cdot y^2; \end{cases} \quad \begin{cases} xyz = 105, \\ xyz = \dfrac{15}{7} \cdot z^2, \\ xyz = \dfrac{35}{3} \cdot x^2, \\ xyz = \dfrac{21}{5} \cdot y^2; \end{cases}$$

Акнун дар муодилаҳои дуюм, сеюм ва чорум ба ҷойи $xyz$ адади 105-ро ба тариқи зерин гузошта, онҳоро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} xyz = 105, \\ 105 = \dfrac{15}{7} \cdot z^2, \\ 105 = \dfrac{35}{3} \cdot x^2, \\ 105 = \dfrac{21}{5} \cdot y^2. \end{cases} \quad \begin{cases} z^2 = 105 \cdot \dfrac{7}{15}, \\ x^2 = 105 \cdot \dfrac{3}{35}, \\ y^2 = 105 \cdot \dfrac{5}{21}; \end{cases} \quad \begin{cases} z^2 = 49, \\ x^2 = 9, \\ y^2 = 25; \end{cases} \quad \begin{cases} z_{1,2} = \pm 7, \\ x_{1,2} = \pm 3, \\ y_{1,2} = \pm 5. \end{cases}$$

Пас, $x_1 = -3$, $y_1 = -5$, $z_1 = -7$ ва $x_2 = 3$, $y_2 = 5$, $z_2 = 7$ мешавад.

**Ҷавоб:** $(-3; -5; -7)$, $(3; 5; 7)$.

**Масъалаи 2.** Системаи муодилаҳоро ҳал мекунем: $\begin{cases} 7x + 9y + 7z = 53, \\ 9x + 7y + 7z = 51, \\ 7x + 7y + 9z = 57. \end{cases}$

**Ҳал.** Дар заминаи ҷамъи алгебравӣ ҳар се муодилаҳои системаро бо ҳамдигар ҷамъ мекунем:

$$7x + 9y + 7z + 9x + 7y + 7z + 7x + 7y + 9z = 53 + 51 + 57;$$

$$23x + 23y + 23z = 161 \text{ ё } x + y + z = 161 : 23 \text{ ё ки } x + y + z = 7.$$

Системаи муодилаҳои додашударо ба намуди зерин менависем:

$$\begin{cases} x + y + z = 7, \\ 7x + 9y + 7z = 53, \\ 9x + 7y + 7z = 51, \\ 7x + 7y + 9z = 57. \end{cases}$$

Барои ёфтани қиматҳои $x$, $y$ ва $z$, ҳар ду тарафи муодилаи якумро ба 7 зарб мекунем:

$$\begin{cases} 7x + 7y + 7z = 49, \\ 7x + 9y + 7z = 53, \\ 9x + 7y + 7z = 51, \\ 7x + 7y + 9z = 57. \end{cases}$$

Акнун аз муодилаҳои дуюм, сеюм ва чорум, муодилаи якумро пай дар пай ба тариқи зерин тарҳ карда, қиматҳои $x$, $y$ ва $z$-ро муайян мекунем:

$$\begin{cases} 7x + 7y + 7z = 49, \\ 7x + 9y + 7z - (7x + 7y + 7z) = 53 - 49, \\ 9x + 7y + 7z - (7x + 7y + 7z) = 51 - 49, \\ 7x + 7y + 9z - (7x + 7y + 7z) = 57 - 49; \end{cases} \quad \begin{cases} 7x + 7y + 7z = 49, \\ 7x + 9y + 7z - 7x - 7y - 7z = 4, \\ 9x + 7y + 7z - 7x - 7y - 7z = 2, \\ 7x + 7y + 9z - 7x - 7y - 7z = 8; \end{cases}$$

$$\begin{cases} x+y+z=7, \\ 2y=4, \\ 2x=2, \\ 2z=8; \end{cases} \begin{cases} x+y+z=7, \\ y=2, \\ x=1, \\ z=4. \end{cases}$$

Пас, $x=1$, $y=2$ ва $z=4$ мегардад. **Ҷавоб:** $(1;\ 2;\ 4)$.

**Масъалаи 3.** Системаи муодилаҳоро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} x^3y^2z^2 = 16, \\ x^2y^3z^2 = 32, \\ x^2y^2z^3 = \frac{1}{4}. \end{cases}$$

**Ҳал.** Дар заминаи зарби баробариҳо ҳар сеи муодилаҳоро бо ҳам зарб карда, пайдо мекунем:

$x^3y^2z^2 \cdot x^2y^3z^2 \cdot x^2y^2z^3 = 16 \cdot 32 \cdot \frac{1}{4}$ ё ки $x^7y^7z^7 = 2^7$. Аз ин ҷо $xyz = 2$ ҳосил мешавад.

Ҳар ду тарафи муодиларо ба квадрат бардошта, ҳосил мекунем:

$x^2y^2z^2 = 4$.

Акнун системаи муодилаҳои матлубро ба намуди зерин менависем:

$$\begin{cases} x^2y^2z^2 = 4, \\ x^3y^2z^2 = 16, \\ x^2y^3z^2 = 32, \\ x^2y^2z^3 = \frac{1}{4}. \end{cases}$$

Акнун пай дар пай муодилаҳои дуюм, сеюм ва чорумро ба муодилаи якум тақсим мекунем:

$$\begin{cases} x^2y^2z^2 = 4, \\ \frac{x^3y^2z^2}{x^2y^2z^2} = \frac{16}{4}, \\ \frac{x^2y^3z^2}{x^2y^2z^2} = \frac{32}{4}, \\ \frac{x^2y^2z^3}{x^2v^2z^2} = \frac{1}{4} : 4 \end{cases} \text{ ё ки } \begin{cases} x^2y^2z^2 = 4, \\ x = 4, \\ y = 8, \\ z = \frac{1}{16}. \end{cases}$$

Ҳамин тавр, $x=4$, $y=8$ ва $z=\frac{1}{16}$ мешавад. **Ҷавоб:** $(4;\ 8;\ 0{,}0625)$.

**Масъалаи 4.** Системаи муодилаҳоро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} x^2 + y^2 = 5, \\ y^2 + z^2 = 11, \\ y^2 = xz. \end{cases}$$




**Ҳал. Тарзи якум. Тарзи геометрӣ.** Системаи муодилаҳои мазкурро бо тарзи геометрӣ ҳал мекунем.

Мувофиқи теоремаи баръакси Пифагор агар квадрати як тарафи секунҷа ба суммаи квадратҳои ду тарафи дигараш баробар бошад, он гоҳ секунҷа росткунҷа мешавад, бинобар,

ин аз муодилаи $x^2+y^2=\left(\sqrt{5}\right)^2$, ададҳои $x$ ва $y$ катети секунҷаи росткунҷаи $ABD$ ( $\angle D$ - кунҷи рост) буда, $AB=\sqrt{5}$ гипотенуза мешавад.

Муодилаи дуюм $y^2+z^2=11$-ро муоина мекунем. Секунҷаи $BDC$ -ро месозем, ки дар он $y$ ва $z$ катетҳо ва $BC=\sqrt{11}$ гипотенуза мебошад.

Мувофиқи теоремаи баръакс оид ба порчаҳои мутаносиб $\angle ABC=90^\circ$ шуда,

$$AC=x+z=\sqrt{AB^2+BC^2}=\sqrt{\left(\sqrt{5}\right)^2+\left(\sqrt{11}\right)^2}=\sqrt{5+11}=\sqrt{16}=4$$

мешавад.

Маълум аст, ки баландии аз қуллаи кунҷи рост гузаронидашуда, мутаносиби миёнаи проексияҳои катетҳо дар гипотенуза мешавад. Яъне,

$$\begin{cases} AB^2=AD\cdot AC, \\ BC^2=DC\cdot AC, \\ BD^2=AD\cdot DC. \end{cases}$$

Қиматҳои мувофиқро ба системаи муодилаҳои ҳосилшуда гузошта, пайдо мекунем:

$$\begin{cases} \left(\sqrt{5}\right)^2=x\cdot 4, \\ \left(\sqrt{11}\right)^2=z\cdot 4, \\ y^2=x\cdot z; \end{cases} \begin{cases} 5=x\cdot 4, \\ 11=z\cdot 4, \\ y^2=x\cdot z; \end{cases} \begin{cases} x=\frac{5}{4}, \\ z=\frac{11}{4}, \\ y^2=\frac{5}{4}\cdot\frac{11}{4}; \end{cases} \begin{cases} x=\frac{5}{4}, \\ z=\frac{11}{4}, \\ y^2=\frac{55}{16}; \end{cases} \begin{cases} x=\frac{5}{4}, \\ z=\frac{11}{4}, \\ y=\frac{\sqrt{55}}{4}. \end{cases}$$

Ҳангоми татбиқ намудани тарзи геометрии ҳалли масъалаҳои алгебравӣ, гум шудани решаҳо ба чашм мерасад, ки онро бо тезӣ ошкор кардан мумкин аст. Бинобар ин, баъди ёфтани решаҳои системаи муодилаҳо бо тарзи геометрӣ, ба онҳо решаҳои манфиро илова кардан зарур аст.

Ҳамин тариқ, решаҳои системаи муодилаҳои додашуда ба $x=\pm\frac{5}{4}$, $y=\pm\frac{11}{4}$ ва $z=\pm\frac{\sqrt{55}}{4}$ баробар мешаванд [7].

**Тарзи дуюм. Тарзи алгебравӣ.** Аз тарзи гузориш истифода бурда, аз муодилаи сеюм ба ҷои $y^2$, $xz$ -ро ёфта, ба муодилаи якум ва дуюм мегузорем.

$$\begin{cases} x^2+y^2=5, \\ y^2+z^2=11, \\ y^2=xz; \end{cases} \begin{cases} x^2+xz=5, \\ xz+z^2=11, \\ y^2=xz. \end{cases}$$

Барои ҳал кардани системаи муодилаҳои ҳосилшуда, формулаи квадрати дуузваи зарби мухтасарро татбиқ мекунем. Барои ин аз тарзи ҷамъи алгебравӣ истифода намуда, муодилаҳои якум ва дуюми системаро ҷамъ карда, онро ба намуди зерин менависем:

$$\begin{cases} x^2+2xz+z^2=16, \\ x^2+xz=5, \\ xz+z^2=11, \\ y^2=xz. \end{cases}$$

Дар муодилаи якуми системаи ҳосилшуда, формулаи $(a+b)^2=a^2+2ab+b^2$-ро татбиқ карда, онро ҳал мекунем:

$$\begin{cases}(x+z)^2=16,\\ x^2+xz=5,\\ xz+z^2=11,\\ y^2=xz\end{cases} \text{ ё ки } \begin{cases}x+z=\pm4,\\ x^2+xz=5,\\ xz+z^2=11,\\ y^2=xz.\end{cases}$$

Аз муодилаҳои дуюм ва сеюми система ҳамзарбҳои умумиро бароварда, онро ба намуди зерин менависем:

$$\begin{cases}x+z=\pm4,\\ x(x+z)=5,\\ z(x+z)=11,\\ y^2=xz.\end{cases}$$

Аввал дар муодилаҳои дуюм ва сеюм ба ҷойи $x+z$ адади $\pm4$-ро гузошта, қиматҳои $x$ ва $z$-ро меёбем:

$$\begin{cases}x+z=\pm4,\\ x\cdot(\pm4)=5,\\ z\cdot(\pm4)=11,\\ y^2=xz;\end{cases} \begin{cases}x=\dfrac{5}{\pm4},\\ z=\dfrac{11}{\pm4},\\ y^2=\mathrm{xz};\end{cases} \begin{cases}x=\pm\dfrac{5}{4},\\ z=\pm\dfrac{11}{4},\\ y^2=xz.\end{cases}$$

Акнун қиматҳои $x$ ва $z$-ро ба муодила сеюм гузошта, қимати $y$-ро меёбем:

$$\begin{cases}x=\pm\dfrac{5}{4},\\ z=\pm\dfrac{11}{4},\\ y^2=\pm\dfrac{5}{4}\cdot\left(\pm\dfrac{11}{4}\right);\end{cases} \begin{cases}x=\pm\dfrac{5}{4},\\ z=\pm\dfrac{11}{4},\\ y^2=\dfrac{55}{16};\end{cases} \begin{cases}x_{1,2}=\pm\dfrac{5}{4},\\ z_{1,2}=\pm\dfrac{11}{4},\\ y_{1,2}=\pm\dfrac{\sqrt{55}}{4}.\end{cases}$$

Пас, $x_1=\dfrac{5}{4}$, $y_1=\dfrac{\sqrt{55}}{4}$, $z_1=\dfrac{11}{4}$ ва $x_2=-\dfrac{5}{4}$, $y_2=-\dfrac{\sqrt{55}}{4}$, $z_2=-\dfrac{11}{4}$ мешавад.

**Ҷавоб:** $\left(-\dfrac{5}{4};-\dfrac{11}{4};-\dfrac{\sqrt{55}}{4}\right)$, $\left(\dfrac{5}{4};\dfrac{11}{4};\dfrac{\sqrt{55}}{4}\right)$.

*Пас, аз ҳал кардани масъалаҳои заминавӣ, тасдиқотҳоро пай дар пай навишта, алгоритми ҳалро пайдо мекунем.*

Барои муайян намудани дараҷаи душвории системаи муодилаҳо дар китобҳои дарсии алгебраи синфи 9-уми ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ чӣ гуна аст, баъзе аз онҳоро дар зер таҳлил мекунем.

**Масъалаи 5.** Системаи муодилаҳои зеринро ҳал мекунем [3, №454, с.73]; [12, с.96]:

$$\begin{cases}\dfrac{x^2}{y}+\dfrac{y^2}{x}=12,\\ \dfrac{1}{x}+\dfrac{1}{y}=\dfrac{1}{3}.\end{cases} \quad (1)$$

**Ҳал.** СҚР: $x\neq0$, $y\neq0$. Ҳар ду тарафи муодилаи якуми системаро ба ифодаи ғайринолии $\dfrac{1}{x^2y^2}$ зарб мекунем:

$$\begin{cases}\frac{x^2}{y}\cdot\frac{1}{x^2y^2}+\frac{y^2}{x}\cdot\frac{1}{x^2y^2}=12\cdot\frac{1}{x^2y^2},\\ \frac{1}{x}+\frac{1}{y}=\frac{1}{3};\end{cases}\quad \begin{cases}\frac{1}{y^3}+\frac{1}{x^3}=12\cdot\frac{1}{x^2y^2},\\ \frac{1}{x}+\frac{1}{y}=\frac{1}{3}.\end{cases}$$

Дар системаи муодилаҳои ҳосилшуда, гузориши $\frac{1}{x}=t$ ва $\frac{1}{y}=z$ истифода мекунем:

$$\begin{cases}z^3+t^3=12\cdot t^2z^2,\\ t+z=\frac{1}{3}.\end{cases}$$

Муодилаи якуми системаро зимни иҷрои табдилдиҳӣ ҳосил мекунем:

$$\begin{cases}(t+z)(t^2-tz+z^2)=12\cdot t^2z^2,\\ t+z=\frac{1}{3};\end{cases}\quad \begin{cases}(t+z)\left((t+z)^2-3tz\right)=12\cdot t^2z^2,\\ t+z=\frac{1}{3};\end{cases}$$

$$\begin{cases}\frac{1}{3}\left(\left(\frac{1}{3}\right)^2-3tz\right)=12\cdot(tz)^2,\\ t+z=\frac{1}{3};\end{cases}\quad \begin{cases}12\cdot(tz)^2+tz-\frac{1}{27}=0,\\ t+z=\frac{1}{3}.\end{cases}$$

Муодилаи квадратиро нисбат $tz$ ҳал мекунем:

$$D=1^2-4\cdot12\cdot\left(-\frac{1}{27}\right)=1+\frac{16}{9}=\frac{25}{9};$$

$$(tz)_{1,2}=\frac{-1\pm\sqrt{\frac{25}{9}}}{2\cdot12}=\frac{-1\pm\frac{5}{3}}{24}=\frac{-3\pm5}{72}.$$

Аз ин ҷо $(tz)_1=\frac{-3+5}{72}=\frac{2}{72}=\frac{1}{36}$ ва $(tz)_2=\frac{-3-5}{72}=\frac{-8}{72}=-\frac{1}{9}$ мешавад.

Акнун ду системаи муодилаҳои зеринро тартиб дода, онҳоро ҳал мекунем:

$$1)\ \begin{cases}tz=\frac{1}{36},\\ t+z=\frac{1}{3}.\end{cases}\quad 2)\ \begin{cases}tz=-\frac{1}{9},\\ t+z=\frac{1}{3}.\end{cases}$$

Системаи муодилаҳои (1)-ро ҳал мекунем:

$$\begin{cases}tz=\frac{1}{36},\\ t+z=\frac{1}{3};\end{cases}\quad \begin{cases}t\left(\frac{1}{3}-t\right)=\frac{1}{36},\\ z=\frac{1}{3}-t;\end{cases}\quad \begin{cases}t^2-\frac{1}{3}t+\frac{1}{36}=0,\\ z=\frac{1}{3}-t;\end{cases}\quad \begin{cases}t^2-2\cdot\frac{1}{6}\cdot t+\left(\frac{1}{6}\right)^2=0,\\ z=\frac{1}{3}-t;\end{cases}$$

$$\begin{cases}\left(t-\frac{1}{6}\right)^2=0,\\ z=\frac{1}{3}-t;\end{cases}\quad \begin{cases}t-\frac{1}{6}=0,\\ z=\frac{1}{3}-t;\end{cases}\quad \begin{cases}t=\frac{1}{6},\\ z=\frac{1}{3}-\frac{1}{6};\end{cases}\quad \begin{cases}t=\frac{1}{6},\\ z=\frac{1}{6}.\end{cases}$$

Системаи муодилаҳои (2)-ро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} tz=-\frac{1}{9}, \\ t+z=\frac{1}{3}; \end{cases} \begin{cases} t\left(\frac{1}{3}-t\right)=-\frac{1}{9}, \\ z=\frac{1}{3}-t; \end{cases} \begin{cases} t^2-\frac{1}{3}t-\frac{1}{9}=0, \\ z=\frac{1}{3}-t. \end{cases}$$

Муодилаи квадратиро ҳал мекунем:

$$D=\left(-\frac{1}{3}\right)^2-4\cdot\left(-\frac{1}{9}\right)=\frac{1}{9}+\frac{4}{9}=\frac{5}{9};$$

$$t_{2,3}=\frac{-\left(-\frac{1}{3}\right)\pm\sqrt{\frac{9}{9}}}{2}=\frac{\frac{1}{3}\pm\frac{\sqrt{5}}{3}}{2}=\frac{1\pm\sqrt{5}}{6};\ z_{2,3}=\frac{1}{3}-t_{2,3}=\frac{1}{3}-\frac{1\pm\sqrt{5}}{6}=\frac{1\mp\sqrt{5}}{6}.$$

Акнун ба тағйирёбандаи ибтидоӣ баргашта, қиматҳои $x$ -ро муайян мекунем.

1) Ҳангоми $t=\frac{1}{6}$ ва $z=\frac{1}{6}$ будан: $\frac{1}{x}=\frac{1}{6}$ ё ки $x_1=6$ ва $\frac{1}{y}=\frac{1}{6}$ ё ки $y_1=6$ мешавад.

2) Ҳангоми $t_2=\frac{1+\sqrt{5}}{6}$ ва $z_2=\frac{1-\sqrt{5}}{6}$ будан: $x_2=\frac{1}{t}=\frac{1}{\frac{1+\sqrt{5}}{6}}=\frac{6}{1+\sqrt{5}}=$

Барои аз махраҷ озод намудани радикал, сурат ва махраҷи касри $\frac{6}{1+\sqrt{5}}$ -ро мувофиқи хосияти каср ба ҳамроҳшудаи $1+\sqrt{5}$, ифода $1-\sqrt{5}$ зарб мекунем:

$$=\frac{6\left(1-\sqrt{5}\right)}{\left(1+\sqrt{5}\right)\left(1-\sqrt{5}\right)}=\frac{6\left(1-\sqrt{5}\right)}{1-\left(\sqrt{5}\right)^2}=\frac{6\left(1-\sqrt{5}\right)}{-4}=\frac{-3+3\sqrt{5}}{2};\ y_2=\frac{1}{z_2}=\frac{1}{\frac{1-\sqrt{5}}{6}}=\frac{6}{1-\sqrt{5}}=$$

Барои аз махраҷ озод намудани радикал, сурат ва махраҷи касри $\frac{6}{1-\sqrt{5}}$ -ро тибқи хосияти каср ба ҳамроҳшудаи $1-\sqrt{5}$ ифода $1+\sqrt{5}$ зарб мекунем:

$$=\frac{6\left(1+\sqrt{5}\right)}{\left(1-\sqrt{5}\right)\left(1+\sqrt{5}\right)}=\frac{6\left(1+\sqrt{5}\right)}{1-\left(\sqrt{5}\right)^2}=\frac{6\left(1+\sqrt{5}\right)}{-4}=-\frac{3}{2}\left(1+\sqrt{5}\right).$$

3) Ҳангоми $t_3=\frac{1-\sqrt{5}}{6}$ ва $z_3=\frac{1+\sqrt{5}}{6}$ будан:

$$x_3=\frac{1}{t}=\frac{1}{\frac{1-\sqrt{5}}{6}}=\frac{6}{1-\sqrt{5}}=\frac{6\left(1+\sqrt{5}\right)}{\left(1-\sqrt{5}\right)\left(1+\sqrt{5}\right)}=\frac{6\left(1+\sqrt{5}\right)}{1-\left(\sqrt{5}\right)^2}=\frac{6\left(1+\sqrt{5}\right)}{-4}=\frac{-3-3\sqrt{5}}{2};$$

$$y_3=\frac{1}{z}=\frac{1}{\frac{1+\sqrt{5}}{6}}=\frac{6}{1+\sqrt{5}}=\frac{6\left(1-\sqrt{5}\right)}{\left(1+\sqrt{5}\right)\left(1-\sqrt{5}\right)}=\frac{6\left(1-\sqrt{5}\right)}{1-\left(\sqrt{5}\right)^2}=\frac{6\left(1-\sqrt{5}\right)}{-4}=\frac{-3+3\sqrt{5}}{2}.$$

Дар натиҷа, $x_1=6$, $x_2=\frac{-3+3\sqrt{5}}{2}$, $x_3=\frac{-3-3\sqrt{5}}{2}$ ва $y_1=6$, $y_2=\frac{-3+3\sqrt{5}}{2}$, $y_3=\frac{-3-3\sqrt{5}}{2}$ гардид.

**Ҷавоб:** $(6;6)$, $\left(\frac{-3+3\sqrt{5}}{2};\frac{-3-3\sqrt{5}}{2}\right)$, $\left(\frac{-3-3\sqrt{5}}{2};\frac{-3+3\sqrt{5}}{2}\right)$.

Ҳалли системаи муодилаҳои (1) дар китоби дарсии алгебраи синфи 9-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Усмонов Н. ва Пиров Р. ба намуди зерин оварда шудааст [14, с.96]:

«Маълум, ки $x \neq 0$ ва $y \neq 0$ аст. Инро ба ҳисоб гирифта системаро дар шакли

$$\begin{cases} x^3 + y^3 = 12xy, \\ 3(x+y) = xy \end{cases}$$

менависем, ки он симметрӣ аст. Табдилдиҳиро давом дода системаи ба аввала баробарқувваи

$$\begin{cases} u^3 - 3uv = 12v, \\ 3u = v \end{cases} \text{ ва ё } \begin{cases} u(u^2 - 9u - 36) = 0, \\ 3u = v \end{cases}$$

-ро ҳосил мекунем.

Азбаски $x \neq 0$ ва $y \neq 0$ аст, пас $u \neq 0$ ва $v \neq 0$ мешавад. Аз ин ҷо

$$\begin{cases} u^2 - 9u - 36 = 0, \\ 3u = v \end{cases}$$

мешавад, ки аз он

$$\begin{cases} u_1 = 12, \\ v_1 = 36 \end{cases} \text{ ва } \begin{cases} u_2 = -3, \\ v_2 = -9 \end{cases}$$

ҳосил мешавад. Системаҳои ба онҳо баробарқувваи

$$\begin{cases} x + y = 12, \\ xy = 36; \end{cases} \quad \begin{cases} x + y = -3, \\ xy = -9 \end{cases}$$

-ро пайдо намуда, ҳалҳои онҳоро меёбем. Ҳақиқатан ҳам ин решаҳои пайдошуда ҳалҳои системаи аввала ҳам мебошанд».

Агар ба раванди ҳалли системаи муодилаҳои дар китоби дарсӣ овардашуда, назар кунем, алгоритми ҳалли он барои хонанда пурра кушода дода нашудааст.

Бояд қайд намуд, ки бо чунин тарз набояд маводи таълимиро ба хонандагон пешниҳод намуд, чунки маводи китоби дарсӣ на ин кӣ ба омӯзгор равона карда мешавад, балки он барои хонандагон тавсия дода мешавад.

Аз ин лиҳоз, ҳангоми омода кардани китобҳои дарсӣ бояд, раванди алгоритми ҳалро ба хонанда пурра кушода дода шавад, хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои дигар, онро ҳамчун алгоритми тобеъ истифода бурда тавонад. Пас, алгоритми ҳалли масъалаҳо пурра қадам ба қадам дар китобҳои дарсӣ пешниҳод карда шавад.

Системаи муодилаҳои ғайрихатии дараҷаи дуюмро аз китоби алгебраи синфи 9-уми Ҷумҳурии Қазоқистон Шыныбеков А.Н., Шыныбеков Д.А., Жумабаев Р.Н. муоина мекунем [16. с. 27, №1(136,1)].

Бояд қайд намоем, ки китоби алгебраи синфи 9-уми Шыныбеков А.Н. ва дигарон барои синфҳои 9-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешбинӣ шуда, як қатор хусусиятҳои хоси худро дорад. Аз ин рӯ, китоби дарсии "Алгебраи синфи 9" ҳам мисли китоби дарсии "Алгебраи синфи 8" универсалӣ мебошад", дар он ҳам маводи барномаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҳам маводи барномаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти синфҳои амиқомӯзии математика пурра фаро гирифта шудаанд. Ғайр аз ин, ҳамаи супоришҳои сатҳи омодагии мактаббачагон «С», ки асосан барои синфҳои амиқомӯзии математика пешбинӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, хонандагони дорои маҳорату малакаи баланди математикӣ дошта, метавонанд ин маводро мустақилона берун аз дарс омӯзанд.

Системаи муодилаҳоро аз барои сатҳи "С" муоина мекунем.

**Масъалаи 6.** Системаи муодилаҳоро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} \dfrac{5}{x^2 + xy} + \dfrac{4}{y^2 + xy} = \dfrac{13}{6}, \\ \dfrac{8}{x^2 + xy} - \dfrac{1}{y^2 + xy} = 1. \end{cases}$$

**Ҳал.** СҚР: $x \neq 0$, $y \neq 0$. Аз шакли системаи муодилаҳои овардашуда, бо тезӣ муайян кардан мумкин аст, онро бо тарзи гузориш ҳал кардан мумкин аст.

Бинобар ин, системаи муодилаҳоро ба намуди зерин менависем:

$$\begin{cases} 5\cdot\dfrac{1}{x^2+xy}+4\cdot\dfrac{1}{y^2+xy}=\dfrac{13}{6}, \\ 8\cdot\dfrac{1}{x^2+xy}-\dfrac{1}{y^2+xy}=1. \end{cases} \quad (1)$$

Акнун дар системаи муодилаҳо аз тарзи ворид кардани тағйирёбандаи нав истифода мекунем:

$$\frac{1}{x^2+xy}=t;\ \frac{1}{y^2+xy}=z.\ (2)$$

Акнун системаи (1)-ро ба намуди зерин менависем:

$$\begin{cases} 5\cdot t+4\cdot z=\dfrac{13}{6}, \\ 8\cdot t-z=1. \end{cases} (3)$$

Ҳар ду тарафи муодилаи дуюми системаи муодилаҳои (3)-ро ба 4 зарб карда, онро бо тарзи ҷамъкунӣ ҳал мекунем:

$$\begin{cases} 5\cdot t+4\cdot z=\dfrac{13}{6}, \\ 32\cdot t-4z=4; \end{cases} \begin{cases} 5\cdot t+4\cdot z+32\cdot t-4z=\dfrac{13}{6}+4, \\ 32\cdot t-4z=4; \end{cases} \begin{cases} 37\cdot t=\dfrac{37}{6}, \\ 8\cdot t-z=1; \end{cases}$$

$$\begin{cases} t=\dfrac{37}{6}:37, \\ 8\cdot t-z=1; \end{cases} \begin{cases} t=\dfrac{1}{6}, \\ 8\cdot\dfrac{1}{6}-z=1; \end{cases} \begin{cases} t=\dfrac{1}{6}, \\ \dfrac{4}{3}-z=1; \end{cases} \begin{cases} t=\dfrac{1}{6}, \\ z=\dfrac{4}{3}-1; \end{cases} \begin{cases} t=\dfrac{1}{6}, \\ z=\dfrac{1}{3}. \end{cases}$$

Қиматҳои $t$ ва $z$ -ро ба (2) гузошта, системаи муодилаҳои ҳосилшударо ҳал мекунем:

$$\begin{cases} \dfrac{1}{x^2+xy}=\dfrac{1}{6}, \\ \dfrac{1}{y^2+xy}=\dfrac{1}{3}; \end{cases} \begin{cases} x^2+xy=6, \\ y^2+xy=3. \end{cases} (4)$$

Системаи муодилаҳои (4)-ро низ бо тарзи ҷамъкунӣ ҳал мекунем:

$$\begin{cases} x^2+xy+y^2+xy=6+3, \\ y^2+xy=3; \end{cases} \begin{cases} x^2+2xy+y^2=9, \\ y^2+xy=3; \end{cases} \begin{cases} (x+y)^2=9, \\ y^2+xy=3; \end{cases} \begin{cases} x+y=\pm 3, \\ y(y+x)=3; \end{cases}$$

$$\left[\begin{cases} x+y=3, \\ y(y+x)=3, \end{cases} \\ \begin{cases} x+y=-3, \\ y(y+x)=3; \end{cases}\right. \left[\begin{cases} x+y=3, \\ y\cdot 3=3, \end{cases} \\ \begin{cases} x+y=-3, \\ y\cdot(-3)=3; \end{cases}\right. \left[\begin{cases} x+y=3, \\ y=3:3, \end{cases} \\ \begin{cases} x+y=-3, \\ y=3:(-3); \end{cases}\right. \left[\begin{cases} x+y=3, \\ y=1, \end{cases} \\ \begin{cases} x+y=-3, \\ y=-1; \end{cases}\right. \left[\begin{cases} x+1=3, \\ y=1, \end{cases} \\ \begin{cases} x-1=-3, \\ y=-1; \end{cases}\right. \left[\begin{cases} x_1=2, \\ y_1=1, \end{cases} \\ \begin{cases} x_2=-2, \\ y_2=-1; \end{cases}\right.$$

Пас, $x_1=2$, $y_1=1$ ва $x_2=-2$, $y_2=-1$ мешавад. **Ҷавоб:** $(-2;-1), (2;1)$.

**Масъалаи 7.** Системаи муодилаҳоро ҳал мекунем: $\begin{cases} \dfrac{x^3}{y}=8+3xy, \\ \dfrac{y^3}{x}=10-xy. \end{cases}$

**Ҳал.** СҚР: $x\neq 0$, $y\neq 0$. **Тарзи зарби муодилаҳо.** Тарафҳои чап ва рости муодилаҳои якум ва дуюмро бо ҳам зарб мекунем:

$$\frac{x^3}{y}\cdot\frac{y^3}{x}=(8+3xy)(10-xy);$$

$$x^2y^2=80+22xy-3x^2y^2;$$

$$4(xy)^2-22xy-80=0 \text{ ё ки } 2(xy)^2-11xy-40=0.$$

Муодилаи квадратиро нисбат ба тағйирёбандаи $xy$ ҳал мекунем:

$$D=(-11)^2-4\cdot 2\cdot(-40)=121+320=441=21^2;$$

$$(xy)_{1,2}=\frac{-(-11)\pm\sqrt{21^2}}{2\cdot 2}=\frac{11\pm 21}{4}.$$

Аз ин ҷо $(xy)_1=\frac{11+21}{4}=\frac{32}{4}=8$; $(xy)_2=\frac{11-21}{4}=\frac{-10}{4}=-\frac{5}{2}$ мешавад.

Акнун ду системаи муодилаҳои зеринро тартиб медиҳем:

$$1)\ \begin{cases} xy=8, \\ \frac{x^3}{y}=8+3xy. \end{cases} \quad 2)\ \begin{cases} xy=-\frac{5}{2}, \\ \frac{x^3}{y}=8+3xy. \end{cases}$$

Системаи якуми муодилаҳоро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} xy=8, \\ \frac{x^3}{y}=8+3xy; \end{cases} \begin{cases} xy=8, \\ \frac{x\cdot x^3}{x\cdot y}=8+3xy; \end{cases} \begin{cases} xy=8, \\ \frac{x^4}{8}=8+3\cdot 8; \end{cases} \begin{cases} xy=8, \\ x^4=32\cdot 8; \end{cases} \begin{cases} xy=8, \\ x^4=2^8; \end{cases}$$

$$\begin{cases} xy=8, \\ x=\pm\sqrt[4]{2^8}; \end{cases} \begin{cases} xy=8, \\ x=\pm 2^2; \end{cases} \begin{cases} xy=8, \\ x=\pm 4; \end{cases} \begin{cases} \left[\begin{matrix} xy=8, \\ x=4; \end{matrix}\right. \\ \left[\begin{matrix} xy=8, \\ x=-4; \end{matrix}\right. \end{cases} \begin{cases} \left[\begin{matrix} 4\cdot y=8, \\ x=4; \end{matrix}\right. \\ \left[\begin{matrix} -4\cdot y=8, \\ x=-4; \end{matrix}\right. \end{cases} \begin{cases} \left[\begin{matrix} y=8:4, \\ x=4; \end{matrix}\right. \\ \left[\begin{matrix} y=8:(-4), \\ x=-4; \end{matrix}\right. \end{cases} \begin{cases} \left[\begin{matrix} y_1=2, \\ x_1=4. \end{matrix}\right. \\ \left[\begin{matrix} y_2=-2, \\ x_2=-4. \end{matrix}\right. \end{cases}$$

Акнун системаи муодилаҳои дуюмро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} xy=-\frac{5}{2}, \\ \frac{x^3}{y}=8+3xy; \end{cases} \begin{cases} xy=-\frac{5}{2}, \\ \frac{x^4}{xy}=8+3xy; \end{cases} \begin{cases} xy=-\frac{5}{2}, \\ \frac{x^4}{-\frac{5}{2}}=8+3\cdot\left(-\frac{5}{2}\right); \end{cases}$$

$$\begin{cases} xy=-\frac{5}{2}, \\ -\frac{2x^4}{5}=8-\frac{15}{2}; \end{cases} \begin{cases} xy=-\frac{5}{2}, \\ -\frac{2x^4}{5}=\frac{16}{2}; \end{cases} \begin{cases} xy=-\frac{5}{2}, \\ x^4=-20. \end{cases}$$

Муодилаи $x^4=-20$ дар соҳаи ададҳои ҳақиқӣ ҳал надорад.

**Ҷавоб:** $(4;\ 2),\ (-4;\ -2)$.

**Масъалаи 8.** Системаи муодилаҳоро ҳал мекунем: $\begin{cases} x^2+3xy+x+2y^2-y-6=0, \\ x^2-5xy-3x+6y^2+13y-28=0. \end{cases}$

**Ҳал.** Системаи муодилаҳои матлубро бо тарзҳои ҷамъкунӣ ва гузориш ҳал карда наметавонем. Боз як тарзи ҳалли системаи муодилаҳо мавҷуд аст, онро дар мактаб асосан ба хонандагон шинос карда намешаванд. Барои татбиқи тарзи мазкур, муодилаҳои якум ва дуюмро ҳамчун муодилаи квадратӣ нисбат ба $x$ ё ки $y$ ҳал кардан мумкин аст.

Акнун муодилаҳои системаро зимни табдилдиҳиҳо ба намуди муодилаи квадратии стандартӣ навишта, онро ҳал мекунем:

$$x^2+(3y+1)x+2y^2-y-6=0;$$

$$D=(3y+1)^2-4(2y^2-y-6)=9y^2+6y+1-8y^2+4y+24=$$
$$=y^2+10y+25=(y+5)^2.$$

$$x_{1,2}=\frac{-(3y+1)\pm\sqrt{(y+5)^2}}{2}=\frac{-3y-1\pm(y+5)}{2};$$

$$x_1=\frac{-3y-1+y+5}{2}=\frac{-2y+4}{2}=-y+2;$$

$$x_2=\frac{-3y-1-(y+5)}{2}=\frac{-3y-1-y-5}{2}=\frac{-4y-6}{2}=-2y-3.$$

Пас, $x^2+(3y+1)x+2y^2-y-6=(x-(-y+2))(x-(-2y-3))=$

$=(x+y-2)(x+2y+3)$ ё $x^2+(3y+1)x+2y^2-y-6=(x+y-2)(x+2y+3)$

мешавад.

Ҳамин тариқ, аз муодилаи якум $(x+y-2)(x+2y+3)=0$-ро ҳосил кардем.

Инчунин муодилаи дуюми системаро табдил дода, онро ба ҳамзарбҳо ҷудо мекунем:

$x^2-5xy-3x+6y^2+13y-28=0$;

$x^2-(5y+3)x+6y^2+13y-28=0$;

$D=(5y+3)^2-4(6y^2+13y-28)=$

$=25y^2+30y+9-24y^2-52y+112=y^2-22y+121=(y-11)^2$.

$$x_{1,2}=\frac{5y+3\pm\sqrt{(y-11)^2}}{2}=\frac{5y+3\pm(y-11)}{2};$$

$$x_1=\frac{5y+3+y-11}{2}=\frac{6y-8}{2}=3y-4;$$

$$x_2=\frac{5y+3-(y-11)}{2}=\frac{5y+3-y+11}{2}=\frac{4y+14}{2}=2y+7.$$

Пас, аз татбиқи тарзи ба ҳамзарбҳо ҷудокунӣ пайдо мекунем:

$x^2-(5y+3)x+6y^2+13y-28=(x-(3y-4))(x-(2y+7))=(x-3y+4)(x-2y-7)$ ё

$x^2-(5y+3)x+6y^2+13y-28=(x-3y+4)(x-2y-7)$.

Ҳамин тариқ, аз муодилаи дуюм $(x-3y+4)(x-2y-7)=0$ пайдо гардид.

Акнун системаи муодилаҳои додашударо ба намуди зерин менависем:

$$\begin{cases}(x+y-2)(x+2y+3)=0,\\(x-3y+4)(x-2y-7)=0.\end{cases}$$

Системаи муодилаҳои ҳосил шуда, ба чор системаи муодилаҳои хаттии зерин баробарқувва мешаванд:

**1)** $\begin{cases}x+y-2=0,\\x-3y+4=0.\end{cases}$ **2)** $\begin{cases}x+y-2=0,\\x-2y-7=0.\end{cases}$ **3)** $\begin{cases}x+2y+3=0,\\x-3y+4=0.\end{cases}$ 4) $\begin{cases}x+2y+3=0,\\x-2y-7=0.\end{cases}$

Системаи муодилаҳои ҳосилшударо ҳал мекунем:

**1)** $-\begin{cases}x+y-2=0,\\x-3y+4=0;\end{cases}$ $\begin{cases}x+y-2-(x-3y+4)=0,\\x-3y+4=0;\end{cases}$ $\begin{cases}4y-6=0,\\x-3y+4=0;\end{cases}$

$\begin{cases}4y=6,\\x-3y+4=0;\end{cases}$ $\begin{cases}y=1{,}5,\\x-3\cdot1{,}5+4=0;\end{cases}$ $\begin{cases}y=1{,}5,\\x-0{,}5=0;\end{cases}$ $\begin{cases}y_1=1{,}5,\\x_1=0{,}5.\end{cases}$

**2)** $-\begin{cases}x+y-2=0,\\x-2y-7=0;\end{cases}$ $\begin{cases}x+y-2-(x-2y-7)=0,\\x-2y-7=0;\end{cases}$ $\begin{cases}3y+5=0,\\x-2y-7=0;\end{cases}$

$\begin{cases}y=-\frac{5}{3},\\x-2\cdot\left(-\frac{5}{3}\right)-7=0;\end{cases}$ $\begin{cases}y=-\frac{5}{3},\\x+\frac{10}{3}-7=0;\end{cases}$ $\begin{cases}y=-\frac{5}{3},\\x-\frac{11}{3}=0;\end{cases}$ $\begin{cases}y_2=-\frac{5}{3},\\x_2=\frac{11}{3}.\end{cases}$

**3)** $-\begin{cases}x+2y+3=0,\\x-3y+4=0;\end{cases}$ $\begin{cases}x+2y+3-(x-3y+4)=0,\\x-3y+4=0;\end{cases}$ $\begin{cases}5y-1=0,\\x-3y+4=0;\end{cases}$

$$\begin{cases} y=\frac{1}{5}, \\ x-3\cdot\frac{1}{5}+4=0; \end{cases} \begin{cases} y=\frac{1}{5}, \\ x+\frac{17}{5}=0; \end{cases} \begin{cases} y_3=\frac{1}{5}, \\ x_3=-\frac{17}{5}. \end{cases}$$

4) $-\begin{cases} x+2y+3=0, \\ x-2y-7=0; \end{cases} \begin{cases} x+2y+3-(x-2y-7)=0, \\ x-2y-7=0; \end{cases} \begin{cases} 4y+10=0, \\ x-2y-7=0; \end{cases}$

$$\begin{cases} y=-\frac{5}{2}, \\ x-2\cdot\left(-\frac{5}{2}\right)-7=0; \end{cases} \begin{cases} y=-\frac{5}{2}, \\ x+5-7=0; \end{cases} \begin{cases} y_4=-\frac{5}{2}, \\ x_4=2. \end{cases}$$

Пас, системаи муодилаҳо ба ҷуфти ҳалҳои зерин соҳиб шуд.

**Ҷавоб:** $\left(\frac{1}{2};\frac{3}{2}\right), \left(\frac{11}{3};-\frac{5}{3}\right), \left(-\frac{17}{4};\frac{1}{5}\right), \left(2;-\frac{5}{2}\right)$.

Акнун як системаи муодилаҳои ғайрихатиро (№ 3, 89) аз китоби алгебраи синфи 9-уми ҷумҳурии Беларусия Арефева И.Г. ва Пирютко О.Н. муоина мекунем [1. с.168 ].

**Масъалаи 9.** Системаи муодилаҳоро ҳал мекунем: $\begin{cases} 2x^2+xy-2x-y=5, \\ 2x^2-3xy-2x+3y=1. \end{cases}$

**Ҳал.** СҚР: $x\neq 0$, $y\neq 0$. Системаи муодилаҳои додашуда, ба системаи муодилаҳои дар боло овардашуда монандӣ дорад. Бинобар ин системаи муодилаҳои матлубро ба монанди системаи дар боло овардашуда ҳал мекунем. Барои ин муодилаи якуми системаро ҳамчун муодилаи квадратӣ нисбат ба тағйирёбандаи $x$ ҳал мекунем:

$$2x^2+xy-2x-y=5;\ 2x^2+(y-2)x-(y+5)=0;$$

$$D=(y-2)^2+4(y+5)=y^2-4y+4+4y+20=y^2+24.$$

Дискриминанти муодилаи квадратӣ квадрати пурраро ташкил накард, бинобар ин тарзи интихоб кардашударо дар системаи додашуда татбиқ карда наметавонем.

Акнун тарзи тарҳкунии муодилаҳои системаро татбиқ мекунем:

$$\begin{cases} 2x^2+xy-2x-y=5, \\ 2x^2-3xy-2x+3y=1; \end{cases} \begin{cases} 2x^2+xy-2x-y=5, \\ 2x^2+xy-2x-y-(2x^2-3xy-2x+3y)=5-1; \end{cases}$$

$$\begin{cases} 2x^2+xy-2x-y=5, \\ 4xy-4y=4; \end{cases} \begin{cases} 2x^2+\underline{xy-y}-2x=5, \\ xy-y=1; \end{cases} \begin{cases} 2x^2+1-2x-5=0, \\ xy-y=1; \end{cases}$$

$$\begin{cases} 2x^2-2x-4=0, \\ xy-y=1; \end{cases} \begin{cases} x^2-x-2=0, \\ xy-y=1; \end{cases} \begin{cases} (x^2-1)+(-x-1)=0, \\ xy-y=1; \end{cases}$$

$$\begin{cases} (x-1)(x+1)-(x+1)=0, \\ xy-y=1; \end{cases} \begin{cases} (x+1)(x-1-1)=0, \\ xy-y=1; \end{cases} \begin{cases} (x+1)(x-2)=0, \\ xy-y=1; \end{cases}$$

$$\begin{cases} \left[\begin{array}{l} x+1=0, \\ x-2=0, \end{array}\right. \\ xy-y=1; \end{cases} \left[\begin{array}{l} \begin{cases} x+1=0, \\ xy-y=1, \end{cases} \\ \begin{cases} x-2=0, \\ xy-y=1; \end{cases} \end{array}\right. \left[\begin{array}{l} \begin{cases} x=-1, \\ -1\cdot y-y=1, \end{cases} \\ \begin{cases} x=2, \\ 2\cdot y-y=1; \end{cases} \end{array}\right. \left[\begin{array}{l} \begin{cases} x=-1, \\ -2y=1, \end{cases} \\ \begin{cases} x=2, \\ y=1; \end{cases} \end{array}\right. \left[\begin{array}{l} \begin{cases} x_1=-1, \\ y_1=-0{,}5, \end{cases} \\ \begin{cases} x_2=2, \\ y_2=1. \end{cases} \end{array}\right.$$

**Ҷавоб:** $(-1;\ 0{,}5), (2;1)$.

Системаи муодилаҳои ғайрихатии дуюмро аз китоби алгебраи синфи 9-уми Ҷумҳурии Қирғизистон Иманалиев М., Асанов А., Жусупов К. ва Искандаров С. муоина мекунем [4. саҳ.49, № 22, в)].

**Масъалаи 10.** Системаи муодилаҳоро ҳал мекунем: $\begin{cases} (x^2+1)(y^2+1)=10, \\ (x+y)(xy-1)=3. \end{cases}$

**Ҳал.** СҚР: $x \neq 0$, $y \neq 0$, $x + y \neq 0$. Муодилаи якуми системаро табдил медиҳем:

$(x^2+1)(y^2+1) = x^2y^2 + x^2 + y^2 + 1 = x^2y^2 + (x+y)^2 - 2xy + 1$ ё

$x^2y^2 + (x+y)^2 - 2xy + 1 = 10$;

$x^2y^2 + (x+y)^2 - 2xy - 9 = 0$;

$x^2y^2 - 2xy + 1 + (x+y)^2 - 9 - 1 = 0$;

$(xy-1)^2 + (x+y)^2 - 10 = 0$.

Системаи муодилаҳои матлубро ба намуди зерин навишта, онро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} (xy-1)^2 + (x+y)^2 - 10 = 0, \\ xy - 1 = \dfrac{3}{x+y}. \end{cases}$$

Қимати $xy - 1 = \dfrac{3}{x+y}$ -ро ба муодилаи якуми системаи муодилаҳои охирон мегузорем:

$\left(\dfrac{3}{x+y}\right)^2 + (x+y)^2 - 10 = 0$ ё $\dfrac{9}{(x+y)^2} + (x+y)^2 - 10 = 0$.

Азбаски $x + y \neq 0$ аст, бинобар ин ҳар ду тарафи муодилаи охиронро ба $(x+y)^2$ зарб мекунем:

$((x+y)^2)^2 - 10(x+y)^2 + 9 = 0$.

Аз тарафи чапи муодилаи ҳосилшуда, квадрати пурра ҷудо мекунем:

$((x+y)^2)^2 - 2\cdot 5\cdot (x+y)^2 + 5^2 - 5^2 + 9 = 0$;

$((x+y)^2 - 5)^2 - 16 = 0$.

Тарафи чапи муодилаи мазкурро низ ба ҳамзарбҳо ҷудо мекунем:

$((x+y)^2 - 5)^2 - 4^2 = 0$;

$((x+y)^2 - 5 - 4)((x+y)^2 - 5 + 4) = 0$;

$((x+y)^2 - 9)((x+y)^2 - 1) = 0$.

Дохили қавсҳоро низ ба ҳамзарбҳо ҷудо мекунем:

$((x+y)^2 - 3^2)((x+y)^2 - 1^2) = 0$;

$(x+y-3)(x+y+3)(x+y-1)(x+y+1) = 0$.

Ҳамин тавр, чор муодилаҳои зеринро ҳосил мекунем:

1) $x+y-3=0$; 2) $x+y+3=0$; 3) $x+y-1=0$; 4) $x+y+1=0$.

Акнун чор системаи муодилаҳои зеринро тартиб дода, онҳоро ҳал мекунем:

1) $\begin{cases} x+y-3=0, \\ xy-1=\dfrac{3}{x+y}. \end{cases}$ 2) $\begin{cases} x+y+3=0, \\ xy-1=\dfrac{3}{x+y}. \end{cases}$ 3) $\begin{cases} x+y-1=0, \\ xy-1=\dfrac{3}{x+y}. \end{cases}$ 4) $\begin{cases} x+y+1=0, \\ xy-1=\dfrac{3}{x+y}. \end{cases}$

Системаи муодилаҳои ҳосилшударо пай дар пай ҳал мекунем:

1) $\begin{cases} x+y-3=0, \\ xy-1=\dfrac{3}{x+y}; \end{cases}$ $\begin{cases} x+y=3, \\ xy-1=\dfrac{3}{3}; \end{cases}$ $\begin{cases} x+y=3, \\ xy-1=1; \end{cases}$ $\begin{cases} y=3-x, \\ x(3-x)-2=0; \end{cases}$

$\begin{cases} y=3-x, \\ 3x-x^2-2=0; \end{cases}$ $\begin{cases} y=3-x, \\ x^2-3x+2=0; \end{cases}$ $\begin{cases} y=3-x, \\ (x^2-x)+(-2x+2)=0; \end{cases}$

$\begin{cases} y=3-x, \\ x(x-1)-2(x-1)=0; \end{cases}$ $\begin{cases} y=3-x, \\ (x-1)(x-2)=0; \end{cases}$

$$\begin{cases} y = 3 - x, \\ \left[\begin{array}{l} x - 1 = 0, \\ x - 2 = 0; \end{array}\right. \end{cases} \begin{cases} y = 3 - x, \\ \left[\begin{array}{l} x = 1, \\ x = 2; \end{array}\right. \end{cases} \left[\begin{array}{l} \begin{cases} y = 3 - x, \\ x = 1, \end{cases} \\ \begin{cases} y = 3 - x, \\ x = 2; \end{cases} \end{array}\right. \left[\begin{array}{l} \begin{cases} y = 3 - 1, \\ x = 1, \end{cases} \\ \begin{cases} y = 3 - 2, \\ x = 2; \end{cases} \end{array}\right. \left[\begin{array}{l} \begin{cases} y_1 = 2, \\ x_1 = 1, \end{cases} \\ \begin{cases} y_2 = 1, \\ x_2 = 2. \end{cases} \end{array}\right.$$

2) $\begin{cases} x + y + 3 = 0, \\ xy - 1 = \dfrac{3}{x + y}. \end{cases} \begin{cases} x + y = -3, \\ xy - 1 = \dfrac{3}{-3}; \end{cases} \begin{cases} x + y = -3, \\ xy - 1 = -1; \end{cases} \begin{cases} y = -3 - x, \\ xy = 0. \end{cases}$

Азбаски мувофиқи СҚР-и муодила $x \neq 0$, $y \neq 0$ аст, пас системаи муодилаҳои охирон реша надорад.

3) $\begin{cases} x + y - 1 = 0, \\ xy - 1 = \dfrac{3}{x + y}; \end{cases} \begin{cases} x + y = 1, \\ xy - 1 = \dfrac{3}{1}; \end{cases} \begin{cases} x + y = 1, \\ xy - 1 = 3; \end{cases} \begin{cases} y = 1 - x, \\ x(1 - x) - 4 = 0; \end{cases} \begin{cases} y = 1 - x, \\ x - x^2 - 4 = 0; \end{cases} \begin{cases} y = 3 - x, \\ x^2 - x + 4 = 0. \end{cases}$

Дискриминанти муодилаи квадратиро меёбем:

$D = (-1)^2 - 4 \cdot 4 = 1 - 16 = -1 < 0$.

Пас, системаи муодилаҳои сеюм низ ҳал надоштааст.

Системаи муодилаҳои чорумро ҳал мекунем:

4) $\begin{cases} x + y + 1 = 0, \\ xy - 1 = \dfrac{3}{x + y}; \end{cases} \begin{cases} x + y = -1, \\ xy - 1 = \dfrac{3}{-1}; \end{cases} \begin{cases} x + y = -1, \\ xy - 1 = -3; \end{cases} \begin{cases} y = -1 - x, \\ x(-1 - x) + 2 = 0; \end{cases} \begin{cases} y = -1 - x, \\ -x - x^2 + 2 = 0; \end{cases}$

$\begin{cases} y = -1 - x, \\ x^2 + x - 2 = 0. \end{cases}$

Муодилаи квадратиро ҳал мекунем: $D = 1^2 - 4 \cdot (-2) = 1 + 8 = 9$.

Ҳамин тариқ, $x_{3,4} = \dfrac{-1 \pm \sqrt{9}}{2} = \dfrac{-1 \pm 3}{2}$ шуда, $x_3 = \dfrac{-1 + 3}{2} = \dfrac{2}{2} = 1$ ва $x_4 = \dfrac{-1 - 3}{2} = \dfrac{-4}{2} = -2$ мешавад.

Қиматҳои $y_{3,4}$ -ро меёбем:

$y_3 = -1 - x_3 = -1 - 1 = -2$ ва $y_4 = -1 - x_4 = -1 - (-2) = -1 + 2 = 1$.

Системаи муодилаҳои додашуда, дорои чор ҷуфт реша гардиданд.

**Ҷавоб:** $(1;\ 2), (2;\ 1), (1;\ -2), (-2;\ 1)$.

Ду системаи муодилаҳое, ки дар китоби алгебраи синфи 9-уми Кузнецова Е. П., Муравьева Г. Л., Шнеперман Л. Б. ва Ящин Б. Ю. [7, с.178, № 3.68, 6), 7)]-и Ҷумҳурии Белоруссия оварда шудааст, муоина мекунем:

1) $\begin{cases} \dfrac{x^2 - xy - 2x - y}{6} - \dfrac{4y^2 - 2x^2 + 9x + 4y}{3} = \dfrac{1}{2}, \\ \dfrac{8x + 9y}{6} - \dfrac{x - 7y}{4} = 13; \end{cases}$

2) $\begin{cases} \dfrac{x^2 + y^2 + 2x - 3y - 4}{3} + \dfrac{11x - y + xy}{6} = 19\dfrac{1}{2}, \\ \dfrac{2x - 4y}{3} - \dfrac{5x - 11y}{8} = \dfrac{5}{12}. \end{cases}$

Системаи муодилаҳои овардашударо танҳо тариқи ёфта гузоштани яке номаълумҳо ба дигар муодила ҳал кардан мумкин аст. Аммо, барои иҷрои ин ҳисобкунӣ вақти хеле зиёд сарф шуда, мумкин қадар 20-30 дақиқа тӯл кашад. Аз ин лиҳоз, ҳангоми интихоби масъалаҳо барои ҳалли он меъёри вақти сарф мешударо низ бояд ба инобат гирифт.

Аммо, чунин системаи муодилаҳоро дар маҳфилҳои математикони ҷавон муоина кардан мақсаднок мебошад.

Аз ҳалли системаи муодилаҳои мазкур бармеояд, ки ҳалли масъала аз интихоби дурусти тарзи ҳал вобастагии ҷиддӣ доштааст. Пас, интихоби дурусти ҳал ба 80-90%-и ҳалли масъала баробарқувва аст.

Акнун як системаи ду муодилаҳои ғайрихатии дараҷаи дуюми сеномаълумаро аз китоби алгебраи синфи 9-уми Ҷумҳурии Украина Истер А.С. муоина мекунем, ки он дар қисми “Масъалаҳои дараҷаашон мушкил” оварда шудааст [5. саҳ. 241, №5. №1082].

**Масъалаи 11.** Системаи ду муодилаҳои сеномаълумаро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} x+y+z=4, \\ 2xy-z^2=16. \end{cases}$$

**Ҳал.** Аз муодилаи якуми системаи муодилаҳо $z=4-x-y$-ро ёфта, онро ба муодилаи дуюми система гузошта, системаи муодилаҳои ҳосилшударо ҳал мекунем:

$$\begin{cases} z=4-x-y, \\ 2xy-z^2=16; \end{cases} \begin{cases} z=4-x-y, \\ 2xy-(4-x-y)^2=16; \end{cases} \begin{cases} z=4-x-y, \\ (4-x-y)^2-2xy+16=0; \end{cases}$$

$$\begin{cases} z=4-x-y, \\ 16+x^2+y^2-8x-8y+2xy-2xy+16=0; \end{cases} \begin{cases} z=4-x-y, \\ x^2+y^2-8x-8y+32=0. \end{cases}$$

Муодилаи дуюми системаи муодилаҳоро бо тарзи гурӯҳбандӣ ба суммаи квадратҳо табдил медиҳем:

$$\begin{cases} z=4-x-y, \\ (x^2-8x+16)+(y^2-8y+16)=0; \end{cases} \begin{cases} z=4-x-y, \\ (x-4)^2+(y-4)^2=0. \end{cases}$$

Азбаски суммаи квадратҳои дилхоҳ ададҳо ғайриманфӣ мебошанд, бинобар ин муодилаи дуюми системаи муодилаҳои охирон ҳангоми $x-4=0$ ва $y-4=0$ будан ба нол баробар мешаванд.

Пас, $x=4$ ва $y=4$ шуда, $z=4-x-y=4-4-4=-4$ мешавад. **Ҷавоб:** $(4;\ 4;\ -4)$.

Аз раванди ҳалли системаи муодилаҳои мазкур мушоҳида намудем, чунин системаи муодилаҳо барои хонандагони синфи 9-ум хеле мушкил аст. Аммо он барои тайёрӣ ба озмунҳо мувофиқат менамояд.

Системаи муодилаҳое, ки дар ин қисми “Масъалаҳои дараҷаашон мушкил” оварда шудааст, баробар вазнии онҳо ба инобат гирифта нашудаанд. Барои мисол, якчанд системаи муодилаҳое, ки баъди №1082 оварда шудааст, онҳо нисбатан хеле сода буда, барои ҳалли онҳо вақти зиёдатӣ талаб намекунад. Масалан, №1083. Ҳамаи ҳалҳои системаи муодилаҳоро ёбед [5]:

$$1)\ \begin{cases} x+y+xy=7, \\ x^2+y^2+xy=13; \end{cases} \quad 2)\ \begin{cases} x^2+y^2=34, \\ x+y+xy=23. \end{cases}$$

Ҳангоми ҳалли системаи муодилаҳо, истифода бурдани тарзҳои гуногуни ҳалли масъалаҳо барои ташаккули тафаккури мантиқии хонандагон, муқоисаи раванди ҳал ва санҷидани ҷавобҳои ҳосилшуда, мадад менамояд. Аз ин рӯ, мувофиқи вақти соати дарсӣ ва берун аз дарсӣ истифода бурдани тарзҳои гуногун зарур мебошад. Бо татбиқи тарзҳои гуногун дар ҳалли масъалаҳо хонандагонро ба эҷодкорӣ ҳидоят менамоем.

Зимни нақшаи ташаккули фарҳангӣ алгоритми хонандагон мавриди таълими алгебраи синфҳои 7-9 тавассути робитаҳои мутаасили математики амалӣ мешаванд. Ин робитаҳои мутаасил ба воситаи ҳалли мисолу масъалаҳо роҳандозӣ мешавад. Чунин имкониятҳо бештар тавассути ҳалли муодилаҳо ва системаи муодилаҳо сурат мегирад.

## АДАБИЁТ:

1.Арефьва И.Г., Пирютко О.Н. Алгебра. Учебное пособие для 9 класса учреждений общего среднего образования с русским языком обучения. Минск «Народная асвета», 2019. 333 с.

2.Дорофеев Г.В., Суворова С.Б., Бунимович Е.А. и др. Алгебра. Учебник для учащихся 9 класса общеобразовательных организаций. –М.: Просвещение, 2010. – 304 с.

3.Литвиненко В.Н., Мордкович А.Г. Практикум по элементарной математике: Алгебра. Тригонометрия. - М.: Просвещение, 1991. – 352 с.

4.Иманалиев М., Асанов А., Жусупов К., Искандаров С. Алгебра: Жалпы билим беруучу орта мектептин 9-кл. учун окуу китеби. –Онд., 3-бас. –Бишкек: “Билим-компьютер”, 2012. -224 б.

5.Истер А.С. Алгебра: учебн. для 9-го кл. общеобразоват. учеб. завед. –Киев: Генеза, 2017. – 264 с.

**6.**Кузнецова Е. П., Муравьева Г. Л., Шнеперман Л. Б., Ящин Б. Ю. Алгебра : учеб. пособие для 9-го кл. учреждений общ. сред. образования с рус. яз. обучения. - 4-е изд., испр. и доп. - Минск : Народная асвета, 2014. - 287 с.

**7.**Маҳкамов М. Методҳои ҳалли системаи муодилаҳо. Дастури методӣ барои хонандагон, донишҷӯён, омӯзгорон ва толибилмон. – Душанбе: Маориф, 2020. – 232 с.

8.Мордкович А.Г. Алгебра. 9 кл.: Учеб. Для общеобразовател. учреждений. -4-ое изд. –М.: Мнемозина, 2002. -192 с.

9.Нешков К.И., Семушин А.Д. Функции задач в обучении. //Математика в школе, №3, с.5-11, 1971 г.

10.Никольский С.М., Потапов М.К. Решетников Н.Н., Шевкин А.В. Алгебра. Учебник для учащихся 9 класса общеобразовательных организаций. –М.: Просвещение, ОАО "Московские учебники", 2006. – 260 с.

11.Пойа Д. Как решать задачу: пер. с англ. – М.: Учпедгиз, 1959. – 216 с.

12.Рубин А.Г., Чулков П.В. Алгебра. 9 класс: учебник для организаций, осуществляющих образовательную деятельность. –М.: Баласс, 2015. -208 с.

13.Солтан Г.Н., Солтан А.Е., Жумадилова А.Ж. Алгебра: учебник для учащихся 9 класса общеобразовательной школы. –Кокшету: Келешек-2030, 2019. -320 с.

14.Усмонов Н., Пиров Р. Алгебра. Китоби дарсӣ барои синфи 9-и мактабҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе: 2013. 224 саҳ.

15.Шыныбеков А.Н., Шыныбеков Д.А., Жумабаев Р.Н. Алгебра: Учебник для 8 класса общеобразовательной школы. –Алматы: Атамура, 2018. -208 стр.

16.Шыныбеков А.Н., Шыныбеков Д.А., Жумабаев Р.Н. Алгебра: Учебник для 9 класса общеобразовательной школы. –Алматы: Атамура, 2019. -224 стр.

## АМАЛИСОЗИИ ТАМОИЛИ АЛГОРИТМИИ ҲАЛЛИ СИСТЕМАИ МУОДИЛАҲО БО ТАРЗҲОИ ГУНОГУН

Дар мақолаи мазкур зикр мегардад, ки байни масъалаҳои курси математикаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ масъалаҳои ғайристандартӣ низ мушоҳида мегарданд.

Маълум карда шудааст, ки барои ин гуна масъалаҳо дар математика алгоритми ҳал мавҷуд нест.

Аз тарафи муаллиф ошкор гардидааст, ки агар омӯзгор ҳалли чунин масъалаҳоро ба хонандагон дар шакли тайёр пешкаш намояд, мустақилона дарёфти алгоритми ҳалли онҳо ба миён меояд.

Инчунин қайд гардидааст, шиносоии хонандагон бо методҳои асосии эврестикии ҳалли масъалаҳои мактабии математика ва дар онҳо ташаккул додани маҳорати устувории истифодаи методҳо дар ҳалли масъалаҳо мебошад.

Муаллиф муайян намудааст, ки яке аз роҳҳои маъмули ҳалли системаҳо иваз кардани тағйирёбандаҳо мебошад.

Зикр менамояд, ки агар ба хонандагон онро ҳал кардан муяссар шавад, пас барои пайдо кардани решаҳои системаи ибтидоӣ як ё якчанд системаи навро пеш меояд, ки номаълумҳои навро бо системаҳои аввала пайваст мекунанд.

Муаллиф ба хулосае омадааст, ки ҳангоми ҳалли системаи муодилаҳои алгебравӣ, ҳалли системаҳо муҳим аст.

***Калидвожаҳо:*** *Алгоритм, тамоил, муодила, система, алгебра 7-9, ҳад, тарзҳои гуногун, тасдиқотҳои математикӣ, тарзи ҷамъкунӣ, тарзи геометрӣ, тарзи воридкунии номаълуми нав, тарзи зарби муодилаҳои система, масъалаҳои ғайристандартӣ, таҳлили китобҳои дарсии алгебраи синфҳои 7-9.*

## РЕАЛИЗАЦИЯ АЛГОРИТМИЧЕСКОГО ПОДХОДА К РЕШЕНИЮ СИСТЕМЫ УРАВНЕНИЙ РАЗЛИЧНЫМИ СПОСОБАМИ

Отмечается, что среди задач курса математики общеобразовательных учреждений наблюдаются и нестандартные задачи.

Известно, что алгоритма решения подобных задач в математике не существует.

Автором выявлено, что если преподаватель представит учащимся решение таких задач в готовом виде, у них производиться возможностьи самостоятельного их решения.

Отмечается, что ознакомление учащихся с основными эвристическими методами решения школьных математических задач и развивать у них умение использовать методы при решении задач являеться из преоритетных проблем обучении математики.

В статье анализируется алгоритмический подход к решениям настандартных математических задач и его связывает с процесом решения системы уравнений.

Далее рассматривается несколько системы уравнений, которые можно отнести к задаче нестандартного типа. Затем находит различные основы поиски решения системы уравнения. А также анализируется составления алгоритм их решения.

Делается вывод, что данный материал окажет практических помощь учителям математики для организации внеурочных мероприятий по математике в средних общеобравовательных учреждений.

***Ключевые слова:*** *алгоритм, подход, уравнение, система, алгебры 7-9, решение, различные приёмы, математические утверждения, приёмы сложения, геометрический способ, приём введения новый неизвестный, способ умнажения уравнения, нестандартные задачи, анализ учебников алгебры 7-9 классов.*

## IMPLEMENTATION OF AN ALGORITHMIC APPROACH TO SOLVING A SYSTEM OF EQUATIONS IN VARIOUS WAYS.

It is noted that among the tasks of the mathematics course of general education institutions there are also non-standard tasks.

It is known that there is no algorithm for solving such problems in mathematics.

The author found that if the teacher presents students with a ready-made solution to such problems, they will have the opportunity to solve them independently.

It is noted that familiarizing students with the main heuristic methods for solving school mathematical problems and developing their ability to use methods when solving problems is one of the priority problems of teaching mathematics.

The article analyzes the algorithmic approach to solving non-standard mathematical problems and connects it with the process of solving a system of equations.

Further, several systems of equations are considered that can be attributed to a non-standard type of problem. Then various bases for searching for a solution to the system of equations are found. And the algorithm for their solution is also analyzed by composition.

It is concluded that this material will provide practical assistance to mathematics teachers in organizing intracurricular activities in mathematics in secondary comprehensive schools.

***Key words:*** *algorithm, approach, equation, system, algebra 7-9, solution, various techniques, mathematical statements, addition techniques, geometric method, to get of a new unknown introduction, method of multiplying an equation, non-standard problems, analysis of algebra textbooks for grades 7-9.*

***Маълумот дар бораи муаллифон:*** *Маҳкамов Мамадҷон – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, кафедраи методикаи таълими математика, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. Суроға: 734003, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: (+992) 935 85 10 55. E-mail: Mahkamov_M51@mail.ru*

*Раҷабов Тағоймурод Бобоқулович – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор. Суроға: 734003, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: (+992) 935 06 34 12.*

Яке аз афзалиятҳои асосии истифодаи ТИК дар веб-дизайн ин истифодаи моделҳои таълими модулӣ мебошад. Дар ин моделҳо, омӯзиш ба қисмҳо ва модулҳои хурд тақсим карда мешавад, ки донишҷӯён онҳоро бо суръати инфиродӣ азхуд мекунанд. Ин модел инчунин имкон медиҳад, ки донишҷӯён худидоракунии омӯзишро дар муҳитҳои онлайн инкишоф диҳанд, ки ин барои веб-дизайн як унсури муҳим мебошад.

Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ имкон медиҳанд, ки раванди омӯзиш беист ва муттасил бошад. Донишҷӯён метавонанд пас аз ба итмом расонидани курсҳо ва модулҳо бо истифода аз манбаъҳои иловагӣ ва муҳити виртуалӣ малакаҳои худро такмил диҳанд. Масалан, донишҷӯёни веб-дизайн метавонанд дар муҳитҳои озмоишии интернетӣ, мисли *GitHub* ё *CodePen* лоиҳаҳои худро эҷод ва нашр кунанд, ки ин раванд муҳити омӯзиши муттасил ва дастгирии касбиро ташвиқ мекунад.

Афзалиятҳои асосии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсиониро барои таҳкими раванди таҳсилоти касбӣ ва инкишофи малакаҳои веб-дизайнерони оянда дар шароити муосири рақамӣ меорем:

**1. Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ҳамчун асоси инноватсия дар таълими веб-дизайнерҳо**

Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ воситаҳои инноватсионӣ барои пешбурди таълими касбӣ ба шумор мераванд, ки дар худ имкониятҳои васеъ барои эҷод ва

таҳқиқоти мустақилона, инчунин ба даст овардани малакаҳои нави касбӣ фароҳам меоранд. Дар соҳаи веб-дизайн, ки ҳамасола бо талаботҳои нав рӯбарӯ мегардад, ТИК имкон медиҳанд, ки донишҷӯён ҳамеша бо навтарин технологияҳо ва меъёрҳои саноатии ҷаҳонӣ ошно бошанд.

Имрӯз, омӯзиши веб-дизайн на танҳо бо донистани забонҳои барномасозии HTML, CSS ва JavaScript маҳдуд мешавад, балки дар доираи васеътар, донишҷӯён бояд малакаҳои амалӣ дар таҳияи таҷрибаи корбар (UX/UI), кор бо системаҳои идоракунии мазмун (CMS) ва ҳамгироии веб-дизайн бо платформаҳои мобилӣ дошта бошанд. ТИК дар ин раванд воситаҳои пурқудрат барои ташаккули чунин малакаҳо фароҳам меорад, ки ин барои рушди устувори мутахассисон ва тайёрии онҳо ба бозори кор муҳим мебошад.

**2. Омӯзиши мустақилона ва дастрасии васеъ ба захираҳои таълимӣ**

Яке аз афзалиятҳои калидии ТИК дар соҳаи таълими веб-дизайн ин дастрасии васеъ ба захираҳои таълимӣ мебошад. Донишҷӯён метавонанд аз захираҳои онлайн, ки дар онҳо видеодарсҳо, курсҳои мутахассисони сатҳи байналмилалӣ ва маводҳои таълимии гуногун пешниҳод шудаанд, истифода баранд. Платформаҳои онлайн, ба мисли Coursera, Udemy, Khan Academy ва дигарон, имконият медиҳанд, ки донишҷӯён малакаҳои худро аз худ намоянд ва таҷрибаҳои амалии таҳияи веб-сайтҳоро тавассути лоиҳаҳои амалӣ такмил диҳанд.

Ин гуна имконоти фароҳамовардашуда боиси он мегардад, ки ҳар як донишҷӯ бо суръати худ малакаҳои лозимаро аз худ кунад ва ба дараҷаи касбӣ пешрафт намояд. Дар баробари ин, захираҳои таълимии онлайн ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки дар миқёси глобалӣ бо мутахассисони дигари соҳа ҳамкорӣ намоянд, ки ин барои рушди тафаккури глобалӣ ва ошноӣ бо таҷрибаҳои байналмилалӣ мусоидат мекунад.

**3. Ташкили муҳити интерактивии таълим**

Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ муҳити интерактивии таълимиро фароҳам меоранд, ки дар он донишҷӯён метавонанд ба таври фаъолона бо маводҳои таълимӣ ҳамкорӣ кунанд. Муҳитҳои интерактивӣ ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки машқҳои амалӣ иҷро кунанд, симуляторҳои таҳияи веброи истифода баранд ва бо дигар донишҷӯён дар гурӯҳҳо лоиҳаҳои муштарак иҷро кунанд. Инчунин, муҳитҳои интерактивӣ тавассути истифодаи платформаҳои виртуалӣ ва барномаҳои таълимӣ имконияти озмоишҳои амалӣ ва моделсозии лоиҳаҳоро фароҳам меоранд.

Бо ёрии воситаҳои виртуалӣ, донишҷӯён метавонанд веб-сайтҳо ва платформаҳои онлайнро бевосита таҳия намуда, натиҷаҳои худро бо дигарон муқоиса кунанд. Инчунин, онҳо метавонанд воситаҳои таҳлили таҷрибаи корбарӣ (UX) ва идоракунии интерфейсҳои корбарӣ (UI) истифода намуда, таҷрибаи амалӣ дар муҳитҳои воқеии интернетиро такмил диҳанд.

**4. Омӯзиши амалии технологияҳои навтарин ва инноватсионӣ**

Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ имконият медиҳанд, ки донишҷӯён бо технологияи навтарин дар соҳаи веб-дизайн ошно шаванд. Бо истифода аз ТИК, донишҷӯён метавонанд бо воситаҳои пешрафтаи таҳияи веб, ба монанди тарроҳии вокунишгар (responsive design), барномасозии веб бо истифода аз забонҳои муосири JavaScript ва таҳияи барномаҳои мобилӣ ошно шаванд. Илова бар ин, онҳо метавонанд бо технологияи навтарин, ба мисли тарроҳии интерфейсҳои рақамӣ барои дастгоҳҳои гуногун ва барномасозии интерактивӣ машғул шаванд.

Омӯзиши ин технологияҳо ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки малакаҳои худро доиман такмил диҳанд ва мутобиқи талаботи бозори кор, ки ҳамеша тағйир меёбад, малакаҳои худро навсозӣ кунанд. Ин навовариҳо на танҳо барои рушди касбии донишҷӯён муҳим мебошанд, балки барои омодагии онҳо ба рақобати байналмилалӣ ва кор дар муҳитҳои гуногун низ аҳамияти калон доранд.

**5. Фароҳам овардани муҳити ҳамкорӣ ва таҷрибаомӯзӣ**

Яке аз афзалиятҳои дигари ТИК ин аст, ки он ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки бо мутахассисон ва донишҷӯёни дигар кишварҳо ҳамкорӣ намоянд. Лоиҳаҳои муштарак ва гурӯҳии веб-дизайн, ки тавассути муҳитҳои онлайнӣ иҷро мешаванд, на танҳо ба такмили малакаҳои касбии донишҷӯён мусоидат мекунанд, балки ба онҳо имкон медиҳанд, ки дар шароити ҷаҳонишавии бозори меҳнат малакаҳои кории худро такмил диҳанд.

Бо ёрии муҳитҳои ҳамкорӣ, донишҷӯён метавонанд лоиҳаҳои муштаракро иҷро кунанд, ки дар он онҳо малакаҳои худ дар таҳияи веб-сайтҳо, барномасозӣ, тарроҳии интерфейс ва UX/UI-ро такмил медиҳанд. Ин муҳитҳо инчунин ба донишҷӯён имкон медиҳанд, ки таҷрибаҳои амалӣ ба даст оварда, ба таври мустақилона лоиҳаҳои навро пеш баранд.

**6. Таҳия ва мутобиқсозии барномаҳои таълимӣ ба талаботи бозор**

Дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, талаботи бозори меҳнат низ пайваста тағйир меёбад. ТИК имкон медиҳад, ки барномаҳои таълимӣ мутобиқ ба ин талаботҳо карда шаванд ва донишҷӯён ҳамеша бо технологияҳои навтарин ошно бошанд. Омӯзиши амалии технологияҳои веб-дизайн бо ёрии ТИК имкон медиҳад, ки донишҷӯён бо стандартҳои ҷаҳонӣ ва талаботи ҳозираи бозори меҳнат омода шаванд.

Муҳим он аст, ки ин раванди таълимӣ бо истифода аз ТИК ба таври пайваста навсозӣ шавад ва донишҷӯён ҳамеша малакаҳои худ дар барномаҳои гуногунро такмил диҳанд. Ин раванд боиси он мегардад, ки донишҷӯён ба бозори меҳнат бо дараҷаи баланди омодагӣ ворид шаванд ва дар муҳити рақобатпазир фаъолият кунанд.

**7. Намунаҳои амалии истифодаи HTML/CSS/JavaScript дар омӯзиши веб-дизайн**

Дар раванди таълим, истифодаи кодҳо ва омӯзиши амалии забонҳои барномасозӣ яке аз қисмҳои муҳим мебошад. Масалан, омӯзиши забонҳои асосии веб-дизайн, ба монанди HTML, CSS ва JavaScript, ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки вебсайтҳои эҷодкорона ва функсионалӣ созанд.

**8. Мавзуи афзалиятҳои интерактивии JavaScript**

JavaScript дар веб-дизайн барои тавлиди унсурҳои интерактивӣ истифода мешавад. Масалан, веб-дизайнер метавонад функсияҳои динамикиро бо ёрии JavaScript ба вебсайт илова кунад.

**9. Афзалиятҳои тарроҳии вокунишгар (Responsive Design)**

Тарроҳии вокунишгар (responsive design) яке аз мавзуҳои муҳим дар таълими веб-дизайнерҳо мебошад, ки ба вебсайт имкон медиҳад, дар дастгоҳҳои гуногун, аз ҷумла смартфонҳо ва планшетҳо, дуруст намоён шавад.

Коди намунавӣ, ки дар омӯзиши веб-дизайн истифода мешавад, метавонад барои донишҷӯён дарсҳои амалӣ бошад. Масалан, дар поён як мисоли одии HTML, CSS ва JavaScript оварда мешавад, ки барои тартиб додани як саҳифаи статикӣ истифода мешавад:

```
<!DOCTYPE html>
<html lang="en">
<head>
<meta charset="UTF-8">
<meta name="viewport" content="width=device-width, initial-scale=1.0">
<title>Намунаи тарроҳии оддии веб</title>
<style>
body {
font-family: Arial, sans-serif;
margin: 0;
padding: 0;
background-color: #f4f4f4;
}
header {
background-color: #333;
color: white;
text-align: center;
padding: 1rem;
}
nav ul {
list-style: none;
padding: 0;
}
nav ul li {
display: inline;
margin: 0 15px;
}
nav ul li a {
```

```
color: white;
text-decoration: none;
}
section {
padding: 2rem;
background-color: white;
}
</style>
</head>
<body>
<header>
<h1>Хуш омадед ба омӯзиши веб-дизайн</h1>
<nav>
<ul>
<li><a href="#">Асосӣ</a></li>
<li><a href="#">Дар бораи</a></li>
<li><a href="#">Маълумотҳо</a></li>
<li><a href="#">Тамос</a></li>
</ul>
</nav>
</header>
<section>
<h2>Омӯзиши веб-дизайн бо HTML, CSS ва JavaScript</h2>
<p>Ин як мисоли оддии саҳифаи веб бо истифода аз HTML ва CSS мебошад.</p>
</section>
</body>
</html>
```




**Расми 1. Натиҷаи код дар брузер**

Ин мисоли оддӣ барои донишҷӯён нишон медиҳад, ки чӣ гуна элементҳои HTML ва CSS метавонанд барои сохтани саҳифаи веб истифода шаванд. Бо истифодаи муҳити интерактивӣ, донишҷӯён метавонанд ин кодро тағйир дода, бо натиҷаҳои гуногун шинос шаванд.

Истифодаи ТИК дар таҳсили веб-дизайнерҳо барои донишҷӯён имкониятҳои зиёд фароҳам меорад. Омӯзиши HTML, CSS ва JavaScript, тарроҳии вокунишгар ва платформаҳои интерактивӣ имкон медиҳанд, ки донишҷӯён ба таври амалӣ малакаҳои худро такмил диҳанд. Дар шароити ҷаҳони муосир, ки технологияҳои рақамӣ ба таври босуръат инкишоф меёбанд, ин малакаҳо барои муваффақияти касбии веб-дизайнерони оянда нақши муҳим мебозанд.

## АДАБИЁТ:

1.Власова Н.С. Научно-методическое обеспечение подготовки студентов вузов в области Web-дизайна: автореф. дис. д-ра пед. наук / Власова Наталья Сергеевна. Рос. гос. проф.-пед. ун-т. Екатеринбург, 2010. - 28 с.

2.Климов, В.П. Развитие идей дизайн-образования в профессионально-педагогической парадигме [Текст]: моногр. / В.П. Климов, Г.П. Климова. ГОУ ВПО «Рос. гос. проф.- пед. унт». Екатеринбург, 2009. 110 с. (2)

3.Кожуховская, С.М. Организация, структура и содержание подготовки специалистов в области дизайн-образования [Текст] / С.М. Кожуховская // Образование и наука. Будущее в ретроспективе. Екатеринбург: Изд-во УрО РАО, 2005. С. 224. (4)

4.Краевский, В.В. Основы обучения: дидактика и методика Текст.: учеб. пособие для вузов / В.В. Краевский, А.В. Хуторской. М.: Академия, 2007. -352 с. (73).

5.Годфруа, Ж. Что такое психология. Т.2. / Ж. Годфруа. – М.: Мир, 1992.– 376 с.

6.Джидарян, И.А. Эстетическая потребность / И.А.Джидарьян. – М.: Наука, 1986. – 191 с.

7.Ильин, Е. П. Мотивация и мотивы / Е.П. Ильин – СПб.: Питер, 2011. – 512 с.

8.Качуровская, Е.Н. Формирование мотивации учащихся 5-6 классов к учебно-познавательной деятельности в процессе обучения математике: дис. канд. пед. наук наук: 13.00.02. / Е.Н. Качуровская. – Омск, 2010.– 180 с.

9.Леонтьев, А.Н. Потребности, мотивы, эмоции / А.Н. Леонтьев.– М.: МГУ, 1971. – 240с.

10. Одинаев, Р. Н. Развитие мотивации на уроках информатики и программирования как средство повышения уровня обученности учащихся в образовательных учреждениях Республики Таджикистан / Р. Н. Одинаев, З. Б. Гафоров // Вестник Института развития образования. – 2021. – № 2(34). – С. 183-190. – EDN GTCAGR.

11. Шарипов, Ф. Ф. Особенности обучения языкам программирования в образовательных учреждениях Республики Таджикистан / Ф. Ф. Шарипов, З. Б. Гафоров // Вестник Таджикского национального университета. – 2020. – № 4. – С. 161-168. – EDN AREEKR.

12. Гафоров, З. Б. Мотивация студентов использованием мультимедийной технологии в процессе обучения информатики / З. Б. Гафоров // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2022. – № 1-3(101). – С. 221-226. – EDN LIHTKK.

13. Нугмонов, М. Стандарт ва барномаи фанни «Математика» барои синфҳои 5-11. [Текст] // М. Нугмонов, С. Қурбонов, С. Туронов / Душанбе: «Маориф», 2018, - 112с.

## АФЗАЛИЯТҲОИ АСОСИИ ИСТИФОДАИ ТИК БАРОИ ТАҲКИМИ РАВАНДИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ ВА ИНКИШОФИ МАЛАКАҲОИ ВЕБ-ДИЗАЙНЕРОНИ ОЯНДА ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ РАҚАМӢ

Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) имрӯз яке аз муҳимтарин воситаҳои таҳкимбахши раванди таълим дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар таҳсилоти касбӣ, ба шумор мерав止. Дар шароити рушди босуръати иқтисоди рақамӣ, талабот ба мутахассисони соҳаи веб-дизайн афзун гашта, таълими онҳо дар асоси истифодаи технологияҳои пешрафта аҳамияти беназир касб мекунад. Веб-дизайн яке аз касбҳое мебошад, ки дар он ТИК на танҳо барои беҳтар кардани сифати таълим, балкӣ барои рушди эҷодкорӣ, мустақилияти донишҷӯён ва омодагӣ ба бозори рақобатпазири меҳнат саҳм мегузорад. Истифодаи ТИК дар таълими веб-дизайн яке аз роҳҳои баланд бардоштани самаранокии таълим дар шароити пешрафти технологӣ мебошад. Бо моделҳои интерактивии таълимӣ, воситаҳои виртуалӣ ва платформаҳои онлайн, омӯзиши тарроҳии веб аҳамияти бештар пайдо мекунад. Ин имкон медиҳад, ки усули бадеӣ дар тарроҳии веб истифода шаванд. Дар ин мақола афзалиятҳои асосии истифодаи ТИК барои таҳкими раванди таҳсилоти касбии веб-дизайнерони оянда дар шароити муосири рақамӣ баррасӣ гардидааст.

***Калидвожаҳо:*** *технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, веб-дизайн, муҳити корӣ виртуалӣ, платформаҳои таълимӣ, малакаҳои касбӣ, таълими касбӣ, таҳкими раванди таълим.*

## ОСНОВНЫЕ ПРЕИМУЩЕСТВА ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИКТ ДЛЯ УКРЕПЛЕНИЯ ПРОЦЕССА ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ НАВЫКОВ БУДУЩИХ ВЕБ-ДИЗАЙНЕРОВ В СОВРЕМЕННЫХ ЦИФРОВЫХ УСЛОВИЯХ

Сегодня информационно-коммуникационные технологии (ИКТ) являются одним из важнейших средств укрепления образовательного процесса в различных сферах, в том числе профессионального образования. В условиях стремительного развития цифровой экономики спрос на специалистов в области веб-дизайна возрастает, и большое значение имеет их подготовка, основанная на использовании передовых технологий. Веб-дизайн — одна из профессий, в которой ИКТ способствуют не только повышению качества образования, но и развитию творческих способностей, самостоятельности студентов и подготовке к конкурентному рынку труда. Использование ИКТ в обучении веб-дизайну является одним из способов повышения эффективности образования в условиях технического прогресса. Благодаря интерактивным моделям обучения, виртуальным инструментам и онлайн-платформам изучение веб-дизайна становится все более важным. Это позволяет использовать художественные приемы в веб-дизайне. В данной статье рассматриваются основные преимущества использования ИКТ для усиления процесса профессионального образования будущих веб-дизайнеров в современных цифровых условиях.

***Ключевые слова:*** *информационно-коммуникационные технологии, веб-дизайн, виртуальная рабочая среда, образовательные платформы, профессиональные навыки, профессиональное образование, усиление образовательного процесса.*

**KEY BENEFITS OF USING ICT TO STRENGTHEN THE PROCESS OF PROFESSIONAL EDUCATION AND SKILLS DEVELOPMENT OF FUTURE WEB DESIGNERS IN MODERN DIGITAL ENVIRONMENT**

Today, information and communication technologies (ICT) are one of the most important means of strengthening the educational process in various fields, including professional education. In the context of the rapid development of the digital economy, the demand for specialists in the field of web design is increasing, and their training based on the use of advanced technologies is of great importance. Web design is one of the professions in which ICT contributes not only to improving the quality of education, but also to the development of creativity, independence of students and preparation for the competitive labor market. The use of ICT in teaching web design is one of the ways to improve the effectiveness of education in the context of technological progress. Thanks to interactive learning models, virtual tools and online platforms, studying web design is becoming increasingly important. This allows the use of artistic techniques in web design. This article discusses the main advantages of using ICT to enhance the process of professional education of future web designers in today's digital environment.

***Key words:*** *information and communication technologies, web design, virtual work environment, educational platforms, professional skills, professional education, strengthening the educational process.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** *Ғуломов Суҳроб Рустамович, ассистенти кафедраи илмҳои компютерии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров -16. Тел.: 918172141. E-mail: suhrob.41@mail.ru.*

***Сведения об авторе:*** *Гуломов Сухроб Рустамович, ассистент кафедры компьютерных наук Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360 Республика Таджикистан, г. Куляб, ул.С.Сафарова -16. Тел.: 918172141. E-mail: suhrob.41@mail.ru.*

***Information about the author:*** *Gulomov Suhrob Rustamovich, assistant at the Department of Computer Science of the Kulob state university named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S. Safarova St. -16. tel: 918172141. E-mail: suhrob.41@mail.ru.*

**ТДУ: 986**

# НАҚШИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

***Саторова Ш. И, Н.Эмомова С. Қ***

**Коллеҷи техникӣ ба номи академик М. Осимӣ**

Рушди корхонаҳои саноативу соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисодиёти миллӣ нақши муҳим мебозанд. Дар шароити муосир ин намуди фаъолияти соҳибкорӣ дастгирии давлатиро дар шакли таъмини шароити мусоид барои ба ин соҳаи иқтисодиёт ҷалб кардани сармояи хусусӣ ва хориҷиро талаб менамояд. Ҷанбаи асосии ҳалли мушкилоти рушди соҳибкории истеҳсолӣ ташаккули босамари сиёсати сармоягузорӣ буда, аз сифати бунёди он ҳалли як қатор масъалаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии кишвар дар маҷмӯъ вобаста мебошад. Тавре ки дар паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карда мешавад «Дар робита ба ин ва бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба 22 фоиз расонида шавад.

Барои расидан ба ин мақсад бояд амалишавии барномаҳои соҳавии қабулгардида ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳти назорати қатъӣ қарор дода, самаранокӣ ва сифати онҳо таъмин карда шавад». Аз ин рӯ, нигоҳ доштани тамоюлҳои мусбат муайян намудани афзалиятҳо ва таҳияи механизмҳоро дар ин соҳа талаб мекунад, ки имконияти фаъолгардонии амалкарди сармоягузориро медиҳад. Ин барои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят зарур аст, ки рушди босуръати иқтисодиёт дар маҷмуъ ба он вобаста аст. Дар робита ба ин, гузаронидани тадқиқоте, ки ба рушди соҳибкории истеҳсолии дар асоси такмили механизми сармоягузорӣ дар шароити муосир равона шудааст, бешубҳа, мубрам ҳисобида мешавад.

Иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати рушду воридшавӣ ба бозори ҷаҳонӣ қарор дошта, ба намуду услуби ҷадиди идоракунӣ пеш меравад, ки дар он муҳимият ва нақши корхонаҳои саноатӣ назаррасанд. Бамаврид аст қайд намоем, ки ин дар шароити мураккаби фаъолияти бисёре аз корхонаҳо ва ширкатҳои истеҳсолии ватанӣ амалӣ мегардад. Гузаштан ба ҳолату механизмҳои муосири иқтисодӣ аз ҳама ҷиҳат минҷумла ҷиҳатҳои техникӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва дар ниҳоят психологӣ масъалаи мураккаб ба шумор меравад. Ҷаҳони муосир шароити нави иқтисодиро ба миён оварда, ҷараёну равандҳои қаблии фаъолияти истеҳсолӣ техникиро дигаргун намудааст ва истеҳсокунандагонро водор месозад,

ки фаъолияти худро дар доираи талаботи ҳаррӯзаи бозор ба роҳ монда, пешниҳод намояд. Корхонаҳои истеҳсолӣ як воҳиди махсусгардонидашуда буда, меҳвари онро ҳайати меҳнатии муташаккили касбӣ ташкил дода, бо истифода аз воситаву маводҳои истеҳсолӣ (кор, хизматрасонӣ) маҳсулоти бозоргири муфидро тайёр менамояд. Корхонаву ширкатҳо, комбинату конҳо, бандарҳову роҳҳо ва дигар муассисаҳои хоҷагидории хусусияти истеҳсолидоштаро корхонаҳои истеҳсолӣ меноманд. Ба вазифаҳои муҳимтарини корхонаҳои саноатӣ дохил мешаванд

-Дастрас намоии даромад аз фаъолияти гуногунҷабҳаи ширкат;

-Омӯзишу таҳлили бозор ҷиҳати пайдосозии талаботи доимӣ ба маҳсулот;

-Нигоҳ доштани сифатибаланди маҳсулот ва таъмин намудани рақобатпазирии он;

-Дастрасии доимии истеъмолкунандагон бо маҳсулоти ширкат;

-Таъмин намоии музди меҳнат кормандон, эҳдои шароити мусоиди корва имкони такмили ихтисоси ҳайати корманданиширкат;

-Ташкили ҷойҳои нави корӣ барои шаҳрвандон;

-Ҳифз намудани муҳити зист, замин, об, ҳавзаи ҳавоӣ ва дигар сарватҳои табиӣ;

-Пешгирии ширкат аз бозистиву танаффус.

Дар шароити муносибатҳои нави бозоргонӣ асоситарину муҳимтарин вазифаи ширкат ба даст овардани фоида аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти истеҳсолнамуда (кори иҷрокарда ё хидмати расонидашуда) мебошад. Пас аз гирифтани фоида талаботи гуногунҷабҳаи иҷтимоиву иқтисодии ҳайати кормандони ширкат ва соҳибмулкони он қонеъ мешавад, инчунин ташаккулу рушди босуботи ширкат таъмин мегардад. Корхонаҳои азими саноатӣ, бахусус ширкатҳои саноати металлургӣ дорои хусусиятҳои махсус аз ҷумла маводталабӣ, энергияталабӣ ва меҳнаттабии зиёданд, ки дар арзиши аслии маҳсулот вазни қиёсии зиёд доранд. Ҳангоми коҳишу нигоҳ доштани ин хароҷотҳои ҳамарӯзаи истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ фаъоляти корхона пурсамар гардида, омили ба даст омадани на танҳои фоида, балки даромадҳои иловагӣ мегардад. Асоси соҳибкории истеҳсолиро бароршии неъматҳои моддӣ ва ё амалигардонии корҳои хусусияти истеҳсолӣ дошта мебошад. Истеҳсоли неъматҳои моддӣ раванди истеҳсоли маҳсулоти навин ва ё моли пештараро бо хусусиятҳои нав, яъне табдил додани ашёи хом ба молу маводи нави маҳсулотро ифода мекунад. Натиҷаи асосии раванди истеҳсолӣ ин бароршии неъмати модии нав аст, бо ибораи дигар, истеҳсоли маҳсулоти нав маҳсулоти такмилдодашуда аст, ки барои қонеъ гардонидани талаботи ҷамъияти пешбинӣ шудааст. Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаи сармоягузории ноил шудан ба рушди устувори авзавият касб мекунад. "Дар стратегияи қабулшудаи Миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 татбиқи тамоми чорабиниҳои оид ба саноатикунонии мамлакат амалӣ мешаванд, ки аз ҳисоби давлат (47,5 фоиз), бахши хусусӣ (46,3%) ва азмаблағҳои шарикони рушд (6,2%)". Дар марҳилаи нави рушди иқтисоди кишвар бахши хусусӣ мақоми муҳим дода шудааст, ки фаъол кардани бахши хусусӣ аз ҳисоби афзоиши соҳибкории сармоягузорӣ ҳамчун асос баромад мекунад. Раванди соҳибкории сармоягузорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ дар як қатор принсипҳои асоси нигаронида мешавад, ки ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии соҳибкорӣ ва риоя накардани онҳо барои самаранокии сармоягузорӣ таъсири манфӣ расонида метавонад.

Риоя кардани принсипҳои соҳибкории сармоягузорӣ дар бахши истеҳсолӣ ба фаъол кардан ва истифодаи самараноки маблағҳои сармоягузорӣ имкон фароҳам оварда, метавонад ба талаботҳои стратегии мақсадҳои соҳибкорӣ ҷавобгӯ бошад. Аммо, дар шароити номуайянии механизми бозорӣ принсипҳои сармоягузорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ бо сиёсати давлатии сармоягузории рушди соҳаи саноат бояд мувофиқат кунад. Дар шароити муосир барои дастгирии сармоягузорӣ дар рушди соҳибкории саноатӣ нақши калон дорад. Маҳз сармоягузориҳо ҳамчун воситаи асосии таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ, ки дар таҷдиди сохтор ва такмилдиҳии истеҳсолоти саноатӣ, ташаккули субъектҳои нави соҳибкорӣ, таъмини тағйиротҳои сохторӣ, ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, вусъат бахшидан ба татбиқи пешрафти илмӣ-техникӣ, нигоҳ доштани рушди устувори иқтисодӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт баромад мекунад. Дар шароити рушди босуръати иқтисоди миллӣ, рушди устувори соҳибкории саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз сиёсати сармоягузории давлат вобаста аст, ки ба фазои сармоягузорӣ ва шароити сармоягузорӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт таъсири мусбат мерасонад. Муҳити мусоиди сармоягузорӣ ба фароҳам овардани шароити мусоиди бозор равона карда шудааст, ки ҷалби сармоягузорони ватанию хориҷиро ба бахшҳои афзалиятноки истеҳсолоти иқтисоди Тоҷикистон ҳавасманд

мекунад. Ҳамин тавр, дар ҷумҳурӣ барои рушди соҳибкории саноатӣ тамоми заминаҳои зарурӣ фароҳам оварда шуданд, шароитҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ фароҳам оварда шуданд, ки ба ворид шудани на танҳо сармоягузориҳои дохилӣ, балки хориҷӣ низ дар татбиқи азнавсозии соҳаи истеҳсолот мусоидат мекунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои муштарак на танҳо дар васеъ намудани имкониятҳои иқтисодии кишвар, балки дар тавсеаи иқтидори содиротии иқтисодиёти миллӣ низ ширкат меварзанд. Дар кишвар як қатор корхонаҳои муштарак фаъолият мекунанд, ки маҳсулоти содиротиро низ истеҳсол мекунанд. Ҳамин тариқ, дастгириву таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ дар иқтисоди миллии кишвар нақши назаррас доранд. Дар робита бо ҳамгироии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди ҷаҳонӣ, бояд истеҳсоли маҳсулоте таъмин карда шавад, ки ҳам дар дохили кишвар ва ҳам берун аз он талаботи нисбатан устувор дошта бошанд. Таҳлили иқтидори саноатии хоҷагии халқ нишон медиҳад, ки дар маҷмааи саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳое мавҷуданд, ки маҳсулоти онҳо бартарии қиёсӣ доранд ва ҷалби сармоя ба ин соҳаҳо на танҳо барои рушди соҳибкоривии истеҳсолӣ дар ин соҳа аҳамияти калон дорад, балки барои тамоми иқтисоди миллӣ дар маҷмуъ аҳамиятноканд.

Захираи асосии рушди саноат сармояҳо мебошад, ки дар бахши технологии соҳа тағйиротро таъмин менамоянд. Дар ин ҷо дастгирии давлатӣ ба ҳамон корхонаҳое равона карда мешавад, ки маҳсулоти ба рақобатпазир ва содиротӣ истеҳсол мекунад, технологияи пешқадам ва кадрҳои баландихтисос доранд, корхонаҳои дигарро бо ашёи хом таъмин мекунад. Бахши дигари танзими давлатии саноат муҳайё сохтани шароит барои андухти сармояи хусусӣ аз ҷониби корхонаҳо мебошад. Барои ин усул ва роҳҳои ҳавасмандгардонӣ ба монанди имтиёзҳои андозӣ, дотатсия, қарзҳои сармоягузорӣ, имтиёзҳо дар боҷсупорӣ, тарофаҳо, ҳиссаҷудокуниҳои асъорӣ ва ғ. истифода мешавад. Ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ бо фаъолияти корӣ, аз он ҷумла истеҳсолӣ алоқамандии зич дорад. Бинобар ин, дар ин маврид на танҳо ба раванди сармоягузорӣ бояд таъсир расонд, балки ба фароҳамории шароите, ки ба он тақозо ба вуҷуд меоранд. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат зарур аст механизми мукаммали танзими фаъолияти сармоягузорӣ, ки ба баландбардории мутобиқшавӣ ба гузориши дарозмуддати захираҳои молиявӣ мусоидат мекунад, коркард шавад. Фишанги дигари таъсири давлат ба саноат истеҳлок мебошад. Давлат тавассути меъёри истеҳлок ба сохтори фондҳои асосӣ фаъолона таъсир мерасонад, ки ин ба беҳтаршавии сифати маҳсулот, пастшавии нархи он ва баландшавии рақобатпазирии он оварда мерасонад. Ғайр аз ин, меъёри илман асосноки истеҳлок шарти мухимми инкишофи инноватсионии иқтисодиёт мебошад. Унсури дигари танзими давлатии саноат таҷдиди корхонаҳои саноатӣ, амалиёти лизингӣ, ташкили гурӯҳҳои молиявӣ-саноатӣ ва дигар сохторҳои корпоративӣ, ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва технопаркҳо, инчунин квотакунонӣ ва иҷозатномадиҳӣ мебошад. Бо рушди муносибатҳои бозорӣ дар саноати ҷумҳурӣ низоми танзими давлатии ба усули иқтисодӣ асосёфта, бояд ба консепсияи маркетингии инкишофи соҳа, ки асоси ташаккули сиёсати инноватсионии соҳа мебошад, такя кунад. Роҳи рушди расидан ва рақобатпазирии технологии соҳавӣ ба азнавҷиҳозонии иқтисод дар асоси технологияҳои воридотӣ, инчунин ба ҳавасмандгардонии маҳаллии рушди ихтирооти илмӣ нигаронида шудааст. Талабот ба технологияҳои ватанӣ на танҳо бинобар эҳтиёҷоти таъмини манфиатҳои амнияти миллӣ, балки ҳамчунин рушди бахши энергетикию ашёи хом ба вуҷуд меояд. Иқтидори бахши илми амалӣ ва бунёдӣ дар атрофи он самтҳое марказонида мешавад, ки истифодаи тиҷоратӣ доранд. Чун қоида, имрӯз технологияҳои воридшавандаи соҳаи саноат пешқадамтарин дар ҷаҳон намебошанд. Умуман, амалигардонии чорабиниҳои роҳи зикргардида як қатор бартариятҳо дорад:- технологияҳои аллакай тайёр ва хуб такмилёфта мебошанд, бинобар ин, хавфҳои инноватсионӣ камтаранд. Дар айни ҳол, дар баробари технологияҳо ба даст овардани маҷмуи хизматрасониҳои вобаста имконпазир аст, хизматрасонӣ, таъмир ва омӯзиши кормандон;- мӯҳлатҳои татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ камтар мешаванд;- рушди технология дар бахшҳои заминавии иқтисод метавонад боиси пайдо шудани бахшҳои нави дорои технология баланд гардад;- ғайримутамарказонии қабули қарорҳо оид ба интихоби технологияҳо, ки хавфи ғалатҳоро камтар мегардонад. Дар танзими давлатии саноат идоракунии сифати маҳсулот, ки ҳадафи асосиаш сертификатсияи маҳсулот, технология ва истеҳсолоти ба стандартҳои берунмарзӣ ҷавобгӯ мебошад, мавқеи муҳим дорад. Амалисозии он мавқеи истеҳсолкунандагони ватаниро дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ мустаҳкам месозад. Аммо ҳамаи ин танҳо тавассути дар истеҳсолот татбиқ намудани ихтироту коркардҳои нав имконпазир аст, ки дар навбати худ аз натиҷаи фаъолияти ихтироъкорӣ ва

инноватсионӣ дар сатҳи соҳа, аз дараҷаи таъмини иқтидори илмӣ-техникии соҳаи саноат вобастагӣ дорад. Чӣ хеле ки қайд карда шуд, вазифаи таъмини тараққиёти инноватсионии соҳа дар сатҳи давлат ба зиммаи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардидааст. Дар самти таъмини захираҳои илмӣ-техникии иқтидори инноватсионии саноати миллӣ вазорати мазкур мавқеи ҳифзу нигоҳдории захираҳои илмӣ-техникии соҳаро дошта, ташкилкунандаи якчанд муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ мебошад. Фаъолияти ин сохторҳои илмӣ-техникии соҳавӣ асосан ба тараққии инноватсионии соҳаи саноат нигаронида шудаанд, лекин байни онҳо робита ва алоқамандӣ дида намешавад. Аз рӯйи самти фаъолият таркибдиҳандагони иқтидори инноватсионии саноати миллиро метавон ба илмӣ-техникӣ, таълимӣ-тадқиқотӣ, молиявӣ ва истеҳсолӣ-технологӣ ҷудо кард. Новобаста аз он ки имрӯз теъдоди субъект ё таркибдиҳандагони иқтидори инноватсионии саноати Ҷумҳури Тоҷикистон назаррасанд, байни онҳо робита вуҷуд надорад, ки зарурияти коркарди механизми мукаммали идоракуниро дар ин самт талаб менамояд. Бояд чунин низоми идоракуние коркард ва ташкил карда шавад, ки тавонад байни ин сохторҳо робитаю бо ҳам алоқамандиро ҳам ба таври амудӣ ва ҳам уфуқӣ таъмин намояд. Ба таври амудӣ бояд робитаи фаъолияти байни сохторҳои идоракунии давлатӣ, минтақавӣ ва истеҳсолӣ ва ба таври уфуқӣ бошад робитаи сохторҳои алоҳидаи субъектони иқтидори инноватсионии соҳа барои татбиқи самараноки инноватсияҳо таъмин гарданд.

## АДАБИЁТ:


1.Қонуни ҶТ «Дар бораи корхонаҳои давлатӣ», 2004 с.

2.Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. «Кодекси меҳнати ҶТ» соли 2009 - Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3.Журнал «Цветные металлы» N 1,3,4,7,8 2007 года. Шарҳи мухтасар:

4.В. С. Жегулин, Введение в географию, Л., 1989 г.

5.Ҳоджаев М. Х. Вводно-экологические проблемы Северного Таджикистана. , 1996 г.

6.М. Х. Баинхауэр., Э. Шмакке. Мир в 2000 году. М., 1973 г.

7.А. Ишмуҳаммедов Молаотҳодная технология окружающая среда, Т., 1982 г.


## НАҚШИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ


Дар шароити рушди босуръати иқтисоди миллӣ, рушди устувори соҳибкории саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар аз сиёсати сармоягузории давлат вобаста аст, ки ба фазои сармоягузорӣ ва шароити сармоягузорӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт таъсири мусбат мерасонад. Муҳити мусоиди сармоягузорӣ ба фароҳам овардани шароити мусоиди бозор равона карда шудааст, ки ҷалби сармоягузорони ватанию хориҷиро ба бахшҳои афзалиятноки истеҳсолоти иқтисоди Тоҷикистон ҳавасманд мекунад. Ҳамин тавр, дар ҷумҳурӣ барои рушди соҳибкории саноатӣ тамоми заминаҳои зарурӣ фароҳам оварда шуданд, шароитҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ фароҳам оварда шуданд, ки ба ворид шудани на танҳо сармоягузориҳои дохилӣ, балки хориҷӣ низ дар татбиқи азнавсозии соҳаи истеҳсолот мусоидат мекунанд.



***Калидвожаҳо:*** *саноатӣ соҳибкорӣ, истеҳсолӣ, сармоягузорӣ, иқтисодӣ, технологӣ, стандартӣ, Тоҷикистон,ҷумҳурӣ, статегия.*


## РОЛЬ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ В НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКЕ


В условиях стремительного развития национальной экономики стабильное развитие промышленного предпринимательства в Республике Таджикистан в большей степени зависит от государственной инвестиционной политики, что положительно влияет на инвестиционный климат и инвестиционные условия в реальном секторе экономики. Благоприятная инвестиционная среда направлена на создание благоприятных рыночных условий, что способствует привлечению отечественных и иностранных инвесторов в приоритетные отрасли производства экономики Таджикистана. Таким образом, в республике созданы все необходимые предпосылки для развития промышленного предпринимательства, созданы экономические, политические, правовые и социальные условия, способствующие притоку не только отечественных, но и иностранных инвестиций в реализацию реструктуризации. производственного сектора.



***Ключевые слова:*** *промышленный, бизнес, производственный, инвестиционный, экономический, технологический, стандартный.*


## ROLE OF INDUSTRIAL ENTERPRISES IN THE NATIONAL ECONOMY


In the context of the rapid development of the national economy, the stable development of industrial entrepreneurship in the Republic of Tajikistan largely depends on state investment policy, which has a positive effect on the investment climate and investment conditions in the real sector of the economy. A favorable investment environment is aimed at creating favorable market conditions, which helps attract domestic and foreign investors to priority sectors of production of the economy of Tajikistan. Thus, all the necessary

prerequisites for the development of industrial entrepreneurship have been created in the republic; economic, political, legal and social conditions have been created that facilitate the influx of not only domestic, but also foreign investment in the implementation of restructuring. manufacturing sector

***Key words:*** *promyshlennyy, biznes, proizvodstvennyy, investitsionnyy, ekonomicheskiy, tekhnologicheskiy, standartnyy, Tadzhikistan, Respublika, strategiya.*

***Маълумот дар бораи муаллифон:*** *Саторова Ш. И. Муаллими кафедраи иқтисод ва идоракунӣ, Коллеҷи техникии ба номи академик М. Осимӣ кучаи Айнӣ- 126, тел: 904-19-77-10*

*Эмомова С.Қ. мудири кафедраи иктисодиёт ва идоракунӣ, Коллеҷи техникии ба номи академик М. Осимӣ кучаи Айнӣ- 126, телефон. 918-503-937*

***Сведение об авторах:*** *Саторова Ш. И. Старший преподаватель кафедры «Экономика и менеджмент» Технический колледж имени академика М. Осими, ул. Айни, 126, Душанбе ул. Айни - 126, тел: 904-19-77-10*

*Эмомова С.К. заведующий кафедрой экономики и управления Технического колледжа имени академика М. Осими, ул. Айни, 126., тел. 918-503-937*

***Information about the authors:*** *Satorova Sh. I., Senior Lecturer of the Department of Economics and Management, Dushanbe st. Aini - 126, tel: 904-19-77-10*

*Emomova S.K. head of the Department of Economics and Management, Technical College named after Academician M. Asimi, 126 Aini St. tel. 918-503-937*

## ТАЪСИРИ ГАРМШАВИИ ИҚЛИМИ САЙЁРАИ ЗАМИН БА НЕРУИ (ПОТЕНСИАЛИ) ЗАХИРАҲОИ ОБӢ-ЭНЕРГЕТИКИИ КИШВАР

***Тоҷиева Р. А.,***

**муассисаи давлатии таълимии литсейи Умари Хайём, Ҷумҳурии Тоҷикистон**

***Эркаев С. А.,***

***МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров»,***

***Абдуллозода Х. А.***

**Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб,**

*"Инчунин, бо мақсади ба тағйирёбии иқлим мутобиқ гардондани иқтисоди миллӣ, ҳифзи муҳити зист ва беҳтар намудани вазъи экологии мамлакат, воридоти нақлиёти барқи ба кишвар, яъне электромобилҳо, электробусҳо, троллейбусҳо ва монанди онҳо, аз пардохтҳои андозӣ ва гумрукӣ пурра озод карда шавад".*

***Эмомалӣ Раҳмон***

Таърихи давлатдории навини тоҷикон ва гузашти вақт дуруст будани интихоби низоми дунявии давлатро дар шароити муосир собит сохт. Танҳо соҳибистиқлолӣ ва низоми дунявии давлатамон имкон фароҳам овард, ки дар ҳалли масъалаи муҳимми аҳамияти умумиҷаҳонӣ дошта Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳои оиди обу иқлим дар арсаи байналмилалӣ бaромаду таклифҳо намоянд. Тоҷикистони азизи мо бо пешниҳодҳои ниҳоят муҳимми худ дар Созмони Милали Муттаҳид тавонист, мавқеи худро дар арсаи байналмилалӣ устувор созад. Шумо воқиф ҳастед, ки суханронии Пешвои муаззами миллат дар минбари баланди СММ оид ба масъалаҳои об (солҳои 2000-2024), маҳз бо ташаббуси Тоҷикистон ҷараён дошт, нуктаҳои ниҳоят мубрам дар ин самт ироа гардид. Барои чӣ ба ин масъала Тоҷикистон аввалин шуда ташаббус нишон дод? Пеш аз ҳама кишвари азизи мо дар симои мухтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба сарнавишти ҷомеаи башарӣ бетараф нестанд. Дуюм ин аст, ки гармшавии иқлим метавонад дар оянда на чандон дур барои ҷомеаи ҷаҳонӣ хатар эҷод кунад, ки дар ин миён Осиёи Миёна низ истино нест.

Азбаски мавзӯи имруза оид ба масъалаҳои гармшавии иқлими сайёраи замин ва Пиряхҳо аст лозим медонам, мухтасаран дар мавриди ин масъала изҳори назар намоям. Дар замони ҳозираи, ки афзоиши аҳолӣ, биёбоншавӣ, хушксолӣ, тағйирёбии иқлим ба чашм мерасад, таъмини дастрасии аҳолӣ ба оби тозаи нӯшокӣ яке аз муаммоҳои умдатарин ба шумор меравад. Воқеан, суръати афзоиши ин омилҳо ба дастрасӣ ба ин неъмати бебаҳо бетаъсир намемонад. Имрӯз дар ҷаҳон давлатҳое мушоҳида мегарданд, ки даронҳо таъмини аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ ба мушкилии доғи рӯз табдил ёфтааст. Дар асоси маълумотҳои созмонҳои байналмилалӣ дар ҷаҳон қариб 750 миллион одам аз дастрасӣ ба оби тозаи нӯшокӣ танқисӣ мекашад, зиёда аз 2,5 миллиард сокини сайёра аз шароити мусоид беҳдошт маҳрум аст.

Тибқи арзёбии коршиносон – мутахассисони демографӣ, шумораи аҳолии сайёра то соли 2050 зиёда аз 9 миллиард нафарро ташкил дода, ба афзоиши истеъмоли об боис мегардад. Бояд қайд намуд, давоми солҳои охир таъсири манфии гармшавии иқлим, тасодуфан обшавии пиряхҳо мушоҳида мегардад, ки метавонад оқибатҳои номатлуберо чун, тақсимоти нодурусти

об дар обанборҳои сунъӣ, неругоҳҳои барқии обӣ, киштзорҳо, маҳалҳои аҳолинишин ба миён орад. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 декабри соли 2021 таъкид шудааст: «*Дар давоми чанд даҳсолаи охир дар кишвари мо қариб сеяки ҳаҷми умумии пиряххо аз байн рафт, ки зиёда аз 60 фоизи захираҳои оби минтақаи Осиёи Миёна аз он ташкил карда мешавад. Бо дарназардошти ин, кишвари мо дар якҷоягӣ бо шарикони байналмилалии худ барои эълони соли 2025 Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, таҷлил намудани Рӯзи умумиҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо ва таъсиси Хазинаи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо саъй дорад. Дар робита ба тағйирёбии иқлим, бесобиқа боло рафтани ҳарорати миёнаи сайёраи Замин ва оҳибатҳои манфии ҳаёти инсон, олами набототу ҳайвонот ва пиряхҳои кишвар олимони моро зарур аст, ки дар ин минтақаҳо якҷо бо олимон тадҳиҳот, ва мониторинги доимиро ба роҳ монанд*».

Дар робита ба ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Ҳамоиши чоруми оби кишварҳои минтақаи Осиё ва укёнуси Ором (Душанбе, дар реҷаи виртуалӣ) 23 апрели соли 2022 таъкид доштанд, ки Тоҷикистон низ дар доираи таъсири таъсири тағйирёбии иқлим тайи чанд даҳсолаи охир беш аз ҳазор пиряхро аз даст дода, ҳамасола аз обхезӣ, хушксолӣ ва камшавӣ, ки бо ин раванд вобаста аст, азият мекашад.

Бо дарназардошти ин, Президенти кишвар пешниҳод намуданд, ки барои таваҷҷуҳ ба ин масъала дар сатҳи байналмилалӣ соли 2025 Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо муайян карда шуда, хазинаи махсуси байналхалқии муҳофизати пиряхҳо ташкил карда шавад.

Дурустии андешаҳои болоро аз суханони Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон равшан дидан мумкин аст: «Ҳобили зикр аст, ки конфронси соли 2023 дар Ню-Йорк, ки таҳти раёсати Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад. Интизориҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ин ҳамоиши ҷаҳонии об хеле баланд аст ва кишварҳои мо бо омодагии ҳамаҷониба талош доранд, то ин конфронс воқеан муассир гардад. Боварӣ дорам, ки дар иҷрои ин масъулияти бузург ҳамаи тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла мамлакатҳои аъзои Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳид моро дастгирӣ мекунанд». Қабули СММ соли 2025- “Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо”, 21 март – “Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” бо таклифи Президенти кишвар аҳамияти байналмилалӣ дорад.

Имрӯзҳо вақти он расидааст, ки ба қадри обҳои ҷорӣ ва маҳаллӣ расем. Дар вақти гузаронидани машғулиятҳои гуногун мазмун дар мактабҳои миёна, миёнаи махсус ва олии кишвар, нафақат дар ҳудуди кишвар, балки дар тамоми ҷаҳон каме ҳам бошад омӯзгор-устод ва олимон бо як маҳорат ва хотирмон мазмун ва моҳияти оби нӯшокӣ, саҳми он дар ҳаёти инсон, табиат, ҷамъият хатман сухан ронданаш зарур мебошад. Дар қатори фанҳои ҷаҳон фанҳои таърих, ҷуғрофия ва ҷамъияти яке аз он фанҳои таълимӣ аст, ки дар он вобаста ба мавзӯи экология метавон дар барои обу замин, обу ҳаво, осмону замин, гулу гиёҳ ва дороиҳои табиат маълумот дод. Шоирону адибон, олимону мутафаккирон, арбобони давлатию ҳизбии намоён дар осори худ аз сарватҳои табиӣ ва зебоиҳои табиати кишвари азизамон, ватани муқаддасамон Тоҷикистон бисёр ёд кардаанд. Ҳатто академики Академияи илмҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, фарзанди фарзонаи миллат, Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров Тоҷикистонро «Ҷаннати рӯи замин» гуфта борҳо такрор карда будаанд (1, 7).

Аз ин лиҳоз, мо барои нигоҳ доштани зебогии кишварамон ва барои ояндаи мардуми шарафмандамон саҳми худро гузошта, қарзи муқаддаси фарзандиро иҷро намоем. Барои исботи ин хулоса баъзе маълумоти омории географиро пешниҳод менамоем. Агар дар ҷаҳон атрофи 265 давлатҳои хурду калон мавҷуд бошад, аз инҳо 193 давлат аъзои комилҳуқуқи СММ мебошад (ду давлат машваратӣ- ҳамагӣ 195 лавлат). Дар қатори онҳо кишвари зебоманзари мо Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи таърихӣ ва хурмату эҳтироми хоса дорад. Таърих гувоҳ аст, ки Тоҷикистон кишвари кӯҳсор буда, 93% ҳудуди онро кӯҳҳо ташкил мекунанд, аммо дар таги онҳо тамоми 118 элементҳои системаи химиявии Д.Менделеев ҷойгир шудааст. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки Тоҷикистони офтобрӯйи мо ҳақиқатан ҳам ҷаннати рӯи замин аст. Давлати тозаистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мамлакати аз захираи оби нӯшокии тоза бой аст. Ҳар як фарди тоҷик ва тамоми Тоҷикистониён аз чунин неъмати бебаҳо шукрона намуда, бояд истифодаи сарфакоронаи обро ба роҳ монад ва оби нӯшокиро аз ифлосшавӣ ҳифз намояд. Дар ҳудуди он 25 000 дарёҳо (дарозии он 947-тояш аз 10 км зиёд), 2000 кулҳо, обанборҳо, 14000 пиряхҳо, 93 ҳазор чашмаҳо (беш аз 200 чашмаҳои табобатӣ), 3 вилоят, 21 шаҳр, 75 шаҳрак, 62 ноҳия, 430 ҷамоати деҳот, 4500 деҳаҳои зебоманзар, 4000 кони хурду бузург (аз онҳо 400-тоаш кашф шудааст), захираи ангишт 4,6 миллиард тонна, нафт 140 миллион тонна, газ 857 миллиард метри мураккаб, кондонсат 26

миллион тонна, захираи намаки ошӣ ба беш аз 14 миллиард тонна, зиёда аз 2100 корхонаҳои саноатӣ, 181 ҳазор хоҷагии деҳқонӣ мавҷуд буда, барои ободию озодии ватанамон хизмат менамояд (2, 231). 60-65 % захираҳои оби минтақаи Осиёи Миёнаи ҷаҳон аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад.

Чӣ бояд кард? Дар водии Зарафшон дарёи калонтарин дарёи Зарафшон буда, ба ин дарё зиёда аз 800 дарёчаҳо, сойҳои обнок ҳамроҳ шуда, таркиби онро ташкил менамояд. Мо муаллифони мақолаи мазкур дар давоми чор - панҷ сол дар ноҳияҳои Куҳистони Мастчоҳ, Айнӣ ва шаҳри Панҷакент, ҳудуди вилояти Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон буда, дарёи Зарафшонро омӯхта будем, зиёда аз ҳаштсад километрро ташкил менамоянд. Дар арсаи байналмилалии нуфузу эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва ягона бо сарвар ва раҳнамои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори Тоҷикистони соҳибистиқлол, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меафзояд. Дар муддати кутоҳтарин таклифи Сарвари давлатамон дар барои об – «2003–Соли оби тоза», солҳои 2005-2015 «Даҳсолаи байналмилалии амалиёти об барои ҳаёт», Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, соли 2013», даҳсолаи нави байналмилалии «Об барои рушди устувор»-2018-2028 ва дигар таклифҳояшон аз тарафи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид қабул карда, эълон гардид, ки дар ин раванд фаъолияти ташкилотчигию ташаббускории Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бузург аст.

Дар ҳуҷҷатҳои бахшида ба масъалаҳои об қайд карда шудааст, ки Тоҷикистон давлати ҳуқуқбунёду демократӣ ва дунявӣ буда, дар он таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқӣ дар асоси қонунҳои байналмилалии кафолат дода шудааст. Таърих гувоҳ аст, ки 20 -21 июни соли 2018 дар Кохи Сомони бӯстонсарои шаҳрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» баргузор гардид.

Барои иштирок дар конференсия сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои Покистон, Туркманистон, Афғонистон, беш аз 1500 коршинос аз 100 кишвари ҷаҳон ва даҳҳо созмонҳои байналмилалию минтақавӣ ба Тоҷикистон ташриф оварданд ва дар он захираҳои бузурги оби нӯшокиамонро ба манфиатҳои умум мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд (3.3). Дар хотир дорам, ки модарони меҳрубонамон ҳеҷ гоҳ ба оби ҷӯйе, ки аз назди ҳавлиамон мегузашт оббозӣ кардан, ба об партовҳоро андохтан ва дар он даст шустан иҷозат намедоданд ва мегуфтанд, ки обро аз ҷӯй гирифта истифода баред, барои он, ки дар поёноб мардумон зиндагонӣ мекунанд, онҳо ҳам аз оби тоза истифода мебаранд. «Об қувваи илоҳӣ дорад» гуфта, гашта бозгашта такрор мекарданд. Аз ин хулоса баровардан зарур аст, ки мо барои муҳофизати оби тоза тарбияи истифодаи обро аз оила, боғчаи бачагона, мактаб, аз даврони ҷавонӣ эътибори махсус додан шарт ва зарур мебошад. Яъне ба қадри обҳои ҷӯй, чашмаҳо расидан аз оила оғоз шуда, оянда натиҷаи хуб доданаш мумкин, беасос бузургон нагуфтаанд «Дарёҳои калон аз дарёчаҳо, чашмаҳо сар мешавад».

